# *АХТАРОНИ АДАБ*

# 24

## ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»

### ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Гулназар*
*Акбар Турсун*
*Фарҳоди Карим*

### ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

**МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИН МУҲАММАДИ БАЛХӢ**

# МАСНАВИИ МАЪНАВӢ

*Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар*

**ДУШАНБЕ,**
**«АДИБ»**
**2013**

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Таҳия, танзим ва баргардони матн:*
**АЛИИ МУҲАММАДИИ ХУРОСОНӢ,
БАҲРИДДИН АЛИЗОДА
ВА МУБАШШИР АКБАРЗОД**

Муҳаррир
***Мубашшир Акбарзод***

А-19 ***Мавлоно Ҷалолудин Муҳаммади Балхӣ*** *Маснавии маънавӣ: Дафтари севум ва чорум* — Душанбе: «Адиб», 2013. - 480 саҳ.

**ISBN 978-9947-2-033-0**

**© Нашриёти "Адиб", 2013.**

**МАСНАВӢ**

# ДАФТАРИ СЕВУМ

*Бисми-л-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим*

## МУҚАДДИМАИ ДАФТАРИ СЕВУМ

Ал-ҳикаму ҷунуду-л-Лоҳи юқавво биҳо арвоҳу-л-муридина, юназзиҳу ъилмаҳум ъан шоибати-л-ҷаҳли ва ъадлаҳум ъан шоибати-з-зулми ва ҷудаҳум ъан шоибати-р-риёи ва ҳилмаҳум ъан шоибати-с-сафаҳи ва юқаррибу илайҳим мина-т-тоъати ва-л-иҷтиҳоди ва ҳия мин баййиноти-л-анбиёи ва далоилиҳим, тухбиру ъан асрори-л-Лоҳи ва султониҳи-л-махсуси би-л-ъорифина ва идоратиҳи-л-фалаки-н-нурониййи-р-раҳмониййи-д-дуриййи-л-ҳокими ъала-л-фалаки-д-духониййи-л-куриййи камо анна-л-ъақла ҳокимун ъала-с-сувари-т-туробийяти ва ҳавоссиҳо-з-зоҳирати ва-л-ботинати; фа даварону золика-л-фалаки-р-руҳониййи ҳокимун ъала-л-фалаки-д-духониййи ва-ш-шуҳуби-з-зоҳирати ва-с-суруҷи-л-мунирати ва-риёҳи-л-муншиати ва-л-арозӣ-л-мадҳиййати ва-л-миёҳи-л-муттарадати; нафаъа-л-Лоҳу биҳо ъибодаҳу ва зодаҳум. Ва иннамо яфҳаму куллу қориъин ъало қадри нуҳятиҳи ва янсику-н-носику ъало қадри қуввати-ҷтиҳодиҳи ва юфтӣ-л-муфтӣ маблаға раъйиҳи ва ятасаддақу-л-мутасаддиқу би қадри қудратиҳи ва яҷуду-л-бозилу би қадри мавҷудиҳи ва яқтанӣ-л-маҷуду ъалайҳи мо ъарафа мин фазлиҳи. Валокин муфтақиду-л-мои фӣ-л-мафозати ло юқассару биҳи ъан талабиҳи маърифатуҳу мо фӣ-л-биҳори ва яҷидду фӣ талаби мои ҳозиҳи-л-ҳаёти қабла ъан яқтъаҳу-л-маъошу би-л-иштиғоли ъанҳу ва туъаввиқуҳу-л-ъиллату ва-л-ҳоҷату ва таҳулу-л-ағрозу байнаҳу ва байна мо ятасарраъу илайҳи ва лан юдрика-л-ъилма муъсиру ҳаван ва ло рокинун ило даъатин ва ло мунсарифун ъан талабиҳи ва ло хоифун ъало нафсиҳи ва ло муҳтаммун ли маъишатин, илло ан яъуза би-л-Лоҳи ва юъсира динаҳу ъало дунёҳу ва яъхуза мин канзи-л-ҳикмати-л-амвола-л-ъазимата-л-латӣ ло таксиду ва ло турасу мироса-л-амволи ва-л-анвора-л-ҷалилата ва-л-ҷавоҳира-л-каримата ва-з-зиёъа-с-самината, шокиран ли фазлиҳи, муъаззиман ли қадриҳи, муҷаллилан ли хатариҳи; ва ястаъизу би-л-Лоҳи мин хасосати-л-хузузи; ва мин ҷаҳлин, ястаксиру-л-қалила миммо яро фӣ нафсиҳи; ва ястақиллу-л-касира-л-ъазима мин ғайриҳи; ва юъҷибу би нафсиҳи би мо лам яъзану лаҳу-л-ҳаққу; ва ъало-л-ъолими-т-толиби ан ятаъаллама мо лам яълам ва ан юъаллима мо қад ъалима ва ярфуқа би завӣ-з-заъфи фӣ-з-зиҳни; ва ло юъҷиба мин балодати аҳли-л-балодати; ва ло юъаннифа ъало калили-л-фаҳми; казолика кунтум мин қаблу, фа манна-л-Лоҳу ъалайкум субҳонаҳу ва таъоло ъан ақовили-л-мулҳидин ва ширки-л-мушрикин ва танқиси-н-ноқисин ва ташбиҳи-л-мушаббиҳин ва суи авҳоми-л-мутафаккирин ва кайфийёти-л-мутаваҳҳимин. Ва лаҳу-л-ҳамду ва-л-маҷду ъало талфиқи-л-китоби-л-Маснавиййи-л-илоҳиййи-р-

раббонӣ. Ва ҳува-л-муваффиқу ва-л-муфаззилу ва лаҳу-т-тавлу ва-л-манну; ло сийямо ъало ъибодиҳи-л-ъорифин ъало рағми ҳизбин юридуна ан ютфиу нура-л-Лоҳи би афвоҳиҳим; ва-л-Лоҳу мутимму нуриҳи ва лав кариҳа-л-кофирун. Инно наҳну наззално-з-зикра ва инно лаҳу ла ҳофизун; фа ман баддалаҳу баъда мо самиъаҳу ва иннамо исмуҳу ъала-л-лазина юбаддилунаҳу. Инна-л-лоҳа самиъун ъалимун ва-л-ҳамду ли-л-Лоҳи рабби-л-ъоламин.

## ТАРҶУМАИ МУҚАДДИМАИ ДАФТАРИ СЕВУМ

Ҳикмат ва илми асрори илоҳӣ сипоҳиёни Парвардгоранд, ки бад-он рӯҳи муридонро нерӯ мебахшад. Дониш онҳоро аз шоибаи нодонию додгарӣ, онҳоро аз шоибаи ситаму бахшандагӣ, онҳоро аз шоибаи риёву бурдборӣ, онҳоро аз шоибаи бехирадӣ пок мекунад ва он чиро аз дарёфти охират аз эшон дур аст, ба эшон наздик месозад ва он чиро аз ибодату кӯшиш дар роҳи Ҳақ бар онҳо душвор аст, осон мекунад. Ва ин гуна ҳикмат натиҷаи суханони равшани паёмбарон ва далойили онҳо дар исботи вуҷуди Парвардгор аст, суханону далойиле, ки аз асрори Парвардгор огоҳӣ медиҳад ва аз қудрати ӯ, ки ин огоҳӣ аз асрору салтанати илоҳӣ вижаи мардони дилогоҳ аст ва низ ҳамон баййиноту далойил моро огоҳ мекунад, ки Парвардгор чӣ гуна он осмони нуронии равшан ба нури Худои раҳмон ва дурахшанда чун донаи марворидро мегардонад, осмони нуронӣ, ки бар ин осмони тираи гӯймонанд ҳоким аст, ҳамон гуна ки хирад бар ин суратҳои хокию ҳавосси зоҳиру ботини мавҷудот фармон меронад, бинобар ин гардиши он осмони рӯҳонӣ (лоҳут) бар ин осмони дудию тира бар шиҳобҳои дурахшону ситорагони равшан ва насимҳои ҳаётбахшу заминҳои густарда ва обҳои равони даруни он фармон меронад. Умед, ки Парвардгор бандагонашро аз ин ҳикматҳо бархурдор созад ва фаҳми онҳоро фузунӣ бахшад ва албатта ҳар хонандае ба андозаи хирад ва ҳушёрии худ онро мефаҳмад ва ҳар порсое муносиб бо тавоноии худ парҳезгорӣ мекунад ва ҳар соҳибфатвое дар ҳадди диду идроки худ фатво медиҳад ва он ки садақае медиҳад, ба андозаи тавони худ медиҳад ва он ки мебахшад, ба андозае, ки дорад, мебахшад ва он ки ба ӯ мебахшанд муносиб бо огоҳии худ аз лутфи бахшанда чизе ба даст меоварад ва аммо он ки дар биёбон дар ҷустуҷӯйи об аст, агар аз оби дарёҳо огоҳ бошад, ба далели ин огоҳӣ аз ҷустуҷӯйи об кӯтоҳӣ намекунад ва (дар биёбони ин зиндагии ҷаҳони хокӣ) барои ёфтани оби ҳаёти рӯҳонӣ мекӯшад, пеш аз он ки иштиғол ба гузарони ин ҷаҳон ӯро аз он ҷустуҷӯйи Оби ҳаёт боздорад ва беморию ниёзи ин кӯшиш ва ҷустуҷӯро вопас афганад ва ғаразҳо миёни ӯ ва он чи ба сӯяш мешитобад, ҳойиле падид оварад ва касе, ки ҳавои нафсро бар ин огоҳӣ аз асрори ҳақ тарҷеҳ медиҳад, ба чунин огоҳӣ намерасад ва ҷӯяндаи таносонӣ ва он ки аз талаби чунин

маърифате рӯй бигардонад ва он ки нигарони хештан бошад ва он ки эҳтимоми худро масруфи маишати ин ҷаҳон созад, низ бад-он даст намеёбад, магар он ки чунин касе худро ба Парвардгор супорад ва динашро бар дунёяш тарҷеҳ диҳад ва амволе аз ганҷи ҳикмати илоҳӣ баргирад, ки на аз арзиш меафтад ва на чун мероси амволи ин ҷаҳон ба дигаре бозмемонад ва аз ҳамон ганҷ равшаниҳои гаронмоя ва гавҳарҳои пурбаҳову доройиҳои арзишманд баргирад, лутфи Ҳақро сипос гӯяд, қадри ӯро бузург дорад ва азамати ӯро биситояд ва паноҳ ба Худо барад аз пастии лазоизи инҷаҳонӣ ва аз ончунон ҷаҳле, ки андаки ӯро дар назараш бисёр намояд ва бисёри дигаронро андак ва аз ин ки худро бад-он чи Ҳақ напазируфтааст, биситояд. Ва бар донои ҳақҷӯ воҷиб аст, ки он чиро намедонад, биёмӯзад ва он чиро медонад, ба дигарон омӯзад ва бо онҳо, ки зеҳни тавоно надоранд, мудоро кунад ва аз кундзеҳнии кавданон худро бузург бинад ва ба онҳо, ки фаҳми тез надоранд, маломату тундӣ накунад, чунон ки «шумо, мардум, дар гузашта чунин будаед ва Парвардгор бар шумо миннат ниҳод ва шуморо ба роҳ овард», Парвардгоре, ки пок аст ва волотар аз он аст, ки дар гуфтаҳои бединон ва ширки мушрикон мебинем ва дар суханони ноқисоне, ки мехоҳанд нақсе бар ӯ бибananд ва асҳоби ташбеҳ, ки ӯро ба умури инҷаҳонӣ ҳаммонанд мекунанд ва мутафаккироне, ки дар бораи ӯ дучори авҳоми норавоянд ва хаёлбофоне, ки барои Ҳақ кайфиёт ва сифоти инҷаҳонӣ қойиланд ва ман он Парвардгорро меситоям ва бузург медорам, ки маро дар талфиқи ин китоби «Маснавӣ»-и илоҳии раббонӣ ёрӣ додааст ва тавфиқдиҳандаву лутфкунанда ӯст ва ӯро қудрату бузургворист, ба вижа бар бандагони дилогоҳаш ба рағми гурӯҳе, ки «мехоҳанд бо сухани худ нури Парвардгорро фурӯ нишонанд ва Парвардгор бакамолрасонандаи нури хеш аст, гарчи кофирон нахоҳанд» ва мефармояд, ки «ростӣ, мо Қуръонро фиристодаем ва мо нигаҳбони он ҳастем» ва «агар касе пас аз шунидани он бихоҳад онро дигаргуна созад, бегумон, гуноҳ бар гардани чунин касонест ва Парвардгор шунаво ва огоҳ аст» ва ситоиш бар Парвардгори ҷаҳониён ва дуруди ӯ бар сарвари мо-Муҳаммад ва ҳамаи хонадон ва ёрони поку покизааш, ба раҳмати ту, эй меҳрбонтарини раҳматкунандагон.

Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддин! Биёр
Ин севум дафтар, ки суннат шуд се бор.
Баргушо ганҷинаи асрорро,
Дар севум дафтар биҳил аъзорро.
Қувватат аз қуввати Ҳақ мезаҳад,
Н-аз уруқе, к-аз ҳарорат меҷаҳад.
Ин чароғи шамс, к-ӯ равшан бувад,
Н-аз фатилу пунбаву равған бувад.
Сақфи гардун, к-ӯ чунин доим бувад,
Н-аз танобу устуне қоим бувад.

Қуввати Ҷабрил аз матбах набуд,
Буд аз дидори халлоқи вуҷуд.
Ҳамчунон, ин қуввати абдоли Ҳақ
Ҳам зи Ҳақ дон, н-аз таъому аз табақ.
Ҷисмашонро ҳам зи нур исриштаанд,
То зи рӯҳу аз малак бигзаштаанд.
Чунки мавсуфӣ ба авсофи ҷалил,
З-оташи амроз бигзар чун Халил.
Гардад оташ бар ту ҳам «барду салом»,
Эй аносир мар мизоҷатро ғулом.
Ҳар мизоҷеро аносир моя аст
В-ин мизоҷат бартар аз ҳар поя аст.
Ин мизоҷат аз ҷаҳони мунбасит,
Васфи ваҳдатро кунун шуд мултақит.
Эй дареғо, арсаи афҳоми халқ
Сахт танг омад, надорад халқ ҳалқ.
Эй Зиёулҳақ! Ба ҳазқи рои ту,
Ҳалқ бахшад сангро ҳалвои ту.
Кӯҳи Тур андар таҷаллӣ ҳалқ ёфт,
То ки май нӯшиду майро барнатофт.
«Сора даккан минҳу ваншаққа-л-ҷабал,
Ҳал раъайтум мин ҷабал рақса-л-ҷамал?»
Луқмабахшӣ ояд аз ҳар кас ба кас,
Ҳалқбахшӣ кори Яздон асту бас.
Ҳалқ бахшад ҷисмрову рӯҳро,
Ҳалқ бахшад баҳри ҳар узват ҷудо.
Ин гаҳе бахшад, ки иҷлолӣ шавӣ,
В-аз дағову аз дағал холӣ шавӣ
То нагӯйӣ сирри султонро ба кас,
То нарезӣ қандро пеши магас.
Гӯши он кас нӯшад асрори ҷалол,
К-ӯ чу савсан садзабон афтоду лол.
Ҳалқ бахшад хокро лутфи Худо,
То хурад обу бирӯяд сад гиё.
Боз хокеро бибахшад ҳалқу лаб,
То гиёҳашро хурад андар талаб.
Чун гиёҳаш хӯрд ҳайвон, гашт зафт,
Гашт ҳайвон луқмаи инсону рафт.
Боз хок омад, шуд акколи башар,
Чун ҷудо шуд аз башар рӯҳу басар.
Зарраҳо дидам, даҳоншон ҷумла боз,
Гар бигӯям хӯрдашон, гардад дароз.
Баргҳоро барг аз инъоми ӯ,
Доягонро доя лутфи оми ӯ.
Ризқҳоро ризқҳо ӯ медиҳад,
З-он ки гандум бе ғизое чун заҳад?

Нест шарҳи ин суханро мунтаҳо,
Порае гуфтам, бидонӣ пораҳо.
Ҷумла олам окилу маъкул дон,
Боқиёнро муқбилу мақбул дон.
Ин ҷаҳону сокинонаш мунташир
В-он ҷаҳону соликонаш мустамир.
Ин ҷаҳону ошиқонаш мунқатеъ,
Аҳли он олам мухаллад муҷтамеъ.
Пас, карим он аст, к-ӯ худро диҳад
Оби ҳайвоне, ки монад то абад.
«Боқиёту-с-солиҳот» омад карим,
Раста аз сад офату ахтору бим.
Гар ҳазоронанд, як кас беш нест,
Чун хаёлоте ададандеш нест.
Окилу маъкулро ҳалқ асту ной,
Ғолибу мағлубро ақл асту рой.
Ҳалқ бахшид ӯ асои адлро,
Хӯрд он чандон асову ҳаблро.
В-андар ӯ афзун нашуд з-он ҷумла акл,
З-он ки ҳайвонӣ набудаш аклу шакл.
Мар яқинро чун асо ҳам ҳалқ дод,
То бихӯрд ӯ, ҳар хаёлеро ки зод.
Пас, маъониро чу аъён ҳалқҳост,
Розиқи ҳалқи маъонӣ ҳам Худост.
Пас, зи маҳ то моҳӣ ҳеч аз халқ нест,
Ки ба ҷазби моя ӯро ҳалқ нест.
Ҳалқи ҷон аз фикри тан холӣ шавад,
Онгаҳон рӯзиш иҷлолӣ шавад.
Шарт табдили мизоҷ омад, бидон,
К-аз мизоҷи бад бувад марги бадон.
Чун мизоҷи одамӣ гилхор шуд,
Зарду бадрангу сақиму хор шуд.
Чун мизоҷи зишти ӯ табдил ёфт,
Рафт зиштӣ аз рухаш, чун шамъ тофт.
Дояе ку тифли широмӯзро?
То ба неъмат хуш кунад падфӯзро.
Гар бибандад роҳи он пистон бар ӯ,
Баргушояд роҳи сад бустон бар ӯ.
З-он ки пистон шуд ҳиҷоби он заъиф
Аз ҳазорон неъмату хону рағиф.
Пас, ҳаёти мост мавқуфи фитом,
Андак-андак ҷаҳд кун, «тамма-л-калом».
Чун ҷанин буд одамӣ, буд хун ғизо,
Аз наҷис покӣ барад муъмин, казо.
Аз фитоми хун ғизояш шир шуд
В-аз фитоми шир луқмагир шуд.

В-аз фитоми луқма Луқмоне шавад,
Толиби ишкори пинҳоне шавад.
Гар ҷанинро кас бигуфтӣ дар раҳим:
Ҳаст берун оламе бас мунтазим.
Як замине, хурраме, бо арзу тӯл,
Андар ӯ сад неъмату чандин укул,
Кӯҳҳову баҳрҳову даштҳо,
Бӯстонҳо, боғҳову киштҳо.
Осмоне бас баланду пурзиё,
Офтобу моҳтобу сад суҳо.
Аз ҷанубу аз шимолу аз дабур
Боғҳо дорад арӯсиҳову сур.
Дар сифат н-ояд аҷоибҳои он,
Ту дар ин зулмат чиӣ дар имтиҳон?
Хун хурӣ дар чормехи тангно,
Дар миёни ҳабсу анҷосу ано.
Ӯ ба ҳукми ҳоли худ мункир будӣ,
З-ин рисолат муъризу кофир шудӣ,
К-ин муҳол асту фиреб асту ғурур,
З-он ки тасвире надорад ваҳми кӯр.
Ҷинси чизе чун надид идроки ӯ,
Нашнавад идроки мункирноки ӯ.
Ҳамчунон ки халқи ом андар ҷаҳон,
З-он ҷаҳон, абдол мегӯяндашон,
К-ин ҷаҳон чоҳест, бас торику танг,
Ҳаст берун оламе, бебӯву ранг.
Ҳеч дар гӯши касе з-эшон нарафт,
К-ин тамаъ омад ҳиҷоби жарфу зафт.
Гӯшро бандад тамаъ аз истимоъ,
Чашмро бандад ғараз аз иттилоъ.
Ҳамчунон ки он ҷанинро тамъи хун,
К-он ғизои ӯст дар автони дун.
Аз ҳадиси ин ҷаҳон маҳҷуб кард,
Ғайри хун ӯ менадонад чошт х(в)ард.

## Қиссаи хӯрандагони пилбачча аз ҳирс ва тарки насиҳати носеҳ

Он шунидӣ ту, ки дар Ҳиндустон
Дид доное гурӯҳе дӯстон.
Гурсуна монда, шуда бебаргу ур,
Мерасиданд аз сафар, аз роҳи дур.
Меҳри доноиш ҷӯшиду бигуфт
Хуш саломешону чун гулбун шукуфт.
Гуфт: «Донам, к-аз таҷаввуъ в-аз хало
Ҷамъ омад ранҷатон з-ин Карбало.

Лек Аллаҳ, Аллаҳ, эй қавми ҷалил,
То набошад хӯрдатон фарзанди пил,
Пил ҳаст ин сӯ, ки акнун меравед,
Пилзода машканеду бишнавед.
Пилбачгонанд андар роҳатон,
Сайди эшон аст бас дилхоҳатон.
Бас заъифанду латифу бас самин,
Лек модар ҳаст толиб дар камин.
Аз пайи фарзанд сад фарсанг роҳ
Ӯ бигардад дар ҳанину оҳ–оҳ.
Оташу дуд ояд аз хартуми ӯ,
Алҳазар з-он кӯдаки марҳуми ӯ».
Авлиё атфоли ҳаққанд, эй писар!
Ғоибию ҳозирӣ бас бохабар.
Ғоибӣ, мандеш аз нуқсонашон,
К-ӯ кашад кин аз барои ҷонашон.
Гуфт: «Атфоли мананд ин авлиё,
Дар ғарибӣ фард аз кору киё.
Аз барои имтиҳон хору ятим,
Лек андар сир манам ёру надим.
Пуштдори ҷумла исматҳои ман,
Гӯиё ҳастанд худ аҷзои ман.
Ҳону ҳон! Ин далқпӯшони мананд,
Сад ҳазор андар ҳазору як тананд.
В-арна кай кардӣ ба як чӯбе ҳунар
Мӯсие Фиръавнро зеру забар?
В-арна кай кардӣ ба як нафрини бад
Нӯҳ Шарқу Ғарбро ғарқоби х(в)ад?
Барнакандӣ як дуъои Лути род
Ҷумла шаҳристонашонро бе мурод.
Гашт шаҳристони чун фирдавсашон
Даҷлаи оби сияҳ, рав, бин нишон.
Сӯйи Шом аст ин нишону ин хабар,
Дар раҳи қудсаш бибинӣ дар гузар.
Сад ҳазорон з-анбиёи ҳақпараст
Худ ба ҳар қарне сиёсатҳо будаст.
Гар бигӯям в-ин баён афзун шавад,
Худ ҷигар чӣ бвад? Ки кӯҳҳо хун шавад.
Хун шавад кӯҳҳову боз он бифсурад,
Ту набинӣ хун шудан, кӯрию рад.
Турфа кӯре, дурбини тезчашм,
Лек аз уштур набинад ғайри пашм.
Мӯ ба мӯ бинад зи сарфа ҳирси инс,
Рақси бемақсуд дорад ҳамчу хирс.
Рақс он ҷо кун, ки «худ»-ро бишканӣ,
Пунбаро аз реши шаҳват барканӣ.

Рақсу ҷавлон бар сари майдон кунанд,
Рақс андар хун «худ»-и мардон кунанд.
Чун раҳанд аз дасти «худ», дасте зананд,
Чун ҷаҳанд аз нақси «худ», рақсе кунанд.
Мутрибоншон аз дарун даф мезананд,
Баҳрҳо дар шӯрашон каф мезананд.
Ту набинӣ, лек баҳри гӯшашон
Баргҳо бар шохҳо ҳам кафзанон.
Ту набинӣ баргҳоро каф задан,
Гӯши дил бояд, на ин гӯши бадан.
Гӯши сар барбанд аз ҳазлу дурӯғ,
То бибинӣ шаҳри ҷони бофурӯғ.
Сар кашад гӯши Муҳаммад дар сухун,
К-иш бигӯяд дар Нубӣ Ҳақ: ҳу узун.
Сар ба сар гӯш асту чашм аст ин набӣ,
Тоза з-ӯ мо, мурзеъ аст ӯ, мо сабӣ.
Ин сухан поён надорад, боз рон
Сӯйи аҳли пилу бар оғоз рон.

## Бақияи қиссаи мутаарризони пилбаччагон

Ҳар даҳонро пил бӯйе мекунад,
Гирди меъда ҳар башар барметанад,
То куҷо ёбад кабоби пури хеш,
То намояд интиқому зӯри хеш.
Гӯштҳои «бандагони Ҳақ» х(в)арӣ,
Ғайбати эшон кунӣ, кайфар барӣ.
Ҳон, ки бӯёи даҳоншон холиқ аст,
Кай барад ҷон ғайри он, к-ӯ содиқ аст?
Войи он афсӯсие, к-аш бӯйгир
Бошад андар гӯр Мункар бо Накир.
На даҳон дуздидан имкон з-он миҳон,
На даҳон хуш кардан аз дорудиҳон.
Обу равған нест мар рӯпӯшро,
Роҳи ҳилат нест ақлу ҳушро.
Чанд кӯбад захмҳои гурзашон
Бар сари ҳар жожхову мурзашон.
Гурзи Азроилро бингар «асар»,
Гар набинӣ ҷӯбу оҳан дар сувар.
Ҳам ба сурат менамояд гаҳ-гаҳе,
З-он ҳамон ранҷур бошад огаҳе.
Гӯяд он ранҷур: «Эй ёрони ман!
Чист ин шамшер бар сорони ман?»
«Мо намебинем, бошад ин хаёл»,
Чӣ хаёл аст ин, ки ҳаст ин иртиҳол.
Чӣ хаёл аст ин, ки ин чархи нигун
Аз ниҳеби ин хаёлӣ шуд кунун.

Гурзҳову теғҳо маҳсус шуд
Пеши бемору сараш манкус шуд.
Ӯ ҳамебинад, ки он аз баҳри ӯст,
Чашми душман баста з-ону чашми дӯст.
Ҳирси дунё рафту чашмаш тез шуд,
Чашми ӯ равшан гаҳи хунрез шуд.
Мурғи беҳангом шуд он чашми ӯ,
Аз натиҷай кибри ӯву хашми ӯ.
Сар буридан воҷиб ояд мурғро,
К-ӯ ба ғайри вақт ҷунбонад даро.
Ҳар замон назъест ҷузви ҷон-тро,
Бингар андар назъи ҷон имон-тро.
Умри ту монанди ҳамёни зар аст,
Рӯзу шаб монанди диноришмар аст.
Мешуморад, медиҳад зар бевуқуф,
То ки холӣ гардаду ояд хусуф.
Гар зи куҳ бистонию нанҳӣ ба ҷой,
Андарояд кӯҳ з-он додан зи пой.
Пас, бинеҳ бар ҷой ҳар дамро иваз,
То зи «в-асҷуд в-ақтариб» ёбӣ ғараз.
Дар тамомий корҳо чандин макӯш,
Ҷуз ба коре, ки бувад дар дин, макӯш.
Оқибат ту рафт хоҳӣ нотамом,
Корҳоят абтару нони ту хом.
В-он иморат кардани гӯру лаҳад
Не ба санг асту ба чӯбу не лабад.
Балки худро дар сафо гӯре канӣ,
Дар мании ӯ кунӣ дафни манӣ.
Хоки ӯ гардию мадфуни ғамаш,
То дамат ёбад мададҳо аз дамаш.
Гӯрхона-в қуббаҳову кунгура,
Набвад аз асҳоби маънӣ он сара.
Бингар акнун зиндай атласпӯшро,
Ҳеч атлас даст гирад ҳушро?
Дар азоби Мункар аст он ҷони ӯ,
Каждуми ғам дар дили ғамдони ӯ.
Аз бурун бар зоҳираш нақшу нигор
В-аз дарун з-андешаҳо ӯ зор-зор.
В-он яке бинӣ дар он далқи куҳун,
Чун набот андешаву шаккар сухун.

## Бозгаштан ба ҳикояти пил

Гуфт носеҳ: «Бишнавед ин панди ман,
То дилу ҷонтон нагардад мумтаҳан.

Бо гиёҳу баргҳо қонеъ шавед,
Дар шикори пилбачгон кам равед.
Ман бурун кардам зи гардан воми нусҳ,
Ҷуз саодат кай бувад анҷоми нусҳ?
Ман ба таблиғи рисолат омадам,
То раҳонам мар шуморо аз надам.
Ҳин, мабодо, ки тамаъ раҳтон занад,
Тамъи барг аз беххотон барканад».
Ин бигуфту «хайрбод»-е карду рафт,
Гашт қаҳту ҷӯъашон дар роҳ зафт.
Ногаҳон диданд сӯйи ҷодае,
Пури пиле, фарбиҳе, навзодае.
Андарафтоданд чун гургони маст,
Пок хӯрдандаш, фурӯ шустанд даст.
Он яке ҳамраҳ нахӯрду панд дод,
Ки ҳадиси он фақираш буд ёд.
Аз кабобаш монеъ омад он сухан,
Бахти нав бахшад туро ақли куҳан.
Пас бияфтоданду хуфтанд он ҳама
В-он гурусна чун шубон андар рама.
Дид, пили саҳмноке мерасид,
Аввало омад, суйи ҳорис давид.
Бӯй мекард он даҳонашро се бор,
Ҳеч бӯйе з-ӯ наёмад ногувор.
Чанд боре гирди ӯ гашту бирафт,
Мар варо н-озурд он шаҳпили зафт.
Мар лаби ҳар хуфтаеро бӯй кард,
Бӯй меомад варо з-он хуфта мард.
Аз кабоби пилзода хӯрда буд
Бардарониду бикушташ пил зуд.
Дарзамон ӯ як ба якро з-он гурӯҳ
Медарониду набудаш з-он шикӯҳ.
Бар ҳаво андохт ҳар якро газоф,
То ҳамезад бар замин, мешуд шикоф.
Эй хурандай хуни халқ! Аз роҳи бард
То наёрад хуни эшонат набард.
Моли эшон хуни эшон дон яқин,
З-он ки мол аз зӯр ояд дар ямин.
Модари он пилбачгон кин кашад,
Пилбаччахораро кайфар кушад.
Пилбачча мехурӣ, эй порахор!
Ҳам барорад хасми пил аз ту дамор.
Бӯй расво кард макрандешро,
Пил донад бӯйи тифли хешро.
Он ки ёбад бӯйи Ҳақро аз Яман,
Чун наёбад бӯйи ботилро зи ман?

Мустафо чун бурд бӯй аз роҳи дур,
Чун наёбад аз даҳони мо бахур?
Ҳам биёбад, лек пӯшонад зи мо,
Бӯйи неку бад барояд бар само.
Ту ҳамехусбию бӯйи он ҳаром
Мезанад бар осмони сабзфом.
Ҳамраҳи анфоси зиштат мешавад,
То ба бӯгирони гардун меравад.
Бӯйи кибру бӯйи ҳирсу бӯйи оз
Дар сухан гуфтан биёяд чун пиёз.
Гар хурӣ савганд: Ман кай х(в)ардаам?
Аз пиёзу сир тақво кардаам,
Он дами савганд ғаммозӣ кунад,
Бар димоғи ҳамнишинон барзанад.
Пас дуъоҳо рад шавад аз бӯйи он,
Он дили каж менамояд бар забон.
«Ахсиу» ояд ҷавоби он дуъо,
Чӯби рад бошад ҷазои ҳар даға.
Гар ҳадисат каж бувад, маънит рост,
Он кажии лафз мақбули Худост.

## Баёни он ки хатои муҳиббон беҳтар аз савоби бегонагон аст назди маҳбуб

Он Билоли сидқ дар бонги намоз
«Ҳаййа»-ро «ҳаййа» ҳамехонд аз ниёз.
То бигуфтанд: «Эй паямбар! Нест рост,
Ин хато, акнун ки оғози биност.
Эй набию эй расули Кирдгор!
Як муаззин, к-ӯ бувад афсаҳ, биёр.
Айб бошад аввали дину салоҳ
Лаҳн хондан лафзи «ҳай алла-л-фалоҳ».
Хашми пайғамбар биҷӯшиду бигуфт
Як-ду рамзе аз иноёти ниҳуфт,
К-эй хасон! Назди Худо «ҳайй» -и Билол
Беҳтар аз сад ҳаййу хаййу қилу қол.
Вомашӯронед, то ман розатон
Вонагӯям охиру оғозатон.
Гар надорӣ ту дами хуш дар дуъо,
Рав, дуъо мехоҳ з-ихвони сафо.

## Амри Ҳақ таъоло ба Мӯсо, алайҳиссалом, ки маро ба даҳоне хон, ки бад-он даҳон гуноҳ накардаӣ

Гуфт: «Эй Мӯсо! Зи ман меҷӯ паноҳ
Бо даҳоне, ки накардӣ ту гуноҳ».

Гуфт Мӯсо: «Ман надорам он даҳон»,
Гуфт: «Моро аз даҳони ғайр хон.
Аз даҳони ғайр кай кардӣ гуноҳ?
Аз даҳони ғайр бархон, к-эй Илоҳ!
Ончунон кун, ки даҳонҳо мар туро
Дар шабу дар рӯзҳо орад дуъо.
Аз даҳоне, ки накардастӣ гуноҳ
В-он даҳони ғайр бошад, узр хоҳ.
Ё даҳони хештанро пок кун,
Рӯҳи худро чобуку чолок кун».
Зикри Ҳақ пок аст, чун покӣ расид,
Рахт барбандад, бурун ояд палид.
Мегурезад зиддҳо аз зиддҳо,
Шаб гурезад, чун барафрӯзад зиё.
Чун дарояд номи пок андар даҳон,
На палидӣ монаду на андуҳон.

## Баёни он ки Аллоҳ гуфтани ниёзманд айни лаббайк гуфтани Ҳақҳ аст

Он яке Аллоҳ мегуфтӣ шабе,
То ки ширин мешуд аз зикраш лабе.
Гуфт шайтон: «Охир, эй бисёргӯ!
Ин ҳама Аллоҳро лаббайк ку?
Менаёяд як ҷавоб аз пеши тахт,
Чанд Аллаҳ мезанӣ бо рӯйи сахт?»
Ӯ шикастадил шуду бинҳод сар,
Дид дар хоб ӯ Хизирро дар хузар.
Гуфт: «Ҳин! Аз зикр чун вомондаӣ,
Чун пушаймонӣ аз он, к-иш хондаӣ?»
Гуфт: «Лаббайкам намеояд ҷавоб,
З-он ҳаметарсам, ки бошам радди боб».
Гуфт: «Он Аллоҳи ту лаббайки мост
В-он ниёзу дарду сӯзат пайки мост.
Ҳилаҳову чораҷӯйиҳои ту
Ҷазби мо буду гушод ин пойи ту.
Тарсу ишқи ту каманди лутфи мост,
Зери ҳар ё рабби ту лаббайкҳост».
Ҷони ҷоҳил з-ин дуъо ҷуз дур нест,
З-он ки ё раб гуфтанаш дастур нест.
Бар даҳону бар лабаш қуфл асту банд,
То нанолад бо Худо вақти газанд.
Дод мар Фиръавнро сад мулку мол,
То бикард ӯ даъвии иззу ҷалол.
Дар ҳама умраш надид ӯ дарди сар,
То нанолад сӯйи Ҳақ он бадгуҳар.

Дод ӯро ҷумла мулки ин ҷаҳон,
Ҳақ надодаш дарду ранҷу андуҳон.
Дард омад беҳтар аз мулки ҷаҳон,
То бихоҳӣ мар Худоро дар ниҳон.
Хондани бедард аз афсурдагист,
Хондани бодард аз дилбурдагист.
Он кашидан зери лаб овозро,
Ёд кардан мабдаву оғозро.
Он шуда овози софию ҳазин:
Эй Худо в-эй мустағосу эй муъин.
Нолаи саг дар раҳаш беҷазба нест,
З-он ки ҳар роғиб асири раҳзанест.
Чун саги Каҳфе, ки аз мурдор раст,
Бар сари хони шаҳаншоҳон нишаст.
То қиёмат мехурад ӯ пеши ғор
Оби раҳмат орифона бе тағор.
Эй басо сагпӯст, к-ӯро ном нест,
Лек андар парда бе он ҷом нест.
Ҷон бидеҳ аз баҳри ин ҷом, эй писар!
Бе ҷиҳоду сабр кай бошад зафар?
Сабр кардан баҳри ин набвад ҳараҷ,
Сабр кун,к-«ас-сабру мифтоҳу-л-фараҷ».
З-ин камин бесабру ҳазме кас нараст,
Ҳазмро худ сабр омад пову даст.
Ҳазм кун аз хӯрд, к-ин заҳрин гиёст,
Ҳазм кардан зӯру нури анбиёст.
Коҳ бошад, к-ӯ ба ҳар боде ҷаҳад,
Кӯҳ кай мар бодро вазне ниҳад?
Ҳар тараф ғӯле ҳамехонад туро,
К-эй бародар! Роҳ хоҳӣ? Ҳин, биё.
Раҳ намоям, ҳамраҳат бошам, рафиқ,
Ман қаловузам дар ин роҳи дақиқ.
На қаловуз асту на раҳ донад ӯ,
Юсуфо, кам рав суйи он гургхӯ.
Ҳазм, ин бошад, ки нафребад туро
Чарбу нӯшу домҳои ин саро,
Ки на чарбиш дораду на нӯш ӯ,
Сеҳр хонад, медамад дар гӯш ӯ,
Ки биё меҳмони мо, эй равшанӣ,
Хона они тусту ту они манӣ.
Ҳазм он бошад, ки гӯйӣ: «Тухмаам»,
Ё «сақимам, хастаи ин дахмаам».
Ё «сарам дард аст, дарди сар бибар»,
Ё «маро хондаст он холу писар».
З-он ки як нӯшат диҳад бо нешҳо,
Ки бикорад дар ту нӯшаш решҳо.

Зар агар панҷоҳ, агар шастат диҳад,
Моҳиё! Ӯ гӯшт дар шастат диҳад.
Гар диҳад, худ кай диҳад он пурҳиял?
Ҷавзи пӯсидаст гуфтори дағал.
Жағ-жағи он ақлу мағзатро барад,
Сад ҳазорон ақлро як нашмарад.
Ёри ту хурҷини тусту кисаат,
Гар ту Роминӣ, маҷӯ ҷуз Висаат.
Висаву маъшуқи ту ҳам зоти туст
В-ин буруниҳо ҳама офоти туст.
Ҳазм он бошад, ки чун даъват кунанд,
Ту нагӯйӣ: «Масту хоҳони мананд».
Даъвати эшон сафири мурғ дон,
Ки кунад сайёд дар макман ниҳон.
Мурғи мурда пеш бинҳода, ки ин
Мекунад ин бонгу овозу ҳанин.
Мурғ пиндорад, ки ҷинси ӯст ӯ,
Ҷамъояд, бардарадшон пӯст ӯ.
Ҷуз магар мурғе, ки ҳазмаш дод Ҳақ,
То нагардад гиҷ он дона-в малақ.
Ҳаст беҳазмӣ пушаймонӣ яқин,
Бишнав ин афсонаро дар шарҳи ин:

## Фирефтани рустоӣ шаҳриро ва ба даъват хондан ба лобаву илҳоҳи бисёр

Эй бародар! Буд андар момазо
Шаҳрие бо рустоӣ ошно.
Рустоӣ чун суйи шаҳр омадӣ,
Хиргаҳ андар кӯйи он шаҳрӣ задӣ.
Ду маҳу се моҳ меҳмонаш будӣ
Бар дукони ӯву бар хонаш будӣ.
Ҳар ҳавоиҷро, ки будаш, он замон
Рост кардӣ марди шаҳрӣ ройгон.
Рӯ ба шаҳрӣ карду гуфт: «Эй хоҷа! Ту
Ҳеч меноӣ суйи деҳ фурҷаҷӯ?
Аллаҳ, Аллаҳ ҷумла фарзандон биёр,
К-ин замони гулшан асту навбаҳор.
Ё ба тобистон биё, вақти самар,
То бибандам хидмататро ман камар.
Хайлу фарзандону қавматро биёр,
Дар деҳи мо бош се моҳу чаҳор,
Ки баҳорон хиттаи деҳ х(в)аш бувад,
Киштзору лолаи дилкаш бувад».
Ваъда додӣ шаҳрӣ ӯро дафъи ҳол,
То баромад баъди ваъда ҳашт сол.

Ӯ ба ҳар соле ҳамегуфтӣ, ки кай
Азм хоҳӣ кард? К-омад моҳи дай.
Ӯ баҳона сохтӣ, к-имсоламон
Аз фалон хитта биёмад меҳмон.
Соли дигар, гар тавонам вораҳид
Аз муҳиммот, он тараф хоҳам давид».
Гуфт: «Ҳастанд он аёлам мунтазир
Бахри фарзандони ту, эй аҳли бир!»
Боз ҳар соле чу лаклак омадӣ,
То муқими қуббаи шаҳрӣ шудӣ,
Хоҷа ҳар соле зи зарру моли хеш
Харҷи ӯ кардӣ, гушодӣ боли хеш.
Охирин каррат се моҳ он паҳлавон
Хон ниҳодаш бомдодону шабон.
Аз хиҷолат бозгуфт ӯ хоҷаро:
«Чанд ваъда? Чанд бифребӣ маро?»
Гуфт хоҷа: «Ҷисму ҷонам васлҷӯст,
Лек ҳар таҳвил андар ҳукми ҳуст.
Одамӣ чун киштӣ асту бодбон,
То ки орад бодро он бодрон.
Боз савгандон бидодаш, к-эй карим!
Гир фарзандон, биё, бингар наъим.
Дасти ӯ бигрифт се каррат ба аҳд,
К-Аллаҳ, Аллаҳ, зу биё, бинмой ҷаҳд.
Баъди даҳ солу ба ҳар соле чунин
Лобаҳову ваъдаҳои шаккарин
Кӯдакони хоҷа гуфтанд: «Эй падар,
Моҳу абру соя ҳам дорад сафар.
Ҳаққҳо бар вай ту собит кардаӣ,
Ранҷҳо дар кори ӯ бас бурдаӣ.
Ӯ ҳамехоҳад, ки баъзе ҳаққи он
Вогузорад, чун шавӣ ту меҳмон.
Бас васият кард моро ӯ ниҳон,
Ки кашедаш сӯйи деҳ лобакунон».
Гуфт: «Ҳаққ аст ин, вале эй сибвайҳ,
Иттақи шарра, ман аҳсанта илайҳ».
Дӯстӣ тухми дами охир бувад,
Тарсам аз ваҳшат, ки он фосид шавад.
Суҳбате бошад чу шамшери қатӯъ,
Ҳамчу дай дар бӯстону дар зурӯъ.
Суҳбате бошад чу фасли навбаҳор,
З-ӯ иморатҳову дахли бешумор.
Ҳазм он бошад, ки занни бад барӣ,
То гурезию шавӣ аз бад барӣ.
«Ҳазму сӯъу-з-занн» гуфтаст он расул,
Ҳар қадамро дом медон, эй фазул.

Рӯйи саҳро ҳаст ҳамвору фарох,
Ҳар қадам домест, кам рон устох.
Он бузи кӯҳӣ давад, ки дом ку?
Чун битозад, домаш афтад дар гулӯ.
Он ки мегуфтӣ, ки ку? Инак бибин,
Дашт медидӣ, намедидӣ камин.
Бе камину дому сайёд, эй аёр!
Дунба кай бошад миёни киштзор?
Он ки густох омаданд андар замин,
Устухону каллаҳошонро бибин.
Чунки гӯристон равӣ, эй муртазо,
Устухоншонро бипурс аз момазо,
То ба зоҳир бинӣ он мастони кӯр
Чун фурӯ рафтанд дар чоҳи ғурур.
Чашм агар дорӣ ту, кӯрона маё
В-ар надорӣ чашм, даст овар асо.
Он асои ҳазму истидлолро
Чун надорӣ дид, мекун пешво.
В-ар асои ҳазму истидлол нест,
Бе асокаш бар сари ҳар раҳ маҳест,
Гом з-он сон нех, ки нобино ниҳад,
То ки по аз чоху аз саг вораҳад.
Ларз-ларзону ба тарсу эҳтиёт,
Мениҳад по, то наяфтад дар хубот.
Эй зи дуде ҷаста, дар норе шуда,
Луқма ҷуста, луқмаи море шуда.

## Қиссаи аҳли Сабо ва тоғӣ кардани неъмат эшонро ва даррасидани шумии туғён ва куфрон дар эшон ва баёни фазилати шукру вафо

Ту нахондӣ қиссаи аҳли Сабо,
Ё бихондию надидӣ ҷуз садо.
Аз садо он кӯҳ худ огоҳ нест,
Сӯйи маънӣ ҳуши кухро роҳ нест.
Ӯ ҳаме бонге кунад бе гӯшу ҳуш,
Чун хамуш кардӣ ту, ӯ ҳам шуд хамӯш.
Дод Ҳақ аҳли Саборо бас фароғ,
Сад ҳазорон қасру айвонҳову боғ.
Шукри он нагзоранд он бадрагон,
Дар вафо буданд камтар аз сагон.
Мар сагеро луқмаи ноне зи дар
Чун расад, бар дар ҳамебандад камар.
Посбону ҳориси дар мешавад,
Гарчи бар вай ҷавру сахтӣ меравад.

Ҳам бар он дар бошадаш бошу қарор,
Куфр дорад кард ғайре ихтиёр.
В-ар саге ояд ғарибе, рӯзу шаб,
Он сагонаш мекунанд он дам адаб,
Ки бирав он ҷо, ки аввалманзил аст,
Ҳаққи он неъмат гаравгони дил аст.
Мегазандаш, ки бирав бар ҷои хеш,
Ҳаққи он неъмат фурӯ магзор беш.
Аз дари дил в-аҳли дил оби ҳаёт
Чанд нӯшидию во шуд чашмҳот.
Бас ғизои сукру ваҷду бех(в)адӣ
Аз дари аҳли дилон бар ҷон задӣ.
Боз ин дарро раҳо кардӣ зи ҳирс?
Гирди ҳар дуккон ҳамегардӣ чу хирс?
Бар дари он муъминони чарбдег
Медавӣ бахри сариди мурдарег?
Чарбиш ин ҷо дон, ки ҷон фарбеҳ шавад,
Кори ноуммед ин ҷо беҳ шавад.

## Ҷамъ омадани аҳли офат ҳар сабоҳе бар савмаъаи Исо, алайҳиссалом, ҷиҳати талаби шифо ба дуъои ӯ

Савмаъай Исост хони аҳли дил,
Ҳону ҳон, эй мубтало! Ин дар маҳил.
Ҷамъ гаштандӣ зи ҳар атроф халқ,
Аз зариру лангу шаллу аҳли далқ.
Бар дари он савмаъай Исо сабоҳ
То ба дам ӯшон раҳонад аз ҷуноҳ.
Ӯ чу фориғ гаштӣ аз авроди хеш,
Чоштгаҳ берун шудӣ он хубкеш,
Ҷавқ-ҷавқе мубтало дидӣ низор,
Шиста бар дар дар умеду интизор.
Гуфтӣ: «Эй асҳоби офат! Аз Худо
Ҳоҷати ин ҷумлагонтон шуд раво.
Ҳин! Равон гардед бе ранҷу ано
Сӯйи ғаффорию икроми Худо».
Ҷумлагон чун уштурони бастапой,
Ки гушоӣ зонуи эшон ба рой,
Хуш давону шодмона сӯйи хон
Аз дуъои ӯ шудандӣ подавон.
Озмудӣ ту басе офоти хеш,
Ёфтӣ сиҳҳат аз ин шоҳони кеш.
Чанд он лангии ту раҳвор шуд,
Чанд ҷонат бе ғаму озор шуд.

Эй муғаффал! Риштае бар пой банд,
То зи худ ҳам гум нагардӣ, эй лаванд.
Носипосию фаромӯшии ту
Ёд н-овард он асалнӯшии ту.
Лоҷарам он роҳ бар ту баста шуд,
Чун дили аҳли дил аз ту хаста шуд.
Зудашон дарёбу истиғфор кун,
Ҳамчу абре гиряҳои зор кун.
То гулистоншон суйи ту бишкуфад,
Меваҳои пухта бар худ вокафад.
Ҳам бар он дар гард, кам аз саг мабош,
Бо саги Каҳф ар шудастӣ хоҷатош.
Чун сагон ҳам мар сагонро носиҳанд,
Ки дил андар хонаи аввал биманд.
Он дари аввал, ки хӯрдӣ устухон,
Сахт гиру ҳақ гузор, онро мамон.
Мегазандаш, то з-адаб он ҷо равад
В-аз мақоми аввалин муфлиҳ шавад.
Мегазандаш, к-эй саги тоғӣ! Бирав,
Бо валии неъматат ёғӣ машав.
Бар ҳамон дар ҳамчу ҳалқа баста бош,
Посбону чобуку барҷаста бош.
Сурати нақзи вафои мо мабош,
Бевафоиро макун беҳуда фош.
Мар сагонро чун вафо омад шиор,
Рав, сагонро нангу бадномӣ маёр.
Бевафоӣ чун сагонро ор буд,
Бевафоӣ чун раво дорӣ намуд?
Ҳақ таъоло фахр овард аз вафо,
Гуфт: «Ман авфо биаҳдин, ғайруно».
Бевафоӣ дон вафо бо радди Ҳақ,
Бар ҳуқуқи Ҳақ надорад кас сабақ.
Ҳаққи модар баъд аз он шуд, к-он карим
Кард ӯро аз ҷанини ту ғарим.
Сурате кардат даруни ҷисми ӯ,
Дод дар ҳамлаш варо орому хӯ.
Ҳамчу ҷузви муттасил дид ӯ туро,
Муттасилро кард тадбираш ҷудо.
Ҳақ ҳазорон санъату фан сохтаст,
То ки модар бар ту меҳр андохтаст.
Пас, ҳақи Ҳақ собиқ аз модар бувад,
Ҳар кӣ он ҳақро надонад, хар бувад.
Он ки модар офариду заръу шир,
Бо падар кардаш қарин, он худ магир.
Эй Худованд, эй қадим эҳсони ту,
Он ки донам в-он ки не, ҳам они ту.

Ту бифармудӣ, ки Ҳақро ёд кун,
З-он ки ҳаққи ман намегардад куҳун.
Ёд кун лутфе, ки кардам он субӯҳ
Бо шумо аз ҳифз дар киштии Нӯҳ.
Не ки бобоёнатонро он замон
Додам аз тӯфону аз мавҷаш амон?
Оби оташхӯ замин бигрифта буд,
Мавҷи ӯ мар авҷи куҳро мерабуд.
Ҳифз кардам ман, накардам раддатон,
Дар вуҷуди ҷадди ҷадди ҷаддатон.
Чун шудӣ сар, пушти поят чун занам?
Коргоҳи хеш зоеъ чун кунам?
Чун фидои бевафоён мешавӣ?
Аз гумони бад бад-он сӯ меравӣ?
Ман зи саҳву бевафоиҳо барӣ,
Сӯйи ман ойӣ, гумони бад барӣ?
Ин гумони бад бар он ҷо бар, ки ту
Мешавӣ дар пеш ҳамчун худ дутӯ.
Бас гирифтӣ ёру ҳамроҳони зафт,
Гар туро пурсам, ки ку! Гӯйӣ, ки рафт.
Ёри некат рафт бар чархи барин,
Ёри фисқат рафт дар қаъри замин.
Ту бимондӣ дар миёна ончунон
Бемадад, чун оташе аз корвон.
Домани ӯ гир, эй ёри далер!
К-ӯ муназзаҳ бошад аз болову зер.
На чу Исо сӯйи гардун бар шавад,
На чу Қорун дар замин андарравад.
Бо ту бошад дар макону бемакон,
Чун бимонӣ аз сарову аз дукон.
Ӯ барорад аз кудуратҳо сафо,
Мар ҷафоҳои туро гирад вафо.
Чун ҷафо орӣ, фиристад гӯшмол,
То зи нуқсон воравӣ сӯйи камол.
Чун ту вирде тарк кардӣ дар раваш,
Бар ту қабзе ояд аз ранҷу табаш.
Он адаб кардан бувад, яъне: «Макун
Ҳеч таҳвиле аз он аҳди куҳун».
Пеш аз он к-ин қабз занҷире шавад,
Ин ки дилгирист, погирӣ шавад.
Ранҷи маъқулат шавад маҳсусу фош,
То нагирӣ ин ишоратро ба лош!
Дар маъосӣ қабзҳо дилгир шуд,
Қабзҳо баъд аз аҷал занҷир шуд.
«Нуъти ман аъраз ҳуно ъан зикрино,
Ишатан занкан ва наҷзӣ би-л-амо».

Дузд чун моли касонро мебарад,
Қабзу дилтангӣ дилашро мехалад.
Ӯ ҳамегӯяд: «Аҷаб! Ин қабз чист?
Қабзи он мазлум, к-аз шаррат гирист».
Чун бад-ин қабз илтифоте кам кунад,
Боди исрор оташашро дам кунад.
Қабзи дил қабзи авон шуд лоҷарам,
Гашт маҳсус он маъонӣ, зад алам.
Ғуссаҳо зиндон шудасту чормех,
Ғусса бех асту бирӯяд шох бех.
Бех пинҳон буд, ҳам шуд ошкор,
Қабзу басти андарун бехе шумор.
Чунки бехи бад бувад, зудаш бизан,
То нарӯяд зишт хоре дар чаман.
Қабз дидӣ, чораи он қабз кун,
З-он ки сарҳо ҷумла мерӯяд зи бун.
Баст дидӣ, басти худро об деҳ,
Чун барояд мева, бо асҳоб деҳ.

## Боқии қиссаи аҳли Сабо

Он Сабо з-аҳли сабо буданду хом
Корашон куфрони неъмат бо кировм.
Бошад он куфрони неъмат дар мисол,
Ки кунӣ бо муҳсини худ ту ҷидол,
Ки намебояд маро ин некувӣ,
Ман ба ранҷам з-ин, чӣ ранҷам мешавӣ?
Лутф кун, ин некуиро дур кун,
Ман нахоҳам чашм, зудам кӯр кун.
Пас Сабо гуфтанд: «Боъид байнано,
Шайнуно хайрун лано, хуз зайнано».
Мо намехоҳем ин айвону боғ,
На занони хубу на амну фароғ.
Шаҳрҳо наздики ҳамдигар бад аст,
Он биёбон аст хуш, к-он ҷо дад аст.
«Ятлубу-л-инсону фӣ-с-сайфи-ш-шито,
Фаизо ҷоъа-ш-шито, анкара зо.
Фаҳва лоярзо биҳолин абадан,
Ло бизайқин ло биайшин рағадан.
Қутила-л-инсону мо акфараҳу,
Кулламо нола ҳудан анкараҳу».
Нафс з-ин сон аст, з-он шуд куштанӣ,
«Уқтулу анфусакум» гуфт он санӣ.
Хори сесӯяст, ҳар чун к-иш ниҳӣ
Дархалад в-аз захми ӯ ту кай ҷаҳӣ?
Оташи тарки ҳаво дар хор зан,
Даст андар ёри некӯкор зан.

Чун зи ҳад бурданд асҳоби Сабо,
Ки ба пеши мо вабо беҳ аз сабо.
Носеҳоншон дар насиҳат омаданд,
Аз фусуқу куфр монеъ мешуданд.
Қасди хуни носиҳон медоштанд,
Тухми фисқу кофирӣ мекоштанд.
Чун қазоояд, шавад танг ин ҷаҳон,
Аз қазо ҳалво шавад ранҷи даҳон.
Гуфт: «Изо ҷоъа-л-қазо зоқа-л-фазо,
Туҳҷату-л-абсору из ҷоъа-л-қазо».
Чашм баста мешавад вақти қазо,
То набинад чашм куҳли чашмро.
Макри он форис чу ангезид гард,
Он ғуборат з-истиъонат дур кард.
Сӯйи форис рав, марав сӯйи ғубор,
В-арна бар ту кӯбад он макри савор.
Гуфт Ҳақ онро ки ин гургаш бих(в)ард,
Дид гарди гург, чун зорӣ накард?
Ӯ намедонист гарди гургро?
Бо чунин дониш чиро кард ӯ чаро?
Гӯсфандон бӯйи гурги богазанд
Мебидонанду ба ҳар сӯ мехазанд.
Мағзи ҳайвонот бӯйи шерро
Мебидонад, тарк мегӯяд чаро.
Бӯйи шери хашм дидӣ? Бозгард,
Бо муноҷоту ҳазар анбоз гард.
Вонагаштанд он гурӯҳ аз гарди гург,
Гурги меҳнат баъди гард омад сутург.
Бардарид он гӯсфандонро ба хашм,
Ки зи чӯпони хирад бастанд чашм.
Чанд чӯпоншон бихонду н-омаданд,
Хоки ғам дар чашми чӯпон мезаданд.
Ки бирав, мо аз ту худ чӯпонтарем,
Чун табаъ гардем? Ҳар як сарварем.
Туъмаи гургему они ёр на,
Ҳезуми норему они ор на.
Ҳамяте буд ҷоҳилият дар димоғ,
Бонги шуме бар даманшон кард зоғ.
Баҳри мазлумон ҳамекананд чоҳ,
Дар чаҳ афтоданду мегуфтанд оҳ.
Пӯстини юсуфон бишкофтанд,
Он чи мекарданд, як-як ёфтанд.
Кист он Юсуф? Дили ҳақҷӯйи ту,
Чун асире баста андар кӯйи «ту».
Ҷабраилеро бар устун бастаӣ,
Парру болашро ба сад ҷо хастаӣ.

Пеши ӯ гӯсола бирён оварӣ?
Ки кашӣ ӯро, ба каҳдон оварӣ?
Ки бихур, ин аст моро луту пут,
Нест ӯро ҷуз лиқоуллоҳ қут.
З-ин шиканҷа-в имтиҳон он мубтало
Мекунад аз ту шикоят бо Худо,
К-эй Худо! Афғон аз ин гурги куҳун,
Гӯядаш: «Нак, вақт омад, сабр кун.
Доди ту вохоҳам аз ҳар бехабар»,
Дод кӣ д-ҳад ҷуз Худои додгар?
Ӯ ҳамегӯяд, ки сабрам шуд фано,
Дар фироқи рӯйи ту, ё раббано!
Аҳмадам, дармонда дар дасти яҳуд,
Солиҳам, афтода дар ҳабси Самуд.
Эй саодатбахши ҷони анбиё,
Ё бикуш, ё бозхонам, ё биё.
Бо фироқат кофиронро нест тоб,
Мегувад: «Ё лайтанӣ кунту туроб».
Ҳоли ӯ ин аст, к-ӯ худ з-он су аст,
Чун бувад бе ту касе, к-они ту аст?
Ҳақ ҳамегӯяд, ки оре, эй назеҳ,
Лек бишнав, сабр ору сабр беҳ.
Субҳ наздик аст, хомуш, кам хурӯш,
Ман ҳамекӯшам пайи ту, ту макӯш.

## Бақияи достони рафтани хоҷа ба даъвати рӯстоӣ сӯйи деҳ

Шуд зи ҳад, ҳин! Бозгард, эй ёри гурд,
Рустоӣ хоҷаро, бин, хона бурд.
Қиссаи аҳли Сабо як гӯша неҳ,
Он бигӯ, к-он хоҷа чун омад ба деҳ?
Рустоӣ дар тамаллуқ шева кард,
То ки ҳазми хоҷаро колева кард.
Аз паём андар паём ӯ хира шуд,
То зулоли ҳазми хоҷа тира шуд.
Ҳам аз ин ҷо кӯдаконаш дар пасанд,
«Нартаъ»-у «налъаб» ба шодӣ мезаданд.
Ҳамчу Юсуф, к-иш зи тақдири аҷаб
Нартаъу налъаб бибурд аз зилли аб.
Он на бозӣ, балки ҷонбозист он,
Ҳилаву макру дағосозист он.
Ҳар чӣ аз ёрат ҷудо андозад он,
Машнав онро, к-он зиён дорад, зиён.

Гар бувад он суди сад дар сад, магир,
Баҳри зар магсил зи ганҷури фақир.
Ин шунав, ки чанд Яздон заҷр кард,
Гуфт асҳоби набиро гарму сард.
З-он ки бар бонги дуҳул дар соли танг
Ҷумъаро карданд ботил бедиранг,
То набояд дигарон арзон харанд,
З-он ҷалаб сарфа зи мо эшон баранд.
Монд пайғамбар ба хилват дар намоз
Бо ду-се дарвеши собит, пурниёз,
Гуфт: «Таблу лаҳву бозаргоние
Чунатон бибрид аз раббоние?
«Қад фазазтум наҳва қамҳин ҳоиман,
Сумма халлайтум набийян қоиман».
Баҳри гандум тухми ботил коштед,
В-он расули Ҳаққро бигзоштед.
Суҳбати ӯ хайру мин лаҳв асту мол,
Бин, киро бигзоштӣ?! Чашме бимол.
Худ нашуд ҳирси шуморо ин яқин,
Ки манам зарроқу хайруррозиқин?
Он ки гандумро зи худ рӯзӣ диҳад,
Кай таваккулҳотро зоеъ ниҳад?
Аз пайи гандум ҷудо гаштӣ аз он,
Ки фиристодаст гандум з-осмон.

## Даъвати боз батонро аз об ба саҳро

Боз гӯяд баттро, к-аз об хез,
То бибинӣ даштҳоро қандрез.
Батти оқил гӯядаш: «Эй боз! Дур,
Об моро ҳисну амн асту сурур».
Дев чун бозомад, эй баттон, шитоб,
Ҳин, ба берун кам равед аз ҳисни об.
Бозро гӯед: «Рав, рав, бозгард,
Аз сари мо даст дор, эй поймард.
Мо барӣ аз даъватат, даъват туро,
Мо нанӯшем ин дами ту, кофиро!
Ҳисн моро, қанду қандистон туро,
Ман нахоҳам ҳадяат, бистон, туро.
Чунки ҷон бошад, наёяд лут кам,
Чунки лашкар ҳаст, кам н-ояд алам.
Хоҷаи ҳозим басе узр оварид,
Бас баҳона кард бо деви марид».
Гуфт: «Ин дам корҳо дорам муҳим,
Гар биёям, он нагардад мунтазим.

Шоҳ кори ноз кам фармудааст,
З-интизорам шоҳ шаб нағнудааст.
Ман наёрам тарки амри шоҳ кард,
Ман натонам шуд бари шаҳ рӯйзард.
Ҳар сабоҳу ҳар масо сарҳанги хос
Мерасад, аз ман ҳамеҷӯяд манос.
Ту раво дорӣ, ки оям сӯйи деҳ,
То дар абрӯ афганад султон гиреҳ?
Баъд аз он дармони хашмаш чун кунам?
Зинда худро з-ин магар мадфун кунам?»
З-ин намат ӯ сад баҳона бозгуфт,
Ҳилаҳо бо ҳукми Ҳақ нафтод ҷуфт.
Гар шавад зарроти олам ҳилапеч,
Ё қазои осмон, ҳечанд, ҳеч.
Чун гурезад ин замин аз осмон?
Чун кунад ӯ хешро аз вай ниҳон?
Ҳар чӣояд з-осмон сӯйи замин,
На мафар дорад, на чора, на камин.
Оташ ар хуршед меборад бар ӯ,
Ӯ ба пеши оташаш бинҳода рӯ.
В-ар ҳаме тӯфон кунад борон бар ӯ,
Шаҳрҳоро мекунад вайрон бар ӯ.
Ӯ шуда таслими ӯ Айюбвор,
Ки асирам, ҳар чӣ мехоҳӣ, бибор.
Эй ки ҷузви ин заминӣ! Сар макаш,
Чунки бинӣ ҳукми Яздон, дар макаш.
Чун «халақнокум» шунидӣ «мин туроб»,
«Хок бошӣ» ҷуст аз ту, рӯ матоб.
Бин, ки андар хок тухме коштам,
Кард хокию манаш афроштам.
Ҳамлаи дигар ту хокӣ пеша гир,
То кунам бар ҷумла миронат амир.
Об аз боло ба пастӣ дарравад,
Он гаҳ аз пастӣ ба боло барравад.
Гандум аз боло ба зери хок шуд,
Баъд аз он ӯ хӯшаву чолок шуд.
Донаи ҳар мева омад дар замин,
Баъд аз он сарҳо баровард аз дафин.
Асли неъматҳо зи гардун то ба хок
Зер омад, шуд ғизои ҷони пок.
Аз тавозуъ чун зи гардун шуд ба зер
Гашт ҷузви одамӣ ҳаййи далер.
Пас сифоти одамӣ шуд он ҷамод,
Бар фарози арш паррон гашт шод,

К-аз ҷаҳони зинда, з-аввал омадем,
Боз аз пастӣ суйи боло шудем.
Ҷумла аҷзо дар таҳаррук, дар сукун,
Нотиқон, к- «инно илайҳи роҷиъун».
Зикру тасбеҳоти аҷзои ниҳон
Ғофилӣ афганд андар осмон.
Чун қазо оҳанги норанҷот кард,
Рустоӣ шаҳриеро мот кард.
Бо ҳазорон ҳазм хоҷа мот шуд,
З-он сафар дар маърази офот шуд.
Эътимодаш бар саботи хеш буд,
Гарчи куҳ буд, ним селаш даррабуд.
Чун қазо берун кунад аз чарх сар,
Оқилон гарданд ҷумла кӯру кар.
Моҳиён афтанд аз дарё бурун,
Дом гирад мурғи парронро забун.
То парию дев дар шиша шавад,
Балки Ҳоруте ба Бобил дарравад.
Ҷуз касе, к-андар қазо андаргурехт,
Хуни ӯро ҳеч тарбеъе нарехт.
Ғайри он ки даргурезӣ дар қазо,
Ҳеч ҳила надҳадат аз вай раҳо.

## Қиссаи аҳли Зарвон ва ҳилат кардани эшон, то бе заҳмати дарвешон боғҳоро қатоф кунанд

Қиссаи асҳоби Зарвон хондаӣ?
Пас, чаро дар ҳилаҷӯйӣ мондаӣ?
Ҳила мекарданд каждумнеши чанд,
Ки буранд аз рӯзии дарвеши чанд.
Шаб ҳама шаб месиголиданд макр
Рӯй дар рӯ карда чандин Амру Бакр.
Хуфя мегуфтанд сирҳо он бадон,
То набояд, ки Худо дарёбад он!
Бо гиландоянда исголид гил!
Даст коре мекунад пинҳон зи дил!
Гуфт: «Ало яълам ҳавока ман халақ?
Инна фӣ наҷвока сидқан ам малақ?
Кайфа яғфул ъан заъайнин қад ғадо,
Ман юъоин айна масвоҳу ғадо?
Айнамо қад ҳабито ав саъидо,
Қад таваллоҳу ва аҳсо ададо».
Гӯшро акнун зи ғафлат пок кун,
Истимоъи ҳаҷри он ғамнок кун.

Он закоте дон, ки ғамгинро диҳӣ,
Гӯшро чун пеши дастонаш ниҳӣ.
Бишнавӣ ғамҳои ранҷурони дил,
Фоқаи ҷони шариф аз обу гил.
Хонаи пурдуд дорад пурфанӣ,
Мар варо бигшой з-исғо равзане.
Гӯши ту ӯро чу роҳи дам шавад,
Дуди талх аз хонаи ӯ кам шавад.
Ғамгусорӣ кун ту бо мо, эй равӣ!
Гар ба сӯйи рабби аъло меравӣ.
Ин тараддуд ҳабсу зиндоне бувад,
Ки бинагзорад, ки ҷон сӯйе равад.
Ин бад-ин сӯ, он бад-он сӯ мекашад,
Ҳар яке гӯё: «Манам роҳи рашад».
Ин тараддуд ақбаи роҳи Ҳақ аст,
Эй хунук онро ки пояш мутлақ аст.
Бетараддуд меравад дар роҳи рост,
Раҳ намедонӣ, биҷӯ, гомаш куҷост.
Гоми оҳуро бигиру рав муоф,
То расӣ аз гоми оҳу то ба ноф.
З-ин равиш бар авҷи анвар меравӣ,
Эй бародар! Гар бар озар меравӣ.
На зи дарё тарс, на аз мавҷу каф,
Чун шунидӣ ту хитоби «ло тахаф».
«Ло тахаф» дон, чунки хавфат дод Ҳақ,
Нон фиристад, чун фиристодат табақ.
Хавф он касрост, к-ӯро хавф нест,
Ғусса он касро, к-аш ин ҷо тавф нест.

## Равон шудани хоҷа ба сӯйи деҳ

Хоҷа дар кор омаду таҷҳиз сохт,
Мурғи азмаш сӯйи деҳ иштоб тохт.
Аҳлу фарзандон сафарро сохтанд,
Рахтро бар гови азм андохтанд.
Шодмонону шитобон сӯйи деҳ,
Ки баре хӯрдем аз деҳ, мужда деҳ.
Мақсади моро чарогоҳе х(в)аш аст,
Ёри мо он ҷо кариму дилкаш аст.
Бо ҳазорон орзумон хондааст,
Баҳри мо ғарси карам биншондааст.
Мо захирай даҳ зимистони дароз
Аз бари ӯ сӯйи шаҳр орем боз.
Балки боғ исори роҳи мо кунад,
Дар миёни ҷони худмон ҷо кунад.

«Аҷҷилу асҳобано кай тарбаҳу»,
Ақл мегуфт аз дарун: «Ло тафраҳу».
«Мин рибоҳиллоҳи куну робиҳин,
Инна раббӣ ло юҳиббу-л-фариҳин.
Ифраҳу ҳавнан бимо отокуму,
Куллу отин мушғилин алҳокуму».
Шод аз вай шав, машав аз ғайри вай,
Ӯ баҳор асту дигарҳо моҳи дай.
Ҳар чӣ ғайри ӯст, истидроҷи туст,
Гарчи тахту мулкат асту тоҷи туст.
Шод аз ғам шав, ки ғам доми лиқост,
Андар ин раҳ сӯйи пастӣ иртиқост.
Ғам яке ганҷест, ранҷи ту чу кон,
Лек кай даргирад ин дар кӯдакон.
Кӯдакон чун номи бозӣ бишнаванд,
Ҷумла бо харгӯр ҳамтаг медаванд.
Эй харони кӯр! Ин сӯ домҳост,
Дар камин, ин сӯй хуношомҳост.
Тирҳо паррон, камон пиҳон зи ғайб,
Бар ҷавоне мерасад сад тири шайб.
Гом дар саҳрои дил бояд ниҳод,
З-он ки дар саҳрои гил набвад гушод.
Эминобод аст дил, эй дӯстон,
Чашмаҳову гулситон дар гулситон.
«Уҷила-л-қалби ва сир ай сория,
Фиҳи ашҷорун ва айнун ҷория».
Деҳ марав, деҳ мардро аҳмақ кунад,
Ақлро бенуру беравнақ кунад.
Қавли пайғамбар шунав, эй муҷтабо,
Гӯри ақл омад ватан дар русто.
Ҳар кӣ дар русто бувад рӯзею шом,
То ба моҳе ақли ӯ набвад тамом.
То ба моҳе аҳмақӣ бо ӯ бувад,
Аз ҳашиши деҳ ҷуз инҳо чӣ дравад.
В-он ки моҳе бошад андар русто,
Рӯзгоре бошадаш ҷаҳлу ъамо.
Деҳ чӣ бошад? Шайхи восилношуда,
Даст дар тақлиду ҳуҷҷат дарзада.
Пеши шаҳри ақли куллӣ ин ҳавос
Чун харони чашмбаста дар харос.
Ин раҳо кун, сурати афсона гир,
Ҳил ту дурдона, ту гандумдона гир.
Гар ба дур раҳ нест, ҳин, бур меситон,
Гар бад-он раҳ нестат, ин сӯ бирон.
Зоҳираш гир, арчи зоҳир каж парад,
Оқибат зоҳир суйи ботин барад.

Аввали ҳар одамӣ худ сурат аст,
Баъд аз он ҷон, к-ӯ ҷамоли сират аст.
Аввали ҳар мева ҷуз сурат кай аст?
Баъд аз он лаззат, ки маънии вай аст.
Аввало хиргоҳ созанду харанд,
Туркро з-он пас ба меҳмон оваранд.
Суратат хиргоҳ дон, маънит турк,
Маъният маллоҳ дон, сурат чу фулк.
Баҳри Ҳақ инро раҳо кун як нафас,
То хари хоҷа биҷунбонад ҷарас.

## Рафтани хоҷа ва қавмаш ба сӯйи деҳ

Хоҷаву бачгон ҷиҳозе сохтанд,
Бар сутурон ҷониби деҳ тохтанд.
Шодмона сӯйи саҳро ронданд,
«Софиру кай тағнаму» бархонданд,
К-аз сафарҳо моҳ Кайхусрав шавад,
Бе сафарҳо моҳ кай Хусрав шавад?
Аз сафар байдақ шавад фарзини род
В-аз сафар ёбид Юсуф сад мурод.
Рӯз рӯй аз офтобе сӯхтанд,
Шаб зи ахтар роҳ меомӯхтанд.
Хуб гашта пеши эшон роҳи зишт,
Аз нишоти деҳ шуда раҳ чун биҳишт.
Талх аз ширинлабон х(в)аш мешавад,
Хор аз гулзор дилкаш мешавад.
Ҳанзал аз маъшуқ хурмо мешавад,
Хона аз ҳамхона саҳро мешавад.
Эй басо аз нозанинон хоркаш
Бар умеди гулъизори моҳваш.
Эй басо ҳаммол гашта пуштреш
Аз барои дилбари маҳрӯйи хеш.
Карда оҳангар ҷамоли худ сиёҳ,
То ки шаб ояд, бибӯсад рӯйи моҳ.
Хоҷа то шаб бар дуконе чормех,
З-он ки сарве дар дилаш кардаст бех.
Тоҷире дарёву хушкӣ меравад,
Он ба меҳри хонашине медавад.
Ҳар киро бо мурда савдое бувад,
Бар умеди зиндасимое бувад.
Он дуругар рӯй оварда ба чӯб,
Бар умеди хидмати маҳрӯйи хуб.
Бар умеди зиндае кун иҷтиҳод,
К-ӯ нагардад баъди рӯзе ду ҷамод.

Мӯнисӣ магзин хасеро аз хасӣ,
Орият бошад дар ӯ он мӯнисӣ.
Унси ту бо модару бобо куҷост?
Гар ба ҷуз Ҳақ мӯнисонатро вафост.
Унси ту бо дояву лоло чӣ шуд?
Гар касе шояд ба ғайри Ҳақ азуд.
Унси ту бо ширу бо пистон намонд,
Нафрати ту аз дабиристон намонд.
Он шуоъе буд бар деворашон,
Ҷониби хуршед ворафт он нишон.
Бар ҳар он чизе, ки афтад он шуъоъ,
Ту бар он ҳам ошиқ ойӣ, эй шуҷоъ.
Ишқи ту бар ҳар чӣ он мавҷуд буд,
Он зи васфи Ҳаққ зарандуд буд.
Чун заре боасл рафту мис бимонд,
Табъсер омад, талоқи ӯ биронд.
Аз зарандуди сифоташ по бикаш,
Аз ҷаҳолат қалбро кам гӯй х(в)аш.
К-он хушӣ дар қалбҳо орият аст,
Зери зинат, мояи безинат аст.
Зар зи рӯйи қалб дар кон меравад,
Сӯйи он кон рав ту ҳам, к-он меравад.
Нур аз девор то хур меравад,
Ту бад-он хур рав, ки дархур меравад.
З-ин сипас бистон ту об аз осмон,
Чун надидӣ ту вафо дар новдон.
Маъдани дунба набошад доми гург,
Кай шиносад маъдан он гурги сутург?
Зар гумон бурданду баста дар гиреҳ,
Мешитобиданд мағрурон ба деҳ.
Ҳамчунин хандону рақсон мешуданд,
Сӯйи он дӯлоб чархе мезаданд.
Чун ҳамедиданд, мурғе мепарид
Ҷониби деҳ, сабр ҷома медарид.
Ҳар кӣ меомад зи деҳ аз сӯйи ӯ,
Бӯса медоданд хуш бар рӯйи ӯ,
Ки ту рӯйи ёри моро дидаӣ,
Пас, ту ҷонро ҷону моро дидаӣ.

## Навохтани Маҷнун он сагро, ки муқими кӯйи Лайлӣ буд

Ҳамчу Маҷнун, к-ӯ сагеро менавохт,
Бӯсааш медоду пешаш мегудохт.
Гирди ӯ мегашт хозеъ дар тавоф,
Ҳам ҷулоби шаккараш медод соф.

Булфузуле гуфт: «Эй Маҷнуни хом,
Ин чӣ шайд аст, ин ки меорӣ мудом?
Пӯзи саг доим палидӣ мехурад,
Мақъади худро ба лаб меустурад».
Айбҳои саг басе ӯ баршумурд,
Айбдон аз ғайбдон бӯйе набурд.
Гуфт Маҷнун: «Ту ҳама нақшию тан,
Андарову бингараш аз чашми ман,
К-ин тилисми бастаи мавлост ин,
Посбони кӯчаи Лайлост ин.
Ҳимматаш бину дилу ҷону шинохт,
К-ӯ кучҷо бигзиду маскангоҳ сохт.
Ӯ саги фаррухрухи Каҳфи ман аст,
Балки ӯ ҳам дарду ҳам лаҳфи ман аст.
Он саге, ки бошад андар кӯйи ӯ,
Ман ба шерон кай диҳам як мӯйи ӯ?»
Эй ки шерон мар сагонашро ғулом,
Гуфт имкон нест, хомуш, вассалом.
Гар зи сурат бигзаред, эй дӯстон,
Ҷаннат асту гулситон дар гулситон.
Сурати «худ» чун шикастӣ, сӯхтӣ,
«Сурати кул»-ро шикаст омӯхтӣ.
Баъд аз он ҳар суратеро бишканӣ,
Ҳамчу Ҳайдар боби Хайбар барканӣ.
Суғбаи сурат шуд он хоҷай салим,
Ки ба деҳ мешуд ба гуфторе сақим.
Сӯйи доми он тамаллуқ шодмон,
Ҳамчу мурғе сӯйи донай имтиҳон.
Аз карам донист мурғ он донаро,
Ғоиби ҳирс аст, на ҷуд он ато.
Мурғакон дар тамъи дона шодмон,
Сӯйи он тазвир паррону давон.
Гар зи шодий хоҷа огоҳат кунам,
Тарсам, эй раҳрав, ки бегоҳат кунам.
Мухтасар кардам, чу омад деҳ падид,
Худ набуд он деҳ. Раҳи дигар гузид.
Қурби моҳе деҳ ба деҳ метохтанд,
З-он ки роҳи деҳ накӯ нашнохтанд.
Ҳар кӣ дар раҳ бе қаловузе равад,
Ҳар дурӯза роҳ садсола шавад.
Ҳар кӣ тозад сӯйи Каъба бе далел,
Ҳамчу ин саргаштагон гардад залил.
Ҳар кӣ гирад пешае бе усто,
Ришханде шуд ба шаҳру русто.
Ҷуз ки нодир бошад андар хофиқайн,
Одамӣ сар барзанад бе волидайн.

Мол ӯ ёбад, ки касбе мекунад,
Нодире бошад, ки бар ганҷе занад.
Мустафое ку, ки ҷисмаш ҷон бувад?
То ки раҳмон «аллама-л-Қуръон» бувад.
Аҳли танро ҷумла «аллам би-л-қалам»
Восита афрошт дар базли карам.
Ҳар ҳарисе ҳаст маҳрум, эй писар,
Чун ҳарисон так марав, оҳистатар.
Андар он раҳ ранҷҳо диданду тоб,
Чун азоби мурғи хокӣ дар изоб.
Сер гашта аз деҳу аз русто
В-аз шакаррези чунон ноусто.

## Расидани хоҷа ва қавмаш ба деҳ ва нодидаву ношинохта овардани рустоӣ эшонро

Баъди моҳе чун расиданд он тараф,
Бенаво эшон, сутурон беалаф.
Рустоӣ бин, ки аз баднийятӣ
Мекунад «баъда-л-латайё валлатӣ».
Рӯй пинҳон мекунад з-эшон ба рӯз,
То суйи боғаш бинагшоянд пӯз.
Ончунон рӯ, ки ҳама зарқу шар аст,
Аз мусулмонон ниҳон авлотар аст.
Рӯйҳо бошад, ки девон чун магас
Бар сараш биншаста бошад чун ҳарас.
Чун бибинӣ рӯйи ӯ, дар ту фитанд,
Ё мабин он рӯ, чу дидӣ, хуш маханд.
Дар чунон рӯйи хабиси осия,
Гуфт Яздон: «Насфаъан би-н-носия».
Чун бипурсиданду хона-ш ёфтанд,
Ҳамчу хешон сӯйи дар биштофтанд.
Дар фурӯ бастанд аҳли хонааш,
Хоҷа шуд з-ин кажравӣ девонаваш.
Лек ҳангоми дуруштӣ ҳам набуд,
Чун дарафтодӣ ба чаҳ, тезӣ чӣ суд?
Бар дараш монданд эшон панҷ рӯз,
Шаб ба сармо, рӯз худ хуршедсӯз.
На зи ғафлат буд мондан, на харӣ,
Балки буд аз изтирору бехарӣ.
Бо лаимон баста некон з-изтирор,
Шер мурдоре хурад аз ҷӯъи зор.
Ӯ ҳамедидаш, ҳамекардаш салом,
Ки фалонам ман, маро ин аст ном.

Гуфт: «Бошад. Ман чӣ донам ту киӣ,
Ё палидӣ, ё қарини покӣ».
Гуфт: «Ин дам бо қиёмат шуд шабеҳ,
То бародар шуд «яфиру мин ахиҳ».
Шарҳ мекардаш, ки ман онам, ки ту
Лутҳо хӯрдӣ зи хони ман дутӯ.
Он фалон рӯзат харидам он матоъ,
«Куллу сиррин ҷоваза-л-иснайни шоъ».
Сирри меҳри мо шунидастанд халқ,
Шарм дорад рӯ, чу неъмат хӯрд ҳалқ.
Ӯ ҳамегуфташ: «Чӣ гӯйӣ турраҳот?
На туро донам, на номи ту, на ҷот».
Панҷумин шаб абру бороне гирифт,
К-осмон аз боришаш дорад шигифт.
Чун расид он корд андар устухон,
Ҳалқа зад хоҷа, ки меҳтарро бихон.
Чун ба сад илҳоҳ омад сӯйи дар,
Гуфт: «Охир, чист, эй ҷони падар?»
Гуфт: «Ман он ҳаққҳо бигзоштам,
Тарк кардам, он чи мепиндоштам.
Панҷсола ранҷ дидам панҷ рӯз,
Ҷони мискинам дар ин гармову сӯз».
Як ҷафо аз хешу аз ёру табор
Дар геронӣ ҳаст чун сесад ҳазор.
З-он ки дил нанҳод бар ҷавру ҷафош,
Ҷон-ш хӯгар буд бо лутфу вафош.
Ҳар чӣ бар мардум балову шиддат аст,
Ин яқин дон, к-аз хилофи одат аст.
Гуфт: «Эй хуршеди меҳрат дар завол,
Гар ту хунам рехтӣ, кардам ҳалол.
Имшаби борон ба мо деҳ гӯшае,
То биёбӣ дар қиёмат тӯшае».
Гуфт: «Як гӯша-ст они боғбон,
Ҳаст ин ҷо гургро ӯ посбон.
Дар кафаш тиру камон аз баҳри гург,
То занад, гар ояд он гурги сутург.
Гар ту он хидмат кунӣ, ҷо они туст,
В-арна ҷойи дигаре фармой ҷуст».
Гуфт: «Сад хидмат кунам, ту ҷой деҳ,
Он камону тир дар каффам бинеҳ.
Менахусбам, ҳорисии зар кунам,
Гар барорад гург сар, тираш занам.
Баҳри Ҳақ магзорам имшаб, эй дудил,
Оби борон бар сару дар зер гил».
Гӯшае холӣ шуду ӯ бо аёл
Рафт он ҷо, ҷойи тангу бемаҷол.

Чун малах бар ҳамдигар гашта савор
Аз ниҳеби сел андар кунҷи ғор.
Шаб ҳама шаб, ҷумла гӯён: «Эй Худо,
Ин сазои мо, сазои мо, сазо!
Ин сазои он ки шуд ёри хасон,
Ё касӣ кард аз барои нокасон».
Ин сазои он ки андар тамъи хом
Тарк гӯяд хидмати хоки кином.
Хоки покон лесию деворашон,
Беҳтар аз ому зару гулзорашон.
Бандаи як марди равшандил шавӣ,
Беҳ, ки бар фарқи сари шоҳон равӣ.
Аз мулуки хок ҷуз бонги дуҳул
Ту нахоҳӣ ёфт, эй пайки субул.
Шаҳриён худ раҳзанон нисбат ба рӯҳ,
Рустоӣ кист? Гиҷу бефутӯҳ.
Ин сазои он ки бе тадбири ақл
Бонги ғӯле омадаш, бигзид нақл.
Чун пушаймонӣ зи дил шуд то шағоф,
З-он сипас суде надорад эътироф.
Он камону тир андар даст ӯ
Гургро ҷӯён ҳама шаб сӯ ба сӯ.
Гург бар вай худ мусаллат чун шарар,
Гургҷӯёну зи гург ӯ бехабар.
Ҳар паша, ҳар кайк чун гурге шуда,
Андар он вайрона-шон захме зада.
Фурсати он пашша рондан ҳам набуд
Аз ниҳеби ҳамлаи гурги ануд.
То набояд гург осебе занад,
Рустоӣ риши хоҷа барканад.
Инчунин дандонканон то нимшаб
Ҷонашон аз ноф меомад ба лаб.
Ногаҳон тимсоли гурги ҳиштае
Сар баровард аз фарози пуштае.
Тирро бигшод он хоҷа зи шаст,
Зад бар он ҳайвон, ки то афтод паст.
Андар афтодан зи ҳайвон бод ҷаст,
Рустоӣ ҳой карду кӯфт даст:
«Ноҷавонмардо», ки «харкуррай ман аст»,
Гуфт: «На! Ин гурги чун Оҳарман аст.
Андар ӯ ашколи гургӣ зоҳир аст,
Шакли ӯ аз гургии ӯ мухбир аст».
Гуфт: «На! Боде, ки ҷаст аз фарҷи вай
Мешиносам, ҳамчунон-к обе зи май.
Куштаӣ харкурраамро дар риёз,
Ки мабодат баст ҳаргиз з-инқибоз».

Гуфт: «Некӯтар таҳаффус кун, шаб аст,
Шахсҳо дар шаб зи нозир муҳҷаб аст.
Шаб ғалат бинмояду мубдал басе,
Диди соиб шаб надорад ҳар касе.
Ҳам шабу ҳам абру ҳам борони жарф,
Ин се торикӣ ғалат орад шигарф».
Гуфт: «Он бар ман чу рӯзи равшан аст,
Мешиносам, боди харкуррай ман аст.
Дар миёни бист бод он бодро
Мешиносам, чун мусофир зодро».
Хоҷа барҷасту биёмад ношигифт,
Рустоиро гиребонаш гирифт,
К-аблаҳи таррор, шайд овардаӣ!
Бангу афюн ҳар ду бо ҳам х(в)ардаӣ!
Дар се торикӣ шиносӣ боди хар,
Чун надонӣ мар маро, эй хирасар?»
Он ки донад нимшаб гӯсоларо,
Чун надонад ҳамраҳи даҳсоларо?
Хештанро орифу вола кунӣ,
Хок дар чашми мурувват мезанӣ,
Ки маро аз хеш ҳам огоҳ нест,
Дар дилам гунҷой ҷуз Аллоҳ нест.
Он чи дӣ хӯрдам, аз онам ёд нест,
Ин дил аз ғайри таҳайюр шод нест.
Оқилу маҷнуни Ҳаққам, ёд ор,
Дар чунин бехешиям маъзур дор.
Он ки мурдоре хурад, яъне набид,
Шаръ ӯро сӯйи маъзурон кашид.
Масту бангиро талоқу байъ нест,
Ҳамчу тифл аст ӯ, муъофу муътақист.
Мастие, к-ояд зи бӯйи шоҳи фард,
Сад хуми май дар сару мағз он накард.
Пас, бар ӯ таклиф чун бошад раво?
Асб соқит гашту шуд бедасту по.
Бор кӣ нҳад дар ҷаҳон харкурраро?
Дарс кӣ дҳад порсӣ Бӯмурраро?
Бор баргиранд, чун омад араҷ,
Гуфт Ҳақ: «Лайса ала-л-аъмо ҳараҷ».
Сӯйи худ аъмо шудам, аз Ҳақ басир,
Пас, муофам аз қалилу аз касир.
Лофи дарвешӣ занию бех(в)адӣ,
Ҳой-ҳуйи мастиёни эзадӣ
Ки заминро ман надонам з-осмон,
Имтиҳонат кард ғайрат, имтиҳон.
Боди харкурра чунин расвот кард,
Ҳастии нафйи туро исбот кард.

Инчунин расво кунад Ҳақ шайдро,
Инчунин гирад рамида сайдро.
Сад ҳазорон имтиҳон аст, эй писар,
Ҳар кӣ гӯяд ман шудам сарҳанги дар.
Гар надонад ома ӯро з-имтиҳон,
Пухтагони роҳ ҷӯяндаш нишон.
Чун кунад даъвои хайётӣ хасе,
Афканад дар пеши ӯ шаҳ атласе,
Ки бибур инро бағалтоқи фарох,
З-имтиҳон пайдо шавад ӯро ду шох.
Гар набудӣ имтиҳони ҳар бадӣ,
Ҳар муханнас дар ваға Рустам будӣ.
Худ муханнасро зиреҳпӯшида гир,
Чун бибинад захм, гардад чун асир.
Масти Ҳақ ҳушёр чун шуд аз дабур?
Масти Ҳақ н-ояд ба худ аз нафхи сур.
Бодаи Ҳақ рост бошад, бе дурӯғ,
Дӯғ хӯрдӣ, дӯғ хӯрдӣ, дӯғ-дӯғ!
Сохтӣ худро Ҷунайду Боязид:
«Рав, ки нашносам табарро аз калид».
Бадрагию манбалию ҳирсу оз
Чун кунӣ пинҳон ба шайд, эй макрсоз?
Хешро Мансури Ҳаллоҷе кунӣ,
Оташе дар пунбаи ёрон занӣ,
Ки бинашносам Умар аз Бӯлаҳаб,
Боди куррай худ шиносам нимшаб.
Эй харе, к-ин аз ту хар, бовар кунад,
Хешро баҳри ту кӯру кар кунад.
Хешро аз раҳравон камтар шумар,
Ту ҳарифи раҳриёнӣ, гуҳ мах(в)ар!
Бозпар аз шайд, сӯйи ақл тоз,
Кай парад бар осмон парри маҷоз?
Хештанро ошиқи Ҳақ сохтӣ,
Ишқ бо деви сиёҳе бохтӣ.
Ошиқу маъшуқро дар растхез
Ду ба ду банданду пеш оранд тез.
Ту чӣ худро гиҷу бехуд кардаӣ?
Хуни раз ку? Хуни моро х(в)ардаӣ.
Рав, ки нашносам туро, аз ман биҷеҳ,
Орифи бехешаму Баҳлули деҳ.
Ту таваҳҳум мекунӣ аз қурби Ҳақ,
Ки табақгар дур набвад аз табақ.
Ин намебинӣ, ки қурби авлиё
Сад каромат дораду кору киё.
Оҳан аз Довуд муме мешавад,
Мум дар дастат чу оҳан мебувад.

Қурби халқу зарқ бар ҷумласт ом,
Қурби ваҳйи ишқ доранд ин киром.
Қурб бар анвоъ бошад, эй падар,
Мезанад хуршед бар куҳсору зар.
Лек қурбе ҳаст бо зар шедро,
Ки аз он огаҳ набошад бедро.
Шохи хушку тар қариби офтоб,
Офтоб аз ҳар ду кай дорад ҳиҷоб?
Лек ку он қурбати шохи тарӣ?
Ки симори панҷа аз вай мех(в)арӣ.
Шохи хушк, аз қурбати он офтоб
Ғайри зутар хушк гаштан, гӯ, биёб.
Ончунон масте мабош, эй бехирад,
Ки ба ақл ояд, пушаймонӣ хурад.
Балк аз он мастон,ки чун май мех(в)аранд,
Ақлҳои пухта ҳасрат мебаранд.
Эй гирифта ҳамчу гурба муши пир,
Гар аз он ме шер гирӣ, шер гир.
Эй бихӯрда аз хаёле ҷоми ҳеч,
Ҳамчу мастони ҳақоиқ бармапеч.
Мефутӣ ин сӯву он сӯ маствор,
Эй ту ин сӯ! Нестат з-он сӯ гузор.
Гар бад-он сӯ роҳ ёбӣ, баъд аз он,
Гаҳ бад-ин сӯ, гаҳ бад-он сӯ сар фишон.
Ҷумла ин сӯйӣ, аз он сӯ гап мазан,
Чун надорӣ марг, ҳарза ҷон макан.
Он хизирҷон, к-аз аҷал наҳросад ӯ,
Шояд, ар махлукро нашносад ӯ.
Ком аз завқи таваҳҳум х(в)аш кунӣ,
Дардамӣ дар хики худ, пурраш кунӣ.
Пас ба як сӯзан тиҳӣ гардӣ зи бод,
Инчунин фарбеҳ тани оқил мабод.
Кӯраҳо созӣ зи барф андар шито,
Кай кунад, чун об бинад он вафо?

## Афтодани шағол дар хуми ранг ва рангин шудан ва даъвои товусӣ кардан миёни шағолон

Он шағоле рафт андар хумми ранг,
Андар он хум кард як соат диранг.
Пас баромад, пӯсташ рангин шуда,
Ки манам товуси иллиййин шуда.
Пашми рангин равнақи хуш ёфта,
Офтоб он рангҳо бартофта.
Дид худро сабзу сурху фуру зард,
Хештанро бар шағолон арза кард.

Ҷумла гуфтанд: «Эй шағолак! Ҳол чист?
Ки туро дар сар нишоте мултавист.
Аз нишот аз мо карона кардаӣ,
Ин такаббур аз куҷо овардаӣ?»
Як шағоле пеши ӯ шуд, к-эй фалон!
Шайд кардӣ ё шудӣ аз хушдилон?
Шайд кардӣ, то ба минбар барҷаҳӣ,
То зи лоф ин халкро ҳасрат диҳӣ.
Бас бикӯшидӣ, надидӣ гармие,
Пас, зи шайд овардаӣ бешармие.
Гармӣ они авлиёву анбиёст,
Боз бешармӣ паноҳи ҳар дағост,
К-илтифоти халқ сӯйи худ кашанд,
Ки «хушем»-у аз дарун бас нох(в)ашанд.

## Чарб кардани марди лофӣ лабу сиблати худро ҳар бомдод ба пӯсти дунба ва берун омадан миёни ҳарифон, ки ман чунин хӯрдааму чунон

Пӯстдунба ёфт шахсе мустаҳон,
Ҳар сабоҳе чарб кардӣ сиблатон.
Дар миёни мунъимон рафтӣ, ки ман
Лути чарбе хӯрдаам дар анҷуман.
Даст бар сиблат ниҳодӣ дар навид,
Рамз, яъне сӯйи сиблат бингаред,
К-ин гувоҳи сидқи гуфтори ман аст
В-ин нишони чарбу ширин хӯрдан аст.
Ишкамаш гуфтӣ ҷавоби бетанин,
Ки «абодаллоҳ кайда-л-козибин».
Лофи ту моро бар оташ барниҳод,
Ки сиболи чарби ту барканда бод!
Гар набудӣ лофи зиштат, эй гадо,
Як кариме раҳм афгандӣ ба мо.
В-ар намудӣ айбу каж кам бохтӣ,
Як табибе доруи ӯ сохтӣ.
Гуфт Ҳақ, ки каж маҷунбон гӯшу дум,
«Янфаъанна-с-содиқина сидқуҳум».
Гуфт: «Андар каж махусб, эй мухталим»,
Он чи дорӣ, вонамову «фастақим».
В-ар нагӯйӣ айби худ, боре хамуш,
Аз намоиш в-аз дағал худро макуш.
Гар ту накде ёфтӣ, магшо даҳон,
Ҳаст дар раҳ сангҳои имтиҳон.
Сангҳои имтиҳонро низ пеш
Имтиҳонҳо ҳаст дар аҳволи хеш.

Гуфт Яздон: «Аз валодат то ба ҳайн
«Юфтануна кулла омин марратайн».
Имтиҳон бар имтиҳон аст, эй падар,
Ҳин, ба камтар имтиҳон худро маҳар!

## Эмин будани Балъами Боъур, ки имтиҳонҳо кард ҳазрат ӯро ва аз онҳо рӯйсапед омада буд

Балъами Боъуру Иблиси лаъин
З-имтиҳони охирин гашта маҳин.
Ӯ ба даъвӣ майли давлат мекунад,
Меъдааш нафрини сиблат мекунад,
К-он чи пинҳон мекунад, пайдош кун,
Сӯхт моро, эй Худо, расвош кун!
Ҷумла аҷзои танаш хасми вайанд,
К-аз баҳоре лофад, эшон дар дайанд.
Лоф вододи карамҳо мекунад,
Шохи раҳматро зи бун бармеканад.
Ростӣ пеш ор ё хомӯш кун
В-онгаҳон раҳмат бибину нӯш кун.
Он шикам хасми сиболи ӯ шуда,
Даст пинҳон дар дуъо андарзада,
К-эй Худо! Расво кун ин лофи лиъом,
То бичунбад сӯйи мо раҳми киром.
Мустаҷоб омад дуъои он шикам,
Сӯзиши ҳоҷат бизад берун алам.
Гуфт Ҳақ: «Гар фосиқӣ в-аҳли санам,
Чун маро хонӣ, иҷобатҳо кунам.
Ту дуъоро сахт гиру мешахул,
Оқибат бирҳонадат аз дасти ғӯл».
Чун шикам худро ба ҳазрат дарсупурд,
Гурба омад, пӯсти он дунба бибурд.
Аз паси гурба давиданд, ӯ гурехт,
Кӯдак аз тарси итобаш ранг рехт.
Омад андар анҷуман он тифли хурд,
Обрӯйи марди лофиро бибурд.
Гуфт: «Он дунба, ки ҳар субҳе бад-он
Чарб мекардӣ лабону сиблатон,
Гурба омад, ногаҳонаш даррабуд,
Бас давидему накард он ҷаҳд суд».
Ханда омад ҳозиронро аз шигифт,
Раҳмҳошон боз ҷунбидан гирифт.
Даъваташ карданду сераш доштанд,
Тухми раҳмат дар заминаш коштанд.

Ӯ чу завқи ростӣ дид аз кином,
Бе такаббур ростиро шуд ғулом.

## Даъвои товусӣ кардани он шағол, ки дар хуми саббоғ афтода буд

В-он шағоли ранг-ранг омад ниҳуфт,
Бар буногӯши маломатгар бигуфт:
«Бингар, охир, дар ману дар ранги ман,
Як санам чун ман надорад худ шаман.
Чун гулистон гаштаам садрангу х(в)аш,
Мар маро саҷда кун, аз ман сар макаш.
Карру фарру обу тобу ранг бин,
Фахри дунё хон марову рукни дин.
Мазҳари лутфи худоӣ гаштаам,
Лавҳи шарҳи кибриёӣ гаштаам.
Эй шағолон! Ҳин, махонедам шағол,
Кай шағолеро бувад чандин ҷамол?»
Он шағолон омаданд он ҷо ба ҷамъ,
Ҳамчу парвона ба гирдогирди шамъ:
«Пас, чӣ хонемат? Бигӯ, эй ҷавҳарӣ»,
Гуфт: «Товуси нари чун Муштарӣ».
Пас бигуфтандаш, ки товусони ҷон
Ҷилваҳо доранд андар гулситон.
Ту чунон ҷилва кунӣ? Гуфто, ки «не,
Бодия норафта, чун кӯбам Минӣ?
«Бонги товусон кунӣ? Гуфто, ки «ло»,
«Пас найӣ товус, хоҷа булъало!
Хилъати товус ояд з-осмон,
Кай расӣ аз рангу даъвиҳо бад-он?»

## Ташбеҳи Фиръавн ва даъвии улуҳияти ӯ бад-он шағол, ки даъвои товусӣ мекард

Ҳамчу Фиръавне мурассаъ карда риш,
Бартар аз Исо парида аз хариш.
Ӯ ҳам аз насли шағоли мода зод,
Дар хуми молею ҷоҳе дарфитод.
Ҳар кӣ дид он ҷоҳу молаш, саҷда кард,
Саҷдаи афсӯсиёнро ӯ бих(в)ард.
Гашт мастак он гадои жандадалқ
Аз суҷуду аз таҳаййурҳои халқ.
Мол мор омад, ки дар вай заҳрҳост
В-он қабулу саҷдаи халқ аждаҳост.

Ҳой! Эй Фиръавн! Номусе макун,
Ту шағолӣ, ҳеч товусӣ макун.
Сӯйи товусон агар пайдо шавӣ,
Оҷизӣ аз ҷалваву расво шавӣ.
Мӯсию Ҳорун чу товусон буданд,
Парри ҷилва бар сару рӯят заданд.
Зиштият пайдо шуду расвоият,
Сарнигун афтодӣ аз болоият.
Чун миҳак дидӣ, сияҳ гаштӣ чу қалб,
Нақши шере рафту пайдо гашт калб.
Эй саги гаргини зишт! Аз ҳирсу ҷӯш
Пӯстини шерро бар худ мапӯш!
Ғурраи шерат бихоҳад имтиҳон,
Нақши шеру он гаҳ ахлоқи сагон.

## Тафсири «Ва латаърифаннаҳум фӣ лаҳни-л-қавл»

Гуфт Яздон мар набиро дар масоқ
Як нишоне саҳлтар з-аҳли нифоқ.
Гар мунофиқ зафт бошад, нағзу ҳавл,
Вошиносӣ мар варо дар лаҳни қавл.
Чун сафолин кӯзаҳоро мехарӣ,
Имтиҳоне мекунӣ, эй муштарӣ.
Мезанӣ дасте бар он кӯза чаро?
То шиносӣ аз танин ишкастаро.
Бонги ишкаста дигаргун мебувад,
Бонги човуш аст, пешаш меравад.
Бонг меояд, ки таърифаш кунад,
Ҳамчу масдар, феъл тасрифаш кунад.
Чун ҳадиси имтиҳон рӯйе намуд,
Ёдам омад қиссаи Ҳорут зуд:

## Қиссаи Ҳоруту Морут ва далерии эшон бар имтиҳоноти Ҳақ таъоло

Пеш аз ин, з-он гуфта будем андаке,
Худ чӣ гӯем? Аз ҳазоронаш яке.
Хостам гуфтан дар он таҳқиқҳо,
То кунун вомонд аз таъвиқҳо.
Ҳамлаи дигар зи бисёраш қалил,
Гуфта ояд, шарҳи як узве зи пил.
Гӯш кун Ҳорутро, Морутро,
Эй ғулому чокарон мо рӯтро.

Маст буданд аз тамошои Илоҳ,
В-аз аҷоибҳои истидроҷи шоҳ.
Инчунин мастист з-истидроҷи Ҳақ,
То чӣ мастиҳо кунад меъроҷи Ҳақ.
Донаи домаш чунин мастӣ намуд,
Хони инъомаш чиҳо донад гушуд?
Маст буданду раҳида аз каманд,
Ҳой-ҳуи ошиқона мезаданд.
Як камину имтиҳон дар роҳ буд,
Сарсараш чун коҳ кухро мерабуд.
Имтиҳон мекардашон зеру забар,
Кай бувад сармастро з-инҳо хабар?
Хандақу майдон ба пеши ӯ якест,
Чоҳу хандақ пеши ӯ хуш маслакест.
Он бузи кӯҳӣ бар он кӯҳи баланд
Бардавад аз баҳри хӯрде бегазанд.
То алаф чинад, бибинад ногаҳон
Бозии дигар зи ҳукми осмон.
Бар куҳе дигар барандозад назар,
Модабуз бинад бар он кӯҳи дигар.
Чашми ӯ торик гардад дарзамон,
Барҷаҳад сармаст з-ин куҳ то бад-он.
Ончунон наздик бинмояд варо,
Ки давидан гирди болуъай саро.
Он ҳазорон газ ду газ бинмоядаш,
То зи мастӣ майли ҷастан оядаш.
Чунки бичҳад, дарфитад андар миён
Дар миёни ҳар ду кӯҳи беамон.
Ӯ зи сайёдон ба куҳ бигрехта,
Худ паноҳаш хуни ӯро рехта.
Шиста сайёдон миёни он ду кӯҳ,
Интизори ин қазои бошукӯҳ.
Бошад ағлаб сайди ин буз ҳам чунин
Варна чолок асту чусту хасмбин.
Рустам арчи бо сару сиблат бувад,
Доми погираш яқин шаҳват бувад.
Ҳамчу ман аз мастии шаҳват бибур,
Мастии шаҳват бибин андар шутур.
Боз ин мастии шаҳват дар ҷаҳон,
Пеши мастии малак дон мустаҳон!
Мастии он мастии ин бишканад,
Ӯ ба шаҳват илтифоте кай кунад?
Оби ширин то нахӯрдӣ, оби шӯр
Хуш бувад, хуш, чун даруни дида нур.
Қатрае аз бодҳои осмон
Барканад ҷонро зи май в-аз соқиён.

То чӣ мастиҳо бувад амлокро
В-аз ҷалолат рӯҳҳои покро,
Ки ба бӯйе дил дар он май бастаанд,
Хумми бодай ин ҷаҳон бишкастаанд.
Ҷуз магар онҳо, ки навмеданду дур
Ҳамчу куффоре ниҳуфта дар қубур.
Ноумед аз ҳар ду олам гаштаанд,
Хорҳои бениҳоят киштаанд.
Пас зи мастиҳо бигуфтанд: «Эй дареғ,
Бар замин борон бидодеме чу меғ.
Густаридеме дар ин бедод ҷо
Адлу инсофу ибодоту вафо».
Ин бигуфтанду қазо мегуфт: «Бист,
Пеши потон доми нопайдо басест.
Ҳин, мадав густох дар дашти бало,
Ҳин марон кӯрона андар Карбало,
Ки зи мӯю устухони ҳоликон
Менаёбад роҳ пойи соликон.
Ҷумлаи роҳ устухону мӯю пай,
Баски теғи қаҳри лошай кард шай.
Гуфт Ҳақ, ки бандагони ҷуфти авн,
Бар замин оҳиста меронанду ҳавн.
Побараҳна чун равад дар хорзор?
Ҷуз ба вақфу фикрату парҳезгор.
Ин қазо мегуфт, лекин гӯшашон
Баста буд андар ҳиҷоби ҷӯшашон.
Чашмаҳову гӯшҳоро бастаанд,
Ҷуз мар онҳоро, ки аз худ растаанд.
Ҷуз иноят кӣ гушояд чашмро?
Ҷуз муҳаббат кӣ нишонад чашмро?
Ҷаҳди бетавфиқ худ касро мабод,
Дар ҷаҳон, валлоҳу аълам би-с-садод.

## Қиссаи хоб дидани Фиръавн омадани Мӯсоро, алайҳиссалом ва тадорук андешидан

Ҷаҳди фиръавнӣ чу бетавфиқ буд,
Ҳарчи ӯ медӯхт, он тафтиқ буд.
Аз мунаҷҷим буд дар ҳукмаш ҳазор
В-аз муаббир низу соҳир бешумор.
Мақдами Мӯсо намудандаш ба хоб,
Ки кунад Фиръавну мулкашро хароб.
Бо муаббир гуфту бо аҳли нуҷум:
«Чун бувад дафъи хаёлу хоби шум?»
Ҷумла гуфтандаш, ки тадбире кунем,
Роҳи зоданро чу раҳзан мезанем.

То расид он шаб, ки мавлид буд он,
Рой ин диданд он фиръавниён,
Ки бурун оранд он рӯз аз пагоҳ
Сӯйи майдон базму тахти подшоҳ:
«Ас-сало, эй ҷумла исроилиён,
Шоҳ мехонад шуморо з-он макон.
То шуморо рӯ намояд бе ниқоб,
Бар шумо эҳсон кунад баҳри савоб»,
К-он асиронро ба ҷуз дурӣ набуд,
Дидани Фиръавн дастурӣ набуд.
Гар фитодандӣ ба раҳ дар пеши ӯ,
Баҳри он ёса бихуфтандӣ ба рӯ.
Ёса ин буд, ки набинад ҳеч асир
Дар гаҳу бегаҳ лиқои он амир.
Бонги човушон чу дар раҳ бишнавад,
То набинад, рӯ ба деворе кунад.
В-ар бибинад рӯйи ӯ, муҷрим бувад,
Он чи баттар, бар сари ӯ он равад.
Будашон ҳирси лиқои мумтанеъ,
Чун ҳарис аст одамӣ «фӣ мо мунеъ».

## Ба майдон хондан банӣ Исроилро барои ҳилаи манъи вилодати Мӯсо, алайҳиссалом

Эй асирон! Сӯйи майдонгаҳ равед,
К-аз шаҳаншаҳ дидану ҷуд аст умед.
Чун шуниданд мужда исроилиён,
Ташнагон буданду бас муштоқи он,
Ҳиларо хӯрданду он сӯ тохтанд,
Хештанро баҳри ҷилва сохтанд.

## Ҳикоят

Ҳамчунин к-ин ҷо муғули ҳиладон
Гуфт: «Меҷӯям касе аз мисриён.
Мисриёнро ҷамъ оред ин тараф,
То дарояд, он ки мебояд ба каф».
Ҳар кӣ меомад, бигуфто: «Нест ин,
Ҳин! Даро, хоҷа! Дар ин гӯша нишин».
То бад-ин шева ҳама ҷамъ омаданд,
Гардани эшон бад-ин ҳилат заданд.
Шумии он ки суйи бонги намоз,
Доъӣ Аллаҳро набурдандӣ ниёз.
Даъвати маккорашон андаркашид,
Ал-ҳазар аз макри шайтон, эй рашид!

Бонги дарвешону муҳтоҷон бинуш,
То нагирад бонги муҳтолет гӯш.
Гар гадоён томеъанду зиштхӯ,
Дар шикамхорон ту соҳибдил биҷӯ.
Дар таги дарё гуҳар бо сангҳост,
Фахрҳо андар миёни нангҳост.
Пас биҷӯшиданд исроилиён
Аз пагаҳ, то ҷониби майдон давон.
Чун ба ҳилатшон ба майдон бурд ӯ,
Рӯйи худ бинмудашон бас тозарӯ.
Кард дилдорию бахшишҳо бидод,
Ҳам ато, ҳам ваъдаҳо кард он қубод.
Баъд аз он гуфт: «Аз барои ҷонатон
Ҷумла дар майдон бихусбед имшабон».
Посухаш доданд, ки хидмат кунем,
Гар ту хоҳӣ, як маҳ ин ҷо сокинем.

## Бозгаштани Фиръавн аз майдон ба шаҳр шод ба тафриқи банӣ Исроил аз занонашон дар шаби ҳамл

Шаҳ шабонгаҳ бозомад шодмон,
К-имшаб он ҳамл асту дуранд аз занон.
Хозинаш Имрон ҳам андар хидматаш,
Ҳам ба шаҳр омад, қарини суҳбаташ.
Гуфт: «Эй Имрон! Бар ин дар хусп ту,
Ҳин, марав сӯйи зану суҳбат маҷӯ».
Гуфт: «Хуспам ҳам бар ин даргоҳи ту,
Ҳеч н-андешам ба ҷуз дилхоҳи ту».
Буд Имрон ҳам зи исроилиён,
Лек мар Фиръавнро дил буду ҷон.
Кай гумон бурдӣ, ки ӯ исён кунад?
Он ки хавфи ҷони Фиръавн, он кунад.

## Ҷамъ омадани Имрон ба модари Мӯсо, ва ҳомила шудани модари Мӯсо, алайҳиссалом

Шаҳ бирафту ӯ бар он даргоҳ хуфт,
Нимшаб омад пайи дидан-ш ҷуфт.
Зан бар ӯ афтоду бӯсид он лабаш,
Барҷаҳонидаш зи хоб андар шабаш.
Гашт бедор ӯву занро дид х(в)аш,
Бӯсаборон кард аз лаб бар лабаш.
Гуфт Имрон: «Ин замон чун омадӣ?»
Гуфт: «Аз шавқу қазои эзадӣ».

Даркашидаш дар канор аз меҳр мард,
Барнаёмад бо худ он дам дар набард.
Ҷуфт шуд бо ӯ, амонатро супурд,
Пас бигуфт: «Эй зан! На ин корест хурд.
Оҳане бар санг зад, зод оташе,
Оташе аз шоҳу мулкаш кинкаше.
Ман чу абрам, ту замин, Мӯсо набот,
Ҳақ шаҳи шатранҷу мо мотем, мот.
Моту бурд аз шоҳ медон, эй арӯс!
Он мадон аз мо, макун бар мо фусӯс.
Он чи ин Фиръавн метарсид аз ӯ,
Ҳаст шуд ин дам, ки гаштам ҷуфти ту».

## Васийят кардани Имрон ҷуфти худро баъд аз муҷомиъат, ки маро надида бошӣ!

Вомагардон, ҳеч аз инҳо дам мазан,
То наёяд бар ману ту сад ҳазан.
Оқибат пайдо шавад осори ин,
Чун аломатҳо расид, эй нозанин!
Дарзамон аз сӯйи майдон наъраҳо
Мерасид аз халқу пур мешуд ҳаво.
Шоҳ аз он ҳайбат бурун ҷаст он замон,
Побараҳна, к-ин чӣ ғулғулҳост? Ҳон?
Аз суйи майдон чӣ бонг асту ғирев?
К-аз ниҳебаш мерамад ҷиннию дев».
Гуфт Имрон: «Шоҳи моро умр бод,
Қавми исроилиёнанд аз ту шод.
Аз атои шоҳ шодӣ мекунанд,
Рақс меоранду кафҳо мезананд».
Гуфт: «Бошад к-ин бувад, аммо валек
Ваҳму андеша маро пур кард нек.

## Тарсидани Фиръавн аз он бонг

Ин садо ҷони маро тағйир кард,
Аз ғаму андӯҳи талхам пир кард».
Пеш меомад, сипас мерафт шаҳ,
Ҷумла шаб, ӯ ҳамчу ҳомил вақти заҳ.
Ҳар замон мегуфт: «Эй Имрон! Маро
Сахт аз ҷо бурдааст ин наъраҳо».
Заҳра на Имрони мискинро, ки то
Бозгӯяд ихтилоти ҷуфтро,
Ки зани Имрон ба Имрон дарҳазид,
То ки шуд истораи Мӯсо падид.

Ҳар паямбар, ки дарояд дар раҳим,
Наҷми ӯ бар чарх гардад мунтаҷим.

## Пайдо шудани ситораи Мӯсо, алайҳиссалом дар осмон ва ғиреви мунаҷҷимон дар майдон

Бар фалак пайдо шуд он исторааш
Кӯрии Фиръавну макру чорааш.
Рӯз шуд, гуфташ, ки эй Имрон, бирав,
Воқифи он ғулғулу он бонг шав.
Ронд Имрон ҷониби майдону гуфт:
«Ин чӣ ғулғул буд? Шоҳаншаҳ нахуфт».
Ҳар мунаҷҷим сарбараҳна, ҷомачок,
Ҳамчу асҳоби азо бӯсид хок.
Ҳамчу асҳоби азо овозашон
Буд гирифта аз фиғону созашон.
Ришу мӯ барканда, рӯ бидридагон,
Хок бар сар карда, хун пур дидагон.
Гуфт: «Хайр аст! Ин чӣ ошӯб асту ҳол?
Бад нишоне медиҳад манҳус сол».
Узр оварданду гуфтанд: «Эй амир!
Кард моро дасти тақдираш асир.
Ин ҳама кардему давлат тира шуд,
Душмани шаҳ ҳаст гашту чира шуд.
Шаб ситорай он писар омад аён
Кӯрии мо, бар ҷабини осмон.
Зад ситорай он паямбар бар само,
Мо ситорабор гаштем аз буко».
Бо дили хуш шод Имрон в-аз нифоқ
Даст бар сар мебизад, к-оҳ, ал-фироқ.
Кард Имрон хеш пурхашму туруш,
Рафт чун девонагон бе ақлу ҳуш.
Хештанро аъҷамӣ карду биронд,
Гуфтаҳои бас хашин бар ҷамъ хонд.
Хештанро туршу ғамгин сохт ӯ,
Нардҳои божгуна бохт ӯ.
Гуфташон: «Шоҳи маро бифрефтед?
Аз хиёнат в-аз тамаъ нашкефтед?
Сӯйи майдон шоҳро ангехтед,
Обрӯйи шоҳи моро рехтед.
Даст бар сина задет андар замон:
Шоҳро мо фориғ орем аз ғамон».
Шоҳ ҳам бишниду гуфт: «Эй хоинон,
Ман баровезам шуморо беамон.

Хешро дар мазҳака андохтам,
Молҳо бо душманон дарбохтам,
То ки имшаб ҷумла исроилиён
Дур монданд аз мулоқоти занон.
Мол рафту обрӯву кор хом,
Ин бувад ёрию афъоли кором?
Солҳо идрору хилъат мебаред,
Мамлакатҳоро мусаллам мех(в)аред.
Роятон ин буду фарҳангу нуҷум?
Таблхоронеду маккореду шум.
Ман шуморо бардарам в-оташ занам,
Бинию гӯшу лабонтон барканам.
Ман шуморо ҳезуми оташ кунам,
Айши рафта бар шумо нох(в)аш кунам».
Саҷда карданду бигуфтанд: «Эй хидев!
Гар яке каррат зи мо чарбид дев,
Солҳо дафъи балоҳо кардаем,
Ваҳм ҳайрон, з-он чи моҳо кардаем.
Фавт шуд аз мову ҳамлаш шуд падид,
Нутфааш часту раҳим-андар хазид.
Лек истиғфори ин рӯзи вилод
Мо нигаҳ дорем, эй шоҳу қубод.
Рӯзи милодаш расад бандем мо,
То нагардад фавту наҷҳад ин қазо.
Гар надорем ин нигаҳ, моро бикуш,
Эй ғуломи ройи ту афкору ҳуш».
То ба нуҳ маҳ мешумурд ӯ рӯз-рӯз,
То напаррад тири ҳукми хасмдӯз.
Чун макон бар ломакон ҳамла барад,
Сарнигун ояд, зи хуни худ х(в)арад.
Чун замин бо осмон хасмӣ кунад,
Шӯра гардад, сар зи марге барзанад.
Нақш бо наққош панҷа мекунад,
Сиблатону риши худ бармеканад.

## Хондани Фиръавн занони навзодаро сӯйи майдон ҳам ҷиҳати макр

Баъди нуҳ маҳ шаҳ бурун овард тахт,
Сӯйи майдону мунодӣ кард сахт,
К-эй занон! Бо тифлакон майдон равед,
Ҷумла исроилиён берун шавед.
Ончунон ки пор мардонро расид,
Хилъату ҳар кас аз эшон зар кашид.
Ҳин, занон! Имсол иқболи шумост,
То биёбад ҳар касе чизе, ки хост.

Мар занонро хилъату силлат диҳад,
Кӯдаконро ҳам кулоҳи зар ниҳад.
Ҳар кӣ ӯ ин моҳ зойидаст, ҳин!
Ганҷҳо гиред аз шоҳи макин.
Он занон бо тифлакон берун шуданд,
Шодмон то хаймаи шаҳ омаданд.
Ҳар зани навзода берун шуд зи шаҳр
Сӯйи майдон, ғофил аз дастону қаҳр.
Чун занон ҷумла бад-ӯ гирд омаданд,
Ҳар чӣ буд он нар, зи модар бистаданд.
Сар буридандаш, ки ин аст эҳтиёт,
То нарӯяд хасму нафзояд хубот.

## Ба вуҷуд омадани Мӯсо ва омадани авонон ба хонаи Имрон ва ваҳй омадан ба модари Мӯсо, ки Мӯсоро дар оташ андоз

Худ зани Имрон, ки Мӯсо бурда буд,
Доман андарчид аз он ошӯбу дуд.
Он занони қобила дар хонаҳо
Баҳри ҷосусӣ фиристод он даға.
Ғамз кардандаш, ки ин ҷо кӯдакест,
Н-омад ӯ майдон, ки дар ваҳму шакест.
Андар ин кӯча яке зебо занест,
Кӯдаке дорад, валекин пурфанест.
Пас авонон омаданд, ӯ тифлро
Дар танӯр андохт аз амри Худо.
Ваҳй омад сӯйи зан з-он бохабар,
Ки зи асли он Халил аст ин писар.
Исмати «Ё нору кунӣ боридан»,
«Ло такуну-н-нору ҳарран шоридан».
Зан ба ваҳй андохт ӯро дар шарар,
Бар тани Мӯсо накард оташ асар.
Пас авонон бемурод он сӯ шуданд,
Боз ғаммозон, к-аз он воқиф буданд,
Бо авонон моҷаро бардоштанд
Пеши Фиръавн аз барои донг чанд,
К-эй авонон! Бозгардед он тараф,
Нек некӯ бингаред андар ғураф.

## Ваҳй омадан ба модари Мӯсо, ки Мӯсоро дар об афган

Боз ваҳй омад, ки дар обаш фиган,
Рӯй дар уммед дору мӯ макан.

Дарфиган дар Нилашу кун эътимед,
Ман туро дар вай расонам рӯсапед.
Ин сухан поён надорад, макрҳош
Ҷумла мепечид ҳам дар соқу пош.
Сад ҳазорон тифл мекушт ӯ бурун,
Мӯсӣ андар садри хона, дар дарун.
Аз ҷунун мекушт, ҳар ҷо буд ҷанин,
Аз ҳиял он кӯрчашми дурбин.
Аждаҳо буд макри Фиръавни ануд,
Макри шоҳони ҷаҳонро хӯрда буд.
Лек аз ӯ фиръавнтар омад падид,
Ҳам варо, ҳам макри ӯро даркашид.
Аждаҳо буду асо шуд аждаҳо,
Ин бихӯрд онро ба тавфиқи Худо.
Даст шуд болои даст, ин то куҷо?
То ба Яздон, ки «илайҳи-л-мунтаҳо»,
К-он яке дарёст беғавру карон,
Ҷумла дарёҳо чу селе пеши он.
Ҳилаҳову чораҳо гар аждаҳост,
Пеши «иллаллоҳ» онҳо ҷумла «ло»-ст.
Чун расид ин ҷо баёнам, сар ниҳод,
Маҳв шуд, «валлоҳу аълам биррашод».
Он чи дар Фиръавн буд, он дар ту ҳаст,
Лек аждарҳот маҳбуси чаҳ аст.
Эй дареғ, ин ҷумла аҳволи ту аст,
Ту бар он Фиръавн бархоҳиш баст.
Гар зи ту гӯянд, ваҳшат зоядат
В-ар зи дигар, афсон бинмоядат.
Чӣ харобат мекунад? Нафси лаъин,
Дур меандозадат сахт ин қарин.
Оташатро ҳезуми Фиръавн нест
В-арна чун Фиръавн ӯ шуълазанест.

## Ҳикояти моргир, ки аждаҳои фасурдаро мурда пиндошт, дар ресмонҳош печид ва овард ба Бағдод

Як ҳикоят бишнав аз таърихгӯй,
То барӣ з-ин рози сарпӯшида бӯй.
Моргире рафт сӯйи кӯҳсор,
То бигирад ӯ ба афсунҳош мор.
Гар гарону гар шитобанда бувад,
Он ки ҷӯяндаст, ёбанда бувад.
Дар талаб зан доимо ту ҳар ду даст,
Ки талаб дар роҳ некӯ раҳбар аст.
Лангу луку хуфташаклу беадаб
Сӯйи ӯ меғежу ӯро металаб.

Гаҳ ба гуфту гаҳ ба хомӯшию гаҳ
Бӯй кардан гир, ҳар сӯ бӯйи шаҳ.
Гуфт он Яъқуб бо авлоди хеш:
«Ҷустани Юсуф кунед аз ҳадд беш.
Ҳар ҳиси худро дар ин ҷустан ба ҷидд
Ҳар тараф ронед, шакли мустаъидд».
Гуфт: «Аз рӯҳи Худо ло таъясу»,
Ҳамчу гумкардаписар, рав сӯ ба сӯ.
Аз раҳи ҳисси даҳон пурсон шавед,
Гӯшро бар чор роҳи он ниҳед.
Ҳар куҷо бӯйи хуш ояд, бӯ баред,
Сӯйи он сир, к-ошнои он саред.
Ҳар куҷо лутфе бибинӣ аз касе,
Сӯйи асли лутф раҳ ёбӣ асӣ.
Ин ҳама хушҳо зи дарёест жарф,
Ҷузвро бигзору бар кул дор тарф.
Ҷангҳои халқ баҳри хубӣ аст,
Барги бебаргӣ нишони Тӯбӣ аст.
Хашмҳои халқ баҳри оштист,
Доми роҳат доимо бероҳатист.
Ҳар задан баҳри навозишро бувад,
Ҳар гила аз шукр огаҳ мекунад.
Бӯй бар аз ҷузв то кулл, эй карим!
Бӯй бар аз зидд то зидд, эй ҳаким!
Ҷангҳо ме оштӣ орад дуруст,
Моргир аз баҳри ёрӣ мор ҷуст.
Баҳри ёрӣ мор ҷӯяд одамӣ,
Ғам хурад баҳри ҳарифи беғамӣ.
Ӯ ҳамеҷустӣ яке море шигарф,
Гирди кӯҳистону дар айёми барф.
Аждаҳое мурда дид он ҷо азим,
Ки дилаш аз шакли ӯ шуд пур зи бим.
Моргир андар зимистони шадид
Мор меҷуст, аждаҳое мурда дид.
Моргир аз баҳри ҳайронии халқ
Мор гирад, ин-т нодонии халқ.
Одамӣ кӯҳест, чун мафтун шавад?
Кӯҳ андар мор ҳайрон чун шавад?
Хештан нашнохт мискин одамӣ,
Аз фузунӣ омаду шуд дар камӣ.
Хештанро одамӣ арзон фурӯхт,
Буд атлас, хеш бар далқе бидӯхт.
Сад ҳазорон мору кӯҳ ҳайрони ӯст,
Ӯ чаро ҳайрон шудасту мордӯст?
Моргир он аждаҳоро баргирифт,
Сӯйи Бағдод омад аз баҳри шигифт.

Аждаҳое чун сутуни хонае,
Мекашидаш аз пайи донгонае,
К-аждаҳои мурдае овардаам,
Дар шикораш ман ҷигарҳо х(в)ардаам.
Ӯ ҳаме мурда гумон бурдаш, валек
Зинда буду ӯ надидаш нек-нек.
Ӯ зи сармоҳову барф афсурда буд,
Зинда буду шакли мурда менамуд.
Олам афсурдасту номи ӯ ҷамод,
Ҷомиди афсурда буд, эй устод!
Бош, то хуршеди ҳашр ояд аён,
То бибинӣ ҷунбиши ҷисми ҷаҳон.
Чун асои Мӯсӣ ин ҷо мор шуд,
Ақлро аз сокинон ихбор шуд.
Пораи хоки «ту»-ро чун мард сохт,
Хокҳоро ҷумлагӣ шояд шинохт.
Мурда з-ин сӯянду з-он сӯ зиндаанд,
Хомуш ин ҷо в-он тараф гӯяндаанд.
Чун аз он сӯшон фиристад сӯйи мо,
Он асо гардад суйи мо аждаҳо.
Кӯҳҳо ҳам лаҳни довудӣ кунад,
Ҷавҳари оҳан ба каф муме бувад.
Бод ҳаммоли Сулаймоне шавад,
Баҳр бо Мӯсо сухандоне шавад.
Моҳ бо Аҳмад ишоратбин шавад,
Нор Иброҳимро насрин шавад.
Хок Қорунро чу море даркашад,
Устуни ҳаннона ояд дар рашад.
Санг бар Аҳмад саломе мекунад,
Кӯҳ Яҳёро паёме мекунад.
Мо самеъему басирему хушем,
Бо шумо номаҳрамон мо хомушем.
Чун шумо сӯйи ҷамодӣ меравед,
Маҳрами ҷони ҷамодон чун шавед?
Аз ҷамодӣ олами ҷонҳо равед,
Ғулғули аҷзои олам бишнавед.
Фош ташбеҳи ҷамодот оядат,
Васвасай таъвилҳо нарбоядат.
Чун надорад ҷони ту қандилҳо,
Баҳри биниш кардаӣ таъвилҳо,
Ки ғараз тасбеҳи зоҳир кай бувад?
Даъвии дидан хаёли ғай бувад.
Балки мар бинандаро дидори он
Вақти ибрат мекунад тасбеҳхон.
Пас, чу аз тасбеҳ ёдат медиҳад,
Он далолат ҳамчу гуфтан мебувад.

Ин бувад таъвили аҳли эътизол
В-они он кас, к-ӯ надорад нури ҳол.
Чун зи ҳис берун наёмад одамӣ,
Бошад аз тасвири ғайбӣ аъҷамӣ.
Ин сухан поён надорад. Моргир
Мекашид он морро бо сад заҳир.
То ба Бағдод омад он ҳангомаҷӯ,
То ниҳад ҳангомае бар чор сӯ.
Бар лаби шат мард ҳангома ниҳод,
Ғулғула дар шаҳри Бағдод уфтод:
«Моргире аждаҳо овардааст,
Булъаҷаб нодир шикоре кардааст».
Ҷамъ омад сад ҳазорон хомриш
Сайди ӯ гашта, чу ӯ аз аблаҳиш.
Мунтазир эшону ҳам ӯ мунтазир,
То ки ҷамъ оянд халқи мунташир.
Мардуми ҳангома афзунтар шавад,
Кудяву тавзеъ некӯтар равад.
Ҷамъ омад сад ҳазорон жожхо,
Ҳалқа карда пушти по бар пушти по.
Мардро аз зан хабар на з-издиҳом,
Рафта дар ҳам чун қиёмат хосу ом.
Чун ҳаме ҳурроқа ҷунбонид ӯ,
Мекашиданд аҳли ҳангома гулӯ.
В-аждаҳо, к-аз замҳарир афсурда буд,
Зери сад гуна палосу парда буд.
Баста будаш бо расанҳои ғализ,
Эҳтиёте карда будаш он ҳафиз.
Дар диранги интизору иттифоқ,
Тофт бар он мор хуршеди Ироқ.
Офтоби гарм сераш гарм кард,
Рафт аз аъзои ӯ ахлоти сард.
Мурда буду зинда гашт ӯ аз шигифт,
Аждаҳо бар хеш ҷунбидан гирифт.
Халқро аз ҷунбиши он мурда мор
Гашташон он як таҳайюр сад ҳазор.
Бо таҳайюр наъраҳо ангехтанд,
Ҷумлагон аз ҷунбишаш бигрехтанд.
Месукуст ӯ банду з-он бонги баланд
Ҳар тараф мерафт чоқочоқи банд.
Бандҳо бискусту берун шуд зи зер
Аждаҳое зишт, ғуррон ҳамчу шер.
Дар ҳазимат бас халоиқ кушта шуд,
Аз фитода-в куштагон сад пушта шуд.
Моргир аз тарс бар ҷо хушк гашт,
Ки чӣ овардам ман аз куҳсору дашт?

Гургро бедор кард он кӯрмеш,
Рафт нодон сӯйи Азроили хеш. 1050
Аждаҳо як луқма кард он гичро,
Саҳл бошад хунхурӣ Ҳаҷҷоҷро.
Хешро бар устуне печиду баст,
Устухони хӯрдаро дар ҳам шикаст.
Нафсат аждарҳост, ӯ кай мурдааст?
Аз ғаму беолатӣ афсурдааст.
Гар биёбад олати Фиръавн ӯ,
Ки ба амри ӯ ҳамерафт оби ҷӯ,
Он гаҳ ӯ бунёди фиръавнӣ канад,
Роҳи сад Мӯсову сад Ҳорун занад. 1055
Кирмак аст он аждаҳо аз дасти факр,
Пашшае гардад зи ҷоҳу мол сакр.
Аждаҳоро дор дар барфи фироқ,
Ҳин, макаш ӯро ба хуршеди Ироқ.
То фисурда мебувад он аждаҳот,
Луқмаи ӯйӣ, чу ӯ ёбад наҷот.
Мот кун ӯрову омин шав зи мот,
Раҳм кам кун, нест ӯ з-аҳли силот,
К-он тафи хуршед шаҳват барзанад,
Он хуфоши мурдарегат пар занад. 1060
Мекашонаш дар ҷиҳоду дар қитол,
Мардвор «Аллоҳу юҷзика-л-висол».
Чунки он мард аждаҳоро оварид,
Дар ҳавои гарм, хуш шуд он марид.
Лоҷарам он фитнаҳо кард, эй азиз,
Бист ҳамчандон ки мо гуфтем, низ.
Ту тамаъ дорӣ, ки ӯро бе ҷафо
Баста дорӣ дар виқору дар вафо?
Ҳар хасеро ин таманно кай расад?
Мӯсие бояд, ки аждарҳо кушад. 1065
Сад ҳазорон халқ з-аждарҳои ӯ
Дар ҳазимат кушта шуд аз рои ӯ.

## Таҳдид кардани Фиръавн Мӯсоро, алайҳиссалом

Гуфт Фиръавнаш: «Чаро ту, эй Калим,
Халкро куштию афгандӣ ту бим?
Дар ҳазимат аз ту афтоданд халқ,
Дар ҳазимат кушта шуд мардум зи залқ.
Лоҷарам мардум туро душман гирифт,
Кини ту дар сина марду зан гирифт.
Халкро мехондӣ, баръакс шуд,
Аз хилофат мардумонро нест буд. 1070

Ман ҳам аз шаррат агар пас мехазам,
Дар мукофоти ту деге мепазам.
Дил аз ин баркан, ки бифребӣ маро,
Ё ба ҷуз фай, пасравӣ гардад туро.
Ту бад-он ғарра машав, к-иш сохтӣ,
Дар дили халқон ҳарос андохтӣ.
Сад чунин орию ҳам расво шавӣ,
Хор гардӣ, зуҳкаи ғавғо шавӣ.
Ҳамчу ту солус бисёрон буданд,
Оқибат дар Мисри мо расво шуданд».

## Ҷавоби Мӯсо Фиръавнро дар таҳдиде, ки мекардаш

Гуфт: «Бо амри Ҳақам ишрок нест,
Гар бирезад хунам амраш, бок нест.
Розиям ман, шокирам ман, эй ҳариф!
Ин тараф расвову пеши Ҳақ шариф.
Пеши халқон хору зору ришханд,
Пеши Ҳақ маҳбубу матлубу писанд.
Аз сухан мегӯям ин, в-арна Худо
Аз сияҳрӯён кунад фардо туро.
Иззат они ӯст в-они бандагон-ш,
З-Одаму Иблис бармехон нишон-ш.
Шарҳи Ҳақ поён надорад ҳамчу Ҳақ,
Ҳин, даҳон барбанду баргардон варақ».

## Посухи Фиръавн Мӯсоро, алайҳиссалом

Гуфт Фиръавнаш: «Варақ дар ҳукми мост,
Дафтару девони ҳукм ин дам мාрост.
Мар маро бихридаанд аҳли ҷаҳон,
Аз ҳама оқилтарӣ ту, эй фалон?
Мӯсиё! Худро харидӣ, ҳин! Бирав
Хештан кам бин, ба худ ғарра машав.
Ҷамъ орам соҳирони даҳрро,
То ки ҷаҳли ту намоям шаҳрро.
Ин нахоҳад шуд ба як рӯзу ду рӯз,
Муҳлатам деҳ то чиҳил рӯзи тамуз».

## Ҷавоби Мӯсо, алайҳиссалом, Фиръавнро

Гуфт Мӯсо: «Ин маро дастур нест,
Бандаам, имҳоли ту маъмур нест.
Гар ту чирию маро худ ёр нест,
Бандафармонам, бад-онам кор нест.

Мезанам бо ту ба ҷид, то зиндаам,
Ман чикорай нусратам? Ман бандаам.
Мезанам, то даррасад ҳукми Худо,
Ӯ кунад ҳар хасм аз хасме ҷудо».

## Ҷавоби Фиръавн Мӯсоро ва ваҳй омадан Мӯсоро, алайҳиссалом

Гуфт: «На, на, муҳлатам бояд ниҳод,
Ишваҳо кам деҳ ту, кам паймой бод».
Ҳақ таъоло ваҳй кардаш дарзамон:
«Муҳлаташ деҳ муттасеъ, маҳрос аз он.
Ин чиҳил рӯзаш бидеҳ муҳлат ба тавъ,
То сиголад макрҳо ӯ навъ-навъ.
То бикӯшад ӯ, ки не ман хуфтаам,
Тез рав гӯ, пеши раҳ бигрифтаам.
Ҳилаҳошонро ҳама бар ҳам занам
В-он чи афзоянд, ман бар кам занам.
Обро оранду ман оташ кунам,
Нӯшу хуш гиранду ман нох(в)аш кунам.
Меҳр пайванданду ман вайрон кунам,
Он ки андар ваҳм н-оранд, он кунам.
Ту матарсу муҳлаташ деҳ думдароз,
Гӯ, сипаҳ гирд ору сад ҳилат бисоз».

## Муҳлат додани Мӯсо, алайҳиссалом, Фиръавнро, то соҳиронро ҷамъ кунад аз Мадоин

Гуфт: «Амр омад. Бирав. Муҳлат туро,
Ман ба ҷойи худ шудам, растӣ зи мо».
Ӯ ҳамешуд в-аждаҳо андар ақиб
Чун саги сайёд донову муҳиб.
Чун саги сайёд ҷунбон карда дум,
Сангро мекард рег ӯ зери сум.
Сангу оҳанро ба дам дармекашид,
Хурд мехойид оҳанро падид.
Дар ҳаво мекард худ болои бурҷ,
Ки ҳазимат мешуд аз вай Руму Гурҷ.
Кафк меандохт чун уштур зи ком,
Қатрае бар ҳар кӣ зад, мешуд ҷузом.
Жағ-жағи дандони ӯ дил мешикаст,
Ҷони шерони сияҳ мешуд зи даст.
Чун ба қавми худ расид, он муҷтабо
Шидқи ӯ бигрифт, боз ӯ шуд асо.

Такя бар вай карду мегуфт: «Эй аҷаб!
Пеши мо хуршеду пеши хасм шаб.
Эй аҷаб! Чун менабинанд ин сипоҳ,
Оламе пур офтоби чоштгоҳ?
Чашм бозу гӯш бозу ин зако,
Хираам дар чашмбандии Худо.
Ман аз эшон хира, эшон ҳам зи ман,
Аз баҳоре хор эшон, ман саман.
Пешашон бурдам басе ҷоми раҳиқ,
Санг шуд обаш ба пеши ин фариқ.
Дастаи гул бастаму бурдам ба пеш,
Ҳар гуле чун хор гашту нӯш неш».
Он насиби ҷони бехешон бувад,
Чунки бо хешанд, пайдо кай шавад?
Хуфтаи бедор бояд пеши мо,
То ба бедорӣ бибинад хобҳо.
Душмани ин хоб хуш шуд, фикри халқ,
То нахусбад фикраташ, бастаст ҳалқ.
Ҳайрате бояд, ки рӯбад фикрро,
Хӯрда ҳайрат фикррову зикрро.
Ҳар кӣ комилтар бувад ӯ дар ҳунар,
Ӯ ба маънӣ пас, ба сурат пештар.
«Роҷиъун» гуфту руҷӯъ инсон бувад,
Ки гала вогардаду хона равад.
Чунки вогардид галла аз вуруд,
Пас фитад он буз, ки пешоҳанг буд.
Пеш афтад он бузи ланги пасин,
«Азҳака-р-руҷъо вуҷуҳа-л-ъобисин».
Аз газофа кай шуданд ин қавм ланг?
Фахрро доданду бихриданд нанг.
Пошикаста мераванд ин қавм ҳаҷ,
Аз ҳараҷ роҳест пинҳон то фараҷ.
Дил зи донишҳо бишустанд ин фариқ,
З-он ки ин дониш надонад он тариқ.
Донише бояд, ки аслаш з-он сар аст,
З-он ки ҳар фаръе ба аслаш раҳбар аст.
Ҳар парӣ бар арзи дарё кай парад?
То «ладун» илми ладуннӣ мебарад.
Пас, чаро илме биёмӯзӣ ба мард,
К-аш бибояд синаро з-он пок кард?
Пас, маҷӯ пешӣ, аз ин сар ланг бош,
Вақти вогаштан ту пешоҳанг бош.
«Охируна-с-собиқун» бош, эй зариф!
Бар шаҷар собиқ бувад мевай тариф.
Гарчи мева охир ояд дар вуҷуд,
Аввал аст ӯ, з-он ки ӯ мақсуд буд.

Чун малоик гӯй: «Ло илма лано»,
То бигирад дасти ту «алламтано».
Гар дар ин мактаб надонӣ ту ҳиҷо,
Ҳамчу Аҳмад пуррӣ аз нури ҳиҷо.
Гар набошӣ номдор андар билод,
Кам найӣ, «Аллоҳу аълам бил-ъибод».
Андар он вайрон, ки он маъруф нест,
Аз барои ҳифзи ганҷинай зарест.
Мавзеъи маъруф кай бинҳанд ганҷ?
З-ин қибал омад фараҷ дар зери ранҷ.
Хотир орад бас шикол ин ҷо, валек
Бискулад ишколро устури нек.
Ҳаст ишқаш оташе ишколсӯз,
Ҳар хаёлеро бирӯбад нури рӯз.
Ҳам аз он сӯ ҷӯ ҷавоб, эй муртазо,
К-ин суол омад аз он сӯ мар туро.
Гӯшаи бегӯшаи дил шаҳраҳест,
Тоби «Ло шарқию ло ғарб» аз маҳест.
Ту аз ин сӯву аз он сӯ чун гадо,
Эй кухи маънӣ! Чӣ меҷӯйӣ садо?
Ҳам аз он сӯ ҷӯ, ки вақти дард ту
Мешавӣ дар зикри «ё раббӣ» дутӯ.
Вақти дарду марг он сӯ менамӣ,
Чунки дардат рафт, чунӣ, аъҷамӣ?
Вақти меҳнат гаштаӣ аллоҳгӯ,
Чунки меҳнат рафт, гӯйӣ, роҳ ку?
Ин аз он омад, ки Ҳақро бегумон
Ҳар кӣ бишносад, бувад доим бар он.
В-он ки дар ақлу гумон ҳасташ ҳиҷеб,
Гоҳ пӯшидасту гаҳ бидридаҷеб.
Ақли ҷузвӣ гоҳ чира, гаҳ нигун,
Ақли куллӣ омин аз «райбу-л-манун».
Ақл бифрӯшу ҳунар, ҳайрат бихар,
Рав ба хорӣ, на Бухоро, эй писар.
Мо чӣ худро дар сухан оғаштаем,
К-аз ҳикоят мо ҳикоят гаштаем.
Ман адам в-афсона гардам дар ҳанин,
То тақаллуб ёбам андар соҷидин.
Ин ҳикоят нест пеши марди кор,
Васфи ҳол асту ҳузури ёри ғор.
Он «асотир аввалин», ки гуфт оқ,
Ҳарфи Қуръонро буд осори нифоқ.
Ломаконе, ки дар ӯ нури Худост,
Мозию мустақбалу ҳол аз куҷост.
Мозию мустақбалаш нисбат ба туст,
Ҳар ду як чизанд, пиндорӣ, ки дуст.

Як тане, ӯро падар, моро писар,
Бом зери Зайду бар Амр он забар.
Нисбати зеру забар шуд з-он ду кас,
Сақф сӯйи хеш як чиз аст бас.
Нест мисли он, мисол аст ин сухан,
Қосир аз маънии нав ҳарфи куҳан.
Чун лаби ҷӯ нест, макшо, лаб биданд,
Белабу соҳил будаст ин баҳри қанд.

## Фиристодани Фиръавн ба Мадоин дар талаби соҳирон

Чунки Мӯсо бозгашту ӯ бимонд,
Аҳли рою машваратро пеш хонд.
Гуфт бо ҳам: «Соҳирон дорем мо,
Ҳар яке дар сеҳр фарду пешво».
Ончунон диданд, к-аз атрофи Миср
Ҷамъ орадшон шаҳу саррофи Миср.
Ӯ басе мардум фиристод он замон
Ҳар навоҳӣ баҳри ҷамъи ҷодувон.
Ҳар тараф, ки соҳире буд номдор,
Кард паррон сӯйи ӯ даҳ пайки кор.
Ду ҷавон буданд соҳир, муштаҳир,
Сеҳри эшон дар дили маҳ мустамир.
Шир дӯшида зи маҳ фош ошкор,
Дар сафарҳо рафта бар хумме савор.
Шакли карбосе намуда моҳтоб,
Он бипаймуда, фурӯшида шитоб.
Сим бурда, муштарӣ огаҳ шуда,
Даст аз ҳасрат ба руххо барзада.
Сад ҳазорон ҳамчунин дар ҷодувӣ
Буда муншию набуда чун равӣ.
Чун бад-эшон омад он пайғоми шоҳ,
К-аз шумо шоҳ аст акнун чорахоҳ,
Аз пайи он ки ду дарвеш омаданд,
Бар шаҳу бар қасри ӯ мавкиб заданд.
Нест бо эшон ба ғайри як асо,
Ки ҳамегардад ба амраш аждаҳо.
Шоҳу лашкар ҷумла бечора шуданд,
З-ин ду кас ҷумла ба афғон омаданд.
Чорае мебояд андар соҳирӣ,
То бувад, ки з-ин ду соҳир ҷон барӣ».
Он ду соҳирро чу ин пайғом дод,
Тарсу меҳре дар дили ҳар ду фитод.
Ирқи ҷинсийят чу ҷунбидан гирифт,
Сар ба зону барниҳоданд аз шигифт.

Чун дабиристони сӯфӣ зону аст,
Ҳалли мушкилро дузону ҷоду аст.

## Хондани он ду соҳир падарро аз гӯр ва пурсидан аз равони падар ҳақиқати Мӯсоро, алайҳиссалом

Баъд аз он гуфтанд: «Эй модар, биё,
Гӯри бобо ку? Ту моро раҳ намо».
Бурдашон бар гӯри ӯ, бинмуд роҳ,
Пас серӯза доштанд аз баҳри шоҳ.
Баъд аз он гуфтанд: «Эй бобо! Ба мо
Шоҳ пайғоме фиристод аз ваҷо,
Ки ду мард ӯро ба танг овардаанд,
Оби рӯяш пеши лашкар бурдаанд.
Нест бо эшон силоҳу лашкаре,
Ҷуз асову дар асо шӯру шаре.
Ту ҷаҳони ростон даррафтаӣ,
Гарчи дар сурат ба хоке хуфтаӣ.
Он агар сеҳр аст, моро деҳ хабар
В-ар худое бошад, эй ҷони падар!
Ҳам хабар деҳ, то ки мо саҷда кунем,
Хештан бар кимиёе барзанем.
Ноумедонему уммеде расид,
Рондагонему карам моро кашид».

## Ҷавоб гуфтани соҳири мурда бо фарзандони худ

Гуфташон дар хоб, к-эй авлоди ман,
Нест мумкин зоҳир инро дам задан.
Фошу мутлақ гуфтанам дастур нест,
Лек роз аз пеши чашмам дур нест.
Лек бинмоям нишоне бо шумо,
То шавад пайдо шуморо ин хафо.
Нури чашмонам! Чу он ҷогаҳ равед,
Аз мақоми хуфтанаш огаҳ шавед.
Он замон, ки хуфта бошад он ҳаким,
Он асоро қасд кун, бигзор бим.
Гар бидуздию тавонӣ, соҳир аст,
Чораи соҳир бари ту ҳозир аст.
В-ар натонӣ, ҳону ҳон! Он эзадист,
Ӯ расули зулҷалолу муҳтадист.
Гар ҷаҳон Фиръавн гирад Шарқу Ғарб,
Сарнигун ояд, Худо, он гоҳ ҳарб.
Ин нишони рост додам, ҷони боб!
Барнавис, «Аллоҳу аълам би-с-савоб».

Ҷони бобо! Чун бихуспад соҳире,
Сеҳру макрашро набошад раҳбаре.
Чунки чӯпон хуфт, гург омин шавад,
Чунки хуфт он, ҷаҳди ӯ сокин шавад.
Лек ҳайвоне, ки чӯпонаш Худост,
Гургро он ҷо умеду раҳ куҷост?
Ҷодуӣ, ки Ҳақ кунад, ҳаққ асту рост,
Ҷодуе хондан мар он Ҳақро хатост.
Ҷони бобо! Ин нишони қотеъ аст,
Гар бимирад низ, Ҳаққаш рофеъ аст».

## Ташбеҳ кардан Қуръони маҷидро ба асои Мӯсо ва вафоти Мустафоро, алайҳиссалом, намудан ба хоби Мӯсо ва қосидон тағйири Қуръонро ба он ду соҳирбачча, ки қасди бурдани асо карданд, чун Мӯсоро хуфта ёфтанд

Мустафоро ваъда кард алтофи Ҳақ:
«Гар бимирӣ ту, намирад ин сабақ.
Ман китобу муъҷизатро рофеъам,
«Бешу кам кун»-ро зи Қуръон монеъам.
Ман туро андар ду олам ҳофизам,
Тоъинонро аз ҳадисат рофизам.
Кас натонад бешу кам кардан дар ӯ,
Ту беҳ аз ман ҳофизе дигар маҷӯ.
Равнақатро рӯз-рӯз афзун кунам,
Номи ту бар зарру бар нуқра занам.
Минбару меҳроб созам баҳри ту,
Дар муҳаббат қаҳри ман шуд қаҳри ту.
Номи ту аз тарс пинҳон мегуванд,
Чун намоз оранд, пинҳон мешаванд.
Аз ҳаросу тарси куффори лаъин
Дин-т пинҳон мешавад зери замин.
Ман манора пур кунам офоқро,
Кӯр гардонам ду чашми оқро.
Чокаронат шаҳрҳо гиранду ҷоҳ,
Дини ту гирад зи моҳӣ то ба моҳ.
То қиёмат боқияш дорем мо,
Ту матарс аз насхи дин, эй Мустафо.
Эй расули мо! Ту ҷоду нестӣ,
Содиқӣ, ҳамхирқаи Мӯсистӣ.
Ҳаст Қуръон мар туро ҳамчун асо,
Куфрҳоро даркашад чун аждаҳо.
Ту агар дар зери хоке хуфтаӣ,
Чун асояш дон ту, он чи гуфтаӣ.

Қосидонро бар асоят даст не,
Ту бихусп, эй шаҳ! Муборак хуфтане.
Тан бихуфта, нури ту бар осмон,
Баҳри пайкори ту зеҳ карда камон.
Фалсафию он чи пӯзаш мекунад,
Қавси нурат тирдӯзаш мекунад».
Ончунон карду аз он афзун, ки гуфт,
Ӯ бихуфту бахту иқболаш нахуфт.
«Ҷони бобо, чунки соҳир хоб шуд,
Кори ӯ беравнақу бетоб шуд».
Ҳар ду бӯсиданд гӯрашрову рафт
То ба Миср, аз баҳри он пайкори зафт.
Чун ба Миср аз баҳри он кор омаданд,
Толиби Мӯсову хонай ӯ шуданд.
Иттифоқ афтод, к-он рӯзи вуруд
Мӯсӣ андар зери нахле хуфта буд.
Пас нишон додандашон мардум бад-ӯ,
Ки бирав, он сӯйи нахлистон биҷӯ.
Чун биёмад, дид дар хурмобунон
Хуфтае, к-ӯ буд бедори ҷаҳон.
Баҳри нозиш баста ӯ ду чашми сар,
Аршу фаршаш ҷумла дар зери назар.
Эй басо бедорчашму хуфтадил,
Худ чӣ бинад диди аҳли обу гил?
Он ки дил бедор дорад, чашми сар
Гар бихуспад, баргушояд сад басар.
Гар ту аҳли дил найӣ, бедор бош,
Толиби дил бошу дар пайкор бош.
В-ар дилат бедор шуд, мехусп х(в)аш,
Нест ғоиб нозират аз ҳафту шаш.
Гуфт пайғамбар, ки хуспад чашми ман,
Лек кай хуспад дилам андар васан?
Шоҳ бедор аст, ҳорис хуфта гир,
Ҷон фидои хуфтагони дилбасир.
Васфи бедории дил, эй маънавӣ!
Дарнагунҷад дар ҳазорон маснавӣ.
Чун бидидандаш, ки хуфтаст ӯ дароз,
Баҳри уздии асо карданд соз.
Соҳирон қасди асо карданд зуд,
К-аз пасаш бояд шудан в-он гаҳ рабуд.
Андаке чун пештар карданд соз,
Андаромад он асо дар эҳтизоз.
Ончунон бар худ биларзид он асо,
К-он ду бар ҷо хушк гаштанд аз ваҷо.
Баъд аз он шуд аждаҳову ҳамла кард,
Ҳар дувон бигрехтанду рӯйзард.

Рӯ дар афтодан гирифтанд аз ниҳеб,
Ғалт-ғалтон мунҳазим дар ҳар нишеб.
Пас яқиншон шуд, ки ҳаст аз осмон,
З-он ки медиданд ҳадди соҳирон.
Баъд аз он итлоқу табшон шуд падид,
Корашон то назъу ҷон кандан расид.
Пас фиристоданд марде дарзамон
Сӯйи Мӯсо аз барои узри он,
К-имтиҳон кардему моро кай расад
Имтиҳони ту? Агар набвад ҳасад.
Муҷрими шоҳем, моро афв хоҳ,
Эй ту хосулхоси даргоҳи Илоҳ».
Афв карду дарзамон некӯ шуданд,
Пеши Мӯсо бар замин сар мезаданд.
Гуфт Мӯсо: «Афв кардам, эй киром!
Гашт бар дӯзах тану ҷонтон ҳаром.
Ман шуморо худ надидам, эй ду ёр!
Аъҷамӣ созед худро з-эътизор.
Ҳамчунон бегонашаклу ошно
Дар набард оед баҳри подшо».
Пас заминро бӯса доданду шуданд,
Интизори вақту фурсат мебуданд.

## Ҷамъ омадани соҳирон аз Мадоин пеши Фиръавн ва ташрифҳо ёфтан ва даст бар сина задан дар қаҳри хасми ӯ, ки ин бар мо навис

То ба Фиръавн омаданд он соҳирон,
Додашон ташрифҳои бас гарон.
Ваъдаҳошон карду пешин ҳам бидод
Бандагон в-аспону нақду ҷинсу зод.
Баъд аз он мегуфт: «Ҳин! Эй собиқон,
Гар фузун оед андар имтиҳон,
Барфишонам бар шумо чандон ато,
Ки бидаррад пардаи ҷуду сахо».
Пас бигуфтандаш: «Ба иқболи ту, шоҳ,
Ғолиб оему шавад кораш табоҳ.
Мо дар ин фан сафдарему паҳлавон,
Кас надорад пойи мо андар ҷаҳон».
Зикри Мӯсо банди хотирҳо шудаст,
К-ин ҳикоятҳост, ки пешин будаст.
Зикри Мӯсо баҳри рӯпӯш аст, лек
Нури Мӯсо нақди туст, эй марди нек.
Мӯсию Фиръавн дар ҳастии туст,
Бояд ин ду хасмро дар хеш ҷуст.

То қиёмат ҳаст аз Мӯсо нитоҷ,
Нур дигар нест, дигар шуд сироҷ.
Ин сафолу ин палита дигар аст,
Лек нураш нест, дигар з-он сар аст.
Гар назар дар шиша дорӣ, гум шавӣ
З-он ки аз шишаст аъдоди дувӣ.
В-ар назар бар нур дорӣ, вораҳӣ,
Аз дувӣ в-аъдоди ҷисми мунтаҳӣ.
Аз назаргоҳ аст, эй мағзи вуҷуд,
Ихтилофи муъмину габру ҷуҳуд.

## Ихтилоф кардан дар чигунагӣ ва шакли пил

Пил андар хонае торик буд,
Арзаро оварда будандаш ҳунуд.
Аз барои диданаш мардум басе,
Андар он зулмат ҳамешуд ҳар касе.
Диданаш бо чашм чун мумкин набуд,
Андар он торикияш каф мебисуд.
Он якеро каф ба хартум уфтод,
Гуфт: «Ҳамчун новдон аст ин ниҳод».
Он якеро даст бар гӯшаш расид,
Он бар ӯ чун бодбезан шуд падид.
Он якеро каф чу бар пояш бисуд,
Гуфт: «Шакли пил дидам чун амуд».
Он яке бар пушти ӯ бинҳод даст,
Гуфт: «Худ ин пил чун тахте будаст».
Ҳамчунин ҳар як ба ҷузве, ки расид,
Фаҳми он мекард, ҳар ҷо мешунид.
Аз назаргаҳ гуфташон шуд мухталиф,
Он яке «дол»-аш лақаб дод, ин «алиф».
Дар кафи ҳар кас агар шамъе будӣ,
Ихтилоф аз гуфташон берун шудӣ.
Чашми ҳис ҳамчун кафи даст асту бас,
Нест кафро бар ҳамай ӯ дастрас.
Чашми дарё дигар асту каф дигар,
Каф биҳил в-аз дидаи дарё нигар.
Ҷунбиши кафҳо зи дарё рӯзу шаб,
Каф ҳамебинию дарё на, аҷаб!
Мо чу киштиҳо ба ҳам бармезанем,
Тирачашмему дар оби равшанем.
Эй ту дар киштии тан рафта ба хоб,
Обро дидӣ, нигар дар оби об.
Обро обест, к-ӯ меронадаш,
Рӯҳро рӯҳест, к-ӯ мехонадаш.

Мӯсию Исо куҷо буд, к-офтоб
Кишти мавҷудотро медод об?
Одаму Ҳавво куҷо буд он замон,
Ки Худо афганд ин зеҳ дар камон?
Ин сухан ҳам ноқис асту абтар аст,
Он сухан, ки нест ноқис, он сар аст.
Гар бигӯяд, з-он билағзад пойи ту
В-ар нагӯяд ҳеч аз он, эй войи ту.
В-ар бигӯяд дар мисоли сурате,
Бар ҳамон сурат бичафсӣ, эй фатӣ!
Бастапойӣ чун гиё андар замин,
Сар биҷунбонӣ ба боде бе яқин.
Лек поят нест, то нақле кунӣ,
Ё магар поро аз ин гил барканӣ.
Чун канӣ поро? Ҳаётат з-ин гил аст,
Ин ҳаётатро равиш бас мушкил аст.
Чун ҳаёт аз Ҳақ бигирӣ, эй равӣ!
Пас шавӣ мустағнӣ аз гил, меравӣ.
Ширхора чун зи доя бискулад,
Лутхора шуд, мар ӯро меҳилад.
Бастаи шири заминӣ чун ҳубуб,
Ҷӯ фитоми хеш аз қуту-л-қулуб.
Ҳарфи ҳикмат хур, ки шуд нури сатир,
Эй ту нури беҳуҷубро нопазир.
То пазиро гардӣ, эй ҷон! Нурро,
То бибинӣ беҳуҷуб мастурро.
Чун ситора сайр бар гардун кунӣ,
Балки бе гардун сафар бечун кунӣ.
Ончунон к-аз нест дар ҳаст омадӣ,
Ҳин, бигӯ, чун омадӣ? Маст омадӣ.
Роҳҳои омадан ёдат намонд,
Лек рамзе бар ту бархоҳем хонд.
Ҳушро бигзору он гаҳ ҳуш дор,
Гӯшро барбанду он гаҳ гӯш дор.
На! Нагӯям, з-он ки хомӣ ту ҳанӯз,
Дар баҳорӣ ту, надидастӣ тамуз.
Ин ҷаҳон ҳамчун дарахт аст, эй киром,
Мо бар ӯ чун меваҳои нимхом.
Сахт гирад хомҳо мар шохро,
З-он ки дар хомӣ нашояд кохро.
Чун бипухту гашт ширин, лабгазон,
Суст гирад шоххоро баъд аз он.
Чун аз он иқбол ширин шуд даҳон,
Сард шуд бар одамӣ мулки ҷаҳон.
Сахтгирию таассуб хомӣ аст,
То ҷанинӣ, кор хуношомӣ аст.

Чизи дигар монд, аммо гуфтанаш
Бо ту Рӯҳулқудс гӯяд бе манаш.
На ту гӯйӣ ҳам ба гӯши хештан,
На ману на ғайри ман, эй ҳам ту ман.
Ҳамчу он вақте, ки хоб андарравӣ,
Ту зи пеши худ ба пеши худ шавӣ.
Бишнавӣ аз хешу пиндорӣ фалон,
Бо ту андар хоб гуфтаст он ниҳон.
Ту яке ту нестӣ, эй хуш рафиқ!
Балки гардунию дарёи амиқ.
Он «ту»-и зафтат, ки он нуҳсадту аст,
Қулзум асту ғарқагоҳи сад «ту» аст.
Худ чӣ ҷойи ҳадди бедористу хоб,
Дам мазан, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Дам мазан, то бишнавӣ аз дамзанон,
Он чи н-омад дар забону дар баён.
Дам мазан, то бишнавӣ з-он офтоб,
Он чи н-омад дар китобу дар хитоб.
Дам мазан, то дам занад баҳри ту рӯҳ,
Ошино бигзор дар киштии Нӯҳ.
Ҳамчу Канъон, к-ошино мекард ӯ,
Ки нахоҳам киштии Нӯҳи адӯ.
«Ҳай! Биё, дар киштии бобо нишин,
То нагардӣ ғарқи тӯфон, эй маҳин!»
Гуфт: «На, ман ошино омӯхтам,
Ман ба ҷуз шамъи ту шамъ афрӯхтам».
Ҳин, макун, к-ин мавҷ тӯфони балост,
Дасту пову ошино имрӯз «ло»-ст.
Боди қаҳр асту балои шамъкуш,
Ҷуз ки шамъи Ҳақ, намепояд, хамуш!
Гуфт: «На, рафтам бар он кӯҳи баланд,
Осим аст он куҳ маро аз ҳар газанд».
«Ҳин, макун, ки кӯҳ коҳ аст ин замон,
Ҷуз ҳабиби хешро надҳад амон».
Гуфт: «Ман кай панди ту бишнудаам?
Ки тамаъ кардӣ, ки ман з-ин дудаам.
Хуш наёмад гуфти ту ҳаргиз маро,
Ман бариям аз ту дар ҳар ду саро».
«Ҳин, макун бобо, ки рӯзи ноз нест,
Мар Худоро хешею анбоз нест.
То кунун кардию ин дам нозукист,
Андар ин даргоҳ гиро нози кист?
«Лам ялид, лам юлад» аст ӯ аз қидам,
На падар дорад, на фарзанду на ам.
Нози фарзандон куҷо хоҳад кашид?
Нози бобоён куҷо хоҳад шунид?

Нестам мавлуд, пиро, кам биноз,
Нестам волид, ҷавоно, кам гуроз.
Нестам шавҳар, наям ман шаҳватӣ,
Нозро бигзор ин ҷо, эй сатӣ!
Ҷуз хузӯъу бандагию изтирор
Андар ин ҳазрат надорад эътибор».
Гуфт: «Бобо! Солҳо ин гуфтаӣ,
Боз мегӯйӣ, ба ҷаҳл ошуфтаӣ.
Чанд аз инҳо гуфтаӣ бо ҳар касе,
То ҷавоби сард бишнудӣ басе.
Ин дами сарди ту дар гӯшам нарафт,
Хоса акнун ки шудам донову зафт».
Гуфт бобо: «Чӣ зиён дорад, агар
Бишнавӣ як бор ту панди падар?»
Ҳамчунин мегуфт ӯ панди латиф,
Ҳамчунин мегуфт ӯ дафъи аниф.
На падар аз нусҳи Канъон сер шуд,
На даме дар гӯши он идбир шуд.
Андар ин гуфтан буданду мавҷи тез
Бар сари Канъон заду шуд рез-рез.
Нӯҳ гуфт: «Эй подшоҳи бурдбор,
Мар маро хар мурду селат бурд бор.
Ваъда кардӣ мар маро ту борҳо,
Ки биёбад аҳлат аз тӯфон раҳо.
Дил ниҳодам бар умедат ман салим,
Пас, чаро бирбуд сел аз ман гилем?»
Гуфт: «Ӯ аз аҳлу хешонат набуд,
Худ надидӣ, ту сапедӣ, ӯ кабуд?»
Чунки дандони ту кирмаш дарфитод,
Нест дандон, барканаш, эй устод!
То ки боқий тан нагардад зор аз ӯ,
Гарчи буд они ту, шав безор аз ӯ.
Гуфт: «Безорам зи ғайри зоти ту,
Ғайр набвад, он ки ӯ шуд моти ту.
Ту ҳамедонӣ, ки чунам бо ту ман,
Бист чандонам, ки борон бо чаман.
Зинда аз ту, шод аз ту ойиле,
Муғтазӣ бевосита-в беҳойиле.
Муттасил на, мунфасил на, эй камол,
Балки бе чуну чӣ гуна в-эътилол.
Моҳиёнему ту дарёи ҳаёт,
Зиндаем аз лутфат, эй некӯсифот.
Ту нагунҷӣ дар канори фикрате,
Не ба маълулӣ қарин чун иллате.
Пеш аз ин тӯфону баъд аз ин маро
Ту мухотаб будаӣ дар моҷаро.

Бо ту мегуфтам, на бо эшон, сухан,
Эй суханбахши наву они куҳан.
На ки ошиқ рӯзу шаб гӯяд сухан,
Гоҳ бо атлолу гоҳе бо даман.
Рӯй дар атлол карда зоҳиро,
Ӯ киро мегӯяд он мидҳат? Киро?
Шукр, тӯфонро кунун бигмоштӣ,
Воситай атлолро бардоштӣ.
З-он ки атлоли лаиму бад буданд,
На нидое, на садое мезаданд.
Ман чунон атлол хоҳам дар хитоб,
К-аз садо чун кӯҳ ӯ гӯяд ҷавоб,
То мусанно бишнавам ман номи ту,
Ошиқам бар номи ҷоноромӣ ту.
Ҳар набӣ, з-он дӯст дорад кӯҳро,
То мусанно бишнавад номи туро.
Он кухи пасти мисоли санглох
Мушро шояд, на моро дар мунох.
Ман бигӯям, ӯ нагардад ёри ман,
Бесадо монад дами гуфтори ман.
Бо замин он беҳ, ки ҳамвораш кунӣ,
Нест ҳамдам, бо қадам ёраш кунӣ».
Гуфт: «Эй Нӯҳ! Ар ту хоҳӣ, ҷумларо,
Ҳашр гардонам, барорам аз саро.
Баҳри Канъоне дили ту нашканам,
Лекат аз аҳвол огаҳ мекунам».
Гуфт: «На, на, розиям, ки ту маро
Ҳам кунӣ ғарқа, агар бояд туро.
Ҳар замонам ғарқа мекун, ман х(в)ашам,
Ҳукми ту ҷон аст, чун ҷон мекашам.
Нангарам касрову гар ҳам бингарам,
Ӯ баҳона бошаду ту манзарам.
Ошиқи сунъи туам дар шукру сабр,
Ошиқи маснӯъ кай бошам чу габр?
Ошиқи сунъи Худо бофар бувад,
Ошиқи маснӯъи ӯ кофар бувад».

## Тавфиқ миёни ин ду ҳадис, ки «ар-ризо би-л-куфри куфрун» ва ҳадиси дигар: «ман лам ярзи биқазоӣ, фалаятлуб раббан сивоӣ»

Дӣ суоле кард соил мар маро,
З-он ки ошиқ буд ӯ бар моҷаро.
Гуфт нуктай «ар-ризо би-л-куфри куфр»,
Ин паямбар гуфту гуфти ӯст муҳр.

Боз фармуд ӯ, ки андар ҳар қазо
Мар мусулмонро ризо бояд, ризо.
На қазои Ҳақ бувад куфру нифоқ?
Гар бад-ин розӣ шавам, бошад шиқоқ.
В-ар наям розӣ, бувад он ҳам зиён,
Пас, чӣ чора бошадам андар миён?»
Гуфтамаш: «Ин куфр мақзӣ, на қазост,
Ҳаст осори қазо ин куфр, рост».
Пас, қазоро, хоҷа! Аз мақзӣ бидон,
То шиколат дафъ гардад дарзамон.
Розиям дар куфр, з-он рӯ ки қазост,
На аз ин рӯ ки низоъу хубси мост.
Куфр аз рӯйи қазо худ куфр нест,
Ҳаққро кофир махон, ин ҷо маист.
Куфр ҷаҳл асту қазои куфр илм,
Ҳар ду кай як бошад охир ҳилму хилм?
Зиштии хат зиштии наққош нест,
Балки аз вай зиштро бинмуданист.
Қуввати наққош бошад, он ки ӯ
Ҳам тавонад зишт кардан, ҳам накӯ.
Гар кашонам баҳси инро ман ба соз,
То суолу то ҷавоб ояд дароз.
Завқи нуктай ишқ аз ман меравад,
Нақши хидмат нақши дигар мешавад.

## Масал дар баёни он ки ҳайрат монеъи баҳсу фикрат аст

Он яке марди думӯ омад шитоб
Пеши як ойинадори мустатоб.
Гуфт: «Аз ришам сапедӣ кун ҷудо,
Ки арӯси нав гузидам, эй фато!»
Риши ӯ бибриду кул пешаш ниҳод,
Гуфт: «Ту бигзин, маро коре фитод».
Ин суолу он ҷавоб аст, он гузин,
Ки сари инҳо надорад дарди дин.
Он яке зад силие мар Зайдро,
Ҳамла кард ӯ ҳам барои кайдро.
Гуфт силизан: «Суолат мекунам,
Пас ҷавобам гӯй в-он гаҳ мезанам.
Бар қафои ту задам, омад тароқ,
Як суоле дорам ин ҷо дар вифоқ.
Ин тароқ аз дасти ман будаст ё
Аз қафогоҳи ту, эй фахри киё?»
Гуфт: «Аз дард ин фароғат нестам,
Ки дар ин фикру тафаккур бистам.

Ту ки бедардӣ, ҳамеандеш ин,
Нест соҳибдардро ин фикр, ҳин!»

## Ҳикоят

Дар саҳоба кам будӣ ҳофиз касе,
Гарчи шавқе буд ҷоншонро басе.
З-он ки чун мағзаш дароганду расид,
Пӯстҳо шуд бас рақиқу вокафид.
Қишри ҷавзу фустуқу бодом ҳам,
Мағз чун огандашон, шуд пӯст кам.
Мағзи илм афзуд, кам шуд пӯсташ,
З-он ки ошиқро бисӯзад дӯсташ. 1390
Васфи матлубе чу зидди толибест,
Ваҳйу барқи нур сӯзандаи Нубист.
Чун таҷаллӣ кард авсофи қадим,
Пас, бисӯзад васфи ҳодисро гилем.
Рубъи Қуръон ҳар киро маҳфуз буд,
«Ҷалла фино» аз саҳоба мешунуд.
Ҷамъи сурат бо чунин маънии жарф
Нест мумкин, ҷуз зи султоне шигарф.
Дар чунин мастӣ муроъоти адаб
Худ набошад в-ар бувад, бошад аҷаб. 1395
Андар истиғно мурооти ниёз
Ҷамъи зиддайн аст чун гирду дароз.
Худ асо маъшуқи умён мебувад,
Кӯр худ сандуқи Қуръон мебувад.
Гуфт: «Кӯрон худ санодиқанд пур
Аз ҳуруфи Мусҳафу зикру нузур».
Боз сандуқе пур аз Қуръон беҳ аст,
З-он ки сандуқе бувад холӣ ба даст.
Боз сандуқе, ки холӣ шуд зи бор,
Беҳ зи сандуқе, ки пурмуш асту мор. 1400
Ҳосил, андар васл чун афтод мард,
Гашт даллола ба пеши мард сард.
Чун ба матлубат расидӣ, эй малеҳ,
Шуд талабкории илм акнун қабеҳ.
Чун шудӣ бар бомҳои осмон,
Сард бошад ҷустуҷӯйи нардбон.
Ҷуз барои ёрию таълими ғайр
Сард бошад роҳи хайр аз баъди хайр.
Ойинаи равшан, ки шуд софу малӣ,
Ҷаҳл бошад барниҳодан сайқале. 1405
Пеши султон хуш нишаста дар қабул,
Зишт бошад ҷустани нома-в расул.

## Достони машғул шудани ошиқе ба ишқнома хондан ва мутолиъа кардани ишқнома дар ҳузури маъшуқи хеш ва маъшуқ онро announced нописанд доштан ва гуфтан, ки талабу-д-далели инда ҳузури-л-мадлул қабеҳун ва-л-иштиғолу би-л-ъилми баъда-л-вусули ила-л-маълуми мазмум

Он якеро ёр пеши худ нишонд,
Нома берун карду пеши ёр хонд.
Байтҳо дар номаву мадҳу сано,
Зорию мискинию бас лобаҳо.
Гуфт маъшуқ: «Ин агар баҳри ман аст,
Гоҳи васл ин амр зоеъ кардан аст.
Ман ба пешат ҳозиру ту номахон,
Нест ин боре нишони ошиқон».
Гуфт: «Ин ҷо ҳозирӣ, аммо валек
Ман намеёбам насиби хеш нек.
Он чи медидам зи ту порина сол,
Нест ин дам, гарчи мебинам висол.
Ман аз ин чашма зулоле х(в)ардаам,
Дидаву дил з-об тоза кардаам.
Чашма мебинам, валекин об не,
Роҳи обамро магар зад раҳзане».
Гуфт: «Пас, ман нестам маъшуқи ту,
Ман ба Булғору муродат дар Қуту.
Ошиқӣ ту бар ману бар ҳолате,
Ҳолат андар даст набвад, ё фатӣ!
Пас, наям куллии матлуби ту ман,
Ҷузви мақсудам туро андар заман.
Хонаи маъшуқаам, маъшуқ не,
Ишқ бар накд аст, бар сандуқ не».
Ҳаст маъшуқ, он ки ӯ яктӯ бувад,
Мубтадову мунтаҳоят ӯ бувад.
Чун биёбияш, намонӣ мунтазир,
Ҳам ҳувайдо ӯ бувад, ҳам низ сир.
Мири аҳвол аст, на мавқуфи ҳол,
Бандаи он моҳ бошад моҳу сол.
Чун бигӯяд, ҳолро фармон кунад,
Чун бихоҳад, ҷисмҳоро ҷон кунад.
Мунтаҳо набвад, ки мавқуф аст ӯ,
Мунтазир биншаста бошад ҳолҷӯ.
Кимиёи ҳол бошад дасти ӯ,
Даст ҷунбонад, шавад мис масти ӯ.
Гар бихоҳад, марг ҳам ширин шавад,
Хору ништар наргису насрин шавад.

Он ки ӯ мавқуфи ҳол аст, одамист,
К-ӯ ба ҳол афзуну гоҳе дар камист.
Сӯфӣ ибнулвақт бошад дар мисол,
Лек софӣ фориғ аст аз вақту ҳол.
Ҳолҳо мавқуфи азму ройи ӯ,
Зинда аз нафхи масеҳосойи ӯ.
Ошиқи ҳолӣ, на ошиқ бар манӣ,
Бар умеди ҳол бар ман метанӣ.
Он ки як дам кам, даме комил бувад,
Нест маъшуқи Халил, офил бувад.
В-он ки офил бошаду гаҳ ону ин,
Нест дилбар, «ло уҳиббу-л-офилин».
Он ки ӯ гоҳе хушу гаҳ нох(в)аш аст,
Як замоне обу як дам оташ аст.
Бурҷи маҳ бошад, валекин моҳ на,
Нақши бут бошад, вале огоҳ на.
Ҳаст сӯфии сафоҷӯ ибни вақт,
Вақтро ҳамчун падар бигрифта сахт.
Ҳаст софӣ, ғарқи ишқи зулҷалол,
Ибни кас на, фориғ аз авқоту ҳол.
Ғарқаи нуре, ки ӯ «лам юлад» аст,
«Лам ялид, лам юлад» они Эзад аст.
Рав чунин ишқе биҷӯ, гар зиндаӣ,
В-арна вақти мухталифро бандаӣ.
Мангар андар нақши зишту хуби хеш,
Бингар андар ишқу дар матлуби хеш.
Мангар он ки ту ҳақирӣ ё заъиф,
Бингар андар ҳиммати худ, эй шариф!
Ту ба ҳар ҳоле, ки бошӣ, металаб,
Об меҷӯ доимо, эй хушклаб!
К-он лаби хушкат гувоҳӣ медиҳад,
К-ӯ ба охир бар сари манбаъ расад.
Хушкии лаб ҳаст пайғоме зи об,
Ки ба мот орад яқин ин изтироб,
К-ин талабкорӣ муборак ҷунбишест,
Ин талаб дар роҳи Ҳақ монеъкушест.
Ин талаб мифтоҳи матлуботи туст,
Ин сипоҳу нусрати роёти туст.
Ин талаб ҳамчун хурӯсе дар сиёҳ,
Мезанад наъра, ки меояд сабоҳ.
Гарчи олат нестат, ту металаб,
Нест олат ҳоҷат андар роҳи раб.
Ҳар киро бинӣ талабкор, эй писар,
Ёри ӯ шав, пеши ӯ андоз сар,
К-аз ҷавори толибон толиб шавӣ
В-аз зилоли ғолибон ғолиб шавӣ.

Гар яке мӯре сулаймонӣ биҷуст,
Мангар андар ҷустани ӯ суст-суст.
Ҳар чӣ дорӣ ту, зи молу пешае,
На талаб буд аввалу андешае?

## Ҳикояти он шахс, ки дар аҳди Довуд, алайҳиссалом, шабу рӯз дуъо мекард, ки маро рӯзии ҳалол деҳ беранҷ

Он яке дар аҳди Довуди набӣ
Назди ҳар донову пеши ҳар ғабӣ
Ин дуъо мекард доим, к-эй Худо!
Сарвате беранҷ рӯзӣ кун маро.
Чун маро ту офаридӣ коҳиле,
Захмхоре, сустҷунбе, манбале.
Бар харони пуштреши бемурод
Бори аспон в-астарон натвон ниҳод.
Коҳилам чун офаридӣ, эй малӣ,
Рӯзиям деҳ ҳам зи роҳи коҳилӣ.
Коҳилам ман, сояхуспам дар вуҷуд,
Хуфтам андар сояи ин фазлу ҷуд.
Коҳилону сояхуспонро магар
Рӯзие бинвиштаӣ навъе дигар?
Ҳар киро пой аст, ҷӯяд рӯзие,
Ҳар киро по нест, кун дилсӯзие.
Ризқро мерон ба сӯйи он ҳазин,
Абрро борон ба сӯйи ҳар замин.
Чун заминро по набошад, ҷуди ту
Абрро ронад ба суйи ӯ дутӯ.
Тифлро чун по набошад, модараш
Ояду резад вазифа бар сараш.
Рӯзие хоҳам, ки ногаҳ бетаъаб,
Ки надорам ман зи кӯшиш ҷуз талаб».
Муддати бисёр мекард ин дуъо
Рӯз то шаб, шаб ҳамай шаб то зуҳо.
Халқ механдид бар гуфтори ӯ,
Бар тамаъхомию бар пайкори ӯ,
Ки чӣ мегӯяд аҷаб ин сустриш?
Ё касе додаст банги беҳушиш?
Роҳи рӯзӣ касбу ранҷ асту таъаб,
Ҳар касеро пешае доду талаб.
«Утлубу-л-арзоқа фӣ асбобиҳо,
Удхулу-л-автона мин абвобиҳо».
Шоҳу султону расули Ҳақ кунун
Ҳаст Довуди набии зӯфунун.

Бо чунон иззею нозе, к-андар ӯст,
Ки гузидасташ иноятҳои дӯст.
Муъҷизоташ бешумору беадад,
Мавҷи бахшоиш мадад андар мадад.
Ҳеч касро худ зи Одам то кунун
Кай будаст овози сад чун арғанун?
Ки ба ҳар ваъзе бимиронад дивист,
Одамиро савти хубаш карданист.
Шеру оҳу ҷамъ гардад он замон,
Сӯйи тазкираш муғаффал ин аз он.
Кӯҳу мурғон ҳамрасоил бо дамаш,
Ҳар ду андар вақти даъват маҳрамаш.
Ину сад чандин мар ӯро муъҷизот,
Нури рӯяш беҷиҳоту дар ҷиҳот.
Бо ҳама тамкин Худо рӯзии ӯ
Карда бошад баста андар ҷустуҷӯ.
Бе зиреҳбофию ранҷе рӯзияш
Менаёяд бо ҳама пирӯзияш.
Инчунин махзули вопасмондае,
Хонагандай дуну гардунрондае.
Инчунин мудбир ҳамехоҳад, ки зуд
Бетиҷорат пур кунад доман зи суд.
Инчунин гиҷе биёмад дар миён,
Ки бароям бар фалак бе нардбон.
Ин ҳамегуфташ ба тасхар: «Рав, бигир,
Ки расидат рӯзию омад башир».
В-он ҳамехандид: «Моро ҳам бидеҳ,
З-он чи ёбӣ ҳадя, эй солори деҳ!»
Ӯ аз ин ташнеъи мардум в-ин фусус
Кам намекард аз дуъову чоплус,
То ки шуд дар шаҳр маъруфу шаҳир,
К-ӯ зи анбони тиҳӣ ҷӯяд панир.
Шуд масал дар хомтабъӣ он гадо,
Ӯ аз ин хоҳиш намеомад ҷудо.

## Давидани гов дар хонаи он дуъокунанда ба илҳоҳ. «Қола-н-набийю, алайҳиссалом: инналлоҳа юҳиббу-л-мулиҳҳина фӣ-д-дуъои», зеро айни хост аз Ҳақ таъоло ва илҳоҳ хонандаро беҳ аст, аз он чи мехоҳад онро аз ӯ

То ки рӯзе ногаҳон дар чоштгоҳ
Ин дуъо мекард бо зорию оҳ.
Ногаҳон дар хонааш гове давид,
Шох зад, бишкаст дарбанду калид.

Гови густох андар он хона бичаст,
Мард дарчасту қавоимҳош баст.
Пас гулӯи гов бибрид он замон,
Бетаваққуф, бетааммул, беамон.
Чун сараш бибрид, шуд сӯйи қасоб,
То иҳобаш барканад дардам шитоб. 1490

## Узр гуфтани назмкунанда ва мадад хостан

Эй тақозогар! Дарун ҳамчун ҷанин,
Чун тақозо мекунӣ итмоми ин,
Саҳл гардон, раҳ намо, тавфиқ деҳ,
Ё тақозоро биҳил, бар мо манеҳ.
Чун зи муфлис зар тақозо мекунӣ,
Зар бибахшаш дар сир, эй шоҳи ғанӣ!
Бе ту назму қофия, шому саҳар,
Заҳра кай дорад, ки ояд дар назар?
Назму таҷнису қавофӣ, эй алим!
Бандаи амри туанд аз тарсу бим. 1495
Чун мусаббиҳ кардаӣ ҳар чизро,
Зоти бетамйизу ботамйизро.
Ҳар яке тасбеҳ бар навъе дигар
Гӯяду аз ҳоли он ин бехабар.
Одамӣ мункир зи тасбеҳи ҷамод
В-он ҷамод андар ибодат устод.
Балки ҳафтоду ду миллат ҳар яке
Бехабар аз якдигар в-андар шаке.
Чун ду нотиқро зи ҳоли ҳамдигар
Нест огаҳ, чун бувад девору дар? 1500
Чун ман аз тасбеҳи нотиқ ғофилам,
Чун бидонад субҳаи сомит дилам?
Ҳаст сунниро яке тасбеҳи хос,
Ҳаст ҷабриро зиди он дар манос.
Суннӣ аз тасбеҳи ҷабрӣ бехабар,
Ҷабрӣ аз тасбеҳи суннӣ беасар.
Ин ҳамегӯяд, ки он зол асту гум,
Бехабар аз ҳоли ӯ в-аз амри «қум».
В-он ҳамегӯяд, ки инро чӣ хабар?
Ҷангашон афганд Яздон аз қадар. 1505
Гавҳари ҳар як ҳувайдо мекунад,
Ҷинс аз ноҷинс пайдо мекунад.
Қаҳрро аз лутф донад ҳар касе,
Хоҳ доно, хоҳ нодон ё хасе.
Лек лутфи қаҳр дар пинҳон шуда,
Ё ки қаҳре дар дили лутф омада.

Кам касе донад магар раббоние,
К-иш бувад дар дил миҳакки ҷоние.
Боқиён з-ин ду гумоне мебаранд,
Сӯйи лонай худ ба як пар мепаранд.

## Баёни он ки илмро ду пар аст ва гумонро як пар аст. Ноқис омад зан(н), ба парвоз абтар аст ва мисоли занну яқин дар илм

Илмро ду пар, гумонро як пар аст,
Ноқис омад зан(н), ба парвоз абтар аст.
Мурғи якпар зуд афтад сарнигун,
Боз барпаррад ду гоме ё фузун.
Афтхезон меравад мурғи гумон
Бо яке пар бар умеди ошён.
Чун зи зан вораст, илмаш рӯ намуд,
Шуд дупар он мурғи якпар, пар гушуд.
Баъд аз он «ямшӣ савийян мустақим»,
На «ало ваҷҳиҳ мукиббан, ав сақим».
Бо ду пар бармепарад чун Ҷабрайил,
Бегумону бе магар, бе қолу қил.
Гар ҳамай олам бигӯяндаш туви
Бар раҳи Яздону дини муставӣ,
Ӯ нагардад гармтар аз гуфташон,
Ҷони тоқи ӯ нагардад ҷуфташон.
В-ар ҳама гӯянд ӯро: Гумраҳӣ,
Кӯҳ пиндорию ту барги каҳӣ,
Ӯ наяфтад дар гумон аз таънашон,
Ӯ нагардад дардманд аз заънашон.
Балки гар дарёву кӯҳ ояд ба гуфт,
Гӯядаш: Бо гумраҳе гаштӣ ту ҷуфт.
Ҳеч як зарра наяфтад дар хаёл,
Ё ба таъни тоъинон ранҷурҳол.

## Мисоли ранҷур шудани одамӣ ба ваҳми таъзими халқ ва рағбати муштариён ба вай ва ҳикояти муаллим

Кӯдакони мактабе аз устод
Ранҷ диданд аз малолу иҷтиҳод.
Машварат карданд дар таъвиқи кор,
То муаллим дарфитад дар изтирор.
Чун намеояд варо ранҷурие?
То нагирад чанд рӯз ӯ дурие.

То раҳем аз ҳабсу тангию зи кор,
Ҳаст ӯ чун санги хоро барқарор.
Он яке зирактар ин тадбир кард,
Ки бигӯяд: «Усто! Чунӣ ту зард?
Хайр бошад, ранги ту бар ҷой нест,
Ин асар ё аз ҳаво ё аз табест».
Андаке андар хаёл афтад аз ин,
Ту бародар! Ҳам мадад кун инчунин.
Чун дароӣ аз дари мактаб, бигӯ:
«Хайр бошад, усто! Аҳволи ту?!
Он хаёлаш андаке афзун шавад,
К-аз хаёле оқиле маҷнун шавад.
Он севум в-он чоруму панҷум чунин,
Дар пайи мо, ғам намоянду ҳанин.
То чу сӣ кӯдак таво̄тур ин хабар
Муттафиқ гӯянд, бояд мустақар».
Ҳар яке гуфташ, ки шо бош, эй закӣ,
Бод бахтат бар иноят муттакӣ.
Муттафиқ гаштанд дар аҳди васиқ,
Ки нагардонад суханро як рафиқ.
Баъд аз он савганд дод ӯ ҷумларо,
То ки ғаммозе нагӯяд моҷаро.
Ройи он кӯдак бичарбид аз ҳама,
Ақли ӯ дар пеш мерафт аз рама.
Он тафовут ҳаст дар ақли башар,
Ки миёни шоҳидон андар сувар.
З-ин қибал фармуд Аҳмад дар мақол:
«Дар забон пинҳон бувад ҳусни риҷол».

## Уқули халқ мутафовит аст дар асли фитрат ва назди муътазила мутасовист, тафовути уқул аз таҳсили илм аст

Ихтилофи ақлҳо дар асл буд,
Бар вифоқи сунниён бояд шунуд.
Бар хилофи қавли аҳли эътизол,
Ки уқул аз асл доранд эътидол.
Таҷриба-в таълим бешу кам кунад,
То якеро аз яке аълам кунад.
Ботил аст ин з-он ки ройи кӯдаке,
Ки надорад таҷриба дар маслаке.
Бардамид андешае з-он тифли хурд,
Пир бо сад таҷриба бӯйе набурд.
Худ фузун он беҳ, ки он аз фитрат аст,
То зи афзунӣ, ки ҷаҳду фикрат аст.

Ту бигӯ, додай Худо беҳтар бувад?
Ё ки ланге роҳворона равад?

## Дар ваҳм афгандани кӯдакон устодро

Рӯз гашту омаданд он кӯдакон
Бар ҳамин фикрат зи хона то дукон.
Ҷумла истоданд берун мунтазир,
То дарояд аввал он ёри мусир.
З-он ки манбаъ ӯ будаст ин ройро,
Сар имом ояд ҳамеша пойро.
Эй муқаллид! Ту маҷӯ бешӣ бар он,
К-ӯ бувад манбаъ зи нури осмон.
Ӯ даромад, гуфт усторо: «Салом,
Хайр бошад! Ранги рӯят зардфом?!
Гуфт усто: «Нест ранҷе мар маро,
Ту бирав, биншин, магӯ ёва, ҳало!»
Нафй кард, аммо ғубори ваҳми бад
Андаке андар дилаш ногоҳ зад.
Андаромад дигаре, гуфт инчунин,
Андаке он ваҳм афзун шуд бад-ин.
Ҳамчунин то ваҳми ӯ қувват гирифт,
Монд андар ҳоли худ бас дар шигифт.

## Бемор шудани Фиръавн ҳам ба ваҳм аз таъзими халқон

Саҷдаи халқ аз зану аз тифлу мард
Зад, дили Фиръавнро ранҷур кард.
Гуфтани ҳар як: «Худованду малик»
Ончунон кардаш зи ваҳме мунҳатик,
Ки ба даъвои илоҳӣ шуд далер,
Аждаҳо гашту намешуд ҳеч сер.
Ақли ҷузвӣ, офаташ ваҳм асту зан,
З-он ки дар зулмот шуд ӯро ватан.
Бар замин гар ним газ роҳе бувад,
Одамӣ бе ваҳм омин меравад.
Бар сари девори олӣ гар равӣ,
Гар ду газ арзаш бувад, каж мешавӣ.
Балки меафтӣ зи ларзай дил ба ваҳм,
Тарси ваҳмиро накӯ бингар, бифаҳм.

## Ранҷур шудани устод ба ваҳм

Гашт усто суст аз ваҳму зи бим
Барҷаҳиду мекашонид ӯ гилем.

Хашмгин бо зан, ки меҳри ӯст суст,
Ман бад-ин ҳолам, напурсиду наҷуст.
Худ маро огаҳ накард аз ранги ман,
Қасд дорад, то раҳад аз нанги ман.
Ӯ ба ҳусну ҷилваи худ маст гашт,
Бехабар, к-аз бом афтодам чу ташт.
Омаду дарро ба тундӣ вогушод,
Кӯдакон андар пайи он устод.
Гуфт зан: «Хайр аст. Чун зуд омадӣ?
Ки мабодо зоти некатро бадӣ».
Гуфт: «Кӯрӣ? Рангу ҳоли ман бибин,
Аз ғамам бегонагон андар ҳанин.
Ту даруни хона аз буғзу нифоқ
Менабинӣ ҳоли ман дар эҳтироқ?»
Гуфт зан: «Эй хоҷа, айбе нестат,
Ваҳму занни лоши бемаънистат».
Гуфташ: «Эй ғар! Ту ҳанӯзӣ дар лаҷоҷ?
Менабинӣ ин тағайюр в-иртиҷоҷ?
Гар ту кӯру кар шудӣ, моро чӣ ҷурм?
Мо дар ин ранҷему дар андӯҳу гурм».
Гуфт: «Эй хоҷа! Биёрам ойинаҳ?
То бидонӣ, ки надорам ман гунаҳ?»
Гуфт: «Рав, ма ту раҳӣ, ма ойинат,
Доимо дар буғзу кинию анат.
Ҷомаи хоби маро зу гусҭарон,
То бихуспам, ки сари ман шуд гарон».
Зан таваққуф кард, мардаш бонг зад,
К-эй адӯ! Зутар, туро ин месазад.

## Дар ҷомаи хоб афтодани устод ва нолидани ӯ аз ваҳми ранҷурӣ

Ҷомахоб оварду густард он аҷуз,
Гуфт имкон нею ботин пур зи сӯз.
Гар бигӯям, муттаҳам дорад маро,
В-ар нагӯям, ҷид шавад ин моҷаро.
Фоли бад ранҷур гардонад ҳаме
Одамиро, ки набудасташ ғаме.
Қавли пайғамбар «қабулу юфразу,
Ин таморазтум ладайно тамразу».
Гар бигӯям, ӯ хаёле барзанад:
Қавл дорад зан, ки хилват мекунад.
Мар маро аз хона берун мекунад,
Баҳри фиске феълу афсун мекунад».
Ҷомахобаш карду устод уфтод,
Оҳ-оҳу нола аз вай мебизод.

Кӯдакон он ҷо нишастанду ниҳон
Дарс мехонданд бо сад андуҳон,
К-ин ҳама кардему мо зиндонием,
Бад биное буд, мо бад бонием.

## Дувум бор дар ваҳм афгандани кӯдакон устодро, ки ӯро аз Қуръон хондани мо дарди сар афзояд

Гуфт он зирак, ки эй қавми писанд!
Дарс хонеду кунед ово баланд.
Чун ҳамехонданд, гуфт: «Эй кӯдакон!
Бонги мо устодро дорад зиён.
Дарди сар афзояд усторо зи бонг,
Арзад ин, к-ӯ дард ёбад баҳри донг?»
Гуфт усто: «Рост мегӯяд. Равед,
Дарди сар афзун шудам. Берун шавед».

## Халос ёфтани кӯдакон аз мактаб бад-ин макр

Саҷда карданду бигуфтанд: «Эй карим!
Дур бодо аз ту ранҷури бим.
Пас бурун ҷастанд сӯйи хонаҳо,
Ҳамчу мурғон дар ҳавои донаҳо.
Модароншон хашмгин гаштанду гуфт:
«Рӯзи куттобу шумо бо лаҳв ҷуфт?»
Вақти таҳсил аст акнуну шумо
Мегурезед аз китобу усто?».
Узр овар данд, к-эй модар! Ту бист,
Ин гуноҳ аз мову аз тақсир нест.
Аз қазои осмон устоди мо
Гашт ранҷуру сақиму мубтало.
Модарон гуфтанд: «Макр асту дурӯғ,
Сад дурӯғ оранд баҳри таъми дӯғ.
Мо сабоҳ оем пеши усто,
То бибинем асли ин макри шумо».
Кӯдакон гуфтанд: «Бисмиллаҳ, равед,
Бар дурӯғу сидқи мо воқиф шавед».

## Рафтани модарони кӯдакон ба иёдати устод

Бомдодон омаданд он модарон,
Хуфта усто, ҳамчу бемори гарон.
Ҳам арақ карда зи бисёри лиҳоф,
Сар бибаста, рӯ кашида дар сиҷоф.
Оҳ-оҳе мекунад оҳиста ӯ,
Ҷумлагон гаштанд ҳам «лоҳавл»-гӯ:

«Хайр бошад усто! Ин дарди сар,
Ҷони ту, моро набудаст з-ин хабар».
Гуфт: «Ман ҳам бехабар будам аз ин,
Огаҳам модарғарон карданд, ҳин.
Ман будам ғофил ба шуғли ҷолу қил,
Буд дар ботин чунин ранҷе сақил».
Чун ба ҷид машғул бошад одамӣ,
Ӯ зи диди ранҷи худ бошад амӣ.
Аз занони Миср Юсуф шуд самар,
Ки зи машғулӣ бишуд з-эшон хабар.
Пора-пора карда соъидҳои хеш,
Рӯҳи волиҳ, ки на пас бинад, на пеш.
Эй басо марди шуҷоъ андар ҳироб,
Ки бибуррад даст ё пояш зироб.
Ӯ ҳамон даст оварад дар гирудор
Бар гумони он ки ҳаст ӯ барқарор.
Худ бибинад даст рафта дар зарар,
Хун аз ӯ бисёр рафта, бехабар.

## Дар баёни он ки тан рӯҳро чун либосест ва ин даст остини дасти рӯҳ аст ва ин пой мӯзаи пойи рӯҳ аст

То бидонӣ, ки тан омад чун либос,
Рав, биҷӯ лобис, либосеро малес.
Рӯҳро тавҳиди Аллаҳ хуштар аст,
Ғайри зоҳир, дасту пойе дигар аст.
Дасту по дар хоб бинӣ в-эътилоф
Он ҳақиқат дон, мадонаш аз газоф.
Он туӣ, ки бе бадан дорӣ будан,
Пас, матарс аз ҷисму ҷон берун шудан.

## Ҳикояти он дарвеш, ки дар кӯҳ хилват карда буд ва баёни ҳаловати интиқоъу хилват ва дохил шудан дар ин манқабат, ки «ано ҷалису, ман закаранӣ ва анису, ман истонаса бӣ»

Гар бо ҳамаӣ, чу бе манӣ, бе ҳамаӣ
В-ар бе ҳамаӣ, чу бо манӣ, бо ҳамаӣ.
Буд дарвеше ба куҳсоре муқим,
Хилват ӯро буд ҳамхобу надим.
Чун зи холиқ мерасид ӯро шумул,
Буд аз анфоси марду зан малул.
Ҳамчунон ки саҳл шуд моро ҳазар,
Саҳл шуд ҳам қавми дигарро сафар.
Ончунон ки ошиқе бар сарваре
Ошиқ аст он хоҷа бар оҳангаре.

Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,
Майли онро дар дилаш андохтанд.
Дасту по бе майл ҷунбон кай шавад?
Хору хас бе обу боде кай равад?
Гар бибинӣ майли худ сӯйи само,
Парри давлат баргушо ҳамчун ҳумо.
В-ар бибинӣ майли худ сӯйи замин,
Навҳа мекун, ҳеч маншин аз ҳанин.
Оқилон худ навҳаҳо пешин кунанд,
Ҷоҳилон охир ба сар бармезананд.
З-ибтидои кор охирро бибин,
То набошӣ ту пушаймон явми дин.

## Дидани заргар оқибати корро ва сухан бар вифқи оқибат гуфтан бо мустаъири тарозу

Он яке омад ба пеши заргаре,
Ки тарозу деҳ, ки барсанҷам заре.
Гуфт: «Хоҷа! Рав, маро ғирбол нест»,
Гуфт: «Мизон деҳ, бар ин тасхар маист».
Гуфт: «Ҷорӯбе надорам дар дукон»,
Гуфт: «Бас, бас! Ин мазоҳикро бимон.
Ман тарозуе, ки мехоҳам, бидеҳ,
Хештанро кар макун, ҳар сӯ маҷеҳ».
Гуфт: «Бишнидам сухан, кар нестам,
То напиндорӣ, ки бемаънистам!
Ин шунидам, лек пирӣ, муртаъиш,
Даст ларзон, ҷисми ту номунтаъиш.
В-он зари ту ҳам қурозай хурд-мурд,
Даст ларзад, пас бирезад зарри хурд.
Пас бигӯйӣ: «Хоҷа ҷорӯбе биёр,
То биҷӯям зарри худро дар ғубор».
Чун бирӯбӣ, хокро ҷамъ оварӣ,
Гӯиям ғалбер хоҳам, эй ҷарӣ!
Ман зи аввал дидам охирро тамом,
Ҷойи дигар рав аз ин ҷо, вассалом».

## Бақияи қиссаи он зоҳиди кӯҳӣ, ки назр карда буд, ки меваи кӯҳӣ аз дарахт бознаканам ва дарахт нафишонам ва касеро нагӯям сареҳ ва киноят, ки бияфшон. Он хурам, ки бод афганда бошад аз дарахт

Андар он куҳ буд ашҷору симор,
Бас мурӯди кӯҳӣ он ҷо бешумор.

Гуфт он дарвеш: «Ё раб, бо ту ман
Аҳд кардам з-ин начинам дар заман.
Ҷуз аз он мева, ки бод андохташ,
Ман начинам аз дарахти мунтаъаш».
Муддате бар назри худ будаш вафо,
То даромад имтиҳоноти қазо.
З-ин сабаб фармуд: истисно кунед,
«Гар Худо хоҳад» ба паймон барзанед.
Ҳар замон дилро дигар майле диҳам,
Ҳар нафас бар дил дигар доғе ниҳам.
«Куллу асбоҳин лано шаънун ҷадид,
Куллу шайъин ъан муродӣ ло яҳид».
Дар ҳадис омад, ки дил ҳамчун парист,
Дар биёбоне асири сарсарест.
Бод парро ҳар тараф ронад газоф,
Гаҳ чапу гаҳ рост бо сад ихтилоф.
Дар ҳадиси дигар ин дил дон чунон,
К-оби ҷӯшон з-оташ андар қозғон.
Ҳар замон дилро дигар рое бувад,
Он на аз вай, лек аз ҷое бувад.
Пас, чаро эмин шавӣ бар ройи дил,
Аҳд бандӣ, то шавӣ охир хиҷил?
Ин ҳам аз таъсири ҳукм асту қадар,
Чоҳ мебинию натвонӣ ҳазар.
Нест худ аз мурғи паррон ин аҷаб,
Ки набинад дому афтад дар атаб.
Ин аҷаб, ки дом бинад, ҳам ватад,
Гар бихоҳад в-ар нахоҳад, мефитад.
Чашм бозу гӯш бозу дом пеш,
Сӯйи доме мепарад бо парри хеш.

## Ташбеҳи банду доми қазо ба сурати пинҳон ба асари пайдо

Бинӣ андар далқ меҳтарзодае,
Сарбараҳна, дар бало афтодае.
Дар ҳавои нобакорӣ сӯхта,
Ақмиша в-амлоки худ бифрӯхта.
Хону мон рафта, шуда бадному хор,
Коми душман меравад идбирвор.
Зоҳиде бинад, бигӯяд: «Эй киё!
Ҳиммате медор аз баҳри Худо,
К-андар ин идбори зишт афтодаам,
Молу зарру неъмат аз каф додаам.
Ҳиммате, то бу, ки ман з-ин вораҳам,
З-ин гили тира бувад, ки барҷаҳам».

Ин дуъо мехоҳад ӯ аз ому хос,
К-алхалосу ва-л-халосу алхалос.
Даст бозу пой бозу банд не,
На муваккал бар сараш, на оҳане.
Аз кадомин банд меҷӯйӣ халос?
В-аз кадомин ҳабс меҷӯйӣ манос?
Банди тақдиру қазои мухтафӣ,
Ки набинад он ба ҷуз ҷони сафӣ.
Гарчи пайдо нест он, дар макман аст,
Баттар аз зиндону банди оҳан аст.
З-он ки оҳангар мар онро бишканад,
Ҳуфрагар ҳам хишти зиндон барканад.
Эй аҷаб ин банди пинҳони гарон,
Оҷиз аз таксири он оҳангарон.
Дидани он банд Аҳмадро расад,
Бар гулӯи баста «ҳаблун мин масад».
Дид бар пушти аёли Бӯлаҳаб
Танги ҳезум, гуфт: ҳаммолай ҳатаб.
Ҳаблу ҳезумро ҷуз ӯ чашме надид,
Ки падид ояд бар ӯ ҳар нопадид.
Боқиёнаш ҷумла таъвиле кунанд,
К-ин зи беҳушист в-эшон ҳушманд.
Лек аз таъсири он пушташ дутӯ
Гаштаву нолон шуда ӯ пеши ту,
Ки дуъое, ҳиммате, то вораҳам,
То аз ин банди ниҳон берун ҷаҳам.
Он ки бинад ин аломатҳо падид,
Чун надонад ӯ шақиро аз саъид?
Донаду пӯшад ба амри зулҷалол,
Ки набошад кашфи рози Ҳақ ҳалол.
Ин сухан поён надорад, он фақир
Аз маҷоъат шуд забуну тан асир.

## Музтариб шудани фақири назркарда ба кандани амруд аз дарахт ва гӯшмоли Ҳақ расидан бе муҳлат

Панҷ рӯз он бод амруде нарехт,
З-оташи ҷӯъаш сабурӣ мегурехт.
Бар сари шохе мурӯде чанд дид,
Боз сабре карду худро вокашид.
Бод омад, шохро сарзер кард,
Табъро бар хӯрдани он чир кард.
Ҷӯъу заъфу қуввати ҷазбу қазо
Кард зоҳидро зи назраш бевафо.
Чунки аз амрудбун мева сукуст,
Гашт андар назру аҳди хеш суст.

Ҳам дар он дам гӯшмоли Ҳақ расид,
Чашми ӯ бигшоду гӯши ӯ кашид.

## Муттаҳам кардан он шайхро бо уздон ва буридан дасташро

Бист аз дуздон буданд он ҷову беш
Бахш мекарданд масруқоти хеш.
Шаҳнаро ғаммоз огаҳ карда буд,
Мардуми шаҳна барафтоданд зуд.
Ҳам бад-он ҷо пойи чаппу дасти рост,
Ҷумларо бибриду ғавғое бихост.
Дасти зоҳид ҳам бурида шуд ғалат,
Пошро мехост ҳам кардан сақат.
Дарзамон омад саворе бас гузин,
Бонг барзад бар авон, к-эй саг! Бибин.
Ин фалон шайх аст аз абдоли Худо,
Дасти ӯро ту чаро кардӣ ҷудо?
Он авон бидрид ҷома, тез рафт
Пеши шаҳна, дод огоҳиш тафт.
Шаҳна омад, побараҳна, узрхоҳ,
Ки надонистам, Худо бар ман гувоҳ.
Ҳин, биҳил кун мар маро з-он кори зишт,
Эй кариму сарвари аҳли биҳишт!
Гуфт: «Медонам сабаб ин нешро,
Мешиносам ман гуноҳи хешро.
Ман шикастам ҳурмати имони ӯ,
Пас, яминам бурд додистони ӯ.
Ман шикастам аҳду донистам, бад аст,
То расид он шумии ҷуръат ба даст.
Дасти мову пойи мову мағзу пӯст
Бод, эй волӣ! Фидои ҳукми дӯст!
Қисми ман буд ин, туро кардам ҳалол,
Ту надонистӣ, туро набвад вабол.
В-он ки ӯ донист, ӯ фармонравост,
Бо Худо сомони печидан куҷост?
Эй басо мурғе парида донаҷӯ,
Ки бурида ҳалқи ӯ ҳам ҳалқи ӯ.
Эй басо мурғе зи меъда в-аз мағас
Бар канори бом, маҳбуси қафас.
Эй басо моҳӣ дар оби дурдаст,
Гашта аз ҳирси гулӯ маъхузи шаст.
Эй басо мастури дар парда буда,
Шумии фарҷу гулӯ расво шуда.
Эй басо қозии ҳибри некхӯ,
Аз гулӯву ришвате ӯ зардрӯ.

Балки дар Ҳоруту Морут он шароб
Аз уруҷи чархашон шуд садди боб.
Боязид аз баҳри ин кард эҳтироз,
Дид дар худ коҳилӣ андар намоз.
Аз сабаб андеша кард он зулубоб,
Дид иллат, хӯрдани бисёр аз об.
Гуфт: «То соле нахоҳам хӯрд об»,
Ончунон карду Худояш дод тоб.
Ин камина ҷаҳди ӯ буд баҳри дин,
Гашт ӯ султону қутбулорифин.
Чун бурида шуд барои халқ даст,
Марди зоҳидро дари шакво бибаст.
«Шайхи ақтаъ» гашт номаш пеши халқ,
Кард маъруфаш бад-ин офоти ҳалқ.

## Каромоти Шайхи ақтаъ ва занбил бофтани ӯ ба ду даст

Дар ариш ӯро яке зоир биёфт,
К-ӯ ба ҳар ду даст ме занбил бофт.
Гуфт ӯро: «Эй адувви ҷони хеш,
Дар аришам омада, сар карда пеш.
Ин чаро кардӣ шитоб андар сибоқ?»
Гуфт: «Аз ифроти меҳру иштиёқ».
Пас табассум карду гуфт: «Акнун биё,
Лек махфӣ дор инро, эй киё!
То намирам ман, магӯ ин бо касе,
На қарине, на ҳабибе, на хасе».
Баъд аз он қавме дигар аз равзанаш
Мутталеъ гаштанд бар бофиданаш.
Гуфт: «Ҳикматро ту донӣ, Кирдгор!
Ман кунам пинҳон, ту кардӣ ошкор».
Омад илҳомаш, ки якчанде буданд,
Ки дар ин ғам бар ту мункир мешуданд,
Ки магар солус буд ӯ дар тариқ,
Ки Худо расвош кард андар фариқ.
Ман нахоҳам, к-он рама кофир шаванд,
Дар залолат дар гумони бад раванд.
Ин кароматро бикардем ошкор,
Ки диҳемат даст андар вақти кор.
То ки он бечорагони бадгумон
Рад накарданд аз ҷаноби осмон.
Ман туро бе ин кароматҳо зи пеш
Худ тасаллӣ додаме аз зоти хеш.
Ин каромат баҳри эшон додамат
В-ин чароғ аз баҳри он бинҳодамат.

Ту аз он бигзаштаӣ, к-аз марги тан
Тарсӣ в-аз тафриқи аҷзои бадан.
Ваҳми тақфиқи сару по аз ту рафт,
Дафъи ваҳм испар расидат нек зафт.

## Сабаби ҷуръати соҳирони Фиръавн бар қатъи дасту по

Соҳиронро на, ки Фиръавни лаъин
Кард таҳдиди сиёсат бар замин,
Ки бибуррам дасту потон аз хилоф,
Пас даровезам, надорамтон муъоф.
Ӯ ҳамепиндошт, к-эшон дар ҳамон
Ваҳму тахвифанду васвосу гумон,
Ки бувадшон ларзаву тахвифу тарс
Аз таваҳҳумҳову таҳдидоти нафс.
Ӯ намедонист, к-эшон растаанд,
Бар даричай нури дил биншастаанд.
Сояи худро зи худ донистаанд,
Чобуку чусту кашу барҷастаанд.
Ҳовани гардун агар сад борашон
Хурд кӯбад андар ин гилзорашон,
Асли ин таркибро чун дидаанд,
Аз фурӯғи ваҳм кам тарсидаанд.
Ин ҷаҳон хоб аст, андар зан маист,
Гар равад дар хоб дасте, бок нест.
Гар ба хоб-андар сарат бибрид гоз,
Ҳам сарат барҷост, ҳам умрат дароз.
Гар бибинӣ хоб-дар худро дуним,
Тандурустӣ, чун бихезӣ, не сақим.
Ҳосил андар хоб нуқсони бадан
Нест боку не дусадпора шудан.
Ин ҷаҳонро, ки ба сурат қоим аст,
Гуфт пайғамбар, ки ҳулми ноим аст.
Аз раҳи тақлид ту кардӣ қабул,
Соликон ин дида пайдо бе расул.
Рӯз дар хобӣ, магӯ, к-ин хоб нест,
Соя фаръ аст, асл ҷуз маҳтоб нест.
Хобу бедорит он дон, эй азуд,
Ки бибинад хуфта, к-ӯ дар хоб шуд.
Ӯ гумон бурда, ки ин дам хуфтаюм,
Бехабар з-он, к-ӯст дар хоби дувум.
Кӯзагар гар кӯзаеро бишканад,
Чун бихоҳад, боз худ қоим кунад.
Кӯрро ҳар гом бошад тарси чоҳ,
Бо ҳазорон тарс меояд ба роҳ.

Марди бино дид арзи роҳро,
Пас, бидонад ӯ мағоку чоҳро.
Пову зонуяш наларзад ҳар даме,
Рӯ туруш кай дорад ӯ аз ҳар ғаме?
Хез, Фиръавно, ки мо он нестем,
Ки ба ҳар бонгею ғӯле бистем.
Хирқаи моро бидар, дӯзанда ҳаст,
В-арна моро худ бараҳнатар беҳ аст.
Белибос ин хобро андар канор
Хуш дорорем, эй адувви нобакор.
Хуштар аз таҷрид аз тан в-аз мизеҷ
Нест, эй Фиръавн, беилҳом гиҷ!

## Шикояти астар пеши шутур, ки ман бисёр дар рӯ меафтам ва ту намеафтӣ, илло ба нодир

Гуфт астар бо шутур, к-эй хуш рафиқ,
Дар фарозу шебу дар роҳи дақиқ
Ту наойӣ дар сару хуш меравӣ,
Ман ҳамеоям ба сар-дар чун ғавӣ.
Ман ҳамеафтам ба рӯ, дар ҳар даме,
Хоҳ дар хушкею хоҳ андар наме.
Ин сабабро бозгӯ бо ман, ки чист?
То бидонам ман, ки чун бояд бизист?
Гуфт: «Чашми ман зи ту равшантар аст,
Баъд аз он ҳам аз баландӣ нозир аст.
Чун бароям бар сари кӯҳи баланд,
Охири ақба бибинам ҳушманд.
Пас, ҳама пастию болоии роҳ
Дидаамро вонамояд ҳам Илоҳ.
Ҳар қадам ман аз сари биниш ниҳам,
Аз исору уфтодан вораҳам.
Ту бибинӣ пеши худ як-ду-се гом,
Дона бинию набинӣ ранҷи дом».
«Яставӣ-л-аъмо ладайкум ва-л-басир,
Фи-л-мақоми ва-н-нузули ва-л-масир».
Чун ҷанинро дар шикам Ҳақ ҷон диҳад,
Ҷазби аҷзо дар мизоҷи ӯ ниҳад.
Аз хуриш ӯ ҷазби аҷзо мекунад,
Тору пуди ҷисми худро метанад.
То чиҳил солаш ба ҷазби ҷузвҳо
Ҳақ ҳарисаш карда бошад дар намо.
Ҷазби аҷзо рӯҳро таълим кард,
Чун надонад ҷазби аҷзо шоҳи фард?
Ҷомеъи ин зарраҳо хуршед буд,
Бе ғизо аҷзотро донад рабуд.

Он замоне, ки дароӣ ту зи хоб,
Ҳушу ҳисси рафтаро хонад шитоб,
То бидонӣ, к-он аз ӯ ғоиб нашуд,
Боз ояд, чун бифармояд, ки уд!

## Иҷтимоъи аҷзои хари Узайр, алайҳиссалом, баъд аз пӯсидан биизниллоҳ ва дар ҳам мураккаб шудан пеши чашми Узайр, алайҳиссалом

Ҳин Узайро! Дарнигар андар харат,
Ки бипӯсидасту резида барат.
Пеши ту гирд оварем аҷзошро,
Он сару думму ду гӯшу пошро.
Даст нею ҷузв бар ҳам мениҳад,
Пораҳоро иҷтимоъе медиҳад.
Дарнигар дар санъати поразане,
К-ӯ ҳамедӯзад куҳан бе сӯзане.
Ресмону сӯзане нех вақти харз,
Ончунон дӯзад, ки пайдо нест дарз.
Чашм бигшо, ҳашрро пайдо бибин,
То намонад шубҳаат дар явми дин,
То бибинӣ ҷомеъиямро тамом,
То биларзӣ вақти мурдан з-эҳтимом.
Ҳамчунон ки вақти хуфтан эминӣ
Аз фавоти ҷумла ҳисҳои танӣ.
Бар ҳавоси худ наларзӣ вақти хоб,
Гарчи мегардад парешону хароб.

## Ҷазаъ нокардани шайхе бар марги фарзандони худ

Буд шайхе, раҳнамое пеш аз ин,
Осмонишамъ бар рӯйи замин.
Чун паямбар дар миёни умматон,
Даргушои равзаи Дорулҷинон.
Гуфт пайғамбар, ки шайхи рафта пеш
Чун набӣ бошад миёни қавми хеш.
Як сабоҳе гуфташ аҳли байти ӯ:
«Сахтдил чунӣ? Бигӯ, эй некхӯ.
Мо зи маргу ҳаҷри фарзандони ту
Навҳа медорем бо пушти дутӯ.
Ту намегирйӣ, намезорӣ чаро?
Ё ки раҳмат нест дар дил, эй киё!
Чун туро раҳме набошад дар дарун,
Пас, чӣ уммедастамон аз ту кунун?

Мо ба уммеди туем, эй пешво,
Ки бинагзорӣ ту моро дар фано.
Чун биёроянд рӯзи ҳашр тахт,
Худ шафеъи мо туӣ он рӯзи сахт.
Дар чунон рӯзу шаби безинҳор,
Мо ба икроми туем уммедвор.
Дасти мову домани туст, он замон,
Ки намонад ҳеч муҷримро амон».
Гуфт пайғамбар, ки рӯзи растхез
Кай гузорам муҷримонро ашкрез?
Ман шафеъи осиён бошам ба ҷон,
То раҳонамшон зи ишканҷай гарон.
Осиён в-аҳли кабоирро ба ҷаҳд
Вораҳонам аз итоби нақзи аҳд.
Солиҳони умматам худ фориғанд
Аз шафоатҳои ман рӯзи газанд.
Балки эшонро шафоатҳо бувад,
Гуфташон чун ҳукми нофиз меравад.
Ҳеч возир визри ғайре барнадошт,
Ман наям возир, Худоям барфарошт.
Он ки бевизр аст, шайх аст, эй ҷавон,
Дар қабули Ҳақ, чу андар каф камон.
Шайх кӣ бвад? Пир, яъне мӯсапед,
Маънии ин мӯ бидон, эй кажумед:
Ҳаст он мӯйи сияҳ ҳастии ӯ,
То зи ҳастияш намонад тои мӯ.
Чунки ҳастияш намонад, пир ӯст,
Гар сияҳмӯ бошад ӯ ё худ думӯст.
Ҳаст он мӯйи сияҳ васфи башар,
Нест он мӯ, мӯйи ришу мӯйи сар.
Исӣ андар маҳд бардорад нафир,
Ки ҷавон ногашта мо, шайхему пир.
Гар раҳид аз баъзи авсофи башар,
Шайх набвад, каҳл бошад, эй писар.
Чун яке мӯйи сияҳ, к-он васфи мост,
Нест бар вай, шайху мақбули Худост.
Чун бувад мӯяш сапед, ар бо х(в)ад аст,
Ӯ на пир асту на хоси Эзад аст.
В-ар сари мӯе зи васфаш боқӣ аст,
Ӯ на аз арш аст, ӯ офоқӣ аст.

## Узр гуфтани шайх баҳри ногиристан бар фарзандон

Шайх гуфт ӯро: «Мапиндор, эй рафиқ,
Ки надорам раҳму меҳру дил шафиқ.

Бар ҳамай куффор моро раҳмат аст,
Гарчи ҷони ҷумла кофир неъмат аст.
Бар сагонам раҳмату бахшоиш аст,
Ки чаро аз сангҳошон молиш аст?
Он саге, ки мегазад, гӯям дуъо,
Ки аз ин хӯ ворaҳонаш, эй Худо!
Ин сагонро ҳам дар он андеша дор,
Ки набошанд аз халоиқ сангсор».
З-он биёвард авлиёро бар замин,
То кунадшон раҳматан ли-л-ъоламин.
Халқро хонад суйи даргоҳи хос,
Ҳаққро хонад, ки вофир кун халос.
Ҷаҳд бинмояд аз ин сӯ баҳри панд,
Чун нашуд, гӯяд, Худоё, дар мабанд.
Раҳмати ҷузвӣ бувад мар омро,
Раҳмати куллӣ бувад ҳуммомро.
Раҳмати ҷузваш қарин гашта ба кул,
Раҳмати дарё бувад ҳодий субул.
Раҳмати ҷузвӣ! Ба кул пайваста шав,
Раҳмати кулро ту ҳодӣ бину рав.
То ки ҷузв аст ӯ, надонад роҳи баҳр,
Ҳар ғадиреро кунад з-ашбоҳи баҳр.
Чун надонад роҳи ям, кай раҳ барад?
Сӯйи дарё халқро чун оварад?
Муттасил гардад ба баҳр, он гоҳ ӯ
Раҳ барад то баҳр ҳамчун селу ҷӯ.
В-ар кунад даъват, ба тақлиде бувад,
Н-аз иёну ваҳю таъйиде бувад».
Гуфт: «Пас, чун раҳм дорӣ бар ҳама
Ҳамчу чӯпонӣ ба гирди ин рама.
Чун надорӣ навҳа бар фарзанди хеш?
Чунки фассоди аҷалшон зад ба неш.
Чун гувоҳи раҳм ашки дидаҳост,
Дидаи ту бе наму гиря чарост?»
Рӯ ба зан карду бигуфташ: «Эй аҷуз!
Худ набошад фасли дай ҳамчун тамуз.
Ҷумла гар мурданд эшон, гар ҳайанд,
Ғоибу пинҳон зи чашми дил кайанд?
Ман чу бинамшон муайян пеши хеш,
Аз чӣ рӯ рӯро кунам ҳамчун ту реш?
Гарчи берунанд аз даври замон,
Бо мананду гирди ман бозикунон.
Гиря аз ҳиҷрон бувад ё аз фироқ,
Бо азизонам висол асту иноқ.

Халқ андар хоб мебинандашон,
Ман ба бедорӣ ҳамебинам аён.
З-ин ҷаҳон худро даме пинҳон кунам,
Барги ҳисро аз дарахт афшон кунам».
Ҳис асири ақл бошад, эй фалон!
Ақл асири рӯҳ бошад, ҳам бидон.
Дасти бастай ақлро ҷон боз кард,
Корҳои бастаро ҳам соз кард.
Ҳиссҳо в-андеша бар оби сафо
Ҳамчу хас бигрифта рӯйи обро.
Дасти ақл он хас ба як сӯ мебарад,
Об пайдо мешавад пеши хирад.
Хас бас анбуҳ буд бар ҷӯ чун ҳубоб,
Хас чу як сӯ рафт, пайдо гашт об.
Чунки дасти ақл нагшояд Худо,
Хас физояд аз ҳаво бар оби мо.
Обро ҳар дам кунад пӯшида ӯ,
Он ҳаво хандону гирён ақли ту.
Чунки тақво баст ду дасти ҳаво,
Ҳақ гушояд ҳар ду дасти ақлро.
Пас, ҳавоси чира маҳкуми ту шуд,
Чун хирад солору махдуми ту шуд.
Ҳиссро бе хоб хоб - андар кунад,
То ки ғайбиҳо зи ҷон сар барзанад.
Ҳам ба бедорӣ бибинӣ хобҳо,
Ҳам зи гардун баргушояд бобҳо.

## Қиссаи хондани шайхи зарир Мусҳафро дар рав ва бино шудан вақти қироъат

Дид дар айём он шайхи фақир
Мусҳафе дар хонаи пире зарир.
Пеши ӯ меҳмон шуд ӯ вақти тамуз,
Ҳар ду зоҳид ҷамъ гашта чанд рӯз.
Гуфт: «Ин ҷо, эй аҷаб! Мусҳаф чарост?
Чунки нобиност ин дарвеши рост».
Андар ин андеша ташвишаш фузуд,
Ки ҷуз ӯро нест ин ҷо бошу буд.
Ӯст танҳо, мусҳафе овехта,
Ман наям густох ё омехта.
То бипурсам. На, хамуш, сабре кунам,
То ба сабре бар муроде барзанам.
Сабр карду буд чанде дар ҳараҷ,
Кашф, шуд к-«ас-сабру мифтоҳу-л-фараҷ».

## Сабр кардани Луқмон, чун дид, ки Довуд ҳалқаҳо месохт аз суол кардан бо ин ният, ки сабр аз суол мӯҷиби фараҷ бошад

Рафт Луқмон сӯйи Довуди сафо
Дид, к-ӯ мекард з-оҳан ҳалқаҳо.
Ҷумларо бо ҳамдигар дармефиганд
З-оҳани пӯлод он шоҳи баланд.
Санъати заррод ӯ кам дида буд,
Дар аҷаб мемонд, васвосаш фузуд,
К-ин чӣ шояд буд? Вопурсам аз ӯ,
Ки чӣ месозӣ зи ҳалқай тӯбатӯ?
Боз бо худ гуфт: «Сабр авлотар аст,
Сабр то мақсуд зутар раҳбар аст».
Чун напурсӣ, зудтар кашфат шавад,
Мурғи сабр аз ҷумла паррontар бувад.
В-ар бипурсӣ, дертар ҳосил шавад,
Саҳл аз бесабрият мушкил шавад.
Чунки Луқмон тан бизад, ҳам дарзамон
Шуд тамом аз санъати Довуд он.
Пас зиреҳ созиду дарпӯшид ӯ
Пеши Луқмони карими сабрхӯ.
Гуфт: «Ин некӯ либос аст, эй фато!
Дар масофу ҷанг дафъи захмро».
Гуфт Луқмон: «Сабр ҳам некӯ дамест,
Ки паноҳу дофеъи ҳар ҷо ғамест».
Сабрро бо ҳақ қарин кард, эй фалон,
Охири «Ва-л-аср»-ро огаҳ бихон.
Сад ҳазорон кимиё Ҳақ офарид,
Кимиёе ҳамчу сабр Одам надид.

## Бақияи ҳикояти нобино ва Мусҳаф

Марди меҳмон сабр карду ногаҳон
Кашф гашташ ҳоли мушкил дарзамон.
Нимишаб овози Қуръонро шунид,
Ҷаст аз хоб, он аҷоиброро бидид.
Ки зи Мусҳаф кӯр мехондӣ дуруст,
Гашт бесабру аз ӯ он ҳол ҷуст.
Гуфт: «Оё, эй аҷаб! Бо чашми кӯр
Чун ҳамехонӣ? Ҳамебинӣ сутур?
Он чи мехонӣ, бар он афтодаӣ,
Дастро бар ҳарфи он бинҳодаӣ.
Исбаъат дар сайр пайдо мекунад,
Ки назар бар ҳарф дорӣ мустанад».

Гуфт: «Эй гашта зи ҷаҳли тан ҷудо,
Ин аҷаб медорӣ аз сунъи Худо?
Ман зи Ҳақ дархостам, к-эй мустаъон!
Бар қироъат ман ҳарисам ҳамчу ҷон.
Нестам ҳофиз, маро нуре бидеҳ
Дар ду дида вақти хондан, бегиреҳ.
Боздеҳ ду дидаамро он замон,
Ки бигирам Мусҳафу хонам аён.
Омад аз ҳазрат нидо, к-эй марди кор,
Эй ба ҳар ранҷе ба мо уммедвор,
Ҳусни занн асту умеде хуш туро,
Ки туро гӯяд ба ҳар дам: «Бартар о».
Ҳар замон, ки қасди хондан бошадат,
Ё зи мусҳафҳо қироъат боядат,
Ман дар он дам водиҳам чашми туро,
То фурӯ хонӣ, муаззамҷавҳаро!
Ҳамчунон карду ҳар он гоҳе ки ман
Вогушоям Мусҳаф андар хондан,
Он хабире, ки нашуд ғофил зи кор,
Он гиромӣ подшоҳу Кирдгор
Боз бахшад бинишам он шоҳи фард
Дарзамон ҳамчун чароғи шабнавард.
З-ин сабаб набвад валиро эътироз,
Ҳар чӣ бистонад, фиристанд эътиёз.
Гар бисӯзад боғат, ангурат диҳад,
Дар миёни мотаме сурат диҳад.
Он шали бедастро дасте диҳад,
Кони ғамҳоро дили масте диҳад.
«Ло нусаллим» в-эътироз аз мо бирафт,
Чун иваз меояд аз мафқуд зафт.
Чунки бе оташ маро гармӣ расад,
Розиям, гар оташаш моро кушад.
Бе чароғе чун диҳад ӯ равшанӣ,
Гар чароғат шуд, чӣ афғон мекунӣ?

## Сифати баъзе авлиё, ки розиянд ба аҳком ва лоба накунанд, ки ин ҳукмро бигардон

Бишнав акнун қиссаи он раҳравон,
Ки надоранд эътирозе дар ҷаҳон.
З-авлиё аҳли дуъо худ дигаранд,
Гаҳ ҳамедӯзанду гоҳе медаранд.
Қавми дигар мешиносам з-авлиё,
Ки даҳоншон баста бошад аз дуъо.
Аз ризо, ки ҳаст роми он кире,
Ҷустани дафъи қазошон шуд ҳаром.

Дар қазо завқе ҳамебинанд хос,
Куфрашон ояд талаб кардан халос.
Ҳусни занне бар дили эшон гушуд,
Ки напӯшанд аз ғаме ҷомаи кабуд.

## Суол кардани Баҳлул он дарвешро

Гуфт Баҳлул он яке дарвешро:
«Чунӣ, эй дарвеш? Воқиф кун маро».
Гуфт: «Чун бошад касе, ки ҷовидон
Бар муроди ӯ равад кори ҷаҳон?
Селу ҷӯҳо бар муроди ӯ раванд,
Ахтарон з-он сон, ки хоҳанд, он шаванд.
Зиндагию марг сарҳангони ӯ,
Бар муроди ӯ равона кӯ ба кӯ.
Ҳар куҷо хоҳад, фиристад таъзият,
Ҳар куҷо хоҳад, бибахшад таҳният.
Соликони роҳ ҳам бар коми ӯ,
Мондагон аз роҳ ҳам дар доми ӯ.
Ҳеч дандоне нахандад дар ҷаҳон,
Бе ризою амри он фармонравон».
Гуфт: «Эй шаҳ! Рост гуфтӣ, ҳамчунин
Дар фару симои ту пайдост ин.
Ину сад чандинӣ, эй содиқ! Валек
Шарҳ кун инро, баён кун нек-нек.
Ончунон ки фозилу марди фузул,
Чун ба гӯши ӯ расад, орад қабул,
Ончунонаш шарҳ кун андар калом,
Ки аз он ҳам бахра ёбад ақли ом.
Нотиқи комил чу хонпоше бувад,
Хон-ш бар ҳар гунаи оше бувад,
Ки намонад ҳеч меҳмон бенаво,
Ҳар касе ёбад ғизои худ ҷудо.
Ҳамчу Қуръон, ки ба маънӣ ҳафттӯст,
Хосрову омро матъам дар ӯст».
Гуфт: «Ин боре яқин шуд пеши ом,
Ки ҷаҳон дар амри Яздон аст ром.
Ҳеч барге дарнаяфтад аз дарахт
Бе қазову ҳукми он султони бахт.
Аз даҳон луқма нашуд сӯйи гулӯ,
То нагӯяд луқмаро Ҳақ, к-«удхулу».
Майлу рағбат, к-он зимоми одамист,
Ҷунбиши он роми амри он ғанист.
Дар заминҳо в-осмонҳо заррае
Пар наҷунбонад, нагардад паррае.
Ҷуз ба фармони қадими нофизаш,
Шарҳ натвон карду ҷалдӣ нест х(в)аш.

Кӣ шмурад барги дарахтонро тамом?
Бениҳоят кай шавад дар нутқ ром?
Ин қадар бишнав, ки чун куллии кор
Менагардад, ҷуз ба амри Кирдгор.
Чун қазои Ҳақ ризои банда шуд,
Ҳукми ӯро бандаи хоҳанда шуд.
Бетакаллуф на пайи музду савоб,
Балки табъи ӯ чунин шуд мустатоб.
Зиндагии худ нахоҳад баҳри х(в)аз,
На пайи завқи ҳаёти мусталаз.
Ҳар куҷо амри қидамро маслакест,
Зиндагию мурдагӣ пешаш якест.
Бахри Яздон мезияд, на баҳри ганҷ,
Бахри Яздон мемурад, н-аз хавфу ранҷ.
Ҳаст имонаш барои хости ӯ,
На барои ҷаннату ашҷору ҷӯ.
Тарки куфраш ҳам барои Ҳақ бувад,
На зи бими он ки дар оташ равад.
Инчунин омад зи асл он хӯйи ӯ,
На риёзат, на ба ҷустуҷӯйи ӯ.
Онгаҳон хандад, ки ӯ бинад ризо,
Ҳамчу ҳалвои шакар ӯро қазо.
Бандае, к-иш хӯю хилқат ин бувад,
На ҷаҳон бар амру фармонаш равад?
Пас, чаро лоба кунад ӯ ё дуъо?
Ки бигардон, эй Худованд! Ин қазо.
Марги ӯву марги фарзандони ӯ
Бахри Ҳақ, пешаш чу ҳалво дар гулӯ.
Назъи фарзандон бари он бовафо
Чун қатоиф пеши шайхи бенаво.
Пас, чаро гӯяд дуъо? Илло магар,
Дар дуъо бинад ризои додгар.
Он шафоат в-он дуъо, н-аз раҳми х(в)ад
Мекунад он бандаи соҳибрашад.
Раҳми худро ӯ ҳамон дам сӯхтаст,
Ки чароғи ишқи Ҳақ афрӯхтаст.
Дӯзахи авсофи ӯ ишқ асту ӯ
Сӯхт мар авсофи худро мӯ ба мӯ».
Ҳар таруқе ин фаруқӣ кай шинохт?
Ҷуз Дақуқӣ, то дар ин давлат битохт.

## Қиссаи Дақуқӣ, раҳматуллоҳи алайҳ ва каромоташ

Он Дақуқӣ дошт хуш дебоҷае,
Ошиқу соҳибкаромат хоҷае.

Дар замин мешуд чу маҳ бар осмон,
Шабравонро гашта з-ӯ равшан равон.
Дар мақоме маскане кам сохтӣ,
Кам ду рӯз андар деҳе андохтӣ.
Гуфт: «Дар як хона гар бошам ду рӯз,
Ишқи он маскан кунад дар ман фурӯз».
«Ғиррату-л-маскан уҳозирху ано,
Унқулӣ ё нафсу софир ли-л-ғино.
Ло уаввид ҳулқа қалби би-л-макон,
Кай якуна холисан фӣ-л-имтиҳон».
Рӯз андар сайр буд, шаб дар намоз,
Чашм андар шоҳбоз, ӯ ҳамчу боз.
Мунқатеъ аз халқ, на аз бадхуӣ,
Мунфарид аз марду зан, на аз дуӣ.
Мушфиқе бар халқу нофеъ ҳамчу об,
Хуш шафеъею дуъояш мустаҷоб.
Неку бадро меҳрбону мустақар,
Беҳтар аз модар, шаҳитар аз падар.
Гуфт пайғамбар: «Шуморо, эй меҳон!
Чун падар ҳастам шафиқу меҳрбон.
З-он сабаб, ки ҷумла аҷзои манед,
Ҷузвро аз кул чаро бармеканед?»
Ҷузв аз кул қатъ шуд, бекор шуд,
Узв аз тан қатъ шуд, мурдор шуд.
То напайвандад ба кул бори дигар,
Мурда бошад, набвадаш аз ҷон хабар.
В-ар биҷунбад, нест онро худ санад,
Узви навбибрида ҳам ҷунбиш кунад.
Ҷузв аз ин кул гар бурад, як сӯ равад,
Ин на он кулл аст, к-ӯ ноқис шавад.
Қатъу васли ӯ наёяд дар мақол,
Чизи ноқис гуфта шуд баҳри мисол.

## Бозгаштан ба қиссаи Дақуқӣ

Мар Алиро дар мисоле шер хонд,
Шер мисли ӯ набошад, гарчи ронд.
Аз мисолу мислу фарқи он бирон
Ҷониби қиссай Дақуқӣ, эй ҷавон.
Он ки дар фатво имоми халқ буд,
Гӯйи тақво аз фаришта мерабуд.
Он ки андар сайр маҳро мот кард,
Ҳам зи диндории ӯ дин рашк х(в)ард.
Бо чунин тақвову авроду қиём
Толиби хосони Ҳақ будӣ мудом.

Дар сафар муъзам муродаш он будӣ,
Ки даме бар бандаи хосе задӣ.
Ин ҳамегуфтӣ, чу мерафтӣ ба роҳ:
«Кун қарини хосагонам, эй Илоҳ!
Ё раб! Онҳоро, ки бишносад дилам,
Бандаву баста миёну муҷмилам.
В-он ки нашносам, ту, эй Яздони ҷон,
Бар мани маҳҷубашон кун меҳрбон».
Ҳазраташ гуфтӣ, ки эй садри меҳин!
Ин чӣ ишқ асту чӣ истисқост ин?
Меҳри ман дорӣ, чӣ меҷӯйӣ дигар?
Чун Худо бо туст, чун ҷӯйӣ башар?
Ӯ бигуфтӣ: «Ё раб! Эй донои роз!
Ту гушудӣ дар дилам роҳи ниёз.
Дар миёни баҳр агар биншастаам,
Тамъ дар оби сабӯ ҳам бастаам.
Ҳамчу Довудам, навад наъҷа марост,
Тамъ дар наъҷай ҳарифам ҳам бихост.
Ҳирс андар ишқи ту фахр асту ҷоҳ,
Ҳирс андар ғайри ту нангу табоҳ».
Шаҳвату ҳирси нарон бешӣ бувад,
В-они ҳезон нангу бадкешӣ бувад.
Ҳирси мардон аз раҳи пешӣ бувад,
Дар муханнас ҳирс сӯйи пас равад.
Он яке ҳирс аз камоли мардӣ аст,
В-он дигар ҳирс ифтизоҳу сардӣ аст.
Оҳ, сирре ҳаст ин ҷо, бас ниҳон,
Ки суйи Хизре шавад Мӯсо равон.
Ҳамчу мустасқӣ, к-аз обаш сер нест,
Бар ҳар он чи ёфтӣ, биллаҳ, маист.
Бениҳоят ҳазрат аст ин боргоҳ,
Садрро бигзор, садри туст роҳ.

## Сирри талаб кардани Мӯсо Хизрро, алайҳиссалом, бо камоли нубувват ва қурбат

Аз Калими Ҳақ биёмӯз, эй карим,
Бин, чӣ мегӯяд зи муштоқӣ Калим:
«Бо чунин ҷоҳу чунин пайғамбарӣ
Толиби Хизрам, зи худбинӣ барӣ».
Мӯсиё! Ту қавми худро ҳиштаӣ,
Дар пайи некӯпайӣ саргаштаӣ?
Кайқубодӣ, раста аз хавфу раҷо,
Чанд гардӣ? Чанд ҷӯйӣ? То куҷо?
Они ту бо тусту ту воқиф бар ин,
Осмоно, чанд паймоӣ замин?

Гуфт Мӯсо: «Ин маломат кам кунед,
Офтобу моҳро кам раҳ занед.
Меравам, то маҷмаъу-л-баҳрайн ман,
То шавам масҳуби султони заман.
«Аҷъалу-л-Хизра ли амри саббабан,
Зока ав амзӣ ва асрӣ ҳуқубан».
Солҳо паррам ба парру болҳо,
Солҳо чӣ бвад? Ҳазорон солҳо.
Меравам. Яъне намеарзад бад-он?
Ишқи ҷонон кам мадон аз ишқи нон».
Ин сухан поён надорад, эй аму!
Достони он Дақуқиро бигӯ.

## Бозгаштан ба қиссаи Дақуқӣ

Он Дуқуқӣ, раҳматуллоҳи алайҳ,
Гуфт: «Софарту мадан фӣ хофиқайҳ».
Солҳо рафтам, сафар аз ишқи моҳ,
Бехабар аз роҳ, ҳайрон дар Илоҳ».
Побараҳна меравӣ бар хору санг,
Гуфт: «Ман ҳайронаму бехешу данг.
Ту мабин ин пойҳоро бар замин,
З-он ки бар дил меравад ошиқ, яқин.
Аз раҳу манзил, зи кӯтоҳу дароз,
Дил чӣ донад? К-ӯст масти дилнавоз».
Он дарозу кӯтаҳ авсофи тан аст,
Рафтани арвоҳ дигар рафтан аст.
Ту сафар кардӣ зи нутфа то ба ақл,
Не ба гоме буд, на манзил, на нақл.
Сайри ҷон бечун бувад дар давру дайр,
Ҷисми мо аз ҷон биёмӯзид сайр.
Сайри ҷисмона раҳо кард ӯ, кунун
Меравад, бечун ниҳон дар шакли чун.
Гуфт: «Рӯзе мешудам муштоқвор,
То бибинам дар башар анвори ёр.
То бибинам қулзуме дар қатрае,
Офтобе дарҷ андар заррае.
Чун расидам сӯйи як соҳил ба гом,
Буд бегаҳ гашта рӯзу вақти шом».

## Намудани мисоли ҳафт шамъ сӯйи соҳил

Ҳафт шамъ аз дур дидам ногаҳон
Андар он соҳил, шитобидам бад-он.
Нури шуълай ҳар яке шамъе аз он
Баршуда хуш то инони осмон.

Хира гаштам, хирагӣ ҳам хира гашт,
Мавҷи ҳайрат ақлро аз сар гузашт.
Ин чӣ гуна шамъҳо афрӯхтаст,
К-ин ду дидай халқ аз инҳо дӯхтаст?
Халқ ҷӯёни чароғе гашта буд,
Пеши он шамъе, ки бар маҳ мефузуд?
Чашмбанде буд аҷаб бар дидҳо,
Бандашон мекард «яҳдӣ ман яшо».

## Шудани он ҳафт шамъ бар мисоли як шамъ

Боз медидам, ки мешуд ҳафт як,
Мешикофад нури ӯ ҷайби фалак.
Боз, он як бори дигар ҳафт шуд,
Мастию ҳайронии ман зафт шуд.
Иттисолоте миёни шамъҳо,
Ки наёяд бар забону гуфти мо.
Он ки як «дидан» кунад идроки он,
Солҳо натвон намудан аз забон.
Он ки як дам бинадаш идроки ҳуш,
Солҳо натвон шунидаш он ба гӯш.
Чунки поёне надорад, рав «илайк»,
З-он ки «ло уҳсӣ саноан, мо алайк».
Пештар рафтам давон, к-он шамъҳо
То чӣ чиз аст аз нишони кибриё?
Мешудам бехешу мадҳушу хароб,
То бияфтодам зи таъҷилу шитоб.
Соате беҳушу беақл андар ин
Уфтодам, бар сари хоки замин.
Боз бо ҳуш омадам, бархостам,
Дар равиш гӯйӣ на сар, на постам.

## Намудани он шамъҳо дар назар ҳафт мард

Ҳафт шамъ андар назар шуд ҳафт мард,
Нурашон мешуд ба сақфи ложвард.
Пеши он анвор нури рӯз дурд,
Аз салобат нурҳоро месутурд.

## Боз шудани он шамъҳо ҳафт дарахт

Боз ҳар як мард шуд шакли дарахт,
Чашмам аз сабзии эшон некбахт.
З-анбуҳии барг пайдо нест шох,
Барг ҳам гум гашта аз мевай фарох.

Ҳар дарахте шох бар сидра зада,
Сидра чӣ бвад? Аз хало берун шуда.
Бехи ҳар як рафта дар қаъри замин,
Зертар аз гову моҳӣ буд яқин.
Бехашон аз шох хандонрӯйтар,
Ақл аз он ишколашон зеру забар.
Меваe, ки баршикофидӣ зи зӯр,
Ҳамчу об аз мева ҷастӣ барқи нур.

## Махфӣ будани он дарахтон аз чашми халқ

Ин аҷабтар, ки бар эшон мегузашт
Сад ҳазорон халқ аз саҳрову дашт.
З-орзуи соя ҷон мебохтанд,
Аз гилеме соябон месохтанд.
Сояи онро намедиданд ҳеч,
Сад туфу бар дидҳои печ-печ!
Хатм карда қаҳри Ҳақ бар дидҳо,
Ки набинад моҳро, бинад Суҳо.
Зарраеро бинаду хуршед на,
Лек аз лутфу карам навмед на.
Корвонҳо бенаво в-ин меваҳо
Пухта мерезад, чӣ сеҳр аст, эй Худо?
Себи пӯсида ҳамечиданд халқ,
Дарҳам афтода ба яғмо хушкҳалқ.
Гуфта ҳар баргу шукуфай он ғусун,
Дам ба дам: «ё лайта қавмӣ яъламун».
Бонг меомад зи сӯйи ҳар дарахт:
«Сӯйи мо оед, халқи шӯрбахт!»
Бонг меомад зи ғайрат бар шаҷар:
«Чашмашон бастем, калло, ло вазар».
Гар касе мегуфташон, к-ин сӯ равед,
То аз ин ашҷор мустасъид шавед,
Ҷумла мегуфтанд, к-ин мискини маст
Аз қазоуллоҳ девона шудаст.
Мағзи ин мискин зи савдои дароз
В-аз раёзат гашта фосид чун пиёз.
Ӯ аҷаб мемонд: «Ё раб! Ҳол чист?
Халқро ин пардаву изпол чист?
Халқи гуногуни бо сад рою ақл
Як қадам он сӯ намеоранд нақл!
Оқилону зираконшон з-иттифоқ
Гашта мункир з-инчунин боғею оқ.
Ё манам девонаву хира шуда!
Дев чизе мар маро бар сар зада!»
Чашм мемолад ба ҳар лаҳза, ки ман
Хоб мебинам хаёл андар заман!

Хоб чӣ бвад? Бар дарахтон меравам,
Меваҳошон мехурам, чун награвам?
Боз чун ман бингарам дар мункирон,
Ки ҳамегиранд з-ин бустон карон.
Бо камоли эҳтиёҷу ифтиқор,
З-орзуи ним ғӯра ҷонсупор.
З-иштиёқу ҳирси як барги дарахт
Мезананд ин бенавоён оҳи сахт.
Дар ҳазимат з-ин дарахту з-ин симор
Ин халоиқ сад ҳазор андар ҳазор.
Боз мегӯям: «Аҷаб! Ман бех(в)адам,
Даст дар шохи хаёле дарзадам».
«Ҳатт изо мастаъяса-р-руслу» бигӯ,
То ба «Занну аннаҳум қад куззибу».
Ин қироъат хон, ки тахфифи кузиб
Ин бувад, ки хеш бинад муҳтаҷиб.
Дар гумон афтод ҷони анбиё
З-иттифоқи мункирии ашқиё.
«Ҷоаҳум баъда-т-ташаккук насруно»,
Таркашон гӯ, бар дарахти ҷон баро.
Мехуру медеҳ бад-он, к-иш рӯзӣ аст,
Ҳар даму ҳар лаҳза сеҳромӯзӣ аст.
Халқ гӯён: «Эй аҷаб! Ин бонги чист?
Чунки саҳро аз дарахту бар тиҳист.
Гиҷ гаштем аз дами савдоиён,
Ки ба наздики шумо боғ асту хон.
Чашм мемолем, ин ҷо боғ нест,
Ё биёбонест ё мушкил раҳест.
Эй аҷаб! Чандин дароз ин гуфтугӯ,
Чун бувад беҳуда? В-ар худ ҳаст, ку?»
Ман ҳамегӯям чу эшон, эй аҷаб!
Инчунин муҳре чаро зад сунъи раб?
З-ин танозуъҳо Муҳаммад дар аҷаб,
Дар тааҷҷуб низ монда Бӯлаҳаб.
З-ин аҷаб то он аҷаб фарқест жарф,
То чӣ хоҳад кард султони шигарф?
Эй Дақуқӣ! Тезтар рон, ҳин, хамӯш!
Чанд гӯйӣ? Чанд? Чун қаҳт аст гӯш.

## Як дарахт шудани он ҳафт дарахт

Гуфт: «Рондам пештар ман некбахт,
Боз шуд он ҳафт ҷумла як дарахт.
Ҳафт мешуд, фард мешуд ҳар даме,
Ман чӣ сон мегаштам аз ҳайрат ҳаме.

Баъд аз он дидам дарахтон дар намоз
Саф кашида, чун ҷамоат карда соз.
Як дарахт аз пеш, монанди имом,
Дигарон андар паси ӯ дар қиём.
Он қиёму он рукӯъу он суҷуд
Аз дарахтон бас шигифтам менамуд.
Ёд кардам қавли Ҳақро он замон,
Гуфт: «Ан-наҷму» шаҷарро «ясҷудон».
Ин дарахтонро на зону, на миён,
Ин чӣ тартиби намоз аст ончунон?
Омад илҳоми Худо, к-эй бофурӯз!
Ме аҷаб дорӣ зи кори мо ҳанӯз?»

## Ҳафт мард шудани он ҳафт дарахт

Баъди дере гашт онҳо ҳафт мард,
Ҷумла дар қаъда пайи Яздони фард.
Чашм мемолам, ки он ҳафт арслон
То киёнанду чӣ доранд аз ҷаҳон?
Чун ба наздикӣ расидам ман зи роҳ,
Кардам эшонро салом аз интибоҳ.
Қавм гуфтандам ҷавоби он салом:
«Эй Дақуқӣ! Мафхару тоҷи киром».
Гуфтам, охир, чун маро бишнохтанд,
Пеш аз ин бар ман назар н-андохтанд.
Аз замири ман бидонистанд зуд,
Якдигарро бингариданд аз фуруд.
Посухам доданд хандон, к-эй азиз,
Ин бипӯшидаст акнун бар ту низ?
Бар диле, к-ӯ дар таҳайюр бо Худост,
Кай шавад пӯшида рози чаппу рост?
Гуфтам: «Ар сӯйи ҳақоиқ бишкуфанд,
Чун зи исми ҳарфи расмӣ воқифанд?»
Гуфт: «Агар исме шавад ғайб аз валӣ,
Он зи истиғроқ дон, н-аз ҷоҳилӣ».
Баъд аз он гуфтанд, моро орзуст
Иқтидо кардан ба ту, эй покдӯст?
Гуфтам: «Оре! Лек як соат, ки ман
Мушкилоте дорам аз даври заман».
То шавад он ҳал ба суҳбатҳои пок,
Ки ба суҳбат рӯяд ангуре зи хок.
Донаи пурмағз бо хоки дижам,
Хилватею суҳбате кард аз карам.
Хештан дар хок куллӣ маҳв кард,
То намондаш рангу бӯву сурху зард.

Аз паси он маҳв қабзи ӯ намонд,
Пар гушоду баст шуд, маркаб биронд.
Пеши асли хеш чун бехеш шуд,
Рафт сурат, ҷилваи маъниш шуд.
Сар чунин карданд, ҳин, фармон турост,
Таффи дил аз сар чунин кардан бихост.
Соате бо он гурӯҳи муҷтабо,
Чун муроқиб гаштаму аз худ ҷудо.
Ҳам дар он соат зи «соат» раст ҷон,
З-он ки «соат» пир гардонад ҷавон. 2075
Ҷумла талвинҳо зи «соат» хостаст,
Раст аз талвин, ки аз «соат» бираст.
Чун зи «соат» соате берун шавӣ,
«Чун» намонад, маҳрами бечун шавӣ.
Соат аз «бесоатӣ» огоҳ нест,
З-он, к-иш он сӯ ҷуз таҳайюр роҳ нест.
Ҳар нафарро бар тавилай хоси ӯ
Бастаанд андар ҷаҳони ҷустуҷӯ.
Мунтасиб бар ҳар тавила роизе,
Ҷуз ба дастуре наёяд рофизе. 2080
Аз ҳавас гар аз тавила бискулад,
Дар тавилай дигарон сар даркунад.
Дарзамон охурчиёни чусти х(в)аш
Гӯшаи афсори ӯ гиранду каш.
Ҳофизонро гар набинӣ, эй аёр,
Ихтиёратро бибин беихтиёр.
Ихтиёре мекунию дасту по,
Баргушо дастат, чаро ҳабсӣ? Чаро?
Рӯй дар инкори ҳофиз бурдаӣ?
Ном таҳдидоти нафсаш кардаӣ? 2085

## Пеш рафтани Дақуқӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, ба имомат

Ин сухан поён надорад, тез дав,
Ҳин! Намоз омад, Дақуқӣ! Пеш рав!
Эй ягона! Ҳин, дугона баргузор,
То музайян гардад аз ту рӯзгор.
Эй имоми чашмравшан! Дар сало
Чашмравшан бояд эдар пешво.
Дар шариат ҳаст макрӯҳ, эй киё,
Дар имомат пеш кардан кӯрро.
Гарчи ҳофиз бошаду чусту фақеҳ,
Чашмравшан беҳ в-агар бошад сафеҳ. 2090

Кӯрро парҳез набвад аз қадар,
Чашм бошад асли парҳезу ҳазар.
Ӯ палидиро набинад дар убур,
Ҳеч муъминро мабодо чашм кӯр.
Кӯри зоҳир дар наҷосай зоҳир аст,
Кӯри ботин дар наҷосоти сир аст.
Ин наҷосай зоҳир аз обе равад,
Он наҷосай ботин афзун мешавад.
Ҷуз ба оби чашм натвон шустан он,
Чун наҷосоти бавотин шуд аён.
Чун наҷис хондаст кофирро Худо,
Ин наҷосат нест бар зоҳир варо.
Зоҳири кофир мулаввас нест, з-ин
Он наҷосат ҳаст дар ахлоқу дин.
Ин наҷосат бӯяш ояд бист гом
В-он наҷосат бӯяш аз Рай то ба Шом.
Балки бӯяш осмонҳо барравад,
Дар бимоғи ҳуру ризвон баршавад.
Ин чи мегӯям, ба қадри фаҳми туст,
Мурдам андар ҳасрати фаҳми дуруст.
Фаҳм об асту вуҷуди тан сабӯ,
Чун сабӯ бишкаст, резад об аз ӯ.
Ин сабӯро панҷ сӯрох аст жарф,
Андар ӯ на об монад худ, на барф.
Амри «ғуззу ғаззатан абсоракум»
Ҳам шунидӣ, рост нанҳодӣ ту сум.
Аз даҳонат нутқ фаҳматро барад,
Гӯш чун рег аст, фаҳматро х(в)арад.
Ҳамчунин сӯроххои дигарат
Мекашонад оби фаҳми музмарат.
Гар зи дарё обро берун кунӣ,
Бе иваз он баҳрро ҳомун кунӣ.
Бегаҳ аст, арна бигӯям ҳолро,
Мадхали аъвозро в-абдолро,
К-он ивазҳо в-он бадалҳо баҳрро
Аз куҷо ояд зи баъди харҷҳо?
Сад ҳазорон ҷонвар з-ӯ мех(в)аранд,
Абрҳо ҳам аз бурунаш мебаранд.
Боз дарё он ивазҳо мекашад,
Аз куҷо? Донанд асҳоби рашад.
Қиссаҳо оғоз кардем аз шитоб,
Монд бемахлас даруни ин китоб.
Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддини род!
Ки фалак в-аркон чу ту шоҳе назод,
Ту ба нодир омадӣ дар ҷону дил,
Эй дилу ҷон аз қудуми ту хиҷил.

Чанд кардам мадҳ қавми «мо мазо»,
Қасди ман з-онҳо ту будӣ з-иқтизо.
Хонаи худро шиносад худ дуъо,
Ту ба номи ҳар кӣ хоҳӣ, кун сано.
Баҳри китмони мадеҳ аз номаҳал
Ҳақ ниҳодаст ин ҳикоёту масал.
Гарчи он мадҳ аз ту ҳам омад хиҷил,
Лек бипзирад Худо «ҷаҳду-л-муқил».
Ҳақ пазирад касрае, дорад муоф,
К-аз ду дидай кӯр ду қатра кафоф.
Мурғу моҳӣ донад он ибҳомро,
Ки ситудам муҷмал ин хушномро.
То бар ӯ оҳи ҳасудон кам вазад,
То хаёлашро ба дандон кам газад.
Худ хаёлашро куҷо ёбад ҳасуд?
Дар вусоқи муш тӯтӣ кай ғунуд?
Он хаёли ӯ бувад аз ихтиёл,
Мӯйи абрӯйи вай аст он, на ҳилол.
Мадҳи ту гӯям бурун аз панҷу ҳафт,
Барнавис акнун, Дақуқӣ пеш рафт.

## Пеш рафтани Дақуқӣ ба имомати он қавм

Дар «таҳийёту салому-с-солиҳин»
Мадҳи ҷумлай анбиё омад аҷин.
Мадҳҳо шуд ҷумлагӣ омехта,
Кӯзаҳо дар як лаган даррехта.
З-он ки худ мамдӯҳ ҷуз як беш нест,
Кешҳо з-ин рӯй ҷуз як кеш нест.
Дон, ки ҳар мадҳе ба нури Ҳақ равад,
Бар сувар в-ашхос орият бувад.
Мадҳҳо ҷуз мустаҳиқро кай кунанд?
Лек бар пиндошт гумраҳ мешаванд.
Ҳамчу нуре тофта бар ҳойите,
Ҳойит он анворро чун робите.
Ё зи чоҳе акси моҳе вонамуд,
Сар ба чаҳ даркард зол, онро ситуд.
Лоҷарам чун соя сӯйи асл ронд,
Зол маҳ гум карду з-истоиш бимонд.
Дар ҳақиқат модиҳи моҳ аст ӯ,
Гарчи ҷаҳли ӯ ба аксаш кард рӯ.
Мадҳи ӯ маҳрост, на он аксро,
Куфр шуд он, чун ғалат шуд моҷаро,
К-аз шақоват гашт гумроҳ он далер,
Маҳ ба боло буду ӯ пиндошт зер.

З-ин бутон халқон парешон мешаванд,
Шаҳвати ронда пушаймон мешаванд.
З-он, ки шаҳват бо хаёле рондааст
В-аз ҳақиқат дуртар вомондааст.
Бо хаёле майли ту чун пар бувад,
То бад-он пар бар ҳақиқат бар шавад.
Чун бирондӣ шаҳвате, паррат бирехт,
Ланг гаштӣ в-он хаёл аз ту гурехт.
Пар нигаҳ дору чунин шаҳват марон,
То пари майлат барад сӯйи ҷинон.
Халқ пиндоранд, ишрат мекунанд,
Бар хаёле парри худ бармекананд.
Вомдори шарҳи ин нукта шудам,
Муҳлатам деҳ, муъсирам, з-он тан задам.

## Иқтидо кардани қавм аз паси Дақуқӣ

Пеш даршуд он Дақуқӣ дар намоз,
Қавм ҳамчун атлас омад, ӯ тироз.
Иқтидо карданд он шоҳон қатор
Дар пайи он муқтадои номдор.
Чунки бо такбирҳо мақрун шуданд,
Ҳамчу қурбон аз ҷаҳон берун шуданд.
Маънии такбир ин аст, эй имем,
К-эй Худо! Пеши ту мо қурбон шудем.
Вақти забҳ «Аллоҳу акбар» мекунӣ,
Ҳамчунин дар забҳи нафси куштанӣ.
Тан чу Исмоилу ҷон ҳамчун Халил,
Кард ҷон такбир бар ҷисми набил.
Гашт кушта тан зи шаҳватҳову оз,
Шуд ба бисмиллоҳ бисмил дар намоз.
Чун қиёмат пеши Ҳақ сафҳо зада,
Дар ҳисобу дар муноҷот омада.
Истода пеши Яздон ашкрез
Мар мисоли ростхези растхез.
Ҳақ ҳамегӯяд: «Чӣ овардӣ маро?
Андар ин муҳлат, ки додам мар туро.
Умри худро дар чӣ поён бурдаӣ?
Қуту қувват дар чӣ фонӣ кардаӣ?
Гавҳари дида куҷо фарсудаӣ?
Панҷ ҳисро дар куҷо полудаӣ?
Чашму гӯшу ҳушу гавҳарҳои арш
Харҷ кардӣ, чӣ харидӣ ту зи фарш?
Дасту по додам-т чун белу каланд,
Ман бибахшидам, зи худ он кай шуданд?»

Ҳамчунин пайғомҳои дардгин
Сад ҳазорон ояд аз ҳазрат чунин.
Дар қиём ин кифтҳо дорад руҷӯъ
В-аз хиҷолат шуд дуто ӯ дар рукӯъ.
Қуввати истодан аз хиҷлат намонд,
Дар рукӯъ аз шарм тасбеҳе бихонд.
Боз фармон мерасад: «Бардор сар,
Аз рукӯъу посухи Ҳақ баршумар».
Сар барорад аз рукӯъ он шармсор,
Боз андар рӯ фитад он хомкор.
Боз фармон оядаш: «Бардор сар,
Аз суҷуду водеҳ аз карда хабар».
Сар барорад ӯ дигар раҳ шармсор,
Андарафтад боз дар рӯ ҳамчу мор.
Боз гӯяд: «Сар барору бозгӯ,
Ки бихоҳам ҷуст аз ту мӯ ба мӯ».
Қуввати по истодан набвадаш,
Ки хитоби ҳайбате бар ҷон задаш.
Пас нишинад, қаъда з-он бори гарон,
Ҳазраташ гӯяд: «Сухан гӯ бо баён.
Неъматат додам, бигӯ шукрат чӣ буд?
Додамат сармоя, ҳин, бинмой суд».
Рӯ ба дасти рост орад дар салом
Сӯйи ҷони анбиёву он кером.
Яъне, эй шоҳон, шафоъат, к-ин лаим
Сахт дар гил монадаш пою гилем.

## Баёни ишорати салом сӯйи дасти рост, дар қиёмат аз ҳайбати муҳосибаи Ҳақ ва аз анбиё истиъонату шафоъат хостан

Анбиё гуфтанд: «Рӯзи чора рафт,
Чора он ҷо буду дастафзори зафт.
Мурғи беҳангомӣ, эй бадбахт, рав,
Тарки мо гӯ, хуни мо-андар машав».
Рӯ бигардонад ба сӯйи дасти чап,
Дар табору хеш, гӯяндаш, ки хап.
Ҳин! Ҷавоби хеш гӯ бо Кирдгор,
Мо кием? Эй хоҷа! Даст аз мо бидор».
На аз ин сӯ, на аз он сӯ чора шуд,
Ҷони он бечорадил садпора шуд.
Аз ҳама навмед шуд мискин киё,
Пас барорад ҳар ду даст андар дуъо,
К-аз ҳама навмед гаштем, эй Худо!
Аввалу охир туию мунтаҳо.

Дар намоз ин хуш ишоратҳо бибин,
То бидонӣ, к-ин бихоҳад шуд яқин.
Бачча берун ор аз байзай намоз,
Сар мазан чун мурғи бетаъзиму соз.

## Шунидани Дақуқӣ дар миёни намоз афғони он киштие, ки ғарқ хост шудан

Он Дақуқӣ дар имомат кард соз,
Андар он соҳил даромад дар намоз.
В-он ҷамоат дар пайи ӯ дар қиём,
Ин-т зебо қавму бигзида имом.
Ногаҳон чашмаш суйи дарё фитод,
Чун шунид аз сӯйи дарё дод, дод!
Дар миёни мавҷ дид ӯ киштие,
Дар қазову дар балову зиштие.
Ҳам шабу ҳам абру ҳам мавҷи азим,
Ин се торикию аз ғарқоб бим.
Тундбоде ҳамчу Азройил хост,
Мавҷҳо ошуфт андар чаппу рост.
Аҳли киштӣ аз маҳобат коста,
Наъраи «вовайлҳо» бархоста.
Дастҳо дар навҳа бар сар мезананд,
Кофиру мулҳид ҳама мухлис шуданд.
Бо Худо бо сад тазарруъ он замон
Аҳдҳову назрҳо карда ба ҷон.
Сар бараҳна дар суҷуд, онҳо ки ҳеч
Рӯяшон қибла надид аз печ-печ,
Гуфта, ки бефоидаст ин бандагӣ,
Он замон дида дар он сад зиндагӣ.
Аз ҳама уммед бибрида тамом,
Дӯстону холу ам, бобову мом.
Зоҳиду фосиқ шуд он дам муттақӣ,
Ҳамчу дар ҳангоми ҷон кандан шақӣ.
На зи чапшон чора буду на зи рост,
Ҳилаҳо чун мурд, ҳангоми дуъост.
Дар дуъо эшону дар зорию оҳ,
Бар фалак з-эшон шуда дуди сиёҳ.
Дев он дам аз адоват байн-байн,
Бонг зад, к-эй сагпарастон! Иллатайн.
Маргу ҷаск! Эй аҳли инкору нифоқ,
Оқибат хоҳад будан ин иттифоқ.
Чашматон тар бошад аз баъди халос,
Ки шавед аз баҳри шаҳват деви хос.
Ёдатон н-ояд, ки рӯзе дар хатар
Дастатон бигрифт Яздон аз қадар.

Ин ҳамеояд нидо аз дев, лек
Ин суханро нашнавад ҷуз гӯши нек.
Рост фармудаст бо мо Мустафо,
Қутбу шоҳаншоҳу дарёи сафо,
К-он чи ҷоҳил дев хоҳад оқибат,
Оқилон бинанд з-аввалмартабат.
Корҳо з-оғоз агар ғайб асту сирр,
Оқил аввал диду охир он мусирр.
Аввалаш пӯшида бошад в-охир он
Оқилу ҷоҳил бибинад дар аён.
Гар набинӣ воқиаи ғайб, эй ануд,
Ҳазмро селоб кай андаррабуд?
Ҳазм чӣ бвад? Бадгумонӣ бар ҷаҳон,
Дам ба дам бинад балои ногаҳон.

## Тасаввуроти марди ҳозим

Ончунон ки ногаҳон шере расид,
Мардро бирбуду дар беша кашид.
Ӯ чӣ андешад дар он бурдан? Бибин,
Ту ҳамон андеш, эй устоди дин!
Мекашад шери қазо дар бешаҳо,
Ҷони мо машғули кору пешаҳо.
Ончунон, к-аз фақр метарсанд халқ,
Зери оби шӯр рафта то ба ҳалқ.
Гар битарсандӣ аз он фақрофарин,
Ганҷҳошон кашф гаштӣ дар замин.
Ҷумлашон аз хавфи ғам дар айни ғам,
Дар пайи ҳастӣ фитода дар адам.

## Дуъо ва шафоати Дақуқӣ дар халоси киштӣ

Чун Дақуқӣ он қиёматро бидид,
Раҳми ӯ ҷӯшиду ашки ӯ давид.
Гуфт: «Ё раб! Мангар андар феълашон,
Дасташон гир, эй шаҳи некӯнишон.
Хуш саломатшон ба соҳил бозбар,
Эй расида дасти ту дар баҳру бар.
Эй кариму эй раҳими сармадӣ,
Даргузор аз бадсиголон ин бадӣ.
Эй бидода ройгон сад чашму гӯш,
Бе зи ришват бахш карда ақлу ҳуш.
Пеш аз истеҳқоқ бахшида ато,
Дида аз мо ҷумла куфрону хато.
Эй азим! Аз мо гуноҳони азим
Ту тавонӣ афв кадан дар ҳарим.
Мо зи озу ҳирс худро сӯхтем
В-ин дуъоро ҳам зи ту омӯхтем.

Ҳурмати он ки дуъо омӯхтӣ,
Дар чунин зулмат чароғ афрӯхтӣ».
Ҳамчунин мерафт бар лутфаш дуъо
Он замон чун модарони бовафо.
Ашк мерафт аз ду чашмаш в-он дуъо
Бехуд аз вай мебаромад бар само.
Он дуъои бехудон худ дигар аст,
Он дуъо з-ӯ нест, гуфти довар аст.
Он дуъо Ҳақ мекунад, чун ӯ фаност,
Он дуъову он иҷобат аз Худост.
Воситай махлуқ, на андар миён,
Бехабар з-он лоба кардан ҷисму ҷон.
Бандагони Ҳақ раҳиму бурдбор,
Хӯйи Ҳақ доранд дар ислоҳи кор.
Меҳрбон, беришватон, ёригарон,
Дар мақоми сахту дар рӯзи гарон.
Ҳин, биҷӯ ин қавмро, эй мубтало,
Ҳин! Ғанимат дорашон пеш аз бало.
Раст киштӣ аз дами он паҳлавон
В-аҳли киштиро ба ҷаҳди худ гумон,
Ки магар бозуи эшон дар ҳазар
Бар ҳадаф андохт тире аз ҳунар.
По раҳонад рӯбаҳонро дар шикор
В-он зи дум донанд рӯбоҳон ғирор.
Ишқҳо бо думми худ бозанд, к-ин
Мераҳонад ҷони моро дар камин.
Рӯбаҳо! Поро нигаҳ дор аз кулӯх,
По чу набвад, дум чӣ суд, эй чашмшӯх?
Мо чу рӯбоҳону пойи мо киром,
Мераҳонадмон зи сад гун интиқом.
Ҳилаи борики мо чун думми мост,
Ишқҳо бозем бо дум чаппу рост.
Дум биҷунбонем з-истидлолу макр,
То ки ҳайрон монад аз мо Зайду Бакр.
Толиби ҳайронии халқон шудем,
Дасти тамъ андар улуҳийят задем.
То ба афсун молики дилҳо шавем,
Ин намебинем мо, к-андар гавем.
Дар гавию дар чапӣ, эй қалтабон!
Даст водор аз сиболи дигарон.
Чун ба бустоне расӣ зебову х(в)аш,
Баъд аз он домони халқон гиру каш.
Эй муқими ҳабси чору панҷу шаш,
Нағз ҷойе! Дигаронро ҳам бикаш!
Эй чу харбанда ҳарифи куни хар
Бӯсагоҳе ёфтӣ, моро бибар.

Чун надонад бандагии дӯст даст,
Майли шоҳӣ аз куҷоят хостаст?
Дар ҳавои он ки гӯяндат: «Зиҳӣ»,
Бастаӣ дар гардани ҷонат зиҳе.
Рӯбаҳо! Ин думми ҳилатро биҳил,
Вақф кун дил бар худовандони дил.
Дар паноҳи шер кам н-ояд кабоб,
Рӯбаҳо! Ту сӯйи ҷефа кам шитоб.
Ту дило! Маҷзуби Ҳақ он гаҳ шавӣ,
Ки чу ҷузве сӯйи кулли худ равӣ.
Ҳақ ҳамегӯяд: «Назармон бар дил аст,
Нест бар сурат, ки он обу гил аст».
Ту ҳамегӯйӣ: «Маро дил низ ҳаст,
Дил фарози арш бошад, на ба паст».
Дар гили тира яқин ҳам об ҳаст,
Лек з-он обат набошад обдаст.
З-он ки гар об аст, мағлуби гил аст,
Пас, дили худро магӯ, к-ин ҳам дил аст.
Он диле, к-аз осмонҳо бартар аст,
Он дили абдол ё пайғамбар аст.
Пок гашта он, зи гил софӣ шуда,
Дар фузунӣ омада, вофӣ шуда.
Тарки гил карда, суйи баҳр омада,
Раста аз зиндони гил, баҳре шуда.
Оби мо маҳбуси гил мондаст, ҳин!
Баҳри раҳмат! Ҷазб кун моро зи тин.
Баҳр гӯяд: «Ман туро дар худ кашам,
Лек мелофӣ, ки ман оби х(в)ашам.
Лофи ту маҳрум медорад туро,
Тарки он пиндошт кун, дар ман даро.
Оби гил хоҳад, ки дар дарё равад,
Гил гирифта пойи обу мекашад.
Гар раҳонад пойи худ аз дасти гил,
Гил бимонад хушку ӯ шуд мустақил.
Он кашидан чист аз гил обро?
Ҷазби ту нуқлу шароби нобро.
Ҳамчунин ҳар шаҳвате андар ҷаҳон
Хоҳ молу хоҳ ҷоҳу хоҳ нон,
Ҳар яке з-инҳо туро масте кунад,
Чун наёбӣ он, хуморат мезанад.
Ин хумори ғам далели он шудаст,
Ки бад-он мафқуд мастият будаст.
Ҷуз ба андозаи зарурат з-ин магир,
То нагардад ғолибу бар ту амир.
Сар кашидӣ ту, ки ман соҳибдилам,
Ҳоҷати ғайре надорад восилам.

Ончунон ки об дар гил сар кашад,
Ки манам обу чаро ҷӯям мадад?
Дил ту ин олударо пиндоштӣ,
Лоҷарам дил з-аҳли дил бардоштӣ.
Худ раво дорӣ, ки он дил бошад ин,
К-ӯ бувад дар ишқ шиpу ангубин?
Лутфи шиpу ангубин акси дил аст,
Ҳар хуширо он хуш аз дил ҳосил аст.
Пас, бувад дил ҷавҳару олам араз,
Сояи дил чун бувад дилро ғараз?
Он диле, к-ӯ ошиқи мол асту ҷоҳ,
Ё забуни ин гилу оби сиёҳ.
Ё хаёлоте, ки дар зулмот ӯ
Мепарастадшон барои гуфтугӯ.
Дил набошад ғайри он дарёи нур,
Дил назаргоҳи Худо в-он гоҳ кӯр?
На, дил андар сад ҳазорон хосу ом
Дар яке бошад. Кадом аст он? Кадом?
Резаи дилро биҳил, дилро биҷӯ,
То шавад он реза чун кӯҳе аз ӯ.
Дил муҳит аст андар ин хиттай вуҷуд,
Зар ҳамеафшонад аз эҳсону ҷуд.
Аз саломи ҳақсаломиҳо нисор
Мекунад бар аҳли олам ихтиёр.
Ҳар киро доман дуруст асту муъад,
Он нисори дил бар он кас мерасад.
Домани ту он ниёз асту ҳузур,
Ҳин, манеҳ дар доман он санги фуҷур.
То надаррад доманат з-он сангҳо,
То бидонӣ нақдро аз рангҳо.
Санг пур кардӣ ту доман аз ҷаҳон,
Ҳам зи санги симу зар, чун кӯдакон.
Аз хаёли симу зар чун зар набуд,
Домани сидқат дариду ғам фузуд.
Кай намояд кӯдаконро санг санг?
То нагирад ақл доманшон ба чанг.
Пир ақл омад, на он мӯйи сапед,
Мӯ намегунҷад дар ин бахту умед.

## Инкор кардани он ҷамоат бар дуъо ва шафоати Дақуқӣ ва паридани эшон ва нопадид шудан дар пардаи ғайб ва ҳайрон шудани Дақуқӣ, ки дар ҳаво рафтанд ё дар замин?

Чун раҳид он киштию омад ба ком,
Шуд намози он ҷамоат ҳам тамом.

Фуҷ-фуҷе афтодашон бо ҳамдигар,
К-ин фузуле кист аз мо, эй падар?
Ҳар яке бо он дигар гуфтанд сир
Аз паси пушти Дақуқӣ мустатир.
Гуфт ҳар як: «Ман накардастам кунун,
Ин дуъо, на аз бурун, на аз дарун».
Гуфт: «Моно, ин имоми мо зи дард
Булфузулона муноҷоте бикард».
Гуфт он дигар, ки эй ёри яқин,
Мар маро ҳам менамояд инчунин.
Ӯ фузуле будааст аз инқибоз,
Кард бар мухтори мутлақ эътироз.
«Чун нигаҳ кардам сипас, то бингарам,
Ки чӣ мегӯянд он аҳли карам.
Як аз эшонро надидам дар мақом,
Рафта буданд аз мақоми худ тамом.
На ба чап, на рост, на боло, на зер,
Чашми тези ман нашуд бар қавм чир.
Дуррҳо буданд, гӯйӣ об гашт,
На нишони пову на гарде ба дашт.
Дар қибоби Ҳақ шуданд он дам ҳама,
Дар кадомин равза рафтанд он рама?
Дар таҳаййур мондам, к-ин қавмро
Чун бипӯшонид Ҳақ бар чашми мо?»
Ончунон пинҳон шуданд аз чашми ӯ,
Мисли ғӯтай моҳиён дар оби ҷӯ.
Солҳо дар ҳасрати эшон бимонд,
Умрҳо дар шавқи эшон ашк ронд.
Ту бигӯйӣ марди Ҳақ андар назар,
Кай дарорад бо Худо зикри башар?
Хар аз ин мехуспад ин ҷо, эй фалон,
Ки башар дидӣ ту эшонро, на ҷон.
Кор аз ин вайрон шудаст, эй марди хом!
Ки башар дидӣ мар эшонро чу ом.
Ту ҳамон дидӣ, ки Иблиси лаъин
Гуфт: «Ман аз оташам, Одам зи тин».
Чашми иблисонаро як дам биканд,
Чанд бинӣ сурат охир? Чанд, чанд?
Эй Дақуқӣ! Бо ду чашми ҳамчу ҷӯ,
Ҳин, мабур уммед, эшонро биҷӯ.
Ҳин, биҷӯ, ки рукни давлат ҷустан аст,
Ҳар гушоде дар дил андар бастан аст.
Аз ҳама кори ҷаҳон пардохта,
Куву ку мегӯ ба ҷон чун фохта.
Нек бингар андар ин, эй муҳтаҷиб,
Ки дуъоро баст Ҳақ бар «истаҷиб».

Ҳар киро дил пок шуд аз эътилол,
Он дуъояш меравад то зулҷалол.

## Боз шарҳ кардани ҳикояти он толиби рӯзии ҳалоли бекасбу ранҷ дар аҳди Довуд, алайҳиссалом ва мустаҷоб шудани дуъои ӯ

Ёдам омад он ҳикоят, к-он фақир
Рӯзу шаб мекард афғону нафир.
В-аз Худо мехост рӯзии ҳалол,
Бе шикору ранҷу касбу интиқол.
Пеш аз ин гуфтем баъзе ҳоли ӯ,
Лек таъвиқ омаду шуд панҷтӯ.
Ҳам бигӯемаш, куҷо хоҳад гурехт?
Чун зи абри фазл Ҳақ ҳикмат бирехт.
Соҳиби говаш бидиду гуфт: «Ҳин,
Эй ба зулмат гови ман гашта раҳин.
Ҳин! Чаро куштӣ, бигӯ, гови маро?
Аблаҳи таррор! Инсоф андаро!».
Гуфт: «Ман рӯзӣ зи Ҳақ мехостам,
Қибларо аз лоба меоростам.
Он дуъои куҳнаам шуд мустаҷоб,
Рӯзии ман буд, куштам, нак ҷавоб».
Ӯ зи хашм омад, гиребонаш гирифт,
Чанд муште зад ба рӯяш ношигифт.

## Рафтани ҳар ду хасм назди Довуд, алайҳиссалом

Мекашидаш то ба Довуди набӣ,
Ки биё, эй золими гиҷи ғабӣ.
Ҳуҷҷати борид раҳо кун, эй дағо!
Ақл дар тан овару бо хеш о.
Ин чӣ мегӯйӣ? Дуъо чӣ бвад? Маханд,
Бар сару риши ману хеш, эй лаванд!
Гуфт: «Ман бо Ҳақ дуъоҳо кардаам,
Андар ин лоба басе хун х(в)ардаам.
Ман яқин дорам, дуъо шуд мустаҷоб,
Сар бизан бар санг, эй мункир, хитоб!»
Гуфт: «Гирд оед, ҳин ё муслимин,
Жож бинеду фушори ин маҳин.
Эй мусулмонон! Дуъо моли маро,
Чун аз они ӯ кунад? Баҳри Худо!

Гар чунин будӣ, ҳама олам бад-ин,
Як дуъо амлок бурдандӣ ба кин.
Гар чунин будӣ, гадоёни зарир
Муҳташам гашта будандию амир.
Рӯзу шаб андар дуъоянду сано,
Лобагӯён, ки ту деҳмон, эй Худо!
То ту надҳӣ, ҳеч кас надҳад яқин,
Эй гушоянда! Ту бигшо банди ин.
Максаби кӯрон бувад лоба-в дуъо,
Ҷуз лаби ноне наёбанд аз ато».
Халқ гуфтанд: «Ин мусулмон ростгӯст,
В-ин фурӯшандай дуъо ҳам зулмҷӯст.
Ин дуъо кай бошад аз асбоби милк?
Кай кашид инро шариат худ ба силк?
Байъу бахшиш ё васийят, ё ато,
Ё зи ҷинси ин шавад милке туро.
Дар кадомин дафтар аст ин шаръи нав?
Говро ту боздеҳ ё ҳабс рав».
Ӯ ба сӯйи осмон мекард рӯ:
«Воқиай моро надонад ғайри ту.
Дар дили ман он дуъо андохтӣ,
Сад умед андар дилам афрохтӣ.
Ман намекардам газофа он дуъо,
Ҳамчу Юсуф дида будам хобҳо».
Дид Юсуф офтобу ахтарон,
Пеши ӯ саҷдакунон чун чокарон.
Эътиқодаш буд бар хоби дуруст,
Дар чаҳу зиндон ҷуз онро менаҷуст.
З-эътимоди он набудаш ҳеч ғам,
Аз ғуломӣ в-аз малому бешу кам.
Эътимоде дошт ӯ бар хоби хеш,
Ки чу шамъе мефурӯзидаш зи пеш.
Чун дарафгананд Юсуфро ба чоҳ,
Бонг омад самъи ӯро аз Илоҳ,
Ки ту рӯзе шаҳ шавӣ, эй паҳлавон!
То бимолӣ ин ҷафо дар рӯяшон.
Қобили ин бонг н-ояд дар назар,
Лек дил бишнохт қойилро з-асар.
Қувватею роҳатею маснаде,
Дар миёни ҷон фитодаш з-он нидӣ.
Чоҳ шуд бар вай бад-он бонги ҷалил,
Гулшану базме чу оташ бар Халил.
Ҳар ҷафо, ки баъд аз оташ мерасид,
Ӯ бад-он қувват ба шодӣ мекашид.
Ҳамчунон ки завқи он бонги аласт
Дар дили ҳар муъмине то ҳашр ҳаст.

То набошад дар балошон эътироз,
На зи амру наҳйи Ҳақшон инқибоз.
Луқмаи ҳукме, ки талхӣ мениҳад,
Гулшакар онро гувориш медиҳад.
Гулшакар онро ки набвад, мустанад
Луқмаро з-инкор ӯ қай мекунад.
Ҳар кӣ хобе дид аз рӯзи аласт,
Маст бошад дар раҳи тоъот, маст.
Мекашад чун уштури маст ин ҷувол,
Бе футуру бе гумону бе малол.
Кафки тасдиқаш ба гирди пӯзи ӯ
Шуд гувоҳи мастию дилсӯзи ӯ.
Уштур аз қувват чу шери нар шуда,
Зери сақли бор андар х(в)ар шуда.
З-орзуи ноқа сад фоқа бар ӯ,
Менамояд кӯҳ пешаш тори мӯ.
Дар аласт он, к-ӯ чунин хобе надид,
Андар ин дунё нашуд банда-в мурид.
В-ар бишуд андар тараддуд саддила,
Як замон шукрасташу соле гила.
Пой пешу пой пас дар роҳи дин
Мениҳад бо сад тараддуд бе яқин.
Вомдори шарҳи инам, нак гарав
В-ар шитоб астат, з- «а лам нашраҳ» шунав.
Чун надорад шарҳи ин маънӣ карон,
Хар ба сӯйи муддаъии гов рон.
Гуфт: «Кӯрам хонд з-ин ҷурм он даґо,
Бас билисона қиёс аст, эй Худо!
Ман дуъо кӯрона кай мекардаам?
Ҷуз ба холиқ кудя кай овардаам?
Кӯр аз халқон тамаъ дорад зи ҷаҳл,
Ман зи ту, к-аз туст ҳар душвор саҳл.
Он яке кӯрам зи кӯрон бишмарид,
Ӯ ниёзи ҷону ихлосам надид.
Кӯрии ишқ аст ин кӯрии ман,
«Ҳуббу юъмӣ ва юсимм аст», эй ҳасан!
Кӯрам аз ғайри Худо, бино бад-ӯ,
Муқтазои ишқ ин бошад, бигӯ.
Ту ки биноӣ, зи кӯронам мадор,
Доирам бар гирди лутфат, эй мадор!
Ончунон ки Юсуфи сиддиқро
Хоб бинмудию гашташ муттако,
Мар маро лутфи ту ҳам хобе намуд,
Он дуъои беҳадам бозӣ набуд.
Менадонад халқ асрори маро,
Жож медонанд гуфтори маро.

Ҳаққашон асту кӣ донад рози ғайб?
Ғайри алломи сиру саттори айб».
Хасм гуфташ: «Рӯ ба ман кун, ҳақ бигӯ,
Рӯ чӣ сӯйи осмон кардӣ, аму?
Шайд меорӣ, ғалат меафғанӣ,
Лофи ишқу лофи қурбат мезанӣ.
Бо кадомин рӯй, чун дилмурдаӣ,
Рӯй сӯйи осмонҳо кардаӣ?
Ғулғуле дар шаҳр афтода аз ин,
Он мусулмон മениҳад рӯ бар замин,
К-эй Худо! Ин бандаро расво макун,
Гар будам, ҳам сирри ман пайдо макун.
Ту ҳамедонию шабҳои дароз,
Ки ҳамехондам туро бо сад ниёз,
Пеши халқ инро агар худ қадр нест,
Пеши ту ҳамчун чароғи равшанест».

## Шунидани Довуд, алайҳиссалом, сухани ҳар ду хасм ва суол кардан аз муддаъӣ алайҳ

Чунки Довуди набӣ омад бурун,
Гуфт: «Ҳин! Чун аст ин аҳвол, чун?»
Муддаъӣ гуфт: «Эй набиюллоҳ! Дод,
Гови ман дар хонаи ӯ дарфитод.
Кушт говамро, бипурсаш, ки чаро
Гови ман кушт ӯ? Баён кун моҷаро».
Гуфт Довудаш: «Бигӯ, эй булкарам!
Чун талаф кардӣ ту милки муҳтарам?
Ҳин! Пароганда магӯ, ҳуҷҷат биёр,
То ба як сӯ гардад ин даъвову кор».
Гуфт: «Эй Довуд! Будам ҳафт сол
Рӯзу шаб андар дуъову дар суол.
Ин ҳамеҷустам зи Яздон, к-эй Худо,
Рӯзие хоҳам ҳалолу беано.
Марду зан бар нолаи ман воқифанд,
Кӯдакон ин моҷароро восифанд.
Ту бипурс аз ҳар кӣ хоҳӣ, ин хабар,
То бигӯяд бе шиканҷа, бе зарар.
Ҳам ҳувайдо пурсу ҳам пинҳон зи халқ,
Ки чӣ мегуфт ин гадои жандадалқ?
Баъд аз ин ҷумлай дуъову ин фиғон
Гове андар хона дидам, ногаҳон
Чашми ман торик шуд, на баҳри лут,
Шодии он ки қабул омад қунут.
Куштам онро, то диҳам дар шукри он,
Ки дуъои ман шунуд он ғайбдон».

## Ҳукм кардани Довуд, алайҳиссалом, бар кушандаи гов

Гуфт Довуд: «Ин суханҳоро бишӯ,
Ҳуҷҷати шаръӣ дар ин даъво бигӯ.
Ту раво дорӣ, ки ман бе ҳуҷҷате,
Бинҳам андар шаҳр ботил суннате?
Ин кӣ бахшидат? Харидӣ? Ворисӣ?
Райъро чун меситонӣ? Ҳорисӣ?
Касбро ҳамчу зироъат дон, аму,
То накорӣ, дахл набвад они ту.
Он чи корӣ, бидравӣ, он они туст
В-арна ин бедод бар ту шуд дуруст.
Рав, бидеҳ моли мусулмон, каж магӯ,
Рав, биҷӯ вому бидеҳ, ботил маҷӯ».
Гуфт: «Эй шаҳ! Ту ҳам ин мегӯиям,
Ки ҳамегӯянд асҳоби ситам».

## Тазарруъи он шахс аз доварии Довуд, алайҳиссалом

Саҷда карду гуфт: «Эй донои сӯз,
Дар дили Довуд андоз он фурӯз.
Дар дилаш неҳ, он чи ту андар дилам
Андарафгандӣ ба роз, эй муфсилам!»
Ин бигуфту гиря-дар шуд ҳой-ҳой,
То дили Довуд берун шуд зи ҷой.
Гуфт: «Ҳин! Имрӯз, эй хоҳони гов,
Муҳлатам деҳ в-ин даъовиро маков,
То равам ман сӯйи хилват, дар намоз,
Пурсам ин аҳвол аз донои роз.
Хӯй дорам дар намоз, он илтифот
Маънии «қуррата айнӣ фӣ-с-салот».
Равзани ҷонам гушодаст аз сафо,
Мерасад бевосита номай Худо.
Номаву борону нур аз равзанам
Мефитад дар хонаам аз маъданам.
Дӯзах аст он хона, к-он беравзан аст,
Асли дин, эй банда! Равзан кардан аст.
Тешаи ҳар пешае кам зан, биё,
Теша зан дар кандани равзан, ҳало!
Ё намедонӣ, ки нури офтоб
Акси хуршеди бурун аст аз ҳиҷоб.
Нур ин донӣ, ки ҳайвон дид ҳам,
Пас, чӣ «каррамно» бувад бар «Одамам»?
Ман чу хуршедам, даруни нур ғарқ,
Менадонам кард хеш аз нур фарқ.
Рафтанам сӯйи намозу он хало
Баҳри таълим аст раҳ мар халқро.

Каж ниҳам, то рост гардад ин ҷаҳон,
Ҳарбу худъат ин бувад, эй паҳлавон!
Нест дастуре, вагарна рехтӣ,
Гард аз дарёи роз ангехтӣ.
Ҳамчунин Довуд мегуфт ин насақ,
Хост гаштан ақли халқон мухтарақ.
Пас гиребонаш кашид аз пас яке,
Ки надорам дар якеияш шаке.
Бо худ омад, гуфтро кӯтоҳ кард,
Лаб бибасту азми хилватгоҳ кард.

## Дар хилват рафтани Довуд, то он чи ҳақ аст, пайдо шавад

Дар фурӯ басту бирафт он гаҳ шитоб
Сӯйи меҳробу дуъои мустаҷоб.
Ҳақ намудаш, он чи бинмудаш, тамом,
Гашт воқиф бар сазои интиқом.
Рӯзи дигар ҷумла хасмон омаданд,
Пеши Довуди паямбар саф заданд.
Ҳамчунон он моҷароҳо бозрафт,
Зуд зад он муддаъӣ ташнеъи зафт.

## Ҳукм кардани Довуд бар соҳиби гов, ки аз сари гов бархез ва ташнеъи соҳиби гов бар Довуд, алайҳиссалом

Гуфт Довудаш: «Хамуш кун, рав, биҳил,
Ин мусулмонро зи говат кун биҳил.
Чун Худо пӯшид бар ту, эй ҷавон!
Рав, хамуш кун, ҳаққи сатторӣ бидон».
Гуфт: «Вовайло, чӣ ҳукм аст ин? Чӣ дод?
Аз пайи ман шаръи нав хоҳӣ ниҳод?
Рафтааст овозаи адлат чунон,
Ки муаттар шуд замину осмон.
Бар сагони кӯр ин истам нарафт,
З-ин тааддӣ сангу куҳ бишкофт тафт».
Ҳамчунин ташнеъ мезад бармало,
К-ассало, ҳангоми зулм аст, ас-сало.

## Ҳукм кардани Довуд бар соҳиби гов, ки ҷумлаи моли худро ба вай деҳ

Баъд аз он Довуд гуфташ: «Эй ануд!
Ҷумла моли хеш ӯро бахш зуд.

В-арна корат сахт гардад, гуфтамат,
То нагардад зоҳир аз вай истамат».
Хок бар сар карду ҷома бардарид,
Ки ба ҳар дам мекунӣ зулме мазид?
Як даме дигар бар ин ташнеъ ронд,
Боз Довудаш ба пеши хеш хонд.
Гуфт: «Чун бахтат набуд, эй бахткӯр,
Зулмат омад андак-андак дар зуҳур.
Ридаӣ, он гоҳ садру пешгоҳ?
Эй, дареғ аз чун ту хар хошоку коҳ.
Рав, ки фарзандони ту бо ҷуфти ту
Бандагони ӯ шуданд, афзун магӯ».
Санг бар сина ҳамезад бо ду даст,
Медавид аз ҷаҳли худ болову паст.
Халқ ҳам андар маломат омаданд,
К-аз замири кори ӯ ғофил буданд.
Золим аз мазлум кай донад касе,
К-ӯ бувад сухрай ҳаво ҳамчун хасе?
Золим аз мазлум он кас пай барад,
К-ӯ сари нафси залуми худ бурад.
В-арна он золим, ки нафс аст аз дарун,
Хасми ҳар мазлум бошад, аз ҷунун.
Саг ҳамора ҳамла бар мискин кунад,
То тавонад захм бар мискин занад.
Шарм шеронрост, на сагро, бидон,
Ки нагирад сайд аз ҳамсоягон.
Омаи мазлумкуш, золимпараст,
Аз камин сагшон суйи Довуд ҷаст.
Рӯй дар Довуд карданд он фариқ,
К-эй набии муҷтабо, бар мо шафиқ.
Ин нашояд аз ту, к-ин зулмест фош,
Қаҳр кардӣ бегуноҳеро ба лош.

## Азм кардани Довуд, алайҳиссалом, ба хондани халқ бад-он саҳро, ки роз ошкоро кунад ва ҳуҷҷатҳо ҳама қатъ кунад

Гуфт: «Эй ёрон! Замони он расид,
К-он сири мактуми ӯ гардад падид.
Ҷумла бархезед, то берун равем,
То бар он сирри ниҳон воқиф шавем.
Дар фалон саҳро дарахте ҳаст зафт,
Шохаҳояш анбуҳу бисёру чафт.
Сахт росих хаймагоҳу мехи ӯ,
Бӯйи хун меоядам аз бехи ӯ.

Хун шудаст андар буни он хушдарахт,
Хоҷаро куштаст ин манҳусбахт.
То кунун ҳилми Худо пӯшид он,
Охир аз ношукрии он қалтабон,
Ки аёли хоҷаро рӯзе надид,
На ба Наврӯзу на мавсимҳои ид.
Бенавоёнро ба як лукма наҷуст,
Ёд н-овард ӯ зи ҳаққҳои нахуст.
То кунун аз баҳри як гов ин лаъин
Мезанад фарзанди ӯро бар замин.
Ӯ ба худ бардошт парда аз гуноҳ
В-арна мепӯшид ҷурмашро Илоҳ.
Кофиру фосиқ дар ин даври газанд
Пардаи худро ба худ бармедаранд.
Зулм мастур аст дар асрори ҷон,
Мениҳад золим ба пеши мардумон,
Ки бибинедам, ки дорам шохҳо,
Гови дӯзахро бибинед аз мало.

## Гувоҳӣ додани дасту по ва забон бар сирри золим ҳам дар дунё

Пас ҳам ин ҷо дасту поят дар газанд
Бар замири ту гувоҳӣ медиҳанд.
Чун муваккал мешавад бар ту замир,
Ки бигӯ ту, эътиқодат вомагир.
Хоса дар ҳангоми хашму гуфтугӯ
Мекунад зоҳир сиратро мӯ ба мӯ.
Чун муваккал мешавад зулму ҷафо,
Ки ҳувайдо кун маро, эй дасту по.
Чун ҳамегирад гувоҳи сир лагом,
Хоса вақти ҷӯшу хашму интиқом.
Пас, ҳамон кас, к-ин муваккал мекунад,
То ливои роз бар саҳро занад.
Пас муваккалҳои дигар рӯзи ҳашр
Ҳам тавонад офарид аз баҳри нашр.
Эй ба даҳ даст омада дар зулму кин,
Гавҳарат пайдост, ҳоҷат нест ин.
Нест ҳоҷат шуҳра гаштан дар газанд,
Бар замири оташинат воқифанд.
Нафси ту ҳар дам барорад сад шарор,
Ки бибинедам, манам з-асҳоби нор.
Ҷузви норам, сӯйи кулли худ равам,
Ман на нурам, ки суйи ҳазрат шавам.

Ҳамчунон, к-ин золими ҳақношинос
Баҳри гове кард чандин илтибос.
Ӯ аз ӯ сад гов бурду сад шутур,
Нафс ин аст, эй падар! Аз вай бибур.
Низ рӯзе бо Худо зорӣ накард,
«Ё раб»-е номад аз ӯ рӯзе ба дард,
К-эй Худо, хасми маро хушнуд кун,
Гар манаш кардам зиён, ту суд кун.
Гар хато куштам, дият бар оқил аст,
Оқилай ҷонам ту будӣ аз аласт.
Санг менадҳад ба истиғфор дурр,
Ин бувад инсофи нафс, эй ҷони ҳурр.

## Берун рафтани халқ ба сӯйи он дарахт

Чун бурун рафтанд сӯйи он дарахт,
Гуфт: «Дасташро сипас бандед сахт,
То гуноҳу ҷурми ӯ пайдо кунам,
То ливои адл бар саҳро занам.
Гуфт: «Эй саг! Ҷадди ӯро куштаӣ,
Ту ғуломӣ, хоҷа з-ин рӯ гаштаӣ.
Хоҷаро куштию бурдӣ моли ӯ,
Кард Яздон ошкоро ҳоли ӯ.
Он занат ӯро канизак будааст,
Бо ҳамин хоҷа ҷафо бинмудааст.
Ҳар чӣ з-ӯ зойид, мода ё ки нар,
Милки ворис бошад онҳо сар ба сар.
Ту ғуломӣ, касбу корат милки ӯст,
Шаръ ҷустӣ? Шаръ бистон, рав, накӯст.
Хоҷаро куштӣ ба истам зори зор,
Ҳам бар ин ҷо хоҷа - гӯён зинҳор!
Корд аз иштоб кардӣ зери хок,
Аз хаёле, ки бидидӣ саҳмнок.
Нак, сараш бо корд дар зери замин,
Бозковед ин заминро ҳамчунин.
Номи ин саг ҳам набишта корд - бар,
Кард бо хоҷа чунин макру зарар».
Ҳамчунон карданд, чун бишкофтанд,
Дар замин он корду сарро ёфтанд.
Валвала дар халқ афтод он замон,
Ҳар яке зуннор бибрид аз миён.
Баъд аз он гуфташ: «Биё, эй додхоҳ!
Доди худ бистон, бад-он рӯйи сиёҳ».

## Қасос фармудани Довуд, алайҳиссалом, хуниро баъд аз илзоми ҳуҷҷат бар ӯ

Ҳам бад-он теғаш бифармуд ӯ қасос,
Кай кунад макраш зи илми Ҳақ халос?
Ҳилми Ҳақ гарчи мувосоҳо кунад,
Лек чун аз ҳад бишуд, пайдо кунад.
Хун нахуспад, дарфитад дар ҳар диле
Майли ҷустуҷӯю кашфи мушкиле.
Иқтизои доварии рабби дин
Сар барорад аз замири ону ин,
К-он фалон чун шуд? Чӣ шуд? Ҳолаш чӣ гашт?
Ҳамчунон, ки ҷӯшад аз гулзор кашт.
Ҷӯшиши хун бошад он воҷустҳо,
Хориши дилҳову баҳсу моҷаро.
Чунки пайдо гашт сирри кори ӯ,
Муъҷизай Довуд шуд фошу дутӯ.
Халқ ҷумла, сарбараҳна омаданд,
Сар ба саҷда бар заминҳо мезаданд:
«Мо ҳама кӯрони аслӣ будаем,
Аз ту мо сад гун аҷоиб дидаем.
Санг бо ту дар сухан омад шаҳир,
К-аз барои ғазви Толутам бигир.
Ту ба се сангу фалохун омадӣ,
Сад ҳазорон мардро бар ҳам задӣ.
Сангҳоят сад ҳазорон пора шуд,
Ҳар яке ҳар хасмро хунхора шуд.
Оҳан андар дасти ту чун мум шуд,
Чун зиреҳсозӣ туро маълум шуд.
Кӯҳҳо бо ту расоил шуд шакур,
Бо ту мехонанд чун муқрӣ Забур.
Сад ҳазорон чашми дил бигшода шуд
Аз дами ту, ғайбро омода шуд.
В-он қавитар з-он ҳама, к-ин доим аст
Зиндагибахше, ки сармад қоим аст.
Ҷони ҷумлай муъҷизот ин аст х(в)ад,
К-ӯ бибахшад мурдаро ҷони абад».
Кушта шуд золим, ҷаҳоне занда шуд,
Ҳар яке аз ту Худоро банда шуд.

## Баёни он ки нафси одамӣ ба ҷойи он хунист, ки муддаъии гови кушта буд ва он говкушанда ақл асту Довуд ҳаққ аст ё шайх, ки ноиби Ҳаққ аст, ки ба қуввату ёрии ӯ тавонад золимро куштан ва тавонгар шудан ба рӯзии бекасбу беҳисоб

Нафси худро куш, ҷаҳонро зинда кун,
Хоҷаро куштаст, ӯро банда кун.

Муддаъии гов нафси туст, ҳин!
Хештанро хоҷа кардасту меҳин.
Он кушандай гов ақли туст, рав,
Бар кушандай гови тан мункир машав.
Ақл асир асту ҳамехоҳад зи Ҳақ
Рӯзии беранҷу неъмат бар табақ.
Рӯзии беранҷи ӯ мавқуфи чист?
Он ки бикшад говро, к-асли бадист.
Нафс гӯяд: чун кушӣ ту гови ман?
З-он ки гови нафс бошад нақши тан.
Хоҷа зодай ақли монда бенаво,
Нафс хуни хоҷа гашту пешво.
Рӯзии беранҷ медонӣ, ки чист?
Қути арвоҳ асту арзоқи набист.
Лек мавқуф аст бар қурбони гов,
Ганҷ андар гов дон, эй кунҷков.
Дӯш чизе хӯрдаам в-арна тамом
Додаме дар дасти фаҳми ту зимом.
«Дӯш чизе хӯрдаам» афсона аст,
Ҳар чӣ меояд, зи пинҳонхона аст.
Чашм бар асбоб аз чӣ дӯхтем?
Гар зи хушчашмон карашм омӯхтем.
Ҳаст бар асбоб асбобе дигар,
Дар сабаб мангар, дар он афган назар.
Анбиё дар қатъи асбоб омаданд,
Муъҷизоти хеш бар кайвон заданд.
Бесабаб мар баҳрро бишкофтанд,
Бе зироат чоши гандум ёфтанд.
Регҳо ҳам орд шуд аз саъйашон,
Пашми буз абрешим омад каш-кашон.
Ҷумла Қуръон ҳаст дар қатъи сабаб,
Иззи дарвешу ҳалоки Бӯлаҳаб.
Мурғи бобилӣ ду-се санг афганад,
Лашкари зафти ҳабашро бишканад.
Пилро сӯрох-сӯрох афганад
Санги мурғе, к-ӯ ба боло пар занад.
Думми гови кушта бар мақтул зан,
То шавад зинда ҳамон дам дар кафан.
Ҳалқи бибрида ҷаҳад аз ҷойи хеш,
Хуни худ ҷӯяд зи хунполои хеш.
Ҳамчунин з-оғози Қуръон то тамом
Рафзи асбоб асту иллат, вассалом.
Кашф ин н-аз ақли корафзо шавад,
Бандагӣ кун, то туро пайдо шавад.
Банди маъқулот омад фалсафӣ,
Шаҳсавори ақли ақл омад сафӣ.

Ақли ақлат мағзу ақли туст пӯст,
Меъдаи ҳайвон ҳамеша пӯстҷӯст.
Мағзҷӯй аз пӯст дорад сад малол,
Мағз нағзонро ҳалол омад, ҳалол.
Чунки қишри ақл сад бурҳон диҳад,
Ақли кул кай гом беиқон ниҳад?
Ақл дафтарҳо кунад яксар сиёҳ,
Ақли ақл офоқ дорад пур зи моҳ.
Аз сиёҳию сапедӣ фориғ аст,
Нури моҳаш бар дилу ҷон бозиғ аст.
Ин сиёҳу ин сапед ар қадр ёфт,
З-он шаби қадр аст, к-ахтарвор тофт.
Қимати ҳамёну киса аз зар аст,
Бе зи зар ҳамёну киса абтар аст.
Ҳамчунон ки қадри тан аз ҷон бувад,
Қадри ҷон аз партави ҷонон бувад.
Гар будӣ ҷон зинда бепартав кунун,
Ҳеч гуфтӣ кофиронро маййитун?
Ҳин, бигӯ, ки нотиқа ҷӯ меканад,
То ба қарне баъди мо обе расад.
Гарчи ҳар қарне суханорӣ бувад,
Лек гуфти солифон ёрӣ бувад.
На ки ҳам Тавроту Инҷилу Забур
Шуд гувоҳи сидқи Қуръон? Эй шакур!
Рӯзии беранҷ ҷӯву беҳисеб,
К-аз биҳиштат оварад Ҷабрил себ.
Балки ризқе аз Худованди биҳишт
Бе судоъи боғбон, бе ранҷи кишт.
З-он ки нафъи нон дар он нондоди ӯст,
Бидҳадат он нафъ бе тавсити пӯст.
Завқи пинҳон, нақши нон чун суфраест,
Нони бесуфра валиро баҳраест.
Ризқи ҷоне кай барӣ бо саъю ҷуст?
Ҷуз ба адли шайх, к-ӯ Довуди туст.
Нафс чун бо шайх бинад гоми ту,
Аз буни дандон шавад ӯ роми ту.
Соҳиби он гов ром он гоҳ шуд,
К-аз дами Довуд ӯ огоҳ шуд.
Ақл гоҳе ғолиб ояд дар шикор
Бар саги нафсат, ки бошад шайх ёр.
Нафс аждарҳост, бо сад зӯру фан,
Рӯйи шайх ӯро зумуррад, дида кан.
Гар ту соҳибговро хоҳӣ забун,
Чун харон сихаш кун он сӯ, эй ҳарун!
Чун ба наздики валиюллаҳ шавад,
Он забони садгазаш кӯтаҳ шавад.

Сад забону ҳар забонаш сад луғат,
Зарқу дастонаш наёяд дар сифат.
Муддаъии гов нафс омад, фасеҳ,
Сад ҳазорон ҳуҷҷат орад носаҳеҳ.
Шаҳрро бифребад, илло шоҳро,
Раҳ натонад зад шаҳи огоҳро.
Нафсро тасбеҳу мусҳаф дар ямин,
Ханҷару шамшер андар остин.
Мусҳафу солуси ӯ бовар макун,
Хеш бо ӯ ҳамсиру ҳамсар макун.
Сӯйи ҳавзат оварад бахри вузӯ
В-андарандозад туро дар қаъри ӯ.
Ақл нуронию некӯ толиб аст,
Нафси зулмонӣ бар ӯ чун ғолиб аст?
З-он ки ӯ дар хона, ақли ту ғариб,
Бар дари худ саг бувад шери маҳиб.
Бош, то шерон суйи беша раванд
В-ин сагони кӯр он ҷо биграванд.
Макри нафсу тан надонад оми шаҳр,
Ӯ нагардад ҷуз ба ваҳйю-л-қалби қаҳр.
Ҳар кӣ ҷинси ӯст, ёри ӯ шавад,
Ҷуз магар Довуд, к-он шайхат бувад,
К-ӯ мубаддал гашту ҷинси тан намонд,
Ҳар киро Ҳақ дар мақоми дил нишонд.
Халқ ҷумла иллатеанд аз камин,
Ёри иллат мешавад иллат яқин.
Ҳар хасе даъвои довудӣ кунад,
Ҳар кӣ бетамйиз, каф дар вай занад.
Аз саёде бишнавад овози тайр,
Мурғи аблаҳ мекунад он сӯй сайр.
Нақдро аз нақл нашносад, ғавист,
Ҳин! Аз ӯ бигрез, агарчи маънавист.
Руставу барбаста пеши ӯ якест,
Гар яқин даъво кунад, ӯ дар шакест.
Инчунин кас гар закии мутлақ аст,
Чунаш ин тамйиз набвад, аҳмақ аст.
Ҳин! Аз ӯ бигрез чун оҳу зи шер,
Сӯйи ӯ маштоб, эй доно, делер!

## Гурехтани Исо, алайҳиссалом, фарози кӯҳ аз аҳмақон

Исии Марям ба кӯҳе мегурехт,
Шер гӯйӣ хуни ӯ мехост рехт.
Он яке дар пай давиду гуфт: «Хайр,
Дар пайат кас нест, чӣ грезӣ чу тайр?»

Бошитоб ӯ ончунон метохт ҷуфт,
К-аз шитоби худ ҷавоби ӯ нагуфт.
Як-ду майдон дар пайи Исо биронд,
Пас ба ҷидди ҷидд Исоро бихонд,
К-аз пайи марзоти Ҳақ як лаҳза бист,
Ки маро андар гурезат мушкилест.
Аз кӣ ин сӯ мегурезӣ, эй карим?
На пайат шеру на хасму хавфу бим».
Гуфт: «Аз аҳмақ гурезонам, бирав,
Мераҳонам хешро, бандам машав».
Гуфт: «Охир, он Масеҳо на туви,
Ки шавад кӯру кар аз ту мустави?»
Гуфт: «Оре». Гуфт: «Он шаҳ нестӣ,
Ки фусуни ғайбро маъвистӣ?
Чун бихонӣ он фусун бар мурдае,
Барҷаҳад чун шери сайдовардае».
Гуфт: «Оре, он манам». Гуфто, ки ту
На зи гил мурғон кунӣ, эй хубрӯ?
Гуфт: «Оре». Гуфт: «Пас, эй рӯҳи пок!
Ҳар чӣ хоҳӣ мекунӣ, аз кист бок?
Бо чунин бурҳон, ки бошад дар ҷаҳон,
Кӣ набошад мар туро аз бандагон?»
Гуфт Исо, ки ба зоти поки Ҳақ,
Мубдеъи тан, холиқи ҷон дар сабақ.
Ҳурмати зоту сифоти поки ӯ,
Ки бувад гардун гиребончоки ӯ,
К-он фусуну исми аъзамро, ки ман
Бар кару бар кӯр хондам, шуд ҳасан.
Бар кӯҳи сангин бихондам, шуд шикоф,
Хирқаро бидрид бар худ то ба ноф.
Бар тани мурда бихондам, гашт ҳай,
Бар сари лошай бихондам, гашт шай.
Хондам онро бар дили аҳмақ ба вуд
Сад ҳазорон бору дармоне нашуд.
Санги хоро гашту з-он хӯ барнагашт,
Рег шуд, к-аз вай нарӯяд ҳеч кашт.
Гуфт: «Ҳикмат чист, к-он ҷо исми Ҳақ
Суд кард, ин ҷо набуд онро сабақ?
Он ҳамон ранҷ асту ин ранҷе чаро
Ӯ нашуд инрову онро шуд даво?»
Гуфт: «Ранҷи аҳмақе қаҳри Худост,
Ранҷу кӯрӣ нест қаҳр, он ибтилост.
Ибтило ранҷест, к-он раҳм оварад,
Аҳмақӣ ранҷест, к-он захм оварад.
Он чи доғи ӯст, муҳр ӯ кардааст,
Чорае бар вай наёрад бурд даст».

З-аҳмақон бигрез, чун Исо гурехт,
Суҳбати аҳмақ басе хунҳо ки рехт.
Андак-андак обро дуздад ҳаво,
Дин чунин дуздад ҳам аҳмақ аз шумо.
Гармиятро дуздаду сардӣ диҳад,
Ҳамчу он, к-ӯ зери кун санге ниҳад.
Он гурези Исӣ на аз бим буд,
Омин аст ӯ, он пайи таълим буд.
Замҳарир ар пур кунад офоқро,
Чӣ ғам он хуршеди боишроқро?

## Қиссаи аҳли Сабо ва ҳамоқати эшон ва асар нокардани насиҳати анбиё дар аҳмақон

Ёдам омад қиссаи аҳли Сабо,
К-аз дами аҳмақ сабошон шуд вабо.
Он Сабо монад ба шаҳри бас калон,
Дар фасона бишнавӣ аз кӯдакон.
Кӯдакон афсонаҳо меоваранд
Дарҷ дар афсонашон бас сирру панд.
Ҳазлҳо гӯянд дар афсонаҳо,
Ганҷ меҷӯ дар ҳамай вайронаҳо.
Буд шаҳре бас азиму меҳ, вале
Қадри ӯ қадри сукарра беш не.
Бас азиму бас фароху бас дароз,
Сахт зафти зафт, андозай пиёз,
Мардуми даҳ шаҳр маҷмӯъ андар ӯ,
Лек ҷумла се тани ношустарӯ.
Андар ӯ халқу халоиқ бешумор,
Лек он ҷумла се хоми пухтахор.
Ҷони нокарда ба ҷонон тохтан,
Гар ҳазорон аст, бошад ним тан.
Он яке бас дурбини дидакӯр,
Аз Сулаймон кӯру дида пойи мӯр.
В-он дигар бас тезгӯшу сахт кар,
Ганҷ дар вай нест як ҷав санги зар.
В-он дигар уру бараҳна, лошабоз,
Лек доманҳои ҷомай ӯ дароз.
Гуфт кӯр: «Инак сипоҳе мерасанд,
Ман ҳамебинам, ки чӣ қавманду чанд».
Гуфт кар: «Оре, шунидам бонгашон,
Ки чӣ мегӯянд пайдову ниҳон».
Он бараҳна гуфт: «Тарсон з-ин манам,
Ки бибурранд аз дарозий доманам».
Кӯр гуфт: «Инак, ба наздик омаданд,
Хез, бигрезем пеш аз захму банд».

Кар ҳамегӯяд, ки оре, машғала
Мешавад наздиктар, ёрон! Ҳала!
Он бараҳна гуфт: «Оваҳ, доманам
Аз тамаъ бурранду ман ноюминам».
Шаҳрро ҳиштанду берун омаданд,
Дар ҳазимат дар деҳе андар шуданд.
Андар он деҳ мурғи фарбеҳ ёфтанд,
Лек заррай гӯшт бар вай на, нажанд.
Мурғ мурдай хушк в-аз захми калоғ
Устухонҳо зор гашта чун паноғ.
З-он ҳамехӯрданд чун аз сайд шер,
Ҳар яке аз хӯрданаш чун пил сер.
Ҳар се з-он хӯрданду бас фарбеҳ шуданд,
Чун се пили бас бузургу меҳ шуданд.
Ончунон, к-аз фарбиҳӣ ҳар як ҷавон
Дарнагунҷидӣ зи зафтӣ дар ҷаҳон.
Бо чунин габзию ҳафт андоми зафт
Аз шикофи дар бурун ҷастанду рафт.
Роҳи марги халқ нопайдо раҳест,
Дар назар н-ояд, ки он беҷо раҳест.
Нак, паёпай корвонҳо муқтафӣ,
З-ин шикофи дар, ки ҳаст он мухтафӣ.
Бар дар ар ҷӯйӣ, наёбӣ он шикоф,
Сахт нопайдову з-ӯ чандин зафоф.

## Шарҳи он кӯри дурбин ва он кари тезшунав ва он бараҳнаи дароздоман

Кар амалро дон, ки марги мо шунид,
Марги худ нашниду нақли худ надид.
Ҳирс нобиност, бинад мӯ ба мӯ
Айби халқону бигӯяд кӯ ба кӯ.
Айби худ як зарра чашми кӯри ӯ
Менабинад, гарчи ҳаст ӯ айбҷӯ.
Ур метарсад, ки доманаш буранд,
Домани марди бараҳна чун даранд?
Марди дунё муфлис асту тарснок,
Ҳеч ӯро нест аз duздон-ш бок.
Ӯ бараҳна омаду урён равад
В-аз ғами дуздаш ҷигархун мешавад.
Вақти маргаш, ки бувад сад навҳа беш,
Ханда ояд ҷон-шро з-ин тарси хеш.
Он замон донад ғанӣ, к-иш нест зар,
Ҳам закӣ донад, ки ӯ буд беҳунар.
Чун канори кӯдаке пур аз сафол,
К-ӯ бар он ларзон бувад чун рабби мол,

Гар ситонӣ порае, гирён шавад,
Пора гар бозаш диҳӣ, хандон шавад.
Чун набошад тифлро дониш дисор,
Гиряву хандаш надорад эътибор. 2640
Мӯҳташам, чун ориятро милк дид,
Пас бар он моли дурӯғин метапид.
Хоб мебинад, ки ӯро ҳаст мол,
Тарсад аз дузде, ки бирбояд ҷувол.
Чун зи хобаш барҷаҳонад гӯшкаш,
Пас зи тарси хеш тасхар оядаш.
Ҳамчунон ларзонии ин олимон,
Ки бувадшон ақлу илми ин ҷаҳон.
Аз пайи ин оқилони зӯфунун
Гуфт Эзад дар Нубӣ: «Ло яъламун». 2645
Ҳар яке тарсон зи дуздии касе,
Хештанро илм пиндорад басе.
Гӯяд ӯ, ки рӯзгорам мебаранд,
Худ надорад рӯзгори судманд.
Гӯяд: «Аз корам баровroutинд халқ»,
Ғарқи бекорист ҷонаш то ба ҳалқ.
Ур тарсон, ки манам доманкашон,
Чун раҳонам доман аз чанголашон?
Сад ҳазорон фазл донад аз улум,
Ҷони худро менадонад он залум. 2650
Донад ӯ хосийяти ҳар ҷавҳаре,
Дар баёни ҷавҳари худ чун харе,
Ки ҳамедонам «яҷузу лояҷуз»,
Худ надонӣ ту яҷузӣ, ё аҷуз!
Ин раво в-он нораво, донӣ, валек
Ту раво ё норавоӣ? Бин ту нек.
Қимати ҳар кола медонӣ, ки чист,
Қимати худро надонӣ, аҳмақист.
Саъдҳову наҳсҳо донистаӣ,
Нангарӣ, саъдӣ ту ё ношустаӣ? 2655
Ҷони ҷумла илмҳо ин аст, ин,
Ки бидонӣ, ман киям дар явми дин?
Он усули дин бидонистӣ ту, лек
Бингар андар асли худ, гар ҳаст нек.
Аз усулайнат усули хеш беҳ,
Ки бидонӣ асли худ, эй марди меҳ!

## Сифати хуррамии шаҳри аҳли Сабо ва ношукрии эшон

Аслашон бад буд он аҳли Сабо,
Мерамидандӣ зи асбоби лиқо.

Додашон чандон зиёъу боғу роғ
Аз чапу аз рост, аз баҳри фароғ.
Баски меафтод аз пуррӣ симор,
Танг мешуд маъбари раҳ бар гузор.
Он нисори мева раҳро мегирифт,
Аз пурии мева раҳрав дар шигифт.
Салла бар сар, дар дарахтистонашон
Пур шудӣ нохост аз мевафишон.
Бод он мева фишондӣ, на касе,
Пур шудӣ з-он мева доманҳо басе.
Хӯшаҳои зафт то зер омада,
Бар сару рӯйи раванда мезада.
Марди гулхантоб аз пуррии зар
Баста будӣ дар миён заррин камар.
Саг кулича кӯфтӣ дар зери по,
Тухма будӣ гурги саҳро аз наво.
Гашта омин шаҳру деҳ аз дузду гург,
Буз натарсидӣ ҳам аз гурги сутург.
Гар бигӯям шарҳи неъматҳои қавм,
Ки зиёдат мешуд он явман биявм,
Монеъ ояд аз суханҳои муҳим,
Анбиё бурданд амри «фастақим».

## Омадани пайғамбарони Ҳақ ба насиҳати аҳли Сабо

Сездаҳ пайғамбр он ҷо омаданд,
Гумраҳонро ҷумла раҳбар мешуданд,
Ки ҳала! Неъмат фузун шуд! Шукр гӯ,
Маркаби шукр ар бихуспад, «ҳаррику».
Шукри мунъим воҷиб ояд дар хирад,
В-арна бигшояд дари хашми абад.
Ҳин, карам бинед в-ин худ кас кунад?
К-аз чунин неъмат ба шукре бас кунад?
Сар бибахшад, шукр хоҳад саҷдае,
По бибахшад, шукр хоҳад қаъдае.
Қавм гуфта: «Шукри моро бурд ғӯл,
Мо шудем аз шукру аз неъмат малул.
Мо чунон пажмурда гаштем аз ато,
Ки на тоатмон хуш ояд, на хато.
Мо намехоҳем неъматҳову боғ,
Мо намехоҳем асбобу фароғ».
Анбиё гуфтанд: Дар дил иллатест,
Ки аз он дар ҳақшиносӣ офатест.
Неъмат аз вай ҷумлагӣ иллат шавад,
Туъма дар бемор кай қувват шавад?

Чанд хуш пеши ту омад, эй мусир,
Ҷумла нохуш гашту софи ӯ кадир.
Ту адувви ин хушиҳо омадӣ,
Гашт нохуш, ҳар чӣ бар вай каф задӣ.
Ҳар кӣ ӯ шуд ошнову ёри ту,
Шуд ҳақиру хор дар дидори ту.
Ҳар кӣ ӯ бегона бошад бо ту, ҳам
Пеши ту ӯ бас мех̣ асту муҳтарам.
Ин ҳам аз таъсири он беморӣ аст,
Заҳри ӯ дар ҷумла ҷуфтон сорӣ аст.
Дафъи он иллат бибояд кард зуд,
Ки шакар бо он ҳадас хоҳад намуд.
Ҳар хушӣ, к-ояд ба ту, нох(в)аш шавад,
Оби ҳайвон гар расад, оташ шавад.
Кимиёи маргу ҷаск аст он сифат,
Марг гардад з-он ҳаётат оқибат.
Бас ғизое, ки зи вай дил зинда шуд,
Чун биёмад дар тани ту, ганда шуд.
Бас азизе, ки ба ноз ишкор шуд,
Чун шикорат шуд, бари ту хор шуд.
Ошноий ақл бо ақл аз сафо,
Чун шавад дар ҳам фузун, бошад вило.
Ошноий нафс бо ҳар нафси паст,
Ту яқин медон, ки дам-дам камтар аст.
З-он ки нафсаш гирди иллат метанад,
Маърифатро зуд фосид мекунад.
Гар нахоҳӣ дӯстро фардо нафир,
Дӯстӣ бо оқилу бо ақл гир.
Аз самуми нафс чун бо иллатӣ,
Ҳар чӣ гирӣ ту, маразро олатӣ.
Гар бигирӣ гавҳаре, санге шавад
В-ар бигирӣ меҳри дил, ҷанге шавад.
В-ар бигирӣ нуктаи бикре латиф,
Баъди даркат гашт безавқу касиф,
Ки ман инро бас шунидам, кухна шуд,
Чизи дигар гӯ ба ҷуз он, эй азуд!
Чизи дигар тозаву нав гуфта гир,
Боз фардо з-он шавӣ серу нафир.
Дафъи иллат кун, чу иллат хӯ шавад,
Ҳар ҳадисе кухна пешат ну(в) шавад,
То ки аз кухна барорад барги нав,
Бишкуфонад кухна сад хӯша зи гав.
Мо табибонем, шогирдони Ҳақ,
Баҳри қулзум дид моро, «фанфалақ».
Он табибони табиат дигаранд,
Ки ба дил аз роҳи набзе бингаранд.

Мо ба дил бевосита хуш бингарем,
К-аз фаросат мо ба олӣ манзарем,
Он табибони ғизоанду симор,
Ҷони ҳайвонӣ бад-эшон устувор.
Мо табибони фиъолему мақол,
Мулҳими мо партави нури ҷалол,
К-инчунин феъле туро нофеъ бувад,
В-ончунон феъле зи раҳ қотеъ бувад.
Инчунин қавле туро пеш оварад,
В-ончунон қавле туро неш оварад.
Он табибонро бувад бавле далел
В-ин далели мо бувад ваҳйи ҷалил.
Дастмузде менахоҳем аз касе,
Дастмузди мо расад аз Ҳақ басе.
Ҳин! Сало бемории носурро,
Доруи мо як ба як ранҷурро.

## Муъҷиза хостани қавм аз пайғамбарон

Қавм гуфтанд: «Эй гурӯҳи муддаъӣ,
Ку гувоҳи илми тиббу нофеъӣ?
Чун шумо бастай ҳамин хобу х(в)аред,
Ҳамчу мо бошед, дар деҳ мечаред.
Чун шумо дар доми ин обу гилед,
Кай шумо сайёди симурғи дилед?
Ҳубби ҷоҳу сарварӣ дорад бар он,
Ки шуморад хеш аз пайғамбарон.
Мо нахоҳем инчунин лофу дурӯғ
Кардан андар гӯшу афтодан ба дӯғ».
Анбиё гуфтанд, к-ин з-он иллат аст,
Мояи кӯрӣ, ҳиҷоби руъят аст.
Даъвии моро шунидету шумо
Менабинед ин гуҳар дар дасти мо.
Имтиҳон аст ин гуҳар мар халқро,
Мо-ш гардонем гирди чашмҳо.
Ҳар кӣ гӯяд: «Ку гуво?» Гуфташ гувост,
К-ӯ намебинад гуҳар, ҳабси амост.
Офтобе дар сухан омад, ки хез,
Ки баромад рӯз, барҷаҳ, кам ситез.
Ту бигӯйӣ: «Офтобо, ку гувоҳ?»
Гӯядат: «Эй кӯр! Аз Ҳақ дида хоҳ».
Рӯзи равшан ҳар кӣ ӯ ҷӯяд чароғ,
Айни ҷустан кӯрияш дорад балоғ.
В-ар намебинӣ, гумоне бурдаӣ,
Ки сабоҳ асту ту андар пардаӣ.

Кӯрии худро макун з-ин гуфт фош,
Хомушу дар интизори фазл бош.
Дар миёни рӯз гуфтан: «рӯз ку?»
Хеш расво кардан аст, эй рӯзҷӯ?
Сабру хомӯшӣ ҷазуби раҳмат аст
В-ин нишон ҷустан нишони иллат аст.
«Анситу» бипзир, то бар ҷони ту
Ояд аз ҷонон ҷазои «анситу».
Гар нахоҳӣ нукс пеши ин табиб,
Бар замин зан зарру сарро, эй лабиб!
Гуфти афзунро ту бифрӯшу бихар,
Базли ҷону базли ҷоҳу базли зар,
То санои ту бигӯяд фазли ҳу,
Ки ҳасад орад фалак бар ҷоҳи ту.
Чун табибонро нигаҳ доред дил,
Худ бибинеду шавед аз худ хиҷил.
Дафъи ин кӯрӣ ба дасти халқ нест,
Лек икроми табибон аз ҳудист.
Ин табибонро ба ҷон банда шавед,
То ба мушку анбар оганда шавед.

## Муттаҳам доштани қавм анбиёро, алайҳимуссалом

Қавм гуфтанд: «Ин ҳама зарқ асту макр,
Кай Худо ноиб кунад аз Зайду Бакр?
Ҳар расули шоҳ бояд ҷинси ӯ,
Обу гил ку? Холиқи афлок ку?
Мағзи хар хӯрдем, то мо чун шумо
Пашшаро дорем ҳамрози ҳумо?
Ку ҳумо? Ку пашша? Ку гил? Ку Худо?
З-офтоби чарх чӣ бвад зарраро?
Ин чӣ нисбат? Ин чӣ пайванде бувад?
То ки дар ақлу димоғе дарравад.

## Ҳикояти харгӯшон, ки харгӯшеро пеши пил фиристоданд, ки «Бигӯ, ки ман расули моҳи осмонам пеши ту, ки аз ин чашмаи об ҳазар кун» чунонки дар китоби «Калила» тамом гуфтааст

Ин бад-он монад, ки харгӯше бигуфт:
«Ман расули моҳаму бо моҳ ҷуфт»,
К-аз рамай пилон бар он чашмай зулол
Ҷумла нахҷирон буданд андар вабол.

Ҷумла маҳруму зи хавф аз чашма дур,
Ҳилае карданд, чун кам буд зӯр.
Аз сари куҳ бонг зад харгӯши зол,
Сӯйи пилон дар шаби ғуррай ҳилол,
Ки биё робеъ ашар, эй шоҳпил!
То даруни чашма ёбӣ ин далел.
Шоҳпило! Ман расулам, пеш бист,
Бар расулон банду заҷру хашм нест.
Моҳ мегӯяд, ки эй пилон, равед,
Чашма они мост, з-ин як сӯ шавед.
В-арна мантон кӯр гардонам ситам,
Гуфтам, аз гардан бурун андохтам.
Тарки ин чашма бигӯеду равед,
То зи захми теғи маҳ эмин шавед.
Нак, нишон он аст, к-андар чашма моҳ
Музтариб гардад зи пили обхоҳ.
Он фалон шаб ҳозир о, эй шоҳпил!
То даруни чашма ёбӣ з-ин далел.
Чунки ҳафту ҳашт аз маҳ бигзарид,
Шоҳпил омад, зи чашма мечарид.
Чунки зад хартуми пил он шаб дар об,
Музтариб шуд обу маҳ кард изтироб.
Мо на з-он пилони гӯлем, эй гурӯҳ!
К-изтироби моҳ орадмон шикӯҳ.
Анбиё гуфтанд: «Оваҳ, панди ҷон
Сахттар кард, эй сафеҳон, бандатон.

## **Ҷавоб гуфтани анбиё таъни эшонро ва масал задан эшонро**

Эй дареғо, ки даво дарранҷатон
Гашт заҳри қаҳри ҷоноҳанҷатон.
Зулмат афзуд ин чароғ он чашмро,
Чун гадо бигмошт пардай хашмро.
Чӣ раисӣ ҷуст хоҳем аз шумо?
Ки риёсатмон фузун аст аз само.
Чӣ шараф ёбад зи киштӣ баҳри дур?
Хоса киштие, зи саргин гашта пур.
Эй дареғ, он дидаи кӯру кабуд,
Офтобе андар ӯ зарра намуд.
З-Одаме, ки буд бемислу надид,
Дидаи Иблис ҷуз тине надид.
Чашми девона баҳораш дай намуд,
З-он тараф ҷунбид, к-ӯро хона буд.
Эй басо давлат, ки ояд гоҳ-гоҳ
Пеши бедавлат бигардад ӯ зи роҳ.

Эй басо маъшуқ, к-ояд ношинохт
Пеши бадбахте, надонад ишқ бохт.
Ин ғалатдеҳ дидаро ҳирмони мост
В-ин муқаллиб қалбро сӯулқазост.
Чун бути сангин шуморо қибла шуд,
Лаънату кӯрӣ шуморо зулла шуд.
Чун бишояд сангатон анбози Ҳақ,
Чун нашояд ақлу ҷон ҳамрози Ҳақ?
Пашшаи мурда ҳуморо шуд шарик,
Чун нашояд зинда ҳамрози малик?
Ё магар мурда тарошидай шумост,
Пашшаи зинда тарошидай Худост.
Ошиқи хешеду санъаткарди хеш
Думми моронро сари мор аст кеш.
На дар он дум давлатею неъмате,
На дар он сар роҳатею лаззате.
Гирди сар гардон бувад он думми мор,
Лоиқанду дархуранд он ҳар ду ёр.
Ончунон гӯяд ҳакими Ғазнавӣ,
Дар «Илоҳинома», гар хуш бишнавӣ:
«Кам фузулӣ кун ту дар ҳукми қадар,
Дархур омад шахси хар бо гӯши хар».
Шуд муносиб узвҳо в-абдонҳо,
Шуд муносиб васфҳо бо ҷонҳо.
Васфи ҳар ҷоне таносуб бошадаш,
Бегумон бо ҷон, ки Ҳақ битрошадаш.
Чун сифат бо ҷон қарин кардаст ӯ,
Пас, муносиб дон-ш ҳамчун чашму рӯ.
Шуд муносиб васфҳо дар хубу зишт,
Шуд муносиб ҳарфҳо, ки Ҳақ набишт.
Дидаву дил ҳаст «байна исбаъайн»,
Чун қалам дар дасти котиб, эй Ҳусайн!
Исбаъи лутф асту қаҳру дар миён
Килки дил, бо қабзу басте з-ин банон.
Эй қалам! Бингар гар иҷлолистӣ,
Ки миёни исбаъайни кистӣ?
Ҷумла қасду ҷунбишат з-ин исбаъ аст,
Фарқи ту бар чорроҳи маҷмаъ аст.
Ин ҳуруфи ҳолҳот аз насхи ӯст,
Азму фасхат ҳам зи азму фасхи ӯст.
Ҷуз ниёзу ҷуз тазарруъ роҳ нест,
З-ин тақаллуб ҳар қалам огоҳ нест.
Ин қалам донад, вале бар қадри х(в)ад,
Қадри худ пайдо кунад дар неку бад.
Он чи дар харгӯшу пил овехтанд,
То азалро бо ҳиял омехтанд.

## Баёни он ки ҳар касро нарасад масал овардан, хосса дар кори илоҳӣ

Кай расадтон ин масалҳо сохтан?
Сӯйи он даргоҳи пок андохтан?
Он масал овардан они ҳазрат аст,
Ки ба илми сирру ҷаҳр ӯ оят аст.
Ту чӣ донӣ сирри чизе, то ту кал
Ё ба зулфе, ё ба рух орӣ масал?
Мӯсие онро асо диду набуд,
Аждаҳо буд, сирри ӯ лаб мегушуд.
Чун чунон шоҳе надонад сирри чӯб,
Ту чӣ донӣ сирри ин дому ҳубуб?
Чун ғалат шуд чашми Мӯсо дар масал,
Чун кунад муше фузуле муддахал?
Он мисолатро чу аждарҳо кунад,
То ба посух ҷузв-ҷузват барканад.
Ин мисол овард Иблиси лаъин,
То ки шуд малъуни Ҳақ то явми дин.
Ин масал овард Қорун аз лиҷоҷ,
То фурӯшад дар замин бо тахту тоҷ.
Ин мисолатро чу зоғу бум дон,
Ки аз эшон паст шуд сад хонадон.

## Масалҳо задани қавми Нӯҳ ба истеҳзо дар замони киштӣ сохтан

Нӯҳ андар бодия киштӣ бисохт,
Сад масалгӯ аз пайи тасхар битохт:
«Дар биёбоне, ки чоҳи об нест,
Мекунад киштӣ, чӣ нодон аблаҳест!»
Он яке мегуфт: «Эй, киштӣ, битоз»,
В-он яке мегуфт: «Парраш ҳам бисоз».
Ӯ ҳамегуфт: «Ин ба фармони Худост,
Ин ба чурбакҳо нахоҳад гашт кост».

## Ҳикояти он дузд, ки пурсиданд: «Чӣ мекунӣ нимшаб дар буни ин девор?» Гуфт: «Духҳул мезанам»

Ин масал бишнав, ки шаб дузде анид
Дар буни девор ҳуфра мебурид.
Нимбедоре, ки ӯ ранҷур буд,
Тақ-тақи оҳистаашро мешунуд.
Рафт бар бому фурӯ овехт сар,

Гуфт ӯро: «Дар чӣ корӣ, эй падар?
Хайр бошад, нимшаб чаҳ меканӣ?
Ту киӣ?» Гуфто: «Дуҳулзан, эй сanӣ!»
«Дар чӣ корӣ?» Гуфт: «Мекӯбам дуҳул»,
Гуфт: «Ку бонги дуҳул, эй бӯсубул?»
Гуфт: «Фардо бишнавӣ ин бонгро:
Наъраи ё ҳасрато! Во вайлато!»
Он дурӯғ асту кажу барсохта,
Сирри он кажро ту ҳам нашнохта.

## Ҷавоби он масал, ки мункирон гуфтанд аз рисолати харгӯш, пайғоми пилро аз моҳи осмон

Сирри он харгӯш дон деви фазул,
Ки ба пеши нафси ту омад расул,
То ки нафси гӯлро маҳрум кард,
З-оби ҳайвоне, ки аз вай Хизр х(в)ард.
Божгуна кардаӣ маънишро,
Куфр гуфтӣ, мустаъид шав нешро.
Изтироби моҳ гуфтӣ дар зулол,
Ки битарсонид пилонро шағол?
Қиссаи харгӯшу пил орию об?
Хашяти пилон зи маҳ дар изтироб?
Ин чӣ монад, охир, эй кӯрони хом,
Бо маҳе, ки шуд забунаш хосу ом?
Чӣ маҳу чӣ офтобу чӣ фалак,
Чӣ уқулу чӣ нуфусу чӣ малак.
Офтоби офтоби офтоб,
Ин чӣ мегӯям? Магар ҳастам ба хоб!
Сад ҳазорон шаҳрро хашми шаҳон
Сарнигун кардаст, эй бад гумраҳон!
Кӯҳ бар худ мешикофад сад шикоф,
Офтобе аз кусуфаш дар шуғоф.
Хашми мардон хушк гардонад саҳоб,
Хашми дилҳо кард оламҳо хароб.
Бингаред, эй мурдагони беҳанут,
Дар сиёсатгоҳи шаҳристони Лут.
Пил худ чӣ бвад? Ки се мурғи парон
Кӯфтанд он пилгонро устухон.
Азъафи мурғон абобил асту ӯ
Пилро бидриду напзирад руфӯ.
Кист к-ӯ нашнид он тӯфони Нӯҳ?
Ё масофи лашкари Фиръавну рӯҳ.
Рӯҳашон бишкасту андар об рехт,
Зарра-зарра обашон бармегусехт.

Кист к-ӯ нашнид аҳволи Самуд?
В-он ки сарсар одиёнро мерабуд.
Чашм боре андар он пилон гушо,
Ки будандӣ пилкуш андар ваға.
Ончунон пилону шоҳони залум
Зери хашми дил ҳамеша дар ручум.
То абад аз зулмате дар зулмате
Мераванду нест ғавсе, раҳмате.
Номи неку бад магар нашнидаед?
Ҷумла диданду шумо нодидаед?
Дидаро нодида меоред, лек
Чашматонро вогушояд марг нек.
Гир, олам пур бувад хуршеду нур,
Чун равӣ дар зулмате монанди гӯр.
Бенасиб ойӣ аз он нури азим,
Бастаравзан бошӣ аз моҳи карим.
Ту даруни чоҳ рафтастӣ зи кох,
Чӣ гунаҳ дорад ҷаҳонҳои фарох?
Ҷон ки андар васфи гурге монад ӯ,
Чун бибинад рӯйи Юсуфро? Бигӯ.
Лаҳни довудӣ ба сангу куҳ расид,
Гӯши он сангиндилонаш кам шунид.
Офарин бар ақлу бар инсоф бод
Ҳар замон, «валлоҳу аълам бирраашод».
«Саддиқу, руслан кироман, ё сабо,
Саддиқу рӯҳан сабоҳо, ман сабо.
Саддиқу ҳум, ҳум шумусун толиъат,
Юъминукум мин махозӣ-л-қориъат.
Саддиқуҳум, ҳум будурун зоҳират,
Қабла ан юлқукуму би-с-соҳират.
Саддиқуҳум, ҳум масобиҳу-д-дуҷо,
Акримуҳум, ҳум мафотеҳу-р-раҷо.
Саддиқу ман лайса ярҷу хайракум,
Ло тазиллу, ло тасудду ғайракум».
Порсӣ гӯем, ҳин, тозӣ биҳил,
Ҳиндуи он турк бош, эй обу гил!
Ҳин! Гувоҳиҳои шоҳон бишнавед,
Бигравиданд осмонҳо, бигравед!

## Маънии ҳазм ва мисоли марди ҳозим

Ё ба ҳоли аввалинон бингаред,
Ё суйи охир ба ҳазме дарпаред.
Ҳазм чӣ бвад? Дар ду тадбир эҳтиёт,
Аз ду он гирӣ, ки дур аст аз хубот.
Он яке гӯяд: «Дар ин раҳ ҳафт рӯз
Нест обу ҳаст реги пойсӯз».

Он дигар гӯяд: «Дурӯғ аст ин, бирон,
Ки ба ҳар шаб чашмае бинӣ равон».
Ҳазм он бошад, ки баргирӣ ту об,
То раҳӣ аз тарсу бошӣ бар савоб.
Гар бувад дар роҳ об, инро бирез,
В-ар набошад, вой бар марди ситез!
Эй халифазодагон! Доде кунед,
Ҳазм баҳри рӯзи меъоде кунед.
Он адувве, к-аз падартон кин кашид,
Сӯйи зиндонаш зи иллийийин кашид.
Он шаҳи шатранҷи дилро мот кард,
Аз биҳишташ сухраи офот кард.
Чанд ҷо бандаш гирифт андар набард,
То ба куштӣ дарфигандаш рӯйзард.
Инчунин кардаст бо он паҳлавон,
Суст-сусташ мангаред, эй дигарон.
Модару бобои моро он ҳасуд
Тоҷу пироя ба чолокӣ рабуд.
Кардашон он ҷо бараҳна-в зору хор,
Солҳо бигрист Одам зор-зор,
Ки зи ашки хашми ӯ рӯйид набт,
Ки чаро андар ҷаридай «ло»-ст сабт?
Ту қиёсе гир тарроришро,
Ки чунон сарвар канад з-ӯ ришро.
Алҳазар, эй гилпарастон, аз шараш,
Теғи лоҳавле занед андар сараш,
К-ӯ ҳамебинад шуморо аз камин,
Ки шумо ӯро намебинед, ҳин!
Доимо сайёд резад донаҳо,
Дона пайдо бошаду пинҳон даға.
Ҳар куҷо дона бидидӣ, алҳазар,
То набандад дом бар ту болу пар.
З-он ки мурғе, к-ӯ ба тарки дона кард,
Дона аз саҳрои бетазвир х(в)ард.
Ҳам бад-он қонеъ шуду аз дом ҷаст,
Ҳеч доме парру болашро набаст.

## Ваҳомати кори он мурғ, ки тарки ҳазм кард аз ҳирсу ҳаво

Боз мурғе фавқи деворе нишаст,
Дида сӯйи донаи доме бибаст.
Як назар ӯ сӯйи саҳро мекунад,
Як назар ҳирсаш ба дона мекашад.
Ин назар бо он назар чолиш кард,
Ногаҳоне аз хирад холиш кард.

Боз мурғе, к-он тараддудро гузошт,
З-он назар барканду бар саҳро гумошт.
Шод болу парри ӯ «баххан лаҳу»,
То имоми ҷумла озодон шуд ӯ.
Ҳар кӣ ӯро муқтадо созад, бираст,
Дар мақоми амну озодӣ нишаст.
З-он ки шоҳи ҳозимон омад дилаш,
То гулистону чаман шуд манзилаш.
Ҳазм аз ӯ розию ӯ розӣ зи ҳазм,
Инчунин кун, гар кунӣ тадбиру азм.
Борҳо дар доми ҳирс афтодаӣ,
Ҳалқи худро дар буридан додаӣ.
Бозат он таввоби лутф озод кард,
Тавба пазруфту шуморо шод кард.
Гуфт: «Ин удтум, казо удно казо,
Наҳну раввачна-л-фиъола би-л-ҷазо».
Чунки ҷуфтеро бари худ оварам,
Ояд он ҷуфташ давона лоҷарам.
Ҷуфт кардем ин амалро бо асар,
Чун расад ҷуфте, расад ҷуфте дигар.
Чун рабояд ғорате аз ҷуфт шӯй,
Ҷуфт меояд паси ӯ шӯйҷӯй.
Бори дигар сӯйи ин дом омадет,
Хок андар дидаи тавба задет.
Бозатон таввоб бигшод аз гиреҳ,
Гуфт: «Ҳин, бигрез, рӯй ин сӯ манеҳ».
Боз чун парвонаи нисён расид,
Ҷонатонро ҷониби оташ кашид.
Кам кун, эй парвона! Нисёну шаке,
Дар пари сӯзида бингар ту яке.
Чун раҳидӣ, шукр он бошад, ки ҳеч
Сӯйи он дона надорӣ печ-печ.
То туро, чун шукр гӯйӣ, бахшад ӯ
Рӯзии бедому бехавфи адӯ.
Шукри он неъмат, ки-тон озод кард,
Неъмати Ҳақро бибояд ёд кард.
Чанд андар ранҷҳову дар бало,
Гуфтӣ: «Аз домам раҳо деҳ, эй Худо.
То чунин хидмат кунам, эҳсон кунам,
Хок андар дидаи шайтон занам».

## Ҳикояти назр кардани сагон ҳар зимистон, ки ин тобистон чун биёяд, хона созем аз баҳри зимистон

Саг зимистон ҷамъ гардад устухон-ш,
Захми сармо хурд гардонад чунон-ш,

К-ӯ бигӯяд к-ин қадар тан, ки манам,
Хонае аз санг бояд карданам.
Чун ки тобистон биёяд, ман ба чанг
Баҳри сармо хонае созам зи санг».
Чун ки тобистон биёяд, аз гушод
Устухонҳо паҳн гардад, пӯст шод.
Гӯяд ӯ чун зафт бинад хешро:
«Дар кадомин хона гунҷам, эй киё!»
Зафт гардад, по кашад дар сояе,
Коҳиле, сере, ғаре, худрояе.
Гӯядаш дил: «Хонае соз, эй аму!»
Гӯяд ӯ: «Дар хона кай гунҷам? Бигӯ».
Устухони ҳирси ту дар вақти дард
Дарҳам ояд, хурд гардад дар наވард.
Гӯӣ: «Аз тавба бисозам хонае,
Дар зимистон бошадам астонае».
Чун бишуд дарду шудат он ҳирс зафт,
Ҳамчу саг савдои хона аз ту рафт.
Шукри неъмат хуштар аз неъмат бувад,
Шукрбора кай суйи неъмат равад?
Шукр ҷони неъмату неъмат чу пӯст,
З-он ки шукр орад туро то кӯйи дӯст.
Неъмат орад ғафлату шукр интибоҳ,
Сайди неъмат кун ба доми шукри шоҳ.
Неъмати шукрат кунад пурчашму мир,
То кунӣ сад неъмат исори фақир.
Сер нӯшӣ аз таъому нуқли Ҳақ,
То равад аз ту шикамхорию дақ.

## Манъ кардани мункирон анбиёро, алайҳимуссалом, аз насиҳат кардан ва ҳуҷҷат овардани ҷабриёна

Қавм гуфтанд: «Эй насӯҳон, бас бувад,
Ин чи гуфтед, ар дар ин деҳ кас бувад.
Қавл бар дилҳои мо бинҳод Ҳақ,
Кас надонад бурд бар холиқ сабақ.
Нақши мо ин кард он тасвиргар,
Ин нахоҳадшон ба гуфтугӯ дигар.
Сангро сад сол гӯйӣ, лаъл шав,
Куҳнаро сад сол гӯйӣ, бош нав.
Хокро гӯйӣ, сифоти об гир,
Обро гӯйӣ, асал шав ё ки шир.
Холиқи афлок ӯ в-афлокиён
Холиқи обу туробу хокиён.
Осмонро дод даврону сафо,
Обу гилро тирарӯию намо.

Кай тавонад осмон дурдӣ гузид?
Кай тавонад обу гил сафват харид?
Қисмате кардаст ҳар якро раҳе,
Кай куҳе гардад ба ҷаҳде чун каҳе?»

## Ҷавоби анбиё, алайҳимуссалом, мар ҷабриёнро

Анбиё гуфтанд, к-оре офарид
Васфҳое, ки натон з-он сар кашид.
В-офарид ӯ васфҳои оризӣ,
Ки касе мабғуз, мегардад разӣ.
Сангро гӯйӣ, ки зар шав, беҳудаст,
Миссро гӯйӣ, ки зар шав, роҳ ҳаст.
Регро гӯйӣ, ки гил шав, оҷиз аст,
Хокро гӯйӣ, ки гул шав, ҷоиз аст.
Ранҷҳо додаст, к-онро чора нест,
Он ба мисли лангию фатсу амист.
Ранҷҳо додаст, к-онро чора ҳаст,
Он ба мисли лақваву дарди сар аст.
Ин давоҳо сохт баҳри эътилоф,
Нест ин дарду давоҳо аз газоф.
Балки ағлаб ранҷҳоро чора ҳаст,
Чун ба ҷид ҷӯйӣ, биёяд он ба даст.

## Мукаррар кардани кофирон ҳуҷҷатҳои ҷабриёнаро

Қавм гуфтанд: «Эй гурӯҳ! Ин ранҷи мо
Нест з-он ранҷе, ки бипзирад даво.
Солҳо гуфтед з-ин афсуну панд,
Сахттар мегашт з-он ҳар лаҳза банд».
Гар даворо ин мараз қобил будӣ,
Охир аз вай заррае зоил шудӣ.
Судда чун шуд, об н-ояд дар ҷигар,
Гар хурад дарё, равад ҷое дигар.
Лоҷарам омос гирад дасту по,
Ташнагиро нашканад он истиқо.

## Боз ҷавоби анбиё, алайҳимуссалом, эшонро

Анбиё гуфтанд: «Навмедӣ бад аст,
Фазлу раҳматҳои борӣ беҳад аст.
Аз чунин муҳсин нашояд ноумед,
Даст дар фитроки ин раҳмат занед».
Эй басо коро, ки аввал саъб гашт,
Баъд аз он бигшода шуд, сахтӣ гузашт.

Баъди навмедӣ басе уммедҳост,
Аз паси зулмат басе хуршедҳост.
Худ гирифтам, ки шумо сангин шудет,
Қуфлҳо бар гӯшу бар дил барзадет.
Ҳеч моро бо қабуле кор нест,
Кори мо таслиму фармон карданест.
Ӯ бифармудастмон ин бандагӣ,
Нест моро аз худ ин гӯяндагӣ.
Ҷон барои амри ӯ дорем мо,
Гар ба реге гӯяд ӯ, корем мо.
Ғайри Ҳақ ҷони набиро ёр нест,
Бо қабулу радди халқаш кор нест.
Музди таблиғи рисолоташ аз ӯст,
Зишту душманрӯ шудем аз баҳри дӯст.
Мо бар ин даргаҳ малулон нестем,
То зи буъди роҳ ҳар ҷо бистем.
Дилфурӯбаста-в мулул он кас бувад,
К-аз фироқи ёр дар маҳбас бувад.
Дилбару матлуб бо мо ҳозир аст,
Дар нисори раҳматаш ҷон шокир аст.
Дар дили мо лолазору гулшанест,
Пирию пажмурдагиро роҳ нест.
Доимо тарру ҷавонему латиф,
Тозаву ширину хандону зариф.
Пеши мо сад солу як соат якест,
Ки дарозу кӯтаҳ аз мо мунфакест.
Он дарозу кӯтаҳӣ дар ҷисмҳост,
Он дарозу кӯтаҳ андар ҷон куҷост?
Сесаду нуҳ сол он Асҳоби Каҳф
Пешашон як рӯзи беандӯҳу лаҳф.
В-он гаҳе бинмудашон як рӯз ҳам,
Ки ба тан бозомад арвоҳ аз адам.
Чун набошад рӯзу шаб ё моҳу сол,
Кай бувад серию пирию малол?
Дар гулистони адам чун бех(в)адист,
Мастӣ аз сағроқи лутфи эзадист.
«Лам язуқ лам ядри» ҳар кас к-ӯ нах(в)ард,
Кай ба вахм орад ҷуъал анфоси вард?
Нест мавҳум, ар будӣ мавҳум он,
Ҳамчу мавҳумон шудӣ маъдум он.
Дӯзах андар вахм чун орад биҳишт?
Ҳеч тобад рӯйи хуб аз хуки зишт?
Ҳин! Гулӯи худ мабур, ҳон, эй муҳон!
Инчунин луқма расида то даҳон.
Роҳҳои саъб поён бурдаем,
Раҳ бар аҳли хеш осон кардаем.

## Мукаррар кардани қавм эътирози тарҷеҳ бар анбиё, алайҳимуссалом

Қавм гуфтанд: «Ар шумо саъди х(в)адет,
Наҳси моеду зидету муртадет.
Ҷони мо фориғ буд аз андешаҳо,
Дар ғам афгандед морову ано.
Завқи ҷамъийят, ки буду иттифоқ
Шуд зи фоли зиштатон сад ифтироқ.
Тӯтии нуқли шакар будем мо,
Мурғи маргандеш гаштем аз шумо.
Ҳар куҷо афсонаи ғамгустарест,
Ҳар куҷо овозаи мустанкарест.
Ҳар куҷо андар ҷаҳон фоли бадест,
Ҳар куҷо масхе, наколе, маъхазест,
Дар мисоли қиссаву фоли шумост,
Дар ғамангезӣ шуморо муштаҳост».

## Боз ҷавоби анбиё, алайҳимуссалом

Анбиё гуфтанд: «Фоли зишту бад
Аз миёни ҷонатон дорад мадад.
Гар ту ҷое хуфта бошӣ бохатар,
Аждаҳо дар қасди ту аз сӯйи сар,
Меҳрбоне мар туро огоҳ кард,
Ки биҷаҳ зуд, арна аждарҳот х(в)ард».
Ту бигӯйӣ: «Фоли бад чун мезанӣ?»
Фоли чӣ? Барҷаҳ, бибин дар равшанӣ.
Аз миёни фоли бад ман худ туро
Мераҳонам, мебарам сӯйи саро.
Чун набӣ огаҳкунандаст аз ниҳон,
К-ӯ бидид, он чи надид аҳли ҷаҳон.
Гар табибе гӯядат: «Ғӯра мах(в)ар,
Ки чунин ранҷе барорад шӯру шар».
Ту бигӯйӣ: «Фоли бад чун мезанӣ?»
Пас, ту носеҳро муассам мекунӣ.
В-ар мунаҷҷим гӯядат: «Имрӯз ҳеч
Ончунон коре макун андар басеч».
Сад раҳ ар бинӣ дурӯғи ахтарӣ,
Як-дубора рост ояд, мехарӣ.
Ин нуҷуми мо нашуд ҳаргиз хилоф,
Сиҳҳаташ чун монд аз ту дар ғилоф?
Он табибу он мунаҷҷим аз гумон
Мекунанд огоҳу мо худ аз аён.
Дуд мебинему оташ аз карон,
Ҳамла меорад ба сӯйи мункирон.

Ту ҳамегӯйӣ: «Хамуш кун з-ин мақол,
Ки зиёни мост қоли шуми фол». 2970
Эй ки нусҳи носиҳонро нашнавӣ,
Фоли бад бо туст, ҳар ҷо меравӣ.
Афъие бар пушти ту бармеравад,
Ӯ зи боме бинадаш, огаҳ кунад.
Гӯйияш: «Хомӯш, ғамгинам макун»,
Гӯяд ӯ: «Хуш бош». Худ рафт он сухун.
Чун занад афъӣ даҳон бар гарданат,
Талх гардад ҷумла шодӣ ҷустанат.
Пас бад-ӯ гӯйӣ: «Ҳамин буд, эй фалон?
Чун бинадридӣ гиребон дар фиғон? 2975
Ё зи болоям ту санге мезадӣ,
То маро он ҷид намудию бадӣ».
Ӯ бигӯяд: «З-он ки меозардаӣ»,
Ту бигӯйӣ: «Нек шодам кардаӣ!»
Гуфт: «Ман кардам ҷавонмардӣ ба панд,
То раҳонам ман туро з-ин хушкбанд.
Аз лаимӣ ҳаққи он нашнохтӣ,
Мояи изову туғён сохтӣ».
Ин бувад хӯйи лаимони данӣ,
Бад кунад бо ту, чу некӯйӣ кунӣ. 2980
Нафсро з-ин сабр мекун мунҳаниш,
Ки лаим асту насозад некуиш.
Бо кариме, гар кунӣ эҳсон, сазад,
Мар якеро ӯ иваз ҳафсад диҳад.
Бо лаиме чун кунӣ қаҳру ҷафо,
Бандае гардад туро бас бовафо.
Кофирон к-оранд дар неъмат ҷафо,
Боз дар дӯзах нидошон «раббано».

## Ҳикмати офаридани дӯзахи он ҷаҳон ва зиндони ин ҷаҳон, то маъбади мутакаббирон бошад, ки «иътиё тавъан ав карҳан»

Ки лаимон дар ҷафо софӣ шаванд,
Чун вафо бинанд, худ ҷофӣ шаванд. 2985
Масҷиди тоъоташон, пас, дӯзах аст,
Пойбанди мурғи бегона фах аст.
Ҳаст зиндон савмаъай дузду лаим,
К-андар ӯ зокир шавад Ҳақро муқим.
Чун ибодат буд мақсуд аз башар,
Шуд ибодатгоҳи гарданкаш сақар.
Одамиро ҳаст дар ҳар кор даст,
Лек аз ӯ мақсуд ин хидмат будаст.

«Мо халақту-л-ҷинна ва-л-инс», ин бихон,
Ҷуз ибодат нест мақсуд аз ҷаҳон.
Гарчи мақсуд аз Китоб он фан бувад,
Гар туаш болиш кунӣ, ҳам мешавад.
Лек аз ӯ мақсуд ин болиш набуд,
Илм буду донишу иршоду суд.
Гар ту мехе сохтӣ шамшерро,
Баргузидӣ бар зафар идбирро.
Гарчи мақсуд аз башар илму ҳудист,
Лек ҳар як одамиро маъбадест.
Маъбади марди карим «акрамтуҳу»,
Маъбади марди лаим «асқамтуҳу».
Мар лаимонро бизан, то сар ниҳанд,
Мар каримонро бидеҳ, то бар диҳанд.
Лоҷарам Ҳақ ҳар ду масҷид офарид,
Дӯзах онҳорову инҳоро мазид.
Сохт Мӯсо қудс дар боби сағир,
То фуруд оранд сар қавми заҳир.
З-он ки ҷабборон буданду сарфароз,
Дӯзах он боби сағир асту ниёз.

## Баёни он ки Ҳақ таъоло сурати мулукро сабаби мусаххар кардани ҷабборон, ки мусаххари Ҳақ набошанд, сохтааст, чунонки Мӯсо, алайҳиссалом, боби сағир сохт бар рабази қудс ҷиҳати рукӯъи ҷабборони банӣ Исроил вақти даромадан, ки «удхулу-л-боба суҷҷадан ва қулу ҳиттатун»

Ончунон ки Ҳақ зи гӯшту устухон
Аз шаҳон боби сағире сохт, ҳон!
Аҳли дунё саҷдаи эшон кунанд,
Чунки саҷдай кибриёро душмананд.
Сохт саргиндонаке меҳробашон,
Номи он меҳроб миру паҳлавон.
Лоиқи ин ҳазрати покӣ наед,
Найшакарпокон, шумо холӣ наед.
Он сагонро ин хасон хозеъ шаванд,
Шерро ор аст, к-ӯро биграванд.
Гурба бошад шаҳнаи ҳар мушхӯ,
Муш кӣ бвад, то зи шерон тарсад ӯ?
Хавфи эшон аз килоби Ҳақ бувад,
Хавфашон кай з-офтоби Ҳақ бувад?
«Рабби-ял-аъло»-ст вирди он меҳон,
«Рабби адно» дархури ин аблаҳон.
Муш кай тарсад зи шерони масоф,
Балки он оҳутагони мушкноф.

Рав ба пеши косалес, эй деглес,
Ту-ш худованду валинеъмат навис.
Бас кун, ар шарҳе бигӯям дурдаст,
Хашм гирад миру ҳам донад, ки ҳаст.
Ҳосил он омад, ки бад кун, эй карим!
Бо лаимон, то ниҳад гардан лаим.
Бо лаими нафс, чун эҳсон кунад,
Чун лаимон нафси бад куфрон кунад.
З-ин сабаб буд, к-аҳли меҳнат шокиранд,
Аҳли неъмат тоғиянду мокиранд.
Ҳаст тоғӣ баглари зарринқабо,
Ҳаст шокир хастаи соҳибабо.
Шукр кай рӯяд зи амлоку ниъам?
Шукр мерӯяд зи балвову сақам.

## Қиссаи ишқи сӯфӣ бар суфраи тиҳӣ

Сӯфие бар мех рӯзе суфра дид,
Чарх мезад, ҷомаҳоро медарид.
Бонг мезад: «Нак, навои бенаво,
Қаҳтҳову дардҳоро нак даво!»
Чунки дуду шӯри ӯ бисёр шуд,
Ҳар кӣ сӯфӣ буд, бо ӯ ёр шуд.
Ких-кихею ҳою ҳуе мезаданд,
Тои чанде масту бехуд мешуданд.
Булфузуле гуфт сӯфиро, ки чист?
Суфрае овехта в-аз нон тиҳист.
Гуфт: «Рав, рав, нақши бемаънистӣ,
Ту биҷӯ ҳастӣ, ки ошиқ нестӣ».
Ишқи нон бе нон ғизои ошиқ аст,
Банди ҳастӣ нест, ҳар к-ӯ содиқ аст.
Ошиқонро кор набвад бо вуҷуд,
Ошиқонро ҳаст бе сармоя суд.
Бол нею гирди олам мепаранд,
Даст нею гӯ зи майдон мебаранд.
Он фақире, к-ӯ зи маънӣ бӯй ёфт,
Дасти бибрида ҳаме занбил бофт.
Ошиқон андар адам хайма заданд,
Чун адам якрангу нафси воҳиданд.
Ширхора кай шиносад завқи лут?
Мар париро бӯй бошад луту пут.
Одамӣ кай бӯ барад аз бӯйи ӯ?
Чунки хӯйи ӯст зидди хӯйи ӯ.
Ёбад аз бӯ он парии бӯйкаш,
Ту наёбӣ он зи сад ман лути х(в)аш.

Пеши қибтӣ хун бувад он оби Нил,
Об бошад пеши сибтии ҷамил.
Ҷода бошад баҳр з-исроилиён,
Ғарқагаҳ бошад зи Фиръавни авон.

## Махсус будани Яъқуб, алайҳиссалом, ба чашидани ҷоми Ҳақ аз рӯйи Юсуф ва кашидани бӯйи Ҳақ аз бӯйи Юсуф ва ҳирмони бародарон ва ғайриҳум аз ин ҳар ду

Он чи Яъқуб аз рухи Юсуф бидид,
Хоси ӯ буд, он ба ихвон кай расид?
Ин зи ишқаш хеш дар чаҳ мекунад
В-он ба кин аз баҳри ӯ чаҳ меканад.
Суфраи ӯ пеши ин аз нон тиҳист,
Пеши Яъқуб аст пур, к-ӯ муштаҳист.
Рӯйношуста набинад рӯйи ҳур,
«Ло салота» гуфт: «Илло би-т-таҳур».
Ишқ бошад луту пути ҷонҳо,
Ҷӯъ аз ин рӯй аст қути ҷонҳо.
Ҷӯъи Юсуф буд он Яъқубро,
Бӯйи нонаш мерасид аз дур ҷо.
Он ки бистад пераҳанро, мешитофт
Бӯйи пероҳони Юсуф менаёфт.
В-он ки сад фарсанг з-он сӯ буд ӯ,
Чунки буд Яъқуб, мебӯйид бӯ.
Эй басо олам зи дониш бенасиб,
Ҳофизи илм аст он кас, на ҳабиб.
Мустамеъ аз вай ҳамеёбад машом,
Гарчи бошад мустамеъ аз ҷинси ом.
З-он ки пероҳон ба дасташ ория-ст,
Чун ба дасти он нахосӣ ҷория-ст.
Ҷория пеши нахосӣ сарсарист,
Дар кафи ӯ аз барои муштарист.
Қисмати Ҳаққ аст рӯзӣ додане,
Ҳар якеро сӯйи дигар роҳ не.
Як хаёли нек боғи он шуда,
Як хаёли зишт роҳи ин зада.
Он Худое, к-аз хаёле боғ сохт
В-аз хаёле дӯзаху ҷойи гудохт.
Пас, кӣ донад роҳи гулшанҳои ӯ?
Пас, кӣ донад ҷойи гулханҳои ӯ?
Дидбони дил набинад дар маҷол,
К-аз кадомин рукни ҷон ояд хаёл?
Гар бидидӣ матлаъашро з-эҳтиёл,
Банд кардӣ роҳи ҳар нохушхаёл.

Кай расад ҷосусро он ҷо қадам,
Ки бувад мирсоду дарбанди адам?
Домани фазлаш ба каф кун кӯрвор,
Қабзи аъмо ин бувад, эй шаҳрёр!
Домани ӯ амру фармони вай аст,
Некбахте, ки туқо ҷони вай аст.
Он яке дар марғзору ҷӯйи об
В-он яке паҳлӯйи ӯ андар азоб.
Ӯ аҷаб монда, ки завқи ин зи чист?
В-он аҷаб монда, ки ин дар ҳабси кист?
Ҳин! Чаро хушкӣ? Ки ин ҷо чашмаҳост,
Ҳин! Чаро зардӣ? Ки ин ҷо сад давост.
Ҳамнишино! Ҳин! Даро андар чаман,
Гӯяд: «Эй ҷон! Ман наёрам омадан».

## Ҳикояти амир ва ғуломаш, ки намозбора буд ва унси азим дошт дар намоз ва муноҷоти Ҳақ

Мир шуд муҳтоҷи гармоба саҳар,
Бонг зад: «Сунқур! Ҳало! Бардор сар!
Тосу мандилу гил аз Алтун бигир,
То ба гармоба равем, эй ногузир!»
Сунқур он дам тосу мандиле накӯ
Баргирифту рафт бо ӯ ду ба ду.
Масҷиде бар раҳ буду бонги сало
Омад андар гӯши Сунқур дар мало.
Буд Сунқур сахт мӯлаъ дар намоз,
Гуфт: «Эй мири ман! Эй банданавоз!
Ту бар ин дуккон замоне сабр кун,
То гузорам фарзу хонам «лам якун».
Чун имому қавм берун омаданд,
Аз намозу вирдҳо фориғ шуданд,
Сунқур он ҷо монд то наздики чошт,
Мир Сунқурро замоне чашм дошт.
Гуфт: «Эй Сунқур! Чаро н-ойӣ бурун?»
Гуфт: «Менагзорадам ин зӯфунун.
Сабр кун, нак омадам, эй равшанӣ!
Нестам ғофил, ки дар гӯши манӣ».
Ҳафт навбат сабр карду бонг кард,
То ки оҷиз гашт аз тебоши мард.
Посухаш ин буд: «Менагзорадам,
То бурун оям ҳанӯз, эй муҳтарам!»
Гуфт: «Охир, масҷид-андар кас намонд,
Кӣ-т вомедорад? Он ҷо кӣ-т нишонд?»
Гуфт: «Он ки баста астат аз бурун,
Бастааст ӯ ҳам маро дар андарун.

Он ки нагзорад туро, к-ойӣ дарун,
Мебинагзорад маро, к-оям бурун.
Он ки нагзорад, к-аз ин сӯ по ниҳӣ,
Ӯ бад-ин сӯ баст пойи ин раҳӣ».
Моҳиёнро баҳр нагзорад бурун,
Хокиёнро баҳр нагзорад дарун.
Асли моҳӣ обу ҳайвон аз гил аст,
Ҳилаву тадбир ин ҷо ботил аст.
Қуфли зафт асту гушоянда Худо,
Даст дар таслим зан в-андар ризо. 3075
Зарра-зарра гар шавад мифтоҳҳо,
Ин гушоиш нест ҷуз аз кибриё.
Чун фаромӯшат шавад тадбири хеш,
Ёбӣ он бахти ҷавон аз пири хеш.
Чун фаромӯши худӣ, ёдат кунанд,
Банда гаштӣ, он гаҳ озодат кунанд.

## Навмед шудани анбиё, алайҳимуссалом, аз қабулу пазироии мункирон. Қавлуҳу таъоло: «Ҳатто изо астайъаса-р-русулу...»

Анбиё гуфтанд бо хотир, ки чанд
Медиҳем инрову онро ваъзу панд?
Чанд кӯбем оҳани сарде зи ғай,
Дар дамидан дар қафас ҳин! То ба кай? 3080
Ҷунбиши халқ аз қазову ваъда аст,
Тезии дандон зи сӯзи меъда аст.
Нафси аввал ронд бар нафси дувум,
Моҳӣ аз сар ганда бошад, не зи дум.
Лек ҳам медону хар мерон чу тир,
Чунки «баллиғ» гуфт Ҳақ, шуд ногузир.
Ту намедонӣ, к-аз ин ду кистӣ,
Ҷаҳд кун чандон, ки бинӣ, чистӣ.
Чун ниҳӣ бар пушти киштӣ борро,
Бар таваккул мекунӣ он корро. 3085
Ту намедонӣ, ки аз ҳар ду киӣ,
Ғарқаӣ андар сафар ё ноҷиӣ?
Гар бигӯйӣ: «То надонам ман, киям,
Барнахоҳам тохт дар киштию ям.
Ман дар ин раҳ ноҷиям ё ғарқаам,
Кашф гардон, к-аз кадомин фирқаам?
Ман нахоҳам рафт ин раҳ бо гумон
Бар умеди хушк ҳамчун дигарон».
Ҳеч бозаргоние н-ояд зи ту,
З-он ки дар ғайб аст сирри ин ду рӯ. 3090

Тоҷири тарсандатабъи шишаҷон
Дар талаб на суд дорад, на зиён.
Бал зиён дорад, ки маҳрум асту хор,
Нур ӯ ёбад, ки бошад шуълахор.
Чунки бар бук аст ҷумлай корҳо,
Кори дин авло, к-аз ин ёбӣ раҳо.
Нест дастуре бад-ин ҷо қаръи боб,
Ҷуз умед, «Аллоҳу аълам би-с-савоб».

## Баёни он ки имони муқаллид хавф асту раҷо

Доъии ҳар пеша уммед асту бук,
Гарчи гарданшон зи кӯшиш шуд чу дук.
Бомдодон чун суйи дуккон равад,
Бар умеду буки рӯзӣ медавад.
Буки рӯзӣ набвадат, чун меравӣ?
Хавфи ҳирмон ҳаст, ту чунӣ қавӣ?
Хавфи ҳирмони азал дар касби лут
Чун накардат суст андар ҷустуҷӯт?
Гӯйӣ: «Гарчи хавфи ҳирмон ҳаст пеш,
Ҳаст андар коҳилӣ ин хавф беш.
Ҳаст дар кӯшиш умедам бештар,
Дорам андар коҳилӣ афзун хатар».
Пас, чаро дар кори дин, эй бадгумон,
Доманат мегирад ин хавфи зиён?
Ё надидӣ, к-аҳли ин бозори мо
Дар чӣ суданд анбиёву авлиё?
З-ин дукон рафтан, чӣ коншон рӯ намуд,
Андар ин бозор чун бастанд суд?
Оташ онро ром чун халхол шуд,
Баҳр онро ром шуд, ҳаммол шуд.
Оҳан онро ром шуд, чун мум шуд,
Бод онро бандаву маҳкум шуд.

## Баёни он ки расул, алайҳиссалом, фармуд: «Инна лиллоҳи таъоло авлиёун ахфиёун»

Қавми дигар сахт пинҳон меравандд,
Шуҳраи халқони зоҳир кай шаванд?
Ин ҳама доранду чашми ҳеч кас
Барнаяфтад бар киёшон як нафас.
Ҳам кароматшон, ҳам эшон дар ҳарам
Номашонро нашнаванд абдол ҳам.
Ё намедонӣ карамҳои Худо,
К-ӯ туро мехонад он сӯ, ки биё.

Шаш ҷиҳат олам ҳама икроми ӯст,
Ҳар тараф, ки бингарӣ, аъломи ӯст.
Чун кариме гӯядат: «Оташ даро»,
Андаро зуду магӯ, сӯзад маро.

## Ҳикояти мандил дар танӯри пуроташ андохтани Анас, разияллоҳу анҳу ва носӯхтан

Аз Анас фарзанди Молик омадаст,
Ки ба меҳмонии ӯ шахсе шудаст.
Ӯ ҳикоят кард, к-аз баъди таъом
Дид Анас дасторхонро зардфом.
Чиркину олуда, гуфт: «Эй ходима!
Андарафган дар танӯраш якдама».
Дар танӯри пур зи оташ дарфиганд
Он замон дасторхонро ҳушманд.
Ҷумла меҳмонон дар он ҳайрон шуданд,
Интизори дуди кандурӣ буданд.
Баъди як соат баровард аз танӯр,
Поку испеду аз он авсох дур.
Қавм гуфтанд: «Эй саҳобии азиз!
Чун насӯзиду мунаққо гашт низ?»
Гуфт: «З-он ки Мустафо дасту даҳон
Бас бимолид андар ин дасторхон».
Эй дили тарсанда аз нору азоб,
Бо чунин дасту лабе кун иқтироб.
Чун ҷамодеро чунин ташриф дод,
Ҷони ошиқро чиҳо хоҳад гушод?
Мар кулӯхи Каъбаро чун қибла кард,
Хоки мардон бош, эй ҷон! Дар набард.
Баъд аз он гуфтанд бо он ходима:
«Ту нагӯйӣ ҳоли худ бо ин ҳама?
Чун фигандӣ зуд он аз гуфти вай?
Гирам, ӯ бурдаст дар асрор пай.
Инчунин дасторхони қиматӣ
Чун фигандӣ андар оташ, эй сатӣ?»
Гуфт: «Дорам бар каримон эътимед,
Нестам з-икроми эшон ноумед.
Майзаре чӣ бвад? Агар ӯ гӯядам:
Даррав андар айни оташ бе надам.
Андарафтам аз камоли эътимед,
Аз ибодуллоҳ дорам бас умед.
Сар дарандозам, на ин дасторхон,
З-эътимоди ҳар карими роздон».
Эй бародар! Худ бар ин иксир зан,
Кам набояд сидқи мард аз сидқи зан.

Он дили марде, ки аз зан кам бувад,
Он диле бошад, ки кам з-ишкам бувад.

## Қиссаи фарёд расидани расул, алайҳиссалом, корвони арабро, ки аз ташнагию беобӣ дармонда буданд ва дил бар марг ниҳода, шутурону халқ забон бурун андохта

Андар он водӣ гурӯҳе аз араб
Хушк шуд аз қаҳти бороншон қираб.
Дар миёни он биёбон монда,
Корвоне марги худ бархонда.
Ногаҳоне он муғиси ҳар ду кавн-
Мустафо пайдо шуд аз раҳ баҳри авн.
Дид он ҷо корвоне бас бузург,
Бар тафи регу раҳи саъбу сутург.
Уштуроншонро забон овехта,
Халқ андар рег ҳар сӯ рехта.
Раҳмаш омад, гуфт: «Ҳин! Зутар равед,
Чанд ёре сӯйи он кусбон давед.
Гар сиёҳе бар шутур машк оварад,
Сӯйи мири худ ба зудӣ мебарад.
Он шутурбони сияҳро бо шутур
Сӯйи ман оред бо фармони мур».
Сӯйи кусбон омаданд он толибон,
Баъди як соат бидиданд ончунон,
Бандае мешуд, сияҳ, бо уштуре,
Ровия пуроб, чун ҳадябаре.
Пас бад-ӯ гуфтанд: «Мехонад туро
Ин тараф, хайру-л-башар, хайру-л-варо».
Гуфт: «Ман нашносам ӯро, кист ӯ?»
Гуфт: «Ӯ он моҳрӯйи қандхӯ».
Навъҳо таъриф кардандаш, ки ҳаст,
Гуфт: «Моно, ӯ магар он шоир аст,
Ки гурӯҳеро забун кард ӯ ба сеҳр?
Ман наёям ҷониби ӯ ним шибр».
Каш-кашонаш овариданд он тараф,
Ӯ фиғон бардошт дар ташнеъу таф.
Чун кашидандаш ба пеши он азиз,
Гуфт: «Нӯшед обу бардоред низ».
Ҷумларо з-он машки ӯ сероб кард,
Уштурону ҳар касе з-он об х(в)ард.
Ровия пур карду машк аз машки ӯ,
Абри гардун хира монд аз рашки ӯ.
Ин касе дидаст, к-аз як ровия
Сард гардад сӯзи чандон ҳовия?

Ин касе дидаст, к-аз як машки об
Гашт чандин машк пур бе изтироб?
Машк худ рӯпӯш буду мавҷи фазл
Мерасид аз амри ӯ аз баҳри асл.
Об аз ҷӯшиш ҳамегардад ҳаво
В-он ҳаво гардад зи сардӣ обҳо.
Балки беиллат ва берун з-ин ҳикам
Об рӯёнид таквин аз адам.
Ту зи тифлӣ чун сабабҳо дидаӣ,
Дар сабаб аз ҷаҳл барчафсидаӣ.
Бо сабабҳо аз мусаббиб ғофилӣ,
Сӯйи ин рӯпӯшҳо з-он моилӣ.
Чун сабабҳо рафт, бар сар мезанӣ,
Раббанову раббаноҳо мекунӣ.
Рабб мегӯяд: «Бирав сӯйи сабаб,
Чун зи сунъам ёд кардӣ? Эй аҷаб!»
Гуфт: «З-ин пас ман туро бинам ҳама,
Нангарам сӯйи сабаб в-он дамдама».
Гӯядаш: «Рудду лаъоду» кори туст,
Эй ту андар тавбаву мисоқ суст.
Лек ман он нангарам, раҳмат кунам,
Раҳматам пурр аст, бар раҳмат танам.
Нангарам аҳди бадат, бидҳам ато,
Аз карам ин дам чу мехонӣ маро».
Қофила ҳайрон шуд андар кори ӯ:
«Ё Муҳаммад! Чист ин, эй баҳрхӯ?
Кардаӣ рӯпӯш машки хурдро,
Ғарқа кардӣ ҳам араб, ҳам курдро».

## Машки он ғулом аз ғайб пуроб кардан ба муъҷиза ва он ғуломи сиёҳро сапедрӯ кардан биизниллоҳи таъоло

Эй ғулом! Акнун ту пур бин машки х(в)ад,
То нагӯйӣ дар шикоят неку бад.
Он сияҳ ҳайрон шуд аз бурҳони ӯ,
Медамид аз ломакон имони ӯ.
Чашмае дид, аз ҳаво резон шуда,
Машки ӯ рӯпӯши файзи он шуда.
З-он назар рӯпӯшҳо ҳам бардарид,
То муайян чашмаи ғайбе бидид.
Чашмҳо пуроб кард он дам ғулом,
Шуд фаромӯшаш зи хоҷа в-аз мақом.
Дасту пояш монд аз рафтан ба роҳ,
Зилзила афганд дар ҷонаш Илоҳ.
Боз баҳри маслиҳат бозаш кашид,
Ки ба хеш о, бозрав, эй мустафид!

Вақти ҳайрат нест, ҳайрат пеши туст,
Ин замон дар раҳ даро чолоку чуст.
Дастҳои Мустафо бар рӯ ниҳод,
Бӯсаҳои ошиқона бас бидод.
Мустафо дасти муборак бар рухаш
Он замон молиду кард ӯ фаррухаш.
Шуд сапед он зангию зодай Ҳабаш
Ҳамчу бадру рӯзи равшан шуд шабаш.
Юсуфе шуд дар ҷамолу дар далол,
Гуфташ: «Акнун рав ба деҳ, вогӯй ҳол».
Ӯ ҳамешуд бесару бепой маст,
Пой менашнохт дар рафтан зи даст.
Пас биёмад бо ду машки пур равон
Сӯйи хоҷа аз навоҳий корвон.

## Дидани хоҷа ғуломи худро сапед ва ношинохтан, ки ӯст ва гуфтан, ки «Ғуломи маро ту куштаӣ, хунат гирифт ва Худо туро ба дасти ман андохт»

Хоҷа аз дураш бидиду хира монд,
Аз таҳайюр аҳли он деҳро бихонд:
«Ровияй мо, уштури мо ҳаст ин,
Пас, куҷо шуд бандаи зангиҷабин?
Ин яке бадрест, меояд зи дур,
Мезанад бар нури рӯз аз рӯш нур.
Ку ғуломи мо? Магар саргашта шуд?
Ё бад-ӯ гурге расиду кушта шуд?»
Чун биёмад пеш, гуфташ: «Кистӣ?
Аз Яман зодӣ ва ё туркестӣ?
Гӯ, ғуломамро чӣ кардӣ? Рост гӯ,
Гар бикуштӣ, вонамо, ҳилат маҷӯ!»
Гуфт: «Агар куштам, ба ту чун омадам?
Чун ба пойи худ дар ин хун омадам?»
«Ку ғуломи ман?». Бигуфт: «Инак манам,
Карда дасти фазли Яздон равшанам».
«Ҳай! Чӣ мегӯйӣ? Ғуломи ман куҷост?
Ҳин! Нахоҳӣ раст аз ман ҷуз ба рост».
Гуфт: «Асрори туро бо он ғулом
Ҷумла вогӯям якояк ман тамом.
З-он замоне ки харидӣ ту маро,
То ба акнун бозгӯям моҷаро,
То бидонӣ, ки ҳамонам дар вуҷуд,
Гарчи аз Шабдизи ман субҳе гушуд».
Ранг дигар шуд, валекин ҷони пок
Фориғ аз ранг асту аз аркону хок.

Таншиносон зуд моро гум кунанд,
Обнӯшон тарки машку хум кунанд.
Ҷоншиносон аз ададҳо фориғанд,
Ғарқаи дарёи бечунанду чанд.
Ҷон шаву аз роҳи ҷон ҷонро шинос,
Ёри биниш шав, на фарзанди қиёс.
Чун малак бо ақл, як сарриштаанд,
Баҳри ҳикматро ду сурат гаштаанд.
Он малак чун мурғ болу пар гирифт
В-ин хирад бигзошт парру фар гирифт.
Лоҷарам ҳар ду муносир омаданд,
Ҳар ду хушрӯ пушти ҳамдигар шуданд.
Ҳам малак, ҳам ақл Ҳақро воҷиде,
Ҳар ду одамро муъину соҷиде.
Нафсу шайтон буда з-аввал воҳиде,
Буда Одамро адӯву ҳосиде.
Он ки Одамро бадан дид, ӯ рамид
В-он ки нури муътаман дид, ӯ хамид.
Он ду дида равшанон буданд аз ин
В-ин дуро дида надида ғайри тин.
Ин баён акнун чу хар бар ях бимонд,
Чун нашояд бар ҷуҳуд Инҷил хонд.
Кай тавон бо шиъа гуфтан аз Умар?
Кай тавон барбат задан дар пеши кар?
Лек гар дар деҳ ба гӯша як кас аст,
Ҳой-ҳуе, ки баровардам, бас аст.
Мустаҳиққи шарҳро сангу кулӯх
Нотиқе гардад, мушарриҳ бо русух.

## Баёни он ки ҳар чӣ доду офарид аз самовот ва арзайн ва аъёну аъроз, ҳама ба истидъои ҳоҷат офарид. Худро муҳтоҷи чизе бояд кардан, то бидиҳад, ки «амман юҷибу-л-музтарра изо даъоҳ?» Изтирор гувоҳи истеҳқоқ аст

Он ниёзи марямӣ будасту дард,
Ки чунон тифле сухан оғоз кард.
Ҷузви ӯ бе ӯ барои ӯ бигуфт,
Ҷузв-ҷузват гуфт дорад дар ниҳуфт.
Дасту по шоҳид шавандат, эй раҳӣ!
Мункириро чанд дасту по ниҳӣ?
В-ар набошӣ мустаҳиққи шарҳу гуфт,
Нотиқай нотиқ туро диду бихуфт.
Ҳар чӣ рӯйид, аз пайи муҳтоҷ руст,
То биёбад толибе чизе, ки ҷуст.
Ҳақ таъоло гар самовот офарид,
Аз барои дафъи ҳоҷот офарид.

Ҳар куҷо дарде, даво он ҷо равад,
Ҳар куҷо фақре, наво он ҷо равад.
Ҳар куҷо мушкил, ҷавоб он ҷо равад,
Ҳар куҷо киштист, об он ҷо равад.
Об кам ҷӯ, ташнагӣ овар ба даст,
То биҷӯшад об аз болову паст.
То назояд тифлаки нозукгулӯ,
Кай равон гардад зи пистон шири ӯ?
Рав бад-ин болову пастиҳо бидав,
То шавӣ ташна-в ҳароратро гарав.
Баъд аз он аз бонги занбӯри ҳаво
Бонги оби ҷав бинӯшӣ, эй киё!
Ҳоҷати ту кам набошад аз ҳашиш,
Обро гирӣ, суйи ӯ мекашиш.
Гӯш гирӣ обро ту, мекашӣ,
Сӯйи заръи хушк, то ёбад х(в)ашӣ.
Заръи ҷонро, к-аш ҷавоҳир музмар аст,
Абри раҳмат пур зи оби Кавсар аст.
То «сақоҳум раббуҳум» ояд хитоб,
Ташна бош, «Аллоҳу аълам би-с-савоб».

## Омадани он зани кофир бо тифли ширхора ба наздики Мустафо, алайҳиссалом ва нотиқ шудан исовор ба муъҷизоти расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам

Ҳам аз он деҳ як зане аз кофирон
Сӯйи пайғамбар давон шуд з-имтиҳон.
Пеши пайғамбар даромад бо химор,
Кӯдаке думоҳа занро бар канор.
Гуфт кӯдак: «Салламаллоҳу алайк,
Ё расулуллоҳ, қад ҷиъно илайк».
Модараш аз хашм гуфташ: «Ҳай хамӯш!
Кӣ-т афганд ин шаҳодатро ба гӯш?
Ин кият омӯхт, эй тифли сағир!
Ки забонат гашт дар тифлӣ ҷарир?»
Гуфт: «Ҳақ омӯхт, он гаҳ Ҷабрайил,
Дар баён бо Ҷабрийилам ман расил».
Гуфт: «Ку?» Гуфто, ки болои сарат,
Менабинӣ? Кун ба боло манзарат.
Истода бар сари ту Ҷабрайил,
Мар маро гашта ба сад гуна далел.
Гуфт: «Мебинӣ ту?» Гуфто, ки бале,
Бар сарат тобон чу бадри комиле.
Мебиёмӯзад маро васфи расул,
З-он улуввам, мераҳонад з-ин суфул.

Пас расулаш гуфт: «Эй тифли разеъ!
Чист номат? Бозгӯву шав мутеъ».
Гуфт: «Номам пеши Ҳақ Абдулазиз,
Абди Уззо пеши ин як мушти ҳез.
Ман зи Уззо поку безору барӣ,
Ҳаққи он ки додат ин пайғамбарӣ».
Кӯдаки думоҳа ҳамчун моҳи бадр,
Дарси болиғ гуфта чун асҳоби садр.
Пас ҳанут он дам зи ҷаннат даррасид
То димоғи тифлу модар бӯ кашид.
Ҳар ду мегуфтанд, к-аз хавфи суқут
Ҷон супурдан беҳ бар ин бӯйи ҳанут.
Он касеро, к-иш муарриф Ҳақ бувад,
Ҷомиду номеш сад саддақ занад.
Он касеро, к-иш Худо ҳофиз бувад,
Мурғу моҳӣ мар варо ҳорис шавад.

## Рабудани уқоб мӯзаи Мустафо, алайҳиссалом ва бурдан бар ҳаво ва аз мӯза мори сиёҳ фурӯ афтодан

Андар ин буданд, к-овози сало
Мустафо бишнид аз сӯйи уло.
Хост обею вузӯро тоза кард,
Дасту рӯро шуст ӯ з-он оби сард.
Ҳар ду по шусту ба мӯза кард рой,
Мӯзаро бирбуд як мӯзарабой.
Даст сӯйи мӯза бурд он хушхитоб,
Мӯзаро бирбуд аз дасташ уқоб.
Мӯзаро андар ҳаво бурд ӯ чу бод,
Пас нигун карду аз он море фитод.
Дарфитод аз мӯза як мори сиёҳ,
З-он иноят шуд уқобаш некхоҳ.
Пас уқоб он мӯзаро овард боз,
Гуфт: «Ҳин, бистону рав сӯйи намоз.
Аз зарурат кардам ин густохие,
Ман з-адаб дорам шикасташохие».
Вой, к-ӯ густох пойе мениҳад,
Бе зарурат, к-аш ҳаво фатво диҳад.
Пас расулаш шукр карду гуфт: «Мо
Ин ҷафо дидему буд ин худ вафо.
Мӯза бирбудию ман дарҳам шудам,
Ту ғамам бурдию ман дар ғам шудам.
Гарчи ҳар ғайбе Худо моро намуд,
Дил дар он лаҳза ба худ машғул буд».
Гуфт: «Дур аз ту, ки ғафлат дар ту руст,
Диданам он ғайбро ҳам акси туст.

Мор дар мӯза бибинам бар ҳаво,
Нест аз ман, акси туст, эй Мустафо!»
Акси нуронӣ ҳама равшан бувад,
Акси зулмонӣ ҳама гулхан бувад.
Акси Абдуллаҳ ҳама нуре бувад,
Акси бегона ҳама кӯре бувад.
Акси ҳар касро бидон, эй ҷон! Бибин,
Паҳлуйи ҷинсе, ки хоҳӣ, менишин.

## Ваҷҳи ибрат гирифтан аз ин ҳикоят ва яқин донистан, ки «инна маъа-л-ъусри юсран»

Ибрат аст он қисса, эй ҷон! Мар туро,
То ки розӣ бошӣ дар ҳукми Худо.
То ки зирак бошию некӯгумон,
Чун бибинӣ воқиай бад ногаҳон.
Дигарон гарданд зард аз бими он,
Ту чу гул хандон гаҳи суду зиён.
З-он ки гул гар барг-баргаш меканӣ,
Ханда нагзорад, нагардад мунсанӣ.
Гӯяд, аз хорӣ чаро афтам ба ғам?
Хандаро ман худ зи хор овардаам.
Ҳар чӣ аз ту ёва гардад аз қазо,
Ту яқин дон, ки харидат аз бало.
«Мат-тасаввуф? Қола: виҷдону-л-фараҳ,
Фи-л-фуъоди инда итёни-т-тараҳ».
Он иқобашро уқобе дон, ки ӯ
Даррабуд он мӯзаро з-он некхӯ.
То раҳонад пошро аз захми мор,
Эй хунук ақле, ки бошад беғубор.
Гуфт: «Ло таъсав ало мо фаътакум,
Ин ата-с-сирҳон ва ардо шотакум»,
К-он бало дафъи балоҳои бузург,
В-он зиён манъи зиёнҳои сутург.

## Истидъои он мард аз Мӯсо забони баҳоим бо туюр

Гуфт Мӯсоро яке марди ҷавон,
Ки биёмӯзам забони ҷонварон,
То бувад, к-аз бонги ҳайвоноту дад
Ибрате ҳосил кунам дар дини х(в)ад.
Чун забонҳои банӣ Одам ҳама
Дар пайи об асту нону дамдама,
Бу, ки ҳайвонотро дарде дигар
Бошад, аз тадбири ҳангоми гузар.

Гуфт Мӯсо: «Рав, гузар кун з-ин ҳавас,
К-ин хатар дорад басе дар пешу пас.
Ибрату бедорӣ аз Яздон талаб,
Н-аз китобу аз мақолу ҳарфу лаб».
Гармтар шуд мард з-он манъаш, ки кард,
Гармтар гардад ҳаме аз манъ мард.
Гуфт: «Эй Мӯсо! Чу нури ту битофт,
Ҳар чӣ чизе буд, чизе аз ту ёфт.
Мар маро маҳрум кардан з-ин мурод
Лоиқи лутфат набошад, эй ҷавод!
Ин замон қоиммақоми Ҳақ тувӣ,
Яъс бошад, ки маро монеъ шавӣ».
Гуфт Мӯсо: «Ё раб! Ин марди салим,
Сухра кардасташ магар деви раҷим!
Гар биёмӯзам, зиён кораш бувад,
В-ар наёмӯзам, дилаш бад мешавад».
Гуфт: «Эй Мӯсо! Биёмӯзаш, ки мо
Рад накардем аз карам ҳаргиз дуъо».
Гуфт: «Ё раб! Ӯ пушаймонӣ х(в)арад,
Даст хояд, ҷомаҳоро бардарад».
Нест қудрат ҳар касеро созвор,
Аҷз беҳтар мояи парҳезгор.
Фақр аз ин рӯ фахр омад ҷовидон,
Ки ба тақво монд дасти норасон.
З-он ғинову з-он ғанӣ мардуд шуд,
Ки зи қудрат сабрҳо бадруд шуд.
Одамиро аҷзу фақр омад амон
Аз балои нафси пурҳирсу ғамон.
Он ғам омад з-орзуҳои фузул,
Ки бад-он хӯ кардааст он сайди ғӯл.
Орзуи гил бувад гилхораро,
Гулшакар нагворад он бечораро.

## Ваҳй омадан аз Ҳақ таъоло ба Мӯсо, ки биёмӯзаш чизе, ки истидъо кунад ё баъзе аз он

Гуфт Яздон: «Ту бидеҳ боясти ӯ,
Баргушо дар ихтиёр он дасти ӯ».
Ихтиёр омад ибодатро намак
В-арна мегардад ба нохоҳ ин фалак.
Гардиши ӯро на аҷру на иқоб,
К-ихтиёр омад ҳунар вақти ҳисоб.
Ҷумла олам худ мусаббиҳ омаданд,
Нест ин тасбеҳи ҷабрӣ муздманд.
Теғ дар дасташ неҳ, аз аҷзаш бикан,
То ки ғозӣ гардад ӯ ё роҳзан.

З-он ки «каррамно» шуд Одам з-ихтиёр,
Ним занбӯри асал шуд, ним мор.
Муъминон кони асал занбӯрвор,
Кофирон худ кони заҳре, ҳамчу мор.
З-он ки муъмин хӯрд бигзидай набот,
То чу наҳле гашт риқи ӯ ҳаёт.
Боз кофир хӯрд шарбат аз садид,
Ҳам зи қуташ захр шуд дар вай падид.
Аҳли илҳоми Худо «айнулҳаёт»,
Аҳли тасвили «ҳаво самму-л-мамот».
Дар ҷаҳон ин мадҳу шобошу зиҳӣ
З-ихтиёр асту ҳифози огаҳӣ.
Ҷумла риндон чунки дар зиндон буванд,
Муттақию зоҳиду ҳақхон шаванд.
Чунки қудрат рафт, косид шуд амал,
Ҳин, ки то сармоя настонад аҷал.
Қудратат сармояи суд аст, ҳин!
Вақти қудратро нигаҳ дору бибин.
Одамӣ бар хинги «каррамно» савор,
Дар кафи даркаш инони ихтиёр.
Боз Мӯсо дод панд ӯро ба меҳр,
Ки муродат зард хоҳад кард чеҳр.
Тарки ин савдо бигӯ в-аз Ҳақ битарс,
Дев додастат барои макр дарс.

## Қонеъ шудани он толиб ба таълими забони мурғи хонагӣ ва саг ва иҷобати Мӯсо, алайҳиссалом

Гуфт: «Боре, нутқи саг, к-ӯ бар дар аст,
Нутқи мурғи хонагӣ, к-аҳли пар аст».
Гуфт Мӯсо: «Ҳин! Ту донӣ, рав, расид,
Нутқи ин ҳар ду шавад бар ту падид».
Бомдодон аз барои имтиҳон
Истод ӯ мунтазир бар остон.
Ходима суфра бияфшонду фитод
Порае нони баёт осори зод.
Даррабуд онро хурӯсе чун гарав,
Гуфт саг: «Кардӣ ту бар мо зулм, рав,
Донаи гандум тавонӣ хӯрду ман
Оҷизам дар дона хӯрдан дар ватан.
Гандуму ҷаврову боқии ҳубуб
Метавонӣ хӯрду ман на, эй таруб!
Ин лаби ноне, ки қисми мост нон,
Мерабоӣ ин қадарро аз сагон?»

## Ҷавоби хурӯс сагро

Пас хурӯсаш гуфт: «Тан зан, ғам мах(в)ар,
Ки Худо бидҳад иваз з-инат дигар.
Асби ин хоҷа сақат хоҳад шудан,
Рав, зи фардо сер хур, кам кун ҳазан».
Мар сагонро ид бошад марги асб,
Рӯзии вофир бувад бе ҷаҳду касб.
Асбро бифрӯхт, чун бишнид мард,
Пеши саг шуд он хурӯсаш рӯйзард.
Рӯзи дигар ҳамчунон нонро рабуд
Он хурӯсу саг бар ӯ лаб баргушуд
К-эй хурӯси ишвадеҳ! Чанд ин дурӯғ?
Золимию козибию бефуруғ.
Асб, к-иш гуфтӣ сақат гардад, куҷост?
Кӯри ахтаргӯю маҳрумӣ зи рост».
Гуфт ӯро он хурӯси бохабар,
Ки сақат шуд асби ӯ ҷойи дигар.
Асбро бифрӯхту ҷаст ӯ аз зиён,
Он зиён андохт ӯ бар дигарон.
Лек фардо астараш гардад сақат,
Мар сагонро бошад он неъмат фақат.
Зуд астарро фурӯшид он ҳарис,
Ёфт аз ғам в-аз зиён он дам маҳис.
Рӯзи солис гуфт саг бо он хурӯс:
«Эй амири козибон, бо таблу кӯс!».
Гуфт: «Ӯ бифрӯхт астарро шитоб»,
Гуфт: «Фардояш ғулом ояд мусоб.
Чун ғуломи ӯ бимирад, нонҳо
Бар сагу хоҳанда резанд ақрабо».
Ин шуниду он ғуломашро фурӯхт,
Раст аз хусрону рухро барфурӯхт.
Шукрҳо мекарду шодиҳо, ки ман
Растам аз се воқеа андар заман.
То забони мурғу саг омӯхтам,
Дидаи суъулқазоро дӯхтам.
Рӯзи дигар он саги маҳрум гуфт,
К-эй хурӯси жожхо, ку тоқу ҷуфт?

## Хаҷил гаштани хурӯс пеши саг ба сабаби дурӯғ шудан дар он се ваъда

Чанд-чанд охир дурӯғу макри ту?
Худ напаррад ҷуз дурӯғ аз вакри ту.
Гуфт: «Ҳошо аз ману аз ҷинси ман,
Ки бигардем аз дурӯғе мумтаҳан.

Мо хурӯсон чун муаззин ростгӯй,
Ҳам рақиби офтобу вақтҷӯй.
Посбони офтобем аз дарун,
Гар кунӣ болои мо таште нигун».
Посбони офтобанд авлиё,
Дар башар воқиф зи асрори Худо.
Асли моро Ҳақ пайи бонги намоз
Дод ҳадя одамиро дар ҷиҳоз.
Гар ба ноҳангом саҳвемон равад
Дар азон, он мақтали мо мешавад.
Гуфти ноҳангоми «ҳай ала-л-фалоҳ»
Хуни моро мекунад хору мубоҳ.
Он ки маъсум омаду пок аз ғалат,
Он хурӯси ҷону ваҳй омад фақат.
Он ғуломаш мурд пеши муштарӣ,
Шуд зиёни муштарӣ он яксарӣ.
Ӯ гурезонид молашро, валек
Хуни худро рехт, андарёб нек.
Як зиён дафъи зиёнҳо мешудӣ,
Ҷисму моли мост ҷонҳоро фидӣ.
Пеши шоҳон дар сиёсатгустарӣ
Медиҳӣ ту молу сарро мехарӣ.
Аъҷамӣ чун гаштаӣ андар қазо,
Мегурезонӣ зи довар молро.

## Хабар кардани хурӯс аз марги хоҷа

«Лек фардо хоҳад ӯ мурдан яқин,
Гов хоҳад кушт ворис дар ҳанин.
Соҳиби хона бихоҳад мурд, рафт,
Рӯзи фардо нак расидат лути зафт.
Пораҳои нону лолангу таъом
Дар миёни кӯй ёбад хосу ом.
Гови қурбонию нонҳои тунук
Бар сагону соилон резад сабук.
Марги асбу астару марги ғулом
Буд қазогардони ин мағрури хом.
Аз зиёни молу дарди он гурехт,
Мол афзун карду хуни хеш рехт».
Ин риёзатҳои дарвешон чарост?
К-он бало бар тан, бақои ҷонҳост.
То бақои худ наёбад солике,
Чун кунад танро сақиму ҳолике?
Дасти кӣ ҷунбад ба исору амал,
То набинад додаро ҷонаш бадал.
Он ки бидҳад бе умеди судҳо,

Он Худой аст, он Худой аст, он Худо.
Ё валии Ҳақ, ки хӯйи Ҳақ гирифт,
Нур гашту тобиши мутлақ гирифт,
К-ӯ ғанӣ асту ҷуз ӯ ҷумла фақир,
Кай фақири беиваз гӯяд, ки гир?
То набинад кӯдаке, ки себ ҳаст,
Ӯ пиёзи гандаро надҳад зи даст.
Ин ҳама бозор бахри ин ғараз
Бар дуконҳо шиста бар бӯйи иваз.
Сад матоъи хуб арза мекунанд
В-андаруни дил ивазҳо метананд.
Як саломе нашнавӣ, эй марди дин,
Ки нагирад охират он остин.
Бетамаъ нашнидаам аз хосу ом
Ман саломе, эй бародар! Вассалом.
Ҷуз саломи Ҳаққ, ҳин! Онро биҷӯ,
Хона-хона, ҷо ба ҷову кӯ ба кӯ.
Аз даҳони одамии хушмашом
Ҳам паёми Ҳақ шунудам, ҳам салом.
В-ин саломи боқиён, бар бӯйи он
Ман ҳаменӯшам ба дил, хуштар зи ҷон.
З-он саломи ӯ саломи Ҳақ шудаст,
К-оташ андар дудмони «худ» задаст.
Мурдааст аз «худ», шуда зинда ба раб,
З-он бувад асрори Ҳаққаш дар ду лаб.
Мурдани тан дар риёзат зиндагист,
Ранҷи ин тан рӯҳро пояндагист.
Гӯш бинҳода буд он марди хабис,
Мешунуд ӯ аз хурӯсаш он ҳадис.

## Давидани он шахс ба сӯйи Мӯсо ба зинҳор, чун аз хурӯс хабари марги худ шунид

Чун шунид инҳо, давон шуд тезу тафт,
Бар дари Мӯсо Калимуллоҳ рафт.
Рӯ ҳамемолид дар хок ӯ зи бим,
Ки маро фарёд рас з-ин, эй Калим!
Гуфт: «Рав, бифрӯш худрову бираҳ,
Чунки усто гаштаӣ, барҷаҳ зи чаҳ.
Бар мусулмонон зиён андоз ту,
Кисаву ҳамёнҳоро кун дутӯ.
Ман даруни хишт дидам ин қазо,
Ки дар ойина аён шуд мар туро.
Оқил аввал бинад охирро ба дил,
Андар охир бинад, аз дониш муқил».

Боз зорӣ кард, к-эй некӯхисол,
Мар маро дар сар мазан, дар рӯ мамол.
Аз ман он омад, ки будам носазо,
Носазоямро ту деҳ ҳуснулҷазо.
Гуфт: «Тире ҷаст аз шаст, эй писар!
Нест суннат, к-ояд он вопас ба сар.
Лек дархоҳам зи некӯдоварӣ,
То ки имон он замон бо худ барӣ.
Чунки имон бурда бошӣ, зиндаӣ,
Чунки бо имон равӣ, пояндаӣ».
Ҳам дар он дам ҳол бар хоҷа бигашт,
То дилаш шӯриду оварданд ташт.
Шӯриши марг аст, на ҳайзай таом,
Қай чӣ судат дорад, эй бадбахти хом?
Чор кас бурданд то сӯйи вусоқ,
Соқ мемолид ӯ бар пушти соқ.
Панди Мӯсо нашнавӣ, шӯхӣ кунӣ,
Хештан бар теғи пӯлодӣ занӣ.
Шарм н-ояд теғро аз ҷони ту,
Они туст ин, эй бародар, они ту!

## Дуо кардани Мӯсо он шахсро, то баимон равад аз дунё

Мӯсӣ омад дар муноҷот он саҳар,
К-эй Худо! Имон аз ӯ мастон, мабар.
Подшоҳӣ кун, бар ӯ бахшо, ки ӯ
Саҳв карду хирарӯию ғулӯ.
Гуфтамаш: «Ин илм на дархурди туст,
Дафъ пиндорид гуфтамрову суст.
Дастро бар аждаҳо он кас занад,
Ки асоро дасташ аждарҳо кунад.
Сирри ғайб онро сазад омӯхтан,
Ки зи гуфтан лаб тавонад дӯхтан.
Дархури дарё нашуд ҷуз мурғи об,
Фаҳм кун, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Ӯ ба дарё рафту мурғобӣ набуд,
Гашт ғарқа, даст гираш, эй вадуд!»

## Иҷобат кардани Ҳақ таъоло дуъои Мӯсоро алайҳиссалом

Гуфт: «Бахшидам бад-ӯ имон, наъам
В-ар ту хоҳӣ, ин замон зиндаш кунам.
Балки ҷумла мурдагони хокро
Ин замон зинда кунам баҳри туро».

Гуфт Мӯсо: «Ин ҷаҳони мурдан аст,
Он ҷаҳон ангез, к-он ҷо равшан аст.
Ин фаноҷо чун ҷаҳони буд нест,
Бозгашти орият бас суд нест.
Раҳмате афшон бар эшон ҳам кунун
Дар ниҳонхонай ладайно муҳзарун»,
То бидонӣ, ки зиёни ҷисму мол
Суди ҷон бошад, раҳонад аз вабол.
Пас, риёзатро ба ҷон шав муштарӣ,
Чун супурдӣ тан ба хидмат, ҷон барӣ.
В-ар риёзат оядат беихтиёр,
Сар бинеҳ, шукрона деҳ, эй комёр.
Чун Ҳақат дод он риёзат, шукр кун,
Ту накардӣ, ӯ кашидат з-амри «кун».

## Ҳикояти он зане, ки фарзандаш намезист, бинолид, ҷавоб омад, ки он ивази риёзати туст ва ба ҷойи ҷиҳоди муҷоҳидон аст туро

Он зане ҳар сол зоидӣ писар,
Беш аз шаш маҳ набудӣ умрвар.
Ё се маҳ ё чор маҳ, гаштӣ табоҳ,
Нола кард он зан, ки афғон, эй Илоҳ!
Нуҳ маҳам бор асту се моҳам фараҳ,
Неъматам зутаррав аз қавси қузаҳ.
Пеши мардони Худо кардӣ нафир
З-ин шикоят он зан аз дарди назир.
Бист фарзанд инчунин дар гӯр рафт,
Оташе дар ҷонашон афтод тафт,
То шабе бинмуд ӯро ҷаннате,
Боқие, сабзе, хуше, безинате.
Боғ гуфтам неъмати бекайфро,
К-асли неъматҳосту маҷмаъ боғҳо.
В-арна «ло айнун раъат», чӣ ҷойи боғ,
Гуфт нури ғайбро Яздон чароғ.
Мисл набвад он, мисоли он бувад,
То барад бӯй, он ки ӯ ҳайрон бувад.
Ҳосил, он зан дид онро, маст шуд,
З-он таҷаллӣ он заъиф аз даст шуд.
Дид дар қасре набишта номи хеш,
Они худ донисташ он маҳбубкеш.
Баъд аз он гуфтанд, к-ин неъмат варост,
К-ӯ ба ҷонбозӣ ба ҷуз содиқ нахост.
Хидмати бисёр мебоист кард,
Мар туро, то бар хурӣ з-ин чошт х(в)ард.

Чун ту коҳил будӣ андар илтиҷо,
Ин мусибатҳо иваз додат Худо.
Гуфт: «Ё раб, то ба сад солу фузун
Инчунинам деҳ, бирез аз ман ту хун». 3415
Андар он боғ ӯ чу омад беш пеш,
Дид дар вай ҷумла фарзандони хеш.
Гуфт: «Аз ман гум шуд, аз ту гум нашуд,
Бе ду чашми ғайб кас мардум нашуд.
Ту накардӣ фасду аз бинӣ давид
Хуни афзун, то зи таб ҷонат раҳид.
Мағзи ҳар мева беҳ аст аз пӯсташ,
Пӯст дон танрову мағз он дӯсташ.
Мағзи нағзе дорад охир одамӣ,
Як даме онро талаб, гар з-он дамӣ. 3420

## Дар омадани Ҳамза, разияллоҳу анҳу, дар ҷанг безиреҳ

Андар охир Ҳамза чун дар саф шудӣ,
Безиреҳ сармаст дар ғазв омадӣ.
Сина бозу тан бараҳна, пеш-пеш
Барфигандӣ дар сафи шамшер хеш.
Халқ пурсиданд, к-эй амми расул!
Эй ҳузабри сафшикан, шоҳи фуҳул.
На ту «ло тулқу биайдикум ило,
Таҳлука» хондӣ зи пайғоми Худо?
Пас, чаро ту хешро дар таҳлука,
Медарандозӣ чунин дар маърака? 3425
Чун ҷавон будию зафту сахтзеҳ,
Ту намерафтӣ суйи саф безиреҳ.
Чун шудӣ пиру заъифу мунҳанӣ,
Пардаҳои лоуболӣ мезанӣ?
Лоуболивор бо теғу синон
Менамоӣ доругиру имтиҳон?
Теғ ҳурмат менадорад пирро,
Кай бувад тамйиз теғу тирро?»
З-ин насақ ғамхорагони бехабар
Панд медоданд ӯро аз ғияр. 3430

## Ҷавоби Ҳамза мар халқро

Гуфт Ҳамза: «Чунки будам ман ҷавон,
Марг медидам видоъи ин ҷаҳон.
Сӯйи мурдан кас ба рағбат кай равад?
Пеши аждарҳо бараҳна кай шавад?

Лек аз нури Муҳаммад ман кунун
Нестам ин шаҳри фониро забун.
Аз буруни ҳисс лашкаргоҳи шоҳ
Пур ҳамебинам зи нури Ҳақ сипоҳ.
Хайма дар хайма, таноб андар таноб,
Шукри он ки кард бедорам зи хоб».
Он ки мурдан пеши чашмаш таҳлукаст,
Амри «ло тулқу» бигирад ӯ ба даст.
В-он ки мурдан пеши ӯ шуд фатҳи боб,
«Сориъу» ояд мар ӯро дар хитоб.
«Ал-ҳазар», эй маргбинон! «Бориъу»,
«Ал-ъаҷал», эй ҳашрбинон! «Сориъу».
«Ас-сало», эй лутфбинон! «Ифраҳу»,
«Ал-бало», эй қаҳрбинон! «Итраҳу».
Ҳар кӣ Юсуф дид, ҷон кардаш фидо,
Ҳар кӣ гургаш дид, баргашт аз ҳудо.
Марги ҳар як, эй писар! Ҳамранги ӯст,
Пеши душман душману бар дӯст дӯст.
Пеши турк ойинаро хушрангӣ аст,
Пеши зангӣ ойина ҳам зангӣ аст.
Он ки метарсӣ зи марг андар фирор,
Он зи худ тарсонӣ, эй ҷон! Ҳуш дор.
Рӯйи зишти туст, на рухсори марг,
Ҷони ту ҳамчун дарахту марг барг.
Аз ту рустаст, ар накӯй аст, ар бад аст,
Нохушу хуш, ҳар замират аз х(в)ад аст.
Гар ба хорӣ хастаӣ, худ кіштаӣ
В-ар ҳарирy қаздарӣ, худ риштаӣ.
Лек набвад феъл ҳамранги ҷазо,
Ҳеч хидмат нест ҳамранги ато.
Музди муздурон намемонад ба кор,
К-он араз в-ин ҷавҳар асту пойдор.
Он ҳама сахтию зӯр асту арақ
В-ин ҳама сим асту зарр асту табақ.
Гар туро ояд зи ҷойе туҳмате,
Кард мазлумат дуъо, дар меҳнате.
Ту ҳамегӯйӣ, ки ман озодаам,
Бар касе ман туҳмате нанҳодаам,
Ту гуноҳе кардаӣ шакли дигар,
Дона киштӣ, дона кай монад ба бар?
Ӯ зино карду ҷазо сад чӯб буд,
Гӯяд ӯ: «Ман кай задам касро ба уд?»
На ҷазои он зино буд ин бало?
Чӯб кай монад зиноро дар хало?
Мор кай монад асоро, эй Калим?
Дард кай монад даворо, эй ҳаким?

Ту ба ҷойи он асо оби манӣ
Чун бияфгандӣ, шуд он шахси санӣ.
Ёр шуд ё мор шуд он оби ту,
З-он асо чун аст ин эъҷоби ту?
Ҳеч монад об он фарзандро?
Ҳеч монад найшакар мар қандро?
Чун суҷуде ё рукӯъе мард кишт,
Шуд дар он олам суҷуди ӯ биҳишт.
Чунки паррид аз даҳонаш ҳамди Ҳақ,
Мурғи ҷаннат сохташ раббу-л-фалақ.
Ҳамду тасбеҳаш намонад мурғро,
Гарчи нутфаи мурғ бод асту ҳаво.
Чун зи дастат руст исору закот,
Гашт ин даст он тараф нахлу набот.
Оби сабрат ҷӯйи оби хулд шуд,
Ҷӯи шири хулд, меҳри тусту вуд.
Завқи тоат гашт ҷӯйи ангубин,
Мастию шавқи ту ҷӯйи хамр бин.
Ин сабабҳо, он асарҳоро намонд,
Кас надонад чун-ш ҷойи он нишонд?
Ин сабабҳо чун ба фармони ту буд,
Чор ҷӯ ҳам мар туро фармон намуд.
Ҳар тараф хоҳӣ, равонаш мекунӣ,
Он сифат чун буд, чунонаш мекунӣ.
Чун мании ту, ки дар фармони туст,
Насли он дар амри ту оянд чуст.
Медавад бар амри ту фарзанди нав,
Ки манам ҷузват, ки кардияш гарав.
Он сифат дар амри ту буд ин ҷаҳон,
Ҳам дар амри туст он ҷӯҳо равон.
Он дарахтон мар туро фармонбаранд,
К-он дарахтон аз сифотат бобаранд.
Чун ба амри туст ин ҷо ин сифот,
Пас дар амри туст он ҷо он ҷазот.
Чун зи дастат захм бар мазлум руст,
Он дарахте гашт, аз ӯ заққум руст.
Чун зи хашм, оташ ту дар дилҳо задӣ,
Мояи нори ҷаҳаннам омадӣ.
Оташат ин ҷо чу одамсӯз буд,
Он чи аз вай зод, мардафрӯз буд.
Оташи ту қасди мардум мекунад,
Нор, к-аз вай зод, бар мардум занад.
Он суханҳои чу мору каждумат
Мору каждум гашту мегирад думат.
Авлиёро доштӣ дар интизор,
Интизори растхезат гашт ёр.

Ваъдаи фардову пасфардои ту
Интизори ҳашрат омад, вои ту!
Мунтазир монӣ дар он рӯзи дароз
Дар ҳисобу офтоби ҷонгудоз.
К-осмонро мунтазир медоштӣ,
Тухми «фардо раҳ равам» мекоштӣ.
Хашми ту тухми саъири дӯзах аст,
Ҳин, бикуш ин дӯзахатро, к-ин фах аст.
Куштани ин нор набвад ҷуз ба нур,
«Нурука-тфаъ норано наҳну-ш-шакур».
Гар ту бенурӣ, кунӣ ҳилме ба даст,
Оташат зинда-сту дар хокистар аст.
Он такаллуф бошаду рӯпӯш, ҳин,
Норро накшад ба ғайри нури дин.
То набинӣ нури дин, омин мабош,
К-оташи пинҳон шавад як рӯз фош.
Нур обе дону ҳам бар об чафс,
Чунки дорӣ об, аз оташ матарс.
Об оташро кушад, к-оташ ба хӯ
Мебисӯзад наслу фарзандони ӯ.
Сӯйи он мурғобиён рав рӯзи чанд,
То туро дар оби ҳайвонӣ кашанд.
Мурғи хокӣ, мурғи обӣ ҳамтананд,
Лек зиддонанд, обу равғананд.
Ҳар яке мар асли худро бандаанд,
Эҳтиёте кун, ба ҳам монандаанд.
Ҳамчунон ки васваса-в ваҳйи аласт
Ҳар ду маъқуланд, лекин фарқ ҳаст.
Ҳар ду даллолони бозори замир
Рахтҳоро меситоянд, эй амир!
Гар ту саррофи дилӣ, фикрат шинос,
Фарқ кун сирри ду фикрат чун нахос.
В-ар надонӣ ин ду фикрат аз гумон,
«Ло халоба» гӯю маштобу марон.

## Ҳилаи дафъи мағбун шудан дар байъуширо

Он яке ёри паямбарро бигуфт,
Ки манам дар байъҳо бо ғабн ҷуфт.
Макри ҳар кас, к-ӯ фурӯшад ё харад,
Ҳамчу сеҳр асту зи роҳам мебарад.
Гуфт: «Дар байъе, ки тарсӣ аз ғирор,
Шарт кун се рӯз худро ихтиёр,
Ки таъаннӣ ҳаст аз раҳмон яқин,
Ҳаст таъҷилат зи шайтони лаъин».

Пеши саг чун луқмае нон афганӣ,
Бӯ кунад, он гаҳ хурад, эй муътанӣ!
Ӯ ба бинӣ бӯ кунад, мо бо хирад,
Ҳам бибӯемаш ба ақли мунтақад.
Бо таъаннӣ гашт мавҷуд аз Худо
То ба шаш рӯз ин замину чархҳо.
В-арна қодир буд, к-ӯ «кун файакун»,
Сад замину чарх овардӣ бурун.
Одамиро андак-андак он ҳумом
То чиҳил солаш кунад марди тамом.
Гарчи қодир буд, к-андар як нафас
Аз адам паррон кунад панҷоҳ кас.
Исӣ қодир буд, к-ӯ аз як дуъо
Бетаваққуф барҷаҳонад мурдаро.
Холиқи Исо бинатвонад, ки ӯ
Бетаваққуф мардум орад тӯ ба тӯ?
Ин таъаннӣ аз пайи таълими туст,
Ки талаб оҳиста бояд, бе сукуст.
Ҷӯяке кӯчак, ки доим меравад,
На наҷис гардад, на ганда мешавад.
З-ин таъаннӣ зояд иқболу сурур,
Ин таъаннӣ байза, давлат чун туюр.
Мурғ кай монад ба байза, эй анид!
Гарчи аз байза ҳамеояд падид.
Бош, то аҷзои ту чун байзаҳо
Мурғҳо зоянд андар интиҳо.
Байзаи мор арчи монад дар шабаҳ
Байзаи гунҷишкро, дур аст раҳ.
Донаи обӣ ба донай себ низ
Гарчи монад, фарқҳо дон, эй азиз!
Баргҳо ҳамранг бошад дар назар,
Меваҳо ҳар як бувад навъе дигар.
Баргҳои ҷисмҳо монандаанд,
Лек ҳар ҷоне ба раъйе зиндаанд.
Халқ дар бозор яксон мераванд,
Он яке дар завқу дигар дардманд.
Ҳамчунон дар марг яксон меравем,
Ним дар хусрону ниме хусравем.

## Вафот ёфтани Билол, разияллоҳу анҳу, бо шодӣ

Чун Билол аз заъф шуд ҳамчун ҳилол,
Ранги марг афтод бар рӯйи Билол.
Ҷуфти ӯ дидаш, бигуфто: «Во ҳараб».
Пас Билолаш гуфт: «На, на, во, тараб.

То кунун андар ҳараб будам зи зист,
Ту чӣ донӣ марг чун айш асту чист?»
Ин ҳамегуфту рухаш дар айни гуфт
Наргису гулбаргу лола мешукуфт.
Тоби рӯву чашми пуранвори ӯ
Ме гувоҳӣ дод бар гуфтори ӯ.
Ҳар сияҳдил ме сияҳ дидӣ варо,
Мардуми дида сиёҳ омад чаро?
Мардуми нодида бошад рӯсиёҳ,
Мардуми дида бувад миръоти моҳ.
Худ кӣ бинад мардуми дидай туро,
Дар ҷаҳон ҷуз мардуми дидафизо?
Чун ба ғайри мардуми дидаш надид,
Пас, ба ғайри ӯ кӣ дар рангаш расид?
Пас, ҷуз ӯ ҷумла муқаллид омаданд
Дар сифоти мардуми дидай баланд.
Гуфт ҷуфташ: «Ал-фироқ, эй хушхисол»,
Гуфт: «На, на, ал-висол аст ал-висол».
Гуфт ҷуфт: «Имшаб ғарибӣ, меравӣ,
Аз табору хеш ғоиб мешавӣ».
Гуфт: «На, на, балки имшаб ҷони ман
Мерасад худ аз ғарибӣ дар ватан».
Гуфт: «Рӯятро куҷо бинем мо?»
Гуфт: «Андар ҳалқаи хоси Худо.
Ҳалқаи хосаш ба ту пайваста аст,
Гар назар боло кунӣ, на сӯйи паст.
Андар он ҳалқа зи раббулоламин
Нур метобад чу дар ҳалқа нигин».
Гуфт: «Вайрон гашт ин хона, дареғ!»
Гуфт: «Андар маҳ нигар, мангар ба меғ».
Кард вайрон, то кунад маъмуртар,
Қавмам анбуҳ буду хона мухтасар».

## Ҳикмати вайрон шудани тан ба марг

«Ман чу Одам, будам аввал ҳабси карб,
Пур шуд акнун насли ҷонам Шарқу Ғарб.
Ман гадо будам дар ин хонай чу чоҳ,
Шоҳ гаштам, қаср бояд бахри шоҳ».
Қасрҳо худ мар шаҳонро маънас аст,
Мурдаро хона-в макон гӯре бас аст.
Анбиёро танг омад ин ҷаҳон,
Чун шаҳон рафтанд андар ломакон.
Мурдагонро ин ҷаҳон бинмуд фар,
Зоҳираш зафту ба маънӣ тангбар.

Гар набудӣ танг, ин афғон зи чист?
Чун дуто шуд, ҳар кӣ дар вай беш зист?
Дар замони хоб чун озод шуд,
З-он макон бингар, ки ҷон чун шод шуд?
Золим аз зулми табиъат бозраст,
Марди зиндонӣ зи фикри ҳабс ҷаст.
Ин замину осмони бас фарох
Сахт танг омад ба ҳангоми мунох.
Чашмбанд омад фароху сахт танг,
Хандаи ӯ гиря, фахраш ҷумла нанг.

## Ташбеҳи дунё, ки ба зоҳир фарох аст ва ба маънӣ танг ва ташбеҳи хоб, ки халос аст аз ин тангӣ

Ҳамчу гармоба, ки тафсида бувад,
Танг ойӣ, ҷон-т пахсида шавад.
Гарчи гармоба ариз асту тавил,
З-он табиш танг оядат ҷону калил.
То бурун н-ойӣ, бинагшояд дилат,
Пас, чӣ суд омад фарохий манзилат?
Ё ки кафши танг пӯшӣ, эй ғавӣ!
Дар биёбони фарохе меравӣ.
Он фарохии биёбон танг гашт,
Бар ту зиндон омад он саҳрову дашт.
Ҳар кӣ дид ӯ мар туро аз дур, гуфт,
К-ӯ дар он саҳро чу лолай тар шукуфт.
Ӯ надонад, ки ту ҳамчун золимон
Аз бурун дар гулшанӣ, ҷон дар фиғон.
Хоби ту он кафш берун кардан аст,
Ки замоне ҷонат озод аз тан аст.
Авлиёро хоб мулк аст, эй фалон,
Ҳамчу он Асҳоби Каҳф андар ҷаҳон.
Хоб мебинанду он ҷо хоб на,
Дар адам дармераванду боб на.
Хонаи тангу дарун ҷон чангалук,
Кард вайрон, то кунад қасри мулук.
Чангалукам чун ҷанин андар раҳим,
Нуҳмаҳа гаштам, шуд ин нуқлон муҳим.
Гар набошад дарди заҳ бар модарам,
Ман дар ин зиндон миёни озарам.
Модари табъам зи дарди марги хеш
Меканад раҳ, то раҳад барра зи меш.
То чарад он барра дар саҳрои сабз,
Ҳин! Раҳим бигшо, ки гашт ин барра габз.

Дарди заҳ гар ранҷи обистон бувад,
Бар ҷанин ишкастани зиндон бувад.
Ҳомила гирён зи раҳ, к-айна-л-манос?
В-он ҷанин хандон, ки пеш омад халос.
Ҳар чӣ зери чарх ҳастанд уммаҳот,
Аз ҷамоду аз баҳима в-аз набот,
Ҳар яке аз дарди ғайре ғофиланд,
Ҷуз касоне, ки набию комиланд.
Он чи кӯса донад аз хонай касон,
Балма аз хонай худаш кай донад он?
Он чи соҳибдил бидонад ҳоли ту,
Ту зи ҳоли худ надонӣ, эй аму!

## **Баёни он ки ҳар чи ғафлату ғам ва коҳилию торикӣ аст, ҳама аз тан аст, ки арзӣ асту суфло**

Ғафлат аз тан буд, чун тан рӯҳ шуд,
Бинад ӯ асрорро бе ҳеч буд.
Чун замин бархост аз ҷавви фалак,
На шабу на соя бошад, лию лак.
Ҳар куҷо саясту шаб ё соягаҳ,
Аз замин бошад, на аз афлоку маҳ.
Дуди пайваста ҳам аз ҳезум бувад,
На зи оташҳои мустанҷим бувад.
Ваҳм афтад дар хатову дар ғалат,
Ақл бошад дар исобатҳо фақат.
Ҳар гаронию касал худ аз тан аст,
Ҷон зи хиффат ҷумла дар парридан аст.
Рӯҳ сурх аз ғулбаи хунҳо бувад,
Рӯй зард аз ҷунбиши сафро бувад.
Рӯ сапед аз қуввати балғам бувад,
Бошад аз савдо, ки рӯ адҳам бувад.
Дар ҳақиқат холиқи осор ӯст,
Лек ҷуз иллат набинад аҳли пӯст.
Мағз, к-ӯ аз пӯстҳо овора нест,
Аз табибу иллат ӯро чора нест.
Чун дувум бор одамизода бизод,
Пойи худ бар фарқи иллатҳо ниҳод.
Иллати уло набошад дини ӯ,
Иллати ҷузвӣ надорад кини ӯ.
Мепарад чун офтоб андар уфуқ,
Бо арӯси сидқу сурат чун тутуқ.
Балки берун аз уфуқ в-аз чархҳо
Бемакон бошад чу арвоҳу нуҳо.
Бал уқули мост соҳои ӯ,
Мефитад чун сояҳо дар пойи ӯ.

Муҷтаҳид ҳар гаҳ, ки бошад насшинос,
Андар он сурат наяндешад қиёс.
Чун наёбад насс андар сурате,
Аз қиёс он ҷо намояд ибрате.

## Ташбеҳи насс бо қиёс

Насс ваҳйи рӯҳи қудсӣ дон яқин
В-он қиёси ақли ҷузвӣ тахти ин.
Ақл аз ҷон гашт боидроку фар,
Рӯҳ ӯро кай шавад зери назар?
Лек ҷон дар ақл таъсире кунад,
З-он асар он ақл тадбире кунад.
Нӯҳвор ар саддақе зад дар ту рӯҳ,
Ку яму киштию ку тӯфони Нӯҳ?
Ақл асарро рӯҳ пиндорад, валек
Нури хур аз қурси хур дур аст нек.
З-он ба қурсе солике хурсанд шуд,
То зи нураш сӯйи қурс афганд шуд.
З-он ки ин нуре, ки андар софил аст,
Нест доим рӯзу шаб, ӯ офил аст.
В-он ки андар қурс дорад бошу ҷо,
Ғарқаи он нур бошад доимо.
На саҳобаш раҳ занад худ, на ғуруб,
Вораҳид ӯ аз фироқи синакӯб.
Инчунин кас аслаш аз афлок буд,
Ё мубаддал гашт, гар аз хок буд.
З-он ки хокеро набошад тоби он,
Ки занад бар вай шуъоаш ҷовидон.
Гар занад бар хок доим тоби х(в)ар,
Санчунон сӯзад, ки н-ояд з-ӯ самар.
Доим андар об кори моҳӣ аст,
Морро бо ӯ куҷо ҳамроҳӣ аст?
Лек дар куҳ морҳои пурфананд,
Андар ин ям моҳийиҳо мекунанд.
Макрашон гар халқро шайдо кунад,
Ҳам зи дарё тоса-шон расво кунад.
В-андар ин ям моҳиёни пурфананд,
Морро аз сеҳр моҳӣ мекунанд.
Моҳиёни қаъри дарёи ҷалол
Баҳрашон омӯхта сеҳри ҳалол.
Бас муҳол аз тоби эшон ҳол шуд,
Наҳс он ҷо рафту некӯфол шуд.
То қиёмат гар бигӯям з-ин калом,
Сад қиёмат бигзарад в-ин нотамом.

## Одобу-л-мустамиъина ва-л-муридина инда файзи-л-ҳикмати мин лисони-ш-шайхи

Бар малулон ин мукаррар кардан аст,
Назди ман умри мукаррар бурдан аст.
Шамъ аз барқи мукаррар бар шавад,
Хок аз тоби мукаррар зар шавад. 3605
Гар ҳазорон толибанду як мулул,
Аз рисолат бозмемонад расул.
Ин расулони замири розгӯ
Мустамиъ хоҳанд исрофилхӯ.
Нахвате доранду кибре чун шаҳон,
Чокарӣ хоҳанд аз асли ҷаҳон.
То адабҳошон ба ҷогаҳ н-оварӣ,
Аз рисолатшон чӣ гуна бар х(в)арӣ?
Кай расонанд он амонатро ба ту,
То набошӣ пешашон рокеъ, дутӯ? 3610
Ҳар адабшон кай ҳамеояд писанд?
К-омаданд эшон зи айвони баланд.
На гадоёнанд, к-аз ҳар хидмате
Аз ту доранд, эй музаввар! Миннате.
Лек бо берағбатиҳо, эй замир!
Садқаи султон бияфшон, вомагир.
Асби худро, эй расули осмон!
Дар малулон мангару андар ҷаҳон.
Фаррух он турке, ки истеза ниҳад,
Асбаш андар хандақи оташ ҷаҳад. 3615
Гарм гардонад фарасроончунон,
Ки кунад оҳанги авҷи осмон.
Чашмро аз ғайру ғайрат дӯхта,
Ҳамчу оташ хушку тарро сӯхта.
Гар пушаймонӣ бар ӯ айбе кунад,
Оташ аввал дар пушаймонӣ занад.
Худ пушаймонӣ нарӯяд аз адам,
Чун бибинад гармии соҳибқадам

## Шинохтани ҳар ҳайвоне бӯйи адувви худро ва ҳазар кардан ва батолату хисорати он кас, ки адувви касе бувад, ки аз ӯ ҳазар мумкин нест ва фароз мумкин не ва муқобила мумкин не

Асб донад бӯю бонги шерро,
Гарчи ҳайвон аст илло нодиро. 3620
Бал адувви хешро ҳар ҷонвар
Худ бидонад аз нишону аз асар.

Рӯз хуффошак наёрад барпарид,
Шаб бурун омад чу duздону чарид.
Аз ҳама маҳрумтар хуффош буд,
Ки адувви офтоби фош буд.
На тавонад дар масофаш захм х(в)ард,
На ба нафрин тонадаш маҳҷур кард.
Офтобе, ки бигардонад қафош
Аз барои ғуссаву қаҳри хуфош. 3625
Ғоиби лутфу камоли ӯ бувад,
Гар на, хуффошаш куҷо монеъ шавад?
Душмане гирӣ, ба ҳадди хеш гир,
То бувад мумкин, ки гардонӣ асир.
Қатра бо қулзум чу истеза кунад,
Аблаҳ аст ӯ, риши худ бармеканад.
Ҳилати ӯ аз сиболаш нагзарад,
Чанбарай ҳуҷрай қамар чун бардарад?
Бо адувви офтоб ин буд итоб,
Эй адувви офтоби офтоб! 3630
Эй адувви офтобе, к-аз фараш
Мебиларзад офтобу ахтараш.
Ту адувви ӯ найӣ, хасми худӣ,
Чӣ ғам оташро, ки ту ҳезум шудӣ?
Эй аҷаб! Аз сӯзишат ӯ кам шавад?
Ё зи дарди сӯзишат пурғам шавад?
Раҳматаш на раҳмати Одам бувад,
Ки мизоҷи раҳми одам ғам бувад.
Раҳмати махлуқ бошад ғуссанок,
Раҳмати Ҳақ аз ғаму ғусса-ст пок. 3635
Раҳмати бечун чунин дон, эй падар,
Н-ояд андар ваҳм аз вай ҷуз асар.

## Фарқ миёни донистани чизе ба мисолу тақлид ва миёни донистани моҳияти он чиз

Зоҳир аст осору мевай раҳматаш,
Лек кай донад ҷуз ӯ моҳияташ?
Ҳеч моҳиёти авсофи камол
Кас надонад, ҷуз ба осору мисол.
Тифл моҳият надонад тамсро,
Ҷуз ки гӯйӣ, ҳаст чун ҳалво туро.
Кай бувад моҳияти завқи ҷимоъ,
Мисли моҳиёти ҳалво? Эй мутоъ! 3640
Лек нисбат кард аз рӯйи х(в)ашӣ
Бо ту он оқил, чу ту кӯдаквашӣ.
То бидонад кӯдак онро аз мисол,
Гар надонад моҳият ё айни ҳол.

Пас, агар гӯйӣ: «бидонам», дур нест,
В-ар «надонам», гуфти кизбу зӯр нест.
Гар касе гӯяд, ки донӣ Нӯҳро?
Он расули Ҳаққу нури рӯҳро?
Гар бигӯйӣ: «Чун надонам? К-он қамар
Ҳаст аз хуршеду маҳ машҳуртар.
Кӯдакони хурд дар куттобҳо
В-он имомон ҷумла дар меҳробҳо.
Номи ӯ хонанд дар Қуръон сареҳ,
Қиссааш гӯянд аз мозӣ фасеҳ».
Рост гӯ, донӣ-ш ту, аз рӯйи васф,
Гарчи моҳийят нашуд аз Нӯҳ кашф.
В-ар бигӯйӣ: «Ман чӣ донам Нӯҳро?
Ҳамчу ӯе донад ӯро, эй фато!
Мӯри лангам, ман чӣ донам филро?
Пашшае кай донад Исрофилро?»
Ин сухан ҳам рост аст аз рӯйи он,
Ки ба моҳийят надониш, эй фалон!
Аҷз аз идроки моҳийят, аму!
Ҳолати ома бувад, мутлақ магӯ.
З-он ки моҳийёту сирри сирри он
Пеши чашми комилон бошад аён.
Дар вуҷуд аз сирри Ҳаққу зоти ӯ
Дуртар аз фаҳму истибсор ку?
Чунки он махфӣ намонд аз маҳрамон,
Зоту васфе чист, к-он монад ниҳон?
Ақл баҳсе гӯяд: «Ин дур асту гав»,
Бе зи таъвиле муҳоле кам шунав.
Қутб гӯяд мар туро: «Эй сустҳол!
Он чи фавқи ҳоли туст, ояд муҳол.
Воқиоте, ки кунунат баргушуд,
На ки аввал ҳам муҳолат менамуд?
Чун раҳонидат зи даҳ зиндон карам,
Тиҳро бар худ макун ҳабси ситам».

## Ҷамъу тавфиқ миёни нафй ва исботи як чиз аз рӯйи нисбат ва ихтилофи ҷиҳат

Нафй он як чизу исботаш равост,
Чун ҷиҳат шуд мухталиф, нисбат ду тост.
«Мо рамайта из рамайт» аз нисбат аст,
Нафйу исбот асту ҳар ду мусбат аст.
Он ту афгандӣ, чу бар дасти ту буд,
Ту наяфгандӣ, ки қувват Ҳақ намуд.
Зӯри одамзодро ҳадде бувад,
Мушти хок ишкасти лашкар кай шавад?

Мушт мушти тусту афгандан зи мост,
З-ин ду нисбат нафю исботаш равост.
«Яърифуна-л-анбиё аздодуҳум,
Мисла мо ло яштабиҳ авлодуҳум».
Ҳамчу фарзандони худ донандашон
Мункирон бо сад далелу сад нишон.
Лек аз рашку ҳасад пинҳон кунанд,
Хештанро бар «надонам» мезананд.
Пас чу «яърифу» гуфт, чун ҷойи дигар,
Гуфт: «ло яърифуҳум ғайрӣ» фазар.
«Иннаҳум таҳта қибоби коминун»,
Ҷуз ки Яздоншон надонад з-озмун.
Ҳам ба нисбат гир ин мафтӯҳро,
Ки бидонию надонӣ Нӯҳро.

## Масъалаи фанову бақои дарвеш

Гуфт қоил: «Дар ҷаҳон дарвеш нест
В-ар бувад дарвеш, он дарвеш нест.
Ҳаст аз рӯйи бақои зоти ӯ,
Нест гашта васфи ӯ дар васфи ҳу.
Чун забонай шамъ пеши офтоб
Нест бошад, ҳаст бошад дар ҳисоб.
Ҳаст бошад зоти ӯ, то ту агар
Барниҳӣ пунба, бисӯзад з-он шарар.
Нест бошад, равшанӣ надҳад туро,
Карда бошад офтоб ӯро фано.
Дар дусад ман шаҳд, як «авқийя халл»,
Чун дарафгандию дар вай гашт ҳалл.
Нест бошад таъми хал, чун мечашӣ,
Ҳаст авқийя фузун, чун баркашӣ.
Пеши шере оҳуе беҳуш шуд,
Ҳастияш дар ҳасти ӯ рӯпӯш шуд.
Ин қиёси ноқисон бар кори раб,
Ҷӯшиши ишқ аст, н-аз тарки адаб.
Набзи ошиқ беадаб бармеҷаҳад,
Хешро дар каффаи шаҳ мениҳад.
Беадабтар нест кас з-ӯ дар ҷаҳон,
Боадабтар нест кас з-ӯ дар ниҳон.
Ҳам ба нисбат дон вифоқ, эй мунтаҷаб!
Ин ду зидди боадаб ё беадаб.
Беадаб бошад, чу зоҳир бингарӣ,
Ки бувад даъвии ишқаш ҳамсарӣ.
Чун ба ботин бингарӣ, даъво куҷост?
Ӯву даъво пеши он султон фаност.
Мота Зайдун, Зайд агар фоил бувад,
Лек фоил нест, к-ӯ отил бувад.

Ӯ зи рӯйи лафзи наҳвӣ фоил аст
В-арна ӯ мафъулу мавташ қотил аст.
Фоили чӣ? К-ӯ чунон мақҳур шуд,
Фоилҳо ҷумла аз вай дур шуд.

## Қиссаи вакили Садри Ҷаҳон, ки аз Бухоро гурехт аз бими ҷон ва боз ишқаш кашид рӯкашон, ки кори ҷон саҳл бошад ошиқонро

Дар Бухоро бандаи Садри Ҷаҳон
Муттаҳам шуд, гашт аз садраш ниҳон,
Муддати даҳ сол саргардон бигашт,
Гаҳ Хуросон, гаҳ Куҳистон, гоҳ Дашт.
Аз паси даҳ сол ӯ аз иштиёқ,
Гашт бетоқат зи айёми фироқ.
Гуфт: «Тоби фурқатам з-ин пас намонд»,
Сабр кай донад халоатро нишонд?
Аз фироқ ин хокҳо шӯра бувад,
Об зарду гардаву тира шавад.
Боди ҷонафзо вахим гардад, вабо,
Оташе хокистаре гардад, ҳабо.
Боғи чун ҷаннат шавад дорулмараз,
Зарду резон барги ӯ андар ҳараз.
Ақли даррок аз фироқи дӯстон
Ҳамчу тирандози ишкастакамон.
Дӯзах аз фурқат чунон сӯзон шудаст,
Пир аз фурқат чунон ларзон шудаст.
Гар бигӯям аз фироқи чун шарор,
То қиёмат, як бувад аз сад ҳазор.
Пас, зи шарҳи сӯзи ӯ кам зан нафас,
«Рабби саллим, рабби саллим» гӯю бас.
Ҳар чӣ аз вай шод гардӣ дар ҷаҳон,
Аз фироқи ӯ бияндеш он замон.
З-он чи гаштӣ шод, бас кас шод шуд,
Охир аз вай ҷасту ҳамчун бод шуд.
Аз ту ҳам биҷҳад, ту дил бар вай манеҳ,
Пеш аз он, к-ӯ биҷҳад, аз вай ту биҷеҳ.

## Пайдо шудани Рӯҳулқудус ба сурати одамӣ бар Марям ба вақти бараҳнагӣ ва ғусл кардан ва паноҳ гирифтан ба Ҳақ таъоло

Ҳамчу Марям, гӯй пеш аз фавти милк,
Нақшро, к-«ал-авзу би-р-раҳмони минк».
Дид Марям сурате бас ҷонфизо,
Ҷонфизое, дилрабое дар хало.

Пеши ӯ барруст аз рӯйи замин,
Чун маҳу хуршед он Рӯҳуламин.
Аз замин барруст хубе бениқоб,
Ончунон, к-аз Шарқ рӯяд офтоб.
Ларза бар аъзои Марям уфтод,
К-ӯ бараҳна буду тарсид аз фасод.
Сурате, ки Юсуф ар диди аён,
Даст аз ҳайрат буриди чун занон.
Ҳамчу гул пешаш бирӯид он зи гил,
Чун хаёле, ки барорад сар зи дил.
Гашт бехуд Маряму дар бех(в)адӣ
Гуфт: «Бичҳам дар паноҳи эзадӣ».
З-он ки одат карда буд он покҷайб,
Дар ҳазимат рахт бурдан сӯйи ғайб.
Чун ҷаҳонро дид мулке беқарор,
Ҳозимона сохт з-он ҳазрат ҳисор.
То ба гоҳи марг ҳисне бошадаш,
Ки наёбад хасм роҳи мақсадаш.
Аз паноҳи Ҳақ ҳисоре беҳ надид,
Юртгаҳ наздики он диз баргузид.
Чун бидид он ғамзаҳои ақлсӯз,
Ки аз ӯ мешуд ҷигарҳо тирдӯз.
Шоҳу лашкар ҳалқадаргӯшаш шуда,
Хусравони хуш беҳушаш шуда.
Сад ҳазорон шоҳ мамлукаш ба риққ,
Сад ҳазорон бадрро дода ба диққ.
Заҳра не мар Зӯҳраро то дам занад,
Ақли куллаш чун бибинад, кам занад.
Ман чӣ гӯям? Кӣ маро дардӯхтаст,
Дамгаҳамро дамгаҳи ӯ сӯхтаст.
Дуди он норам, далелам ман бар ӯ,
Дур аз он шаҳ, «ботилун мо аббару».
Худ набошад офтоберо далел,
Ҷуз ки нури офтоби мустатил.
Соя кӣ бвад, то далели ӯ бувад?
Ин бас асташ, ки залили ӯ бувад.
Ин ҷалолат дар далолат содиқ аст,
Ҷумлаи идрокот, пас ӯ собиқ аст.
Ҷумлаи идрокот бар харҳои ланг,
Ӯ савори бод, паррон чун ханданг.
Гар гурезад, кас наёбад гарди шаҳ
В-ар гурезад, ӯ бигирад пеши раҳ.
Ҷумлаи идрокотро ором не,
Вақти майдон аст, вақти ҷом не.
Он яке ваҳме чу бозе мепарад
В-он дигар чун тир маъбар медарад.

В-он дигар чун киштии бободбон
В-он дигар андар тароҷӯъ ҳар замон.
Чун шикоре менамоядшон зи дур,
Ҷумла ҳамла мефизоянд он туюр.
Чунки нопайдо шавад, ҳайрон шаванд,
Ҳамчу ҷуғдон сӯйи ҳар вайрон шаванд.
Мунтазир, чашме ба ҳам, як чашм боз,
То ки пайдо гардад он сайди баноз.
Чун бимонад дер, гӯянд аз малол
«Сайд буд он худ, аҷаб! Ё худ хаёл?»
Маслиҳат он аст, то як соате
Қуввате гиранду зӯр аз роҳате.
Гар набудӣ шаб, ҳама халқон зи оз
Хештанро сӯхтандӣ з-эҳтизоз.
Аз ҳавас в-аз ҳирси суд андӯхтан
Ҳар касе додӣ баданро сӯхтан.
Шаб падид ояд чу ганҷи раҳмате,
То раҳанд аз ҳирси худ як соате.
Чунки қабзе оядат, эй роҳрав!
Он салоҳи туст, оташдил машав.
З-он ки дар харҷӣ дар он басту гушод,
Харҷро дахле бибояд з-эътидод.
Гар ҳамора фасли тобистон будӣ,
Сӯзиши хуршед дар бустон шудӣ.
Манбаташро сӯхтӣ аз беху бун,
Ки дигар тоза нагаштӣ он кухун.
Гар турушрӯяст он дай, мушфиқ аст,
Сайф хандон аст, аммо муҳриқ аст.
Чунки қабз ояд, ту дар вай баст бин,
Тоза бошу чин маяфган дар ҷабин.
Кӯдакон хандону доноён туруш,
Ғам ҷигарро бошаду шодӣ зи шуш.
Чашми кӯдак ҳамчу хар дар охур аст,
Чашми оқил дар ҳисоби охир аст.
Ӯ дар охур чарб мебинад алаф
В-ин зи қассоб охираш бинад талаф.
Он алаф талх аст, к-ин қассоб дод,
Баҳри лаҳми мо тарозуе ниҳод.
Рав, зи ҳикмат хур алаф, к-онро Худо
Беғараз додаст аз маҳзи ато.
Фаҳми нон кардӣ, на ҳикмат, эй раҳӣ!
З-он чи Ҳақ гуфтат: «кулу мин ризқиҳи».
Ризқи Ҳақ ҳикмат бувад дар мартабат,
К-он гулӯгират набошад оқибат.
Ин даҳон бастӣ, даҳоне боз шуд,
К-ӯ хурандай луқмаҳои роз шуд.

Гар зи шери дев танро вобурӣ,
Дар фатоми ӯ басе неъмат хурӣ.
Туркҷӯшаш шарҳ кардам нимхом,
Аз ҳакими Ғазнавӣ бишнав тамом.
Дар «Илоҳинома» гӯяд шарҳи ин,
Ин ҳакими ғайбу фахрулорифин:
«Ғам хуру нони ғамафзоён мах(в)ар,
З-он ки оқил ғам хурад, кӯдак шакар».
Қанди шодӣ меваи боғи ғам аст,
Ин фараҳ захм асту он ғам марҳам аст.
Ғам чу бинӣ, дар канораш каш ба ишқ,
Аз сари Рабваҳ назар кун дар Димишқ.
Оқил аз ангур май бинад ҳаме,
Ошиқ аз маъдум шай бинад ҳаме.
Ҷанг мекарданд ҳаммолон парер:
«Ту макаш, то ман кашам ҳамлаш чу шер».
З-он ки з-он ранҷаш ҳамедиданд суд,
Ҳамлро ҳар як зи дигар мерабуд.
Музди Ҳақ ку? Музди он бемоя ку?
Ин диҳад ганҷет музду он тасу.
Ганҷи зарре, ки чу хусбӣ зери рег,
Бо ту бошад он, набошад мурдарег.
Пеш-пеши он ҷанозат медавад,
Мӯниси гӯру ғарибӣ мешавад.
Баҳри рӯзи марг ин дам мурда бош,
То шавӣ бо ишқи сармад хоҷатош.
Сабр мебинад зи пардай иҷтиҳод
Рӯйи чун гулзору зулфайни мурод.
Ғам чу ойина-ст пеши муҷтаҳид,
К-андар ин зид менамояд рӯйи зид.
Баъд зидди ранҷ он зидди дигар
Рӯ диҳад, яъне гушоду карру фар.
Ин ду васф аз панҷаи дастат бибин,
Баъди қабзи мушт баст ояд яқин.
Панҷаро гар қабз бошад доимо,
Ё ҳама баст ӯ бувад чун мубтало.
З-ин ду васфаш кору максаб мунтазим,
Чун пари мурғ ин ду ҳол ӯро муҳим.
Чунки Марям музтариб шуд як замон,
Ҳамчунон ки бар замин он моҳиён.

## Гуфтани Рӯҳулқудус Марямро, ки ман расули Ҳаққам ба ту, ошуфта машав ва пинҳон машав аз ман, ки фармон ин аст

Бонг бар вай зад намудори карам,
Ки амини ҳазратам, аз ман марам!

Аз сарафрозони иззат сар макаш,
Аз чунин хушмаҳрамон худ дармакаш.
Ин ҳамешгуфту зуболай нури пок
Аз лабаш мешуд паёпай бар симок.
Аз вуҷудам мегурезӣ дар адам?
Дар адам ман шоҳаму соҳибалам.
Худ буна-в бунгоҳи ман дар нестист,
Яксавора нақши ман пеши сатист.
Марямо! Бингар, ки нақши мушкилам,
Ҳам ҳилолам, ҳам хаёл андар дилам.
Чун хаёле дар дилат омад, нишаст,
Ҳар куҷо, ки мегурезӣ, бо ту аст.
Ҷуз хаёли оризии ботиле,
К-ӯ бувад чун субҳи козиб офиле.
Ман чу субҳи содиқам аз нури раб,
Ки нагардад гирди рӯзам ҳеч шаб.
Ҳин, макун «лоҳавл», Имронзодаам,
Ки зи «лоҳавл» ин тараф афтодаам.
Мар маро аслу ғизо лоҳавл буд,
Нури лоҳавле, ки пеш аз қавл буд.
Ту ҳамегирӣ паноҳ аз ман ба Ҳақ,
Ман нигоридай паноҳам дар сабақ.
Он паноҳам ман, ки махласҳот буз,
Ту аъуз орию ман худ он аъуз.
Офате набвад батар аз ношинохт,
Ту бари ёру надонӣ ишқ бохт.
Ёрро ағёр пиндорӣ ҳаме,
Шодиеро ном бинҳодӣ ғаме.
Инчунин нахле, ки лутфи ёри мост,
Чунки мо duздем, нахлаш дори мост.
Инчунин мушкин, ки зулфи мири мост,
Чунки бе иқлим, ин занҷири мост.
Инчунин лутфе чу Ниле меравад,
Чунки Фиръавнем, чун хун мешавад.
Хун ҳамегӯяд: «Ман обам, ҳин, марез,
Юсуфам, гург аз туам, эй пурситез!»
Ту намебинӣ, ки ёри бурдбор,
Чунки бо ӯ зид шудӣ, гардад чу мор.
Лаҳми ӯву шаҳми ӯ дигар нашуд,
Ӯ чунон бад, ҷуз ки аз манзар нашуд.

## Азм кардани он вакил аз ишқ, ки руҷӯъ кунад ба Бухоро лоуболивор

Шамъи Марямро биҳил афрӯхта,
Ки Бухоро меравад он сӯхта.

Сахт бесабру дар оташдони тез
Рӯ суйи Садри Ҷаҳон мекун, гурез.
Ин Бухоро манбаъи дониш бувад,
Пас, бухороист, ҳар-к онаш бувад.
Пеши шайхе, дар Бухоро андарӣ,
То ба хорӣ дар Бухоро нангарӣ!
Ҷуз ба хорӣ дар Бухорои дилаш
Роҳ надҳад ҷазру madди мушкилаш.
Эй хунук онро ки «заллат нафсуҳу»,
Войи он касро, ки «юрдӣ рафсуҳу».
Фурқати Садри Ҷаҳон дар ҷони ӯ
Пора-пора карда буд аркони ӯ.
Гуфт: «Бархезам, ҳам он ҷо воравам,
Кофир ар гаштам, дигар раҳ биграВам.
Воравам он ҷо, бияфтам пеши ӯ,
Пеши он садри накӯандеши ӯ.
Гӯям: Афгандам ба пешат ҷони хеш,
Зинда кун ё сар бибур моро чу меш.
Куштаву мурда ба пешат, эй қамар!
Беҳ ки шоҳи зиндагон ҷони дигар.
Озмудам ман ҳазорон бор беш,
Бе ту ширин менабинам ишқи хеш».
«Ғанни лӣ, ё мунятӣ лаҳна-н-нушур,
Убрукӣ, ё ноқатӣ, тамма-с-сурур.
Иблаъӣ, ё арзу дамъӣ, қад кафо,
Ишрабӣ ё нафсу вирдан қад сафо.
Удта, ё идӣ, илайно марҳабо,
Ниъма мо раввахта, ё риҳу-с-сабо».
Гуфт: «Эй ёрон! Равон гаштам, вадоъ,
Сӯйи он садре, к-амир асту мутоъ.
Дам ба дам дар сӯз бирён мешавам,
Ҳар чӣ бодо, бод, он ҷо меравам.
Гарчи дил чун санги хоро мекунад,
Ҷони ман азми Бухоро мекунад.
Маскани ёр асту шаҳри шоҳи ман,
Пеши ошиқ ин бувад ҳуббулватан».

**Пурсидани маъшуқе аз ошиқи ғариби худ, ки аз шаҳрҳо кадом шаҳрро хуштар ёфтию анбӯҳтар ва муҳташамтару пурнеъматтару дилгушотар?**

Гуфт маъшуқе ба ошиқ, к-эй фато,
Ту ба ғурбат дидаӣ бас шаҳрҳо.
Пас, кадомин шаҳр з-онҳо хуштар аст?
Гуфт: «Он шаҳре, ки дар вай дилбар аст».

Ҳар куҷо бошад шаҳи моро бисот,
Ҳаст саҳро, гар бувад саммулхиёт.
Ҳар куҷо, ки Юсуфе бошад чу моҳ,
Ҷаннат аст, арчи ки бошад қаъри чоҳ.

## Манъ кардани дӯстон ӯро аз руҷӯъ кардан ба Бухоро ва таҳдид кардан ва лоуболӣ гуфтани ӯ

Гуфт ӯро носиҳе: «Эй бехабар!
Оқибат андеш, агар дорӣ ҳунар.
Дарнигар пасро ба ақлу пешро,
Ҳамчу парвона масӯзон хешро.
Чун Бухоро меравӣ, девонаӣ,
Лоиқи занҷиру зиндонхонаӣ.
Ӯ зи ту оҳан ҳамехояд зи хашм,
Ӯ ҳамеҷӯяд туро бо бист чашм.
Мекунад ӯ тез аз бахри ту корд,
Ӯ саги қаҳт асту ту анбони орд.
Чун раҳидию Худоят роҳ дод,
Сӯйи зиндон меравӣ? Чунат фитод?
Бар ту гар даҳ гун муваккил омадӣ,
Ақл боястӣ, к-аз эшон гум задӣ.
Чун муваккил нест бар ту ҳеч кас,
Аз чӣ баста гашт бар ту пешу пас?»
Ишқи пинҳон карда буд ӯро асир,
Он муваккилро намедид он назир.
Ҳар муваккалро муваккил мухтафист,
В-арна ӯ дар банди сагтабъӣ зи чист?
Хашми шоҳи ишқ бар ҷонаш нишаст,
Бар авонию сияҳрӯйиш баст.
Мезанад ӯро, ки ҳин! Ӯро бизан,
З-он авонони ниҳонафғони ман.
Ҳар кӣ бинӣ, дар зиёне меравад.
Гарчи танҳо, бо авоне меравад.
Гар аз ӯ воқиф будӣ, афғон задӣ,
Пеши он султони султонон шудӣ.
Рехтӣ бар сар ба пеши шоҳ хок,
То амон дидӣ зи деви саҳмнок.
Мир дидӣ хешро, эй кам зи мӯр!
З-он надидӣ он муваккилро ту кӯр.
Ғарра гаштӣ з-ин дурӯғин парру бол,
Парру боле, к-ӯ кашад сӯйи вабол.
Пар сабук дорад, раҳи боло кунад,
Чун гилолу шуд, гарониҳо кунад.

## Лоуболӣ гуфтани ошиқ, носеҳ ва озилро аз сирри ишқ

Гуфт: «Эй носеҳ! Хамуш кун, чанд-чанд?
Панд кам деҳ, з-он ки бас сахт аст банд.
Сахттар шуд банди ман аз панди ту,
Ишқро нашнохт донишманди ту.
Он тараф, ки ишқ меафзуд дард,
Бӯҳанифа-в Шофиъӣ дарсе накард.
Ту макун таҳдид аз куштан, ки ман
Ташнаи зорам ба хуни хештан.
Ошиқонро ҳар замоне мурданест,
Мурдани ушшоқ худ як навъ нест.
Ӯ дусад ҷон дорад аз ҷони ҳудо
В-он дусадро мекунад ҳар дам фидо.
Ҳар яке ҷонро ситонад даҳ баҳо,
Аз Нубӣ хон: «Ашрата амсолиҳо».
Гар бирезад хуни ман он дӯстрӯ,
Пойкӯбон ҷон барафшонам бар ӯ.
Озмудам, марги ман дар зиндагист,
Чун раҳам з-ин зиндагӣ, пояндагист.
«Уқтулунӣ, уқтулунӣ, ё сиқот!
Инна фӣ қатлӣ ҳаётан фӣ ҳаёт.
Ё мунира-л-хадди! Ё рӯҳа-л-бақо!
Иҷтазиб рӯҳӣ ва ҷуд лӣ би-л-лақо.
Лӣ ҳабибун ҳуббуҳу яшви-л-ҳашо,
Лав яшо ямшӣ ало айнӣ, машо».
Порсӣ гӯ, гарчи тозӣ хуштар аст,
Ишқро худ сад забони дигар аст.
Бӯйи он дилбар чу паррон мешавад,
Он забонҳо ҷумла ҳайрон мешавад.
Бас кунам, дилбар даромад дар хитоб,
Гӯш шав, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Чунки ошиқ тавба кард, акнун битарс,
К-ӯ чу айёрон кунад бар дор дарс.
Гарчи ин ошиқ Бухоро меравад,
На ба дарсу на ба усто меравад.
Ошиқонро шуд мударрис ҳусни дӯст,
Дафтару дарсу сабақшон рӯйи ӯст.
Хомушанду наъраи такроршон
Меравад то аршу тахти ёршон.
Дарсашон ошӯбу чарху зилзила,
На зиёдот асту боби силсила.
Силсалай ин қавм ҷаъди мушкбор,
Масъалай давр аст, лекин даври ёр.

Масъалай кис ар бипурсад кас туро,
Гӯ, нагунҷад ганҷи Ҳақ дар кисаҳо.
Гар дами хулъу муборо меравад,
Бад мабин, зикри Бухоро меравад.
Зикри ҳар чизе диҳад хосийяте,
З-он ки дорад ҳар сифат моҳийяте.
Дар Бухоро дар ҳунарҳо болиғӣ,
Чун ба хорӣ рӯ ниҳӣ, з-он фориғӣ.
Он бухорӣ ғуссаи дониш надошт,
Чашм бар хуршеди биниш мегумошт.
Ҳар кӣ дар хилват ба биниш ёфт роҳ,
Ӯ зи донишҳо наҷӯяд дастгоҳ.
Бо ҷамоли ҷон чу шуд ҳамкосае,
Бошадаш з-иҷбору дониш тосае.
Дид бар дониш бувад ғолиб фаро,
З-он ҳаме дунё бичарбад омаро.
З-он ки дунёро ҳамебинанд айн
В-он ҷаҳонеро ҳамедонанд дайн.

## Рӯ ниҳодани он бандаи ошиқ сӯйи Бухоро

Рӯ ниҳод он ошиқи хунобарез
Дилтапон сӯйи Бухоро гарму тез.
Реги Омун пеши ӯ ҳамчун ҳарир,
Оби Ҷайҳун пеши ӯ чун обгир.
Он биёбон пеши ӯ чун гул ситон,
Мефитод аз ханда ӯ чун гулситон.
Дар Самарқанд аст қанд, аммо лабаш
Аз Бухоро ёфт в-он шуд мазҳабаш.
Эй Бухоро! Ақлафзо будаӣ,
Лекин аз ман ақлу дин бирбудаӣ.
Бадр меҷӯям, аз онам чун ҳилол,
Садр меҷӯям, дар ин саффи ниъол.
Соате афтод беҳушу дароз,
Ақли ӯ паррид дар бустони роз.
Бар сару рӯяш гулобе мезаданд,
Аз гулоби ишқи ӯ ғофил буданд.
Ӯ гулистони ниҳоне дида буд,
Ғорати ишқаш зи худ бибрида буд.
Ту фасурда, дархури ин дам найӣ,
Бо шакар мақрун найӣ, гарчи найӣ.
Рахти ақлат бо ту асту оқилӣ,
К-аз «ҷунудан лам таравҳо» ғофилӣ.

## Даромадани он ошиқи лоуболӣ дар Бухоро ва таҳзир кардани дӯстон ӯро аз пайдо шудан

Андаромад дар Бухоро шодмон
Пеши маъшуқи худу доруламон.
Ҳамчу он масте, ки паррад бар асир,
Маҳ канораш гираду гӯяд, ки гир.
Ҳар кӣ дидаш дар Бухоро, гуфт: «Хез,
Пеш аз пайдо шудан, маншин, гурез,
Ки туро меҷӯяд он шаҳ хашмгин,
То кашад аз ҷони ту даҳсола кин.
Аллаҳ, аллаҳ дармаё дар хуни хеш,
Такя кам кун бар даму афсуни хеш.
Шаҳнаи Садри Ҷаҳон будию род,
Муътамад будӣ, муҳандис устод.
Ғадр кардӣ в-аз ҷазо бигрехтӣ,
Раста будӣ, боз чун овехтӣ?
Аз бало бигрехтӣ бо сад ҳиял,
Аблаҳӣ овардат ин ҷо ё аҷал?»
Эй ки ақлат бар Уторид дақ кунад,
Ақлу оқилро қазо аҳмақ кунад.
Наҳс харгӯше, ки бошад шерҷӯ,
Зиракию ақлу чолокит ку?
Ҳаст сад чандин фусунҳои қазо,
Гуфт: «Изо ҷоъа-л-қазо зоқа-л-фазо».
Сад раҳу махлас бувад аз чаппу рост,
Аз қазо баста шавад, к-ӯ аждаҳост.

## Ҷавоб гуфтани ошиқ озилонро ва таҳдидкунандагонро

Гуфт: «Ман мустасқиям, обам кашад,
Гарчи медонам, ки ҳам обам кушад.
Ҳеч мустасқӣ бинагрезад зи об,
Гар дусад бораш кунад моту хароб.
Гар биёмосад маро дасту шикам,
Ишқи об аз ман нахоҳад гашт кам.
Гӯям, он гаҳ ки бипурсанд аз бутун,
Кошкӣ баҳрам равон будӣ дарун.
Хики ашкам, гӯ бидар аз мавҷи об,
Гар бимирам, ҳаст маргам мустатоб.
Ман ба ҳар ҷойе, ки бинам оби ҷӯ,
Рашкам ояд, будаме ман ҷойи ӯ.
Даст чун даффу шикам ҳамчун дуҳул
Табли ишқи об мекӯбам чу гул.

Гар бирезад хунам он Рӯҳуламин,
Ҷуръа-ҷуръа хун хурам ҳамчун замин.
Чун замину чун ҷанин хунхораам,
То ки ошиқ гаштаам, инкораам.
Шаб ҳамеҷӯшам дар оташ ҳамчу дег,
Рӯз то шаб хун хурам монанди рег.
Ман пушаймонам, ки макр ангехтам,
Аз муроди хашми ӯ бигрехтам.
Гӯ, бирон бар ҷони мастам хашми хеш,
Иди қурбон ӯсту ошиқ говмеш.
Гов агар хусбад в-агар чизе х(в)арад,
Баҳри иду забҳи ӯ мепарварад.
Гови Мӯсо дон маро, ҷондодае,
Ҷузв-ҷузвам ҳашри ҳар озодае.
Гови Мӯсо буд қурбонгаштае,
Камтарин ҷузваш ҳаёти куштае.
Барҷаҳид он кушта з-осебаш зи ҷо,
Дар хитоби «изрибуҳу баъзаҳо».
Ё киромӣ! «Избаҳу ҳоза-л-бақар,
Ин арадтум ҳашра арвоҳи-н-назар».
Аз ҷамодӣ мурдаму номӣ шудам
В-аз намо мурдам, ба ҳайвон барзадам.
Мурдам аз ҳайвонию одам шудам,
Пас, чӣ тарсам? Кай зи мурдан кам шудам?
Ҳамлаи дигар бимирам аз башар,
То барорам аз малоик парру сар.
В-аз малак ҳам боядам ҷастан зи ҷӯ,
«Куллу шайъин ҳолик, илло ваҷҳуҳу».
Бори дигар аз малак қурбон шавам,
Он чи андар ваҳм н-ояд, он шавам.
Пас адам гардам, адам чун арғанун,
Гӯядам, к-«инно илайҳи роҷиъун».
Марг дон он, к-иттифоқи уммат аст,
К-оби ҳайвоне ниҳон дар зулмат аст.
Ҳамчу нилуфар бирав з-ин тарфи ҷӯ,
Ҳамчу мустасқӣ ҳарису маргҷӯ.
Марги ӯ об асту ӯ ҷӯёи об,
Мехурад «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Эй фасурда! Ошиқи нангиннамад,
К-ӯ зи бими ҷон зи ҷонон мерамад.
Сӯйи теғи ишқаш, эй нанги занон,
Сад ҳазорон ҷон нигар, дастакзанон.
Ҷӯй дидӣ, кӯза андар ҷӯй рез,
Обро аз ҷӯй кай бошад гурез?
Оби кӯза чун дар оби ҷӯ шавад,
Маҳв гардад дар ваю ҷӯ ӯ шавад.

Васфи ӯ фонӣ шуду зоташ баќо,
З-ин сипас на кам шавад, на бад лиќо.
Хешро бар нахли ӯ овехтем,
Узри онро, ки аз ӯ бигрехтем».

## Расидани он ошиқ ба маъшуқи хеш, чун даст аз ҷони худ бишуст

Ҳамчу гӯйе, саҷдакун бар рӯву сар
Ҷониби он садр шуд бо чашми тар.
Ҷумла халқон мунтазир, сар дар ҳаво,
К-аш бисӯзад ё баровезад варо.
Ин замон, ин аҳмақи яклахтро
Он намояд, ки замон бадбахтро.
Ҳамчу парвона шарарро нур дид,
Аҳмақона дарфитод, аз ҷон бурид.
Лек шамъи ишқ чун он шамъ нест,
Равшан андар равшан андар равшанест.
Ӯ ба акси шамъҳои оташист,
Менамояд оташу ҷумла х(в)ашист.

## Сифати он масҷид, ки ошиққуш буд ва он ошиқи маргҷӯйи лоуболӣ, ки дар ӯ меҳмон шуд

Як ҳикоят гӯш кун, эй некпай,
Масҷиде буд бар канори шаҳри Рай.
Ҳеч кас дар вай нахуфтӣ шаб зи бим,
Ки на фарзандаш шудӣ он шаб ятим.
Баски андар вай ғариби ур рафт,
Субҳдам чун ахтарон дар гӯр рафт.
Хештанро нек аз ин огоҳ кун,
Субҳ омад, хобро кӯтоҳ кун.
Ҳар касе гуфтӣ, ки парёнанд тунд,
Андар ӯ меҳмонкушон бо теғи кунд.
Он дигар гуфтӣ, ки сеҳр асту тилисм,
К-ин расад бошад адувви ҷону хасм.
Он дигар гуфтӣ, ки барнеҳ нақши фош
Бар дараш, к-эй меҳмон! Ин ҷо мабош.
Шаб махусб ин ҷо, агар ҷон боядат
В-арна марг ин ҷо камин бигшоядат.
В-он яке гуфтӣ, ки шаб қуфле ниҳед,
Ғофиле, к-ояд, шумо кам раҳ диҳед.

## Меҳмон омадан дар он масҷид

То яке меҳмон даромад вақти шаб,
К-ӯ шунида буд он сити аҷаб.
Аз барои озмун меозмуд,
З-он ки бас мардонаву ҷонсер буд.
Гуфт: «Кам гирам сару ишкамбае,
Рафта гир аз ганҷи ҷон як ҳаббае.
Сурати тан гӯ, бирав, ман кистам?
Нақш кам н-ояд, чу ман боқистам.
Чун «нафахту» будам аз лутфи Худо,
Нафхи Ҳақ бошам, зи нойи тан ҷудо.
То наяфтад бонги нафхаш ин тараф,
То раҳад он гавҳар аз тангин садаф.
Чун «таманнав мавта» гуфт, эй содиқин!
Содиқам, ҷонро барафшонам бар ин».

## Маломат кардани аҳли масҷид он меҳмони ошиқро аз шаб хуфтан дар он ҷо ва таҳдид кардан мар ӯро

Қавм гуфтандаш, ки ҳин, ин ҷо махусб,
То накӯбад ҷонситонат ҳамчу кусб,
Ки ғарибию намедонӣ зи ҳол,
К-андар ин ҷо ҳар кӣ хуфт, омад завол.
Иттифоқе нест ин, мо борҳо
Дидаему ҷумла асҳоби нуҳо.
Ҳар кӣ он масҷид шабе маскан шудаш,
Ними шаб марги ҳалоҳил омадаш.
Аз яке мо то ба сад ин дидаем,
На ба тақлид, аз касе бишнидаем.
Гуфт: «Ад-дину насиҳа» он расул,
Он насиҳат дар луғат зидди ғулул.
Ин насиҳат ростӣ дар дӯстӣ,
Дар ғулулӣ хоину сагпӯстӣ.
Бехиёнат ин насиҳат аз видод
Менамоемат, магард аз ақлу дод.

## Ҷавоб гуфтани ошиқ озилонро

Гуфт ӯ: «Эй носиҳон! Ман бенадам
Аз ҷаҳони зиндагӣ сер омадам.
Манбалеям, захмҷӯву захмхоҳ,
Оқибат кам ҷӯй аз манбал ба роҳ.
Манбале не, к-ӯ бувад худ баргҷӯ,
Манбалеям лоуболӣ, маргҷӯ.

Манбале не, к-ӯ ба каф пул оварад,
Манбали чусте, к-аз ин пул бигзарад.
Он на, к-ӯ бар ҳар дуконе барзанад,
Бал ҷаҳад аз кавну коне барзанад.
Марг ширин гашту нақлам з-ин саро,
Чун қафас ҳиштан, паридан мурғро.
Он қафас, ки ҳаст айни боғ дар,
Мурғ мебинад гулистону шаҷар.
Ҷавқи мурғон аз бурун гирди қафас,
Хуш ҳамехонанд з-озодӣ қисас.
Мурғро андар қафас, з-он сабзазор
На хуриш мондасту на сабру қарор.
Сар зи ҳар сӯрох берун мекунад,
То бувад, к-иш банд аз по барканад.
Чун дилу ҷонаш чунин берун бувад,
Он қафасро дар гушойӣ, чун бувад?
На чун он мурғи қафас дар андуҳон
Гирд бар гирдаш ба ҳалқа гурбагон.
Кай бувад ӯро дар ин хавфу ҳазан
Орзуи аз қафас берун шудан?
Ӯ ҳамехоҳад, к-аз ин нохуш ҳасас
Сад қафас бошад ба гирди ин қафас.

## Ишқи Ҷолинус бар ин ҳаёти дунё буд, ки ҳунари ӯ ҳамин ҷо ба кор меояд, ҳунаре наварзидааст, ки дар он бозор ба кор ояд, он ҷо худро ба авом яксон мебинад

Ончунон ки гуфт Ҷолинуси род
Аз ҳавои ин ҷаҳону аз мурод:
«Розиям, к-аз ман бимонад ними ҷон,
Ки зи куни астаре бинам ҷаҳон».
Гурба мебинад ба гирди худ қатор,
Мурғаш ойис гашта будаст аз матор.
Ё адам дидаст ғайри ин ҷаҳон,
Дар адам нодида ӯ ҳашре ниҳон.
Чун ҷанин, к-иш мекашад берун карам,
Мегурезад ӯ сипас сӯйи шикам.
Лутф рӯяш сӯйи масдар мекунад,
Ӯ мақар дар пушти модар мекунад,
Ки агар берун фитам з-ин шаҳру ком,
Эй аҷаб! Бинам ба дида ин мақом?
Ё даре будӣ дар он шаҳри вахим,
Ки назора кардаме андар раҳим.
Ё чу чашмай сӯзане роҳам будӣ,
Ки зи берунам раҳим дида шудӣ.

Он ҷанин ҳам ғофил аст аз оламе,
Ҳамчу Ҷолинус ӯ номаҳраме.
Ӯ надонад, к-он рутуботе, ки ҳаст,
Он мадад аз олами берунӣ аст.
Ончунон ки чор унсур дар ҷаҳон
Сад мадад орад зи шаҳри ломакон.
Обу дона дар қафас, к-ӯ ёфтаст,
Он зи боғу арсае дартофтаст.
Ҷонҳои анбиё бинанд боғ
З-ин қафас дар вақти нуқлону фароғ.
Пас зи Ҷолинусу олам фориғанд,
Ҳамчу моҳ андар фалакҳо бозиғанд.
В-ар зи Ҷолинус ин гуфт ифтиристь,
Пас, ҷавобам баҳри Ҷолинус нест.
Ин ҷавоби он кас омад, к-ин бигуфт,
Ки набудасташ дили пурнур ҷуфт.
Мурғи ҷонаш муш шуд, сӯрохҷӯ,
Чун шунид аз гурбагон ӯ «арриҷу».
З-он сабаб ҷонаш ватан диду қарор
Андар ин сӯрохи дунё мушвор.
Ҳам дар ин сӯрох банноӣ гирифт,
Дархури сӯрох доноӣ гирифт.
Пешаҳое, ки мар ӯро дар мазид,
К-андар ин сӯрох кор ояд, гузид.
З-он ки дил барканд аз берун шудан,
Баста шуд роҳи раҳидан аз бадан.
Анкабут ар табъи анқо доштӣ,
Аз луъобе хайма кай афроштӣ?
Гурба карда чанги худ андар қафас,
Номи чангаш дарду сарсому мағас.
Гурба марг асту мараз чанголи ӯ,
Мезанад бар мурғу парру боли ӯ.
Гӯша-гӯша меҷаҳад сӯйи даво,
Марг чун қозисту ранҷурӣ гуво.
Чун пиёдай қозӣ омад ин гувоҳ,
Ки ҳамехонад туро то ҳукмгоҳ.
Муҳлате мехоҳӣ аз вай, даргурез,
Гар пазирад, шуд, вагарна гуфт, хез.
Ҷустани муҳлат давову чораҳо,
Ки занӣ бар хирқаи тан пораҳо.
Оқибат ояд сабоҳе хашмвор:
«Чанд бошад муҳлат? Охир, шарм дор».
Узри худ аз шаҳ бихоҳ, эй пурҳасад,
Пеш аз он ки ончунон рӯзе расад.
В-он ки дар зулмат биронад борагӣ,
Барканад з-он нур дил якборагӣ.

Мегурезад аз гувову мақсадаш,
К-он гуво сӯйи қазо мехонадаш.

## Дигарбора маломат кардани аҳли масҷид меҳмонро аз хуфтан дар он масҷид

З-ин гузар кун, ҷониби он шахс рон,
Ки ба масҷид омад он шаб меҳмон.
Қавм гуфтандаш: «Макун ҷалдӣ, бирав,
То нагардад ҷомаву ҷонат гарав.
Он зи дур осон намояд, беҳ нигар,
Ки ба охир сахт бошад раҳгузар.
Хештан овехт бас марду сукуст,
Вақти печопеч дастовез ҷуст.
Пештар аз воқиъа осон бувад
Дар дили мардум хаёли неку бад.
Чун дарояд андаруни корзор,
Он замон гардад бар он кас кор зор.
Чун на шерӣ, ҳин! Манеҳ ту пой пеш,
К-он аҷал гург асту ҷони туст меш.
В-ар зи абдолию мешат шер шуд,
Эмин о, ки марги ту сарзер шуд.
Кист абдол? Он ки ӯ мубдал шавад,
Хамраш аз табдили Яздон хал шавад.
Лек мастӣ, шер гирӣ в-аз гумон
Шер пиндорӣ ту худро, ҳин! Марон.
Гуфт Ҳақ з-аҳли нифоқи носадид:
«Баъсуҳум мобайнаҳум баъсун шадид».
Дар миёни ҳамдигар мардонаанд,
Дар ғазо чун авратони хонаанд.
Гуфт пайғамбар, сипаҳдори ғуюб:
«Ло шаҷоъа, ё фато! Қабла-л-ҳуруб».
Вақти лофи ғазв мастон каф кунанд,
Вақти ҷӯши ҷанг чун каф бефананд.
Вақти зикри ғазв шамшераш дароз,
Вақти карру фарр теғаш чун пиёз.
Вақти андеша дили ӯ захмҷӯ,
Пас ба як сӯзан тиҳӣ шуд хики ӯ.
Ман аҷаб дорам зи ҷӯёи сафо,
К-ӯ рамад дар вақти сайқал аз ҷафо.
Ишқ чун даъвӣ, ҷафо дидан гувоҳ,
Чун гувоҳат нест, шуд даъвӣ табоҳ.
Чун гувоҳат хоҳад ин қозӣ, маранҷ,
Бӯса деҳ бар мор, то ёбӣ ту ганҷ.

Он ҷафо бо ту набошад, эй писар,
Балки бо васфи бадӣ, андар ту-дар.
Бар намад чӯбе, ки онро мард зад,
Бар намад онро назад, бар гард зад. 4015
Гар бизад мар асбро он кинакаш,
Он назад бар асб, зад бар суксукаш.
То зи суксук вораҳад, хушпай шавад,
Шираро зиндон кунӣ, то май шавад.
Гуфт: «Ӯро кай задам, эй ҷону дӯст?
Ман бар он деве задам, к-ӯ андар ӯст».
Модар ар гӯяд туро: «Марги ту бод»,
Марги он хӯ хоҳаду марги фасод. 4020
Он гурӯҳе, к-аз адаб бигрехтанд,
Оби мардӣ в-оби мардон рехтанд.
Озилоншон аз вағо воронданд,
То чунин ҳезу муханнас монданд,
Лофу ғуррай жожхоро кам шунав.
Бо чунинҳо дар сафи ҳайҷо марав.
З-он ки «зодукум хаболан» гуфт Ҳақ,
К-аз рифоқи суст баргардон варақ,
Ки гар эшон бо шумо ҳамраҳ шаванд,
Ғозиён бемағз ҳамчун каҳ шаванд. 4025
Хештанро бо шумо ҳамсаф кунанд,
Пас гурезанду дили саф бишкананд.
Пас, сипоҳи андаке бе ин нафар
Беҳ ки бо аҳли нифоқ ояд ҳашар.
Ҳаст бодоми ками хушбехта,
Беҳ зи бисёре ба талх омехта.
Талху ширин дар жағожағ як шайанд,
Нақс аз он афтод, ки ҳамдил наянд.
Габр тарсондил бувад, к-ӯ аз гумон
Мезияд дар шак зи ҳоли он ҷаҳон. 4030
Меравад дар раҳ, надонад манзиле,
Гом тарсон мениҳад аъмодиле.
Чун надонад раҳ мусофир, чун равад?
Бо тараддудҳову дил пурхун равад.
Ҳар кӣ гӯяд: «Ҳой! Ин сӯ роҳ нест»,
Ӯ кунад аз бим он ҷо вақфу ист.
В-ар бидонад раҳ дили боҳуши ӯ,
Кай равад ҳар ҳою ху дар гӯши ӯ?
Пас, машав ҳамроҳи ин уштурдилон,
З-он ки вақти зиқу биманд офилон. 4035
Пас гурезанду туро танҳо ҳиланд,
Гарчи андар лоф сеҳри Бобиланд.
Ту зи раъноён маҷӯ ҳин, корзор,
Ту зи товусон маҷӯ сайду шикор.

Табъ товус асту васвосат кунад,
Дам занад, то аз мақомат барканад.

## Гуфтани шайтон Қурайшро, ки ба ҷанги Аҳмад, алайҳиссалом, оед, ки ман ёриҳо кунам ва қабилаи худро ба ёрӣ хонам ва вақти мулоқоти саффайн гурехтан

Ҳамчу шайтон дар сипаҳ шуд садякум,
Хонд афсун, к- «Аннанӣ ҷорун лакум».
Чун Қурайш аз гуфти ӯ ҳозир шуданд,
Ҳар ду лашкар дар мулоқот омаданд.
Дид шайтон аз малоик испаҳе,
Сӯйи саффи муъминон андар раҳе.
Он «ҷунудан лам таравҳо» саф зада,
Гашт ҷони ӯ зи бим оташкада.
Пойи худ вопас кашида мегирифт,
Ки ҳамебинам сипоҳе ман шигифт.
Эй «ахофуллоҳ молӣ минҳу авн,
Изҳабу иннӣ аро мо лам таравн».
Гуфт Ҳорис: «Эй суроқашакл, ҳин,
Дӣ чаро ту менагуфтӣ инчунин?»
Гуфт: «Ин дам ман ҳамебинам ҳараб»,
Гуфт: «Мебинӣ ҷаъошиши араб.
Менабинӣ ғайри ин лек, эй ту нанг,
Он замони лоф буд, ин вақти ҷанг.
Дӣ ҳамегуфтӣ, ки побандон шудам,
Ки бувадтон фатҳу нусрат дам ба дам.
Дӣ «заъиму-л-ҷайш» будӣ, эй лаъин!
В-ин замон номарду ночизу маҳин.
То бихӯрдем он дами ту в-омадем,
Ту ба тун рафтию мо ҳезум шудем».
Чунки Ҳорис бо Суроқа гуфт ин,
Аз итобаш хашмгин шуд он лаъин.
Дасти худ хашмин зи дасти ӯ кашид,
Чун зи гуфти ӯ-ш дарди дил расид.
Синаашро кӯфт шайтону гурехт,
Хуни он бечорагон з-ин макр рехт.
Чунки вайрон кард чандин олам ӯ,
Пас бигуфт: «Иннӣ бариун минкуму».
Кӯфт андар синааш, андохташ,
Пас гурезон шуд, чу ҳайбат тохташ.
Нафсу шайтон ҳар ду як тан будаанд,
Дар ду сурат хешро бинмудаанд.

Чун фаришта-в ақл, к-эшон як буданд,
Баҳри ҳикматҳош ду сурат шуданд.
Душмане дорӣ чунин дар сирри хеш,
Монеъи ақл асту хасму ҷону кеш.
Як нафас ҳамла кунад чун сусмор,
Пас ба сӯрохе гурезад дар фирор.
Дар дил ӯ сӯроххо дорад кунун,
Сар зи ҳар сӯрох меорад бурун.
Номи пинҳон гаштани дев аз нуфус
В-андар он сӯрох рафтан, шуд хунус.
Ки хунусаш чун хунуси қунфуз аст,
Чун сари қунфуз варо омадшуд аст,
Ки Худо он девро ханнос хонд,
К-ӯ сари он хорпуштакро бимонд.
Ме ниҳон гардад сари он хорпушт
Дам ба дам аз бими сайёди дурушт.
То чу фурсат ёфт, сар орад бурун,
З-инчунин макре шавад мораш забун.
Гар на нафс аз андарун роҳат задӣ,
Раҳзанонро бар ту дасте кай будӣ?
З-он авони муқтазӣ, ки шаҳват аст,
Дил асири ҳирсу озу офат аст.
З-он авони сир шудӣ дузду табоҳ,
То авононро ба қаҳри туст роҳ.
Дар хабар бишнав ту ин панди накӯ:
«Байна ҷанбайкум лакум аъдо адӯ».
Тумтуроқи ин адӯ машнав, гурез,
К-ӯ чу Иблис аст дар лаҷҷу ситез.
Бар ту ӯ аз баҳри дунёву набард
Он азоби сармадиро саҳл кард.
Чӣ аҷаб, гар маргро осон кунад,
Ӯ зи сеҳри хеш сад чандон кунад.
Сеҳр коҳеро ба санъат куҳ кунад,
Боз кӯҳеро чу коҳе метанад.
Зиштҳоро нағз гардонад ба фан,
Нағзҳоро зишт гардонад ба зан(н).
Кори сеҳр ин аст, к-ӯ дам мезанад,
Ҳар нафас қалби ҳақоиқ меканад.
Одамиро хар намояд соате,
Одамӣ созад хареро в-ояте.
Инчунин соҳир даруни тусту сир
«Инна фи-л-васвоси сирран мустатир».
Андар он олам, ки ҳаст ин сеҳрҳо,
Соҳирон ҳастанд ҷодуигушо.
Андар он саҳро, ки руст ин заҳри тар,
Низ рӯйидаст тарёқ, эй писар!

Гӯядат тарёқ: «Аз ман ҷӯ сипар,
Ки зи заҳрам ман ба ту наздиктар.
Гуфти ӯ сеҳр асту вайронии ту,
Гуфти ман сеҳр асту дафъи сеҳри ӯ».

## Мукаррар кардани озилон пандро бар он меҳмони он масҷиди меҳмонкуш

Гуфт пайғамбар, ки «инна фӣ-л-баён
Сеҳран»-у ҳақ гуфт он хушпаҳлавон.
Ҳин, макун ҷалдӣ, бирав, эй булкарам,
Масҷиду моро макун з-ин муттаҳам,
Ки бигӯяд душмане аз душманӣ
Оташе дар мо занад фардо данӣ,
Ки битосонид ӯро золиме
Бар баҳонай масҷид, ӯ буд солиме.
То баҳонай қатл бар масҷид ниҳад,
Чунки бадном аст масҷид, ӯ ҷаҳад.
Туҳмате бар мо манеҳ, эй сахтҷон!
Ки наем омин зи макри душманон.
Ҳин, бирав, ҷалдӣ макун, савдо мапаз,
Ки натон паймуд Кайвонро ба газ.
Чун ту бисёрон билофида зи бахт,
Риши худ барканда як-як, лахт-лахт.
Ҳин, бирав, кӯтоҳ кун ин қилу қол,
Хешу моро дармаяфган дар вабол.

## Ҷавоб гуфтани меҳмон эшонро ва масал овардан ба дафъ кардани ҳориси кишт бо бонги даф аз кишт шутуреро, ки кӯси маҳмудӣ бар пушти ӯ задандӣ

Гуфт: «Эй ёрон! Аз он девон наям,
Ки зи лоҳавле заъиф ояд паям.
Кӯдаке, к-ӯ ҳориси киште будӣ,
Таблаке дар дафъи мурғон мезадӣ.
То рамидӣ мурғ з-он таблак зи кашт,
Кишт аз мурғони бад бехавф гашт.
Чунки султон, шоҳ Маҳмуди карим
Бар гузар зад он тараф хаймай азим.
Бо сипоҳе ҳамчу исторай асир,
Анбуҳу пирӯзу сафдар, мулкгир.
Уштуре буд, к-ӯ будӣ ҳаммоли кӯс,
Бухтие буд, пешрав ҳамчун хурӯс.
Бонги кӯсу табл бар вай рӯзу шаб
Мезадӣ андар руҷӯъу дар талаб.

Андар он мазраъ даромад он шутур,
Кӯдак он таблак бизад дар ҳифзи бур.
Оқиле гуфташ: «Мазан таблак, ки ӯ
Пухтаи табл аст, бо он-ш аст хӯ.
Пеши ӯ чӣ бвад табуроки ту, тифл,
Ки кашад ӯ табли султон, бист кифл». 4100
Ошиқам ман, куштаи қурбони «ло»,
Ҷони ман навбатгаҳи табли бало.
Худ табурок аст ин таҳдидҳо,
Пеши он чи дидааст ин дидаҳо.
Эй ҳарифон! Ман аз онҳо нестам,
К-аз хаёлоте дар ин раҳ бистам.
Ман чу исмоилиёнам, бе ҳазар,
Бал чу Исмоил озодам зи сар.
Фориғам аз тумтароқу аз риё,
«Қул таъолав» гуфт ҷонамро биё. 4105
Гуфт пайғамбар, ки «ҷода фӣ-с-салаф,
Би-л-атийя ман таяққан би-л-халаф».
Ҳар кӣ бинад мар аторо сад иваз,
Зуд дарбозад аторо з-ин ғараз.
Ҷумла дар бозор аз он гаштанд банд,
То чу суд афтод, моли худ диҳанд.
Зар дар анбонҳо нишаста мунтазир,
То ки суд ояд, ба базл ояд мусир.
Чун бибинад колае дар рибҳ беш,
Сард гардад ишқаш аз колои хеш. 4110
Гарм з-он мондаст бо он, к-ӯ надид,
Колаҳои хешро рибҳу мазид.
Ҳамчунин илму ҳунарҳову ҳираф,
Чун бидид афзун аз онҳо дар шараф.
То беҳ аз ҷон нест, ҷон бошад азиз,
Чун беҳ омад, номи ҷон шуд чизи лиз.
Луъбати мурда бувад ҷон тифлро,
То нагашт ӯ дар бузургӣ тифлзо.
Ин тасаввур в-ин тахайюл луъбат аст,
То ту тифлӣ, пас, бад-онат ҳоҷат аст. 4115
Чун зи тифлӣ раст ҷон, шуд дар висол,
Фориғ аз ҳисс асту тасвиру хаёл.
Нест маҳрам, то бигӯям бе нифоқ,
Тан задам, «валлоҳу аълам би-л-вифоқ».
Молу тан барфанд, резони фано,
Ҳақ харидораш, ки «аллоҳа-штаро».
Барфҳо з-он аз саман авлистат,
Ки ҳайӣ дар шак, яқине нестат.
В-ин аҷаб занн аст дар ту, эй маҳин!
Ки намепаррад ба бустони яқин. 4120

Ҳар гумон ташнай яқин аст, эй писар!
Мезанад андар тазойуд болу пар.
Чун расад дар илм, пас парпо шавад,
Мар яқинро илми ӯ бӯё шавад.
З-он ки ҳаст андар тариқи муфтатан
Илм камтар аз яқину фавқи зан.
Илм ҷӯёи яқин бошад, бидон
В-он яқин ҷӯёи дид асту аён.
Андар ал-ҳокум биҷӯ инро кунун,
Аз паси «калло» паси «лав таъламун».
Мекашад дониш ба биниш, эй алим,
Гар яқин гаштӣ, бибинандӣ ҷаҳим.
Дид зояд аз яқин бе имтиҳол,
Ончунон к-аз зан(н) ҳамезояд хаёл.
Андар «ал-ҳокум» баёни ин бибин,
Ки шавад «илму-л-яқин» «айну-л-яқин».
Аз гумону аз яқин болотарам,
В-аз маломат барнамегардад сарам.
Чун даҳонам хӯрд аз ҳалвои ӯ,
Чашмравшан гаштаму бинои ӯ.
По ниҳам густох, чун хона равам,
По наларзонам, на кӯрона равам.
Он чи гулро гуфт Ҳақ, хандон-ш кард,
Бо дили ман гуфту сад чандон-ш кард.
Он чи зад бар сарву қаддаш рост кард
В-он чи аз вай наргису насрин бих(в)ард.
Он чи найро кард ширин ҷону дил
В-он чи хоке ёфт аз ӯ нақши чигил.
Он чи абрӯро чунон таррор сохт,
Чеҳраро гулгунаву гулнор сохт.
Мар забонро дод сад афсунгарӣ
В-он ки конро дод зарри ҷаъфарӣ.
Чун дари зарродхона боз шуд,
Ғамзаҳои чашм тирандоз шуд.
Бар дилам зад тиру савдойим кард,
Ошиқи шукру шакархойим кард.
Ошиқи онам, ки ҳар он они ӯст,
Ақлу ҷон ҷондори як марҷони ӯст.
Ман налофам в-ар билофам ҳамчу об,
Нест дар оташкушиям изтироб.
Чун бидуздам? Чун ҳафизи махзан ӯст,
Чун набошам сахтрӯ? Пушти ман ӯст.
Ҳар кӣ аз хуршед бошад пуштгарм,
Сахтрӯ бошад, на бим ӯро, на шарм.
Ҳамчу рӯйи офтоби беҳазар
Гашт рӯяш хасмсӯзу пардадар.

Ҳар паямбар сахтрӯ буд дар ҷаҳон,
Яксавора кӯфт бар ҷайши шаҳон,
Рӯ нагардонид аз тарсу ғаме,
Яктана танҳо бизад бар оламе.
Санг бошад сахтрӯву чашмшӯх,
Ӯ натарсад аз ҷаҳони пуркулӯх.
К-он кулӯх аз хиштзан яклахт шуд,
Санг аз сунъи худоӣ сахт шуд.
Гӯсфандон гар бурунанд аз ҳисоб,
З-анбуҳишон кай битарсад он қасоб?
«Куллуму роъин», набӣ чун роъӣ аст,
Халқ монанди рама, ӯ соъӣ аст.
Аз рама чӯпон натарсад дар набард,
Лекашон ҳофиз бувад аз гарму сард.
Гар занад бонге зи қаҳр ӯ бар рама,
Дон, зи меҳр аст, он ки дорад бар ҳама.
Ҳар замон гӯяд ба гӯшам бахти нав,
Ки туро ғамгин кунам, ғамгин машав.
Ман туро ғамгину гирён з-он кунам,
То к-ит аз чашми бадон пинҳон кунам.
Талх гардонам зи ғамҳо хӯйи ту,
То бигардад чашми бад аз рӯйи ту.
На ту сайёдию ҷӯёи манӣ?
Бандаву афгандаи ройи манӣ.
Ҳила андешӣ, ки дар ман даррасӣ,
Дар фироқу ҷустани ман бекасӣ.
Чора меҷӯяд пайи ман дарди ту,
Мешунудам дӯш оҳи сарди ту.
Ман тавонам ҳам, ки бе ин интизор
Раҳ диҳам, бинмоямат роҳи гузор,
То аз ин гирдоби даврон ворaҳӣ,
Бар сари ганҷи висолам по ниҳӣ.
Лек ширинию лаззоти мақар
Ҳаст бар андозаи ранҷи сафар.
Он гаҳ аз шаҳру зи хешон бар х(в)арӣ,
К-аз ғарибӣ ранҷу меҳнатҳо барӣ.

## Тамсили гурехтани муъмин ва бесабрии ӯ дар бало, ба изтироб ва беқарории нахуд ва дигар ҳавоиҷ дар ҷӯши дег ва бардавидан, то берун ҷаҳанд

Бингар андар нахҳуде, дар дег, чун
Меҷаҳад боло! Чу шуд з-оташ забун.
Ҳар замон нахҳуд барояд вақти ҷӯш,
Бар сари дегу барорад сад хурӯш,

Ки чаро оташ ба ман дармезанӣ?
Чун харидӣ, чун нигунам мекунӣ?
Мезанад кафлез кадбону, ки не,
Хуш биҷӯшу бармаҷаҳ з-оташкунӣ.
З-он наҷӯшонам, ки макрӯҳи манӣ,
Балки то гирӣ ту завқу чошнӣ.
То ғизо гардӣ, биёмезӣ ба ҷон,
Баҳри хорӣ нестат ин имтиҳон.
Об мехӯрдӣ ба бустон сабзу тар,
Баҳри ин оташ будаст он обх(в)ар.
Раҳматаш собиқ будаст аз қаҳр, з-он
То зи раҳмат гардад аҳли имтиҳон.
Раҳматаш бар қаҳр аз он собиқ шудаст,
То ки сармояй вуҷуд ояд ба даст.
З-он ки белаззат нарӯяд лаҳму пӯст,
Чун нарӯяд, чӣ гудозад ишқи дӯст?
З-он тақозо, гар биёяд қаҳрҳо,
То кунӣ исор он сармояро.
Боз лутф ояд барои узри ӯ,
Ки бикардӣ ғуслу барҷастӣ зи ҷӯ.
Гӯяд, эй наххуд, чаридӣ дар баҳор,
Ранҷ меҳмони ту шуд, некӯш дор.
То ки меҳмон бозгардад шукрсоз,
Пеши шаҳ гӯяд зи исори ту боз.
То ба ҷойи неъматат мунъим расад,
Ҷумла неъматҳо барад бар ту ҳасад.
Ман Халилам, ту писар, пеши бичук
Сар бинеҳ, «иннӣ аронӣ азбаҳук».
Сар ба пеши қаҳр неҳ, дил барқарор,
То бибуррам ҳалқат Исмоилвор.
Сар бибуррам, лек ин сар он сарест,
К-аз бурида гаштану мурдан барист.
Лек мақсуди азал таслими туст,
Эй мусулмон! Боядат таслим ҷуст.
Эй нахуд! Меҷӯш андар ибтило,
То на ҳастию на худ монад туро.
Андар он бустон агар хандидаӣ,
Ту гули бустони ҷону дидаӣ.
Гар ҷудо аз боғ обу гил шудӣ,
Луқма гаштӣ, андар эҳё омадӣ.
Шав ғизову қуввату андешаҳо,
Шер будӣ, шер шав дар бешаҳо.
Аз сифоташ рустаӣ, валлаҳ, нахуст,
Дар сифоташ бозрав чолоку чуст.
З-абру хуршеду зи гардун омадӣ,
Пас шудӣ авсофу гардун баршудӣ.

Омадӣ дар сурати борону тоб,
Меравӣ андар сифоти мустатоб.
Ҷузви шеду абру анҷумҳо будӣ,
Нафсу феълу қавлу фикратҳо шудӣ.
Ҳастии ҳайвон шуд аз марги набот,
Рост омад «уқтулунӣ, ё сиқот».
Чун чунин бурдест моро баъди мот,
Рост омад «инна фӣ қатлӣ ҳаёт».
Феълу қавлу сидқ шуд қути малак,
То бад-ин меъроҷ шуд сӯйи фалак.
Ончунон к-он туъма шуд қути башар,
Аз ҷамодӣ бар шуду шуд ҷонвар.
Ин суханро тарҷумай паҳноваре
Гуфта ояд дар мақоми дигаре.
Корвон доим зи гардун мерасад,
То тиҷорат мекунад, вомеравад.
Пас, бирав ширину хуш бо ихтиёр,
На ба талхию кароҳат дуздвор.
З-он ҳадиси талх мегӯям туро,
То зи талхиҳо фурӯ шӯям туро.
З-оби сард ангури афсурда раҳад,
Сардию афсурдагӣ берун ниҳад.
Ту зи талхӣ чунки дил пурхун шавӣ,
Пас зи талхиҳо ҳама берун равӣ.

## Тамсили собир шудани муъмин, чун бар шарру хайри бало воқиф шавад

Саг шикорӣ нест, ӯро тавқ нест,
Хому ноҷӯшида ҷуз безавқ нест.
Гуфт нахххуд: «Чун чунин аст, эй сатӣ,
Хуш биҷӯшам, ёриям деҳ ростӣ.
Ту дар ин ҷӯшиш чу меъмори манӣ,
Кафчалезам зан, ки бас хуш мезанӣ.
Ҳамчу пилам, бар сарам зан захму доғ,
То набинам хоби Ҳиндустону боғ.
То ки худро дардиҳам дар ҷӯш ман,
То раҳе ёбам дар он оғӯш ман.
З-он ки инсон дар ғино тоғӣ шавад,
Ҳамчу пили хоббин ёғӣ шавад.
Пил чун дар хоб бинад Ҳиндро,
Пилбонро нашнавад, орад дағо.

## Узр гуфтани кадбону бо нахуд ва ҳикмати дар ҷӯш доштани кадбону нахудро

Он сатӣ гӯяд варо, ки пеш аз ин
Ман чу ту будам зи аҷзои замин.
Чун бинӯшидам ҷиҳоди озарӣ,
Пас пазиро гаштаму андарх(в)аре.
Муддате ҷӯшидаам андар заман,
Муддате дигар даруни деги тан.
З-ин ду ҷӯшиш қуввати ҳисҳо шудам,
Рӯҳ гаштам, пас туро усто шудам.
Дар ҷамодӣ гуфтаме: з-он медавӣ,
То шавӣ илму сифоти маънавӣ. 4210
Чун шудам ман рӯҳ, пас, бори дигар
Ҷӯши дигар кун, зи ҳайвонӣ гузар.
Аз Худо мехоҳ, то з-ин нуктаҳо
Дарналағзию расӣ дар мунтаҳо.
З-он ки аз Қуръон басе гумраҳ шуданд,
З-он расан қавме даруни чаҳ шуданд.
Мар расанро нест ҷурме, эй ануд!
Чун туро савдои сарболо набуд.

## Боқии қиссаи меҳмони он масҷиди меҳмонкуш ва саботу сидқи ӯ

Он ғариби шаҳри сарболоталаб
Гуфт: «Мехусбам дар ин масҷид ба шаб. 4215
Масҷидо! Гар Карбалои ман шавӣ
Каъбаи ҳоҷатравои ман шавӣ.
Ҳин, маро бигзор, эй бигзида дор,
То расанбозӣ кунам Мансурвор.
Гар шудет андар насиҳат Ҷабраил,
Менахоҳад ғавс дар оташ Халил.
Ҷабраило! Рав, ки ман афрӯхта
Беҳтарам чун уду анбар сӯхта.
Ҷабраило! Гарчи ёрӣ мекунӣ,
Чун бародар посдорӣ мекунӣ. 4220
Эй бародар! Ман бар озар чобукам,
Ман на он ҷонам, ки гардам бешу кам.
Ҷони ҳайвонӣ физояд аз алаф,
Оташе буду чу ҳезум шуд талаф.
Гар нагаштӣ ҳезум ӯ, мусмир будӣ,
То абад маъмуру ҳам омир будӣ.
Боди сӯзон аст ин оташ, бидон,
Партави оташ бувад, на айни он.

Айни оташ дар асир омад яқин,
Партаву сояй вай аст андар замин.
Лоҷарам партав напояд з-изтироб,
Сӯйи маъдан бозмегардад шитоб.
Қомати ту барқарор омад ба соз,
Сояат кӯтаҳ даме, як дам дароз.
З-он ки дар партав наёбад кас сабот,
Аксҳо вогашт сӯйи уммаҳот.
Ҳин, даҳон барбанд, фитна лаб гушод,
Хушк ор, «Аллоҳу аълам би-р-ришод».

## Зикри хаёли бад андешидани қосирфаҳмон

Пеш аз он к-ин қисса то махлас расад,
Дуду ганде омад аз аҳли ҳасад.
Ман намеранҷам аз ин, лек ин лагад
Хотири содадилеро пай канад.
Хуш баён кард он ҳакими ғазнавӣ
Баҳри маҳҷубон мисоли маънавӣ,
Ки зи Қуръон гар набинад ғайри қол,
Ин аҷаб набвад зи асҳоби залол,
К-аз шуъои офтоби пур зи нур,
Ғайри гармӣ менаёбад чашми кӯр.
Харбате ногоҳ аз хархонае
Сар бурун овард чун таъъонае,
К-ин сухан паст аст, яъне «Маснавӣ»
Қиссаи пайғамбар асту пайравӣ.
Нест зикри баҳсу асрори баланд,
Ки давонанд авлиё он сӯ саманд.
Аз мақомоти табаттул то фано,
Поя-поя то мулоқоти Худо.
Шарҳу ҳадди ҳар мақому манзиле,
Ки ба пар з-ӯ барпарад соҳибдиле.
Чун Китобуллаҳ биёмад, ҳам бар он
Инчунин таъна заданд он кофирон,
Ки асотир асту афсонай нажанд,
Нест таъмиқею таҳқиқе баланд.
Кӯдакони хурд фаҳмаш мекунанд,
Нест ҷуз амри писанду announce нописанд.
Зикри Юсуф, зикри зулфи пурхамаш,
Зикри Яъқубу Зулайхову ғамаш.
Зоҳир асту ҳар касе пай мебарад,
Ку баён, ки гум шавад дар вай хирад?
Гуфт: «Агар осон намояд ин ба ту,
Инчунин осон яке сура бигӯ.
Ҷиннитону инситону аҳли кор,
Гӯ, яке оят зи ин осон биёр».

## Тафсири ин хабари Мустафо, алайҳиссалом, ки «лил-Қуръони заҳрун ва батнун ва либатниҳи батнун ило сабъати абтунин»

Ҳарфи Қуръонро бидон, ки зоҳирест,
Зери зоҳир ботине бас қоҳирест.
Зери он ботин яке батни севум,
Ки дар ӯ гардад хирадҳо ҷумла гум.
Батни чорум аз Нубӣ худ кас надид,
Ҷуз Худои беназири бенадид.
Ту зи Қуръон, эй писар, зоҳир мабин,
Дев одамро набинад, ҷуз ки тин.
Зоҳири Қуръон чу шахси одамист,
Ки нуқушаш зоҳиру ҷонаш хафист.
Мардро сад сол амму холи ӯ
Як сари мӯйе набинад ҳоли ӯ.

## Баёни он ки рафтани анбиё ва авлиё ба кӯҳҳо ва ғорҳо ҷиҳати пинҳон кардани хеш нест ва ҷиҳати хавфи ташвиши халқ нест, балки ҷиҳати иршоди халқ аст ва таҳриз бар инқитоъ аз дунё ба қадри мумкин

Он ки гӯянд, авлиё дар куҳ буванд,
То зи чашми мардумон пинҳон шаванд.
Пеши халқ эшон фарози сад куҳанд,
Гоми худ бар чархи ҳафтум мениҳанд.
Пас, чаро пинҳон шавад, куҳҷӯ бувад?
К-ӯ зи сад дарёву куҳ з-он сӯ бувад.
Ҳоҷаташ набвад ба сӯйи куҳ гурехт,
К-аз паяш куррай фалак сад наъл рехт.
Чарх гардиду надид ӯ гарди ҷон,
Таъзиятҷома бипӯшид осмон.
Гар ба зоҳир он парӣ пинҳон бувад,
Одамӣ пинҳонтар аз парён бувад.
Назди оқил з-он парӣ, ки музмар аст,
Одамӣ сад бор худ пинҳонтар аст.
Одамӣ наздики оқил чун хафист,
Чун бувад одам, ки дар ғайб ӯ сафист.

## Ташбеҳи сурати авлиё ва сурати каломи авлиё ба сурати асои Мӯсо ва сурати афсуни Исо, алайҳимуссалом

Одамӣ ҳамчун асои Мӯсӣ аст,
Одамӣ ҳамчун фусуни Исӣ аст.

Дар кафи Ҳақ баҳри доду баҳри зайн
Қалби муъмин ҳаст «байна исбаъайн».
Зоҳираш чӯбе, валекин пеши ӯ
Кавн як луқма, чу бигшояд гулӯ.
Ту мабин з-афсуни Исо ҳарфу савт,
Он бибин, к-аз вай гурезон гашт мавт.
Ту мабин з-афсунаш он лаҳҷоти паст,
Он нигар, ки мурда барҷасту нишаст.
Ту мабин мар он асоро саҳлбофт,
Он бибин, ки баҳри Хазроро шикофт.
Ту зи дурӣ дидаӣ чатри сиёҳ,
Як қадам фопеш неҳ, бингар сипоҳ.
Ту зи дурӣ менабинӣ ҷуз ки гард,
Андаке пеш о, бибин дар гард мард.
Дидаҳоро гарди ӯ равшан кунад,
Кӯҳҳоро мардии ӯ барканад.
Чун баромад Мӯсӣ аз ақсои дашт,
Кӯҳи Тур аз мақдамаш раққос гашт.

## Тафсири «Ё ҷиболу авиббӣ маъаҳу ва-т-тайру»

Рӯйи Довуд аз фараш тобон шуда,
Кӯҳҳо андар паяш нолон шуда.
Кӯҳ бо Довуд гашта ҳамраҳе,
Ҳар ду мутриб, маст дар ишқи шаҳе.
«Ё ҷиболу, аввибӣ» амр омада,
Ҳар ду ҳамовозу ҳампарда шуда.
Гуфт: «Довудо! Ту ҳиҷратдидаӣ,
Баҳри ман аз ҳамдамон бибридаӣ.
Эй ғариби фарди бемӯнис шуда,
Оташи шавқ аз дилат шуъла зада.
Мутрибон хоҳию қавволу надим,
Кӯҳҳоро пешат орад он қадим.
Мутрибу қавволу сурнойӣ кунад,
Куҳ ба пешат бодпаймойӣ кунад,
То бидонӣ нола чун куҳро равост,
Бе лабу дандон валиро нолаҳост.
Нағмаи аҷзои он софиҷасад
Ҳар даме дар гӯши ҳиссаш мерасад.
Ҳамнишинон нашнаванд, ӯ бишнавад,
Эй хунукҷон, к-ӯ ба ғайбаш бигравад.
Бингарад дар нафси худ сад гуфтугӯ,
Ҳамнишини ӯ набурда ҳеч бӯ.
Сад суолу сад ҷавоб андар дилат
Мерасад аз ломакон то манзилат.

Бишнавӣ ту, нашнавад з-он гӯшҳо,
Гар ба наздики ту орад гӯшро.
Гирам, эй кар, худ ту онро нашнавӣ,
Чун мисолаш дидаӣ, чун награвӣ?

## Ҷавоби таъназананда дар «Маснавӣ» аз қусури фаҳми худ

Эй саги тоъин! Ту ав-ав мекунӣ,
Таъни Қуръонро буруншав мекунӣ.
Ин на он шер аст, к-аз вай ҷон барӣ,
Ё зи панҷаи қаҳри ӯ имон барӣ.
То қиёмат мезанад Қуръон нидо:
«Эй гурӯҳе, ҷаҳлро гашта фидо!
Ки маро афсона мепиндоштед,
Тухми таъну кофирӣ мекоштед.
Худ бидидет, он ки таъна мезадет,
Ки шумо фонию афсона будет.
Ман каломи Ҳаққаму қоим ба зот,
Қути ҷони ҷону ёқути закот.
Нури хуршедам фитода бар шумо,
Лек аз хуршед ногашта ҷудо».
Нак, манам янбӯъи он оби ҳаёт,
То раҳонам ошиқонро аз мамот.
Гар чунон ганд озатон нангехтӣ,
Ҷуръае бар гӯратон Ҳақ рехтӣ.
На, бигирам гуфту панди он ҳаким,
Дил нагардонам ба ҳар таъне сақим.

## Масал задан дар рамидани курраасб аз об хӯрдан ба сабаби шухӯлидани соисон

Он ки фармудаст ӯ андар хитоб
«Курраву модар ҳамехӯрданд об.
Мешухӯлиданд ҳар дам он нафар
Баҳри асбон, ки ҳало! Ҳин! Об х(в)ар!
Он шухӯлидан ба курра мерасид,
Сар ҳамебардошт в-аз хур мерамид.
Модараш пурсид, к-эй курра! Чаро
Мерамӣ ҳар соате з-ин истиқо?
Гуфт курра: «Мешухӯланд ин гурӯҳ,
З-иттифоқи бонгашон дорам шикӯҳ.
Пас дилам меларзад, аз ҷо меравад,
З-иттифоқи наъра хавфам мерасад».

Гуфт модар: «То ҷаҳон будаст, аз ин
Корафзоён буданд андар замин».
Ҳин! Ту кори хеш кун, эй арҷманд,
Зуд, к-эшон риши худ бармекананд.
Вақт тангу меравад оби фарох,
Об каш, то бардамад аз ту набот.
Оби Хизр аз ҷӯйи нутқи авлиё
Мехурем, эй ташнаи ғофил! Биё.
Гар набинӣ об, кӯрона, ба фан,
Сӯйи ҷӯ овар сабӯ, дар ҷӯй зан.
Чун шунидӣ, к-андар ин ҷӯ об ҳаст,
Кӯрро тақлид бояд кор баст.
Ҷӯ фурӯ бар машки обандешро,
То гарон бинӣ ту машки хешро.
Чун гарон дидӣ, шавӣ ту мустадил,
Раст аз тақлиди хушк он гоҳ дил.
Гар набинад кӯр оби ҷӯ аён,
Лек донад, чун сабӯ бинад гарон,
Ки зи ҷӯ андар сабӯ обе бирафт,
К-ин сабук буду гарон шуд з-обу зафт.
З-он ки ҳар боде маро дармерабуд,
Бод менарбоядам, сиқлам фузуд.
Мар сафиҳонро рабояд ҳар ҳаво,
З-он ки набвадшон гаронии қуво.
Киштии белангар омад марди шар,
Ки зи боди каж наёбад ӯ ҳазар.
Лангари ақл аст оқилро амон,
Лангаре дарюза кун аз оқилон.
Ӯ мададҳои хирад чун даррабуд
Аз хазинай дурри он дарёи ҷуд.
З-инчунин имдод дил пурфан шавад,
Бичҳад аз дил, чашм ҳам равшан шавад.
З-он ки нур аз дил бар ин дида нишаст,
То чу дил шуд, дидаи ту отил аст.
Дил чу бар анвори ақлӣ низ зад,
З-он насибе ҳам ба ду дида диҳад.
Пас бидон, к-оби муборак з-осмон
Ваҳйи дилҳо бошаду сидқи баён.
Мо чу он курра ҳам оби ҷӯ х(в)арем,
Сӯйи он васвоси тоъин нангарем.
Пайрави пайғамбаронӣ, раҳ сипар,
Таънаи халқон ҳама боде шумар.
Он худовандон, ки раҳ тай кардаанд,
Гӯш фобонги сагон кай кардаанд?

## Бақияи зикри он меҳмони масҷиди меҳмонкуш

Бозгӯ, к-он покбози шермард
Андар он масҷид чӣ бинмудаш, чӣ кард?
Хуфт дар масҷид, худ ӯро хоб ку?
Марди ғарқагашта чун хусбад ба ҷӯ?
Хоби мурғу моҳиён бошад ҳаме
Ошиқонро зери ғарқоби ғаме.
Нимшаб овози боҳавле расид,
К-оям-оям бар сарат, эй мустафид!
Панҷ каррат инчунин овози сахт
Мерасиду дил ҳамешуд лахт-лахт.

## Тафсири ояти «ваҷлиб алайҳим бихайлика ва риҷлик»

Ту чу азми дин кунӣ бо иҷтиҳод,
Дев бонгат барзанад андар ниҳод.
Ки марав, з-он сӯ бияндеш, эй ғавӣ,
Ки асири ранҷу дарвешӣ шавӣ.
Бенаво гардӣ, зи ёрон вобурӣ,
Хор гардию пушаймонӣ хурӣ.
Ту зи бими бонги он деви лаъин
Вогурезӣ дар залолат, аз яқин,
Ки ҳало! Фардову пасфардо марост,
Роҳи дин пӯям, ки муҳлат пеши мост?
Марг бинӣ боз, к-ӯ аз чаппу рост,
Мекушад ҳамсояро, то бонг хост.
Боз азми дин кунӣ аз бими ҷон,
Мард созӣ хештанро як замон.
Пас силаҳ барбандӣ аз илму ҳикам,
Ки ман аз хавфе, наёрам пой кам.
Боз бонге барзанад бар ту зи макр,
Ки битарсу бозгард аз теғи фақр.
Боз бигрезӣ зи роҳи равшане,
Он силоҳи илму фанро бифганӣ.
Солҳо ӯро ба бонге бандаӣ,
Дар чунин зулмат намад афгандаӣ.
Ҳайбати бонги шаётин халқро
Банда кардасту гирифта ҳалқро.
То чунон навмед шуд ҷоншон зи нур,
Ки равони кофирон з-аҳли қубур.
Ин шикӯҳи бонги он малъун бувад,
Ҳайбати бонги худоӣ чун бувад?
Ҳайбати боз аст бар кабки наҷиб,
Мар магасро нест з-он ҳайбат насиб.

З-он ки набвад боз сайёди магас,
Анкабутон ме магас гиранду бас.
Анкабути дев бар чун ту зубоб
Карру фар дорад, на бар кабку уқоб.
Бонги девон галлабони ашқиёст,
Бонги султон посбони авлиёст.
То наёмезад бад-ин ду бонги дур
Қатрае аз баҳри хуш бо баҳри шӯр.

## Расидани бонги тилисме нимшаб меҳмони масҷидро

Бишнав акнун қиссаи он бонги сахт,
Ки нарафт аз ҷо бад-он, он некбахт.
Гуфт: «Чун тарсам? Чу ҳаст ин табли ид,
То дуҳул тарсад, ки захм ӯро расид».
Эй дуҳулҳои тиҳии беқулуб,
Қисматон аз иди ҷон шуд захми чӯб.
Шуд қиёмат иду бединон дуҳул,
Мо чу аҳли ид, хандон ҳамчу гул.
Бишнав акнун, ин дуҳул чун бонг зад,
Деги давлатбо чӣ гуна мепазад.
Чунки бишнид он дуҳул он марди дид,
Гуфт: «Чун тарсад дилам аз табли ид?»
Гуфт бо худ: «Ҳин, маларзон дил, к-аз ин
Мурд ҷони баддилони беяқин.
Вақти он омад, ки ҳайдарвор ман
Мулк гирам ё бипардозам бадан».
Барҷаҳиду бонг барзад, к-эй киё,
Ҳозирам, инак, агар мардӣ, биё!
Дарзамон бишкаст з-овоз он тилисм,
Зар ҳамерезид ҳар сӯ қисм-қисм.
Рехт чандон зар, ки тарсид он писар,
То нагирад зар зи пуррӣ роҳи дар.
Баъд аз он бархост он шери атид,
То саҳаргаҳ зар ба берун мекашид.
Дафн мекарду ҳамеомад ба зар
Бо ҷуволу тӯбра бори дигар.
Ганҷҳо бинҳод он ҷонбоз аз он,
Кӯрии тарсонии вопас хазон.
Ин зари зоҳир ба хотир омадаст
Дар дили ҳар кӯри дури зарпараст.
Кӯдакон исфолҳоро бишкананд,
Номи зар бинҳанду дар доман кунанд.

Андар он бозӣ, чу гӯйӣ номи зар
Он кунад дар хотири кӯдак гузар.
Бал зари мазруби зарби эзадӣ,
К-ӯ нагардад косид, омад сармадӣ.
Он заре, к-ин зар аз он зар тоб ёфт,
Гавҳару тобандагию об ёфт.
Он заре, ки дил аз ӯ гардад ғанӣ,
Ғолиб ояд бар қамар дар равшанӣ.
Шамъ буд он масҷиду парвона ӯ,
Хештан дарбохт он парвонахӯ.
Пар бисӯхт ӯро, валекин сохташ,
Бас муборак омад он, андохташ.
Ҳамчу Мӯсо буд он масъудбахт,
К-оташе дид ӯ ба сӯйи он дарахт.
Чун иноятҳо бар ӯ мавфур буд,
Нор мепиндошт, он худ нур буд.
Марди Ҳақро чун бибинӣ, эй писар,
Ту гумон дорӣ бар ӯ нори башар.
Ту зи худ меоию он дар ту аст,
Нору хори занни ботил ин су аст.
Ӯ дарахти Мӯсӣ асту пурзиё,
Нур хон, нораш махон боре, биё!
На фатоми ин ҷаҳон норе намуд?
Соликон рафтанду он худ нур буд.
Пас, бидон, ки шамъи дин бар мешавад,
Ин на ҳамчун шамъи оташҳо бувад.
Ин намояд нуру сӯзад ёрро
В-он ба сурат нору гул зувворро.
Ин чу созанда, вале сӯзандае
В-он гаҳи вуслат дилафрӯзандае.
Шакли шуълай нури поки созвор
Ҳозиронро нуру дуронро чу нор.

## Мулоқоти он ошиқ бо Садри Ҷаҳон

Он бухорӣ низ худ бар шамъ зад,
Гашта буд аз ишқаш осон он кабад.
Оҳи сӯзонаш суйи гардун шуда,
Дар дили Садри Ҷаҳон меҳр омада.
Гуфта бо худ дар саҳаргаҳ, к-эй аҳад!
Ҳоли он овораи мо чун бувад?
Ӯ гуноҳе карду мо дидем, лек
Раҳмати моро намедонист нек.
Хотири муҷрим зи мо тарсон шавад,
Лек сад уммед дар тарсаш бувад.

Ман битарсонам ваҷеҳи ёваро,
Он ки тарсад, ман чӣ тарсонам варо?
Баҳри деги сард озар меравад,
На бад-он, к-аз ҷӯш аз сар меравад.
Оминонро ман битарсонам ба илм,
Хоифонро тарс бардорам ба ҳилм.
Пора дӯзам, пора дар мавзеъ ниҳам,
Ҳар касеро шарбат андархур диҳам.
Ҳаст сирри мард чун бехи дарахт,
З-он бирӯяд баргҳош аз чӯби сахт.
Дархури он бех руста баргҳо
Дар дарахту дар нуфусу дар нуҳо.
Бар фалак парҳост з-ашҷори вафо,
«Аслуҳо собит ва фаръуҳ фи-с-само».
Чун бируст аз ишқ пар бар осмон,
Чун нарӯяд дар дили Садри Ҷаҳон?
Мавҷ мезад дар дилаш афви гунаҳ,
Ки зи ҳар дил то дил омад равзанаҳ.
Ки зи дил то дил яқин равзан бувад,
На ҷудову дур чун ду тан бувад.
Муттасил набвад сафоли ду чароғ,
Нурашон мамзуҷ бошад дар масоғ.
Ҳеч ошиқ худ набошад васлҷӯ,
Ки на маъшуқаш бувад ҷӯёи ӯ,
Лек ишқи ошиқон тан зеҳ кунад,
Ишқи маъшуқон хушу фарбеҳ кунад.
Чун дар ин дил барқи меҳри дӯст ҷаст,
Андар он дил, дӯстӣ медон, ки ҳаст.
Дар дили ту меҳри Ҳақ чун шуд дутӯ,
Ҳаст Ҳақро бе гумоне меҳри ту.
Ҳеч бонги каф задан н-ояд бадар
Аз яке дасти ту бе дасти дигар.
Ташна менолад, ки эй оби гувор,
Об ҳам нолад, ки ку он обхор?
Ҷазби об аст ин аташ дар ҷони мо,
Мо аз они ӯву ӯ ҳам они мо.
Ҳикмати Ҳақ дар қазову дар қадар
Кард моро ошиқони ҳамдигар.
Ҷумла аҷзои ҷаҳон з-он ҳукми пеш
Ҷуфт-ҷуфту ошиқони ҷуфти хеш.
Ҳаст ҳар ҷузве зи олам ҷуфтхоҳ,
Рост ҳамчун каҳрабову барги коҳ.
Осмон гӯяд заминро марҳабо,
Бо туам чун оҳану оҳанрабо.
Осмон марду замин зан дар хирад,
Ҳар чӣ он андохт, ин мепарварад.

Чун намонад гармияш, бифристад ӯ,
Чун намонад таррию нам, бидҳад ӯ.
Бурҷи хокӣ хоки арзиро мадад,
Бурҷи обӣ таррияш андардамад.
Бурҷи бодӣ абр сӯйи ӯ барад,
То бухороти вахимро баркашад.
Бурҷи оташ гармии хуршед аз ӯ,
Ҳамчу тобай сурх з-оташ пушту рӯ.
Ҳаст саргардон фалак андар заман
Ҳамчу мардон гирди максаб баҳри зан.
В-ин замин кадбонуиҳо мекунад,
Бар вилодоту ризоъаш метанад.
Пас, замину чархро дон ҳушманд,
Чунки кори ҳушмандон мекунанд.
Гарна аз ҳам ин ду дилбар мемазанд,
Пас, чаро чун ҷуфт дар ҳам мехазанд?
Бе замин кай гул бирӯяд в-арғавон?
Пас, чӣ зояд з-обу тоби осмон?
Баҳри он майл аст дар мода ба нар,
То бувад такмили кори ҳамдигар.
Майл андар марду зан Ҳақ з-он ниҳод,
То бақо ёбад ҷаҳон з-ин иттиҳод.
Майли ҳар ҷузве ба ҷузве ҳам ниҳад,
З-иттиҳоди ҳар ду тавлиде заҳад.
Шаб чунин бо рӯз андар эътинок,
Мухталиф дар сурат, аммо иттифоқ.
Рӯзу шаб, зоҳир ду зидду душмананд,
Лек ҳар ду як ҳақиқат метананд.
Ҳар яке хоҳон дигарро ҳамчу хеш,
Аз пайи такмили феълу кори хеш.
З-он ки бе шаб дахл набвад табъро,
Пас, чӣ андар чарх орад рӯзҳо?

## Ҷазби ҳар унсуре ҷинси худро, ки дар таркиби одамӣ мухтабис шудааст ба ғайри ҷинс

Хок гӯяд хоки танро: «Бозгард,
Тарки ҷон кун, сӯйи мо о ҳамчу гард.
Ҷинси моӣ, пеши мо авлотарӣ,
Беҳ, ки з-он тан ворахӣ в-аз он тарӣ».
Гӯяд: «Оре, лек ман побастаам,
Гарчи ҳамчун ту зи ҳиҷрон хастаам.
Таррии танро биҷӯянд обҳо,
К-эй тарӣ, боз о зи ғурбат сӯйи мо».
Гармии танро ҳамехонад асир,
Ки зи норӣ, роҳи асли хеш гир!

Ҳаст ҳафтоду ду иллат дар бадан
Аз кашишҳои аносир, бе расан.
Иллат ояд, то баданро бискулад,
То аносир ҳамдигарро воҳилад.
Чор мурғанд ин аносир, бастапо,
Маргу ранҷурию иллат, погушо.
Пояшон аз ҳамдигар чун боз кард,
Мурғи ҳар унсур яқин парвоз кард.
Ҷазбаи ин аслҳову фаръҳо
Ҳар даме ранҷе ниҳад дар ҷисми мо.
То ки ин таркибҳоро бардарад,
Мурғи ҳар ҷузве ба асли худ парад.
Ҳикмати Ҳақ монеъ ояд з-ин аҷал,
Ҷамъашон дорад ба сиҳҳат то аҷал.
Гӯяд: «Эй аҷзо, аҷал машҳуд нест,
Пар задан пеш аз аҷалтон суд нест».
Чунки ҳар ҷузве биҷӯяд иртифоқ,
Чун бувад ҷони ғариб андар фироқ?

## Мунҷазиб шудани ҷон низ ба олами арвоҳ ва тақозои ӯ ва майли ӯ ба мақарри худ ва мунқатеъ шудан аз аҷзои аҷсом, ки кундаи пойи бози рӯҳанд

Гӯяд, эй аҷзои пасти фаршиям!
Ғурбати ман талхтар, ман аршиям.
Майли тан дар сабзаву оби равон
З-он бувад, ки асли ӯ омад аз он.
Майли ҷон андар ҳаёту дар ҳай аст,
З-он ки ҷони ломакон асли вай аст.
Майли ҷон дар ҳикмат асту дар улум,
Майли тан дар боғу роғ асту курум.
Майли ҷон андар тараққию шараф,
Майли тан дар касбу асбоби алаф.
Майлу ишқи он шараф ҳам сӯйи ҷон,
З-ин «юҳиб»-рову «юҳиббун»-ро бидон.
Ҳосил он ки ҳар кӣ ӯ толиб бувад,
Ҷони матлубаш дар ӯ роғиб бувад.
Гар бигӯям шарҳи ин, беҳад шавад,
«Маснавӣ» ҳаштодто коғаз шавад.
Одамӣ, ҳайвон, наботию ҷамод,
Ҳар мурроде ошиқи ҳар бемурод.
Бемуродон бар муроде метананд
В-он муродон ҷазби эшон мекунанд.
Лек майли ошиқон лоғар кунад,
Майли маъшуқон хушу хушфар кунад.

Ишқи маъшуқон ду рух афрӯхта,
Ишқи ошиқ ҷони ӯро сӯхта.
Каҳрабо ошиқ ба шакли бениёз,
Коҳ мекӯшад дар он роҳи дароз.
Ин раҳо кун, ишқи он ташнадаҳон
Тофт андар синаи Садри Ҷаҳон.
Дуди он ишқу ғами оташкада,
Рафта дар махдуми ӯ, мушфиқ шуда.
Лекаш аз номусу бавшу обрӯ
Шарм меомад, ки воҷӯяд аз ӯ.
Раҳматаш муштоқи он мискин шуда,
Салтанат з-ин лутф монеъ омада.
Ақл ҳайрон, к-ин аҷаб ӯро кашид?
Ё кашиш з-он сӯ бад-ин ҷониб расид?
Тарки ҷалдӣ кун, к-аз ин новоқифӣ
Лаб бибанд, «Аллоҳу аълам би-л-хафӣ».
Ин суханро баъд аз ин мадфун кунам,
Он кашанда мекашад, ман чун кунам?
Кист он, к-ит мекашад, эй муътанӣ!
Он ки менагзорадат, к-ин дам занӣ?
Сад азимат мекунӣ баҳри сафар,
Мекашонад мар туро ҷойи дигар.
З-он бигардонад ба ҳар сӯ он лагом,
То хабар ёбад зи форис асби хом.
Асби зираксор з-он некӯпай аст,
К-ӯ ҳамедонад, ки форис бар вай аст.
Ӯ дилатро бар дусад савдо бибаст,
Бемуродат карду пас дилро шикаст.
Чун шикаст ӯ боли он ройи нахуст,
Чун нашуд ҳастии болишкан дуруст?
Чун қазояш ҳабли тадбират сукуст,
Чун нашуд бар ту қазои он дуруст?

## «Фасху азоим ва нақзуҳо», ҷиҳати бохабар кардан одамиро аз он ки молик ва қоҳир ӯст ва гоҳ-гоҳ азми ӯро фасх нокардан ва нофиз доштан, то тамаъ ӯро бар азм кардан дорад, то боз азмашро бишканад, то танбеҳ бар танбеҳ бувад

Азмҳову қасдҳо дар моҷаро
Гоҳ-гоҳе рост меояд туро,
То ба тамъи он дилат ниййят кунад,
Бори дигар ниййятатро бишканад.
В-ар ба куллӣ бемуродат доштӣ,
Дил шудӣ навмед, амал кай коштӣ?

В-ар накоридӣ амал аз урияш,
Кай шудӣ пайдо бар ӯ маққурияш?
Ошиқон аз бемуродиҳои хеш
Бохабар гаштанд аз мавлои хеш.
Бемуродӣ шуд қаловузи биҳишт,
«Ҳуффати-л-ҷанна» шунав, эй хушсиришт!
Ки муродотат ҳама ишкастапост,
Пас, касе бошад, ки коми ӯ равост.
Пас шуданд ишкастааш он содиқон,
Лек ку худ он шикасти ошиқон?
Оқилон ишкастааш аз изтирор,
Ошиқон ишкаста бо сад ихтиёр.
Оқилонаш бандагони бандиянд,
Ошиқонаш шаккарию қандиянд.
«Иътино карҳан» маҳори оқилон,
«Иътиё тавъан» баҳори бедилон.

## Назр кардани пайғомбар, алайҳиссалом, ба асирон ва табассум кардан ва гуфтан, ки «аҷибту мин қавмин юҷарруна ила-л-ҷаннати би-с-салосили ва-л-ағлоли»

Дид пайғамбар яке ҷавқе асир,
Ки ҳамебурданду эшон дар нафир.
Дидашон дар банд он огоҳ шер,
Ме назар карданд дар вай зер-зер.
То ҳамехойид ҳар як аз ғазаб
Бар расули сидқ дандонҳову лаб.
Заҳра на бо он ғазаб, ки дам зананд,
З-он ки дар занҷир қаҳри даҳ мананд.
Мекашонадшон муваккил сӯйи шаҳр,
Мебарад аз кофиристоншон ба қаҳр:
«На фидое меситонад, на заре,
На шафоат мерасад аз сарваре.
Раҳмати олам ҳамегӯянду ӯ
Оламеро мебурад ҳалқу гулӯ».
Бо ҳазор инкор мерафтанд роҳ,
Зери лаб таъназанон бар кори шоҳ:
«Чораҳо кардему ин ҷо чора нест,
Худ дили ин мард кам аз хора нест.
Мо ҳазорон марди шер, Алпарслон
Бо ду-се урёни сусти нимҷон.
Инчунин дармондаем, аз кажравист?
Ё зи ахтарҳост ё худ ҷодуист?
Бахти моро бардарид он бахти ӯ,
Тахти мо шуд сарнигун аз тахти ӯ.

Кори ӯ аз ҷодуӣ гар гашт зафт,
Ҷодуӣ кардем мо ҳам, чун нарафт?

## Тафсири ин оят, ки «ин тастафтиҳу фақад ҷоъакуму-л-фатҳу-л-оя». Эй тоъинон! Мегуфтед, ки аз мо ва Муҳаммад, алайҳиссалом, он ки ҳақ аст, фатҳу нусраташ деҳ ва ин бад-он мегуфтед, то гумон ояд, ки шумо толиби Ҳаққед, беғараз. Акнун Муҳаммадро нусрат додем, то соҳиби ҳақро бибинед

Аз бутону аз Худо дархостем,
Ки бикан моро, агар норостем.
Он ки ҳаққу рост аст аз мову ӯ,
Нусраташ деҳ, нусрати ӯро биҷӯ.
Ин дуъо бисёр кардему салот,
Пеши Лоту пеши Уззову Манот,
Ки агар ҳаққ аст ӯ, пайдо-ш кун,
В-ар набошад ҳақ, забуни мо-ш кун.
Чунки водидем, ӯ мансур буд,
Мо ҳама зулмат будем, ӯ нур буд.
Ин ҷавоби мост, к-он чи хостед,
Гашт пайдо, ки шумо норостед».
Боз ин андешаро аз фикри хеш
Кӯр мекарданду дафъ аз зикри хеш,
К-ин тафаккурмон ҳам аз идбор руст,
Ки савоби ӯ шавад дар дил дуруст.
Худ чӣ шуд, гар ғолиб омад чанд бор
Ҳар касеро ғолиб орад рӯзгор.
Мо ҳам аз айём бахтовар шудем,
Борҳо бар вай музаффар омадем.
Боз гуфтандӣ, ки гарчи ӯ шикаст,
Чун шикасти мо набуд он зишту паст.
З-он ки бахти неки ӯро даршикаст,
Дод сад шодии пинҳон зери даст,
К-ӯ ба ишкаста намемонист ҳеч,
Ки на ғам будаш дар он, на печ-печ.
Чун нишони муъминон мағлубӣ аст,
Лек дар ишкасти муъмин хубӣ аст.
Гар ту мушку анбареро бишканӣ,
Оламе аз фавҳи райҳон пур кунӣ.
В-ар шикастӣ ногаҳон саргини хар,
Хонаҳо пурганд гардад то ба сар.
Вақти вогашти Ҳудайбийя ба зул,
Давлати «инно фатаҳно» зад духул.

## Сирри он ки бемурод бозгаштани расул, алайҳиссалом, аз Ҳудайбийя, Ҳақ таъоло лутфи он фатҳ кард, ки «инно фатаҳно», ки ба сурат ғалақ буд ва ба маънӣ фатҳ, чунон ки шикастани мушк ба зоҳир шикастан аст ва ба маънӣ дуруст кардан аст мушкии ӯро ва такмили фавоиди ӯст

Омадаш пайғом аз давлат, ки рав!
Ту зи манъи ин зафар ғамгин машав,
К-андар ин хории накдат фатҳҳост,
Нак, фалон қалъа, фалон буқъа турост.
Бингар охир, чунки вогардид тафт,
Бар Қурайза-в бар Назир аз вай чӣ рафт!
Қалъаҳо ҳам гирди он ду буқъаҳо
Шуд мусаллам в-аз ғаноим нафъҳо.
В-ар набошад он, ту бингар, к-ин фариқ
Пурғаму ранҷанду мафтуну ашиқ.
Заҳри хoриро чу шаккар мех(в)аранд,
Хори ғамҳоро чу уштур мечаранд.
Баҳри айни ғам, на аз баҳри фараҷ,
Ин тасофул пеши эшон чун дараҷ.
Ончунон шоданд андар қаъри чоҳ,
Ки ҳаметарсанд аз тахту кулоҳ.
Ҳар куҷо дилбар бувад худ ҳамнишин,
Фавқи гардун аст, на зери замин.

## Тафсири ин хабар, ки Мустафо, алайҳиссалом, фармуд: «Ло туфаззилуни ало Юнус ибни Матто»

Гуфт пайғамбар, ки «Меъроҷи маро
Нест бар меъроҷи Юнус иҷтибо.
Они ман бар чарху они ӯ нишеб,
З-он ки қурби Ҳақ бурун аст аз ҳисеб.
Қурб на боло, на пастӣ рафтан аст,
Қурби Ҳақ аз ҳабси ҳастӣ растан аст.
Нестро чӣ ҷойи боло асту зер?
Нестро на зуду на дур асту дер.
Коргоҳу ганҷи Ҳақ дар нестист,
Ғарраи ҳастӣ, чӣ донӣ, «нест» чист?
Ҳосил ин ишкасти эшон, эй киё,
Менамонад ҳеч бо ишкасти мо.
Ончунон шоданд дар зуллу талаф,
Ҳамчу мо дар вақти иқболу шараф.
Барги бебаргӣ ҳама иқтоъи ӯст,
Фақру хориш ифтихор асту улуст.

Он яке гуфт: «Ар чунон аст, он нидид,
Чун бихандид ӯ, кӣ моро баста дид?
Чунки ӯ мубдал шудасту шодияш
Нест з-ин зиндону з-ин озодияш.
Пас, ба қаҳри душманон чун шод шуд?
Чун аз ин фатҳу зафар пурбод шуд?
Шод шуд ҷонаш, ки бар шерони нар
Ёфт осон нусрату дасту зафар.
Пас, бидонистем, к-ӯ озод нест,
Ҷуз ба дунё дилхушу дилшод нест.
В-арна чун хандад, ки аҳли он ҷаҳон
Бар баду неканд мушфиқ, меҳрбон».
Ин бимунгиданд дар зери забон
Он асирон, бо ҳам андар баҳси он:
«То муваккал нашнавад, бар мо ҷаҳад,
Худ сухан дар гӯши он султон барад».

## Огоҳ шудани пайғомбар, алайҳиссалом, аз таъни эшон бар шамотати ӯ

Гарчи нашнид он муваккал он сухун,
Рафт дар гӯше, ки он буд «мин ладун».
Бӯйи пироҳони Юсуфро надид,
Он ки ҳофиз буду Яъқубаш кашид.
Он шаётин бар иноди осмон
Нашнаванд он сирри лавҳи ғайбдон.
Он Муҳаммад хуфтаву такя зада,
Омада сир, гирди ӯ гардон шуда.
Ӯ хурад ҳалво, ки рӯзиш аст боз,
Он на к-ангуштони ӯ бошад дароз.
Наҷми соқиб гашта ҳорис, деврон,
Ки бихил дуздӣ, зи Аҳмад сир ситон.
Эй ду дида сӯйи дуккон аз пагоҳ!
Ҳин, ба масҷид рав, биҷӯ ризқи Илоҳ.
Пас расул он гуфташонро фаҳм кард,
Гуфт: «Он ханда набудам аз набард.
Мурдаанд эшону пӯсидай фано,
Мурда куштан нест мардӣ пеши мо.
Худ киянд эшон, ки маҳ гардад шикоф,
Чунки ман по бифшурам андар масоф.
Он гаҳе к-озод будету макин,
Мар шуморо баста медидам чунин.
Эй бинозида ба мулку хонадон!
Назди оқил уштуре бар новдон.

Нақши танро то фитод аз бом ташт,
Пеши чашмам «куллу отин от» гашт.
Бингарам дар ғӯра, май бинам аён,
Бингарам дар нест, шай бинам аён.
Бингарам сир, оламе бинам ниҳон,
Одаму Ҳавво наруста аз ҷаҳон.
Мар шуморо вақти зарроти аласт
Дидаам побаставу манкусу паст.
Аз ҳудуси осмони беумуд,
Он чӣ дониста будам, афзун нашуд.
Ман шуморо сарнигун медидаам,
Пеш аз он, к-аз обу гил болидаам.
Нав надидам, то кунам шодӣ бад-он,
Ин ҳамедидам дар он иқболатон.
Бастаи қаҳри хафӣ в-он гаҳ чӣ қаҳр,
Қанд мехӯрдеду дар вай дарҷ заҳр.
Инчунин қанде пур аз заҳр, ар адӯ,
Хуш бинӯшад, ч-ит ҳасад ояд бар ӯ?
Бо нишот он заҳр мекардед нӯш,
Маргатон хуфя гирифта ҳар ду гӯш.
Ман намекардам ғазо аз баҳри он,
То зафар ёбам, фурӯ гирам ҷаҳон.
К-ин ҷаҳон хуфясту мурдору рахис,
Бар чунин мурдор, чун бошам ҳарис?
Саг наям, то парчами мурда канам,
Исиям, оям, ки то зинда-ш кунам.
З-он ҳамекардам суфуфи ҷанг чок,
То раҳонам мар шуморо аз ҳалок.
З-он намебуррам гулӯҳои башар,
То маро бошад кару фарру ҳашар.
З-он ҳамебуррам гулӯе чанд, то
З-он гулӯҳо оламе ёбад раҳо,
Ки шумо парвонавор аз ҷаҳли хеш
Пеши оташ мекунед ин ҳамла кеш.
Ман ҳамеронам шуморо ҳамчу маст
Аз дарафтодан дар оташ, бо ду даст.
Он, ки худро фатҳҳо пиндоштед,
Тухми манҳусии худ мекоштед.
Якдигарро ҷидди ҷид мехондед,
Сӯйи аждарҳо фарас мерондед.
Қаҳр мекардеду андар айни қаҳр
Худ шумо мақҳури қаҳри шери даҳр.

## Баёни он ки тоғӣ дар айни қоҳирӣ мақҳур аст ва дар айни мансурӣ маъсур

Дузд қаҳри хоҷа карду зар кашид,
Ӯ бад-он машғул, худ волӣ расид.
Гар зи хоҷа он замон бигрехтӣ,
Кай бар ӯ волӣ ҳашар ангехтӣ! 4565
Қоҳирии дузд мақҳуриш буд,
З-он ки қаҳри ӯ сари ӯро рабуд.
Ғолибӣ бар хоҷа доми ӯ шавад,
То расад волию бистонад қавад.
Эй, ки ту бар халқ чира гаштаӣ,
Дар набарду ғолибӣ оғаштаӣ.
Он ба қосид мунҳазим кардасташон,
То туро дар ҳалқа меорад кашон.
Ҳин, аён даркаш пайи ин мунҳазим,
Дармарон, то ту нагардӣ мунхазим. 4570
Чун кашонидат бад-ин шева ба дом,
Ҳамла бинӣ баъд аз он андар зиҳом.
Ақл аз ин ғолиб шудан кай гашт шод?
Чун дар ин ғолиб шудан дид ӯ фасод.
Низ чашм омад хирад, бинои пеш,
Ки Худояш сурма кард аз куҳли хеш.
Гуфт пайғамбар, ки ҳастанд аз фунун
Аҳли ҷаннат дар хусуматҳо забун.
Аз камоли ҳазму суизанни хеш,
На зи нақсу баддилию заъфи кеш. 4575
Дар фиреҳ додан шунида дар «кумун»,
Ҳикмати «лав ло риҷолун муъминун».
Дасткӯтоҳӣ зи куффори лаъин
Фарз шуд баҳри халоси муъминин.
Қиссаи аҳди Ҳудайбайя бихон,
«Каффа айдикум намомат» з-он бидон.
Низ андар ғолибӣ ҳам хешро
Дид ӯ мағлуби доми кибриё:
«З-он намехандам ман аз занҷиратон,
Ки бикардам ногаҳон шабгиратон. 4580
З-он ҳамехандам, ки бо занҷиру ғул
Мекашамтон сӯйи сарвистону гул».
Эй аҷаб, к-аз оташи безинҳор
Баста меорематон то сабзазор.
Аз суйи дӯзах ба занҷири гарон
Мекашамтон то биҳишти ҷовидон.
Ҳар муқаллидро дар ин раҳ неку бад
Ҳамчунон баста, ба ҳазрат мекашад.
Ҷумла дар занҷири биму ибтило
Меравaнд ин раҳ, ба ғайри авлиё. 4585

Мекашанд ин роҳро бегорвор,
Ҷуз касоне воқиф аз асрори кор.
Ҷаҳд кун, то нури ту рахшон шавад,
То сулуку хидматат осон шавад.
Кӯдаконро мебарӣ мактаб ба зӯр,
З-он ки ҳастанд аз фавоид чашмкӯр.
Чун шавад воқиф, ба мактаб медавад,
Ҷонаш аз рафтан шукуфта мешавад.
Меравад кӯдак ба мактаб печ-печ,
Чун надид аз музди кори хеш ҳеч.
Чун кунад дар киса донге дастмузд,
Онгаҳон бехоб гардад шаб чу дузд.
Ҷаҳд кун, то музди тоат даррасад,
Бар мутеъон он гаҳат ояд ҳасад.
«Иътиё карҳан» муқаллидгаштаро,
«Иътиё тавъан» сафобисриштаро.
Ин муҳибби Ҳақ зи баҳри иллате
В-он дигарро беғараз худ хуллате.
Ин муҳибби доя, лек аз баҳри шир
В-он дигар дилдода баҳри ин сатир.
Тифлро аз ҳусни ӯ огоҳ на,
Ғайри шир ӯро аз ӯ дилхоҳ на.
В-он дигар худ ошиқи доя бувад,
Беғараз дар ишқ якроя бувад.
Пас, муҳибби Ҳақ ба уммеду ба тарс
Дафтари тақлид мехонад ба дарс.
В-он муҳибби Ҳақ зи баҳри Ҳақ куҷост?
Ки зи ағрозу зи иллатҳо ҷудост.
Гар чунину гар чунон, чун толиб аст,
Ҷазби Ҳақ ӯро суйи Ҳақ ҷозиб аст.
Гар муҳибби Ҳақ бувад «лиғайриҳи,
Кай янолу доиман мин хайриҳи».
Ё муҳибби Ҳақ бувад «лиъайниҳи,
Ло сивоу хоифан мин байниҳи».
Ҳар дуро ин ҷустуҷӯҳо з-он сарист,
Ин гирифтории дил з-он дилбарист.

## Ҷазби маъшуқ ошиқро «мин ҳайсу ло яъламуҳу-л-ошиқу ва ло ярҷуҳу ва ло яхтуру биболиҳ ва ло язҳару мин золика-л-ҷазби асарун фи-л-ошиқи илла-л-хавфа-л-мамзуҷи би-л-яъси маъа давоми-т-талаб»

Омадем ин ҷо, ки дар Садри Ҷаҳон,
Гар набудӣ ҷазби он ошиқ ниҳон,

Ношикебо кай будӣ ӯ аз фироқ?
Кай давон боз омадӣ сӯйи висоқ?
Майли маъшуқон ниҳон асту сатир,
Майли ошиқ бо дусад таблу нафир.
Як ҳикоят ҳаст ин ҷо з-эътибор,
Лек оҷиз шуд бухорӣ з-интизор.
Тарки он кардем, к-ӯ дар ҷустуҷӯст,
То ки пеш аз марг бинад рӯйи дӯст.
То раҳад аз марг, то ёбад наҷот,
З-он ки диди дӯст аст оби ҳаёт.
Ҳар кӣ диди ӯ набошад дафъи марг,
Дӯст набвад, ки на меваст, на барг.
Кор он кор аст, эй муштоқи маст,
К-андар он кор, ар расад маргат, хуш аст.
Шуд нишони сидқ имон, эй ҷавон,
Он ки ояд хуш туро марг андар он.
Гар нашуд имони ту, эй ҷон, чунин,
Нест комил, рав, биҷӯ икмоли дин.
Ҳар кӣ андар кори ту шуд маргдӯст,
Бар дили ту бекароҳат дӯст ӯст.
Чун кароҳат рафт, он худ марг нест,
Сурати марг асту нуқлон карданист.
Чун кароҳат рафт, мурдан нафъ шуд,
Пас, дуруст ояд, ки мурдан дафъ шуд.
Дӯст, Ҳақ асту касе, к-иш гуфт ӯ,
Ки туӣ они ману ман они ту.
Гӯш дор акнун, ки ошиқ мерасад,
Баста ишқ ӯро ба «ҳаблин мин масад».
Чун бидид ӯ чеҳраи Садри Ҷаҳон,
Гӯйиё парридаш аз тан мурғи ҷон.
Ҳамчу чӯби хушк афтод он танаш,
Сард шуд аз фарқи ҷон то нохунаш.
Ҳар чӣ карданд аз бухуру аз гулоб,
На биҷунбиду на омад дар хитоб.
Шоҳ чун дид он музаъфар рӯйи ӯ,
Пас фуруд омад зи маркаб сӯйи ӯ.
Гуфт: «Ошиқ дӯст меҷӯяд ба тафт,
Чунки маъшуқ омад, он ошиқ бирафт».
Ошиқи Ҳаққию Ҳақ он аст, к-ӯ,
Чун биёяд, набвад аз ту тои мӯ.
Сад чу ту фонист пеши он назар,
Ошиқӣ бар нафйи худ хоҷа, магар.
Соядю ошиқӣ бар офтоб,
Шамс ояд, соя «ло» гардад шитоб.

## Дод хостани пашша аз бод ба ҳазрати Сулаймон, алайҳиссалом

Пашша омад аз ҳадиқа в-аз гиёҳ,
В-аз Сулаймон гашт пашша додхоҳ,
К-эй Сулаймон, маъдилат мегустарӣ
Бар шаётин в-одамизоду парӣ.
Мурғу моҳӣ дар паноҳи адли туст,
Кист он гумгашта, к-иш фазлат наҷуст?
Дод деҳ моро, ки бас зорем мо,
Бенасиб аз боғу гулзорем мо.
Мушкилоти ҳар заъифе аз ту ҳал,
Пашша бошад дар заъифӣ худ масал.
Шуҳра мо дар заъфу ишкастапарӣ,
Шуҳра ту дар лутфу мискинпарварӣ.
Эй ту дар атбоқи қудрат мунтаҳӣ,
Мунтаҳӣ мо дар камию бераҳӣ.
Дод деҳ, моро аз ин ғам кун ҷудо,
Даст гир, эй дасти ту дасти Худо».
Пас Сулаймон гуфт: «Эй инсофҷӯ!
Доду инсоф аз кӣ мехоҳӣ? Бигӯ.
Кист он золим, ки аз боди бурут
Зулм кардасту харошидаст рӯт?
Эй аҷаб! Дар аҳди мо золим куҷост?
К-ӯ на андар ҳабсу дар занҷири мост.
Чунки мо зодем, зулм он рӯз мурд,
Пас ба аҳди мо кӣ зулме пеш бурд?
Чун баромад нур, зулмат нест шуд,
Зулмро зулмат бувад аслу азуд.
Нак, шаётин касбу хидмат мекунанд,
Дигарон баста ба асфоданду банд.
Асли зулми золимон аз дев буд,
Дев дар банд аст, истам чун намуд?
Мулк, з-он додаст моро «кун факон»,
То нанолад халқ сӯйи осмон.
То ба боло барнаёяд дудҳо,
То нагардад музтариб чарху Суҳо.
То наларзад арш аз нолай ятим,
То нагардад аз ситам ҷоне сақим.
З-он ниҳодем аз мамолик мазҳабе,
То наёяд бар фалакҳо ёрабе.
Мангар, эй мазлум сӯйи осмон,
К-осмонӣ шоҳ дорӣ дар замон».
Гуфт пашша: «Доди ман аз дасти бод,
К-ӯ ду дасти зулм бар мо баргушод.
Мо зи зулми ӯ ба тангӣ-андарем,
Бо лаби баста аз ӯ хун мех(в)арем».

## Амр кардани Сулаймон, алайҳиссалом, пашшаи мутазаллимро ба иҳзори хасм ба девони ҳукм

Пас Сулаймон гуфт: «Эй зебодавӣ,
Амри Ҳақ бояд, ки аз ҷон бишнавӣ».
Ҳақ ба ман гуфтаст: «Ҳон, эй додвар,
Машнав аз хасме ту, бе хасме дигар.
То наёяд ҳар ду хасм андар ҳузур,
Ҳақ наёяд пеши ҳоким дар зуҳур.
Хасми танҳо гар барорад сад нафир,
Ҳону ҳон, бехасм қавли ӯ магир.
Ман наёрам рӯ зи фармон тофтан,
Хасми худро рӯ биёвар сӯйи ман».
Гуфт: «Қавли туст бурҳони дуруст,
Хасми ман бод асту ӯ дар ҳукми туст».
Бонг зад он шаҳ, ки эй боди сабо,
Пашша афғон кард аз зулмат, биё.
Ҳин, муқобил шав туву хасму бигӯ
Посухи хасму бикун дафъи адӯ.
Бод чун бишнид, омад тез-тез,
Пашша бигрифт он замон роҳи гурез.
Пас Сулаймон гуфт: «Эй пашша, куҷо?
Бош, то бар ҳар ду ронам ман қазо».
Гуфт: «Эй шаҳ! Марги ман аз буди ӯст,
Худ сиёҳ ин рӯзи ман аз дуди ӯст.
Ӯ чу омад, ман куҷо ёбам қарор?
К-ӯ барорад аз ниҳоди ман димор».
Ҳамчунин ҷӯёи даргоҳи Худо,
Чун Худо омад, шавад ҷӯянда «ло».
Гарчи он вуслат бақо андар бақост,
Лек з-аввал он бақо андар фаност.
Сояҳое, ки бувад ҷӯёи нур,
Нест гардад, чун кунад нураш зуҳур.
Ақл кай монад, чу бошад сардеҳ ӯ,
«Куллу шайъин ҳолик, илло ваҷҳуҳу».
Ҳоликояд пеши ваҷҳаш ҳасту нест,
Ҳастӣ андар нестӣ худ турфаест.
Андар ин маҳзар хирадҳо шуд зи даст,
Чун қалам ин ҷо расида шуд, шикаст.

## Навохтани маъшуқ ошиқи беҳушро, то ба ҳуш бозояд

Мекашид аз беҳушияш дар баён
Андак-андак аз карам Садри Ҷаҳон.

Бонг зад дар гӯши ӯ шаҳ, к-эй гадо,
Зар нисор овардамат, доман гушо!
Ҷони ту, к-андар фироқам метапид,
Чунки зинҳораш расидам, чун рамид?
Эй бидида дар фироқам гарму сард,
Бо худ о аз бехудию бозгард.
Мурғи хона уштуреро бехирад
Расми меҳмонаш ба хона мебарад.
Чун ба хонай мурғ уштур по ниҳод,
Хона вайрон гашту сақф андарфитод.
Хонаи мурғ аст ҳушу ақли мо,
Ҳуши Солеҳ толиби ноқай Худо.
Ноқа чун сар кард дар обу гилаш,
На гил он ҷо монд, на ҷону дилаш.
Кард фазли ишқ, инсонро фазул,
З-ин фузунҷӯйӣ залум асту ҷаҳул.
Ҷоҳил асту андар ин мушкил шикор,
Мекашад харгӯш шере дар канор.
Кай канор-андар кашидӣ шерро?
Гар бидонистию дидӣ шерро.
Золим аст ӯ бар худу бар ҷони х(в)ад,
Зулм бин, к-аз адлҳо гӯ мебарад.
Ҷаҳли ӯ мар илмҳоро устод,
Зулми ӯ мар адлҳоро шуд рашод.
Дасти ӯ бигрифт, к-ин рафта дамаш
Он гаҳе ояд, ки ман дам бахшамаш.
Чун ба ман зинда шавад ин мурдатан,
Ҷони ман бошад, ки рӯ орад ба ман.
Ман кунам ӯро аз ин ҷон муҳташам,
Ҷон, ки ман бахшам, бибинад бахшишам.
Ҷони номаҳрам набинад рӯйи дӯст,
Ҷуз ҳамон ҷон, к-асли ӯ аз кӯйи ӯст.
Дардамам қассобвор ин дӯстро,
То ҳилад он мағзи нағзаш пӯстро.
Гуфт: «Эй ҷони рамида аз бало,
Васли моро дар гушодем, ассало».
Эй худи мо бехудию мастият,
Эй зи ҳасти мо ҳамора ҳастият.
Бо ту белаб ин замон ман нав ба нав
Розҳои куҳна гӯям, мешунав.
З-он ки он лабҳо аз ин дам мерамад,
Бар лаби ҷӯйи ниҳон бармедамад.
Гӯши бегӯшӣ дар ин дам баргушо,
Баҳри рози «яфъалуллаҳ мо яшо».
Чун салои васл бишнидан гирифт,
Андак-андак мурда ҷунбидан гирифт.

На кам аз хок аст, к-аз ишвай сабо,
Сабз пӯшад, сар барорад аз фано.
Кам зи оби нутфа набвад, к-аз хитоб,
Юсуфон зоянд, рух чун офтоб.
Кам зи боде нест, шуд аз амри «кун»
Дар раҳим товусу мурғи хушсухун.
Кам зи кӯҳи санг набвад, к-аз вилод
Ноқае, к-он ноқа ноқа зод, зод.
З-ин ҳама бигзар, на он мояй адам,
Оламе зоду бизояд дам ба дам?
Барҷаҳиду бартапиду шод-шод
Як-ду чархе зад, суҷуд-андар фитод.

## Бо хеш омадани ошиқи беҳуш ва рӯй овардан ба сано ва шукри маъшуқ

Гуфт: «Эй анқои Ҳақ! Ҷонро матоф!
Шукр, ки бозомадӣ з-он кӯҳи Қоф.
Эй Сирофили қиёматгоҳи ишқ!
Эй ту ишқи ишқу эй дилхоҳи ишқ!
Аввалин хилъат, ки хоҳӣ доданам,
Гӯш хоҳам, ки ниҳӣ бар равзанам.
Гарчи медонӣ ба сафват ҳоли ман,
Бандапарвар, гӯш кун аҳволи ман.
Сад ҳазорон бор, эй Садри фарид!
З-орзуи гӯши ту ҳушам парид.
Он самеъий туву он исғои ту
В-он табассумҳои ҷонафзои ту.
Он бинӯшидан каму беши маро,
Ишваи ҷони бадандеши маро.
Қалбҳои ман, ки он маълуми туст,
Бас пазируфтӣ ту чун накди дуруст.
Баҳри густохии шӯхи ғаррае
Ҳилмҳо дар пеши ҳилмат заррае.
Аввалан бишнав, ки чун мондам зи шаст,
Аввалу охир зи пеши ман биҷаст.
Сонияи бишнав ту, эй садри вадуд,
Ки басе ҷустам, туро сонӣ набуд.
Солисан, то аз ту берун рафтаам,
Гӯиё солис салоса гуфтаам.
Робиъан, чун сӯхт моро мазраъа,
Менадонам хомиса аз робиъа.
Ҳар куҷо ёбӣ ту хун бар хокҳо,
Пай барӣ, бошад яқин аз чашми мо.
Гуфти ман раъд асту ин бонгу ҳанин
З-абр хоҳад, то биборад бар замин.

Ман миёни гуфту гиря метанам,
Ё бигирям, ё бигӯям, чун кунам?
Гар бигӯям, фавт мегардад буко
В-ар нагӯям, чун кунам шукру сано?
Мефитад аз дида хуни дил, шаҳо,
Бин, чӣ афтодаст аз дида маро».
Ин бигуфту гиря-дар шуд он наҳиф,
Ки бар ӯ бигрист ҳам дун, ҳам шариф.
Аз дилаш чандон баромад ҳой-ҳӯй,
Ҳалқа кард аҳли Бухоро гирди ӯй.
Хирагӯён, хирагирён, хираханд
Марду зан, хурду калон ҳайрон шуданд.
Шаҳр ҳам ҳамранги ӯ шуд ашкрез,
Марду зан дар ҳам шуда чун растхез.
Осмон мегуфт он дам бо замин:
«Гар қиёматро надидастӣ, бибин».
Ақл ҳайрон, ки чӣ ишқ асту чӣ ҳол?
То фироқи ӯ аҷабтар ё висол?
Чарх бархонда қиёматномаро,
То миҷарра бардарида ҷомаро.
Бо ду олам ишқро бегонагӣ,
Андар ӯ ҳафтоду ду девонагӣ.
Сахт пинҳон асту пайдо ҳайраташ,
Ҷони султонони ҷон дар ҳасраташ.
Ғайри ҳафтоду ду миллат кеши ӯ,
Тахти шоҳон тахтабандӣ пеши ӯ.
Мутриби ишқ ин занад вақти самоъ:
«Бандагӣ банду худовандий судоъ».
Пас, чӣ бошад ишқ? Дарёи адам,
Даршикаста ақлро он ҷо қадам.
Бандагию салтанат маълум шуд,
З-ин ду парда ошиқӣ мактум шуд.
Кошкӣ ҳастӣ забоне доштӣ,
То зи ҳастон пардаҳо бардоштӣ.
Ҳар чӣ гӯйӣ, эй дами ҳастӣ аз он,
Пардаи дигар бар ӯ бастӣ, бидон.
Офати идрок он қол асту ҳол,
Хун ба хун шустан муҳол асту муҳол.
Ман чу бо савдоиёнаш маҳрамам,
Рӯзу шаб андар қафас дармедамам.
Сахт масту бехуду ошуфтаӣ,
Дӯш, эй ҷон, бар чӣ паҳлӯ хуфтаӣ?
Ҳону ҳон! Ҳуш дор, барн-орӣ даме,
Аввало барҷаҳ, талаб кун маҳраме.
Ошиқу мастию бигшодазабон,
Аллаҳ, Аллаҳ, уштурӣ бар новдон.

Чун зи розу нози ӯ гӯяд забон,
«Ё ҷамила-с-ситр» хонад осмон.
Ситри чӣ? Дар пашму пунба озар аст,
То ҳамепӯшиш, ӯ пайдотар аст.
Чун бикӯшам, то сираш пинҳон кунам,
Сар барорад чун алам, к-инак манам.
Рағми унфам, гирадам ӯ ҳар ду гӯш,
К-эй мудаммағ, чун-ш мепӯшӣ? Бипӯш.
Гӯямаш: «Рав, гарчи барҷӯшидаӣ,
Ҳамчу ҷон пайдоию пӯшидаӣ».
Гӯяд ӯ: «Маҳбуси хунб аст ин танам,
Чун май андар базм хунбак мезанам».
Гӯямаш: «З-он пеш, ки гардӣ гарав,
То наёяд офати мастӣ, бирав».
Гӯяд: «Аз ҷоми латифошом ман
Ёри рӯзам то намози шом ман.
Чун биёяд шому дуздад ҷоми ман,
Гӯямаш: Водеҳ, ки н-омад шоми ман».
З-он араб бинҳод номи май мудом,
З-он ки серӣ нест майхурро мудом.
Ишқ ҷӯшад бодаи таҳқиқро,
Ӯ бувад соқӣ ниҳон сиддиқро.
Чун биҷӯйӣ ту ба тавфиқи ҳасан,
Бода оби ҷон бувад, ибриқ тан.
Чун бияфзояд майи тавфиқро,
Қуввати май бишканад ибриқро.
Об гардад соқию ҳам маст об,
Чун магӯ, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Партави соқист, к-андар шира рафт,
Шира барҷӯшиду рақсон гашту зафт.
Андар ин маънӣ бипурс он хираро,
Ки чунин кай дида будӣ шираро?
Бетафаккур пеши ҳар done ҳаст,
Он ки бо шӯрида шӯрonanда ҳаст.

## Ҳикояти ошиқе, дарозҳиҷроне, бисёримтиҳоне

Як ҷавоне бар зане маҷнун будаст,
Менадодаш рӯзгори васл даст.
Бас шиканҷа кард ишқаш бар замин,
Худ чаро дорад зи аввал ишқ кин?
Ишқ аз аввал чаро хунӣ бувад?
То гурезад, он ки берунӣ бувад.
Чун фиристодӣ расуле пеши зан,
Он расул аз рашк гаштӣ роҳзан.

В-ар ба сӯйи зан набиштӣ котибаш,
Номаро таҳсиф хондӣ ноибаш.
В-ар саборо пайк кардӣ дар вафо,
Аз ғуборе тира гаштӣ он сабо.
Руқъа гар бар парри мурғе дӯхтӣ,
Парри мурғ аз таффи руқъа сӯхтӣ.
Роҳҳои чораро ғайрат бибаст,
Лашкари андешаро роят шикаст.
Буд аввал мӯниси ғам интизор,
Охираш бишкаст, кӣ? Ҳам интизор!
Гоҳ гуфтӣ, к-ин балои бедавост,
Гоҳ гуфтӣ: «На! Ҳаёти ҷони мост».
Гоҳ ҳастӣ з-ӯ баровардӣ саре,
Гоҳ ӯ аз нестӣ хӯрдӣ баре.
Чунки бар вай сард гаштӣ ин ниҳод,
Ҷӯш кардӣ гармчашмай иттиҳод.
Чунки бо бебаргии ғурбат бисохт,
Барги бебаргӣ ба сӯйи ӯ битохт.
Хӯшаҳои фикраташ бекоҳ шуд,
Шабравонро раҳнамо чун моҳ шуд.
Эй басо тӯтии гӯёи хамуш,
Эй басо ширинравони рӯтуруш.
Рав ба гӯристон, даме хомуш нишин,
Он хамӯшони сухангӯро бибин.
Лек агар якранг бинӣ хокашон,
Нест яксон ҳолати чолокашон.
Шаҳму лаҳми зиндагон яксон бувад,
Он яке ғамгин, дигар шодон бувад.
Ту чӣ донӣ, то нанушӣ қолашон?
З-он, ки пинҳон аст бар ту ҳолашон.
Бишнавӣ аз қол ҳоюҳуйро,
Кай бибинӣ ҳолати садтӯйро?
Нақши мо яксон, ба зидҳо муттасиф,
Хок ҳам яксон, равоншон мухталиф.
Ҳамчунин яксон бувад овозҳо,
Ин яке пурдарду он пурнозҳо.
Бонги асбон бишнавӣ андар масоф,
Бонги мурғон бишнавӣ андар тавоф.
Он яке аз ҳиқду дигар з-иртибот,
Он яке аз ранҷу дигар аз нишот.
Ҳар кӣ дур аз ҳолати эшон бувад,
Пешаш он овозҳо яксон бувад.
Он дарахте ҷунбад аз захми табар,
В-он дарахти дигар аз боди саҳар.
Бас ғалат гаштам зи деги мурдарег,
З-он ки сарпӯшида меҷӯшид дег.

Ҷӯшу нӯши ҳар касат гӯяд, биё,
Ҷӯши сидқу ҷӯши тазвиру риё.
Гар надорӣ бӯ зи ҷони рӯшинос,
Рав, димоғе даст овар бӯшинос.
Он димоғе, ки бар он гулшан танад,
Чашми яъқубон ҳам ӯ равшан кунад.
Ҳин, бигӯ аҳволи он хастаҷигар,
К-аз Бухорӣ дур мондем, эй писар!

## Ёфтани ошиқ маъшуқро ва баёни он ки ҷӯянда ёбанда бувад, ки «фаман яъмал мисқола зарратин, хайран ярaҳ»

К-он ҷавон дар ҷустуҷӯ буд ҳафт сол,
Аз хаёли васл гашта чун хаёл.
Сояи Ҳақ бар сари банда бувад,
Оқибат ҷӯянда ёбанда бувад.
Гуфт пайғамбар, ки чун кӯбӣ даре,
Оқибат з-он дар бурун ояд саре.
Чун нишинӣ бар сари кӯйи касе,
Оқибат бинӣ ту ҳам рӯйи касе.
Чун зи чоҳе меканӣ ҳар рӯз хок,
Оқибат андаррасӣ дар оби пок.
Ҷумла донанд ин, агар ту награвӣ,
Ҳар чӣ мекориш, рӯзе бидравӣ.
Санг бар оҳан задӣ, оташ наҷаст,
Ин набошад в-ар бибошад, нодир аст.
Он ки рӯзӣ несташ бахту наҷот,
Нангарад ақлаш, магар дар нодирот,
К-он фалон кас кишт карду барнадошт
В-он садаф бурду садаф гавҳар надошт.
Балъами Боъуру Иблиси лаъин,
Суд н-омадшон ибодатҳову дин.
Сад ҳазорон анбиёву раҳравон
Н-ояд андар хотири он бадгумон.
Ин дуро гирад, ки торикӣ диҳад
Дар дилаш идбор ҷуз ин кай ниҳад?
Бас касо, ки нон хурад дилшод ӯ,
Марги ӯ гардад, бигирад дар гулӯ.
Пас ту, эй идбор, рав, ҳам нон мах(в)ар,
То наяфтӣ ҳамчу ӯ дар шӯру шар.
Сад ҳазорон халқ нонҳо мех(в)аранд,
Зӯр меёбанду ҷон мепарваранд.
Ту бад-он нодир куҷо афтодаӣ,
Гар на маҳрумию аблаҳзодаӣ.
Ин ҷаҳон пурофтобу нури моҳ
Ӯ бихишта, сар фурӯ бурда ба чоҳ,

Ки агар Ҳаққ аст, пас ку равшанӣ?
Сар зи чаҳ бардору бингар, эй данӣ!
Ҷумла олам, Шарқу Ғарб он нур ёфт,
То ту дар чоҳӣ, нахоҳад бар ту тофт.
Чаҳ раҳо кун, рав ба Юнону Курум,
Кам ситез ин ҷо, бидон к-«аллаҷҷу» шум.
Ҳин, магӯ, к-инак фалонӣ кишт кард,
Дар фалон соле, малах kишташ бих(в)ард.
Пас, чаро корам, ки ин ҷо хавф ҳаст,
Ман чаро афшонам ин гандум зи даст?
В-он, ки ӯ нагзошт киштукорро,
Пур кунад кӯрии ту анборро.
Чун даре мекӯфт ӯ аз салвате,
Оқибат дарёфт рӯзи хилвате.
Ҷаст аз бими асас шаб ӯ ба боғ,
Ёри худро ёфт чун шамъу чароғ.
Гуфт созандай сабабро он нафас:
«Эй Худо! Ту раҳмате кун бар асас.
Ношиносо ту сабабҳо кардаӣ,
Аз дари дӯзах биҳиштам бурдаӣ.
Баҳри он кардӣ сабаб ин корро,
То надорам хор ман як хорро».
Дар шикасти пой бахшад Ҳақ паре,
Ҳам зи қаъри чоҳ бигшояд даре.
Ту мабин, ки бар дарахтӣ ё ба чоҳ,
Ту маро бин, ки манам мифтоҳи роҳ.
Гар ту хоҳӣ боқии ин гуфтугӯ,
Эй ахӣ, дар дафтари чорум биҷӯ!

**МАСНАВӢ**

# ДАФТАРИ ЧАҲОРУМ

# МУҚАДДИМАИ ДАФТАРИ ЧАҲОРУМ

Аз-заъну-р-робиъ ило аҳсани-л-маробиъ ва аҷалли-л-манофиъ; тасурру қулубу-л-ъорифина би мутолаъатиҳи ка сурури-р-риёзи би-с-савби-л-ғамом ва унси-л-ъуюни би тиби-л-манон; фиҳи-ртиёҳу-л-арвоҳи ва шифоу-л-ашбоҳи; ва ҳува камо яштаҳиҳи-л-мухлисуна ва яҳвунаҳу; ва ятлубуҳу-с-соликуна ва ятаманнавнаҳу; ли-л-ъуюни қурратун ва ли-н-нуфуси масарратун; атябу-с-симори ли мани-ҷтано ва аҷаллу-л-муродоти ва-л-муно; мусилу-л-ъалили ило табибиҳи; ва ҳоди̅-л-муҳибби ило ҳабибиҳи; ва ҳува би ҳамди-л-Лоҳи мин аъзами-л-мавоҳиби; ва анфусу-р-рағоиби; муҷаддиду ъаҳди-л-улфати; мусаҳҳилу ъусри асҳоби-л-кулфати; язиду-н-назару фиҳи асафан ли ман баъуда ва сururан ва шукран ли ман саъида; тазаммана садруҳу мо лам ятазамман судуру-л-ғониёти мина-л-ҳулали, ҷазоан ли аҳли-л-ъилми ва-л-ъамали; ва ҳува ка бадрин талаъа ва ҷаддин раҷаъа; зоидун ъало таъмили-л-омилина, роидун ли равди-л-ъомилина; ярфаъу-л-амала баъда-нхифозиҳи; ва ябсуту-р-раҷоа баъда-нқибозиҳи; ка шамсин ашрақат мин байни ғамомин тафарралат; нурун ли асҳобино ва канзун ли аъқобино ва насъалу-л-Лоҳа-т-тавфиқа ли шукриҳи; фа инна-ш-шукра қайдун ли-л-ъатид ва сайдун ли-л-мазид ва ло якуну илло мо юрид.

*Ва миммо шаҷони̅ аннани̅ кунту ноиман*
*Уъаллилу мин бардин би тиби-т-танассуми*
*Ило ан даъан варқоу фи̅ ғусни айкатин*
*Тугарриду мабкоҳо би ҳусни-т-тараннуми*
*Фа лав қабла мабкоҳо бакайту сабобатан*
*Ли суъдо шафайту-н-нафса қабла-т-танаддуми*
*Валокин бакат қабли̅ фа ҳайяҷа ли̅-л-буко*
*Букоҳо фа қулту-л-фазлу ли-л-мутақаддими.*

Раҳима-л-Лоҳу мутақаддимина ва-л-мутааххирина ва-л-мунҷизина ва-л-мутанаҷҷизина би фазлиҳи ва карамиҳи ва ҷазиҳи олоиҳи ва ниъамиҳи ва ҳува хайру масъулин ва акраму маъмулин. Ва-л-Лоҳу хайрун ҳофизан ва ҳува арҳаму-р-роҳимина ва хайру-л-муънисина ва хайру-л-ворисина ва хайру мухлифин розиқин ли-л-муънисина ва хайру-л-ворисина ва хайру мухлифин розиқин ли-л-ъобидина-з-зориъина-л-ҳорисина; ва салла-л-Лоҳу ъало Муҳаммадин ва олиҳи-л-

акрамина ва ъало ҷамиъи-л-анбиёи ва-л-мурсалина. Омин, ё рабба-л-ъоламин.

## ТАРҶУМАИ МУҚАДДИМАИ ДАФТАРИ ЧАҲОРУМ

Ин дафтар чаҳорумин сафар ба сӯйи беҳтарин манзилгоҳҳо ва бартарин фоидаҳост. Дилҳои огоҳон аз хонданаш шод мешавад, ҳамчун шодии боғҳо аз овози абрҳо ва ҳамчун унси чашмҳо ба покии хоб. Дар он нишоти рӯҳҳо ва дармони ҷисмҳост ва чунон аст, ки покдилон бад-он майлу ҳаво доранд ва раҳравон онро меҷӯянд ва орзу мекунанд. Барои чашмҳо оромишу таскин аст ва барои равонҳо шодӣ. Покизатарини меваҳост барои касе, ки бичинад ва дар он бузургтарин орзуҳо ва хостҳоро метавон ёфт. Беморро ба дармонгари дардҳояш мерасонад ва ошиқро ба маҳбубаш роҳ менамояд ва ситойиш Худойро, ки ин худ аз бузургтарин мавҳибатҳо ва гаронбаҳотарин ҳадяҳост. Ин китоб навкунандаи паймони муҳаббат ва осонкунандаи душвории гирифторон аст. Нигаристан дар он барои онҳо, ки аз роҳи Ҳақ дуранд, ғамафзост ва барои онҳо, ки саодати роҳи Ҳақро ёфтаанд, шодию шукргузоришонро меафзояд. Дар синаи ин китоб гавҳарҳоест, ки бар синаҳои занони хушовоз наметавон дид, подошест барои онҳо, ки дониши илоҳӣ доранд ва дар кори Худоянд ва ҳамчун моҳи тамомест баромада ва чун бахте, ки бозомада. Бар умеду орзумандии Ҳақҷӯён меафзояд ва дар онҳо, ки аҳли амал дар роҳи Ҳақҳанд, ҷӯёӣ ва талабро бештар мекунад. Ҳангоме ки ҷӯёии банда фурӯкаш кунад, онро бармекашад ва агар умеди ӯ дучори тангию дарҳамрафтагӣ шавад, онро мегушояд, монанди хуршеде, ки чун абрҳо пароканда шаванд, аз миёни онҳо медурахшад. Нурест барои ёрони мо ва ганҷест барои ояндагон ва фарзандони мо ва аз Худо металабем, ки моро ба шукри он тавфиқ диҳад ва ростӣ шукр, он чиро ба даст омада, чун қайд нигаҳ медорад ва мӯҷиби афзунии он мешавад ва он ҳам ҷуз он ки Парвардгор ирода мекунад, нахоҳад буд.

Ва аз ҳамаи он чи маро ошиқу шайдо кард, яке ин буд, ки дар хоб будам ва сардии вазиши покизаи насим маро аз ғам бадар овард, он гоҳ кабӯтаре аз миёни шохаҳои анбӯҳ овоз дод, ки нолаи худро бо таҳрире хушоянд қу-қу мекард ва агар пеш аз гиристани ӯ ман аз шӯри ишқи «суъдӣ» мегиристам, рӯҳи худро пеш аз он ки пушаймон шавам, дармон мекардам, аммо ӯ пеш аз ман шеван кард ва шеванаш маро ҳам ба нолидан барангехт,

пас гуфтам, ки бартарӣ аз он касест, ки пештар даст ба ин кор задааст.

Парвардгор ба онҳо, ки даргузаштаанд ва онҳо, ки дар ин рӯзгоранд ва онҳо, ки паймони Худоро вафо кардаанд ва онҳо, ки дар роҳи он ҳастанд, раҳмат кунад ба фазлу карами худ ва ба алтофу неъматҳояш ва ӯ беҳтарин касест, ки аз ӯ метавон талаб кард ва бузургвортарин касест, ки орзуро ба ӯ метавон гуфт «ва Парвардгор беҳтарин нигаҳбон аст ва нармдилтарини раҳматкунандагон» ва беҳтарини дӯстон аст ва беҳтарини бозмондагон аст ва ӯ беҳтарин ҷойгузиникунанда аст, рӯзидиҳандаи бандагонест, ки барои охират киштукор мекунанд ва дуруди Худо бар сарвари мо Муҳаммад ва хонадони бузургвораш ва бар ҳамаи паёмбарон ва фиристодагон. Бипазир, эй Парвардгори ҷаҳониён!

Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддин, туӣ
Ки гузашт аз маҳ ба нурат «Маснавӣ».
Ҳиммати олии ту, эй муртаҷо,
Мекашад инро, Худо донад, куҷо.
Гардани ин «Маснавӣ»-ро бастаӣ,
Мекашӣ он сӯй, ки донистаӣ.
Маснавипӯён кашанда нопадид,
Нопадид аз ҷоҳиле, к-иш нест дид.
Маснавиро чун ту мабдаъ будаӣ,
Гар фузун гардад, туаш афзудаӣ.
Чун чунин хоҳӣ, Худо хоҳад чунин,
Медиҳад Ҳақ орзуи муттақин.
«Кона лиллаҳ» будаӣ дар момазо,
То ки «коналлоҳ» пеш омад ҷазо.
«Маснавӣ» аз ту ҳазорон шукр дошт,
Дар дуъову шукр кафҳо барфарошт.
Дар лабу каффаш Худо шукри ту дид,
Фазл карду лутф фармуду мазид.
З-он ки шокирро зиёдат ваъда аст,
Ончунон ки қурб музди саҷда аст.
Гуфт: «в-асҷуд в-ақтариб» Яздони мо,
Қурби ҷон шуд саҷдаи абдони мо.
Гар зиёдат мешавад, з-ин рӯ бувад,
Н-аз барои бавшу ҳою ҳу бувад.
Бо ту мо, чун зар ба тобистон х(в)ашем,
Ҳукм дорӣ, ҳин бикаш, то мекашем.

Хуш бикаш ин корвонро то ба ҳаҷ,
Эй амири «сабру мифтоҳу-л-фараҷ».
Ҳаҷ зиёрат кардани хона бувад,
Ҳаҷҷи раббулбайт мардона бувад.
З-он «зиё» гуфтам, Ҳусомуддин, туро,
Ки ту хуршедию ин ду васфҳо,
К-ин ҳусому ин зиё яккест, ҳин,
Теғи хуршед аз зиё бошад яқин.
Нур аз они моҳ бошад в-ин зиё
Они хуршед, ин фурӯ хон аз Нубо.
Шамсро Қуръон зиё хонд, эй падар
В-он қамарро нур хонд, инро нигар.
Шамс чун олитар омад худ зи моҳ,
Пас, зиё аз нур афзун дон ба ҷоҳ.
Бас кас андар нури маҳ манҳаҷ надид,
Чун баромад офтоб, он шуд падид.
Офтоб аъвозро комил намуд,
Лоҷарам бозорҳо дар рӯз буд.
То ки қалбу нақд некояд падид,
То бувад аз ғабну аз ҳила баъид.
То ки нураш комил омад дар замин,
Тоҷиронро «раҳматан лил-оламин».
Лек бар қаллоб мабғуз асту сахт,
З-он к-аз ӯ шуд косид ӯро нақду рахт.
Пас, адувви ҷони сарроф аст қалб,
Душмани дарвеш кӣ бвад ғайри калб?
Анбиё бо душманон барметананд,
Пас малойик «рабби саллим» мезананд,
К-ин чароғеро, ки ҳаст ӯ нури кор,
Аз пуфу дамҳои дуздон дур дор.
Дузду қаллоб аст хасми нур бас,
З-ин ду, эй фарёдрас, фарёд рас!
Равшанӣ бар дафтари чорум бирез,
К-офтоб аз чархи чорум карда хез.
Ҳин, зи чорум нур деҳ хуршедвор,
То битобад бар билоду бар диёр.
Ҳар, к-иш афсона бихонд, афсона аст
В-он ки дидаш нақд, худ мардона аст.
Оби Нил асту ба қибтӣ хун намуд,
Қавми Мӯсоро на хун буд, об буд.

Душмани ин ҳарф ин дам дар назар
Шуд мумассал сарнигун андар сақар.
Эй Зиёулҳақ, ту дидӣ ҳоли ӯ,
Ҳақ намудат посухи афъоли ӯ.
Дидаи ғайбат чу ғайб аст, устод,
Кам мабодо з-ин ҷаҳон ин диду дод.
Ин ҳикоятро, ки нақди вақти мост,
Гар тамомаш мекунӣ ин ҷо, равост.
Нокасонро тарк кун баҳри касон,
Қиссаро поён бару махлас расон.
Ин ҳикоят гар нашуд он ҷо тамом,
Чорумин ҷилд аст, ораш дар низом.

## Тамомии ҳикояти он ошиқ, ки аз асас гурехт дар боғе маҷҳул, худ маъшуқро дар боғ ёфт ва асасро аз шодӣ дуъои хайр мекард ва мегуфт, ки «асо ан такраҳу шайъан ва ҳува хайрун лакум»

Андар он будем, к-он шахс аз асас
Ронд андар боғ аз хавфе фарас.
Буд андар боғ он соҳибҷамол,
К-аз ғамаш ин дар ано буд ҳашт сол.
Сояи ӯро набуд имкони дид,
Ҳамчу анқо васфи ӯро мешунид.
Ҷуз яке луқя, ки аввал аз қазо
Бар вай афтоду шуд ӯро дилрабо.
Баъд аз он чандон ки мекӯшид ӯ,
Худ маҷолаш менадод он тундхӯ.
На ба лоба чора будаш, на ба мол,
Чашмпурру бетамаъ буд он ниҳол.
Ошиқи ҳар пешаеву матлабе,
Ҳақ биёлуд аввали кораш лабе.
Чун бад-он осеб дар ҷуст омаданд,
Пеши пошон мениҳад ҳар рӯз банд.
Чун дарафгандаш ба ҷустуҷӯйи кор,
Баъд аз он дар баст, ки кобин биёр!
Ҳам бар он бӯ метананду меравand,
Ҳар даме роҷию оис мешаванд.
Ҳар касеро ҳаст уммеди баре,
Ки гушодандаш дар он рӯзе даре.

Боз дар бастандашу он дарпараст
Бар ҳамон уммед оташпо шудаст.
Чун даромад хуш дар он боғ он ҷавон,
Худ фурӯ шуд по ба ганҷаш ногаҳон.
Мар асасро сохта Яздон сабаб,
То зи бими ӯ давад дар боғ шаб.
Бинад он маъшуқаро ӯ бо чароғ,
Толиби ангуштарӣ дар ҷӯйи боғ.
Пас қарин мекард аз завқ он нафас
Бо санои Ҳақ дуъои он асас,
Ки зиён кардам асасро аз гурез,
Бист чандон симу зар бар вай бирез.
Аз авонӣ мар варо озод кун,
Ончунон ки шодам, ӯро шод кун.
Саъд дораш ин ҷаҳону он ҷаҳон,
Аз авонию сагияш вораҳон.
Гарчи хӯйи он авон ҳаст, эй Худо,
Ки ҳамора халқро хоҳад бало.
Гар хабар ояд, ки шаҳ ҷурме ниҳод,
Бар мусулмонон шавад ӯ зафту шод.
В-ар хабар ояд, ки шаҳ раҳмат намуд,
Аз мусулмонон фиганд онро ба худ.
Мотаме дар ҷони ӯ афтад аз он,
Сад чунин идборҳо дорад авон.
Ӯ авонро дар дуъо дармекашид,
К-аз авон ӯро чунон роҳат расид.
Бар ҳама заҳру бар ӯ тарёқ буд,
Он авон пайванди он муштоқ буд.
Пас, бади мутлақ набошад дар ҷаҳон,
Бад ба нисбат бошад, инро ҳам бидон.
Дар замона ҳеч заҳру қанд нест,
Ки якеро по, дигарро банд нест.
Мар якеро по, дигарро пойбанд,
Мар якеро заҳру бар дигар чу қанд.
Заҳри мор он морро бошад ҳаёт,
Нисбаташ бо одамӣ бошад мамот.
Халқи обиро бувад дарё чу боғ,
Халқи хокиро бувад он маргу доғ.
Ҳамчунин бармешумар, эй марди кор,
Нисбати ин аз яке кас то ҳазор.

Зайд андар ҳаққи он шайтон бувад,
Дар ҳақи шахсе дигар султон бувад.
Он бигӯяд: «Зайд сиддиқи санист»,
В-ин бигӯяд: «Зайд габри куштанист».
Зайд як зот аст, бар он як ҷунон,
Ӯ бар ин дигар ҳама ранҷу зиён.
Гар ту хоҳӣ, к-ӯ туро бошад шакар,
Пас, варо аз чашми ушшоқаш нигар.
Мангар аз чашми худат он хубро,
Бин ба чашми толибон матлубро.
Чашми худ барбанд з-он хушчашм ту,
Орият кун чашм аз ушшоқи ӯ.
Бал к-аз ӯ кун орият чашму назар,
Пас зи чашми ӯ ба рӯйи ӯ нигар,
То шавӣ эмин зи серию малол,
Гуфт: «Коналлоҳу лаҳ» з-ин зулҷалол.
Чашми ӯ ман бошаму дасту дилаш,
То раҳад аз мудбириҳо муқбилаш.
Ҳар чӣ макрӯҳ аст, чун шуд ӯ далел,
Сӯйи маҳбубат ҳабиб асту халил.

## Ҳикояти он воъиз, ки ҳар оғози тазкир дуъои золимону сахтдилон ва беэътиқодон кардӣ

Он яке воъиз чу бар тахт омадӣ,
Қотеъони роҳро доъӣ шудӣ.
Даст бармедошт: «Ё раб, раҳм рон
Бар бадону муфсидону золимон.
Бар ҳама тасхаркунони аҳли хайр,
Бар ҳама кофирдилону аҳли дайр».
Менакардӣ ӯ дуъо бар асфиё,
Менакардӣ ҷуз хабисонро дуъо.
Мар варо гуфтанд, к-ин маъҳуд нест,
Даъвати аҳли залолат ҷуд нест.
Гуфт: «Некӯйӣ аз инҳо дидаам,
Ман дуъошон з-ин сабаб бигзидаам.
Хубсу зулму ҷавр чандон сохтанд,
Ки маро аз шар ба хайр андохтанд.
Ҳар гаҳе, ки рӯ ба дунё кардаме,
Ман аз эшон захму зарбат х(в)ардаме.

Кардаме аз захм он ҷониб панох̣,
Боз овардандаме гургон ба роҳ,
Чун сабабсози салоҳи ман шуданд,
Пас, дуъошон бар ман аст, эй ҳушманд».
Банда менолад ба Ҳақҳ аз дарду неш,
Сад шикоят мекунад аз ранҷи хеш.
Ҳақ ҳамегӯяд, ки охир ранҷу дард
Мар туро лобакунону рост кард.
Ин гила з-он неъмате кун, к-ит занад,
Аз дари мо дуру матрудат кунад.
Дар ҳақиқат ҳар адӯ доруйи туст,
Кимиёву нофеъу дилҷӯйи туст,
Ки аз ӯ андаргурезӣ дар хало,
Истиъонат ҷӯйӣ аз лутфи Худо.
Дар ҳақиқат дӯстонат душманонд,
Ки зи ҳазрат дуру машғулат кунанд.
Ҳаст ҳайвоне, ки номаш ушғур аст,
Ӯ ба захми чӯб зафту ламтур аст.
То ки чӯбаш мезанӣ, беҳ мешавад,
Ӯ зи захми чӯб фарбеҳ мешавад.
Нафси муъмин ушғуре омад яқин,
К-ӯ ба захми ранҷ зафт асту самин.
З-ин сабаб бар анбиё ранҷу шикаст
Аз ҳама халқи ҷаҳон афзунтар аст.
То зи ҷонҳо ҷонашон шуд зафттар,
Ки надиданд он бало қавми дигар.
Пӯст аз дору балокаш мешавад,
Чун адими тоифӣ х(в)аш мешавад.
В-арна талху тез молидӣ дар ӯ,
Ганда гаштӣ, нохушу нопокбӯ.
Одамиро пӯсти номадбуғ дон,
Аз рутубатҳо шуда зишту гарон.
Талху тезу молиши бисёр деҳ,
То шавад поку латифу бофареҳ.
В-ар наметонӣ ризо деҳ, эй аёр,
Гар Худо ранҷат диҳад беихтиёр,
Ки балои дӯст татҳири шумост,
Илми ӯ болои тадбири шумост.
Чун сафо бинад, бало ширин шавад,
Хуш шавад дору, чу сиҳҳатбин шавад.

Бурд бинад хешро дар айни мот,
Пас бигӯяд: «Уқтулунӣ ё сиқот».
Ин авон дар ҳаққи ғайре суд шуд,
Лек андар ҳаққи худ мардуд шуд.
Раҳми имонӣ аз ӯ бибрида шуд,
Кини шайтонӣ бар ӯ печида шуд.
Коргоҳи хашм гашту кинварӣ,
Кина дон асли залолу кофирӣ.

## Суол кардан аз Исо, алайҳиссалом, ки дар вуҷуд аз ҳамаи саъбҳо саъбтар чист?

Гуфт Исоро яке ҳушёрсар:
«Чист дар ҳастӣ зи ҷумла саъбтар?»
Гуфт: «Эй ҷон, саъбтар хашми Худо,
Ки аз он дӯзах ҳамеларзад чу мо».
Гуфт: «Аз ин хашми Худо чӣ бвад амон?»
Гуфт: «Тарки хашми хеш андар замон».
Пас авон, ки маъдани ин хашм гашт,
Хашми зишташ аз сабуъ ҳам даргузашт.
Чӣ умедасташ ба раҳмат? Ҷуз магар
Бозгардад з-он сифат он беҳунар.
Гарчи оламро аз эшон чора нест,
Ин сухан андар залол афганданист.
Чора набвад ҳам ҷаҳонро аз чамин,
Лек набвад он чамин моъи маъин.

## Қасди хиёнат кардани ошиқ ва бонг барзадани маъшуқ бар вай

Чунки танҳояш бидид он содамард,
Зуд ӯ қасди канору бӯса кард.
Бонг бар вай зад ба ҳайбат он нигор,
Ки марав густох, адабро ҳуш дор.
Гуфт: «Охир, хилват асту халқ не,
Об ҳозир, ташнаи ҳамчун мане.
Кас намеҷунбад дар ин ҷо, ҷуз ки бод,
Кист ҳозир? Кист монеъ з-ин гушод?»
Гуфт: «Эй шайдо! Ту аблаҳ будаӣ,
Аблаҳӣ в-аз оқилон нашнудаӣ.

Бодро дидӣ, ки меҷунбад, бидон,
Бодҷунбонест ин ҷо бодрон.
Мирваҳай тасрифи сунъи Эзадаш
Зад бар ин боду ҳамеҷунбонадаш.
Ҷузви боде, к-ӯ ба ҳукми мо дар аст,
Бодбезан, то наҷубнонӣ, наҷаст.
Ҷунбиши ин ҷузви бод, эй содамард,
Бе туву бе бодбезан сар накард.
Ҷунбиши боди нафас, к-андар лаб аст,
Тобеъи тасрифи ҷону қолаб аст.
Гоҳ дамро мадҳу пайғоме кунӣ,
Гоҳ дамро ҳаҷву дашноме кунӣ.
Пас, бидон аҳволи дигар бодҳо,
Ки зи ҷузве кулл мебинад нуҳо.
Бодро Ҳақ гаҳ баҳорӣ мекунад,
Дар дайаш з-ин лутф орӣ мекунад.
Бар гурӯҳи Од сарсар мекунад,
Боз бар Ҳудаш муаттар мекунад.
Мекунад як бодро заҳри самум,
Мар сaборо мекунад хуррамқудум.
Боди дамро бар ту бинҳод ӯ асос,
То кунӣ ҳар бодро бар вай қиёс.
Дам намегардад сухан белутфу қаҳр,
Бар гурӯҳе шаҳду бар қавмест заҳр.
Мирваҳай ҷунбон пайи инъоми кас
В-аз барои қаҳри ҳар пашша-в магас.
Мирваҳай тақдири раббонӣ чаро,
Пур набошад з-имтиҳону ибтило?
Чунки ҷузви боди дам ё мирваҳа
Нест илло мафсада ё маслаҳа.
Ин шамолу ин сабову ин дабур
Кай бувад аз лутфу аз инъом дур?
Як кафи гандум зи анборе бибин,
Фаҳм кун, к-он ҷумла бошад ҳамчунин.
Кулли бод аз бурҷи боди осмон
Кай ҷаҳад бар мирваҳай он бодрон?
Бар сари хирман ба вақти интиқод
На ки фаллоҳон зи Ҳақ ҷӯянд бод?
То ҷудо гардад зи гандум коҳҳо,
То ба анборе равад ё чоҳҳо.

Чун бимонад дер он боди вазон,
Ҷумларо бинӣ ба Ҳақ лобакунон.
Ҳамчунин дар талқ он боди валод,
Гар наёяд, бонги дардояд, ки дод!
Гар намедонанд, к-иш рონанда ӯст,
Бодро пас кардани зорӣ чӣ хӯст?
Аҳли киштӣ ҳамчунин ҷӯёи бод,
Ҷумла хоҳонаш аз он раббу-л-ибод.
Ҳамчунин дар дарди дандонҳо зи бод
Дафъ мехоҳӣ ба сӯзу эътиқод.
Аз Худо лобакунон он ҷундиён
Ки бидеҳ боди зафар, эй комрон!
Руқъаи таъвиз мехоҳанд низ,
Дар шиканҷай талқи зан аз ҳар азиз.
Пас ҳама донистаанд онро яқин,
Ки фиристад бод раббулоламин.
Пас, яқин дар ақли ҳар донанда ҳаст,
Ин ки бо ҷунбанда ҷунбонанда ҳаст.
Гар ту ӯро менабинӣ дар назар,
Фаҳм кун онро ба изҳори асар.
Тан ба ҷон ҷунбад, намебинӣ ту ҷон,
Лек аз ҷунбидани тан ҷон бидон».
Гуфт ӯ: «Гар аблаҳам ман дар адаб,
Зиракам андар вафову дар талаб».
Гуфт: «Адаб ин буд худ, ки дида шуд,
Он дигарро худ ҳамедонӣ ту луд».

## Қиссаи он сӯфӣ, ки зани худро бо бегона бигирифт

Сӯфие омад ба сӯйи хона рӯз,
Хона якдар буду зан бо кафшдӯз.
Ҷуфт гашта бо раҳии хеш зан
Андар он як ҳуҷра аз васвоси тан.
Чун бизад сӯфӣ ба ҷид дар чоштгоҳ,
Ҳар ду дармонданд, на ҳилат, на роҳ.
Ҳеч маъҳудаш набуд, к-ӯ он замон
Сӯйи хона бозгардад аз дукон.
Қосидан он рӯз бевақт он марӯъ,
Аз хаёле кард то хона руҷӯъ.

Эътимоди зан бар он, к-ӯ ҳеч бор
Ин замон фо хона н-омад ӯ зи кор.
Он қиёсаш рост н-омад аз қазо,
Гарчи саттор аст, ҳам бидҳад сазо.
Чунки бад кардӣ, битарс, омин мабош,
З-он ки тухм асту бирӯёнад Худош.
Чанд гоҳе ӯ бипӯшонад, ки то
Оядат з-он бад пушаймону ҳаё.
Аҳди Уммар, он амири муъминон
Дод дуздеро ба ҷаллоду авон.
Бонг зад он дузд, к-эй мири диёр,
Аввалин бор аст ҷурмам, зинҳор.
Гуфт Уммар: Ҳошалиллаҳ, ки Худо
Бори аввал қаҳр борад дар ҷазо.
Борҳо пӯшад пайи изҳори фазл,
Боз гирад аз пайи изҳори адл.
То ки ин ҳар ду сифат зоҳир шавад,
Он мубашшир гардад, ин мунзир шавад.
Борҳо зан низ ин бад карда буд,
Саҳл бигзашт ону саҳлаш менамуд.
Он намедонист ақли пойсуст,
Ки сабӯ доим зи ҷӯ н-ояд дуруст.
Ончунонаш танг овард он қазо,
Ки мунофикро кунад марги фуҷо.
На тариқу на рафиқу на амон,
Даст карда он фаришта сӯйи ҷон.
Ончунон к-ин зан дар он ҳуҷрай ҷафо,
Хушк шуд ӯву ҳарифаш з-ибтило.
Гуфт сӯфӣ бо дили худ, к-эй ду габр,
Аз шумо кина кашам, лекин ба сабр.
Лек нодониста орам ин нафас,
То ки ҳар гӯше нанушад ин ҷарас.
Аз шумо пинҳон кашад кина муҳиқќ
Андак-андак ҳамчу бемории диққ.
Марди диқ бошад чу ях ҳар лаҳза кам,
Лек пиндорад, ба ҳар дам беҳтарам.
Ҳамчу кафторе, ки мегирандаш, ӯ
Ғарраи он гуфт, к-ин гуфтор ку?
Ҳеч пинҳонхона он занро набуд,
Сумҷу даҳлезу раҳи боло набуд.

На танӯре, ки дар он пинҳон шавад,
Не ҷуволе, ки ҳиҷоби он шавад.
Ҳамчу арсай паҳни рӯйи растахез
На гаву на пушта, на ҷойи гурез.
Гуфт Яздон васфи ин ҷойи ҳараҷ:
Баҳри маҳшар «лотаро фиҳо иваҷ».

## Маъшуқро зери чодар пинҳон кардан ҷиҳати талбис ва бегона гуфтани зан, ки «инна кайда кунна азимун»

Чодари худро бар ӯ афганд зуд,
Мардро зан сохту дарро баргушуд.
Зери чодар мард расвову аён,
Сахт пайдо чун шутур бар нардбон.
Аз тааҷҷуб гуфт сӯфӣ: «Чист ин?
Ҳаргиз инро ман надидам, кист ин?»
Гуфт: «Хотунест аз аъёни шаҳр,
Мар варо аз молу иқбол аст баҳр.
Дар бибастам, то касе, бегонае
Дарнаёяд зуд нодононае».
Гуфт сӯфӣ: «Чисташ, ҳин, хидмате?
То барорам бе сипосу миннате».
Гуфт: «Майлаш хешию пайвастагист,
Нек хотунест, Ҳақ донад, ки кист.
Хост, духтарро бибинад зердаст,
Иттифоқан духтар андар мактаб аст.
Боз гуфт: «Ар орд бошад ё сабӯс,
Мекунам ӯро ба ҷону дил арӯс.
Як писар дорад, ки андар шаҳр нест,
Хубу зирак, чобуку максабкунест».
Гуфт сӯфӣ: «Мо фақиру зору кам,
Қавми хотун молдору муҳташам.
Кай бувад ин куфви эшон дар зиваҷ?
Як дар аз чӯбу даре дигар зи оҷ.
Куфв бояд ҳар ду ҷуфт андар никоҳ
В-арна танг ояд, намонад иртиёҳ».

## Гуфтани зан, ки ӯ дар банди ҷиҳоз нест, муроди ӯ ситру салоҳ аст ва ҷавоб гуфтани сӯфӣ инро сарпӯшида

Гуфт: «Гуфтам ман чунин узрею ӯ
Гуфт: На! Ман нестам асбобҷӯ.
Мо зи молу зар малулу тухмаем,
Мо ба ҳирсу ҷамъ на чун омаем.
Қасди мо ситр асту покию салоҳ,
Дар ду олам худ бад-он бошад фалоҳ».
Боз сӯфӣ узри дарвешӣ бигуфт
В-он мукаррар кард, то набвад ниҳуфт.
Гуфт зан: «Ман ҳам мукаррар кардаам,
Беҷиҳозиро муқаррар кардаам.
Эътиқоди ӯст росихтар зи кӯҳ,
Ки зи сад фақраш намеояд шикӯҳ.
Ӯ ҳамегӯяд: «Муродам иффат аст,
Аз шумо мақсуд сидқу ҳиммат аст».
Гуфт сӯфӣ: «Худ ҷиҳозу моли мо
Диду мебинад ҳувайдову хафо.
Хонаи танге, мақоми як тане,
Ки дар ӯ пинҳон намонад сӯзане.
Боз ситру покию зуҳду салоҳ
Ӯ зи мо беҳ донад андар интисоҳ.
Беҳ зи мо медонад ӯ аҳволи ситр
В-аз пасу пешу сару дунболи ситр.
Зоҳиран ӯ беҷиҳозу ходим аст
В-аз салоҳу ситр ӯ худ олим аст.
Шарҳи мастурӣ зи бобо шарт нест,
Чун бар ӯ пайдо чу рӯзи равшанест.
Ин ҳикоятро бад-он гуфтам, ки то
Лоф кам бофӣ, чу расво шуд хато».
Мар туро, эй ҳам ба даъвӣ мустазод,
Ин будастат иҷтиҳоду эътиқод.
Чун зани сӯфӣ ту хоин будаӣ,
Доми макр андар дағо бигшудаӣ,
Ки зи ҳар ношустарӯе, гапзане
Шарм дорӣ в-аз Худои хеш не.

## Ғараз аз самеъу басир гуфтан Худоро

Аз пайи он гуфт Ҳақ худро басир,
Ки бувад диди вайат ҳар дам назир.
Аз пайи он гуфт Ҳақ худро самеъ,
То бибандӣ лаб зи гуфтори шанеъ.
Аз пайи он гуфт Ҳақ худро алим,
То наяндешӣ фасоде ту зи бим.
Нест инҳо бар Худо исми алам,
Ки сияҳ «кофур» дорад ном ҳам.
Исм муштаққ асту авсофи қадим,
На мисоли иллати уло, сақим.
В-арна тасхар бошаду танзу даҳо,
Каррро «сомеъ», зариронро «зиё».
Ё алам бошад «ҳайи» номи вақеҳ,
Ё сиёҳи зиштро номи «сабеҳ».
Тифлаки навзодаро «ҳоҷӣ» лақаб,
Ё лақаб «ғозӣ» ниҳӣ баҳри насаб.
Гар бигӯянд ин лақабҳо дар мадеҳ,
То надорад он сифат, набвад саҳеҳ.
Тасхару танзе бувад он ё ҷунун,
Пок Ҳақ «ъаммо яқулу-з-золимун».
Ман ҳамедонистамат пеш аз висол,
Ки накӯрӯӣ, валекин бадхисол.
Ман ҳамедонистамат пеш аз лиқо,
К-аз ситеза росихӣ андар шиқо.
Чунки чашмам сурх бошад дар амаш,
Донамаш з-он дард, гар кам бинамаш.
Ту маро чун барра дидӣ бешубон,
Ту гумон бурдӣ, надорам посбон.
Ошиқон аз дард з-он нолидаанд,
Ки назар ноҷойгаҳ молидаанд.
Бешубон донистаанд он забйро,
Ройгон донистаанд он сабйро.
То зи ғамза тир омад бар ҷигар,
Ки манам ҳорис, газофа кам нигар.
Кай кам аз барра, кам аз бузғолаам,
Ки набошад ҳорис аз дунболаам.
Ҳорисе дорам, ки мулкаш месазад,
Донад ӯ боде, ки он бар ман вазад.

Сард буд он бод ё гарм, он алим,
Нест ғофил, нест ғоиб, эй сақим!
Нафси шаҳвонӣ зи Ҳақ карр асту кӯр,
Ман ба дил кӯрит медидам зи дур.
Ҳашт солат з-он напурсидам ба ҳеч,
Ки пурат дидам зи ҷаҳли печ-печ.
Худ чӣ пурсам, он ки ӯ бошад ба тун,
Ки ту чунӣ? Чун бувад ӯ сарнигун.

## Мисоли дунё чун гулхан ва тақво чун ҳаммом

Шаҳвати дунё мисоли гулхан аст,
Ки аз ӯ ҳаммоми тақво равшан аст.
Лек қисми муттақӣ з-ин тун сафост,
З-он ки дар гармоба асту дар нақост.
Ағниё монандаи саргинкашон
Баҳри оташ кардани гармобабон.
Андар эшон ҳирс бинҳода Худо,
То бувад гармоба гарму бонаво.
Тарки ин тун гӯю дар гармоба рон,
Тарки тунро айни он гармоба дон.
Ҳар кӣ дар тун аст, ӯ чун ходим аст,
Мар варо кӣ собир асту ҳозим аст.
Ҳар кӣ дар ҳаммом шуд, симои ӯ
Ҳаст пайдо бар рухи зебои ӯ.
Туниёнро низ симо ошкор
Аз либосу аз духону аз ғубор.
В-ар набинӣ рӯш, бӯяшро бигир,
Бӯ асо омад барои ҳар зарир.
В-ар надорӣ бӯ, дарораш дар сухун,
Аз ҳадиси нав бидон рози куҳун.
Пас бигӯяд туние соҳибзаҳаб:
«Бист салла чирк бурдам то ба шаб».
Ҳирси ту чун оташ аст андар ҷаҳон,
Боз карда ҳар забона сад даҳон.
Пеши ақл ин зар чу саргин нох(в)аш аст,
Гарчи чун саргин фурӯғи оташ аст.
Офтобе, ки дам аз оташ занад,
Чирки тарро лоиқи оташ кунад.

Офтоб он сангро ҳам кард зар,
То ба туни ҳирс афтад сад шарар.
Он ки гӯяд: «Мол гирд овардаам»,
Чист? Яъне: «Чирк чандин бурдаам».
Ин сухан гарчи ки расвоифизост,
Дар миёни туниён з-ин фахрҳост,
Ки ту шаш салла кашидӣ то ба шаб,
Ман кашидам бист салла бе караб.
Он ки дар тун зод, покиро надид,
Бӯйи мушк орад бар ӯ ранҷе падид.

## Қиссаи он даббоғ, ки дар бозори атторон аз бӯйи атру мушк беҳушу ранҷур шуд

Он яке афтод беҳушу хамид,
Чунки дар бозори атторон расид.
Бӯйи атраш зад зи атторони род,
То бигардидаш сару бар ҷо фитод.
Ҳамчу мурдор уфтод ӯ бехабар
Нимрӯз, андар миёни раҳгузар.
Ҷамъ омад халқ бар вай он замон,
Ҷумлагон лоҳавлгӯ, дармонкунон.
Он яке каф бар дили ӯ мебиронд,
В-аз гулоб он дигаре бар вай фишонд.
Ӯ намедонист, к-андар мартаъа
Аз гулоб омад варо он воқиъа.
Он яке дасташ ҳамемолиду сар
В-он дигар каҳгил ҳамеовард тар.
Он бухури уду шаккар зад ба ҳам
В-он дигар аз пӯшишаш мекард кам.
В-он дигар набзаш, ки то чун меҷаҳад
В-он дигар бӯй аз даҳонаш меситад,
То ки май хӯрдаст ё бангу ҳашиш?
Халқ дармонданд андар беҳушиш.
Пас хабар бурданд хешонро шитоб,
Ки фалон афтодааст он ҷо хароб.
Кас намедонад, ки чун масрӯъ гашт?
Ё чӣ шуд, к-ӯро фитод аз бом ташт?
Як бародар дошт он даббоғи зафт
Гурбузу доно, биёмад зуд тафт.

Андаке саргини саг дар остин,
Халқро бишкофт в-омад бо ҳанин.
Гуфт: «Ман ранҷаш ҳамедонам, зи чист?»
Чун сабаб донӣ, даво кардан ҷалист.
Чун сабаб маълум набвад, мушкил аст,
Доруи ранҷу дар он сад маҳмил аст.
Чун бидонистӣ сабабро, саҳл шуд,
Дониши асбоб дафъи ҷаҳл шуд».
Гуфт бо худ: «Ҳасташ андар мағзу раг
Тӯи бар тӯ бӯйи он саргини саг.
То миён андар ҳадас ӯ то ба шаб,
Ғарқи даббоғист ӯ рӯзиталаб.
Пас, чунин гуфтаст Ҷолинуси меҳ,
Он чи одат дошт бемор, он-ш деҳ.
Гар хилофи одат аст он ранҷи ӯ,
Пас давои ранҷаш аз муътод ҷӯ,
Чун ҷуал гаштаст аз саргинкашӣ,
Аз гулоб ояд ҷуалро беҳушӣ.
Ҳам аз он саргини саг доруи ӯст,
Ки бад-он ӯро ҳаме муътоду хӯст.
«Ал-хабисоту-л-хабисин»-ро бихон,
Рӯву пушти ин суханро боздон.
Носиҳон ӯро ба анбар ё гулоб
Ме даво созанд баҳри фаҳти боб.
Мар хабисонро насозад тайййибот,
Дархуру лоиқ набошад, эй сиқот!
Чун зи атри ваҳй каж гаштанду гум,
Буд фиғоншон, ки «татаййарно бикум».
Ранҷу беморист моро ин мақол,
Нест некӯ ваъзатон моро ба фол.
Гар биёғозед нусҳе ошкор,
Мо кунем он дам шуморо сангсор.
Мо ба лағву лаҳв фарбеҳ гаштаем,
Дар насиҳат хешро насриштаем.
Ҳаст қути мо дурӯғу лофу лоғ,
Шӯриши меъда-ст моро з-ин балоғ.
Ранҷро садтӯву афзун мекунед,
Ақлро дору ба афюн мекунед.

## Муоличҷа кардани бародари даббоғ даббоғро ба хуфя ба бӯйи саргин

Халқро меронд аз вай он ҷавон,
То илоҷашро набинанд он касон.
Сар ба гӯшаш бурд ҳамчун розгӯ,
Пас ниҳод он чиз бар бинии ӯ,
К-ӯ ба каф саргини саг соида буд,
Доруи мағзи палид он дида буд.
Соате шуд, мард ҷунбидан гирифт,
Халқ гуфтанд, ин фусуне буд шигифт,
К-ин бихонд афсун, ба гӯши ӯ дамид,
Мурда буд, афсун ба фарёдаш расид.
Ҷунбиши аҳли фасод он сӯ бувад,
Ки зинову ғамзаву абрӯ бувад.
Ҳар киро мушки насиҳат суд нест,
Лоҷарам бо бӯйи бад хӯ карданист.
Мушриконро з-он наҷис хондаст Ҳақ,
К-андаруни пушк зоданд аз сабақ.
Кирм, к-ӯ зодаст дар саргин абад,
Менагардонад ба анбар хӯйи х(в)ад.
Чун назад бар вай нисори рашши нур,
Ӯ ҳама ҷисм аст, бе дил чун қушур.
В-ар зи рашши нур Ҳақ қисмеш дод,
Ҳамчу расми Миср саргин мурғ зод.
Лек на мурғи хасиси хонагӣ,
Балки мурғи донишу фарзонагӣ.
Ту бад-он монӣ, к-аз он нурӣ тиҳӣ,
З-он ки бинӣ бар палидӣ мениҳӣ.
Аз фироқат зард шуд рухсору рӯ,
Барги зардӣ, меваи нопухта ту.
Дег з-оташ шуд сиёҳу дудфом,
Гӯшт аз сахтӣ чунин мондаст хом.
Ҳашт солат ҷӯш додам дар фироқ,
Кам нашуд як зарра хомиту нифоқ.
Ғӯраи ту санг баста, к-аз сақом
Ғӯраҳо акнун мавизанду ту хом.

## Узр хостани он ошиқ аз гунохи хеш ба талбису рӯйпӯш ва фаҳм кардани маъшуқ онро низ

Гуфт ошиқ: «Имтиҳон кардам, магир,
То бибинам, ту ҳарифӣ ё сатир.
Ман ҳамедонистамат беимтиҳон,
Лек кай бошад хабар ҳамчун аён.
Офтобӣ, номи ту машҳуру фош,
Чӣ зиён аст, ар бикардам ибтилош.
Ту манӣ, ман хештанро имтиҳон
Мекунам ҳар рӯз дар суду зиён.
Анбиёро имтиҳон карда удот,
То шуда зоҳир аз эшон муъҷизот.
Имтиҳони чашми худ кардам ба нур,
Эй ки чашми бад зи чашмони ту дур.
Ин ҷаҳон ҳамчун хароб асту ту ганҷ,
Гар тафаҳҳус кардам аз ганҷат, маранҷ.
З-он чунин бехурдагӣ кардам газоф,
То занам бо душманон ҳар бор лоф.
То забонам чун туро номе ниҳад,
Чашм аз ин дида гувоҳиҳо диҳад.
Гар шудам дар роҳи ҳурмат роҳзан,
Омадам, эй маҳ! Ба шамшеру кафан.
Ҷуз ба дасти худ мабуррам пову сар,
Ки аз ин дастам, на аз дасти дигар.
Аз ҷудоӣ боз меронӣ сухун?
Ҳарчӣ хоҳӣ кун, валекин ин макун».
Дар суханобод ин дам роҳ шуд,
Гуфт имкон нест, чун бегоҳ шуд.
Пӯстҳо гуфтему мағз омад дафин,
Гар бимонем, ин намонад ҳамчунин.

## Рад кардани маъшуқа узри ошиқро ва талбиси ӯро дар рӯйи ӯ молидан

Дар ҷавобаш баргушод он ёр лаб,
К-аз суйи мо рӯз, сӯйи туст шаб.
Ҳилаҳои тира андар доварӣ
Пеши биноён чаро меоварӣ?

Ҳар чӣ дар дил дорӣ аз макру румуз,
Пеши мо расвосту пайдо ҳамчу рӯз.
Гар бипӯшемаш зи бандапарварӣ,
Ту чаро берӯйӣ аз ҳад мебарӣ?
Аз падар омӯз, к-Одам дар гуноҳ
Хуш фуруд омад ба сӯйи пойгоҳ.
Чун бидид он олимуласрорро,
Бар ду по истод истиғфорро.
Бар сари хокистари андуҳ нишаст,
Аз баҳона шох то шохе наҷаст.
«Раббано инно заламно» гуфту бас,
Чунки ҷондорон бидид аз пешу пас.
Дид ҷондорони пинҳон ҳамчу ҷон,
Дурбоши ҳар яке то осмон,
Ки ҳало, пеши Сулаймон мӯр бош,
То бинашкофад туро ин дурбош.
Ҷуз мақоми ростӣ як дам маист,
Ҳеч лоло мардро чун чашм нест.
Кӯр агар аз панд полуда шавад,
Ҳар даме ӯ боз олуда шавад.
Одамо! Ту нестӣ кӯр аз назар,
Лек «изо ҷоъа-л-қазо ъамя-л-басар».
Умрҳо бояд ба нодир гоҳ-гоҳ,
То ки бино аз қазо афтад ба чоҳ.
Кӯрро худ ин қазо ҳамроҳи ӯст,
Ки мар ӯро уфтодан табъу хӯст.
Дар ҳадас афтад, надонад бӯй чист:
«Аз ман аст ин бӯй ё олудагист?»
В-ар касе бар вай кунад мушке нисор,
Ҳам зи худ донад, на аз эҳсони ёр.
Пас, ду чашми равшан, эй соҳибназар,
Мар туро сад модар асту сад падар.
Хоса чашми дил, ки он ҳафтодтӯст
В-ин ду чашми ҳисс хӯшачини ӯст.
Эй дареғо! Раҳзанон биншастаанд,
Сад гираҳ зери забонам бастаанд.
Пойи баста чун равад хуш роҳвор?
Бас гарон бандест ин, маъзур дор!
Ин сухан ишкаста меояд, дило,
К-ин сухан дурр аст, ғайрат осиё.

Дурр агарчи хурду ишкаста шавад,
Тӯтиёи дидаи хаста шавад.
Эй дур! Аз ишкасти худ бар сар мазан,
К-аз шикастан равшанӣ хоҳӣ шудан.
Ҳамчунин ишкастабаста гуфтанист,
Ҳақ кунад охир дурусташ, к-ӯ ғанист.
Гандум ар бишкасту аз ҳам дарсукуст,
Бар дукон омад, ки нак, нони дуруст.
Ту ҳам, эй ошиқ! Чу ҷурмат гашт фош,
Обу равған тарк кун, ишкаста бош.
Он ки фарзандони хоси Одаманд,
Нафҳаи «инно заламно» медаманд.
Ҳоҷати худ арза кун, ҳуҷҷат магӯ
Ҳамчу Иблиси лаъини сахтрӯ.
Сахтрӯйӣ гар варо шуд айбпӯш,
Дар ситезу сахтрӯӣ рав, бикӯш.
Он Абӯҷаҳл аз паямбар муъҷизе
Хост ҳамчун кинавар турки ғузе,
Лек он сиддиқи Ҳақ муъҷиз нахост,
Гуфт: «Ин рӯ худ нагӯяд, ҷуз ки рост».
Кай расад ҳамчун туеро, к-аз манӣ
Имтиҳони ҳамчу ман ёре кунӣ?

## Гуфтани он ҷуҳуд Алиро, карраммаллоҳу ваҷҳаҳу, ки агар эътимод дорӣ бар ҳофизии Ҳақ, аз сари ин кӯшк худро дарандоз ва ҷавоб гуфтани амирулмуъминин ӯро

Муртазоро гуфт рӯзе як ануд,
К-ӯ зи таъзими Худо огаҳ набуд.
Бар сари бомею қасре бас баланд:
«Ҳифзи Ҳақро воқифӣ, эй ҳушманд?»
Гуфт: «Оре, ӯ ҳафиз асту ғанӣ
Ҳастии моро зи тифлию манӣ».
Гуфт: «Худро андарафган, ҳин, зи бом,
Эътимоде кун ба ҳифзи Ҳақ тамом,
То яқин гардад маро иқони ту
В-эътиқоди хуби бобурҳони ту».
Пас амираш гуфт: «Хомуш кун, бирав,
То нагардад ҷон-т з-ин ҷуръат гарав.

Кай расад мар бандаро, ки бо Худо
Озмоиш пеш орад з-ибтило?
Бандаро кай заҳра бошад, к-аз фузул
Имтиҳони Ҳақ кунад, эй гиҷи гӯл!
Он Худоро мерасад к-ӯ имтиҳон
Пеш орад ҳар даме бо бандагон.
То ба мо моро намояд ошкор,
Ки чӣ дорем аз ақида дар сирор.
Ҳеч Одам гуфт Ҳақро, ки туро
Имтиҳон кардам дар ин ҷурму хато?
То бибинам ғояти ҳилмат, шаҳо,
Аҳ, киро бошад маҷоли ин? Киро?
Ақли ту азбаски омад хирасар,
Ҳаст узрат аз гуноҳи ту батар.
Он ки ӯ афрошт сақфи осмон,
Ту чӣ донӣ кардан ӯро имтиҳон?
Эй надониста ту шарру хайрро,
Имтиҳон худро кун, он гаҳ ғайрро.
Имтиҳони худ чу кардӣ, эй фалон,
Фориғ ойӣ з-имтиҳони дигарон.
Чун бидонистӣ, ки шаккардонаӣ,
Пас, бидонӣ, к-аҳли шаккархонаӣ.
Пас, бидон, бе имтиҳоне, ки Илоҳ
Шаккаре нафристадат ноҷойгоҳ.
Ин бидон, бе имтиҳон аз илми шоҳ
Чун сарӣ, нафристадат дар пойгоҳ.
Ҳеч оқил афганад дурри самин
Дар миёни мустароҳе пурчамин?
З-он ки гандумро ҳакими огаҳе
Ҳеч нафристад ба анбори каҳе.
Шайхро, ки пешвову раҳбар аст,
Гар муриде имтиҳон кард, ӯ хар аст.
Имтиҳонаш гар кунӣ дар роҳи дин,
Ҳам ту гардӣ мумтаҳан, эй беяқин!
Ҷуръату ҷаҳлат шавад урёну фош,
Ӯ бараҳна кай шавад з-он ифтитош?
Гар биёяд зарра, санҷад кӯҳро,
Бардарад з-он куҳ тарозуш, эй фато!
К-аз қиёси худ тарозу метанад,
Марди Ҳақро дар тарозу мекунад.

Чун нагунҷад ӯ ба мизони хирад,
Пас тарозуи хирадро бардарад.
Имтиҳон ҳамчун тасарруф дон дар ӯ,
Ту тасарруф бар чунон шоҳе маҷӯ!
Чӣ тасарруф кард хоҳад нақшҳо
Бар чунон наққош баҳри ибтило?
Имтиҳоне гар бидонисту бидид,
Не ки ҳам наққош он бар вай кашид?
Чӣ қадар бошад худ ин сурат, ки ҳаст,
Пеши суратҳо, ки дар илми вай аст?
Васвасай ин имтиҳон, чун омадат,
Бахти бад дон, к-омаду гардан задат.
Чун чунин васвос дидӣ, зуд-зуд
Бо Худо гарду даро андар суҷуд.
Саҷдагаҳро тар кун аз ашки равон,
К-эй Худо! Ту вораҳонам з-ин гумон.
Он замон, к-ит имтиҳон матлуб шуд,
Масҷиди дини ту пурхарруб шуд.

## Қиссаи масҷиди Ақсо ва Харруб ва азм кардани Довуд, алайҳиссалом, пеш аз Сулаймон, алайҳиссалом, бар бинои он масҷид

Чун даромад азми довудӣ ба танг,
Ки бисозад масҷиди Ақсо ба санг,
Ваҳй кардаш Ҳақ, ки тарки ин бихон,
Ки зи дастат барнаёяд ин макон.
Нест дар тақдири мо он ки ту ин
Масҷиди Ақсо барорӣ, эй гузин!
Гуфт: «Ҷурмам чист, эй донои роз,
Ки маро гӯйӣ, ки масҷидро масоз?
Гуфт: «Бе ҷурме ту хунҳо кардаӣ,
Хуни мазлумон ба гардан бурдаӣ,
Ки зи овози ту халқе бешумор
Ҷон бидоданду шуданд онро шикор.
Хун басе рафтаст бар овози ту,
Бар садои хуби ҷонпардози ту».
Гуфт: «Мағлуби ту будам, масти ту,
Дасти ман барбаста буд аз дасти ту.
На ки ҳар мағлуби шаҳ марҳум буд?

На ки «ғал-мағлубу ка-л-маъдум буд?»
Гуфт: «Ин мағлуб маъдумест, к-ӯ
Ҷуз ба нисбат нест маъдум, «айқину».
Инчунин маъдум, к-ӯ аз хеш рафт,
Беҳтарини ҳастҳо афтоду зафт.
Ӯ ба нисбат бо сифоти Ҳақ фаност,
Дар ҳақиқат дар фано ӯро бақост.
Ҷумлаи арвоҳ дар тадбири ӯст,
Ҷумлаи ашбоҳ ҳам дар тири ӯст.
Он ки ӯ мағлуб андар лутфи мост,
Нест музтар, балки мухтори валост.
Мунтаҳои ихтиёр он аст х(в)ад,
К-ихтиёраш гардад ин ҷо муфтақад.
Ихтиёреро набудӣ чошнӣ,
Гар нагаштӣ охир ӯ маҳв аз манӣ.
Дар ҷаҳон гар луқмаву гар шарбат аст,
Лаззати ӯ фаръи маҳви лаззат аст.
Гарчи аз лаззот бетаъсир шуд,
Лаззате буд ӯву лаззатгир шуд.

## Шарҳи «иннама-л-муъминуна ихватун ва-л-уламоу канафсин воҳидатин», хосса иттиҳоди Довуд ва Сулаймон ва соири анбиё, алайҳимуссалом, ки агар яке аз эшонро мункир шавӣ, имон ба ҳеч набӣ дуруст набошад ва ин аломати иттиҳод аст, ки як хона аз ҳазорон хона вайрон кунӣ, он ҳама вайрон шавад ва як девор қоим намонад, ки «ло туфарриқу байна аҳадин минҳум ва-л-оқилу якфиҳи ал-ишора», ин худ аз ишорат гузашт

Гарчи барн-ояд ба ҷаҳду зӯри ту,
Лек масҷидро барорад пури ту.
Кардаи ӯ кардаи туст, эй ҳаким!
Муъминонро иттисоле дон қадим.
Муъминон маъдуд, лек имон яке,
Ҷисмашон маъдуд, лекин ҷон яке.
Ғайри фаҳму ҷон, ки дар гову хар аст,
Одамиро ақл ҷоне дигар аст.
Боз ғайри ҷону ақли одамӣ
Ҳаст ҷоне дар валии ондамӣ.

Ҷони ҳайвонӣ надорад иттиҳод,
Ту маҷӯ ин иттиҳод аз рӯҳи бод.
Гар хурад ин нон, нагардад сер он
В-ар кашад бор ин, нагардад ӯ гарон.
Балки ин шодӣ кунад аз марги ӯ,
Аз ҳасад мирад, чу бинад барги ӯ.
Ҷони гургону сагон ҳар як ҷудост,
Муттаҳид ҷонҳои шерони Худост.
Ҷамъ гуфтам ҷонҳошон ман ба исм,
К-он яке ҷон сад бувад нисбат ба ҷисм.
Ҳамчу он як нури хуршеди само,
Сад бувад нисбат ба саҳни хонаҳо.
Лек як бошад ҳама анворашон,
Чунки баргирӣ ту девор аз миён.
Чун намонад хонаҳоро қоида,
Муъминон монанд нафси воҳида.
Фарқу ишколот ояд з-ин мақол,
З-он ки набвад мисл, ин бошад мисол.
Фарқҳо беҳад бувад аз шахси шер
То ба шахси одамизоди далер.
Лек дар вақти мисол, эй хушназар,
Иттиҳод аз рӯйи ҷонбозӣ нигар,
К-он далер охир мисоли шер буд,
Нест мисли шер дар ҷумлай ҳудуд.
Муттаҳид нақше надорад ин саро,
То ки мисле вонамоям ман туро.
Ҳам мисоли ноқисе даст оварам,
То зи ҳайронӣ хирадро воҳарам.
Шаб ба ҳар хона чароғе мениҳанд,
То ба нури он зи зулмат мераҳанд.
Он чароғ ин тан бувад, нураш чу ҷон,
Ҳаст муҳтоҷи қатилу ину он.
Он чароғи шашфатилай он ҳавос
Ҷумлагӣ бар хобу хур дорад асос.
Бе хуру бе хоб назяд ним дам,
Бо хуру бо хоб назяд низ ҳам.
Бе фатилу равғанаш набвад бақо,
Бо фатилу равған ӯ ҳам бевафо.
З-он ки нури иллатияш марг ҷуст,
Чун зияд? Ки рӯзи равшан марги ӯст.

Ҷумла ҳисҳои башар ҳам бебақост,
З-он ки пеши нури рӯзи ҳашр «ло»-ст.
Нури ҳиссу ҷони бобоёни мо
Нест куллӣ фонию «ло» чун гиё.
Лек монанди ситора-в моҳтоб
Ҷумла маҳванд аз шуоъи офтоб.
Ончунон ки сӯзу дарди захми кайк
Маҳв гардад, чун дароянд мор «илайк».
Ончунон ки уд андар об ҷаст,
То дар об аз захми занбӯрон бираст.
Мекунад занбӯр бар боло тавоф,
Чун барорад сар, надорандаш муоф.
Об зикри Ҳаққу занбӯр ин замон
Ҳаст ёди он фалона в-он фалон.
Дам ба хур дар оби зикру сабр кун,
То раҳӣ аз фикру васвоси куҳун.
Баъд аз он ту табъи он оби сафо
Худ бигирӣ ҷумлагӣ сар то ба по.
Ончунон к-аз об он занбӯри шар
Мегурезад, аз ту ҳам гирад ҳазар.
Баъд аз он хоҳӣ ту, дур аз об бош,
Ки ба сир ҳамтабъи обӣ хоҷатош!
Бас касоне, к-аз ҷаҳон бигзаштаанд,
«Ло» наянду дар сифот оғаштаанд.
Дар сифоти Ҳақ сифоти ҷумлашон
Ҳамчу ахтар пеши он хур бенишон.
Гар зи Қуръон нақл хоҳӣ, эй ҳарун!
Хон «ҷамеъун ҳум ладайно муҳзарун».
«Муҳзарун» маъдум набвад, нек бин,
То бақои рӯҳҳо донӣ яқин.
Рӯҳи маҳҷуб аз бақо бас дар азоб,
Рӯҳи восил дар бақо пок аз ҳиҷоб.
З-ин чароғи ҳисси ҳайвон, ал-мурод,
Гуфтамат ҳон, то наҷӯйӣ иттиҳод.
Рӯҳи худро муттасил кун, эй фалон,
Зуд бо арвоҳи қудси соликон.
Сад чароғат ар муранд, ар бистанд,
Пас ҷудоянду ягона нестанд.
З-он ҳама ҷанганд ин асҳоби мо,
Ҷанг кас нашнид андар анбиё.

З-он ки нури анбиё хуршед буд,
Нури ҳисси мо чароғу шамъу дуд.
Як бимирад, як бимонад то ба рӯз,
Як бувад пажмурда, дигар бофурӯз.
Ҷони ҳайвонӣ бувад ҳайй аз ғизо,
Ҳам бимирад ӯ ба ҳар неку бадо.
Гар бимирад ин чароғу тай шавад,
Хонаи ҳамсоя музлам кай шавад?
Нури ин хона чу бе ин ҳам бапост,
Пас, чароғи ҳисси ҳар хона ҷудост.
Ин мисоли ҷони ҳайвонӣ бувад,
На мисоли ҷони раббонӣ бувад.
Боз аз ҳиндуи шаб чун моҳ зод,
Дар сари ҳар равзане нуре фитод.
Нури он сад хонаро ту як шумар,
Ки намонад нури ин бе он дигар.
То бувад хуршеди тобон бар уфуқ
Ҳаст дар ҳар хона нури ӯ қунуқ.
Боз чун хуршеди ҷон офил шавад,
Нури ҷумла хонаҳо зоил шавад.
Ин мисоли нур омад, мисл не,
Мар туро ҳодӣ, адӯро раҳзане.
Бар мисоли анкабут он зиштхӯ
Пардаҳои гандаро барбофад ӯ.
Аз луоби хеш пардай нур кард,
Дидаи идроки худро кӯр кард.
Гардани асб ар бигирад, бархурад.
В-ар бигирад пош, бистонад лагад.
Кам нишин бар асби тавсан белагом,
Ақлу динро пешво кун, вассалом.
Андар ин оҳанг мангар сусту паст,
К-андар ин раҳ сабру шиққи анфус аст.

## Бақияи қиссаи бинои масҷиди Ақсо

Чун Сулаймон кард оғози бино,
Пок чун Каъба, ҳумоюн чун Мино.
Дар бинояш дида мешуд карру фар,
Не фусурда чун биноҳои дигар.
Дар бино ҳар санг, к-аз куҳ месукуст,
Фош «сиру бӣ» ҳамегуфт аз нахуст.

Ҳамчу аз обу гили одамкада
Нур з-оҳакпораҳо тобон шуда.
Санг бе ҳаммол оянда шуда
В-он дару деворҳо зинда шуда.
Ҳақ ҳамегӯяд, ки девори биҳишт
Нест чун деворҳо беҷону зишт.
Чун дару девори тан бо огаҳист,
Зинда бошад хона, чун шоҳаншаҳист.
Ҳам дарахту мева, ҳам оби зулол,
Бо биҳиште дар ҳадису дар мақол.
З-он ки ҷаннатро на з-олат бастаанд,
Балки аз аъмолу нийят бастаанд.
Ин бино з-обу гили мурда будаст
В-он бино аз тоати зинда шудаст.
Ин ба асли хеш монад пурхалал
В-он ба асли худ, ки илм асту амал.
Ҳам сарири қасру ҳам тоҷу сиёб
Бо биҳиште дар суолу дар ҷавоб.
Фарш бефаррош печида шавад,
Хона бе микнос рӯбида шавад.
Хонаи дил бин, зи ғам жӯлида шуд,
Беканос аз тавбае рӯбида шуд.
Тахти ӯ сайёр, беҳаммол шуд,
Ҳалқаву дар мутрибу қаввол шуд.
Ҳаст дар дил зиндагӣ дорулхулуд,
Дар забонам чун намеояд, чӣ суд?
Чун Сулаймон даршудӣ ҳар бомдод
Масҷид-андар баҳри иршоди ибод,
Панд додӣ гаҳ ба гуфту лаҳну соз,
Гаҳ ба феъл, аъни рукӯъе ё намоз.
Панди феълӣ халқро ҷаззобтар,
Ки расад дар ҷони ҳар богӯшу кар.
Андар он вахми амирӣ кам бувад,
Дар ҳашам таъсири он муҳкам бувад.

## Қиссаи оғози хилофати Усмон, разияллоҳу анҳу ва хутбаи вай дар баёни он ки носеҳи фаъъол ба феъл беҳ аз носеҳи қаввол ба қавл

Қиссаи Усмон, ки бар минбар бирафт,
Чун халофат ёфт, биштобид тафт.

Минбари меҳтар, ки сепоя будаст,
Рафт Бӯбакру дувум поя нишаст.
Бар севум поя Умар дар даври хеш
Аз барои ҳурмати исލому кеш.
Даври Усмон омад ӯ болои тахт,
Бар шуду биншаст он маҳмудбахт.
Пас суолаш кард шахсе булфузул,
К-он ду наншастанд бар ҷойи расул.
Пас, ту чун ҷустӣ аз эшон бартарӣ?
Чун ба рутбат ту зи эшон камтарӣ.
Гуфт: «Агар пояй севумро биспарам,
Ваҳмояд, ки мисоли Уммарам.
Бар дувум поя шавам ман ҷойҷӯ,
Гӯӣ, Бӯбакр аст. Ин ҳам мисли ӯ.
Ҳаст ин поя мақоми Мустафо,
Ваҳми мисле нест бо он шаҳ маро».
Баъд аз он бар ҷойи хутба он вадуд
То ба қурби аср лаб хомӯш буд.
Заҳра на касро, ки гӯяд, ҳин, бихон,
Ё бурун ояд зи масҷид он замон.
Ҳайбате биншаста буд бар хосу ом,
Пур шуда нури Худо он саҳну бом.
Ҳар кӣ бино, нозири нураш будӣ,
Кӯр з-он хуршед ҳам гарм омадӣ.
Пас зи гармӣ фаҳм кардӣ чашмкӯр,
Ки баромад офтобе бефутур.
Лек ин гармӣ гушояд дидаро,
То бибинад айни ҳар бишнидаро.
Гармияшро зуҷратею ҳолате,
З-он табиш дилро гушоде, фусҳате.
Кӯр чун шуд гарм аз нури қидам,
Аз фараҳ гӯяд, ки ман бино шудам.
Сахт хуш мастӣ, вале, эй булҳасан,
Порае роҳ аст то бино шудан.
Ин насиби кӯр бошад з-офтоб,
Сад чунин, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
В-он ки ӯ он нурро бино бувад,
Шарҳи ӯ кай кори Бӯсино бувад?
В-ар шавад садтӯ, ки бошад ин забон,
Кӣ биҷунбонад ба каф пардай аён?

Вой бар вай, гар бисояд пардаро,
Теғи аллоҳӣ кунад дасташ ҷудо.
Даст чӣ бвад? Худ сарашро барканад,
Он саре, к-аз ҷаҳл сарҳо мекунад.
Ин ба тақдири сухан гуфтам туро
В-арна худ дасташ куҷову он куҷо?
Холаро хоя будӣ холу шудӣ,
Ин ба тақдир омадаст, ар ӯ будӣ.
Аз забон то чашм, к-ӯ пок аз шак аст,
Садҳазоронсола гӯям, андак аст.
Ҳин, машав навмед, нур аз осмон
Ҳақ чу хоҳад, мерасад дар як замон.
Сад асар дар конҳо аз ахтарон
Мерасонад қудраташ дар ҳар замон.
Ахтари гардун зуламро носих аст,
Ахтари Ҳақ дар сифоташ росих аст.
Чархи понсадсола роҳ, эй мустаъин,
Дар асар наздик омад бо замин.
Се ҳазорон солу понсад то Зуҳал
Дам ба дам хосияташ орад амал.
Дарҳамаш орад чу соя дар иёб,
Тӯли соя чист пеши офтоб?
В-аз нуфуси поки ахтарваш мадад
Сӯйи ахтарҳои гардун мерасад.
Зоҳири он ахтарон қаввоми мо,
Ботини мо гашта қаввоми само.

## Дар баёни он ки ҳукамо гӯянд, одамӣ олами суғрост ва ҳукамои илоҳӣ гӯянд, одамӣ олами куброст, зеро он илми ҳукамо бар сурати одамӣ мақсур бувад ва илми ин ҳукамо дар ҳақиқати ҳақиқати одамӣ мавсул бувад

Пас, ба сурат олами асғар туӣ,
Пас, ба маънӣ олами акбар туӣ.
Зоҳиран он шох асли мева аст,
Ботинан баҳри самар шуд шох ҳаст.
Гар набудӣ майлу уммеди самар,
Кай нишондӣ боғбон бехи шаҷар?
Пас ба маънӣ он шаҷар аз мева зод,
Гар ба сурат аз шаҷар будаш валод.

Мустафо з-ин гуфт, к-одам в-анбиё
Халфи ман бошанд дар зери ливо.
Баҳри ин фармудааст он зӯфунун,
Рамзи «наҳну-л-охируна-с-собиқун».
Гар ба сурат ман зи Одам зодаам,
Ман ба маънӣ ҷадди ҷадд афтодаам.
Гар барои ман будаш саҷдай малак
В-аз пайи ман рафт бар ҳафтум фалак.
Пас, зи ман зойид дар маънӣ падар,
Пас, зи мева зод дар маънӣ шаҷар.
Аввали фикр охир омад дар амал,
Хоса фикре, к-ӯ бувад васфи азал.
Ҳосил андар як замон аз осмон
Меравад, меояд эдар корвон.
Нест бар ин корвон ин раҳ дароз,
Кай мафоза зафт ояд бо муфоз?
Дил ба Каъба меравад дар ҳар замон,
Ҷисм табъи дил бигирад з-имтинон.
Ин дарозу кӯтаҳӣ мар ҷисмрост,
Чӣ дарозу кӯтаҳ он ҷо ки Худост?
Чун Худо мар ҷисмро табдил кард,
Рафтанаш бе фарсаху бе мил кард.
Сад умед аст ин замон, бардор гом,
Ошиқона, эй фато, «халлилкалом».
Гарчи пилай чашм бар ҳам мезанӣ,
Дар сафина хуфтаӣ, раҳ мекунӣ.

## Тафсири ин ҳадис, ки «амалу уммати камасали сафинати Нӯҳин, ман тамассака биҳо, наҷо ва ман тахаллафа анҳо, ғариқа»

Баҳри ин фармуд пайғамбар, ки ман
Ҳамчу киштиям ба тӯфони заман.
Мову асҳобам чу он киштии Нӯҳ,
Ҳар кӣ даст андарзанад, ёбад футӯҳ.
Чунки бо шайхӣ ту, дур аз зиштиӣ,
Рӯзу шаб сайёрию дар киштиӣ.
Дар паноҳи ҷони ҷонбахше тувӣ,
Киштӣ-андар хуфтаӣ, раҳ меравӣ.

Маскул аз пайғамбари айёми хеш,
Такя кам кун бар фану бар гоми хеш.
Гарчи шерӣ, чун равӣ раҳ бедалел,
Хешбину дар залолию залил.
Ҳин, мапар, илло, ки бо парҳои шайх,
То бибинӣ авну лашкарҳои шайх.
Як замоне мавҷи лутфаш боли туст,
Оташи қаҳраш даме ҳаммоли туст.
Қаҳри ӯро зидди лутфаш кам шумар,
Иттиҳоди ҳар ду бин андар асар.
Як замон чун хок сабзат мекунад,
Як замон пурбоду габзат мекунад.
Ҷисми орифро диҳад васфи ҷамод,
То бар ӯ рӯяд гулу насрини шод.
Лек ӯ бинад, набинад ғайри ӯ,
Ҷуз ба мағзи пок надҳад хулд бӯ.
Мағзро холӣ кун аз инкори ёр,
То ки райҳон ёбад аз гулзори ёр.
То биёбӣ бӯйи хулд аз ёри ман,
Чун Муҳаммад бӯйи раҳмон аз Яман.
Дар сафи меъроҷиён гар бистӣ,
Чун буроқат баркашонад, нестӣ.
На чу меъроҷи замине то қамар,
Балки чун меъроҷи килке то шакар.
На чун меъроҷи бухоре то само,
Бал чу меъроҷи ҷанине то нуҳо.
Хуш буроқе гашт хинги нестӣ,
Сӯйи ҳастӣ орадат, гар нестӣ.
Кӯҳу дарёҳо сумаш мас мекунад,
То ҷаҳони ҳиссро пас мекунад.
По бикаш дар киштию мерав равон
Чун суйи маъшуқи ҷон, ҷони равон.
Даст наву пой на, рав то қидам,
Ончунон ки тохт ҷонҳо аз адам.
Бардаридӣ дар сухан пардай қиёс,
Гар набудӣ самъи сомеъро нуъос.
Эй фалак, бар гуфти ӯ гавҳар бибор,
Аз ҷаҳони ӯ, ҷаҳоно, шарм дор.
Гар бибoрӣ, гавҳарат садто шавад,
Ҷомидат бинандаву гӯё шавад.

Пас, нисоре карда бошӣ баҳри х(в)ад,
Чунки ҳар сармояи ту сад шавад.

## Қиссаи ҳадя фиристодани Билқис аз шаҳри Сабо сӯйи Сулаймон, алайҳиссалом

Ҳадяи Билқис чил астар будаст,
Бори онҳо ҷумла хишти зар будаст.
Чун ба саҳрои сулаймонӣ расид,
Фарши онро ҷумла зарри пухта дид.
Бар сари зар то чиҳил манзил биронд,
То ки зарро дар назар обе намонд.
Борҳо гуфтанд: «Зарро вобарем
Сӯйи махзан, мо чӣ бегор-андарем.
Арсае, к-иш хок зарри даҳдаҳист,
Зар ба ҳадя бурдан он ҷо аблаҳист».
Эй бибурда ақл ҳадя то Илоҳ,
Ақл он ҷо камтар аст аз хоки роҳ.
Чун касоди ҳадя он ҷо шуд падид,
Шармсоришон ҳаме вопас кашид.
Боз гуфтанд: «Ар касоду ар раво,
Чист бар мо? Бандафармонем мо.
Гар зару гар хок моро бурданист,
Амри фармондеҳ баҷоовopen данист.
Гар бифармоянд, ки вопас баред,
Ҳам ба фармон, туҳфаро боз оваред.
Ханда-ш омад, чун Сулаймон он бидид,
К-аз шумо ман кай талаб кардам сарид?
Ман намегӯям, маро ҳадя диҳед,
Балки гуфтам, лоиқи ҳадя шавед,
Ки маро аз ғайб нодир ҳадяҳост,
Ки башар онро наёрад низ хост.
Мепарастед ахтаре, к-ӯ зар кунад,
Рӯ ба ӯ оред, к-ӯ ахтар кунад.
Мепарастед офтоби чархро,
Хор карда ҷони олинархро.
Офтоб аз амри Ҳақ таббохи мост,
Аблаҳӣ бошад, ки гӯем ӯ Худост.
Офтобат гар бигирад, чун кунӣ?
Он сиёҳӣ з-ӯ ту чун берун кунӣ?

На ба даргоҳи Худо орӣ судоъ?
Ки сиёҳиро бибар, водеҳ шуоъ.
Гар кушандат нимшаб, хуршед ку?
То биноли̅ ё амон хоҳи̅ аз ӯ.
Ҳодисот ағлаб ба шаб воқеъ шавад
В-он замон маъбуди ту ғоиб бувад.
Сӯйи Ҳақ гар ростона хам шавӣ,
Вораҳӣ аз ахтарон, маҳрам шавӣ.
Чун шавӣ маҳрам, гушоям бо ту лаб,
То бибинӣ офтоби нимшаб.
Ҷуз равони пок ӯро шарқ на,
Дар тулӯъаш рӯзу шабро фарқ на.
Рӯз он бошад, ки ӯ шориқ шавад,
Шаб намонад шаб, чу ӯ бориқ шавад.
Чун намояд зарра пеши офтоб?
Ҳамчунон аст офтоб андар лубоб.
Офтоберо, ки рахшон мешавад,
Дида пешаш кунду ҳайрон мешавад.
Ҳамчу зарра бинияш дар нури арш,
Пеши нури беҳади мавфури арш.
Хору мискин бинӣ ӯро беқарор,
Дидаро қувват шуда аз Кирдгор.
Кимиёе, ки аз ӯ як маъсаре
Бар духон афтод, гашт он ахтаре.
Нодир иксире, ки аз вай ним тоб
Бар заломе зад, бикардаш офтоб.
Булъаҷаб миногаре, к-аз як амал
Баст чандин хосиятро бар Зуҳал.
Боқӣ ахтарҳову гавҳарҳои ҷон,
Ҳам бар ин миқёс, эй толиб, бидон.
Дидаи ҳиссӣ забуни офтоб,
Дидаи раббоние ҷӯву биёб.
То забун гардад ба пеши он назар
Шаъшаъоти офтоби бошарар,
К-он назар нурию ин норӣ бувад,
Нор пеши нур бас торӣ бувад.

## Каромоти нури Шайх Абдуллоҳи Мағрибӣ, қаддасаллоҳу сирраҳу

Гуфт Абдуллоҳ Шайхи Мағрибӣ:
«Шаст сол аз шаб надидам ман шабе.

Ман надидам зулмате дар шаст сол
На ба рӯзу на ба шаб, на з-эътилол». 600
Сӯфиён гуфтанд: «Сидқи қоли ӯ
Шаб ҳамерафтем дар дунболи ӯ.
Дар биёбонҳои пур аз хору гав
Ӯ чу моҳи бадр моро пешрав.
Рӯй пас нокарда мегуфтӣ ба шаб:
Ҳин! Гав омад, майл кун дар сӯйи чап.
Боз гуфтӣ баъди як дам сӯйи рост,
Майл кун, зеро ки хоре пеши пост.
Рӯз гаштӣ, пошро мо пойбӯс
Гаштаву пояш чу поҳои арӯс. 605
На зи хоку на зи гил бар вай асар,
Н-аз хароши хору осеби ҳаҷар».
Мағрибиро машриқӣ карда Худой,
Карда Мағрибро чу Машриқ нурзой.
Нури ин шамси шумусӣ форис аст,
Рӯз хосу омро ӯ ҳорис аст.
Чун набошад ҳорис он нури маҷид,
Ки ҳазорон офтоб орад падид.
Ту ба нури ӯ ҳамерав дар амон
Дар миёни аждаҳову каждумон. 610
Пеш-пешат меравад он нури пок,
Мекунад ҳар раҳзанеро чок-чок.
«Явма ло юхзи-н-набиййа» рост дон,
«Нуру ясъо байна айдиҳим» бихон.
Гарчи гардад дар қиёмат он фузун,
Аз Худо ин ҷо бихоҳед озмун,
К-ӯ бибахшад ҳам ба меғу ҳам ба моғ
Нури ҷон, «валлоҳу аълам билбалоғ».

## Боз гардонидани Сулаймон, алайҳиссалом, расулони Билқисро бо он ҳадяҳо, ки оварда буданд, сӯйи Билқис ва даъват кардан Билқисро ба имон ва тарки офтобпарастӣ

Бозгардед, эй расулони хиҷил,
Зар шуморо, дил ба ман оред, дил. 615
Ин зари ман бар сари он зар ниҳед,
Кӯрии тан фарҷи астарро диҳед.

Фарҷи астар лоиқи ҳалқай зар аст,
Зарри ошиқ рӯйи зарди асфар аст,
Ки назаргоҳи Худованд аст он,
К-аз назарандози хуршед аст кон.
Ку назаргоҳи шуоъи офтоб
Ку назаргоҳи Худованди лубоб?
Аз гирифти ман зи ҷон испар кунед,
Гарчи акнун ҳам гирифтори манед.
Мурғи фитнай дона бар бом аст ӯ,
Паргушода, бастаи дом аст ӯ.
Чун ба дона дод ӯ дилро ба ҷон,
Ногирифта мар варо бигрифта дон.
Он назарҳо, ки ба дона мекунад,
Он гиреҳ дон, к-ӯ ба по бармезанад.
Дона гӯяд: «Гар ту медуздӣ назар,
Ман ҳамедуздам зи ту сабру мақар».
Чун кашидат он назар андар паям,
Пас, бидонӣ, к-аз ту ман ғофил наям.

## Қиссаи атторе, ки санги тарозуи ӯ гили саршӯй буд ва дуздидани муштарии гилхор аз он гил ҳангоми санҷидани шакар дуздидаву пинҳон

Пеши атторе яке гилхор рафт,
То харад ублуҷи қанди хоси зафт.
Пас, бари аттори таррори дудил
Мавзеъи санги тарозу буд гил.
Гуфт: «Гил санги тарозуи ман аст,
Гар туро майли шакар бихридан аст».
Гуфт: «Ҳастам дар муҳимме қандҷӯ,
Санги мизон ҳар чӣ хоҳӣ, бош гӯ».
Гуфт бо худ пеши он ки гилх(в)ар аст,
Санг чӣ бвад? Гил накӯтар аз зар аст.
Ҳамчу он даллола, ки гуфт: «Эй писар,
Наварӯсе ёфтам бас хубфар.
Сахт зебо, лек ҳам як чиз ҳаст,
К-он сатира духтари ҳалвогар аст».
Гуфт: «Беҳтар инчунин худ гар бувад,
Духтари ӯ чарбу ширинтар бувад.

Гар надорӣ сангу сангат аз гил аст,
Ин беҳу беҳ, гил маро мевай дил аст».
Андар он каффай тарозу з-эътидод
Ӯ ба ҷойи санг он гилро ниҳод.
Пас барои каффаи дигар ба даст
Ҳам ба қадри он шакарро мешикаст.
Чун набудаш тешае, ӯ дер монд,
Муштариро мунтазир он ҷо нишонд.
Рӯяш он сӯ буд, гилхур ношигифт,
Гил аз ӯ пӯшида дуздидан гирифт.
Тарс-тарсон, ки набояд ногаҳон
Чашми ӯ бар ман фитад аз имтиҳон.
Дид аттор ону худ машғул кард,
Ки фузунтар дузд, ҳин, эй рӯйзард!
Гар бидуздӣ в-аз гили ман мебарӣ,
Рав, ки ҳам аз паҳлуи худ мех(в)арӣ.
Ту ҳаметарсӣ зи ман, лек аз харӣ
Ман ҳаметарсам, ки ту камтар х(в)арӣ.
Гарчи машғулам, чунон аҳмақ наям,
Ки шакар афзун кашӣ ту аз наям.
Чун бибинӣ мар шакарро з-озмуд,
Пас бидонӣ, аҳмақу ғофил кӣ буд.
Мурғ з-он дона назар хуш мекунад,
Дона ҳам аз дур роҳаш мезанад,
К-аз зинои чашм хатте мебарӣ,
На кабоб аз паҳлуйи худ мех(в)арӣ?
Ин назар аз дур чун тир асту сам,
Ишқат афзун мешавад, сабри ту кам.
Моли дунё доми мурғони заъиф,
Мулки уқбо доми мурғони шариф.
То бад-ин мулке, ки ӯ дом аст жарф,
Дар шикор оранд мурғони шигарф.
Ман Сулаймон менахоҳам мулкатон,
Балки ман бирҳонам аз ҳар ҳулкатон,
К-ин замон ҳастед худ мамлуки мулк,
Молики мулк он ки биҷҳид ӯ зи ҳулк.
Божгуна, эй асири ин ҷаҳон,
Номи худ кардӣ амири ин ҷаҳон.
Эй ту бандай ин ҷаҳон, маҳбусҷон,
Чанд гӯйӣ хешро хоҷай ҷаҳон?

## Дилдорӣ кардан ва навохтани Сулаймон, алайҳиссалом, мар он расулонро ва дафъи ваҳшату озор аз дили эшон ва узри қабул нокардани ҳадя шарҳ кардан бо эшон

Эй расулон, мефиристамтон расул,
Радди ман беҳтар шуморо аз қабул.
Пеши Билқис он чи дидет аз аҷаб,
Бозгӯед аз биёбони заҳаб,
То бидонад, ки ба зар томеъ наем,
Мо зар аз зарофарин овардаем.
Он ки гар хоҳад, ҳама хоки замин
Сар ба сар зар гардаду дурри самин.
Ҳақ барои он кунад, эй заргузин,
Рӯзи маҳшар ин заминро нуқрагин.
Фориғем аз зар, ки мо бас пурфанем,
Хокиёнро сар ба сар заррин кунем.
Аз шумо кай кудяи зар мекунем?
Мо шуморо кимиёгар мекунем.
Тарки он гиред, гар мулки Сабост,
Ки буруни обу гил бас мулкҳост.
Тахтабанд аст, он ки тахташ хондаӣ,
Садр пиндорию бар дар мондаӣ.
Подшоҳӣ нестат бар риши х(в)ад,
Подшоҳӣ чун кунӣ бар неку бад?
Бе муроди ту шавад ришат сапед,
Шарм дор аз риши худ, эй кажумед!
Моликулмулк аст ҳар, к-иш сар ниҳад,
Бе ҷаҳони хок сад мулкаш диҳад.
Лек завқи саҷдае пеши Худо
Хуштар ояд аз дусад давлат туро.
Пас бинолӣ, ки нахоҳам мулкҳо,
Мулки он саҷда мусаллам кун маро.
Подшоҳони ҷаҳон аз бадрагӣ
Бӯ набурданд аз шароби бандагӣ,
В-арна адҳамвор саргардону данг
Мулкро барҳам задандӣ бediранг.
Лек Ҳақ баҳри саботи ин ҷаҳон
Муҳрашон бинҳод бар чашму даҳон,
То шавад ширин бар эшон тахту тоҷ,
Ки ситонем аз ҷаҳондорон хироҷ.

Аз хироҷ ар ҷамъ орӣ зар чу рег,
Охир он аз ту бимонад мурдарег.
Ҳамраҳи ҷонат нагардад мулку зар,
Зар бидеҳ, сурма ситон баҳри назар.
То бибинӣ, к-ин ҷаҳон чоҳест танг,
Юсуфона он расан орӣ ба чанг.
То бигӯяд чун зи чоҳ ойӣ ба бом,
Ҷон ки «ё бушроа ҳозо лӣ ғулом».
Ҳаст дар чоҳ инъикосоти назар,
Камтарин он ки намояд санги зар.
Вақти бозӣ кӯдаконро з-ихтилол
Менамояд он хазафҳо зарру мол.
Орифонаш кимиёгар гаштаанд,
То ки шуд конҳо бари эшон нажанд.

## Дидани дарвеш ҷамоати машоихро дар хоб ва дархост кардани рӯзии ҳалол бе машғул шудан ба касб ва аз ибодат мондан ва иршоди эшон ӯро ва меваи талху турши кӯҳӣ бар вай ширин шудан ба доди он машоих

Он яке дарвеш гуфт андар самар:
Хизриёнро ман бидидам хоб-дар.
Гуфтам эшонро, ки рӯзии ҳалол
Аз куҷо нӯшам, ки набвад он вабол?
Мар маро сӯйи куҳистон ронданд,
Меваҳо з-он беша меафшонданд,
Ки Худо ширин бикард он меваро
Дар даҳони ту ба ҳимматҳои мо.
Ҳин, бихур поку ҳалолу беҳисеб,
Бесудоъу нуқли болову нишеб.
Пас маро з-он ризқ нутқе рӯ намуд,
Завқи гуфти ман хирадҳо мерабуд.
Гуфтам, ин фитна-ст, эй рабби ҷаҳон,
Бахшише деҳ аз ҳама халқон ниҳон.
Шуд сухан аз ман, дили хуш ёфтам,
Чун анор аз завқ мебишкофтам.
Гуфтам, ар чизе набошад дар биҳишт
Ғайри ин шодӣ, ки дорам дар сиришт,

Ҳеч неъмат орзу н-ояд дигар,
З-ин напардозам ба ҷавзу найшакар.
Монда буд аз касб як-ду ҳаббаам,
Дӯхта дар остини ҷуббаам.

## Ният кардани ӯ, ки ин зар бидиҳам бад-он ҳезумкаш, чун ман рӯзӣ ёфтам ба каромоти машоих ва ранҷидани он ҳазумкаш аз замир ва нийяти ӯ

Он яке дарвеш ҳезум мекашид,
Хаставу монда зи беша даррасид.
Пас бигуфтам, ман зи рӯзӣ фориғам,
З-ин сабаб аз баҳри ризқам нест ғам.
Меваи макрӯҳ бар ман хуш шудаст,
Ризқи хосе ҷисмро омад ба даст.
Чунки ман фориғ шудастам аз гулӯ,
Ҳаббае чанд аст, ин бидҳам бад-ӯ.
Бидҳам ин зарро бад-ин таклифкаш,
То ду-се рӯзак шавад аз қут х(в)аш.
Худ замирамро ҳамедонист ӯ,
З-он ки шамъаш дошт нур аз шамъи ҳу.
Буд пешаш сирри ҳар андешае
Чун чароғе дар даруни шишае.
Ҳеч пинҳон менашуд аз вай замир,
Буд бар мазмуни дилҳо ӯ амир.
Пас ҳамемунгид бо худ зери лаб
Дар ҷавоби фикратам он булъаҷаб,
Ки чунин андешӣ аз баҳри мулук?
«Кайфа талқа-р-ризқа ин лам ярзуқук?»
Ман намекардам суханро фаҳм, лек
Бар дилам мезад итобаш нек-нек.
Сӯйи ман омад, ба ҳайбат ҳамчу шер,
Танги ҳезумро зи худ бинҳод зер.
Партави ҳоле, ки ӯ ҳезум ниҳод,
Ларза бар ҳар ҳафт узви ман фитод.
Гуфт: «Ё раб! Гар туро хосон ҳайанд,
Ки муборакдаъвату фаррухпайанд,
Лутфи ту хоҳам, ки миногар шавад,
Ин замон ин танги ҳезум зар шавад».

Дарзамон дидам, ки зар шуд ҳезумаш,
Ҳамчу оташ бар замин метофт х(в)аш.
Ман дар он бехуд шудам то дергаҳ,
Чунки бо хеш омадам ман аз валаҳ.
Баъд аз он гуфт: «Эй Худо, гар он кибор
Бас ғаюранду гурезон з-иштиҳор,
Боз инро банди ҳезум соз зуд,
Бе таваққуф ҳам бар он ҳоле, ки буд».
Дарзамон ҳезум шуд он ағсони зар,
Маст шуд дар кори ӯ ақлу назар.
Баъд аз он бардошт ҳезумрову рафт,
Сӯйи шаҳр аз пеши ман ӯ тезу тафт.
Хостам, то аз пайи он шаҳ равам,
Пурсам аз вай мушкилоту бишнавам.
Баста кард он ҳайбати ӯ мар маро,
Пеши хосон раҳ набошад омаро.
В-ар касеро раҳ шавад, гӯ, сар фишон,
К-он бувад аз раҳмату аз ҷазбашон.
Пас, ғанимат дор он тавфиқро,
Чун биёбӣ суҳбати сиддиқро.
На чу он аблаҳ, ки ёбад қурби шоҳ,
Саҳлу осон дарфитад он дам зи роҳ.
Чун зи қурбонӣ диҳандаш бештар,
Пас бигӯяд, рони гов аст ин магар?
Нест ин аз рони гов, эй муфтарӣ!
Рони говат менамояд аз харӣ.
Базли шоҳона-ст ин бе ришвате,
Бахшиши маҳз аст ин аз раҳмате.

## Таҳризи Сулаймон, алайҳиссалом, мар расулонро бар таъҷил ба ҳиҷрати Билқис баҳри имон

Ҳамчунон ки шаҳ Сулаймон дар набард
Ҷазби хайлу лашкари Билқис кард,
Ки биёед, эй азизон, зуд-зуд,
Ки баромад мавҷҳо аз баҳри ҷуд.
Сӯйи соҳил мефишонад бехатар,
Ҷӯши мавҷаш ҳар замоне сад гуҳар.

Ас-сало гуфтем, эй аҳли рашод,
К-ин замон ризвон дари ҷаннат гушод.
Пас Сулаймон гуфт: «Эй пайкон, равед
Сӯйи Билқису бад-ин дин бигравед».
Пас, бигӯедаш, биё ин ҷо тамом,
Зуд, к-«инналлоҳа ядъу би-с-салом».
Ҳин, биё, эй толиби давлат, шитоб,
Ки футӯҳ аст ин замону фатҳи боб.
Эй ки ту толиб наӣ, ту ҳам биё,
То талаб ёбӣ аз ин ёри вафо.

## Сабаби ҳиҷрати Иброҳими Адҳам қаддасаллоҳу сирраҳу ва тарки мулки Хуросон

Мулк бар ҳам зан ту Адҳамвор зуд,
То бибинӣ ҳамчу ӯ мулки хулуд.
Хуфта буд он шаҳ шабона бар сарир,
Ҳорисон бар бом андар доругир.
Қасди шаҳ аз ҳорисон, он ҳам набуд,
Ки кунад з-он дафъи дуздону рунуд.
Ӯ ҳамедонист, к-он к-ӯ одил аст,
Фориғ аст аз воқиъа, оминдил аст.
Адл бошад посбони комҳо,
На ба шаб чӯбакзанон бар бомҳо.
Лек буд мақсудаш аз бонги рубоб
Ҳамчу муштоқон хаёли он хитоб.
Нолаи сурнову таҳдиди дуҳул,
Чиз кай монад бад-он ноқури кул.
Пас ҳакимон гуфтаанд, ин лаҳнҳо
Аз давори чарх бигрифтем мо.
Бонги гардишҳои чарх аст, ин ки халқ
Месарояндаш ба танбӯру ба ҳалқ.
Муъминон гӯянд, к-осори биҳишт
Нағз гардонид ҳар овози зишт.
Мо ҳама аҷзои Одам будаем,
Дар биҳишт он лаҳнҳо бишнудаем.
Гарчи бар мо рехт обу гил шаке,
Ёдамон омад аз онҳо чизаке.
Лек чун омехт бо хоки кураб,
Кай диҳанд ин зеру ин бам он тараб?

Об чун омехт бо бавлу кумиз,
Гашт з-омезиш мизоҷаш талху тез.
Чиз кай аз об ҳасташ дар ҷасад,
Бавл гираш, оташеро мекушад.
Гар наҷис шуд об, ин табъаш бимонд,
К-оташи ғамро ба табъи худ нишонд.
Пас, ғизои ошиқон омад самоъ,
Ки дар ӯ бошад хаёли иҷтимоъ.
Қуввате гирад хаёлоти замир,
Балки сурат гардад аз бонгу сафир.
Оташи ишқ аз навоҳо гашт тез,
Ҳамчунон ки оташи он ҷавзрез.

## Ҳикояти он марди ташна, ки аз сари ҷавзбун ҷавз мерехт дар ҷӯйи об, ки дар гав буд ва ба об намерасид, то ба афтодани ҷавз бонги об бишнавад ва ӯро чу самоъи хуш бонги об андар тараб меовард

Дар нуғуле буд об, он ташна ронд,
Бар дарахти ҷавз, ҷавзе мефишонд.
Мефитод аз ҷавзбун ҷавз андар об,
Бонг меомад, ҳамедид ӯ ҳубоб.
Оқиле гуфташ, ки бигзор, эй фато!
Ҷавзҳо худ ташнагӣ орад туро.
Бештар дар об меафтад самар,
Об дар пастист, аз ту дур-дар.
То ту аз боло фуруд ойӣ базӯр,
Оби ҷӯяш бурда бошад то ба дур.
Гуфт: «Қасдам з-ин фишондан ҷавз нест,
Тезтар бингар, бар ин зоҳир маист.
Қасди ман он аст, к-ояд бонги об,
Ҳам бибинам бар сари об ин ҳубоб».
Ташнаро худ шуғл чӣ бвад дар ҷаҳон?
Гирди пойи ҳавз гаштан ҷовидон.
Гирди ҷӯву гирди обу бонги об
Ҳамчу ҳоҷӣ тоифи Каъбай савоб.
Ҳамчунон мақсуди ман з-ин «Маснавӣ»,
Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддин, тувӣ.

«Маснавӣ» андар фурӯъу дар усул
Ҷумла они туст, кардастӣ қабул.
Дар қабул оранд шоҳон неку бад,
Чун қабул оранд, набвад беш рад.
Чун ниҳоле коштӣ, обаш бидеҳ,
Чун гушодаш додаӣ, бигшо гиреҳ.
Қасдам аз алфози ӯ рози ту аст,
Қасдам аз иншояш овози ту аст.
Пеши ман овозат овози Худост,
Ошиқ аз машуқ ҳошо, ки ҷудост.
Иттисоле бетакаййуф, биқиёс
Ҳаст раббунносро бо ҷони нос.
Лек гуфтам, носи ман наснос не,
Нос ғайри ҷони ҷонишнос не.
Нос мардум бошаду ку мардумӣ?
Ту сари мардум надидастӣ, думӣ.
«Мо рамайта из рамайта» хондаӣ,
Лек ҷисме дар таҷаззӣ мондаӣ.
Мулки ҷисматро чу Билқис, эй ғабӣ,
Тарк кун баҳри Сулаймони набӣ!
Мекунам лоҳавл, на аз гуфти хеш,
Балки аз васвоси он андешакеш,
К-ӯ хаёле мекунад дар гуфти ман,
Дар дил аз васвосу инкороти зан(н).
Мекунам лоҳавл, яъне чора нест,
Чун туро дар дил ба зиддам гуфтанист.
Чунки гуфти ман гирифтат дар гулӯ,
Ман хамуш кардам, ту они худ бигӯ.
Он яке нойии хуш най мезадаст,
Ногаҳон аз мақъадаш боде биҷаст.
Нойро бар кун ниҳод ӯ, ки зи ман
Гар ту беҳтар мезанӣ, бистон, бизан!»
Эй мусулмон! Худ адаб андар талаб
Нест илло ҳамл аз ҳар беадаб.
Ҳар киро бинӣ, шикоят мекунад,
Ки фалон касрост табъу хӯйи бад.
Ин шикоятгар бидон, ки бадху аст,
Ки мар он бадхӯйро ӯ бадгу аст.
З-он ки хушхӯ он бувад, к-ӯ дар хумул
Бошад аз бадхӯву бадтабъон ҳамул.

Лек дар шайх он гила з-амри Худост,
На пайи хашму мумороту ҳавост.
Он шикоят нест, ҳаст ислоҳи ҷон
Чун шикоят кардани пайғамбарон.
Ноҳамулий анбиё аз амр дон
В-арна ҳаммол аст бадро ҳилмашон.
Табъро куштанд дар ҳамли бадӣ,
Ноҳамулӣ гар бувад, ҳаст эзадӣ.
Эй Сулаймон, дар миёни зоғу боз
Ҳилми Ҳақ шав, бо ҳама мурғон бисоз.
Эй дусад Билқис ҳилматро забун,
К-«иҳди қавми иннаҳум ло яъламун».

## Таҳдид фиристодани Сулаймон, алайҳиссалом, пеши Билқис, ки исрор маяндеш бар ширк ва таъхир макун

Ҳин, биё, Билқис, в-арна бад шавад,
Лашкарат хасмат шавад, муртад шавад.
Пардадори ту даратро барканад,
Ҷони ту бо ту ба ҷон хасмӣ кунад.
Ҷумла зарроти замину осмон
Лашкари ҳақканд гоҳи имтиҳон.
Бодро дидӣ, ки бо одон чӣ кард?
Обро дидӣ, ки дар тӯфон чӣ кард?
Он чи бар Фиръавн зад он баҳри кин
В-он чи бо Қорун намудаст ин замин.
В-он чи он бобил бо он пил кард
В-он чи пашша каллаи Намруд х(в)ард.
В-он ки санг андохт Довуде ба даст,
Гашт шашсад пораву лашкар шикаст.
Санг меборид бар аъдои Лут,
То ки дар оби сияҳ хӯрданд ғӯт.
Гар бигӯям аз ҷамодоти ҷаҳон
Оқилона ёрии пайғамбарон,
«Маснавӣ» чандон шавад, ки чил шутур
Гар кашад, оҷиз шавад аз бори пур.
Даст бар кофир гувоҳӣ медиҳад,
Лашкари Ҳақ мешавад, сар мениҳад.

Эй намуда зидди Ҳақ дар феъл дарс,
Дар миёни лашкари ӯйӣ, битарс.
Ҷузв-ҷузват лашкари ӯ дар вифоқ,
Мар туро акнун мутеъанд аз нифоқ.
Гар бигӯяд чашмро, к-ӯро фишор,
Дарди чашм аз ту барорад сад димор.
В-ар ба дандон гӯяд ӯ, бинмо вабол,
Пас, бибинӣ ту зи дандон гӯшмол.
Боз кун тибро, бихон «бобу-л-ъилал»,
То бибинӣ лашкари танро амал.
Чунки ҷони ҷони ҳар чизе вай аст,
Душманӣ бо ҷони ҷон осон кай аст?
Худ раҳо кун лашкари деву парӣ,
К-аз миёни ҷон кунандам сафдарӣ.
Мулкро бигзор, Билқис, аз нахуст,
Чун маро ёбӣ, ҳама мулк они туст.
Худ бидонӣ, чун бари ман омадӣ,
Ки ту бе ман нақши гармоба будӣ.
Нақш агар худ нақши султон ё ғанист,
Сурат аст, аз ҷони худ бечошнист.
Зинати ӯ аз барои дигарон
Боз карда беҳуда чашму даҳон.
Эй ту дар бегор худро бохта,
Дигаронро ту зи худ нашнохта.
Ту ба ҳар сурат, ки ойӣ, бистӣ,
Ки «манам ин», валлаҳ он ту нестӣ.
Як замон танҳо бимонӣ ту зи халқ,
Дар ғаму андеша монӣ то ба ҳалқ.
Ин ту кай бошӣ? Ки ту он авҳадӣ,
Ки хушу зебову сармасти х(в)адӣ.
Мурғи хешӣ, сайди хешӣ, доми хеш,
Садри хешӣ, фарши хешӣ, боми хеш.
Ҷавҳар он бошад, ки қоим бо худ аст,
Он араз бошад, ки фаръи ӯ шудаст.
Гар ту одамзодаӣ, чун ӯ нишин,
Ҷумла зурриётро дар худ бибин.
Чист андар хум, ки андар наҳр нест?
Чист андар хона, к-андар шаҳр нест?
Ин ҷаҳон хумм асту дил чун ҷӯйи об,
Ин ҷаҳон ҳуҷра-сту дил шаҳри уҷоб.

## Пайдо кардани Сулаймон, алайҳиссалом, ки маро «холисан ли амриллоҳ» ҷаҳд аст дар имони ту, як зарра ғаразе нест маро на дар нафси ту ва ҳусни ту ва на дар мулки ту, худ бибинӣ чун чашми ҷон боз шавад бинуриллоҳ

Ҳин, биё, ки ман расулам, даъватӣ,
Чун аҷал шаҳваткушам, на шаҳватӣ.
В-ар бувад шаҳват, амири шаҳватам,
На асири шаҳвати рӯйи бутам.
Бутшикан будаст асли асли мо
Чун Халили Ҳаққу ҷумлаи анбиё.
Гар дароем, эй раҳӣ, дар буткада,
Бут суҷуд орад, на мо дар маъбада.
Аҳмаду Бӯҷаҳл дар бутхона рафт,
З-ин шудан то он шудан фарқест зафт.
Ин дарояд, сар ниҳанд ӯро бутон,
Он дарояд, сар ниҳад чун умматон.
Ин ҷаҳони шаҳватӣ бутхонаест,
Анбиёву кофиронро лонаест.
Лек шаҳват бандаи покон бувад,
Зар насӯзад,з-он ки нақди кон бувад.
Кофирон қалбанду покон ҳамчу зар,
Андар ин бӯта-даранд ин ду нафар.
Қалб чун омад, сияҳ шуд дарзамон,
Зар даромад, шуд зарии ӯ аён.
Дасту по андохт зар дар бӯта х(в)аш,
Дар рухи оташ ҳамехандад рагаш.
Ҷисми мо рӯпӯши мо шуд дар ҷаҳон,
Мо чу дарё зери ин каҳ дар ниҳон.
Шоҳи динро мангар, эй нодон, ба тин,
К-ин назар кардаст Иблиси лаъин.
Кай тавон андуд ин хуршедро,
Мо кафи гил? Ту бигӯ охир маро.
Гар бирезӣ хоку сад хокистараш
Бар сари нур, ӯ барояд бар сараш.
Каҳ кӣ бошад, к-ӯ бипӯшад рӯйи об?
Тин кӣ бошад, к-ӯ бипӯшад офтоб?
Хез, Билқисо! Чу Адҳам шоҳвор,
Дуд аз ин мулки ду-серӯза барор.

## Боқии қиссаи Иброҳими Адҳам, қаддасаллоҳу сирраҳу

Бар сари тахте шунид он некном
Тиқ-тиқею ҳой-ҳуйе шаб зи бом.
Гомҳои тунд бар боми саро,
Гуфт бо худ, инчунин заҳра киро?
Бонг зад бар равзани қаср ӯ, ки кист,
Ин набошад одамӣ, моно, парист!
Сар фурӯ карданд қавме булъаҷаб:
«Мо ҳамегардем шаб баҳри талаб».
«Ҳин, чӣ меҷӯед?» Гуфтанд: «Уштурон»,
Гуфт: «Уштур бом-бар кай ҷаст? Ҳон?»
Пас бигуфтандаш, ки ту бар тахти ҷоҳ
Чун ҳамеҷӯйӣ мулоқоти Илоҳ?
Худ ҳамон буд, дигар ӯро кас надид,
Чун парӣ аз одамӣ шуд нопадид.
Маънияш пинҳону ӯ дар пеши халқ,
Халқ кай бинанд ғайри ришу далқ?
Чун зи чашми хешу халқон дур шуд,
Ҳамчу анқо дар ҷаҳон машҳур шуд.
Ҷони ҳар мурғе, ки омад сӯйи Қоф,
Ҷумлаи олам аз ӯ лофанд, лоф.
Чун расид андар сабо ин нури Шарқ,
Ғулғуле афтод дар Билқису халқ.
Рӯҳҳои мурда ҷумла пар заданд,
Мурдагон аз гӯри тан сар барзаданд.
Якдигарро мужда медоданд: «Ҳон!
Нак, нидое мерасад аз осмон».
З-он нидо динҳо ҳамегарданд габз,
Шоху барги дил ҳамегарданд сабз.
Аз Сулаймон он нафас чун нафхи сур,
Мурдагонро вораҳонид аз қубур.
Мар туро бодо саодат баъд аз ин,
Ин гузашт, «Аллоҳу аълам би-л-яқин».

## Бақияи қиссаи аҳли Сабо ва насиҳату иршоди Сулаймон, алайҳиссалом, оли Билқисро ҳар якеро андархури худ ва мушкилоти дину дили ӯ ва сайд кардани ҳар ҷинси мурғ замире ба сафири он ҷинси мурғ ва туъмаи ӯ

Қисса гӯям аз Сабо муштоқвор,
Чун сабо омад ба сӯйи лолазор,

«Лоқати-л-ашбоҳу явма васлиҳо,
Одати-л-авлоду савба аслиҳо.
Уммату-л-ишқи-л-хафийи фӣ-л-умам,
Мислу ҷуди ҳавлаҳу лувму-с-сақам.
Зиллату-л-арвоҳи мин ашбоҳиҳо,
Иззату-л-ашбоҳи мин арвоҳиҳо.
Аййуҳа-л-ушшоқ! Ас-суқё лакум,
Антуму-л-боқуна ва-л-буқё лакум.
Аййуҳа-с-солуна қуму в-аъшиқу,
Зока риҳу Юсуфа фастаншиқу».
Мантиқу-т-тайри сулаймонӣ, биё,
Бонги ҳар мурғе, ки ояд, месаро.
Чун ба мурғонат фиристодаст Ҳақ,
Лаҳни ҳар мурғе бидодастат сабақ.
Мурғи ҷабриро забони ҷабр гӯ,
Мурғи паришкастаро аз сабр гӯ.
Мурғи собирро ту хуш дору муъоф,
Мурғи анқоро бихон авсофи Қоф.
Мар кабӯтарро ҳазар фармо зи боз,
Бозро аз ҳилм гӯву эҳтироз.
В-он хуфошеро, ки монд ӯ бенаво,
Мекунаш бо нур ҷуфту ошно.
Кабки ҷангиро биёмӯзон ту сулҳ,
Мар хурӯсонро намо ашроти субҳ.
Ҳамчунон мерав зи ҳудҳуд то уқоб
Раҳнамо, «валлоҳу аълам би-с-савоб.

## Озод шудани Билқис аз мулк ва маст шудани ӯ аз шавқи имон ва илтифоти ӯ аз ҳама мулк мунқатеъ шудан вақти ҳиҷрат, илло аз тахт

Чун Сулаймон сӯйи мурғони Сабо
Як сафире кард, баст он ҷумларо.
Ҷуз магар мурғе, ки буд бе ҷону пар,
Ё чу моҳӣ гунг буд, аз асл кар.
Не, ғалат гуфтам, ки кар гар сар ниҳад,
Пеши ваҳйи кибриё самъаш диҳад.
Чунки Билқис аз дилу ҷон азм кард,
Бар замони рафта ҳам афсӯс х(в)ард.
Тарки молу мулк кард ӯ ончунон,
Ки ба тарки ному нанг он ошиқон.

Он ғуломону канизони баноз
Пеши чашмаш ҳамчу пӯсида пиёз.
Боғҳову қасрҳову оби рӯд
Пеши чашм аз ишқ гулхан менамуд.
Ишқ дар ҳангоми истилову хашм
Зишт гардонад латифонро ба чашм.
Ҳар зумуррадро намояд гандано,
Ғайрати ишқ ин бувад, маънии «ло».
«Ло илаҳ илло ҳу» ин аст, эй панoҳ!
Ки намояд маҳ туро деги сиёҳ.
Ҳеч молу ҳеч махзан, ҳеч рахт,
Ме дареғаш н-омад, илло ҷуз ки тахт.
Пас Сулаймон аз дилаш огоҳ шуд,
К-аз дили ӯ то дили ӯ роҳ шуд,
Он касе, ки бонги мӯрон бишнавад,
Ҳам фиғони сирри даврон бишнавад.
Он ки гӯяд рози «қолаб намлатун»,
Ҳам бидонад рози ин тоқи куҳун.
Дид аз дураш, ки он таслимкеш
Талхаш омад фурқати он тахти хеш.
Гар бигӯям он сабаб, гардад дароз,
Ки чаро будаш ба тахт он ишқу соз?
Гарчи ин килки қалам худ беҳисест,
Нест ҷинси котиб, ӯро мӯнисест.
Ҳамчунин ҳар олати пешаваре
Ҳаст бе ҷон мӯниси ҷониваре.
Ин сабабро ман муайян гуфтаме,
Гар набудӣ чашми фаҳматро наме.
Аз бузургий тахт, к-аз ҳад мефузуд,
Нақл кардан тахтро имкон набуд.
Хурдакорӣ буду тафриқаш хатар,
Ҳамчу авсоли бадан бо ҳамдигар.
Пас Сулаймон гуфт гарчи фи-л-ахир
Сард хоҳад шуд бар ӯ тоҷу сарир,
Чун зи ваҳдат ҷон бурун орад саре,
Ҷисмро бо фарри ӯ набвад фаре.
Чун барояд гавҳар аз қаъри биҳор,
Бингарӣ андар кафу хошок хор.
Сар барорад офтоби бошарар,
Думми ақраброб кӣ созад мустақар?

Лек худ бо ин ҳама бар нақди ҳол,
Ҷуст бояд тахти ӯро интиқол.
То нагардад хаста ҳангоми лиқо,
Кӯдакона ҳоҷаташ гардад раво.
Ҳаст бар мо саҳл в-ӯро бас азиз,
То бувад бар хони ҳурон дев низ.
Ибрати ҷонат шавад он тахти ноз
Ҳамчу далқу чоруқе пеши Аёз,
То бидонад, дар чӣ буд он мубтало?
Аз куҷоҳо даррасид ӯ то куҷо?
Хокрову нутфарову музғаро
Пеши чашми мо ҳамедорад Худо,
К-аз куҷо овардамат, эй бадният,
Ки аз он ояд ҳаме хифриқият.
Ту бар он ошиқ будӣ дар даври он,
Мункири ин фазл будӣ он замон.
Ин карам, чун дафъи он инкори туст,
Ки миёни хок мекардӣ нахуст.
Ҳуҷҷати инкор шуд иншори ту,
Аз даво бадтар шуд ин бемори ту.
Хокро тасвири ин кор аз куҷо?
Нутфаро хасмию инкор аз куҷо?
Чун дар он дам бедилу бесар будӣ,
Фикрату инкорро мункир будӣ.
Аз ҷамоде чунки инкорат бируст,
Ҳам аз ин инкор ҳашрат шуд дуруст.
Пас мисоли ту чу он ҳалқазанест,
К-аз дарунаш хоҷа гӯяд: «Хоҷа нест».
Ҳалқазан з-ин «нест» дарёбад, ки «ҳаст»,
Пас, зи ҳалқа барнадорад ҳеч даст.
Пас, ҳам инкорат мубайян мекунад,
К-аз ҷамод ӯ ҳашри сад фан мекунад.
Чанд санъат рафт, эй инкор, то
Обу гил инкор зод аз «ҳал ато».
Обу гил мегуфт худ инкор нест,
Бонг мезад бехабар, к-ахбор нест.
Ман бигӯям шарҳи ин аз сад тариқ,
Лек хотир лағзад аз гуфти дақиқ.

## Чора кардани Сулаймон, алайҳиссалом, дар иҳзори тахти Билқис аз Сабо

Гуфт ифрите, ки тахташро ба фан
Ҳозир орам, то ту з-ин маҷлис шудан.
Гуфт Осаф: «Ман ба исми аъзамаш
Ҳозир орам пеши ту дар як дамаш».
Гарчи ифрит устоди сеҳр буд,
Лек он аз нафхи Осаф рӯ намуд.
Ҳозир омад тахти Билқис он замон,
Лек з-Осаф, н-аз фани ифритиён.
Гуфт: «Ҳамдуллаҳ бар ину сад чу ин,
Ки бидидастам зи раббулъоламин».
Пас назар кард он Сулаймон сӯйи тахт,
Гуфт: «Оре, гӯл гирӣ, эй дарахт».
Пеши чӯбу пеши санги нақшканд,
Эй басо гӯлон, ки сарҳо мениҳанд.
Соҷиду масҷуд аз ҷон бехабар,
Дида аз ҷон ҷунбише в-андар асар,
Дида дар вақте, ки шуд ҳайрону данг.
Ки сухан гуфту ишорат кард санг.
Нарди хидмат чун ба номавзеъ бибохт,
Шери сангинро шақӣ шере шинохт.
Аз карам шери ҳақиқӣ кард ҷуд,
Устухоне сӯйи саг андохт зуд.
Гуфт: Гарчи нест он саг бар қавом,
Лек моро устухон лутфест ом.

## Қиссаи ёрӣ хостани Ҳалима аз бутон, чун ақиби фитом Мустафоро, алайҳиссалом, гум кард ва ларзидан ва саҷдаи бутон ва гувоҳӣ додани эшон бар азамати кори Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам

Қиссаи рози Ҳалима гӯямат,
То зудояд достони ӯ ғамат.
Мустафоро чун зи шир ӯ боз кард,
Бар кафаш бардошт чун райҳону вард.
Мегурезонидаш аз ҳар неку бад,
То супорад он шаҳаншаҳро ба ҷад.
Чун ҳамеовард амонатро зи бим,
Шуд ба Каъба в-омад ӯ андар ҳатим.

Аз ҳаво бишнид бонге, к-эй ҳатим!
Тофт бар ту офтобе бас азим.
Эй ҳатим! Имрӯз ояд бар ту зуд
Сад ҳазорон нур аз хуршеди ҷуд.
Эй ҳатим! Имрӯз орад дар ту рахт,
Муҳташам шоҳе, ки пайки ӯст бахт.
Эй ҳатим! Имрӯз бешак аз навӣ
Манзили ҷонҳои болоӣ шавӣ.
Ҷони покон тулб-тулбу ҷавқ-ҷавқ
Оядат аз ҳар навоҳӣ масти шавқ.
Гашт ҳайрон он Ҳалима з-он садо,
На касе дар пеш, на сӯйи қазо.
Шаш ҷиҳат холӣ зи сурат в-ин нидо
Шуд паёпай он нидоро ҷон фидо.
Мустафоро бар замин бинҳод ӯ,
То кунад он бонги хушро ҷустуҷӯ.
Чашм меандохт он дам сӯ ба сӯ,
Ки куҷо аст ин шаҳи асроргӯ,
К-инчунин бонги баланд аз чаппу рост
Мерасад, ё раб! Расонанда куҷост?
Чун надид ӯ, хираву навмед шуд,
Ҷисм ларзон ҳамчу шохи бед шуд.
Боз омад сӯйи он тифли рашид,
Мустафоро бар макони худ надид.
Ҳайрат андар ҳайрат омад бар дилаш,
Гашт бас торик аз ғам манзилаш.
Сӯйи манзилҳо давиду бонг дошт,
Ки кӣ бар дурдонаам ғорат гумошт?
Маккиён гуфтанд: «Моро илм нест,
Мо надонистем, к-он ҷо кӯдакест».
Рехт чандон ашку кард ӯ бас фиғон,
Ки аз ӯ гирён шуданд он дигарон.
Синакӯбон ончунон бигрист х(в)аш,
К-ахтарон гирён шуданд аз гиряаш.

## Ҳикояти он пири араб, ки далолат кард Ҳалимаро ба истиъонати бутон

Пирмарде пешаш омад бо асо,
К-эй Ҳалима! Чӣ фитод охир туро?

Ки чунин оташ зи дил афрӯхтӣ,
Ин ҷигарҳоро зи мотам сӯхтӣ.
Гуфт: «Аҳмадро разиъам, муътамад,
Пас биёвардам, ки биспорам ба ҷад.
Чун расидам дар ҳатим, овозҳо
Мерасиду мешунидам аз ҳаво.
Ман чу он алҳон шунидам аз ҳаво,
Тифлро бинҳодам он ҷо з-он садо,
То бибинам ин нидо овози кист?
Ки нидое бас латифу бас шаҳист.
Н-аз касе дидам ба гирди худ нишон,
На нидо ме мунқатеъ шуд як замон.
Чунки вогаштам зи ҳайратҳои дил,
Тифлро он ҷо надидам, войи дил».
Гуфташ: «Эй фарзанд! Ту андуҳ мадор,
Ки намоям мар туро як шаҳрёр,
Ки бигӯяд, гар бихоҳад ҳоли тифл,
Ӯ бидонад манзилу тарҳоли тифл».
Пас Ҳалима гуфт: «Эй ҷонам фидо,
Мар туро, эй шайхи хуби хушнидо!
Ҳин, маро бинмой он шоҳи назар,
К-аш бувад аз ҳоли тифли ман хабар».
Бурд ӯро пеши Уззо, к-ин санам
Ҳаст дар ахбори ғайбӣ муғтанам.
Мо ҳазорон гумшуда з-ӯ ёфтем,
Чун ба хидмат сӯйи ӯ биштофтем».
Пир кард ӯро суҷуду гуфт зуд:
«Эй Худованди араб! Эй баҳри ҷуд!
Гуфт: «Эй Уззо! Ту бас икромҳо
Кардаӣ, то растаем аз домҳо.
Бар араб ҳаққ аст аз икроми ту
Фарз гашта, то араб шуд роми ту.
Ин Ҳалимай Саъдӣ аз уммеди ту
Омад андар зилли шохи беди ту,
Ки аз ӯ фарзанди тифле гум шудаст,
Номи он кӯдак Муҳаммад омадаст».
Чун «Муҳаммад» гуфт, он ҷумла бутон
Сарнигун гаштанду соҷид он замон,
Ки бирав, эй пир! Ин чӣ ҷустуҷӯст?
Он Муҳаммадро, ки азли мо аз ӯст,

Мо нигуну сангсор оем аз ӯ,
Мо касоду беиёр оем аз ӯ.
Он хаёлоте, ки дидандӣ зи мо
Вақти фатрат гоҳ-гоҳ аҳли ҳаво,
Гум шавад, чун боргоҳи ӯ расид,
Об омад, мар таяммумро дарид.
Дур шав, эй пир, фитна кам фурӯз,
Ҳин! Зи рашки аҳмадӣ моро масӯз.
Дур шав, баҳри Худо, эй пир, ту,
То насӯзӣ з-оташи тақдир ту.
Ин чӣ думми аждаҳо афшурдан аст?
Ҳеч донӣ, чӣ хабар овардан аст?
З-ин хабар ҷӯшад дили дарёву кон,
З-ин хабар ларзон шавад ҳафт осмон.
Чун шунид аз сангҳо пир ин сухан,
Пас асо андохт он пири куҳан.
Пас зи ларза-в хавфу бими он нидо
Пир дандонҳо ба ҳам бармезадо.
Ончунон к-андар зимистон марди ур
Ӯ ҳамеларзиду мегуфт: «Эй субур».
Чун дар он ҳолат бидид ӯ пирро,
З-он аҷаб, гум кард зан тадбирро.
Гуфт: «Пиро, гарчи ман дар меҳнатам,
Ҳайрат андар ҳайрат андар ҳайратам.
Соате бодам хатибӣ мекунад,
Соате сангам адибӣ мекунад.
Бод бо ҳарфам суханҳо медиҳад,
Сангу кӯҳам фаҳми ашё медиҳад.
Гоҳ тифламро рабуда ғайбиён,
Ғайбиёни сабзпарри осмон.
Аз кӣ нолам? Бо кӣ гӯям ин гила?
Ман шудам савдоӣ, акнун саддила.
Ғайраташ аз шарҳи ғайбам лаб бибаст,
Ин қадар гӯям, ки тифлам гум шудаст.
Гар бигӯям чизи дигар ман кунун,
Халқ бандандам ба занҷири ҷунун».
Гуфт пираш, к-эй Ҳалима, шод бош,
Саҷдаи шукр ору рӯро кам харош.
Ғам махур, ёва нагардад ӯ зи ту,
Балки олам ёва гардад андар ӯ.

Ҳар замон аз рашку ғайрат пешу пас,
Сад ҳазорон посбон асту ҳарас.
Он надидӣ, к-он бутони зӯфунун
Чун шуданд аз номи тифлат сарнигун?
Ин аҷаб қарнест бар рӯйи замин,
Пир гаштам, ман надидам ҷинси ин.
З-ин рисолат сангҳо чун нола дошт,
То чӣ хоҳад бар гунаҳкорон гумошт?
Санг беҷурм аст дар маъбудияш,
Ту найӣ музтар, ки банда будияш.
Ӯ, ки музтар, инчунин тарсон шудаст,
То ки бар муҷрим чиҳо хоҳанд баст.

## Хабар ёфтани ҷадди Мустафо -- Абдулмутталиб аз гум кардани Ҳалима Муҳаммадро, алайҳиссалом ва толиб шудани ӯ гирди шаҳр ва нолидани ӯ бар дари Каъба ва аз Ҳақ дархостан ва ёфтани ӯ Муҳаммадро, алайҳиссалом

Чун хабар ёбид ҷадди Мустафо,
Аз Ҳалима в-аз фағонаш бармало
В-аз чунон бонги баланду наъраҳо,
Ки ба миле мерасид аз вай садо,
Зуд Абдулмутталиб донист чист,
Даст бар сина ҳамезад, мегирист.
Омад аз ғам бар дари Каъба ба сӯз,
К-эй хабир аз сирри шаб в-аз рози рӯз,
Хештанро ман намебинам фане,
То бувад ҳамрози ту ҳамчун мане.
Хештанро ман намебинам ҳунар,
То шавам мақбули ин масъуд-дар.
Ё сару саҷдай маро қадре бувад,
Ё ба ашкам давлате хандон шавад.
Лек дар симои он дурри ятим
Дидаам осори лутфат, эй карим!
Ки намемонад ба мо, гарчи зи мост,
Мо ҳама миссему Аҳмад кимиёст.
Он аҷоибҳо, ки ман дидам бар ӯ,
Ман надидам бар валию бар адӯ.
Он ки фазли ту дар ин тифлиш дод,
Кас нишон надҳад ба садсола ҷиҳод.

Чун яқин дидам иноятҳои ту
Бар вай, ӯ дуррест аз дарёи ту.
Ман ҳам ӯро ме шафеъ орам ба ту,
Ҳоли ӯ, эй ҳолдон, бо ман бигӯ!
Аз даруни Каъба омад бонг зуд,
Ки ҳамакнун рух ба ту хоҳад намуд.
Бо дусад иқбол ӯ маҳзузи мост,
Бо дусад тулби малак маҳфузи мост.
Зоҳирашро шуҳраи кайҳон кунем,
Ботинашро аз ҳама пинҳон кунем.
Зарри кон буд обу гил, мо заргарем,
Ки гаҳаш халхолу гаҳ хотам бурем.
Гаҳ ҳамоилҳои шамшераш кунем,
Гоҳ банди гардани шераш кунем.
Гаҳ туранҷи тахт барсозем аз ӯ,
Гоҳ тоҷи фарқҳои мулкҷӯ.
Ишқҳо дорем бо ин хок мо,
З-он ки афтодаст дар қаъдай ризо.
Гаҳ чунин шоҳе аз ӯ пайдо кунем,
Гаҳ ҳам ӯро пеши шаҳ шайдо кунем.
Сад ҳазорон ошиқу маъшуқ аз ӯ
Дар фиғону дар нафиру ҷустуҷӯ.
Кори мо ин аст бар кӯрии он,
Ки ба кори мо надорад майли ҷон.
Ин фазилат хокро з-он рӯ диҳем,
Ки навола пеши бебаргон ниҳем.
З-он ки дорад хок шакли ағбаре
В-аз дарун дорад сифоти анваре.
Зоҳираш бо ботинаш гашта ба ҷанг,
Ботинаш чун гавҳару зоҳир чу санг.
Зоҳираш гӯяд, ки мо инему бас,
Ботинаш гӯяд, накӯ бин пешу пас.
Зоҳираш мункир, ки ботин ҳеч нест,
Ботинаш гӯяд, ки бинмоем, бист!
Зоҳираш бо ботинаш дар ҷолишанд,
Лоҷарам з-ин сабр нусрат мекашанд.
З-ин турушрӯ хок суратҳо кунем,
Хандаи пинҳон-шро пайдо кунем.
З-он ки зоҳир хок андӯҳу букост,
Дар дарунаш сад ҳазорон хандаҳост.

Кошифу-с-сиррему кори мо ҳамин,
К-ин ниҳонҳоро барорем аз камин.
Гарчи дузд аз мункирӣ тан мезанад,
Шаҳна он аз аср пайдо мекунад.
Фазлҳо дуздидаанд ин хокҳо,
Мо муқирр оремашон аз ибтило.
Бас аҷаб фарзанд, к-ӯро будааст,
Лек Аҳмад бар ҳама афзудааст.
Шуд замину осмон хандону шод,
К-инчунин шоҳе зи мо ду ҷуфт зод.
Мешикофад осмон аз шодияш,
Хок чун савсан шуда з-озодияш.
Зоҳират бо ботинат, эй хоки х(в)аш,
Чунки дар ҷангаңду андар кашмакаш.
Ҳар кӣ бо худ баҳри Ҳақ бошад ба ҷанг,
То шавад маъниш хасми бӯву ранг.
Зулматаш бо нури ӯ шуд дар қитол,
Офтоби ҷон-шро набвад завол.
Ҳар кӣ кӯшад баҳри мо дар имтиҳон,
Пушт зери пояш орад осмон.
Зоҳират аз тирагӣ афғонкунон,
Ботини ту гулситон дар гулситон.
Қосид ӯ чун сӯфиёни рӯтуруш,
То наёмезанд бо ҳар нуркуш.
Орифони рӯтуруш чун хорпушт,
Айш пинҳон карда дар хори дурушт.
Боғ пинҳон, гирди боғ он хор фош,
К-эй адувви дузд! З-ин дар дур бош.
Хорпушто! Хор ҳорис кардаӣ,
Сар чу сӯфӣ дар гиребон бурдаӣ.
То касе дучори донги айши ту
Кам шавад з-ин гулрухони хорҷӯ.
Тифли ту гарчи ки кӯдакхӯ будаст,
Ҷумла олам худ туфайли ӯ будаст.
Мо ҷаҳонеро бад-ӯ зинда кунем,
Чархро дар хидматаш банда кунем.
Гуфт Абдулмутталиб, к-ин дам куҷост?
Эй «алиму-с-сир», нишон деҳ роҳи рост.

## Нишон хостани Абдулмутталиб аз мавзеъи Муҳаммад, алайҳиссалом, ки куҷош ёбам? Ва ҷавоб омадан аз андаруни Каъба ва нишон ёфтан

Аз даруни Каъба овозаш расид,
Гуфт: «Эй ҷӯянда! Он тифли рашид
Дар фалон водист, зери он дарахт,
Пас равон шуд зуд пири некбахт.
Дар рикоби ӯ амирони Қурайш,
З-он ки ҷаддаш буд з-аъёни Қурайш.
То ба пушти Одам, аслофаш ҳама
Меҳтарони базму разму малҳама.
Ин насаб худ пӯст ӯро будааст,
К-аз шаҳаншоҳони меҳ полудааст.
Мағзи ӯ худ аз насаб дур асту пок,
Нест ҷинсаш аз Самак кас то Симок.
Нури Ҳақро кас наҷӯяд зоду буд,
Хилъати Ҳақро чӣ ҳоҷат тору пуд?
Камтарин хилъат, ки бидҳад дар савоб,
Барфизояд бар тирози офтоб.

## Бақияи қиссаи даъвати раҳмат Билқисро

Хез, Билқисо! Биёву мулк бин,
Бар лаби дарёи Яздон дур бичин.
Хоҳаронат сокини чархи санӣ,
Ту ба мурдорӣ чӣ султонӣ кунӣ?
Хоҳаронатро зи бахшишҳои род
Ҳеч медонӣ, ки он султон чӣ дод?
Ту зи шодӣ чун гирифтӣ таблзан?
Ки манам шоҳу раиси гӯлхан.

## Масали қонеъ шудани одамӣ ба дунё ва ҳирси ӯ дар талаби дунё ва ғафлати ӯ аз даъвати рӯҳониён, ки абнои ҷинси вайанд ва наъразанон, ки «ё лайта қавмӣ яъламун»

Он саге дар кӯ гадои кӯр дид,
Ҳамла меоварду далқаш медарид.
Гуфтаем инро, вале бори дигар
Шуд мукаррар баҳри таъкиди хабар.

Кӯр гуфташ: «Охир, он ёрони ту
Бар куҳанд ин дам шикорӣ, сайдҷӯ.
Қавми ту дар кӯҳ мегиранд гӯр,
Дар миёни кӯй мегирӣ ту кӯр?»
Тарки ин тазвир гӯ, шайхи нафур!
Оби шӯре ҷамъ карда чанд кӯр,
К-ин муридони ману ман оби шӯр
Мехуранд аз ман, ҳамегарданд кӯр.
Оби худ ширин кун аз баҳри ладун,
Оби бадро доми ин кӯрон макун.
Хез, шерони Худо бин, гӯргир,
Ту чу саг чунӣ ба зарқи кӯргир?
Гӯр чӣ? Аз сайри ғайри дӯст дур,
Ҷумла шеру шергиру масти нур.
Дар назорай сайду сайёдии шаҳ
Карда тарки сайду мурда дар валаҳ.
Ҳамчу мурғи мурдашон бигрифта ёр,
То кунад ӯ ҷинси эшонро шикор.
Мурғи мурда музтар андар васлу байн,
Хондаӣ «алқалбу байна исбаъайн?»
Мурғи мурдаро ҳар он ки шуд шикор,
Чун бибинад, шуд шикори шаҳрёр.
Ҳар кӣ ӯ з-ин мурғи мурда сар битофт,
Дасти он сайёдро ҳаргиз наёфт.
Гӯяд ӯ мангар ба мурдории ман,
Ишқи шаҳ бин дар нигаҳдории ман.
Ман на мурдорам, маро шаҳ куштааст,
Сурати ман шибҳи мурда гаштааст.
Ҷунбишам з-ин пеш буд аз болу пар,
Ҷунбишам акнун зи дасти додгар.
Ҷунбиши фоним берун шуд зи пӯст,
Ҷунбишам боқист акнун, чун аз ӯст.
Ҳар кӣ каж ҷунбад ба пеши ҷунбишам,
Гарчи Симурғ аст, зораш мекушам.
Ҳин, маро мурда мабин, гар зиндаӣ,
Дар кафи шоҳам нигар, гар бандаӣ.
Мурда зинда кард Исо аз карам,
Ман ба каффи холиқи Исо-дарам.
Кай бимонам мурда дар қабзай Худо?
Бар кафи Исо мадор ин ҳам раво.

Исиям, лекин ҳар он к-ӯ ёфт ҷон,
Аз дари ман ӯ бимонад ҷовидон.
Шуд зи Исо зинда, лекин боз мурд,
Шод он, к-ӯ ҷон бад-ин Исо супурд.
Ман асоям дар кафи Мӯсои хеш,
Мӯсиям пинҳону ман пайдо ба пеш.
Бар мусулмонон пули дарё шавам,
Боз бар Фиръавн аждарҳо шавам.
Ин асоро, эй писар, танҳо мабин,
Ки асо бе каффи Ҳақ набвад чунин.
Мавҷи тӯфон ҳам асо буд, к-ӯ зи дард
Тантанай ҷодупарастонро бих(в)ард.
Гар асоҳои Худоро бишмарам,
Зарқи ин фиръавниёнро бардарам.
Лек з-ин ширингиёи заҳрманд
Тарк кун, то чанд рӯзе мечаранд.
Гар набошад ҷоҳи Фиръавну сарӣ,
Аз куҷо ёбад ҷаҳаннампарварӣ?
Фарбиҳаш кун, он гаҳаш куш, эй қасоб,
З-он ки бебарганд дар дӯзах килоб.
Гар набудӣ хасму душман дар ҷаҳон
Пас, бимурдӣ хашм андар мардумон.
Дӯзах он хашм аст, хашме боядаш,
То зияд, в-арна раҳиме бикшадаш.
Пас, бимондӣ лутф беқаҳру бадӣ,
Пас, камоли подшоҳӣ кай будӣ?
Ришханде кардаанд он мункирон
Бар масалҳову баёни зокирон.
Ту агар хоҳӣ, бикун ҳам ришханд,
Чанд хоҳӣ зист, эй мурдор! Чанд?
Шод бошед, эй муҳиббон дар ниёз,
Бар ҳамин дар, ки шавад имрӯз боз.
Ҳар ҳавиҷе бошадаш карде дигар
Дар миёни боғ, аз сиру кабар.
Ҳар яке бо ҷинси худ дар карди х(в)ад
Аз барои пухтагӣ нам мехурад.
Ту ки карди заъфаронӣ, заъфарон
Бошу омезиш макун бо дигарон.
Об мехур, заъфароно, то расӣ,
Заъфаронӣ, андар он ҳалво расӣ.

Дар макун дар карди шалғам пӯзи хеш,
Ки нагардад бо ту ӯ ҳамтабъу хеш.
Ту ба карде, ӯ ба карде, муддаъа,
З-он ки арзуллоҳ омад восиъа.
Хоса он арзе, ки аз паҳноварӣ
Дар сафар гум мешавад деву парӣ.
Андар он баҳру биёбону ҷибол,
Мунқатеъ мегардад авҳому хаёл.
Ин биёбон дар биёбонҳои ӯ
Ҳамчу андар баҳри пур як тои мӯ.
Оби истода, ки сайр асташ ниҳон,
Тозатар, хуштар зи ҷӯҳои равон,
К-ӯ даруни хеш чун ҷону равон
Сайри пинҳон дораду пойи равон.
Мустамеъ хуфтаст, кӯтаҳ кун хитоб,
Эй хатиб! Ин нақш кам кун ту бар об.
Хез, Билқисо, ки бозорест тез,
З-ин хасисони касодафган гурез.
Хез, Билқисо, кунун бо ихтиёр,
Пеш аз он ки марг орад гирудор.
Баъд аз он гӯшат кашад марг ончунон,
Ки чу дузд ойӣ ба шаҳна, ҷонканон.
З-ин харон то чанд бошӣ наълдузд?
Гар ҳамедуздӣ, биёву лаъл дузд!
Хоҳаронат ёфта мулки хулуд,
Ту гирифта мулкати кӯру кабуд.
Эй хунук онро, к-аз ин мулкат биҷаст,
Ки аҷал ин мулкро вайронгар аст.
Хез, Билқисо, биё, боре бибин
Мулкати шоҳону султонони дин.
Шиста дар ботин миёни гулситон,
Зоҳир оҳоде миёни дӯстон.
Бӯстон бо ӯ равон, ҳар ҷо равад,
Лек он аз халқ пинҳон мешавад.
Меваҳо лобакунон, к-аз ман бичар,
Оби ҳайвон омада, к-аз ман бих(в)ар.
Тавф мекун бар фалак бе парру бол
Ҳамчу хуршеду чу бадру чун ҳилол.
Чун равон бошӣ, равону пой не!
Мехурӣ сад луту луқмахой не!

Не наҳанги ғам занад бар киштият,
Не падидояд зи мурдан зиштият.
Ҳам ту шоҳу ҳам ту лашкар, ҳам ту тахт,
Ҳам ту некӯбахт бошӣ, ҳам ту бахт.
Гар ту некӯбахтию султони зафт,
Бахт ғайри туст, рӯзе бахт рафт.
Ту бимондӣ чун гадоён бенаво,
Давлати худ ҳам ту бош, эй муҷтабо!
Чун ту бошӣ бахти худ, эй маънавӣ!
Пас, ту ки бахтӣ, зи худ кай гум шавӣ?
Ту зи худ кай гум шавӣ, эй хушхисол,
Чунки айни ту туро шуд мулку мол.

## Бақияи қиссаи иморат кардани Сулаймон, алайҳиссалом, масҷиди Ақсоро ба таълим ва ваҳйи Худо ҷиҳати ҳикматҳое, ки ӯ донад ва муовинати малойика ва деву парӣ ва одамӣ ошкоро

Эй Сулаймон, масҷиди Ақсо бисоз,
Лашкари Билқис омад дар намоз.
Чунки ӯ бунёди он масҷид ниҳод,
Ҷинну инс омад, бадан дар кор дод.
Як гурӯҳ аз ишқу қавме бемурод,
Ҳамчунон ки дар раҳи тоат ибод.
Халқ девонанду шаҳват силсила,
Мекашадшон сӯйи дуккону ғала.
Ҳаст ин занҷир аз хавфу вала,
Ту мабин ин халқро бесилсила.
Мекашонадшон суйи касбу шикор,
Мекашонадшон суйи кону биҳор.
Мекашадшон сӯйи неку сӯйи бад,
Гуфт Ҳақ: «фӣ ҷидиҳо ҳаблу-л-масад.
Қад ҷаъална-л-ҳабла фӣ аъноқиҳим,
Ва-т-тахазна-л-ҳабла мин ахлоқиҳим.
Лайса мин мустақзирин мустанқиҳи,
Қатту илло тоируҳ фӣ унқиҳи».
Ҳирси ту дар кори бад чун оташ аст,
Ахгар аз ранги хуши оташ х(в)аш аст.
Он сиёҳӣ фаҳм дар оташ ниҳон,
Чунки оташ шуд, сиёҳӣ шуд аён.

Ахгар аз ҳирси ту шуд фаҳми сиёҳ,
Ҳирс чун шуд, монд он фаҳми табоҳ.
Он замон он фаҳм ахгар менамуд,
Он на ҳусни кор, нори ҳирс буд.
Ҳирс коратро биёроида буд,
Ҳирс рафту монд кори ту кабуд.
Ғӯлаеро, ки бароройид ғӯл,
Пухта пиндорад касе, ки ҳаст гӯл.
Озмоиш чун намояд ҷони ӯ,
Кунд гардад з-озмун дандони ӯ.
Аз ҳавас он дом дона менамуд,
Акси ғӯли ҳирс в-он худ хом буд.
Ҳирс андар кори дину хайр ҷӯ,
Чун намонад ҳирс, бошад нағзрӯ.
Хайрҳо нағзанд, на аз акси ғайр,
Тоби ҳирс ар рафт, монад тоби хайр.
Тоби ҳирс аз кори дунё чун бирафт,
Фаҳм бошад монда аз ахгар ба тафт.
Кӯдаконро ҳирс меорад ғирор,
То шаванд аз завқи дил домансавор.
Чун зи кӯдак рафт он ҳирси бадаш,
Бар дигар атфол ханда оядаш,
Ки чӣ мекардам? Чӣ медидам дар ин?
Хал зи акси ҳирс бинмуд ангубин.
Он бинои анбиё бе ҳирс буд,
З-он чунон пайваста равнақҳо фузуд.
Эй басо масҷид бароварда кибром,
Лек набвад масҷиди Ақсо-ш ном.
Каъбаро, ки ҳар даме иззе фузуд,
Он зи ихлосоти Иброҳим буд.
Фазли он масҷид зи хоку санг нест,
Лек дар банноиш ҳирсу ҷанг нест.
На кутубшон мисли кутби дигарон,
Не масоҷидшон, на касбу хону мон.
На адабшон, на ғазабшон, на никол,
На нуъосу на қиёсу на мақол.
Ҳар якешонро яке фарре дигар,
Мурғи ҷоншон тоир аз парре дигар.
Дил ҳамеларзад зи фикри ҳолашон,
Қиблаи афъоли мо афъолашон.

Мурғашонро байзаҳо заррин будаст,
Нимшаб ҷоншон саҳаргаҳбин шудаст.
Ҳар чӣ гӯям ман ба ҷон, некӯйи қавм,
Нақс гуфтам, гашта ноқисгӯйи қавм.
Масҷиди Ақсо бисозед, эй киром,
Ки Сулаймон боз омад, вассалом.
В-ар аз ин девону парён сар кашанд,
Ҷумларо амлок дар чанбар кашанд.
Дев як дам каж равад аз макру зарқ,
Тозиёна оядаш бар сар чу барқ.
Чун Сулаймон шав, ки то девони ту
Санг бурранд аз пайи айвони ту.
Чун Сулаймон бош бевасвосу рев,
То туро фармон барад ҷинниии дев.
Хотами ту ин дил асту ҳуш дор,
То нагардад деврo хотам шикор.
Пас, сулаймонӣ кунад бар ту мудом,
Дев бо хотам, ҳазар кун, вассалом.
Он сулаймонӣ, дило, мансух нест,
Дар сару сиррат сулаймоникунест.
Дев ҳам вақте сулаймонӣ кунад,
Лек ҳар ҷулоҳа атлас кай танад?
Даст ҷунбонад чу дасти ӯ, валек
Дар миёни ҳардушон фарқест нек.

## Қиссаи шоир ва сила додани шоҳ ва музоаф кардани он вазири Булҳасанном

Шоире овард шеъре пеши шоҳ
Бар умеди халъату икрому ҷоҳ.
Шоҳ мукрим буд, фармудаш ҳазор,
Аз зари сурху каромоту нисор.
Пас вазираш гуфт, к-ин андак бувад,
Даҳ ҳазораш ҳадя водеҳ, то равад.
Аз чун ӯ шоир нус, аз ту баҳри даст
Даҳ ҳазоре, ки бигуфтам, андак аст.
Фиқҳ гуфт он шохрову фалсафа,
То баромад ушри хирман аз кафа.
Даҳ ҳазораш доду хилъат дарх(в)араш,
Хонаи шукру сано гашт он сараш.

Пас тафаҳҳус кард, к-ин саъйи кӣ буд?
Шоҳро аҳлийяти ман кӣ намуд?
Пас бигуфтандаш фалонуддин вазир,
Он Ҳасанному ҳасан хулқу замир.
Дар санои ӯ яке шеъре дароз
Барнабишту сӯйи хона рафт боз.
Бе забону лаб ҳамон наъмои шоҳ
Мадҳи шаҳ мекарду хилъатҳои шоҳ.

## Боз омадани шоир баъди чанд сол ба умеди ҳамон сила ва ҳазор динор фармудани шоҳ бар қоидаи хеш ва гуфтани вазири нав, ҳам Ҳасанном шоҳро, ки ин сахт бисёр аст ва моро харҷҳост ва хазина холист ва ман ӯро ба даҳяки он хушнуд кунам

Баъди соле чанд баҳри ризқу кашт
Шоир аз фақру аваз муҳтоҷ гашт.
Гуфт: «Вақти фақру тангии ду даст
Ҷустуҷӯйи озмуда беҳтар аст.
Даргаҳеро, к-озмудам дар карам,
Ҳоҷати навро бад-он ҷониб барам».
Маънии Аллоҳ гуфт он сибвайҳ:
«Юлаҳуна фил-ҳавоиҷ ҳум ладайҳ».
Гуфт: «Алиҳно фӣ хавоиҷно илайк
Ва-л-тамасноҳо ваҷадноҳо ладайк».
Сад ҳазорон оқил андар вақти дард
Ҷумла нолон пеши он дайёни фард.
Ҳеч девонай фаливе ин кунад,
Бар бахиле, оҷизе кудя танад?
Гар надидандӣ ҳазорон бор беш,
Оқилон кай ҷон кашидандиш пеш?
Балки ҷумлай моҳиён дар мавҷҳо,
Ҷумлаи паррандагон бар авҷҳо.
Пилу гургу ҳайдари ишкор низ,
Аждаҳои зафту мӯру мор низ.
Балки хоку боду обу ҳар шарор
Моя з-ӯ ёбанд ҳам дай, ҳам баҳор.
Ҳар дамаш лоба кунад ин осмон,
Ки фурӯ магзорам, эй Ҳақ, як замон.

Устуни ман исмату ҳифзи ту аст,
Ҷумла матвийи ямини он ду даст.
В-ин замин гӯяд, ки дорам барқарор,
Эй ки бар обам ту кардастӣ савор.
Ҷумлагон киса аз ӯ бардӯхтанд,
Додани ҳоҷат аз ӯ омӯхтанд.
Ҳар набийе з-ӯ бароварда барот,
«Истиъину минҳу сабран ав салот».
Ҳин! Аз ӯ хоҳед, на аз ғайри ӯ,
Об дар ям ҷӯ, маҷӯ дар хушкҷӯ.
В-ар бихоҳӣ аз дигар, ҳам ӯ диҳад,
Бар кафи майлаш сахо ҳам ӯ ниҳад.
Он ки муъризро зи зар Қорун кунад,
Рӯ бад-ӯ орӣ ба тоат, чун кунад?
Бори дигар шоир аз савдои дод
Рӯй сӯйи он шаҳи муҳсин ниҳод.
Ҳадяи шоир чӣ бошад? Шеъри нав,
Пеши муҳсин ораду бинҳад гарав.
Муҳсинон бо сад атову ҷуду бир
Зар ниҳода, шоиронро мунтазир.
Пешашон шеъре беҳ аз сад танги шаър,
Хоса шоир, к-ӯ гуҳар орад зи қаър.
Одамӣ аввал ҳариси нон бувад,
З-он ки қуту нон сутуни ҷон бувад.
Сӯйи касбу сӯйи ғасбу сад ҳиял
Ҷон ниҳода бар каф аз ҳирсу амал.
Чун ба нодир гашт мустағнӣ зи нон,
Ошиқи ном асту мадҳи шоирон.
То ки аслу фасли ӯро бардиҳанд,
Дар баёни фазли ӯ минбар ниҳанд.
То ки карру фарру зарбахшии ӯ
Ҳамчу анбар бӯ диҳад дар гуфтугӯ.
Халқи мо, бар сурати худ кард Ҳақ,
Васфи мо аз васфи ӯ гирад сабақ.
Чунки он халлоқ шукру ҳамдҷӯст,
Одамиро мадҳҷӯйӣ низ хӯст.
Хоса марди Ҳақ, ки дар фазл аст чуст,
Пур шавад з-он бод чун хики дуруст.
В-ар набошад аҳл, з-он боди дурӯғ
Хик бидридаст, кай гирад фурӯғ?

Ин масал аз худ нагуфтам, эй рафиқ,
Сарсарӣ машнав, чу аҳлию муфиқ.
Ин паямбар гуфт, чун бишнид қадҳ,
Ки чаро фарбеҳ шавад Аҳмад ба мадҳ?
Рафт шоир сӯйи он шоҳу бибурд
Шеър андар шукри эҳсон, к-он намурд.
Муҳсинон мурданду эҳсонҳо бимонд,
Эй хунук онро ки ин маркаб биронд.
Золимон мурданду монд он зулмҳо,
Войи ҷоне, к-ӯ кунад макру даҳо.
Гуфт пайғамбар: «Хунук онро ки ӯ
Шуд зи дунё, монд аз ӯ феъли накӯ».
Мурд муҳсин, лек эҳсонаш намурд,
Назди Яздон дину эҳсон нест хурд.
Войи он, к-ӯ мурду исёнаш намурд,
То напиндорӣ, ба марг ӯ ҷон бибурд.
Ин раҳо кун, з-он ки шоир бар гузар
Вомдор асту қавӣ муҳтоҷи зар.
Бурд шоир шеър сӯйи шаҳрёр
Бар умеди бахшишу эҳсони пор.
Нозанин шеъре пур аз дурри дуруст,
Бар умеду бӯйи икроми нахуст.
Шоҳ ҳам бар хӯйи худ гуфташ ҳазор,
Чун чунин буд одати он шаҳрёр.
Лек ин бор он вазири пур зи ҷуд
Бар буроқи из зи дунё рафта буд.
Бар мақоми ӯ вазири нав раис
Гашта, лекин сахт бераҳму хасис.
Гуфт: «Эй шаҳ! Харҷҳо дорем мо,
Шоиреро набвад ин бахшиш сазо.
Ман ба рубъи ушри ин, эй муғтанам,
Марди шоирро хушу розӣ кунам».
Халқ гуфтандаш, ки ӯ аз пешдаст
Даҳ ҳазорон з-ин диловар бурдааст.
Баъди шаккар килкхоӣ чун кунад?
Баъди султонӣ гадоӣ чун кунад?
Гуфт: «Бифшорам варо андар фушор,
То шавад зору низор аз интизор.
Он гаҳ ар хокаш диҳам аз роҳ ман,
Даррабояд ҳамчу гулбарг аз чаман.

Ин ба ман бигзор, к-устодам дар ин,
Гар тақозогар бувад, ҳам оташин.
Аз Сурайё гар бипаррад то саро,
Нарм гардад, чун бибинад ӯ маро».
Гуфт султонаш: «Бирав, фармон турост,
Лек шодаш кун, ки некӯгӯйи мост».
Гуфт: «Ӯрову дусад уммедлес
Ту ба ман бигзор, ин бар ман навис».
Пас фигандаш соҳиб андар интизор,
Шуд зимистону даю омад баҳор.
Шоир андар интизораш пир шуд,
Пас забуни ин ғаму тадбир шуд.
Гуфт: «Агар зар на, ки дашномам диҳӣ,
То раҳад ҷонам, туро бошам раҳӣ.
Интизорам кушт, боре гӯ, бирав,
То раҳад ин ҷони мискин аз гарав».
Баъд аз онаш дод рубъи ушри он,
Монд шоир андар андешай гарон,
К-он чунон накду чунон бисёр буд,
Ин ки дер ишкуфт, дастай хор буд!
Пас бигуфтандаш, ки он дастури род
Рафт аз дунё, Худо муздат диҳод,
Ки музоаф з-ӯ ҳамешуд он ато,
Кам ҳамеафтод бахшишро хато.
Ин замон ӯ рафту эҳсонро бибурд,
Ӯ намурд алҳақ, бале, эҳсон бимурд.
Рафт аз мо соҳиби роду рашид,
Соҳиби саллохи дарвешон расид.
Рав, бигир инрову з-ин ҷо шаб гурез,
То нагирад бо ту ин соҳиб ситез.
Мо ба сад ҳилат аз ӯ ин ҳадяро
Бистадем, эй бехабар аз ҷаҳди мо.
Рӯ ба эшон карду гуфт: «Эй мушфиқон,
Аз куҷо омад, бигӯед, ин авон?
Чист номи ин вазири ҷомакан?»
Қавм гуфтандаш, ки номаш ҳам Ҳасан.
Гуфт: «Ё раб номи ону номи ин
Чун яке омад? Дареғ, эй рабби дин.
Он Ҳасанноме, ки аз як килки ӯ
Сад вазиру соҳиб ояд ҷудҷӯ.

Ин Ҳасан, к-аз риши зишти ин Ҳасан
Метавон бофид, эй ҷон, сад расан.
Бар чунин соҳиб чу шаҳ исғо кунад,
Шоҳу мулкашро абад расво кунад».

## Монистани бадройии ин вазири дун дар ифсоди муруввати шоҳ ба вазири Фиръавн, яъне Ҳомон дар ифсоди қобилияти Фиръавн

Чанд он Фиръавн мешуд нарму ром,
Чун шунидӣ ӯ зи Мӯсо он калом.
Он каломе, ки бидодӣ санг шир
Аз хушии он каломи беназир.
Чун ба Ҳомон, ки вазираш буд ӯ,
Машварат кардӣ, ки кинаш буд хӯ.
Пас бигуфтӣ: «То кунун будӣ хидев,
Банда гардӣ жандапӯшеро ба рев?»
Ҳамчу санги манҷаниқе омадӣ,
Он сухан, бар шишахонай ӯ задӣ.
Ҳар чӣ сад рӯз он Калими хушхитоб
Сохтӣ, дар як дам ӯ кардӣ хароб.
Ақли ту дастуру мағлуби ҳавост,
Дар вуҷудат раҳзани роҳи Худост.
Носиҳе, раббоние пандат диҳад,
Он суханро ӯ ба фан тарҳе ниҳад,
К-ин на бар ҷой аст, ҳин! Аз ҷо машав,
Нест чандон, бо худ о, шайдо машав.
Войи он шаҳ, ки вазираш ин бувад,
Ҷойи ҳарду дӯзахи пуркин бувад.
Шод он шоҳе, ки ӯро дастгир
Бошад андар кор чун Осаф вазир,
Шоҳи одил чун қарини ӯ шавад,
Номи он «нурун ало нурин» бувад.
Чун Сулаймон шоҳу чун Осаф вазир,
Нур бар нур асту анбар бар абир.
Шоҳ Фиръавну чу Ҳомонаш вазир,
Ҳар дуро набвад зи бадбахтӣ гузир.
Пас, бувад зулмот баъзе фавқи баъз,
На хирад ёру на давлат рӯзи арз.

Ман надидам ҷуз шақоват дар лиом,
Гар ту дидастӣ, расон аз ман салом.
Ҳамчу ҷон бошад шаҳу соҳиб чу ақл,
Ақли фосид рӯҳро орад ба нақл.
Он фариштай ақл чун Ҳорут шуд,
Сеҳромӯзи дусад тоғут шуд.
Ақли ҷузвиро вазири худ магир,
Ақли кулро соз, эй султон, вазир.
Мар ҳаворо ту вазири худ масоз,
Ки бароад ҷони покат аз намоз,
К-ин ҳаво пурҳирсу ҳолибин бувад,
Ақлро андеша явми дин бувад.
Ақлро ду дида дар поёни кор,
Баҳри он гул мекашад ӯ ранҷи хор
Ки нафарсояд, нарезад дар хазон,
Бод ҳар хартуми ахшам дур аз он!

## Нишастани дев бар мақоми Сулаймон, алайҳиссалом ва ташаббуҳ кардани ӯ ба корҳои Сулаймон, алайҳиссалом ва фарқи зоҳир миёни ҳар ду Сулаймон ва дев хештанро Сулаймон ибни Довуд ном кардан

В-арчи ақлат ҳаст, бо ақли дигар
Ёр бошу машварат кун, эй падар!
Бо ду ақл аз бас балоҳо ворaҳӣ,
Пойи худ бар авҷи гардунҳо ниҳӣ.
Дев гар худро Сулаймон ном кард,
Мулк бурду мамлакатро ром кард.
Сурати кори Сулаймон дида буд,
Сурат андар сирри девӣ менамуд.
Халқ гуфтанд: «Ин Сулаймон бесафост,
Аз Сулаймон то Сулаймон фарқҳост.
Ӯ чу бедорест, ин ҳамчун васан,
Ҳамчунон ки он Ҳасан бо ин Ҳасан».
Дев мегуфтӣ, ки Ҳақ бар шакли ман
Сурате кардаст, хуш бар Аҳриман.
Деврo Ҳақ сурати ман додааст,
То наяндозад шуморо ӯ ба шаст.
Гар падид ояд ба даъвӣ, зинҳор
Сурати ӯро мадоред эътибор.

Девашон аз макр ин мегуфт, лек
Менамуд ин акс дар дилҳои нек.
Нест бозӣ бо мумайийз, хоса ӯ,
Ки бувад тамйизу ақлаш ғайбгӯ.
Ҳеч сеҳру ҳеч талбису дағал
Менабандад парда бар аҳли дувал.
Пас ҳамегуфтанд бо худ дар ҷавоб:
«Божгуна меравӣ, эй кажхитоб.
Божгуна рафт хоҳӣ ҳамчунин
Сӯйи дӯзах асфал андар софилин.
Ӯ агар маъзул гаштасту фақир,
Ҳаст дар пешонияш бадри мунир.
Ту агар ангуштариро бурдаӣ,
Дӯзахе чун замҳарир афсурдаӣ.
Мо ба бавшу оризу тоқу турунб,
Сар куҷо, ки худ ҳаменанҳем сунб.
В-ар ба ғафлат мо ниҳем ӯро ҷабин,
Панҷаи монеъ барояд аз замин,
Ки манеҳ он сар мар ин сарзерро,
Ҳин, макун саҷда мар ин идбирро».
Кардаме ман шарҳи ин бас ҷонфизо,
Гар набудӣ ғайрату рашки Худо.
Ҳам қаноат кун ту, бипзир ин қадар,
То бигӯям шарҳи ин вақте дигар.
Номи худ карда Сулаймони набӣ,
Рӯйпӯшӣ мекунад бар ҳар сабӣ.
Даргузар аз сурату аз ном хез,
Аз лақаб в-аз ном дар маънӣ гурез.
Пас бипурс аз ҳадди ӯ в-аз феъли ӯ,
Дар миёни ҳадду феъл ӯро биҷӯ.

## Даромадани Сулаймон, алайҳиссалом, ҳар рӯз дар масҷиди Ақсо баъд аз тамом шудан ҷиҳати ибодат ва иршоди обидон ва муътакифон ва рустани ақоқир дар масҷид

Ҳар сабоҳе чун Сулаймон омадӣ,
Хозеъ андар масҷиди Ақсо шудӣ.
Навгиёҳе руста дидӣ андар ӯ,
Пас бигуфтӣ: «Ному нафъи худ бигӯ,

Ту чӣ доруӣ, чиӣ, номат чӣ аст?
Ту зиёни кию нафъат бар кӣ аст?»
Пас бигуфтӣ ҳар гиёҳе феълу ном,
Ки ман онро ҷонаму инро ҳамом.
Ман мар инро заҳраму ӯро шакар,
Номи ман ин аст бар лавҳ аз қадар.
Пас табибон аз Сулаймон, з-он гиё
Олиму доно шудандӣ муқтадо.
То кутубҳои табибӣ сохтанд,
Ҷисмро аз ранҷ мепардохтанд.
Ин нуҷуму тибб ваҳйи анбиёст,
Ақлу ҳисро сӯйи бесӯ раҳ куҷост?
Ақли ҷузвӣ ақли истихроҷ нест,
Ҷуз пазирои фану муҳтоҷ нест.
Қобили таълиму фаҳм аст ин хирад,
Лек соҳибваҳй таълимаш диҳад.
Ҷумла ҳирфатҳо яқин аз ваҳй буд,
Аввали ӯ, лек ақл онро фузуд.
Ҳеч ҳирфатро бибин, к-ин ақли мо
Тонад ӯ омӯхтан бе усто?
Гарчи андар макру мӯй ишкоф буд,
Ҳеч пеша ром бе усто нашуд.
Дониши пеша аз ин ақл ар будӣ,
Пешае бе усто ҳосил шудӣ!

## Омӯхтани пешаи гӯрканӣ Қобил аз зоғ пеш аз он ки дар олам илми гӯрканӣ ва гӯр буд

Кандани гӯре, ки камтар пеша буд,
Кай зи фикру ҳилаву андеша буд?
Гар будӣ ин фаҳм мар Қобилро,
Кай ниҳодӣ бар сар ӯ Ҳобилро?
Ки куҷо ғоиб кунам ин куштаро?
Ин ба хуну хок дароғуштаро?
Дид зоғе, зоғи мурда дар даҳон
Баргирифта тез меомад чунон.
Аз ҳаво зер омаду шуд ӯ ба фан
Аз пайи таълим ӯро гӯркан.
Пас ба чангол аз замин ангехт гард,
Зуд зоғи мурдаро дар гӯр кард.

Дафн кардаш, пас бипӯшидаш ба хок,
Зоғ аз илҳоми Ҳақ буд илмнок.
Гуфт Қобил: «Оҳ, шуҳ бар ақли ман,
Ки бувад зоғе зи ман афзун ба фан».
Ақли кулро гуфт: «мозоға-л-басар»,
Ақли ҷузвӣ мекунад ҳар сӯ назар.
Ақли «мозоғ» аст нури хосагон,
Ақли зоғ устоди гӯри мурдагон.
Ҷон, ки ӯ дунболаи зоғон парад,
Зоғ ӯро сӯйи гӯристон барад.
Ҳин, мадав андар пайи нафси чу зоғ,
К-ӯ ба гӯристон барад, на сӯйи боғ.
Гар равӣ, рав дар пайи анқои дил,
Сӯйи Қофу масҷиди Ақсои дил.
Навгиёҳе ҳар дам аз савдои ту
Медамад дар масҷиди Ақсои ту.
Ту Сулаймонвор доди ӯ бидеҳ,
Пай бар аз вай, пойи рад бар вай манеҳ.
З-он ки ҳоли ин замини босабот
Бозгӯяд бо ту анвоъи набот.
Дар замин гар найшакар в-ар худ най аст,
Тарҷумони ҳар замин набти вай аст.
Пас, замини дил, ки набташ фикр буд,
Фикрҳо асрори дилро вонамуд.
Гар суханкаш ёбам андар анҷуман,
Сад ҳазорон гул бирӯям чун чаман.
В-ар суханкуш ёбам, он дамзан бимурд,
Мегурезад нуктаҳо аз дил чу дузд.
Ҷунбиши ҳар кас ба сӯйи ҷозиб аст,
Ҷазби содиқ, на чу ҷазби козиб аст.
Меравӣ гаҳ гумраҳу гаҳ дар рашад,
Ришта пайдо нею он к-ит мекашад.
Уштури кӯрӣ, миҳори ту раҳин,
Ту кашиш мебин, миҳоратро мабин.
Гар шудӣ маҳсуси ҷаззобу миҳор,
Пас, намондӣ ин ҷаҳон дорулғирор.
Габр дидӣ, к-ӯ пайи саг медавад,
Сухраи деви ситанба мешавад.
Дар пайи ӯ кай шудӣ монанди ҳез?
Пойи худро вокашидӣ габр низ.

Гов агар воқиф зи қассобон будӣ,
Кай пайи эшон бад-он дуккон шудӣ?
Ё бихӯрдӣ аз кафи эшон сабӯс,
Ё бидодӣ ширашон аз чоплус.
В-ар бихӯрдӣ, кай алаф ҳазмаш шудӣ?
Гар зи мақсуди алаф воқиф будӣ.
Пас, сутуни ин ҷаҳон худ ғафлат аст,
Чист давлат? К-ин даводав бо лат аст:
Аввалаш дав-дав, ба охир лат бих(в)ар,
Ҷуз дар ин вайрона набвад марги хар.
Ту ба ҷид коре, ки бигрифтӣ ба даст,
Айбаш ин дам бар ту пӯшида шудаст.
З-он ҳаметонӣ бидодан тан ба кор,
Ки бипӯшид аз ту айбаш Кирдгор.
Ҳамчунин ҳар фикр, ки гармӣ дар он,
Айби он фикрат шудаст аз ту ниҳон.
Бар ту гар пайдо шудӣ з-ӯ айбу шайн,
З-ӯ рамидӣ ҷон-т буъду-л-машриқайн.
Ҳол, к-охир з-ӯ пушаймон мешавӣ,
Гар бувад ин ҳолат аввал, кай давӣ?
Пас бипӯшид аввал он бар ҷони мо,
То кунем он кор бар вифқи қазо.
Чун қазо овард ҳукми худ падид,
Чашм во шуд, то пушаймонӣ расид.
Ин пушаймонӣ ғизои дигар аст,
Ин пушаймонӣ биҳил, Ҳақро параст.
В-ар кунӣ одат, пушаймонх(в)ар шавӣ,
З-ин пушаймонӣ пушаймонтар шавӣ.
Ними умрат дар парешонӣ равад,
Ними дигар дар пушаймонӣ равад.
Тарки ин фикру парешонӣ бигӯ,
Ҳолу ёру кори некӯтар биҷӯ.
В-ар надорӣ кори некӯтар ба даст,
Пас пушаймонит бар фавти чӣ аст?
Бад надонӣ, то надонӣ некро,
Зиддро аз зид тавон дид, эй фато!
Чун зи тарки фикри ин оҷиз шудӣ,
Аз гуноҳ он гоҳ ҳам оҷиз будӣ.
Чун будӣ оҷиз, пушаймонӣ зи чист,
Оҷизиро бозгӯ, к-аз ҷазби кист?

Очизе, беқодире андар ҷаҳон
Кас надидасту набошад, ин бидон.
Ҳамчунин ҳар орзу, ки мебарӣ,
Ту зи айби он ҳиҷобе андарӣ.
В-ар намудӣ иллати он орзу,
Худ рамидӣ ҷони ту з-он ҷустуҷӯ.
Гар набудӣ айби он кор, ӯ туро
Кас набурдӣ каш-кашон он сӯ туро.
В-он дигар коре, к-аз он ҳастӣ нафур,
З-он бувад, ки айбаш омад дар зуҳур.
Эй Худои роздони хушсухун,
Айби кори бад зи мо пинҳон макун.
Айби кори некро манмо ба мо,
То нагардем аз равиш сарду ҳабо.
Ҳам бар он одат Сулаймони санӣ
Рафт дар масҷид миёни равшанӣ.
Қоидай ҳар рӯзро меҷуст шоҳ,
Ки бибинад масҷид-андар навгиёҳ.
Дил бибинад сир бад-он чашми сафӣ,
Он ҳашоиш, ки шуд аз ома хафӣ.

**Қиссаи сӯфӣ, ки дар миёни гулистон сар ба зону муроқиб буд, ёронаш гуфтанд: сар баровар, тафарруҷ кун бар гулистон ва раёҳину мурғон ва осори раҳмати Аллоҳи таъоло**

Сӯфие дар боғ аз баҳри гушод
Сӯфиёна рӯй бар зону ниҳод.
Пас фурӯ рафт ӯ ба худ андар нуғул,
Шуд малул аз сурати хобаш фазул,
Ки чӣ ҷустӣ? Охир, андар раз нигар,
Ин дарахтон бину осору хузар.
Амри Ҳақ бишнав, ки гуфтаст: «Унзуру,
Сӯйи ин осори раҳмат ор рӯ».
Гуфт: «Осораш дил аст, эй булҳавас!
Он бурун осори осор асту бас.
Боғҳову сабзаҳо дар айни ҷон,
Бар бурун аксаш чу дар оби равон.
Он хаёли боғ бошад андар об,
Ки кунад аз лутфи об он изтироб.

Боғҳову меваҳо андар дил аст,
Акси лутфи он бар ин обу гил аст.
Гар набудӣ акси он сирру сурур,
Пас, нахондӣ Эзадаш дорулғурур.
Ин ғурур он аст, яъне, ин хаёл
Ҳаст аз акси дилу ҷони риҷол.
Ҷумла мағрурон бар ин акс омада,
Бар гумоне, к-ин бувад ҷаннаткада.
Мегурезанд аз усули боғҳо,
Бар хаёле мекунанд он лоғҳо.
Чунки хоби ғафлат оядшон ба сар,
Рост бинанду чӣ суд аст он назар?
Пас ба гӯристон ғирев афтоду оҳ,
То қиёмат з-ин ғалат во ҳасрато.
Эй хунук онро, ки пеш аз марг мурд,
Яъне, ӯ аз асли ин зар бӯй бурд.

## Қиссаи рустани харруб дар гӯшаи масҷиди Ақсо ва ғамгин шудани Сулаймон, алайҳиссалом, аз он, чун ба сухан омад бо ӯ ва хосияту номи худ бигуфт

Пас Сулаймон дид андар гӯшае,
Навгиёҳе руста ҳамчун хӯшае.
Дид бас нодир гиёҳе сабзу тар,
Мерабуд он сабзияш нур аз басар.
Пас саломаш кард дарҳол он ҳашиш,
Ӯ ҷавобаш гуфту бишкуфт аз х(в)ашиш.
Гуфт: «Номат чист? Баргӯ бе даҳон»,
Гуфт: «Харруб аст, эй шоҳи ҷаҳон!»
Гуфт: «Андар ту чӣ хосийят бувад?»
Гуфт: «Ман рустам, макон вайрон шавад.
Ман, ки харрубам, хароби манзилам,
Ҳодими бунёди ин обу гилам».
Пас Сулаймон он замон донист зуд,
Ки аҷал омад, сафар хоҳад намуд.
Гуфт: «То ман ҳастам, ин масҷид яқин
Дар халал н-ояд зи офоти замин.
То ки ман бошам, вуҷуди ман бувад,
Масҷиди Ақсо мухалхал кай шавад?

Пас ки ҳадми масҷиди мо бегумон,
Набвад илло баъди марги мо, бидон».
Масҷид аст он дил, ки ҷисмаш соҷид аст,
Ёри бад харруб, ҳар ҷо масҷид аст.
Ёри бад чун руст дар ту меҳри ӯ,
Ҳин, аз ӯ бигрезу кам кун гуфтугӯ.
Баркан аз бехаш, ки гар сар барзанад,
Мар турову масҷидатро барканад.
Ошиқо! Харруби ту омад кажӣ,
Ҳамчу тифлон сӯйи каж чун меғажӣ?
Хеш муҷрим дону муҷрим гӯ, матарс,
То надуздад аз ту он устод дарс.
Чун бигӯйӣ: «Ҷоҳилам, таълим деҳ»,
Инчунин инсоф аз номус беҳ.
Аз падар омӯз, эй равшанҷабин,
«Раббано» гуфту «заламно» пеш аз ин.
На баҳона карду на тазвир сохт,
На ливои макру ҳилат барфарохт.
Боз он Иблис баҳс оғоз кард,
Ки будам ман сурхрӯ, кардим зард.
Ранг ранги туст, саббоғам туӣ,
Асли ҷурму офату доғам туӣ.
Ҳин, бихон «раббӣ бимо ағвайтанӣ»,
То нагардӣ ҷабрию каж кам танӣ.
Бар дарахти ҷабр то кай барҷаҳӣ?
Ихтиёри хешро як сӯ ниҳӣ?
Ҳамчу он Иблису зурриёти ӯ
Бо Худо дар ҷангу андар гуфтугӯ.
Чун бувад икроҳ бо чандон х(в)ашӣ,
Ки ту дар исён ҳаме доман кашӣ?
Ончунон хуш кас равад дар мукраҳӣ?
Кас чунон рақсон давад дар гумраҳӣ?
Бистмарда ҷанг мекардӣ дар он,
К-ит ҳамедоданд панд он дигарон,
Ки савоб ин асту роҳ ин асту бас,
Кӣ занад таъна маро? Ҷуз ҳечкас.
Кай чунин гӯяд касе, к-ӯ мукраҳ аст?
Чун чунин ҷангад касе, к-ӯ бераҳ аст?
Ҳар чӣ нафсат хост, дорӣ ихтиёр,
Ҳар чӣ ақлат хост, орӣ изтирор.

Донад ӯ, к-ӯ некбахту маҳрам аст,
Зиракӣ з-Иблису ишқ аз Одам аст.
Зиракӣ, саббоҳӣ омад дар биҳор,
Кам раҳад, ғарқ аст ӯ поёни кор.
Ҳил сабоҳатро, раҳо кун кибру кин,
Нест Ҷайҳун, нест ҷӯ, дарёст ин.
В-онгаҳон дарёи жарфи бепаноҳ
Даррабояд ҳафт дарёро чу коҳ.
Ишқ чун киштӣ бувад баҳри хавос,
Кам бувад офат, бувад ағлаб халос.
Зиракӣ бифрӯшу ҳайронӣ бихар,
Зиракӣ занн асту ҳайронӣ назар.
Ақл қурбон кун ба пеши Мустафо,
«Ҳасбиаллаҳ» гӯ, ки «Аллоҳ ам кафо».
Ҳамчу Канъон сар зи киштӣ вомакаш,
Ки ғурураш дод нафси зиракаш,
Ки бароям бар сари кӯҳи машид,
Миннати Нӯҳам чаро бояд кашид?
Чун рамӣ аз миннаташ, эй берашад?
Ки Худо ҳам миннати ӯ мекашад.
Чун набошад миннаташ бар ҷони мо?
Чунки шукру миннаташ гӯяд Худо.
Ту чӣ донӣ? Эй ғаророй пурҳасад!
Миннати ӯро Худо ҳам мекашад.
Кошкӣ ӯ ошино н-омӯхтӣ,
То тамаъ дар Нӯҳу киштӣ дӯхтӣ.
Кош чун тифл аз ҳиял ҷоҳил будӣ,
То чу тифлон чанг дар модар задӣ.
Ё ба илми нақл кам будӣ мало,
Илми ваҳйи дил рабудӣ аз вало.
Бо чунин нуре, чу пеш орӣ китоб,
Ҷони ваҳйосои ту орад итоб.
Чун таяммум бо вуҷуди об дон,
Илми нақлӣ бо дами қутби замон.
Хеш аблаҳ кун, табаъ мерав сипас,
Растагӣ з-ин аблаҳӣ ёбию бас.
Аксар «аҳли-л-ҷаннати-л-булҳ», эй писар,
Баҳри ин гуфтаст султону-л-башар.
Зиракӣ чун кибру бодангези туст,
Аблаҳе шав, то бимонад дил дуруст.

Аблаҳе на, к-ӯ ба масхаргӣ дутӯст,
Аблаҳе, к-ӯ волаву ҳайрони туст.
Аҳлаҳонанд он занони дастбур,
Аз каф аблаҳ в-аз рухи Юсуф нузур.
Ақлро қурбон кун андар ишқи дӯст,
Ақлҳо борӣ аз он сӯй аст, к-ӯст.
Ақлҳо он сӯ фиристода уқул,
Монда ин сӯ, ки на маъшуқ аст, гӯл.
З-ин сар аз ҳайрат гар ин ақлат равад,
Ҳар сари мӯят сару ақле шавад.
Нест он сӯ ранҷи фикрат бар димоғ,
Ки димоғу ақл рӯяд дашту боғ.
Сӯйи дашт аз дашт нукта бишнавӣ,
Сӯйи боғ ойӣ, шавад нахлат равӣ.
Андар ин раҳ тарк кун тоқу турунб,
То қаловузат наҷунбад, ту маҷунб.
Ҳар кӣ ӯ бе сар биҷунбад, дум бувад,
Ҷунбишаш чун ҷунбиши каждум бувад.
Кажраву шабкӯру зишту заҳрнок,
Пешаи ӯ хастани аҷсоми пок.
Сар бикӯб онро ки сирраш ин бувад,
Хулқу хӯйи мустамирраш ин бувад.
Худ салоҳи ӯст ин сар кӯфтан,
То раҳад ҷонрезааш з-он шумтан.
Воситон аз дасти девона силоҳ,
То зи ту розӣ шавад адлу салоҳ.
Чун силоҳаш ҳасту ақлаш на, бибанд
Дасти ӯро, в-арна орад сад газанд.

## Баёни он ки ҳусули илм ва молу ҷоҳ мар бадгуҳарро фазиҳати ӯст ва чун шамшерест, ки афтодаст ба дасти роҳзан

Бадгуҳарро илму фан омӯхтан
Додани теғе ба дасти роҳзан.
Теғ додан дар кафи зангии маст
Беҳ, ки ояд илм нокасро ба даст.
Илму молу мансабу ҷоҳу қирон
Фитна омад дар кафи бадгавҳарон.

Пас, ғазо з-ин фарз шуд бар муъминон,
То ситонанд аз кафи маҷнун синон.
Ҷони ӯ маҷнун, танаш шамшери ӯ,
Воситон шамшерро з-он зиштхӯ.
Он чи мансаб мекунад бо ҷоҳилон,
Аз фазиҳат кай кунад сад арслон?
Айби ӯ махфист, чун олат биёфт,
Мораш аз сӯрох бар саҳро шитофт.
Ҷумла саҳро мору каждум пур шавад,
Чунки ҷоҳил шоҳи ҳукми мур шавад.
Молу мансаб нокасе, к-орад ба даст,
Толиби расвоии хеш ӯ шудаст.
Ё кунад бухлу атоҳо кам диҳад,
Ё сахо орад, ба номавзеъ ниҳад.
Шоҳро дар хонаи байдақ ниҳад,
Инчунин бошад ато, к-аҳмақ диҳад.
Ҳукм чун дар дасти гумроҳе фитод,
Ҷоҳ пиндорид, дар чоҳе фитод.
Раҳ намедонад, қаловузӣ кунад,
Ҷони зишти ӯ ҷаҳонсӯзӣ кунад.
Тифли роҳи фақр чун пирӣ гирифт,
Пайравонро ғӯли идборе гирифт,
Ки биё, то моҳ бинмоям туро,
Моҳро ҳаргиз надид он бесафо.
Чун намоӣ? Чун надидастӣ ба умр,
Акси маҳ дар об ҳам, эй хоми ғумр.
Аҳмақон сарвар шудастанду зи бим
Оқилон сарҳо кашида дар гилем.

## Тафсири «ё айюҳа-л-музаммил»

Хонд «муззаммил» набиро з-он сабаб,
Ки бурун о аз гилем, эй булҳараб!
Сар макаш андар гилему рӯ мапӯш,
Ки ҷаҳон ҷисмест саргардон, ту ҳуш.
Ҳин, машав пинҳон зи нанги муддаъӣ,
Ки ту дорӣ шамъи ваҳйи шаъшаъӣ.
Ҳин! «Қумаллайла», ки шамъӣ, эй ҳумом,
Шамъ андар шаб бувад андар қиём.

Бе фурӯғат рӯзи равшан ҳам шаб аст,
Бе паноҳат шер асири арнаб аст.
Бош киштибон дар ин баҳри сафо,
Ки ту Нӯҳи сониӣ, эй Мустафо!
Раҳшиносе мебибояд бо лубоб
Ҳар раҳеро, хоса андар роҳи об.
Хез, бингар корвони раҳзада,
Ҳар тараф ғӯлест киштибон шуда.
Хизри вақтӣ, ғавси ҳар киштӣ твӣ,
Ҳамчу Рӯҳуллаҳ макун танҳоравӣ.
Пеши ин ҷамъе чу шамъи осмон,
Инқитоъу хилваториро бимон.
Вақти хилват нест, андар ҷамъ ой,
Эй ҳудо чун кӯҳи Қофу ту ҳумой.
Бадр бар садри фалак шуд шаб равон,
Серро нагзорад аз бонги сагон.
Тоъинон ҳамчун сагон бар бадри ту,
Бонг медоранд сӯйи садри ту.
Ин сагон карранд з-амри «анситу»,
Аз сафаҳ ваъваъкунон бар бадри ту.
Ҳин, бимагзор, эй шифо, ранҷурро
Ту зи хашми кар асои кӯрро.
На ту гуфтӣ, қоиди аъмо ба роҳ
Сад савобу аҷр ёбад аз Илоҳ?
Ҳар кӣ ӯ чил гом кӯреро кашад,
Гашт омурзидаву ёбад рашад.
Пас, бикаш ту з-ин ҷаҳони беқарор
Ҷавқи кӯронро қатор андар қатор.
Кори ҳодӣ ин бувад, ту ҳодиӣ,
Мотами охирзамонро шодиӣ.
Ҳин! Равон кун, эй имому-л-муттақин,
Ин хаёландешагонро то яқин.
Ҳар кӣ дар макри ту дорад дил гарав,
Гарданашро ман занам, ту шод рав.
Бар сари кӯриш кӯриҳо ниҳам,
Ӯ шакар пиндораду заҳраш диҳам.
Ақлҳо аз нури ман афрӯхтанд,
Макрҳо аз макри ман омӯхтанд.
Чист худ олочиқи он туркмон
Пеши пойи наррапилони ҷаҳон?

Он чароғи ӯ ба пеши сарсарам,
Худ чӣ бошад? Эй меҳин пайғамбарам!
Хез, дардам ту ба сури саҳмнок,
То ҳазорон мурда баррӯяд зи хок.
Чун ту Исрофили вақтӣ, рост хез,
Растхезе соз пеш аз растхез.
Ҳар кӣ гӯяд: «Ку қиёмат? Эй санам!»
Хеш бинмо, ки қиёмат, нак, манам.
Дарнигар, эй соили меҳнатзада,
З-ин қиёмат сад ҷаҳон қоим шуда.
В-ар набошад аҳли ин зикру қунут,
Пас ҷавобу-л-аҳмақ, эй султон, сукут.
З-осмони Ҳақ сукут ояд ҷавоб,
Чун бувад, ҷоно, дуъо номустаҷоб?
Эй дареғо! Вақти хирмангоҳ шуд,
Лек рӯз аз бахти мо бегоҳ шуд.
Вақт танг асту фарохий ин калом
Танг меояд бар ӯ умри давом.
Найзабозӣ андар ин кууҳои танг
Найзабозонро ҳамеорад ба танг.
Вақт тангу хотиру фаҳми авом
Тангтар сад раҳ зи вақт аст, эй ғулом!
Чун ҷавоби аҳмақ омад хомушӣ,
Ин дарозӣ дар сухан чун мекашӣ?
Аз камоли раҳмату мавҷи карам
Медиҳад ҳар шӯраро борону нам.

## Дар баёни он ки «тарку-л-ҷавоби ҷавобун» муқаррари ин сухан, ки «ҷавобу-л-аҳмақи сукутун», шарҳи ин ҳар ду дар ин қисса аст, ки гуфта меояд

Буд шоҳе, буд ӯро бандае,
Мурдаақле буду шаҳватзиндае.
Хурдаҳои хидматаш бигзоштӣ,
Бад сиголидӣ, накӯ пиндоштӣ.
Гуфт шоҳаншаҳ ҷироаш кам кунед
В-ар биҷангад, номаш аз хат барзанед.
Ақли ӯ кам буду ҳирси ӯ фузун,
Чун ҷиро кам дид, шуд тунду ҳарун.

Ақл будӣ, гирди худ кардӣ тавоф,
То бидидӣ ҷурми худ, гаштӣ муъоф. 1495
Чун харе побаста тундад аз харӣ,
Ҳар ду пояш баста гардад бар саре.
Пас бигӯяд хар, ки як бандам бас аст,
Худ мадон, к-он ду зи феъли он хас аст.

## Дар тафсири ин ҳадиси Мустафо, ки «иналлоҳа таъоло халақа-л-малоиката ва раккаба фаҳиму-л-ақла ва халақа-л-баҳоима ва раккаба фаҳиму-ш-шаҳвата ва халақа банӣ Одам ва раккаба фаҳиму-л-ақла ва-ш-шаҳвата фаман ғалаба ақлуҳу шаҳватан фаҳува аъло мина-л-малоикати ва ман ғалаба шаҳватун ақлаҳу, фаҳува адно мина-л-баҳоим»

Дар ҳадис омад, ки Яздони маҷид
Халқи оламро се гуна офарид.
Як гурухро ҷумла ақлу илму ҷуд,
Он фариштаст, ӯ надонад ҷуз суҷуд.
Нест андар унсураш ҳирсу ҳаво,
Нури мутлақ, зинда аз ишқи Худо. 1500
Як гурӯҳи дигар аз дониш тиҳӣ,
Ҳамчу ҳайвон аз алаф дар фарбиҳӣ.
Ӯ набинад ҷуз ки истаблу алаф,
Аз шақоват ғофил асту аз шараф.
Ин севум ҳаст одамизоду башар,
Ними ӯ з-африштаву нимеш хар.
Ними хар худ моили сифлӣ бувад,
Ними дигар моили ақлӣ бувад.
Он ду қавм осуда аз ҷангу ҳироб
В-ин башар бо ду мухолиф дар азоб. 1505
В-ин башар ҳам з-имтиҳон қисмат шуданд,
Одамишакланду се уммат шуданд.
Бал гуруҳ мустағриқи мулҳақ шудаст,
Ҳамчу Исо бо малак мутлақ шудаст.
Нақш Одам, лек маънӣ Ҷабрайил,
Раста аз хашму ҳавову қолу қил.
Аз риёзат раста в-аз зуҳду ҷиҳод,
Гӯиё аз одамӣ ӯ худ назод.
Қисми дигар бо харон мулҳақ шуданд,
Хашми маҳзу шаҳвати мутлақ шуданд. 1510

Васфи ҷабрилӣ дар эшон буд, рафт,
Танг буд он хонаву он васф зафт.
Мурда гардад шахс, к-ӯ беҷон шавад,
Хар шавад, чун ҷони ӯ бе он шавад.
З-он ки ҷоне, к-он надорад, ҳаст паст,
Ин сухан ҳаққ асту сӯфӣ гуфтааст.
Ӯ зи ҳайвонҳо фузунтар ҷон канад,
Дар ҷаҳон бориккориҳо кунад.
Макру талбисе, ки ӯ донад танид,
Он зи ҳайвони дигар н-ояд падид.
Ҷомаҳои заркаширо бофтан,
Дуррҳо аз қаъри дарё ёфтан,
Хурдакориҳои илми ҳандаса,
Ё нуҷуму илми тиббу фалсафа,
Ки тааллуқ бо ҳамин дунйисташ,
Раҳ ба ҳафтум осмон-бар несташ.
Ин ҳама илми бинои охур аст,
Ки имоди буди гову уштур аст.
Баҳри истибқои ҳайвон чанд рӯз
Номи он карданд ин гиҷон румуз.
Илми роҳи Ҳаққу илми манзилаш,
Соҳиби дил донад онро бо дилаш.
Пас дар ин таркиб ҳайвони латиф
Офариду кард бо дониш алиф.
Ном к- ал-анъом кард он қавмро,
З-он ки нисбат, ку ба «яқза навм»-ро?
Рӯҳи ҳайвонӣ надорад ғайри навм,
Ҳиссҳои мунъакис доранд қавм.
«Яқза» омад, навми ҳайвонӣ намонд,
Инъикоси ҳисси худ аз лавҳ хонд.
Ҳамчу ҳисси он ки хоб ӯро рабуд,
Чун шуд ӯ бедор, аксийят намуд.
Лоҷарам асфал бувад аз софилин,
Тарки ӯ кун, «ло уҳиббу-л-офилин».

## Дар тафсири ин оят, ки «ва аммо аллазина фӣ қулубиҳим маразун фазодатуҳум риҷсан ва қавлуҳу: юзиллу биҳи касиран ва яҳдӣ биҳи касиран»

З-он ки истеъдоди табдилу набард
Будаш аз пастию онро фавт кард.

Боз ҳайвонро чу истеъдод нест,
Узри ӯ андар баҳимӣ равшинист.
З-ӯ чу истеъдод шуд, к-он раҳбар аст,
Ҳар ғизое, к-ӯ хурад, мағзи хар аст.
Гар балодур хӯрд ӯ, афюн шавад,
Сактаву беақлияш афзун шавад.
Монд як қисми дигар андар ҷиҳод,
Ним ҳайвон, ним ҳисси борашод.
Рӯзу шаб дар ҷангу андар кашмакаш,
Карда чолиш охираш бо аввалаш.

## Чолиши ақл бо нафс ҳамчун танозуъи Маҷнун бо ноқа, майли Маҷнун сӯйи ҳурра, майли ноқа вопас сӯйи курра, чунон ки гуфт Маҷнун: «ҳаво ноқатӣ халфӣ ва қуддомия-л-ҳаво ва иннӣ ва ийёҳо ламухталифон»

Ҳамчу Маҷнунанду он ноқа-ш яқин
Мекашад он пешу ин вопас ба кин.
Майли Маҷнун пеши он Лайлӣ равон,
Майли ноқа, пас пайи курра давон.
Як дам ар Маҷнун зи худ ғофил будӣ,
Ноқа гардидию вопас омадӣ.
Ишқу савдо чунки пур будаш бадан,
Менабудаш чора аз бехуд шудан.
Он ки ӯ бошад муроқиб, ақл буд,
Ақлро савдои Лайлӣ даррабуд.
Лек ноқа бас муроқиб буду чуст,
Чун бидидӣ ӯ миҳори хеш суст,
Фаҳм кардӣ з-ӯ, ки ғофил гашту данг,
Рӯ сипас кардӣ ба курра бедиранг.
Чун ба худ бозомадӣ, дидӣ зи ҷо,
К-ӯ сипас рафтаст бас фарсангҳо.
Дар серӯза раҳ бад-ин аҳволҳо,
Монд Маҷнун дар тараддуд солҳо.
Гуфт: «Эй ноқа, чу ҳар ду ошиқем,
Мо ду зид, пас ҳамраҳи нолоиқем.
Нестат бар вифқи ман меҳри миҳор,
Кард бояд аз ту суҳбат ихтиёр.
Ин ду ҳамраҳ якдигарро роҳзан,
Гумраҳ он ҷон, к-ӯ фурӯ н-ояд зи тан.

Ҷон зи ҳаҷри арш андар фоқае,
Тан зи ишқи хорбун чун ноқае.
Ҷон гушояд сӯйи боло болҳо,
Дарзада тан дар замин чанголҳо.
То ту бо ман бошӣ, эй мурдай ватан,
Пас, зи Лайлӣ дур монад ҷони ман.
Рӯзгорам рафт з-ин гун ҳолҳо,
Ҳамчу тиҳу қавми Мӯсо солҳо.
Хутватайне буд ин раҳ то висол,
Мондаам дар раҳ зи шастат шаст сол.
Роҳ наздику бимондам сахт дер,
Сер гаштам з-ин саворӣ, сер, сер».
Сарнигун худро аз уштур дарфиганд,
Гуфт: «Сӯзедам зи ғам то чанд? Чанд?»
Танг шуд бар вай биёбони фарох,
Хештан афганд андар санглох.
Ончунон афганд худро сахт зер,
Ки мухалхал гашт ҷисми он далер.
Чун чунон афганд худро сӯйи паст,
Аз қазо он лаҳза пояш ҳам шикаст.
Пойро барбасту гуфто: «Гӯ шавам,
Дар хами чавгон-ш ғалтон меравам».
З-ин кунад нафрин ҳакими хушдаҳан
Бар саворе, к-ӯ фурӯ н-ояд зи тан.
Ишқи мавло кай кам аз Лайло бувад,
Гӯй гаштан баҳри ӯ авло бувад.
Гӯй шав, мегард бар паҳлӯйи сидқ,
Ғалт-ғалтон дар хами чавгони ишқ.
К-ин сафар з-ин пас бувад ҷазби Худо
В-он сафар бар ноқа бошад сайри мо.
Инчунин сайрест мустасно зи ҷинс,
К-он фузуд аз иҷтиҳоди ҷинну инс.
Инчунин ҷазбест не ҳар ҷазби ом,
Ки ниҳодаш фазл Аҳмад, вассалом.

## Навиштани он ғулом қиссаи шикояти нуқсони иҷро сӯйи подшоҳ

Қисса кӯтаҳ кун барои он ғулом,
Ки суйи шаҳ барнавиштаст ӯ паём.

Қиссаи пурҷангу пурҳастию кин,
Мефиристад пеши шоҳи нозанин.
Колбад нома-ст, андар вай нигар,
Ҳаст лоиқ шоҳро? Он гаҳ бибар.
Гӯшае рав, номаро бигшо, бихон,
Бин, ки ҳарфаш ҳаст дархурди шаҳон?
Гар набошад дархур, онро пора кун,
Номаи дигар навису чора кун.
Лек фатҳи номаи тан зан мадон
В-арна ҳар кас сирри дил диди аён.
Нома бигшодан чӣ душвор асту саъб,
Кори мардон аст, на тифлони каъб.
Ҷумла бар феҳрист қонеъ гаштаем,
З-он ки дар ҳирсу ҳаво оғаштаем.
Бошад он феҳрист доме омаро,
То чунон донанд матни номаро.
Боз кун сар номаро, гардан матоб
З-ин сухан, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Ҳаст он унвон чу иқрори забон,
Матни номай синаро кун имтиҳон,
Ки мувофиқ ҳаст бо иқрори ту,
То мунофиқвор навбад кори ту.
Чун ҷуволи бас гароне мебарӣ,
З-он набояд кам, ки дар вай бингарӣ,
Ки чӣ дорӣ дар ҷувол аз талху х(в)аш?
Гар ҳамеарзад кашиданро, бикаш.
В-арна холӣ кун ҷуволатро зи санг,
Бозхар худро аз ин бегору нанг.
Дар ҷувол он кун, ки мебояд кашид
Сӯйи султонону шоҳони рашид.

## Ҳикояти он фақеҳ бо дастори бузург ва он ки бирабуд дастораш ва бонг мезад, ки боз кун, бибин, ки чӣ мебарӣ, он гаҳ бибар

Як фақеҳе жандаҳо барчида буд,
Дар амомай хеш дарпечида буд,
То шавад зафту намояд он азим,
Чун дарояд сӯйи маҳфил дар ҳатим.

Жандаҳо аз ҷомаҳо пероста,
Зоҳиран дастор аз он ороста.
Зоҳири дастор чун ҳуллай биҳишт,
Чун мунофиқ андарун расвову зишт.
Пора-пора далқу пунба-в пӯстин
Дар даруни он амома буд дафин.
Рӯй сӯйи мадраса карда сабӯҳ,
То бад-ин номус ёбад ӯ футӯҳ.
Дар раҳи торик марде ҷомакан
Мунтазир истода буд аз баҳри фан.
Даррабуд ӯ аз сараш дасторро,
Пас давон шуд, то бисозад корро.
Пас фақеҳаш бонг барзад, к-эй писар!
Боз кун дасторро, он гаҳ бибар.
Инчунин ки чорпарра мепарӣ,
Боз кун он ҳадяро, ки мебарӣ.
Боз кун онро, ба дасти худ бимол,
Онгаҳон хоҳӣ бибар, кардам ҳалол.
Чунки бозаш кард он ки мегурехт,
Сад ҳазорон жанда андар раҳ бирехт.
З-он амомай зафти нобоясти ӯ
Монд як газ куҳнае дар дасти ӯ.
Бар замин зад хирқаро, к-эй беиёр,
З-ин дағал моро баровардӣ зи кор.

## Насиҳати дунё аҳли дунёро ба забони ҳол ва бевафоии худро намудан ба вафо - тамаъдорандагон аз ӯ

Гуфт: «Бинмудам дағал, лекин туро
Аз насиҳат бозгуфтам моҷаро».
Ҳамчунин дунё агарчи хуш шукуфт,
Бонг зад, ҳам бевафойий хеш гуфт.
Андар ин кавну фасод, эй устод!
Он дағал кавну насиҳат, он фасод.
Кавн мегӯяд: Биё, ман хушпайам,
В-он фасодаш гуфта: Рав, ман лошайам.
Эй зи хубии баҳорон лабгазон,
Бингар он сардию зардии хазон.

Рӯз дидӣ талъати хуршед хуб,
Марги ӯро ёд кун вақти ғуруб.
Бадрро дидӣ бар ин хуш чорток,
Ҳасраташро ҳам бибин андар муҳоқ.
Кӯдаке аз ҳусн шуд мавлои халқ,
Баъди фардо шуд хариф, расвои халқ.
Гар тани симинтанон кардат шикор,
Баъди пирӣ бин тане чун пунбазор.
Эй бидида лутҳои чарб, хез,
Фузлаи онро бибин дар обрез.
Мар хабасро гӯ, ки он хубит ку?
Бар табақ он завқу он нағзию бӯ?
Гӯяд ӯ: «Он дона буд, ман доми он,
Чун шудӣ ту сайд, дона шуд ниҳон.
Бас аномил рашки устодон шуда,
Дар саноат оқибат ларзон шуда.
Наргиси чашми хумори ҳамчу ҷон,
Охир аъмаш бину об аз вай чакон.
Ҳайдаре, к-андар сафи шерон равад,
Охир ӯ мағлуби муше мешавад.
Табъи тези дурбини муҳтариф
Чун хари пираш бибин охир хариф.
Зулфи ҷаъди мушкбори ақлбар,
Охир он чун дунби зишти хинги хар.
Хуш бибин кавнаш зи аввал бо гушод
В-охир он расвоияш бину фасод.
З-он ки ӯ бинмуд пайдо домро,
Пеши ту барканд сиблат хомро.
Пас, магӯ: «Дунё ба тазвирам фирефт
В-арна ақли ман зи домаш мегурехт».
Тавқи заррину ҳамойил бин, ҳала!
Ғуллу занҷире шудасту силсила.
Ҳамчунин ҳар ҷузви олам мешумар,
Аввалу охир дарораш дар назар.
Ҳар кӣ охирбинтар, ӯ масъудтар,
Ҳар кӣ охурбинтар, ӯ матрудтар.
Рӯйи ҳар як чун маҳи фохир бибин,
Чун ки аввал дида шуд, охир бибин.
То набошӣ ҳамчу Иблис аъваре,
Ним бинад, ним не, чун абтаре.

Дид тини Одаму динаш надид,
Ин ҷаҳон дид, он ҷаҳонбинаш надид.
Фазли мардон бар замон, эй бӯшуҷоъ!
Нест баҳри қуввату касбу зиёъ.
В-арна шеру пилро бар одамӣ
Фазл будӣ баҳри қувват, эй амӣ!
Фазли мардон бар зан, эй ҳолипараст,
З-он бувад, ки мард поёнбинтар аст.
Мард, к-андар оқибатбинӣ хам аст,
Ӯ зи аҳли оқибат чун зан кам аст.
Аз ҷаҳон ду бонг меояд ба зидд,
То кадоминро ту бошӣ мустаъидд.
Он яке бонгаш нушури атқиё
В-он яке бонгаш фиреби ашқиё:
Ман шукуфай хорам, эй хуш гарм дор,
Гул бирезад, ман бимонам шохи хор.
Бонги ушкуфа-ш, ки инак гул фурӯш,
Бонги хори ӯ, ки сӯйи мо макӯш.
Ин пазируфтӣ, бимондӣ з-он дигар,
Ки муҳибб аз зидди маҳбуб аст кар.
Он яке бонг ин, ки инак ҳозирам,
Бонги дигар бингар андар охирам.
Ҳозириям ҳаст чун макру камин,
Нақши охир з-ойинай аввал бибин.
Чун яке з-ин ду ҷувол-андар шудӣ,
Он дигарро зидду нодирх(в)ар шудӣ.
Эй хунук он, к-ӯ зи аввал он шунид,
К-иш уқулу масмаъи мардон шунид.
Хона холӣ ёфту ҷоро ӯ гирифт,
Ғайри онаш каж намояд ё шигифт.
Кӯзаи нав, к-ӯ ба худ бавле кашид,
Он хабасро об натвонад бурид.
Дар ҷаҳон ҳар чиз чизе мекашад,
Куфр кофиррову муршадро рашад.
Каҳрабо ҳам ҳасту миқнотис ҳаст,
То ту оҳан ё каҳӣ, ойӣ ба шаст.
Бурд миқнотисат, ар ту оҳанӣ
В-ар каҳӣ, бар каҳрабо барметанӣ.
Он яке чун нест бо ахёр ёр,
Лоҷарам шуд паҳлуйи фуҷҷор ҷор.

Ҳаст Мӯсо пеши қибтӣ бас замим,
Ҳаст Ҳомон пеши сибтӣ бас раҷим.
Ҷони Ҳомон ҷозиби қибтӣ шуда,
Ҷони Мӯсо толиби сибтӣ шуда.
Меъдаи хар каҳ кашад дар иҷтизоб,
Меъдаи одам ҷазуби гандум, об.
Гар ту нашносӣ касеро аз залом,
Бингар ӯро, к-ӯш созидаст имом.

## Баёни он ки орифро ғизоест аз нури Ҳақ, ки «абиту инда раббӣ ва ютъимунӣ ва юсқинӣ қавлаҳу ал-ҷӯъу таъомуллоҳ юҳйӣ биҳи абдона-с-сиддиқин, ай фи-л-ҷӯъи ясилу таъомуллоҳ»

З-он ки ҳар курра пайи модар равад,
То бад-он ҷинсийяташ пайдо шавад.
Одамиро шир аз сина расад,
Шири хар аз ними зерина расад.
Адл қассом асту қисматкарданист,
Ин аҷаб, ки ҷабр нею зулм нест.
Ҷабр будӣ, кай пушаймонӣ будӣ?
Зулм будӣ, кай нигаҳбонӣ будӣ?
Рӯз охир шуд, сабақ фардо бувад,
Рози моро рӯз кай гунҷо бувад?
Эй бикарда эътимоду восиқӣ
Бар даму бар чоплуси фосиқе.
Қуббае барсохтастӣ аз ҳубоб,
Охир, он хайма-ст бас воҳитаноб.
Зарқ чун барқ асту андар нури он
Роҳ натвонанд дидан раҳравон.
Ин ҷаҳону аҳли ӯ беҳосиланд,
Ҳар ду андар бевафоӣ якдиланд.
Зодаи дунё чу дунё бевафост,
Гарчи рӯ орад ба ту, он рӯ қафост.
Аҳли он олам чу он олам зи бирр
То абад дар аҳду паймон мустамирр.
Худ ду пайғамбар ба ҳам кай зид шуданд?
Муъҷизот аз ҳамдигар кай бистаданд!
Кай шавад пажмурда мевай он ҷаҳон?
Шодии ақлӣ нагардад андуҳон.

Нафс бе аҳд аст, з-он рӯ куштанист,
Ӯ данию қиблагоҳи ӯ данист.
Нафсҳоро лоиқ аст ин анҷуман,
Мурдаро дархур бувад гӯру кафан.
Нафс агарчи зирак асту хурдадон,
Қиблааш дунёст, ӯро мурда дон.
Оби ваҳйи Ҳақ бад-ин мурда расид,
Шуд зи хоки мурдае зинда падид.
То напояд ваҳй, ту ғарра мабош,
Ту бад-он гулгунаӣ, тола бақош.
Бонгу сите ҷӯ, ки он хомил нашуд,
Тоби хуршеде, ки он офил нашуд.
Он ҳунарҳои дақиқу қолу қил
Қавми Фиръавнанд, аҷал чун оби Нил.
Равнақу тоқу турунбу сеҳрашон
Гарчи халқонро кашад гарданкашон,
Сеҳрҳои соҳирон дон ҷумларо,
Марг чӯбе дон, ки он гашт аждаҳо.
Ҷодуиҳоро ҳама як луқма кард,
Як ҷаҳон пуршаб буд, онро субҳ х(в)ард.
Нур аз он хӯрдан нашуд афзуну беш,
Бал ҳамон сон аст, к-ӯ будаст пеш.
Дар асар афзун шуду дар зот не,
Зотро афзунию офот не.
Ҳақ зи эҷоди ҷаҳон афзун нашуд,
Он чи аввал он набуд, акнун нашуд.
Лек афзун гашт асар з-эҷоди халқ,
Дар миёни ин ду афзунист фарқ.
Ҳаст афзуний асар изҳори ӯ,
То падад ояд сифоту кори ӯ.
Ҳаст афзунии ҳар зоте далел,
К-ӯ бувад ҳодис, ба иллатҳо алил.

## Тафсири «фаавҷаса фӣ нафсиҳи хифатан Мӯсо, қулно: ло тахаф, иннака анта-л-аъло»

Гуфт Мӯсо: «Сеҳр ҳам ҳайронкунест,
Чун кунам? К-ин халқро тамйииз нест».
Гуфт Ҳақ: «Тамйизро пайдо кунам,
Ақли бетамйизро бино кунам.

Гарчи чун дарё баровларданд каф,
Мӯсиё, ту ғолиб ойӣ, «ло тахаф».
Буд андар аҳди худ сеҳр ифтихор,
Чун асо шуд мор, онҳо гашт ор.
Ҳар касеро даъвии ҳусну намак,
Санги марг омад намакҳоро миҳак.
Сеҳр рафту муъҷизай Мӯсо гузашт,
Ҳар дуро аз боми буд афтод ташт.
Бонги ташти сеҳр ҷуз лаънат чӣ монд?
Бонги ташти дин ба ҷуз рифъат чӣ монд?
Чун миҳак пинҳон шудаст аз марду зан,
Дар саф о, эй қалбу акнун лоф зан.
Вақти лоф астат, миҳак чун ғоиб аст,
Мебарандат аз азизӣ даст-даст.
Қалб мегӯяд зи нахват ҳар дамам:
«Эй зари холис, ман аз ту кай камам?»,
Зар ҳамегӯяд: «Бале, эй хоҷатош!
Лек меояд миҳак, омода бош».
Марги тан ҳадя-ст бар асҳоби роз,
Зарри холисро чӣ нуқсон аст гоз?
Қалб агар дар хеш охирбин будӣ,
Он сияҳ, к-охир шуд ӯ, аввал шудӣ.
Чун шудӣ аввал сияҳ андар лиқо,
Дур будӣ аз нифоқу аз шақо.
Кимиёи фазлро толиб будӣ,
Ақли ӯ бар зарқи ӯ ғолиб будӣ.
Чун шикастадил шудӣ аз ҳоли хеш,
Ҷобири ишкастагон дидӣ ба пеш.
Оқибатро диду ӯ ишкаста шуд,
Аз шикастабанд дар дам баста шуд.
Фазли мисҳоро суйи иксир ронд,
Он зарандуд аз карам маҳрум монд.
Эй зарандуда! Макун даъвӣ, бибин,
Ки намонад муштарит аъмо чунин.
Нури маҳшар чашмашон бино кунад,
Чашмбандии туро расво кунад.
Бингар онҳоро, ки охир дидаанд,
Ҳасрати ҷонҳову рашки дидаанд.
Бингар онҳоро, ки ҳолӣ дидаанд,
Сирри фосид з-асли сир бибридаанд.

Пеши ҳолӣ бин, ки дар ҷаҳл асту шак,
Субҳи содиқ, субҳи козиб, ҳар ду як.
Субҳи козиб сад ҳазорон корвон
Дод бар боди ҳалокат, эй ҷавон!
Нест накде, к-иш ғалатандоз нест,
Войи он ҷон, к-иш миҳакку гоз нест.

## Зачри муддаъӣ аз даъвӣ ва амр кардан ӯро ба мутобиат

Бӯмусайлим гуфт: «Худ ман Аҳмадам,
Дини Аҳмадро ба фан барҳам задам».
Бӯмусайлимро бигӯ, кам кун батар,
Ғарраи аввал машав, охир нигар.
Ин қаловузӣ макун аз ҳирси ҷамъ,
Пасравӣ кун, то равад дар пеш шамъ.
Шамъ мақсадро намояд ҳамчу моҳ,
К-ин тараф дона-ст ё худ домгоҳ?
Гар бихоҳӣ в-ар нахоҳӣ, бо чароғ
Дида гардад нақши бозу нақши зоғ.
В-арна ин зоғон дағал афрӯхтанд,
Бонги бозони сапед омӯхтанд.
Бонги ҳудҳуд гар биёмӯзад фато,
Рози ҳудҳуд куву пайғоми Сабо?
Бонги барруста зи барбаста бидон,
Тоҷи шоҳонро зи тоҷи ҳудҳудон.
Ҳарфи дарвешону нуктаи орифон
Бастаанд ин беҳаёён бар забон.
Ҳар ҳалоки уммати пешин, ки буд,
З-он ки чандалро гумон бурданд уд.
Будашон тамйиз, к-он музҳар кунад,
Лек ҳирсу оз кӯру кар кунад.
Кӯрии кӯрон зи раҳмат дур нест,
Кӯрии ҳирс аст, к-он маъзур нест.
Чормехи шаҳ зи раҳмат дур не,
Чормехи ҳосидӣ мағфур не.
Моҳиё! Охир, нигар, бингар ба шаст,
Бадгулӯе чашми охирбин-т баст.
Бо ду дида аввалу охир бибин,
Ҳин, мабош аъвар чу Иблиси лаъин.

Аъвар он бошад, ки ҳолӣ диду бас,
Чун баҳоим бехабар аз бозпас.
Чун ду чашми гов дар ҷурми талаф,
Ҳамчу як чашм аст, к-иш набвад шараф.
Нисфи қимат арзад он ду чашми ӯ,
Ки ду чашмашрост маснад чашми ту.
В-ар канӣ як чашми одамзодае,
Нисфи қимат лоиқ аст аз ҷодае.
З-он ки чашми одамӣ танҳо ба х(в)ад
Бе ду чашми ёр коре мекунад.
Чашми хар чун аввалаш беохир аст,
Гар ду чашмаш ҳаст, ҳукмаш аъвар аст.
Ин сухан поён надорад в-он хафиф
Менависад руқъа дар тамъи рағиф.

## Бақияи қиссаи навиштани он ғулом руқъа ба талаби иҷро

Рафт пеш аз нома пеши матбахе,
К-эй бахил, аз матбахи шоҳи сахӣ!
Дур аз ӯ в-аз ҳиммати ӯ, к-ин қадар
Аз ҷириям оядаш андар назар.
Гуфт: «Баҳри маслиҳат фармудааст,
На барои бухлу на тангии даст».
Гуфт: «Даҳлезест, валлаҳ, ин сухан,
Пеши шаҳ хок аст, ҳам зарри куҳан».
Матбахӣ даҳ гуна ҳуҷҷат барфарошт,
Ӯ ҳама рад кард аз ҳирсе, ки дошт.
Чун ҷирӣ кам омадаш дар вақти чошт,
Зад басе ташнеъ ӯ, суде надошт.
Гуфт: «Қосид мекунед инҳо шумо»,
Гуфт: «На, ки бандафармонем мо.
Ин магир аз фаръ, ин аз асл гир,
Бар камон кам зан, ки аз бозуст тир.
«Мо рамайта из рамайта» ибтилост,
Бар набӣ кам неҳ гунаҳ, к-он аз Худост.
Об аз сар тира аст, эй хирахашм,
Пештар бингар, яке бигшой чашм».
Шуд зи хашму ғам даруни буқъае,
Сӯйи шаҳ бинвишт хашмин руқъае.

Андар он руқъа санои шоҳ гуфт,
Гавҳари ҷуду сахои шоҳ суфт,
К-эй зи баҳру абр афзун каффи ту,
Дар қазои ҳоҷати ҳоҷот ҷӯ.
З-он ки абр он чи диҳад, гирён диҳад,
Каффи ту хандон паёпай хон ниҳад.
Зоҳири руқъа агарчи мадҳ буд,
Бӯйи хашм аз мадҳ асарҳо менамуд.
З-он ҳама кори ту бенур асту зишт,
Ки ту дурӣ, дур аз нури сиришт.
Равнақи кори хасон косид шавад,
Ҳамчу мевай тоза з-ӯ фосид шавад.
Равнақи дунё барорад з-ӯ касод,
З-он ки ҳаст аз олами кавну фасод.
Хуш нагардад аз мадеҳе синаҳо,
Чунки дар маддоҳ бошад кинаҳо.
Эй дил, аз кину кароҳат пок шав
В-онгаҳон, «ал-ҳамд» хон, чолок шав.
Бар забон «ал-ҳамд»-у икроҳи дарун
Аз забон талбис бошад ё фусун.
В-онгаҳон гуфта Худо, ки нангарам,
Ман ба зоҳир, ман ба ботин нозирам.

## Ҳикояти он маддоҳ, ки аз ҷиҳати номус шукри мамдӯҳ мекард ва бӯйи андӯҳу ғами андаруни ӯ ва халоқати далқи зоҳири ӯ менамуд, ки он шукрҳо лоф асту дурӯғ

Он яке бо далқ омад аз Ироқ,
Бозпурсиданд ёрон аз фироқ.
Гуфт: «Оре, буд фироқ, илло сафар,
Буд бар ман бас муборак, муждавар,
Ки халифа дод даҳ хилъат маро,
Ки қаринаш бод сад мадҳу сано!
Шукрҳову ҳамдҳо бармешумурд,
То ки шукр аз ҳадду андоза бибурд.
Пас бигуфтандаш, ки аҳволи нажанд
Бар дурӯғи ту гувоҳӣ медиҳанд.
Тан бараҳна, сар бараҳна, сӯхта,
Шукрро дуздида ё омӯхта.

Ку нишони шукру ҳамди мири ту,
Бар сару бар пойи бетавфири ту?
Гар забонат мадҳи он шаҳ метанад,
Ҳафт андомат шикоят мекунад.
Дар сахои он шаҳу султони ҷуд
Мар туро кафшею шалворе набуд?
Гуфт: «Ман исор кардам, он чи дод,
Мир тақсире накард, аз ифтиқод.
Бистадам ҷумла атоҳо аз амир,
Бахш кардам бар ятиму бар фақир.
Мол додам, бистадам умри дароз
Дар ҷазо, зеро ки будам покбоз».
Пас бигуфтандаш: «Муборак, мол рафт,
Чист андар ботинат ин дуди нафт?»
Сад кароҳат дар даруни ту чу хор,
Кай бувад андуҳ нишони ибтишор?
Ку нишони ишқу исору ризо?
Гар дуруст аст он чӣ гуфтӣ «мо мазо».
Худ гирифтам, мол гум шуд, майл ку?
Сайл агар бигзашт, ҷойи сайл ку?
Чашми ту, к-ӯ буд сиёҳу ҷонфизо,
Гар намонд ӯ ҷонфизо, азрақ чаро?
Ку нишони покбозӣ, эй туруш?
Бӯйи лофи каж ҳамеояд, хамуш!
Сад нишон бошад дарун исорро,
Сад аломат ҳаст некӯкорро.
Мол дар исор агар гардад талаф,
Дар дарун сад зиндагӣ ояд халаф.
Дар замини Ҳақ зироат карданӣ,
Тухмҳои пок, он гаҳ дахл не?
Гар нарӯяд хӯша аз равзоти ҳу,
Пас, чӣ восеъ бошад арзуллаҳ? Бигӯ.
Чунки ин арзи фано берайъ нест,
Чун бувад арзуллаҳ? Он муставсаъест.
Ин заминро райъи ӯ худ беҳад аст,
Донаеро камтарин худ ҳафсад аст.
Ҳамд гуфтӣ, ку нишони ҳомидун?
На бурунат ҳаст асар, на андарун.
Ҳамди ориф мар Худоро рост аст,
Ки гувоҳи ҳамди ӯ шуд пову даст.

Аз чаҳи торики ҷисмаш баркашид
В-аз таги зиндони дунёяш харид.
Атласи тақвову нури муъталиф
Ояти «ҳамд» аст ӯро бар катиф.
Ворахида аз ҷаҳони ория,
Сокини гулзору «айнун ҷория».
Бар сарири сирри олӣ ҳимматаш,
Маҷлису ҷову мақому рутбаташ.
Мақъади сидқе, ки сиддиқон дар ӯ
Ҷумла сарсабзанду шоду тозарӯ.
Ҳамдашон чун ҳамди гулшан аз баҳор
Сад нишоне дораду сад гиру дор.
Бар баҳораш чашмаву нахлу гиёҳ
В-он гулистону нигористон гувоҳ.
Шоҳиди шоҳид ҳазорон ҳар тараф
Дар гувоҳӣ ҳамчу гавҳар бар садаф.
Бӯйи сирри бад биёяд аз дамат
В-аз сару рӯ тобад, эй лофӣ! Ғамат.
Бӯшиносонанд ҳозиқ дар масоф,
Ту ба ҷалдӣ ҳою ҳу кам кун газоф.
Ту малоф аз мушк, к-он бӯйи пиёз
Аз дами ту мекунад макшуф роз.
«Гулшакар хӯрдам» ҳамегӯию бӯй
Мезанад аз сир, ки ёфа магӯй.
Ҳаст дил монандаи хонай калон,
Хонаи дилро ниҳон ҳамсоягон.
Аз шикофи равзану деворҳо
Мутталеъ гарданд бар асрорҳо.
Аз шикофе, ки надорад ҳеч ваҳм,
Соҳиби хона-в надорад ҳеч саҳм.
Аз Нубӣ бархон, ки деву қавми ӯ
Мебаранд аз ҳоли инсе хуфя бӯ.
Аз раҳе, ки инс аз он огоҳ нест,
З-он ки з-ин маҳсусу з-ин ашбоҳ нест.
Дар миёни ноқидон зарқе матан
Бо миҳакк, эй қалби дун, лофе мазан.
Мар миҳакро раҳ бувад дар нақду қалб,
Ки Худояш кард амири ҷисму қалб.
Чун шаётин бо ғализиҳои хеш
Воқифанд аз сирри мову фикру кеш.

Маслаке доранд дуздида дарун,
Мо зи дуздиҳои эшон сарнигун.
Дам ба дам хабту зиёне мекунанд,
Соҳиби нақбу шикофи равзананд.
Пас, чаро ҷонҳои равшан дар ҷаҳон
Бехабар бошанд аз ҳоли ниҳон?
Дар сароят камтар аз девон шуданд,
Рӯҳҳо, ки хайма бар гардун заданд?
Дев дуздона суйи гардун равад,
Аз шаҳоби муҳриқ ӯ матъун шавад.
Сарнигун аз чарх зер афтад чунон,
Ки шақӣ дар ҷанг аз захми синон.
Он зи рашки рӯҳҳои дилписанд
Аз фалакшон сарнигун меафгананд.
Ту агар шаллию лангу кӯру кар,
Ин гумон бар рӯҳҳои меҳ мабар.
Шарм дору лоф кам зан, ҷон макан,
Ки басе ҷосус ҳаст он сӯйи тан.

## Дарёфтани табибони илоҳӣ амрози дину дилро дар симои мурида бегона ва лаҳни гуфтори ӯ ва ранги чашми ӯ ва бе ин ҳама низ аз роҳи дил, ки «иннаҳум ҷавосису-л-қулуб фаҷолисуҳум би-с-сидқ»

Ин табибони бадан донишваранд,
Бар сиқоми ту зи ту воқифтаранд.
То зи қорура ҳамебинанд ҳол,
Ки надонӣ ту аз он рӯ эътилол.
Ҳам зи набзу ҳам зи рангу ҳам зи дам
Бӯ баранд аз ту ба ҳар гуна сақам.
Пас, табибони илоҳӣ дар ҷаҳон
Чун надонанд аз ту бе гуфти даҳон?
Ҳам зи набзат, ҳам зи чашмат, ҳам зи ранг,
Сад сақам бинанд дар ту бединг.
Ин табибони навомӯзанд х(в)ад,
Ки бад-ин оёташон ҳоҷат бувад.
Комилон аз дур номат бишнаванд,
То ба қаъри боду будат бардаванд.
Балки пеш аз зодани ту солҳо
Дида бошандат туро бо ҳолҳо.

## Мужда додани Абӯязид аз зодани Абулҳасани Харақонӣ, қаддасаллоҳу рӯҳаҳумо, пеш аз солҳо ва нишони сурати ӯ ва сирати ӯ як ба як ва навиштани таърихнависон онро ҷиҳати расад

Он шунидӣ достони Боязид,
Ки зи ҳоли Булҳасан пешин чӣ дид?
Рӯзе он султони тақво мегузашт
Бо муридон ҷониби саҳрову дашт,
Бӯйи хуш омад мар ӯро ногаҳон
Дар саводи Рай зи сӯйи Хорақон.
Ҳам бад-он ҷо нолаи муштоқ кард,
Бӯйро аз бод истиншоқ кард.
Бӯйи хушро ошиқона мекашид,
Ҷони ӯ аз бод бода мечашид.
Кӯзае, к-ӯ аз яхоба пур бувад,
Чун арақ бар зоҳираш пайдо шавад.
Он зи сардии ҳаво обе шудаст,
Аз даруни кӯза нам берун наҷаст.
Боди бӯйовар мар ӯро об гашт,
Об ҳам ӯро шароби ноб гашт.
Чун дар ӯ осори мастӣ шуд падид,
Як мурид ӯро аз он дам баррасид.
Пас бипурсидаш, ки ин аҳволи х(в)аш,
Ки бурун аст аз ҳисоби панҷу шаш,
Гоҳ сурху гоҳ зарду гаҳ сапед
Мешавад рӯят, чӣ ҳол асту навид?
Мекашӣ бӯю ба зоҳир нест гул,
Бешак аз ғайб асту аз гулзори кул.
Эй ту коми ҷони ҳар худкомае,
Ҳар дам аз ғайбат паёму номае.
Ҳар даме Яъқубвор аз «Юсуфо»
Мерасад андар машоми ту шафо.
Қатрае баррез бар мо з-он сабӯ,
Шаммае з-он гулситон бо мо бигӯ.
Хӯ надорем, эй ҷамоли меҳтарӣ,
Ки лаби мо хушку ту танҳо х(в)арӣ.
Эй фалакпаймойи чусти чуст, хез,
З-он чи хӯрдӣ, ҷуръае бар мо бирез.

Мири маҷлис нест дар даврон дигар
Ҷуз ту, эй шаҳ, дар ҳарифон дарнигар.
Кай тавон нӯшид ин май зери даст?
Май яқин мар мардро расвогар аст.
Бӯйро пӯшидаву макнун кунад,
Чашми масти хештанро чун кунад?
Худ на он бӯй аст ин, к-андар ҷаҳон
Сад ҳазорон пардааш дорад ниҳон.
Пур шуд аз тезии ӯ саҳрову дашт,
Дашт чӣ? К-аз нуҳ фалак ҳам даргузашт.
Ин сари хумро ба каҳгил дармагир,
К-ин бараҳна нест худ пӯшишпазир.
Лутф кун, эй роздони розгӯ,
Он чи бозат сайд кардаш, бозгӯ.
Гуфт: «Бӯйи булъаҷаб омад ба ман,
Ҳамчунон ки мар набиро аз Яман,
Ки Муҳаммад гуфт: Бар дасти сабо
Аз Яман меоядам бӯйи Худо.
Бӯйи Ромин мерасад аз ҷони Вайс,
Бӯйи Яздон мерасад ҳам аз Увайс.
Аз Увайсу аз Қаран бӯйи аҷаб
Мар набиро маст карду пуртараб.
Чун Увайс аз хеш фонӣ гашта буд,
Он заминӣ осмонӣ гашта буд.
Он ҳалилай парварида дар шакар,
Чошнии талхияш набвад дигар.
Он ҳалилай руста аз мову манӣ
Нақш дорад аз ҳалила, таъм не».
Ин сухан поён надорад, бозгард,
То чӣ гуфт аз ваҳйи ғайб он шермард.

## Қавли расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, «иннӣ лиаҷиду нафаса-р-раҳмони мин қибали-л-Ямани»

Гуфт: «З-ин сӯ бӯйи ёре мерасад,
К-андар ин деҳ шаҳрёре мерасад.
Баъди чандин сол мезояд шаҳе,
Мезанад бар осмонҳо хиргаҳе.
Рӯяш аз гулзори Ҳақ гулгун бувад,
Аз ман ӯ андар мақом афзун бувад».

«Чист номаш?» Гуфт: «Номаш Булҳасан»,
Ҳиляаш вогуфт з-абрӯву зақан.
Қадди ӯву ранги ӯву шакли ӯ
Як ба як вогуфт аз гесӯву рӯ.
Ҳиляҳои рӯҳи ӯро ҳам намуд
Аз сифоту аз тариқа-в ҷову буд.
Ҳиляи тан ҳамчу тан орият аст,
Дил бар он кам неҳ, ки он як соат аст.
Ҳиляи рӯҳи табиъӣ ҳам фаност,
Ҳиляи он ҷон талаб, к-он бар самост.
Ҷисми ӯ ҳамчун чароғе бар замин,
Нури ӯ болои сақфи ҳафтумин.
Он шуоъи офтоб андар вусоқ,
Қурси ӯ андар чаҳорум чортоқ.
Нақши гул дар зер бинӣ бахри лоғ,
Бӯйи гул бар сақфу айвони димоғ.
Марди хуфта дар Адан дида фарақ,
Акси он бар ҷисм афтода арақ.
Пераҳан дар Миср, раҳни як ҳарис,
Пур шуда Канъон зи бӯйи он қамис.
Барнабиштанд он замон таърихро,
Аз кабоб оростанд он сихро.
Чун расид он вақту он таърих рост,
Зода шуд он шоҳу нарди мулк бохт.
Аз паси он солҳо омад падид
Булҳасан баъди вафоти Боязид.
Ҷумлаи хӯҳои ӯ з-имсоку ҷуд
Ончунон омад, ки он шаҳ гуфта буд.
Лавҳи маҳфуз аст ӯро пешво,
Ӯ чӣ маҳфуз аст? Маҳфуз аз хато.
На нуҷум асту на рамл асту на хоб,
Ваҳйи Ҳақ, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Аз пайи рӯпӯши ома дар баён
Ваҳйи дил гӯянд онро сӯфиён.
Ваҳйи дил гираш, ки манзаргоҳи ӯст,
Чун хато бошад, чу дил огоҳи ӯст.
Муъмино! «Янзур бинуриллаҳ» шудӣ,
Аз хатову саҳв эмин омадӣ.

## Нуқсони ичрои ҷону дили сӯфӣ аз таъоми Аллоҳ

Сӯфие аз факр чун дар ғам шавад,
Айни фақраш дояву матъам шавад.
З-он ки ҷаннат аз макореҳ рустааст,
Раҳм қисми оҷизе ишкастааст.
Он ки сарҳо бишканад ӯ аз ғулӯ,
Раҳми Ҳаққу халқ н-ояд сӯйи ӯ.
Ин сухан охир надорад в-он ҷавон
Аз ками ичрои нон шуд нотавон.
Шод он сӯфӣ, ки ризқаш кам шавад,
Он шаба-ш дур гардаду ӯ ям шавад.
З-он ҷирои хос ҳар-к огоҳ шуд,
Ӯ сазои қурбу ичригоҳ шуд.
З-он ҷирои рӯҳ чун нуқсон шавад,
Ҷонаш аз нуқсони он ларзон шавад.
Пас, бидонад, ки хатое рафтааст,
Ки суманзори ризо ошуфтааст.
Ҳамчунон к-он шахс аз нуқсони кишт
Нома сӯйи соҳиби хирман набишт.
Руқъааш бурданд пеши мири дод,
Хонд ӯ руқъа, ҷавобе вонадод.
Гуфт: «Ӯро нест илло арди лут»,
Пас, ҷавоби аҳмақ авлотар сукут.
Несташ дарди фироқу васл ҳеч,
Банди фаръ аст ӯ, наҷӯяд асл ҳеч.
Аҳмақ асту мурдаи мову манӣ,
К-аз ғами фаръаш фароғи асл не.
Осмонҳову замин як себ дон,
К-аз дарахти қудрати Ҳақ шуд аён.
Ту чу кирмӣ дар миёни себ-дар
В-аз дарахту боғбонӣ бехабар.
Он яке кирме дигар дар себ ҳам,
Лек ҷонаш аз бурун соҳибалам.
Ҷунбиши ӯ вошикофад себро,
Барнатобад себ он осебро.
Бардарида ҷунбиши ӯ пардаҳо,
Сураташ кирм асту маънӣ аждаҳо.
Оташе, к-аввал зи оҳан меҷаҳад,
Ӯ қадам бас суст берун мениҳад.

Дояаш пунба-ст аввал, лек ахир
Мерасонад шуълаҳо ӯ то асир.
Мард аввал бастаи хобу х(в)ар аст,
Охируламр аз малоик бартар аст.
Дар паноҳи пунбаву кибритҳо
Шуълаву нураш барояд бар Суҳо.
Олами торик равшан мекунад,
Кундаи оҳан ба сӯзан меканад.
Гарчи оташ низ ҳам ҷисмонӣ аст,
На зи рӯҳ асту на аз рӯҳонӣ аст.
Ҷисмро набвад аз он из баҳрае,
Ҷисм пеши баҳри ҷон чун қатрае.
Ҷисм аз ҷон рӯзафзун мешавад,
Чун равад ҷон, ҷисм бин, чун мешавад.
Ҳадди ҷисмат як-ду газ худ беш нест,
Ҷони ту то осмон ҷавлонкунест.
То ба Бағдоду Самарқанд, эй ҳумом,
Рӯҳро андар тасаввур ним гом.
Ду дирамсанг аст пиҳи чашматон,
Нури рӯҳаш то инони осмон.
Нур бе ин чашм мебинад ба хоб,
Чашм бе ин нур чӣ бвад, ҷуз хароб?
Ҷон зи ришу сиблати тан фориғ аст,
Лек тан бе ҷон бувад мурдору паст.
Борномай рӯҳи ҳайвонист ин,
Пештар рав, рӯҳи инсонӣ бибин.
Бингар аз инсону ҳам аз қолу қил
Толиби дарёи ҷони Ҷабрайил.
Баъд аз онат ҷони Аҳмад лаб газад,
Ҷабрайил аз бими ту вопас хазад.
Гӯяд, ар оям ба қадри як камон
Ман ба сӯйи ту, бисӯзам дарзамон.

## Ошуфтани он ғулом аз норасидани ҷавоби руқъа аз қибали подшоҳ

Ин биёбон худ надорад пову сар,
Бе ҷавоби нома хаста-ст он писар,
К-эй аҷаб! Чунам надод он шаҳ ҷавоб?
Ё хиёнат кард руқъабар зи тоб?

Руқъа пинҳон карду нанмуд он ба шоҳ,
К-ӯ мунофиқ буду обе зери коҳ.
Руқъаи дигар нависам з-озмун,
Дигаре ҷӯям расули зуфунун.
Бар амиру матбахию номабар
Айб бинҳода зи ҷаҳл он бехабар,
Ҳеч гирди худ намегардад, ки ман
Кажравӣ кардам чу андар дин шаман.

## Каж вазидани бод бар Сулаймон, алайҳиссалом, ба сабаби заллати ӯ

Бод бар тахти Сулаймон рафт каж,
Пас Сулаймон гуфт: «Бодо, каж мағаж!»
Бод ҳам гуфт: «Эй Сулаймон, каж марав,
В-ар равӣ каж, аз кажам хашмин машав.
Ин тарозу баҳри ин бинҳод Ҳақ,
То равад инсоф моро дар сабақ.
Аз тарозу кам кунӣ, ман кам кунам,
То ту бо ман равшанӣ, ман равшанам».
Ҳамчунин тоҷи Сулаймон майл кард,
Рӯзи равшанро бар ӯ чун лайл кард.
Гуфт: «Тоҷо, каж машав бар фарқи ман,
Офтобо, кам машав аз шарқи ман».
Рост мекард ӯ ба даст он тоҷро,
Боз каж мешуд бар ӯ тоҷ, эй фато.
Ҳашт бораш рост карду гашт каж,
Гуфт: «Тоҷо! Чист охир? Каж мағаж».
Гуфт: «Агар сад раҳ кунӣ ту рост, ман
Каж шавам, чун кажравӣ, эй муътаман!»
Пас Сулаймон андаруна рост кард,
Дил бар он шаҳват, ки будаш, кард сард.
Баъд аз он тоҷаш ҳамон дам рост шуд,
Ончунон ки тоҷро мехост, шуд.
Баъд аз онаш каж ҳамекард ӯ ба қасд,
Тоҷи ӯ мегашт торакҷӯ ба қасд.
Ҳашт каррат каж бикард он меҳтараш,
Рост мешуд тоҷ бар фарқи сараш.
Тоҷ нотиқ гашт, к-эй шаҳ! Ноз кун,
Чун фишондӣ пар зи гил, парвоз кун.

Нест дастуре, к-аз ин ман бигзарам,
Пардаҳои ғайби ин барҳам дарам.
Бар даҳонам неҳ ту дасти худ, бибанд
Мар даҳонамро зи гуфти announced.
Пас, туро ҳам ғам, ки пеш ояд зи дард,
Бар касе туҳмат манеҳ, бар хеш гард.
Зан мабар бар дигаре, эй дӯстком,
Он макун, ки месиголид он ғулом.
Гоҳ ҷангаш бо расулу матбахӣ,
Гоҳ хашмаш бо шаҳаншоҳи сахӣ.
Ҳамчу Фиръавне, ки Мӯсо ҳишта буд,
Тифлакони халқро сар мерабуд.
Он адӯ дар хонаи он кӯрдил,
Ӯ шуда атфолро гардангусил.
Ту ҳам аз берун будӣ бо дигарон,
В-андарун хуш гашта бо нафси гарон.
Худ адувват ӯст, қандаш медиҳӣ
В-аз бурун туҳмат ба ҳар кас мениҳӣ.
Ҳамчу Фиръавнӣ ту кӯру кӯрдил,
Бо адӯ хуш, бегуноҳонро музил.
Чанд, Фиръавно, кушӣ беҷурмро?
Менавозӣ мар тани пурғурмро?
Ақли ӯ бар ақли шоҳон мефузуд,
Ҳукми Ҳақ беақлу кӯраш карда буд.
Муҳри Ҳақ бар чашму бар гӯши хирад
Гар Фалотун аст, ҳайвонаш кунад.
Ҳукми Ҳақ бар лавҳ меояд падид,
Ончунон ки ҳукми ғайби Боязид.

## Шунидани шайх Абулҳасан хабар додани Абӯязидро аз будан ва аҳволи ӯ

Ҳамчунон омад, ки ӯ фармуда буд,
Булҳасан аз мардумон онро шунуд,
Ки Ҳасан бошад муриду умматам,
Дарс гирад ҳар сабоҳ аз турбатам.
Гуфт: «Ман ҳам низ хобаш дидаам
В-аз равони шайх ин бишнидаам».
Ҳар сабоҳе рӯ ниҳодӣ сӯйи гӯр,
Истодӣ то зуҳо андар ҳузур.

Ё мисоли шайх пешаш омадӣ,
Ё ки бе гуфте шиколаш ҳал шудӣ.
То яке рӯзе биёмад бо суъуд,
Гӯрҳоро барфи нав пӯшида буд.
Тӯи бар тӯ барфҳо ҳамчун алам
Қубба-қубба диду шуд ҷонаш ба ғам.
Бонгаш омад аз ҳазирай шайхи ҳай:
«Ҳо ано адъука, кай тасъо илай.
Ҳин, биё ин сӯ, бар овозам шитоб,
Олам ар барф аст, рӯй аз ман матоб».
Ҳоли ӯ з-он рӯз шуд хубу бидид
Он аҷоибро, ки аввал мешунид.

## Руқъаи дигар навиштани он ғулом пеши шоҳ, чун ҷавоби он руқъаи аввал наёфт

Номаи дигар навишт он бадгумон,
Пур зи ташнеъу нафиру пурфиғон,
Ки яке руқъа набиштам пеши шаҳ,
Эй аҷаб! Он ҷо расиду ёфт раҳ?
Он дигарро хонд ҳам он хубхад,
Ҳам надод ӯро ҷавобу тан бизад.
Хушк меовард ӯро шаҳрёр,
Ӯ мукаррар кард руқъа панҷ бор.
Гуфт ҳоҷиб: «Охир, ӯ бандай шумост,
Гар ҷавобаш барнависӣ, ҳам равост.
Аз шаҳии ту чӣ кам гардад, агар
Бар ғулому банда андозӣ назар?»
Гуфт: «Ин сахл аст, аммо аҳмақ аст,
Марди аҳмақ зишту мардуди Ҳақ аст.
Гарчи омурзам гуноҳу заллаташ,
Ҳам кунад бар ман сироят иллаташ.
Сад кас аз гаргин, ҳама гаргин шаванд,
Хоса ин гарри хабиси нописанд.
Гарри камақлӣ мабодо габрро,
Шуми ӯ бе об дорад абрро.
Нам наборад абр аз шумии ӯ,
Шаҳр шуд вайрона аз бумии ӯ.
Аз гари он аҳмақон тӯфони Нӯҳ,
Кард вайрон оламеро дар фузӯҳ.

Гуфт пайғамбар, ки аҳмақ ҳар кӣ ҳаст,
Ӯ адувви мосту ғӯли раҳзан аст.
Ҳар кӣ ӯ оқил бувад, ӯ ҷони мост,
Рӯҳи ӯву риҳи ӯ райҳони мост.
Ақл дашномам диҳад, ман розиям,
З-он ки файзе дорад аз файёзиям.
Навбад он дашноми ӯ бефоида,
Набвад он меҳмонияш бемоида.
Аҳмақ ар ҳалво ниҳад андар лабам,
Ман аз он ҳалвои ӯ андар табам.
Ин яқин дон, гар латифу равшанӣ,
Нест бӯсай куни харро чошнӣ.
Сиблатат канда кунад бефоида,
Ҷома аз дегаш сияҳ, бемоида.
Моида ақл аст, не нону шиво,
Нури ақл аст, эй писар, ҷонро ғизо.
Нест ғайри нур одамро х(в)ариш,
Аз ҷузи он ҷон наёбад парвариш.
З-ин хуришҳо андак-андак бозбур,
К-ин ғизои хар бувад, на они ҳур.
То ғизои аслро қобил шавӣ,
Луқмаҳои нурро окил шавӣ.
Акси он нур аст, к-ин нон нон шудаст,
Файзи он ҷон аст, к-ин ҷон ҷон шудаст.
Чун хурӣ як бор аз маъкули нур,
Хок резӣ бар сари нону танӯр.
Ақл ду ақл аст: аввал максабӣ,
Ки даромӯзӣ чу дар мактаб сабӣ.
Аз китобу устоду фикру зикр,
Аз маъонӣ в-аз улуми хубу бикр
Ақли ту афзун шавад бар дигарон,
Лек ту бошӣ зи ҳифзи он гарон.
Лавҳи ҳофиз бошӣ андар давру гашт,
Лавҳи маҳфуз ӯст, к-ӯ з-ин даргузашт.
Ақли дигар бахшиши Яздон бувад,
Чашмаи он на миёни ҷон бувад.
Чун зи сина обиониш ҷӯш кард,
На шавад ганда, на дерина, на зард.
В-ар раҳи набъаш бувад баста, чӣ ғам?
К-ӯ ҳамеҷӯшад зи хона дам ба дам.

Ақли таҳсилӣ мисоли ҷӯйҳо,
К-он равад дар хонае аз кӯйҳо.
Роҳи обаш баста шуд, шуд бенаво,
Аз даруни хештан ҷӯ чашмаро.

## Қиссаи он ки касе ба касе машварат мекард, гуфташ: Машварат бо дигаре кун, ки ман адувви туам

Машварат мекард шахсе бо касе,
К-аз тараддуд вораҳад в-аз маҳбасе.
Гуфт: «Эй хушном, ғайри ман биҷӯ,
Моҷарои машварат бо ӯ бигӯ.
Ман адуввам мар туро, бо ман мапеч,
Набвад аз ройи адӯ пирӯз ҳеч.
Рав, касе ҷӯ, ки туро ӯ ҳаст дӯст,
Дӯст баҳри дӯст лошак хайрҷӯст.
Ман адуввам, чора набвад к-аз манӣ
Каж равам, бо ту намоям душманӣ.
Ҳорисӣ аз гург ҷустан шарт нест,
Ҷустан аз ғайри маҳал ноҷустанист.
Ман туро бе ҳеч шакке душманам,
Ман туро кай раҳнамоям? Раҳзанам».
Ҳар кӣ бошад ҳамнишини дӯстон,
Ҳаст дар гулхан, миёни бӯстон.
Ҳар кӣ бо душман нишинад дар заман,
Ҳаст ӯ дар бӯстон дар гулхан.
Дӯстро м-озор аз мову манат,
То нагардад дӯст хасму душманат.
Хайр кун бо халқ баҳри Эзадат,
Ё барои роҳати ҷони х(в)адат.
То ҳамора дӯст бинӣ дар назар,
Дар дилат н-ояд зи кин нохушсувар.
Чунки кардӣ душманӣ, парҳез кун,
Машварат бо ёри меҳрангез кун».
Гуфт: «Медонам туро, эй Булҳасан,
Ки туӣ дерина душмандори ман.
Лек марди оқилию маънавӣ,
Ақли ту нагзорадат, ки каж равӣ.
Табъ хоҳад, то кашад аз хасм кин,
Ақл бар нафс аст банди оҳанин.

Ояду манъаш кунад, водорадаш,
Ақл чун шаҳна-ст дар неку бадаш.
Ақли имонӣ чу шаҳнай одил аст,
Посбону ҳокими шаҳри дил аст.
Ҳамчу гурба бошад ӯ бедорҳуш,
Дузд дар сӯрох монад ҳамчу муш.
Дар ҳар он ҷо, ки барорад муш даст,
Нест гурба ё ки нақши гурба аст.
Гурбаи чӣ? Шери шерафган бувад,
Ақли имонӣ, ки андар тан бувад.
Ғурраи ӯ ҳокими даррандагон,
Наъраи ӯ монеъи чаррандагон.
Шаҳр пурдузд асту пур ҷомакане,
Хоҳ шаҳна бош гӯву хоҳ не.

## Амир кардани расул, алайҳиссалом, ҷавони ҳузайлиро бар саррийяе, ки дар он пирон ва ҷангозмудагон буданд

Як сарийя мефиристодӣ расул,
Баҳри ҷанги кофиру дафъи фузул.
Як ҷавонеро гузид ӯ аз Ҳузайл,
Мири лашкар кардашу солори хайл.
Асли лашкар бегумон сарвар бувад,
Қавми бесарвар тани бесар бувад.
Ин ҳама, ки мурдаву пажмурдаӣ,
З-он бувад, ки тарки сарвар кардаӣ.
Аз касал в-аз бухл в-аз мову манӣ
Мекашӣ сар, хешро сар мекунӣ.
Ҳамчу устуре, ки бигрезад зи бор,
Ӯ сари худ гирад андар кӯҳсор.
Соҳибаш дар пай давон, к-эй хирасар,
Ҳар тараф гургест андар қасди хар.
Гар зи чашмам ин замон ғоиб шавӣ,
Пешат ояд ҳар тараф гурги қавӣ,
Устухонатро бихояд чун шакар,
Ки набинӣ зиндагониро дигар.
Он магир, охир бимонӣ аз алаф,
Оташ аз беҳезумӣ гардад талаф.

Ҳин, бимагрез аз тасарруф карданам
В-аз гароний бор, ки ҷонат манам.
Ту сутурӣ ҳам, ки нафсат ғолиб аст,
Ҳукм ғолибро бувад, эй худпараст!
Хар нахондат, асб хондат зулҷалол,
Асби тозиро араб гӯяд таъол.
Мири охур буд Ҳақро Мустафо
Баҳри устурони нафси пурҷафо.
«Қул таъолав» гуфт аз ҷазби карам,
То риёзаттон диҳам, ман роизам.
Нафсҳоро то мураввaз кардаам,
З-ин сутурон бас лагадҳо х(в)ардаам.
Ҳар куҷо бошад риёзатборае,
Аз лагадҳояш набошад чорае.
Лоҷарам ағлаб бало бар анбиёст,
Ки риёзат додани хомон балост.
Суксуконед, аз дамам юрғо равед,
То явошу маркаби султон шавед.
«Қул таъолав, қул таъолав» гуфт раб,
Эй сутурони рамида аз адаб.
Гар наёянд, эй набӣ, ғамгин машав,
З-он ду бетамкин ту пур аз кин машав.
Гӯши баъзе з-ин «таъолав»-ҳо кар аст,
Ҳар сутуреро ситабле дигар аст.
Мунҳазим гарданд баъзе з-ин нидо,
Ҳаст ҳар асбе тавилай ӯ ҷудо.
Мунқабиз гарданд баъзе з-ин қисас,
З-он ки ҳар мурғе ҷудо дорад қафас.
Худ малоик низ ноҳамто буданд,
З-ин сабаб бар осмон саф-саф шуданд.
Кӯдакон гарчи ба як мактаб- даранд,
Дар сабақ ҳар як зи як болотаранд.
Машриқию мағрибиро ҳиссҳост,
Мансиби дидор ҳисси чашмрост.
Сад ҳазорон гӯшҳо гар саф зананд,
Ҷумла муҳтоҷони чашми равшананд.
Боз саффи гӯшҳоро мансибе
Дар самоъи ҷону ахбору Нубӣ.
Сад ҳазорон чашмро он роҳ нест,
Ҳеч чашме аз самоъ огоҳ нест.

Ҳамчунин ҳар ҳисс як-як мешумар,
Ҳар яке маъзул аз он кори дигар.
Панҷ ҳисси зоҳиру панҷ андарун,
Даҳ сафанд андар «қиёму-с-софувун».
Ҳар касе, к-ӯ аз сафи дин саркаш аст,
Меравад сӯйи сафе, к-он вопас аст.
Ту зи гуфтори «таъолав» кам макун,
Кимиёи бас шигарф аст ин сухун.
Гар мисе гардад зи гуфторат нафир,
Кимиёро ҳеч аз вай вомагир.
Ин замон гар баст нафси соҳираш,
Гуфти ту судаш кунад дар охираш.
«Қул таъолав, қул таъолав», эй ғулом,
Ҳин, ки «инналлоҳа ядъу лиссалом».
Хоҷа, боз о аз манию аз сарӣ,
Сарварӣ ҷӯ, кам талаб кун сарварӣ.

## Эътироз кардани муътаризе бар расул, алайҳиссалом, бар амир кардани он ҳузайлӣ

Чун паямбар сарваре кард аз Ҳузайл
Аз барои лашкари мансурхайл,
Булфузуле аз ҳасад тоқат надошт,
Эътирозу «ло нусаллим» барфарошт.
Халқро бингар, ки чун зулмониянд?
Дар матоъи фоние чун фониянд?
Аз такаббур ҷумла андар тафриқа,
Мурда аз ҷон, зиндаанд аз махрақа.
Ин аҷаб, ки ҷон ба зиндон-андар аст
В-он гаҳе мифтоҳи зиндонаш ба даст.
Пой то сар ғарқи саргин он ҷавон,
Мезанад бар доманаш ҷӯйи равон.
Доимо паҳлӯ ба паҳлӯ беқарор,
Паҳлуйи оромгоҳу пушти дор.
Нур пинҳон асту ҷустуҷӯ гувоҳ,
К-аз газофа дил намеҷӯяд паноҳ.
Гар набудӣ ҳабси дунёро манос,
На будӣ ваҳшат, на дил ҷустӣ халос.
Ваҳшатат ҳамчун муваккал мекашад,
Ки биҷӯ, эй золл, минҳоҷи рашад.

Ҳаст минҳоҷу ниҳон дар макман аст,
Ёфташ раҳни газофа ҷустан аст.
Тафриқаҷӯёни ҷамъ андар камин,
Ту дар ин толиб рухи матлуб бин.
Мурдагони боғ барҷаста зи бун,
К-он диҳандай зиндагиро фаҳм кун.
Чашми ин зиндониён ҳар дам ба дар
Кай будӣ? Гар нестӣ кас муждавар.
Сад ҳазор олудагони обҷӯ
Кай будандӣ? Гар набудӣ оби ҷӯ.
Бар замин паҳлӯтро ором нест,
Дон, ки дар хона лиҳофу бистарест.
Бемақар гоҳе набошад беқарор,
Бе хуморишкан набошад ин хумор.
Гуфт: «На-на, ё русулуллаҳ, макун
Сарвари лашкар, магар шайхи куҳун.
Ё расулуллаҳ! Ҷавон гар шерзод,
Ғайри марди пир сарлашкар мабод.
Ҳам ту гуфтастию гуфти ту гуво;
Пир бояд, пир бояд пешво.
Ё расулуллаҳ! Дар ин лашкар нигар,
Ҳаст чандин пиру аз вай пештар.
З-ин дарахт он барги зардашро мабин,
Себҳои пухтаи ӯро бичин.
Баргҳои зарди ӯ худ кай тиҳист?
Ин нишони пухтагию комилист.
Барги зарди ришу он мӯйи сапед
Баҳри ақли пухта меорад навид.
Баргҳои наврасидай сабзфом
Шуд нишони он ки он мева-ст хом».
Барги бебаргӣ нишони орифист,
Зардии зар сурхрӯйий сайрафист.
Он ки ӯ гул ориз аст, ар навхат аст,
Ӯ ба мактабгоҳи махбар навхат аст.
Ҳарфҳои хатти ӯ каж-маж бувад,
Музмини ақл аст, агар тан медавад.
Пойи пир аз суръат арчи бозмонд,
Ёфт ақли ӯ ду пар, бар авҷ ронд.
Гар масал хоҳӣ, ба Ҷаъфар дарнигар,
Дод Ҳақ бар ҷойи дасту пош пар.

Бигзар аз зар, к-ин сухан шуд муҳтаҷиб,
Ҳамчу симоб ин дилам шуд музтариб.
З-андарунам сад хамӯши хушнафас
Даст бар лаб мезанад, яъне, ки бас.
Хомушӣ баҳр асту гуфтан ҳамчу ҷӯ,
Баҳр меҷӯяд туро, ҷӯро маҷӯ.
Аз ишоратҳои дарё сар матоб,
Хатм кун, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Ҳамчунин пайваста кард он беадаб
Пеши пайғамбар сухан з-он сардлаб. 2065
Даст медодаш сухан, ӯ бехабар,
Ки хабар ҳарза бувад пеши назар.
Ин хабарҳо аз назар худ ноиб аст,
Баҳри ҳозир нест, баҳри ғоиб аст.
Ҳар кӣ ӯ андар назар мавсул шуд,
Ин хабарҳо пеши ӯ маъзул шуд.
Чунки бо маъшуқ гаштӣ ҳамнишин,
Дафъ кун даллолагонро баъд аз ин.
Ҳар кӣ аз тифлӣ гузашту мард шуд,
Номаву даллола бар вай сард шуд. 2070
Нома хонад аз пайи таълимро,
Ҳарф гӯяд аз пайи тафҳимро.
Пеши биноён хабар гуфтан хатост,
К-он далели ғафлату нуқсони мост.
Пеши бино шуд хамӯшӣ нафъи ту,
Баҳри ин омад хитоби «анситу».
Гар бифармояд бигӯ, баргӯй х(в)аш,
Лек андак гӯ дароз андармакаш.
В-ар бифармояд, ки андаркаш дароз,
Ҳамчунон шармин бигӯ, бо амр соз. 2075
Ҳамчунин ки ман дар ин зебофусун
Бо Зиёулҳақ Ҳусомуддин кунун.
Чунки кӯтаҳ мекунам ман аз рашад,
Ӯ ба сад навъам ба гуфтан мекашад.
Эй Ҳусомуддин! Зиёи зулҷалол,
Чунки мебинӣ, чӣ меҷӯйӣ мақол?
Ин магар бошад зи ҳубби муштаҳо,
«Асқинӣ хамран ва қул лӣ иннаҳо».
Бар даҳони туст ин дам ҷоми ӯ,
Гӯш мегӯяд, ки қисми гӯш ку? 2080

Ҷисми ту гармист, нак гармию маст,
Гуфт: «Ҳирси ман аз ин афзунтар аст».

## Ҷавоб гуфтани Мустафо, алайҳиссалом, эътирозкунандаро

Дар ҳузури Мустафои қандхӯ
Чун зи ҳад бурд он араб аз гуфтугӯ,
Он шаҳи «ва-н-наҷм»-у султони «Абас»
Лаб газид, он сарддамро гуфт: Бас!
Даст мезад баҳри манъаш бар даҳон:
Чанд гӯйӣ пеши донои ниҳон?
Пеши доно бурдаӣ саргини хушк,
Ки бихар инро ба ҷойи нофу мушк.
Баърро, эй гандамағзи гандамух,
Зери бинӣ бинҳию гӯйӣ, ки ух.
Ух-ухе бардоштӣ, эй гиҷи гоҷ,
То ки колои бадат ёбад ривоҷ.
То фиребӣ он машоми покро,
Он чаридай гулшани афлокро.
Ҳилми ӯ худро агарчи гӯл сохт,
Хештанро андаке бояд шинохт.
Дегро гар бозмонд имшаб даҳан,
Гурбаро ҳам шарм бояд доштан.
Хештан гар хуфта кард он хубфар,
Сахт бедор аст, дастораш мабар.
Чанд гӯйӣ, эй лаҷуҷи бесафо,
Ин фусуни дев пеши Мустафо?
Сад ҳазорон ҳилм доранд ин гурӯҳ,
Ҳар яке ҳилме аз онҳо сад чу кӯҳ.
Ҳилмашон бедорро аблаҳ кунад,
Зираки садчашмро гумраҳ кунад.
Ҳилмашон ҳамчун шароби хуби нағз
Нағз-нағзак барравад болои мағз.
Мастро бин з-он шароби пуршигифт,
Ҳамчу фарзин маст, каж рафтан гирифт.
Марди барно з-он шароби зудгир
Дар миёни роҳ меафтад чу пир.
Хоса ин бода, ки аз хумми балест,
На майе, ки мастии ӯ якшабист.

Он ки он Асҳоби Каҳф аз нуқлу нақл
Сесаду нӯҳ сол гум карданд ақл,
З-он занони Миср ҷоме х(в)ардаанд,
Дастҳоро шарҳа-шарҳа кардаанд.
Соҳирон ҳам сукри Мӯсо доштанд,
Дорро дилдор меангоштанд.
Ҷаъфари Тайёр з-он мебуд маст,
З-он гарав мекард бехуд пову даст.

## Қиссаи «Субҳонӣ! Мо аъзама шаънӣ» гуфтани Абӯязид, қаддасаллоҳу сирраҳу ва эътирози муридон ва ҷавоби ин мар эшонро на ба тариқи гуфти забон, балки аз роҳи аён

Бо муридон он фақири муҳташам,
Боязид омад, ки нак, Яздон манам.
Гуфт мастона, аён он зуфунун:
«Ло Илоҳ илло ано ҳо! Фаъбудун».
Чун гузашт он ҳол, гуфтандаш сабоҳ:
«Ту чунин гуфтию ин навбад салоҳ».
Гуфт: «Ин бор ар кунам ман машғала,
Кордҳо бар ман занед он дам, ҳала.
Ҳақ муназзаҳ аз тану ман бо танам,
Чун чунин гӯям, бибояд куштанам».
Чун васийят кард он озодмард,
Ҳар мурide корде омода кард.
Маст гашт ӯ боз аз он сағроқи зафт,
Он васийятҳош аз хотир бирафт.
Нуқл омад, ақли ӯ овора шуд,
Субҳ омад, шамъи ӯ бечора шуд.
Ақл чун шаҳна-ст, чун султон расид,
Шаҳнаи бечора дар кунҷе хазид.
Ақл сояй Ҳақ бувад, Ҳаққ офтоб,
Сояро бо офтоби ӯ чӣ тоб?
Чун парӣ ғолиб шавад бар одамӣ,
Гум шавад аз мард васфи мардумӣ.
Ҳар чӣ гӯяд, он парӣ гуфта бувад,
З-инсарии онсарӣ гуфта бувад.
Чун париро ин даму қонун бувад,
Кирдгори он парӣ худ чун бувад?

«Ӯ»-и ӯ рафта, парӣ худ «ӯ» шуда,
Турк бе илҳом тозигӯ шуда.
Чун ба худ ояд, надонад як луғат,
Чун париро ҳаст ин зоту сифат.
Пас, Худованди парию одамӣ,
Аз парӣ кай бошадаш охир камӣ?
Шергир ар хуни наррашер х(в)ард,
Ту бигӯйӣ: «Ӯ накард он, бода кард».
В-ар сухан пардозад аз зарри куҳан,
Ту бигӯйӣ: «Бода гуфтаст он сухан».
Бодаеро мебувад ин шарру шӯр,
Нури Ҳақро нест он фарҳангу зӯр?
Ки туро аз ту ба кул холӣ кунад,
Ту шавӣ паст, ӯ сухан олӣ кунад.
Гарчи Қуръон аз лаби пайғамбар аст,
Ҳар кӣ гӯяд: «Ҳақ нагуфт», ӯ кофар аст.
Чун ҳумои бехудӣ парвоз кард,
Он суханро Боязид оғоз кард.
Ақлро сели таҳаййур даррабуд,
З-он қавитар гуфт, к-аввал гуфта буд:
«Нест андар ҷуббаам илло Худо,
Чанд ҷӯйӣ бар замину бар само?»
Он муридон ҷумла девона шуданд,
Кордҳо дар ҷисми покаш мезаданд.
Ҳар яке чун мулҳидони гирдакӯҳ
Корд мезад пири худро бесутӯҳ.
Ҳар кӣ андар шайх теғе мехалид,
Божгуна аз тани худ медарид.
Як асар на бар тани он зуфунун
В-он муридон хаставу ғарқоби хун.
Ҳар кӣ ӯ сӯйи гулӯяш захм бурд,
Ҳалқи худ бибрида диду зор мурд.
В-он ки ӯро захм андар сина зад,
Синааш бишкофту шуд мурдай абад.
В-он ки огаҳ буд аз он соҳибқирон,
Дил надодаш, ки занад захми гарон.
Нимдониш дасти ӯро баста кард,
Ҷон бибурд, илло, ки худро хаста кард.
Рӯз гашту он муридон коста,
Навҳаҳо аз хонашон бархоста.

Пеши ӯ омад ҳазорон марду зан,
К-эй ду олам дарҷ дар як пераҳан,
Ин тани ту гар тани мардум будӣ,
Чун тани мардум зи ханҷар гум шудӣ.
Бохуде бо бехуде дучор зад,
Бо худ андар дидаи худ хор зад.
Эй зада бар бехудон ту зулфиқор!
Бар тани худ мезанӣ он, ҳуш дор!
З-он ки бехуд фонӣ асту омин аст,
То абад дар оминӣ ӯ сокин аст.
Нақши ӯ фонию ӯ шуд ойина,
Ғайри нақши рӯйи ғайр, он ҷой на.
Гар кунӣ туф, сӯйи рӯйи худ кунӣ
В-ар занӣ бар ойина, бар худ занӣ.
В-ар бибинӣ рӯйи зишт, он ҳам тӯӣ
В-ар бибинӣ Исию Марям, туӣ.
Ӯ на ин асту на он, ӯ сода аст,
Нақши ту дар пеши ту бинҳодааст.
Чун расид ин ҷо сухан, лаб дарбибаст,
Чун расид ин ҷо қалам, дарҳам шикаст.
Лаб бибанд, арчи фасоҳат даст дод,
Дам мазан, «валлоҳу аълам бир-рашод».
Бар канори бомӣ, эй масти мудом,
Паст биншин ё фуруд о, вассалом.
Ҳар замоне ки шудӣ ту комрон,
Он дами хушро канори бом дон.
Бар замони хуш ҳаросон бош ту,
Ҳамчу ганҷаш хуфя кун, на фош ту.
То наёяд бар вало ногаҳ бало,
Тарс-тарсон рав дар он макман, ҳало!
Тарси ҷон дар вақти шодӣ аз завол,
З-он канори боми ғайб аст иртиҳол.
Гар намебинӣ канори боми роз,
Рӯҳ мебинад, ки ҳасташ эҳтизоз.
Ҳар наколе ногаҳон, к-он омадаст,
Бар канори кунгурай шодӣ будаст.
Ҷуз канори бом, худ набвад сукут
Эътибор аз қавми Нӯҳу қавми Лут.

## Баёни сабаби фасоҳат ва бисёргӯйии он фазул ба хидмати расул, алайҳиссалом

Партави мастии беҳадди набӣ
Чун бизад, ҳам масту хуш гашт он ғабӣ. 2155
Лоҷарам бисёргӯ шуд аз нишот,
Маст адаб бигзошт, омад дар хубот.
На ҳама ҷо бехудӣ шар мекунад,
Беадабро май чунон тар мекунад.
Гар бувад оқил, накӯфар мешавад
В-ар бувад бадхӯй, бадтар мешавад.
Лек ағлаб чун баданду нописанд,
Бар ҳама майро муҳаррам кардаанд.

## Баёни расул, алайҳиссалом, сабаби тафзил ва ихтиёр кардани ӯ он ҳузайлиро ба амирӣ ва сарлашкарӣ бар пирон ва кордидагон

Ҳукм ағлаброст, чун ғолиб буданд,
Теғро аз дасти раҳзан бистаданд. 2160
Гуфт пайғамбар, ки эй зоҳирнигар,
Ту мабин ӯро ҷавону беҳунар.
Эй басо риши сиёҳу марди пир,
Эй басо риши сапеду дил чу қир.
Ақли ӯро озмудам борҳо,
Кард пирӣ он ҷавон дар корҳо.
Пир пири ақл бошад, эй писар!
На сапедий мӯй андар ришу сар.
Аз Билис ӯ пиртар худ кай бувад?
Чунки ақлаш нест, ӯ лошай бувад. 2165
Тифл гираш, чун бувад исонафас,
Пок бошад аз ғуруру аз ҳавас.
Он сапедий мӯ далели пухтагист,
Пеши чашми баста, к-иш кӯтаҳтагист.
Он муқаллид чун надонад ҷуз далел,
Дар аломат ҷӯяд ӯ доим сабил.
Баҳри ӯ гуфтем, ки тадбирро,
Чунки хоҳӣ кард, бигзин пирро.
Он ки ӯ аз пардаи тақлид ҷаст,
Ӯ ба нури Ҳақ бибинад, он чи ҳаст. 2170
Нури покаш бе далелу бе баён
Пӯст бишкофад, дарояд дар миён.

Пеши зоҳирбин чи қалбу чи сара,
Ӯ чӣ донад, чист андар қавсара?
Эй басо зарри сияҳ карда ба дуд,
То раҳад аз дасти ҳар дузде ҳасуд.
Эй басо мисси зарандуда ба зар,
То фурӯшад он ба ақли мухтасар.
Мо ки ботинбини ҷумла кишварем,
Дил бибинему ба зоҳир нангарем.
Қозиёне, ки ба зоҳир метананд,
Ҳукм бар ашколи зоҳир мекунанд.
Чун шаҳодат гуфту имоне намуд,
Ҳукми ӯ муъмин кунанд ин қавм зуд.
Бас мунофиқ, к-андар ин зоҳир гурехт,
Хуни сад муъмин ба пинҳонӣ бирехт.
Ҷаҳд кун, то пири ақлу дин шавӣ,
То чу ақли кул ту ботинбин шавӣ.
Аз адам чун ақли зебо рӯ гушод,
Хилъаташ доду ҳазораш ном дод.
Камтарин з-он номҳои хушнафас
Ин ки набвад ҳеч ӯ муҳтоҷи кас.
Гар ба сурат вонамояд ақл рӯ,
Тира бошад рӯз пеши нури ӯ.
В-ар мисоли аҳмақе пайдо шавад,
Зулмати шаб пеши ӯ равшан бувад,
К-ӯ зи шаб музламтару торитар аст,
Лек хуффоши шақӣ зулматхар аст.
Андак-андак хӯй кун бо нури рӯз,
В-арна хуффоше бимонӣ бефурӯз.
Ошиқи ҳар ҷо шиколу мушкилест,
Душмани ҳар ҷо чароғи муқбилест.
Зулмати ишкол з-он ҷӯяд дилаш,
То ки афзунтар намояд ҳосилаш.
То туро машғули он мушкил кунад
В-аз ниҳоди зишти худ ғофил кунад.

## Аломати оқили тамом ва нимоқил ва марди тамом ва ниммард ва аломати шақии мағрури лошай

Оқил он бошад, ки ӯ бо машъала-ст,
Ӯ далелу пешвои қофила-ст.

Пайрави нури худ аст он пешрав,
Тобеъи хеш аст он бехешрав.
Муъмини хеш асту имон оварид,
Ҳам бад-он нуре, ки ҷонаш з-ӯ чарид.
Дигаре, ки нимоқил омад ӯ,
Оқилеро дидаи худ донад ӯ.
Даст дар вай зад чу кӯр андар далел,
То бад-ӯ бино шуду чусту ҷалил.
В-он харе, к-аз ақл ҷавсанге надошт,
Худ набудаш ақлу оқилро гузошт.
Раҳ надонад, на касиру на қалил,
Нангаш ояд омадан халфи далел.
Меравад андар биёбони дароз,
Гоҳ лангон ойису гоҳе ба тоз.
Шамъ на, то пешвои х(в)ад кунад,
Нимшамъе на, ки нуре кад кунад.
Нест ақлаш, то дами зинда занад,
Нимақле на, ки худ мурда кунад.
Мурдаи он оқил ояд ӯ тамом,
То барояд аз нишеби худ ба бом.
Ақл комил нест, худро мурда кун
Дар паноҳи оқили зиндасухун.
Зинда не, то ҳамдами Исо бувад,
Мурда не, то дамгаҳи Исо шавад.
Ҷони кӯраш гом ҳар сӯ мениҳад,
Оқибат наҷҳад, вале бармеҷаҳад.

## Қиссаи он обгир ва сайёдон ва он се моҳӣ, яке оқил ва яке нимоқил ва он дигар мағрур ва аблаҳи муғаффали лошай ва оқибати ҳар се

Қиссаи он обгир аст, эй ануд,
Ки дар ӯ се моҳии ишгарф буд.
Дар «Калила» хонда бошӣ, лек он
Қишри қисса бошаду ин мағзи ҷон.
Чанд сайёде суйи он обгир
Баргузаштанду бидиданд он замир.
Пас шитобиданд, то дом оваранд,
Моҳиён воқиф шуданду ҳушманд.
Он ки оқил буд, азми роҳ кард,
Азми роҳи мушкили ноҳоҳ кард.

Гуфт бо инҳо надорам машварат,
Ки яқин сустам кунанд аз мақдират.
Меҳри зоду буд бар ҷоншон танад,
Коҳилию ҷаҳлашон бар ман занад.
Машваратро зиндае бояд накӯ,
Ки туро зинда кунад в-он зинда ку?
Эй мусофир! Бо мусофир рой зан,
З-он ки поят ланг, дорад ройи зан.
Аз дами ҳуббулватан бигзар, маист,
Ки ватан он сӯст, ҷон ин сӯй нест.
Гар ватан хоҳӣ, гузар он сӯйи шат,
Ин ҳадиси ростро кам хон ғалат.

## Сирри хондани вузӯкунанда авроди вузӯро

Дар вузӯ ҳар узвҳо вирде ҷудо
Омадаст андар хабар баҳри дуъо.
Чунки истиншоқи бинӣ мекунӣ,
Бӯйи ҷаннат хоҳ аз рабби ғанӣ,
То туро он бӯ кашад сӯйи ҷинон,
Бӯйи гул бошад далели гулбунон.
Чунки истинҷо кунӣ, вирду сухун,
Ин бувад, ё раб, ту з-инам пок кун.
Дасти ман ин ҷо расид, инро бишуст,
Дастам андар шустани ҷон аст суст.
Эй зи ту кас гашта ҷони нокасон,
Дасти фазли туст дар ҷонҳо расон.
Ҳадди ман ин буд, кардам ман лаим,
З-он суйи ҳадро нақӣ кун, эй карим!
Аз ҳадас шустам, Худоё, пӯстро,
Аз ҳаводис ту бишӯ ин, дӯстро.

## Шахсе ба вақти истинҷо мегуфт: «аллоҳумма ариҳнӣ роиҳата-л-ҷаннат» ба ҷойи он ки «аллоҳумма аҷъалнӣ мин-ат-таввобина ва аҷъалнӣ мина-л-мутаҳҳарин», ки вирди истинҷост ва вирди истинҷоро ба вақти истиншоқ мегуфт, азизе бишунид ва инро тоқат надошт

Он яке дар вақти истинҷо бигуфт,
Ки маро бо бӯйи ҷаннат дор ҷуфт».

Гуфт шахсе: «Хуб вирд овардаӣ,
Лек сӯрохи дуъо гум кардаӣ.
Ин дуъо чун вирди бинӣ буд, чун
Вирди биниро ту овардӣ ба кун?
Роиҳай ҷаннат зи бинӣ ёфт ҳур,
Роиҳай ҷаннат кай ояд аз дубур?»
Эй тавозуъ бурда пеши аблаҳон
В-эй такаббур бурда ту пеши шаҳон,
Он такаббур бар хасон хуб асту чуст,
Ҳин, марав маъкус, аксаш банди туст.
Аз пайи сӯрохи бинӣ руст гул,
Бӯ вазифай бинӣ омад, эй утул!
Бӯйи гул баҳри машом аст, эй далер,
Ҷойи он бӯ нест ин сӯрохи зер.
Кай аз ин ҷо бӯйи хулд ояд туро!
Бӯ зи мавзеъ ҷӯ, агар бояд туро.
Ҳамчунин ҳуббулватан бошад дуруст,
Ту ватан бишнос, эй хоҷа, нахуст.
Гуфт он моҳии зирак: «Раҳ кунам,
Дил зи рою машваратшон барканам».
Нест вақти машварат, ҳин, роҳ кун,
Чун Алӣ ту оҳ андар чоҳ кун.
Маҳрами он оҳ камёб аст бас,
Шабраву пинҳонравӣ кун чун асас.
Сӯйи дарё азм кун з-ин обгир,
Баҳр ҷӯву тарки ин гирдоб гир.
Синаро по сохт, мерафт он ҳазур
Аз мақоми бохатар то баҳри нур.
Ҳамчу оҳу, к-аз пайи ӯ саг бувад,
Медавад, то дар танаш як раг бувад.
Хоби харгӯшу саг андар пай хатост,
Хоб худ дар чашми тарсанда куҷост?
Рафт он моҳӣ, раҳи дарё гирифт,
Роҳи дуру паҳнаи паҳно гирифт.
Ранҷҳо бисёр диду оқибат
Рафт охир сӯйи амну офият.
Хештан афганд дар дарёи жарф,
Ки наёбад ҳадди онро ҳеч тарф.
Пас чу сайёдон биёварданд дом,
Нимоқилро аз он шуд талх ком.

Гуфт: «Аҳ! Ман фавт кардам фурсаро,
Чун нагаштам ҳамраҳи он раҳнамо?»
Ногаҳон рафт ӯ, валекин чунки рафт,
Мебибоястам шудан дар пай ба тафт.
Бар гузашта ҳасрат овардан хатост,
Боз н-ояд рафта, ёди он ҳабост.

## Қиссаи он мурғи гирифта, ки васийят кард, ки бар гузашта пушаймонӣ махур, тадоруки вақт андеш ва рӯзгор мабар дар пушаймонӣ

Он яке мурғе гирифт аз макру дом,
Мурғ ӯро гуфт: «Эй хоҷай ҳумом!
Ту басе говону мешон х(в)ардаӣ,
Ту басе уштур ба қурбон кардаӣ.
Ту нагаштӣ сер з-онҳо дар заман,
Ҳам нагардӣ сер аз аҷзои ман.
Ҳил маро, то ки се пандат бардиҳам,
То бидонӣ зиракам ё аблаҳам?
Аввали он панд ҳам дар дасти ту,
Сонияш бар боми каҳгилбасти ту.
В-он севум пандат диҳам ман бар дарахт,
Ки аз ин се панд гардӣ некбахт.
Он чи бар даст аст, ин аст он сухун,
Ки муҳолеро зи кас бовар макун».
Бар кафаш чун гуфт аввал панди зафт,
Гашт озоду бар он девор рафт.
Гуфт дигар: «Бар гузашта ғам мах(в)ар,
Чун зи ту бигзашт, з-он ҳасрат мабар».
Баъд аз он гуфташ, ки дар ҷисмам катим
Даҳ дирамсанг аст як дурри ятим.
Давлати ту – бахти фарзандони ту
Буд он гавҳар, ба ҳаққи ҷони ту.
Фавт кардӣ дур, ки рӯзият набуд,
Ки набошад мисли он дур дар вуҷуд.
Очунон ки вақти зодан ҳомила
Нола дорад, хоҷа шуд дар ғулғула.
Мурғ гуфташ: «Не насиҳат кардамат,
Ки мабодо бар гузаштай дӣ ғамат?

Чун гузашту рафт, ғам чун мех(в)арӣ?
Ё накардӣ фаҳм пандам, ё карӣ!
В-он дувум пандат бигуфтам, к-аз залол
Ҳеч ту бовар макун қавли муҳол.
Ман наям худ се дирамсанг, эй асад!
Даҳ дирамсанг андарунам чун бувад?»
Хоҷа бозомад ба худ, гуфто, ки ҳин,
Бозгӯ он панди хуби севумин.
Гуфт: «Оре! Хуш амал кардӣ бад-он,
То бигӯям панди солис ройгон?
Панд гуфтан бо ҷаҳули хобнок
Тухм афгандан бувад дар шӯрахок.
Чоки ҳумқу ҷаҳл напзирад руфӯ,
Тухми ҳикмат кам диҳаш, эй пандгӯ!»

## Чора андешидани он моҳии нимоқил ва худро мурда кардан

Гуфт моҳии дигар вақти бало,
Чунки монд аз сояи оқил ҷудо,
К-ӯ суйи дарё шуду аз ғам атиқ,
Фавт шуд аз ман чунон некӯ рафиқ.
Лек з-он нандешаму бар худ занам,
Хештанро ин замон мурда кунам.
Пас барорам ишками худ бар забар,
Пушт зеру меравам бар об-бар.
Меравам бар вай, чунон ки хас равад,
Не ба саббоҳӣ, чунон ки кас равад.
Мурда гардам, хеш биспорам ба об,
Марги пеш аз марг амн аст аз азоб.
Марги пеш аз марг амн аст, эй фато,
Инчунин фармуд моро Мустафо,
Гуфт: «Муту куллукум мин қабли ан,
Яътиа-л-мавту тамуту билфитан».
Ҳамчунон мурду шикам боло фиганд,
Об мебурдаш нишебу гаҳ баланд.
Ҳар яке з-он қосидон бас ғусса бурд,
Ки дареғо, моҳии беҳтар бимурд».
Шод мешуд ӯ аз он гуфти дареғ:

«Пеш рафт ин бозиям, растам зи теғ».
Пас гирифташ як саёди арҷманд,
Пас бар ӯ туф карду бар хокаш фиганд.
Ғалт-ғалтон рафт пинҳон андар об,
Монд он аҳмақ, ҳамекард изтироб.
Аз чапу аз рост меҷуст он салим,
То ба ҷаҳди хеш бирҳонад гилем.
Дом афганданду андар дом монд,
Аҳмақӣ ӯро дар он оташ нишонд.
Бар сари оташ, ба пушти тобае
Бо ҳамоқат гашт ӯ ҳамхобае.
Ӯ ҳамеҷӯшид аз таффи саъир,
Ақл мегуфташ: «Алам яътик назир?»
Ӯ ҳамегуфт аз шиканҷа в-аз бало
Ҳамчу ҷони кофирон «қолу бало».
Бозмегуфт ӯ, ки гар ин бор ман
Вораҳам з-ин меҳнати гарданшикан
Ман насозам ҷуз ба дарёе ватан,
Обгиреро насозам ман сакан.
Оби беҳад ҷӯяму омин шавам,
То абад дар амну сиҳҳат меравам».

## **Баёни он ки аҳд кардани аҳмақ вақти гирифторӣ ва надам ҳеч вафое надорад, ки «ва лав рудду лаъоду лимо нуҳу анҳу ва иннаҳум ликозибун», субҳи козиб вафо надорад**

Ақл мегуфташ: «Ҳамоқат бо ту аст,
Бо ҳамоқат аҳдро ояд шикаст.
Ақлро бошад вафои аҳдҳо,
Ту надорӣ ақл, рав, эй харбаҳо.
Ақлро ёд ояд аз паймони х(в)ад,
Пардаи нисён бидарронад хирад.
Чунки ақлат нест, нисён мири туст,
Душману ботилкуни тадбири туст.
Аз камии ақл парвонай хасис
Ёд н-орад з-оташу сӯзу ҳасис.
Чунки парраш сӯхт, тавба мекунад,
Озу нисёнаш бар оташ мезанад.

Забту дарку ҳофизию ёддошт
Ақлро бошад, ки ақл онро фарошт.
Чунки гавҳар нест, тобаш чун бувад?
Чун музаккир нест, иёбаш чун бувад?
Ин таманно ҳам зи беақлии ӯст,
Ки набинад, к-он ҳамоқатро чӣ хӯст.
Он надомат аз натиҷай ранҷ буд,
На зи ақли равшани чун ганҷ буд.
Чунки шуд ранҷ, он надомат шуд адам,
Менаярзад хок он тавба-в надам.
Он надам аз зулмати ғам баст бор,
Пас «калому-л-лайли ямҳуҳу-н-наҳор».
Чун бирафт он зулмати ғам, гашт х(в)аш,
Ҳам равад аз дил натиҷа-в зодааш.
Мекунад ӯ тавбаву пири хирад
Бонги «лав руддулаъоду» мезанад.

## Дар баёни он ки ваҳм қалби ақл аст ва ситезаи ӯст, бад-ӯ монад ва ӯ нест ва қиссаи муҷовиботи Мӯсо, алайҳиссалом, ки соҳиби ақл буд, бо Фиръавн, ки соҳиби ваҳм буд

Ақл зидди шаҳват аст, эй паҳлавон,
Он ки шаҳват метанад, ақлаш махон.
Ваҳм хонаш, он ки шаҳватро гадост,
Ваҳм қалби накди зарри ақлҳост.
Бемиҳак пайдо нагардад ваҳму ақл,
Ҳар дуро сӯйи миҳак кун зуд нақл.
Ин миҳак Қуръону ҳоли анбиё,
Чун миҳак мар қалбро гӯяд: «Биё.
То бибинӣ хешро з-осеби ман,
Ки найӣ аҳли фарозу шеби ман».
Ақлро гар аррае созам дуним,
Ҳамчу зар бошад дар оташ ӯ басим.
Ваҳм мар Фиръавни оламсӯзро,
Ақл мар Мӯсои ҷонафрӯзро.
Рафт Мӯсо бар тариқи нестӣ,
Гуфт Фиръавнаш: «Бигӯ, ту кистӣ?»
Гуфт: «Ман ақлам, расули зулҷалол,
Ҳуҷҷатуллоҳам, амонам аз залол».

Гуфт: «Не, хомуш, раҳо кун ҳойҳу,
Нисбату номи қадиматро бигӯ».
Гуфт, ки нисбат маро аз хокдон-ш,
Номи аслам камтарини бандагон-ш.
Бандазодай он Худованди ваҳид
Зода аз пушти ҷаворию абид.
Нисбати аслам зи хоку обу гил,
Обу гилро дод Яздон ҷону дил.
Марҷаъи ин ҷисми хокам ҳам ба хок,
Марҷаъи ту ҳам ба хок, эй саҳмнок!
Асли мову асли ҷумлай саркашон
Ҳаст аз хокею онро сад нишон,
Ки мадад аз хок мегирад танат,
Аз ғизои хок печад гарданат.
Чун равад ҷон, мешавад ӯ боз хок
Андар он гӯри махуфи саҳмнок.
Ҳам туву ҳам мову ҳам ашбоҳи ту
Хок гарданду намонад ҷоҳи ту.
Гуфт: «Ғайри ин насаб номет ҳаст,
Мар туро он ном худ авлотар аст.
Бандаи Фиръавну бандай бандагон-ш,
Ки аз ӯ парвард аввал ҷисму ҷон-ш.
Бандаи ёғии тоғии залум
З-ин ватан бигрехта аз феъли шум.
Хунию ғаддорию ҳақношинос,
Ҳам бар ин авсоф худ мекун қиёс.
Дар ғарибӣ хору дарвешу халақ,
Ки надонистӣ сипоси мову Ҳақ».
Гуфт: «Ҳошо, ки бувад бо он малик
Дар худовандӣ касе дигар шарик.
Воҳид андар мулк ӯро ёр не,
Бандагонашро ҷуз ӯ солор не.
Нест халқашро дигар кас молике,
Ширкаташ даъво кунад ҷуз ҳолике?
Нақш ӯ кардасту наққоши ман ӯст,
Ғайр агар даъво кунад, ӯ зулмҷӯст.
Ту натонӣ абруи ман сохтан,
Чун тавонӣ ҷони ман бишнохтан?
Балки он ғаддору он тоғӣ туӣ,
Ки кунӣ бо Ҳаққ даъвии дуӣ.

Гар бикуштам ман авонеро ба саҳв,
На барои нафс куштам, на ба лаҳв.
Ман задам муштею ногоҳ уфтод,
Он ки ҷонаш худ набуд, ҷоне бидод.
Ман саге куштам, ту мурсалзодагон,
Сад ҳазорон тифли беҷурму зиён
Куштаию хунашон дар гарданат,
То чӣ ояд бар ту з-ин хун х(в)арданат.
Куштаӣ зурриёти Яъқубро,
Бар умеди қатли ман матлуброо.
Кӯрии ту Ҳақ маро худ баргузид,
Сарнигун шуд, он чи нафсат мепазид».
Гуфт: «Инҳоро биҳил, бе ҳеч шак,
Ин бувад ҳаққи ману нону намак?
Ки маро пеши ҳашар хорӣ кунӣ,
Рӯзи равшан бар дилам торӣ кунӣ».
Гуфт: «Хории қиёмат саъбтар,
Гар надорӣ поси ман дар хайру шар.
Захми кайкеро наметонӣ кашид,
Захми мореро ту чун хоҳӣ чашид?
Зоҳиро, кори ту вайрон мекунам,
Лек хореро гулистон мекунам».

## Баёни он ки иморат дар вайронист ва ҷамъийят дар парокандагист ва дурустӣ дар шикастагист ва мурод дар бемуродист ва вуҷуд дар адам аст ва «ало ҳозо бақиййати-л-аздод ва-л-азвоҷ»

Он яке омад, заминро мешикофт,
Аблаҳе фарёд карду барнатофт,
К-ин заминро аз чӣ вайрон мекунӣ?
Мешикофию парешон мекунӣ.
Гуфт: «Эй аблаҳ! Бирав, бар ман марон,
Ту иморат аз харобӣ боздон.
Кай шавад гулзору гандумзор ин,
То нагардад зишту вайрон ин замин?
Кай шавад бустону кишту баргу бар,
То нагардад назми ӯ зеру забар?
То бинашкофӣ ба ништар реши чағз,
Кай шавад некӯву кай гардид нағз?
То нашӯяд хилтҳоят аз даво,
Кай равад шӯраш? Куҷо ояд шифо?

Пора-пора карда дарзӣ ҷомаро,
Кас назад он дарзии алломаро,
Ки чаро ин атласи бигзидаро
Бардаридӣ? Чӣ кунам бидридаро?
Ҳар бинои куҳна, к-ободон кунанд,
На ки аввал куҳнаро вайрон кунанд?
Ҳамчунон наҷҷору ҳаддоду қасоб
Ҳасташон пеш аз иморатҳо хароб.
Он ҳалила в-он балила кӯфтан,
З-он талаф гарданд маъмурии тан.
То накӯбӣ гандум андар осиё,
Кай шавад ороста з-он хони мо?
Он тақозо кард он нону намак,
Ки зи шастат вораҳонам, эй самак!
Гар пазирӣ панди Мӯсо, вораҳӣ
Аз чунин шасти бади номунтаҳӣ.
Баски худро кардаӣ бандай ҳаво,
Кирмакеро кардаӣ ту аждаҳо.
Аждаҳоро аждаҳо овардаам,
То ба ислоҳ оварам ман дам ба дам.
То дами он аз дами ин бишканад,
Мори ман он аждаҳоро барканад.
Гар ризо додӣ, раҳидӣ аз ду мор,
В-арна аз ҷонат барорад он дамор».
Гуфт: «Алҳақ, сахт усто ҷодуӣ,
Ки дарафгандӣ ба макр ин ҷо дуӣ.
Халқи якдилро ту кардӣ ду гурӯҳ,
Ҷодуӣ рахна кунад дар сангу кӯҳ».
Гуфт: «Ҳастам ғарқи пайғоми Худо,
Ҷодуӣ кай дид бо номи Худо?»
Ғафлату куфр аст мояй ҷодувӣ,
Машъалай дин аст ҷони мӯсавӣ.
Ман ба ҷодуён чӣ монам, эй вақеҳ?
К-аз дамам пуррашк мегардад Масеҳ.
Ман ба ҷодуён чӣ монам, эй ҷунуб?
Ки зи ҷонам нур мегирад кутуб.
Чун ту бо парри ҳаво бармепарӣ,
Лоҷарам бар ман гумон он мебарӣ.
Ҳар киро афъоли дому дад бувад,
Бар каримонаш гумони бад бувад.
Чун ту ҷузви оламӣ, ҳар чун бувӣ,
Куллро бар васфи худ бинӣ ғавӣ.

Гар ту баргардию баргардад сарат,
Хонаро гарданда бинад манзарат.
В-ар ту дар киштӣ равӣ бар ям равон,
Соҳили ямро ҳамебинӣ давон.
Гар ту бошӣ тангдил аз малҳама,
Танг бинӣ ҷумла дунёро ҳама.
В-ар ту хуш бошӣ ба коми дӯстон,
Ин ҷаҳон бинмоядат чун гулситон.
Эй басо кас рафта то Шому Ироқ,
Ӯ надида ҳеч ҷуз куфру нифоқ.
В-эй басо кас рафта то Ҳинду Ҳаро,
Ӯ надида ҷуз магар байъу шаро.
В-эй басо кас рафта Туркистону Чин,
Ӯ надида ҳеч ҷуз макру камин.
Чун надорад мудраке ҷуз рангу бӯ,
Ҷумлаи иқлимҳоро, гӯ, биҷӯ.
Гов дар Бағдод ояд ногаҳон,
Бигзарад ӯ з-ин сарон то он сарон.
Аз ҳама айшу хушиҳову маза
Ӯ набинад ҷуз ки қишри харбуза,
Ки бувад афтода бар раҳ, ё ҳашиш,
Лоиқи сайрони гове ё хареш.
Хушк бар мехи табиат чун қадид
Бастаи асбоб ҷонаш, «ло язид».
В-он фазои харқи асбобу илал
Ҳаст арзуллоҳ, эй садри аҷал!
Ҳар замон мубдал шавад чун нақши ҷон,
Нав ба нав бинад ҷаҳоне дар аён.
Гар бувад фирдавсу анҳори биҳишт,
Чун фасурдай як сифат шуд, гашт зишт.

## Баёни он ки ҳар ҳисси мудрикеро аз одамӣ низ мудракоте дигар аст, ки аз мудракоти он ҳисси дигар бехабар аст, чунонки ҳар пешавари устод аъҷамии кори он устоди дигари пешавар аст ва бехабарии ӯ аз он ки вазифаи ӯ нест, далел накунад, ки он мудракот нест. Агарчи ба ҳукми ҳол мункир бувад онро, аммо аз мункирии ӯ ин ҷо ҷуз бехабарӣ намехоҳем дар ин мақом

Чанбарай диди ҷаҳон идроки туст,
Пардаи покон ҳиси нопоки туст.

Муддате ҳисро бишӯ з-оби аён,
Инчунин дон ҷомашӯйи сӯфиён.
Чун шудӣ ту пок, парда барканад,
Ҷони покон хеш бар ту мезанад.
Ҷумла олам гар бувад нуру сувар,
Чашмро бошад аз он хубӣ хабар.
Чашм бастӣ, гӯш меорӣ ба пеш,
То намоӣ зулфу рухсорай бутеш.
Гӯш гӯяд: «Ман ба сурат награвам,
Сурат ар бонге занад, ман бишнавам.
Олимам ман, лек андар фанни хеш
Фанни ман ҷуз ҳарфу савте нест беш».
Ҳин, биё, бинӣ, бибин ин хубро,
Нест дархур, бинӣ ин матлубро:
«Гар бувад мушку гулобе, бӯ барам,
Фанни ман ин асту илму махбарам.
Кай бибинам ман рухи он симсоқ?
Ҳин, макун таклифи «мо лайса ютоқ».
Боз ҳисси каж набинад ғайри каж,
Хоҳ каж ғаж пеши ӯ ё рост ғаж.
Чашми аҳвал аз яке дидан яқин
Дон, ки маъзул аст, эй хоҷай муъин!
Ту ки фиръавнӣ, ҳама макрию зарқ,
Мар маро аз худ намедонӣ ту фарқ.
Мангар аз худ дар ман, эй каҷбоз ту,
То яке тӯро набинӣ ту дутӯ.
Бингар андар ман зи ман як соате,
То варои кавн бинӣ соҳате.
Ворахӣ аз тангию аз нангу ном
Ишқ андар ишқ бинӣ, вассалом.
Пас бидонӣ, чунки растӣ аз бадан,
Гӯшу бинӣ чашм медонад шудан.
Рост гуфтаст он шаҳи ширинзабон,
Чашм гардад мӯ ба мӯйи орифон.
Чашмро чашме набуд аввал яқин,
Дар раҳим буд ӯ ҷанини гӯштин.
Иллати дидан мадон пиҳ, эй писар,
В-арна хоб – андар надидӣ кас сувар.
Он парию дев мебинад шабеҳ,
Нест андар дидгоҳи ҳарду пиҳ.

Нурро бо пиҳ худ нисбат набуд,
Нисбаташ бахшид халлоқи вадуд.
Одам аст аз хок, кай монад ба хок?
Ҷиннӣ аст аз нор бе ҳеч иштирок.
Нест монандои оташ он парӣ,
Гарчи аслаш ӯст, чун мебингарӣ.
Мурғ аз бод асту кай монад ба бод?
Номуносибро Худо нисбат бидод.
Нисбати ин фаръҳо бо аслҳо
Ҳаст бечун, арчи додаш васлҳо.
Одамӣ чун зодаи хоки ҳабост,
Ин писарро бо падар нисбат куҷост?
Нисбате гар ҳаст, махфӣ аз хирад
Ҳаст, бечуну хирад кай пай барад?
Бодро бечашм агар биниш надод,
Фарқ чун мекард андар қавми Од?
Чун ҳамедонист муъмин аз аду?
Чун ҳамедонист майро аз каду?
Оташи Намрудро гар чашм нест,
Бо Халилаш чун таҷашшум карданест?
Гар набудӣ Нилро он нуру дид,
Аз чӣ қибтиро зи сибтӣ мегузид?
Гар на кӯҳу санг бо дидор шуд,
Пас, чаро Довудро ӯ ёр шуд?
Ин заминро гар набудӣ чашми ҷон,
Аз чӣ Қорунро фурӯ хӯрд ончунон?
Гар набудӣ чашми дил ҳаннонаро,
Чун бидидӣ ҳаҷри он фарзонаро?
Сангреза гар набудӣ дидавар,
Чун гувоҳӣ додӣ андар мушт-дар?
Эй хирад! Баркаш ту парру болҳо,
Сура бархон «зулзилат залзолаҳо».
Дар қиёмат ин замин бар неку бад
Кай зи нодида гувоҳиҳо диҳад?
Ки «туҳаддис ҳолаҳо в-ахбораҳо»,
«Тузҳиру-л-арзу лано асрораҳо».
Ин фиристодан маро пеши ту мир
Ҳаст бурҳоне, ки буд мурсал хабир,
К-инчунин дору чунин носурро
Ҳаст дархур аз пайи майсурро.

Воқиоте дида будӣ пеш аз ин,
Ки Худо хоҳад маро кардан гузин.
Ман асову нур бигрифта ба даст,
Шохи густохи туро хоҳам шикаст.
Воқиоти саҳмгин аз баҳри ин
Гуна-гуна менамудат рабби дин.
Дархури сирри баду туғёни ту,
То бидонӣ, к-ӯст дархурдони ту.
То бидонӣ, к-ӯ ҳаким асту хабир,
Муслиҳи амрози дармоннопазир. 2430
Ту ба таъвилот мегаштӣ аз он
Кӯру кар, к-ин ҳаст аз хоби гарон.
В-он табибу он мунаҷҷим дар лумаъ
Дид таъбираш, бипӯшид аз тамаъ.
Гуфт: «Дур аз давлату аз шоҳият,
Ки дарояд ғусса дар огоҳият.
Аз ғизои мухталиф ё аз таъом
Табъи шӯрида ҳамебинад маном.
З-он ки дид ӯ, ки насиҳатҷӯ найӣ,
Тунду хунхорию мискинхӯ найӣ. 2435
Подшоҳон хун кунанд аз маслиҳат,
Лек раҳматшон фузун аст аз анат.
Шоҳро бояд, ки бошад хӯйи раб,
Раҳмати ӯ сабқ дорад бар ғазаб.
На ғазаб ғолиб бувад монанди дев,
Бе зарурат хун кунад аз баҳри рев.
На ҳалимии муханнасвор низ,
Ки шавад зан рӯспӣ з-ону каниз.
Девхона карда будӣ синаро,
Қиблае созида будӣ кинаро. 2440
Шохи тезат бас ҷигарҳоро, ки хаст,
Нак, асоям шохи шӯхатро шикаст.

## Ҳамла бурдани инҷаҳониён бар онҷаҳониён ва тохтан бурдан то синури зурр ва насл, ки сарҳадди ғайб аст ва ғафлати эшон аз камин, ки чун ғозӣ ба ғазо наравад, кофир тохтан оварад

Ҳамла бурданд испаҳи ҷисмониён
Ҷониби қалъа-в дизи рӯҳониён,

То фурӯ гиранд бар дарбанди ғайб,
То касе н-ояд аз он сӯ покҷайб.
Ғозиён ҳамлай ғазо чун кам баранд,
Кофирон баръакс ҳамла оваранд.
Ғозиёни ғайб чун аз ҳилми хеш
Ҳамла н-оварданд бар ту зишткеш.
Ҳамла бурдӣ сӯйи дарбандони ғайб,
То наёянд ин тараф мардони ғайб.
Чанг дар сулбу раҳимҳо дарзадӣ,
То ки шореъро бигирӣ аз бадӣ.
Чун бигирӣ шаҳраҳе, ки зулҷалол
Баргушодаст аз барои интисол?
Сад шудӣ дарбандҳоро, эй лаҷуҷ,
Кӯрии ту кард сарҳангӣ хурӯҷ,
Нак, манам сарҳанг, ҳангат бишканам,
Нак, ба номаш ному нангат бишканам.
Ту, ҳало, дарбандҳоро сахт банд,
Чанд гоҳе дар сиболи худ биханд.
Сиблататро барканад як-як қадар,
То бидонӣ, к-«ал-қадар юъми-л-ҳазар».
Сиблати ту тезтар ё они Од?
Ки ҳамеларзид аз дамшон билод.
Ту ситезарӯтарӣ ё он Самуд?
Ки наёмад мисли эшон дар вуҷуд.
Сад аз инҳо гар бигӯям, ту карӣ,
Бишнавию ношунида оварӣ.
Тавба кардам аз сухан, к-ангехтам,
Бе сухан ман доруят омехтам,
Ки ниҳам бар реши хомат, то пазад,
То бисӯзад решу решат то абад,
То бидонӣ, ки хабир аст, эй адӯ,
Медиҳад ҳар чизро дархурди ӯ.
Кай кажӣ кардию кай кардӣ ту шар,
Ки надидӣ лоиқаш дар пай асар?
Кай фиристодӣ даме бар осмон
Некие, к-аз пай наёмад мисли он.
Гар муроқиб бошию бедор ту,
Бинӣ ҳар дам посухи кирдор ту.
Чун муроқиб бошию гирӣ расан,
Ҳоҷатат н-ояд қиёмат омадан.

Он ки рамзеро бидонад ӯ саҳеҳ,
Ҳоҷаташ н-ояд, ки гӯяндаш сареҳ.
Ин бало аз кавданӣ ояд туро,
Ки накардӣ фаҳм нукта-в рамзҳо.
Аз бадӣ чун дил сиёҳу тира шуд,
Фаҳм кун, ин ҷо нашояд хира шуд.
В-арна худ тире шавад он тирагӣ,
Даррасад дар ту ҷазои хирагӣ.
В-ар наёяд тир, аз бахшоиш аст,
На пайи нодидани олоиш аст.
Ҳин, муроқиб бош, гар дил боядат,
К-аз пайи ҳар феъл чизе зоядат.
В-ар аз ин афзун туро ҳиммат бувад,
Аз муроқиб кор болотар равад.

## Баёни он ки тани хокии одамӣ ҳамчун оҳани некӯҷавҳар қобили ойина шудан аст, то дар ӯ ҳам дар дунё биҳишту дӯзаху қиёмат ва ғайри он муъоина бинамояд, на бар тариқи хаёл

Пас, чу оҳан гарчи тираҳайкалӣ,
Сайқалӣ кун, сайқалӣ кун, сайқалӣ.
То дилат ойина гардад пурсувар,
Андар ӯ ҳар сӯ малеҳе симбар.
Оҳан арчи тираву бенур буд,
Сайқалӣ он тирагӣ аз вай зудуд.
Сайқалӣ дид оҳану хуш кард рӯ,
То ки суратҳо тавон дид андар ӯ.
Гар тани хокӣ ғализу тира аст,
Сайқалаш кун, з-он ки сайқалгира аст.
То дар ӯ ашколи ғайбӣ рӯ диҳад,
Акси ҳурею малак дар вай ҷаҳад.
Сайқали ақлат бад-он додаст Ҳақ,
Ки бад-ӯ равшан шавад дилро варақ.
Сайқалиро бастаӣ, эй бенамоз!
В-он ҳаворо кардаӣ ду даст боз.
Гар ҳаворо банд бинҳода шавад,
Сайқалиро даст бигшода шавад.
Оҳане, к-ойинаи ғайбӣ будӣ,
Ҷумла суратҳо дар ӯ мурсал шудӣ.

Тира кардӣ, занг додӣ дар ниҳод,
Ин бувад «ясъуна фи-л-арзи-л-фасод».
То кунун кардӣ чунин, акнун макун,
Тира кардӣ обро, афзун макун.
Бармашӯрон, то шавад ин об соф
В-андар ӯ бин моҳу ахтар дар тавоф.
З-он ки мардум ҳаст ҳамчун оби ҷӯ,
Чун шавад тира, набинӣ қаъри ӯ.
Қаъри ҷӯ пургавҳар асту пур зи дурр,
Ҳин, макун тира, ки ҳаст ӯ софи ҳурр.
Ҷони мардум ҳаст монанди ҳаво,
Чун ба гард омехт, шуд пардай само.
Монеъ ояд ӯ зи диди офтоб,
Чунки гардаш рафт, шуд софию ноб.
Бо камоли тирагӣ Ҳақ воқеъот
Менамудат, то равӣ роҳи наҷот.

## Бозгуфтани Мӯсо, алайҳиссалом, асрори Фиръавнро ва воқеъоти ӯро «заҳра-л-ғайб», то ба хабирии Ҳақ имон оварад ё гумон барад

З-оҳани тира ба қудрат менамуд,
Воқеоте, ки дар охир хост буд.
То кунӣ камтар ту он зулму бадӣ,
Он ҳамедидию баттар мешудӣ.
Накшҳои зишт хобат менамуд,
Мерамидӣ з-ону он нақши ту буд.
Ҳамчу он зангӣ, ки дар ойина дид
Рӯйи худро зишту бар ойина рид,
Ки чӣ зиштӣ! Лоиқи инию бас,
Зиштиям они ту аст, эй кӯри хас!
Ин ҳадас бар рӯйи зиштат мекунӣ,
Нест бар ман, з-он ки ҳастам равшанӣ.
Гоҳ медидӣ лабосат сӯхта,
Гаҳ даҳону чашми ту бардӯхта.
Гоҳ ҳайвон қосиди хунат шуда,
Гаҳ сари худро ба дандони дада.
Гаҳ нигун андар миёни обрез,
Гаҳ ғариқи сели хуномези тез.

Гаҳ нидот омад аз ин чархи нақӣ,
Ки шақиййию шақиййию шақӣ.
Гаҳ нидот омад сареҳан аз ҷибол,
Ки бирав, ҳастӣ зи асҳоби-ш-шамол.
Гаҳ нидо меомадат аз ҳар ҷамод:
«То абад Фиръавн дар дӯзах фитод».
З-ин батарҳо, ки намегӯям зи шарм,
То нагардад табъи маъкуси ту гарм.
Андаке гуфтам ба ту, эй нопазир!
З-андаке донӣ, ки ман ҳастам хабир.
Хештанро кӯр мекардию мот,
То наяндешӣ зи хобу воқеот.
Чанд бигрезӣ? Нак омад пеши ту
Кӯрии идроки макрандеши ту.

## Баёни он ки дари тавба боз аст

Ҳин, макун, з-ин пас фаро гир эҳтироз,
Ки зи бахшоиш дари тавба-ст боз.
Тавбаро аз ҷониби Мағриб даре
Боз бошад то қиёмат бар варӣ.
То зи Мағриб барзанад сар офтоб,
Боз бошад он дар, аз вай рӯ матоб.
Ҳаст ҷаннатро зи раҳмат ҳашт дар,
Як дари тавба-ст з-он ҳашт, эй писар!
Он ҳама, гаҳ боз бошад, гаҳ фароз
В-он дари тавба, набошад ҷуз ки боз.
Ҳин, ғанимат дор, дар боз аст, зуд
Рахт он ҷо каш ба кӯрии ҳасуд.

## Гуфтани Мӯсо, алайҳиссалом, Фиръавнро, ки аз ман як панд қабул кун ва чаҳор фазилат иваз биситон

«Ҳин, зи ман бипзир як чизу биёр,
Пас зи ман бистон иваз онро чаҳор».
Гуфт: «Эй Мӯсо, кадом аст он яке?
Шарҳ кун бо ман аз он як андаке».
Гуфт: «Он як, ки бигӯйӣ ошкор,
Ки Худое нест ғайри Кирдгор.

Холиқи афлоку анҷум бар уло,
Мардуму деву парию мурғро,
Холиқи дарёву дашту кӯҳу теҳ,
Мулкати ӯ беҳаду ӯ бешабеҳ».
Гуфт: «Эй Мӯсо, кадом аст он чаҳор?
Ки иваз бидҳӣ маро, баргӯ, биёр! 2515
То бувад, к-аз лутфи он ваъдай ҳасан
Суст гардад чормехи куфри ман.
Бу, ки з-он хуш ваъдаҳои муғтанам
Баргушояд қуфли куфри сад манам.
Бу, ки аз таъсири ҷӯйи ангубин
Шаҳд гардад дар танам ин заҳру кин.
Ё зи акси ҷӯйи он покиза шир
Парвариш ёбад даме ақли асир.
Ё бувад, к-аз акси он ҷӯҳои хамр
Маст гардам, бӯ барам аз завқи амр. 2520
Ё бувад, к-аз лутфи он ҷӯҳои об
Тозагӣ ёбад тани шӯрай хароб.
Шӯраамро сабзае пайдо шавад,
Хорзорам ҷаннати маъво шавад.
Бу, ки аз акси биҳишту чорҷӯ
Ҷон шавад аз ёрии Ҳақ ёрҷӯ.
Ончунон к-аз акси дӯзах гаштаам,
Оташу дар қаҳри Ҳақ оғаштаам.
Гаҳ зи акси мори дӯзах ҳамчу мор
Гаштаам бар аҳли ҷаннат заҳрбор. 2525
Гаҳ зи акси ҷӯшиши оби ҳамим
Оби зулмам карда халқонро рамим.
Ман зи акси Замҳарирам замҳарир,
Ё зи акси он Саъирам чун саъир.
Дӯзахи дарвешу мазлумам кунун,
Войи он, ки ёбамаш ногаҳ забун».

## Шарҳ кардани Мӯсо, алайҳиссалом, он чаҳор фазилатро, ҷиҳати поймузди имони Фиръавн

Гуфт Мӯсо, к-аввалини он чаҳор
Сиҳҳате бошад танатро пойдор.
Ин илалҳое, ки дар тиб гуфтаанд,
Дур бошад аз танат, эй арҷманд! 2530

Сонияи бошад туро умри дароз,
Ки аҷал дорад зи умрат эҳтироз.
В-ин набошад баъди умри муставӣ,
Ки ба ноком аз ҷаҳон берун равӣ.
Балки хоҳони аҷал чун тифли шир,
На зи ранҷе, ки туро дорад асир.
Маргҷӯ бошӣ, вале н-аз аҷзи ранҷ,
Балки бинӣ дар хароби хона ганҷ.
Пас ба дасти хеш гирӣ тешае,
Мезанӣ бар хона бе андешае,
Ки ҳиҷоби ганҷ бинӣ хонаро,
Монеъи сад хирман ин як донаро.
Пас дар оташ афганӣ ин донаро,
Пеш гирӣ пешаи мардонаро.
Эй ба як барге зи боғе монда,
Ҳамчу кирме баргаш аз раз ронда.
Чун карам ин кирмро бедор кард,
Аждаҳои ҷаҳлро ин кирм х(в)ард.
Кирм карме шуд пур аз мева-в дарахт,
Инчунин табдил гардад некбахт.

## Тафсири «кунту канзан махфиян фааҳбабту ан уъраф»

Хона баркан, к-аз ақиқи ин Яман
Сад ҳазорон хона шояд сохтан.
Ганҷ зери хона асту чора нест,
Аз харобий хона м-андешу маист,
Ки ҳазорон хона аз як накди ганҷ
Тон иморат кард бе таклифу ранҷ.
Оқибат ин хона худ вайрон шавад,
Ганҷ аз зераш яқин урён шавад.
Лек они ту набошад, з-он ки рӯҳ
Музди вайрон кардан асташ он футӯҳ.
Чун накард он кор, муздаш ҳаст? «Ло»,
«Лайса лилинсони илло мо саъо».
Даст хойӣ баъд аз он ту, к-эй дареғ!
Инчунин моҳе буд андар зери меғ?
Ман накардам, он чи гуфтанд аз беҳӣ,
Ганҷ рафту хонаву дастам тиҳӣ.

Хонаи уҷрат гирифтию киро,
Нест милки ту ба байъе ё широ.
Ин кироро муддати ӯ то аҷал,
То дар ин муддат кунӣ дар вай амал.
Порадӯзӣ мекунӣ андар дукон,
Зери ин дуккони ту мадфун ду кон.
Ҳаст ин дуккон кирой, зуд бош,
Теша бистону тагашро метарош.
То ки теша ногаҳон бар кон ниҳӣ,
Аз дукону порадӯзӣ вораҳӣ.
Порадӯзӣ чист? Хӯрди обу нон,
Мезанӣ ин пора бар далқи гарон.
Ҳар замон медаррад ин далқи танат,
Пора бар вай мезанӣ з-ин хӯрданат.
Эй зи насли подшоҳи комёр,
Бо худ о, з-ин порадӯзӣ нанг дор.
Порае баркан аз ин қаъри дукон,
То барорад сар ба пеши ту ду кон.
Пеш аз он к-ин муҳлати хонай кирӣ
Охир ояд, ту нахӯрда з-ӯ баре.
Пас туро берун кунад соҳибдукон
В-ин дуконро барканад аз рӯйи кон.
Ту зи ҳасрат гоҳ бар сар мезанӣ,
Гоҳ риши хоми худ бармеканӣ,
К-эй дареғо, они ман буд ин дукон,
Кӯр будам, барнахӯрдам з-ин макон.
Эй дареғо, буди моро бурд бод,
То абад «ё ҳасрато» шуд «ли-л-ъибод».

## Ғарра шудани одамӣ ба заковат ва тасвироти табъи хештан ва талаб нокардани илми ғайб, ки илми анбиёст

Дидам андар хона ман нақшу нигор,
Будам андар ишқи хона беқарор.
Будам аз ганҷи ниҳоне бехабар
В-арна дастанбӯйи ман будӣ табар.
Оҳ, гар доди табарро додаме,
Ин замон ғамро табарро додаме.

Чашмро бар нақш меандохтам,
Ҳамчу тифлон ишқҳо мебохтам.
Пас, накӯ гуфт он ҳакими комёр,
Ки ту тифлӣ, хона пурнақшу нигор.
Дар «Илоҳинома» бас андарз кард,
Ки барор аз дудмони «хеш» гард.
«Бас кун, эй Мӯсо! Бигӯваъдай севум,
Ки дили ман з-изтиробаш гашт гум».
Гуфт Мӯсо: «Он севум мулки дутӯ
Ду ҷаҳоне, холис аз хасму адӯ.
Бештар з-он мулк, к-акнун доштӣ,
К-он буд андар ҷанг в-ин дар оштӣ.
Он ки дар ҷангат чунон мулке диҳад,
Бингар андар сулҳ, хонат чун ниҳад.
Он карам, к-андар ҷафо онҳот дод,
Дар вафо бингар, чӣ бошад ифтиқод».
Гуфт: «Эй Мӯсо! Чаҳорум чист? Зуд
Бозгӯ, сабрам шуду ҳирсам фузуд».
Гуфт: «Чорум он ки монӣ ту ҷавон,
Мӯй ҳамчун қиру рух чун арғавон.
Рангу бӯ дар пеши мо бас косид аст,
Лек ту пастӣ, сухан кардем паст.
Ифтихор аз рангу бӯву аз макон
Ҳаст шодию фиреби кӯдакон».

## Баёни ин хабар, ки «каллиму ан-носа ало қадри уқулиҳим ло ало қадри уқуликум, ҳатто ло юказзаба-л-лоҳу ва расулуҳ»

Чунки бо кӯдак сару корам фитод,
Ҳам забони кӯдакон бояд гушод,
Ки бирав, куттоб, то мурғат харам,
Ё мавизу ҷавзу фустуқ оварам.
Ҷуз шитоби тан намедонӣ, бигир,
Ин ҷавониро бигир, эй хар, шаъир.
Ҳеч оҷанге наяфтад бар рухат,
Тоза монад он шабоби фаррухат.
На нажанди пирият ояд ба рӯ,
На қади чун сарви ту гардад дутӯ.

На шавад зӯри ҷавонӣ аз ту кам,
На ба дандонҳо халалҳо ё алам.
На камӣ дар шаҳвату тамсу биъол,
Ки занонро ояд аз заъфат малол.
Ончунон бигшоядат фарри шабоб,
Ки гушуд он муждаи Уккоша боб. 2585

## Қавлуҳу, алайҳиссалом, «ман башшаранӣ би хуруҷи сафарин, башшартуҳу билҷаннати»

Аҳмади охирзамонро интиқол
Дар рабеъи аввал ояд бе ҷидол.
Чун хабар ёбад дилаш з-ин вақти нақл,
Ошиқи он вақт гардад ӯ ба ақл.
Чун сафар ояд, шавад шод аз сафар,
Ки пас аз ин моҳ месозам сафар.
Ҳар шабе то рӯз з-ин шавқи ҳудӣ
«Эй рафиқи роҳи аъло» мезадӣ.
Гуфт: «Ҳар кас, ки маро мужда диҳад,
Чун сафар пой аз ҷаҳон берун ниҳад, 2590
Ки сафар бигзашту шуд моҳи рабеъ,
Муждавар бошам мар ӯрову шафеъ».
Гуфт Уккоша: «Сафар бигзашту рафт»,
Гуфт, ки ҷаннат туро, эй шери зафт.
Дигаре омад, ки бигзашт он сафар,
Гуфт: «Уккоша бибурд аз муждабар».
Пас риҷол аз нақли олам шодмон
В-аз бақояш шодмон ин кӯдакон.
Чунки оби хуш надид он мурғи кӯр,
Пеши ӯ Кавсар намояд оби шӯр. 2595
Ҳамчунин Мӯсо каромат мешумурд,
Ки нагардад софи иқболи ту дурд.
Гуфт: «Аҳсант»-у накӯ гуфтӣ, валек
То кунам ман машварат бо ёри нек».

## Машварат кардани Фиръавн бо Исияҳ дар имон овардан ба Мӯсо, алайҳиссалом

Бозгуфт ӯ ин сухан бо Исияҳ,
Гуфт: «Ҷон афшон бар ин, эй дилсияҳ!

Бас иноятҳост матни ин мақол,
Зуд дарёб, эй шаҳи некӯхисол!
Вақти кишт омад, зиҳӣ пурсуд кашт»,
Ин бигуфту гиря карду гарм гашт.
Барҷаҳид аз ҷову гуфто: «Бахха лак,
Офтобе тоҷ гаштат, эй калак».
Айби калро худ бипӯшонад кулоҳ,
Хоса чун бошад кулаҳ хуршеду моҳ.
Ҳам дар он маҷлис, ки бишнидӣ ту ин,
Чун нагуфтӣ орею сад офарин?
Ин сухан дар гӯши хуршед ар шудӣ,
Сарнигун бар бӯйи ин зер омадӣ.
Ҳеч медонӣ чӣ ваъда-сту чӣ дод?
Мекунад Иблисро Ҳақ ифтиқод.
Чун бад-ин лутф он каримат бозхонд,
Эй аҷаб! Чун заҳраат барҷой монд?
Заҳраат надрид, то з-он заҳраат
Будӣ андар ҳар ду олам баҳраат.
Заҳрае, к-аз баҳраи Ҳақ бардарад,
Чун шаҳидон аз ду олам бар х(в)арад.
Ғофилӣ ҳам ҳикмат асту ин амо,
То бимонад лек то ин ҳад, чаро?
Ғофилӣ ҳам ҳикмат асту неъмат аст,
То напаррад зуд сармоя зи даст.
Лек не чандон, ки носуре шавад,
Заҳри ҷону ақли ранҷуре шавад.
Худ кӣ ёбад инчунин бозорро?
Ки ба як гул мехарӣ гулзорро.
Донаеро сад дарахтистон иваз,
Ҳаббаеро омадат сад кон иваз.
«Кона лиллаҳ» додани он ҳабба аст,
То ки «коналлоҳу лаҳ» ояд ба даст.
З-он ки ин ҳуйи заъифи беқарор
Ҳаст шуд з-он «ҳуйи раббӣ» пойдор.
Ҳуи фонӣ чунки худ фо ӯ супурд,
Гашт боқӣ доиму ҳаргиз намурд.
Ҳамчу қатрай хоиф аз боду зи хок,
Ки фано гардад бад-ин ҳар ду ҳалок.
Чун ба асли худ, ки дарё буд, ҷаст,
Аз тафи хуршеду боду хок раст.

Зоҳираш гум гашт дар дарё, валек
Зоти ӯ маъсуму побарҷову нек.
Ҳин, бидеҳ, эй қатра, худро бенадам,
То биёбӣ дар баҳои қатра ям.
Ҳин, бидеҳ, эй қатра, худро ин шараф,
Дар кафи дарё шав омин аз талаф.
Худ киро ояд чунин давлат ба даст,
Қатраро баҳре тақозогар шудаст.
Аллаҳ, Аллаҳ, зуд бифрӯшу бихар,
Қатрае деҳ, баҳри пургавҳар бибар.
Аллаҳ Аллаҳ, ҳеч таъхире макун,
Ки зи баҳри лутф омад ин сухун.
Лутф андар лутфи ин гум мешавад,
К-асфале бар чархи ҳафтум мешавад.
Ҳин, ки як бозе фитодат булъаҷаб,
Ҳеч толиб ин наёбад дар талаб».
Гуфт: «Бо Ҳомон бигӯям, эй сатир,
Шоҳро лозим бувад ройи вазир».
Гуфт: «Бо Ҳомон магӯ ин розро,
Кӯркампире чӣ донад бозро?»

## Қиссаи бози подшоҳ ва кампирзан

Бози испеде ба кампире диҳӣ,
Ӯ бибуррад нохунаш баҳри беҳӣ.
Нохуне, ки асли кор асту шикор,
Кӯркампире бибуррад кӯрвор,
Ки куҷо будаст модар, ки туро
Нохунон з-ин сон дароз аст, эй киё!
Нохуну минқору паррашро бурид,
Вақти меҳр ин мекунад золи палид.
Чунки тутмоҷаш диҳад, ӯ кам х(в)арад,
Хашм гирад, меҳрҳоро бардарад,
Ки чунин тутмоҷ пухтам баҳри ту,
Ту такаббур менамоию уту?
Ту сазоӣ дар ҳамон ранҷу бало,
Неъмату иқбол кай созад туро?
Оби тутмоҷаш диҳад, к-инро бигир,
Гар намехоҳӣ, ки нӯшӣ з-он фатир.

Оби тутмоҷаш нагирад табъи боз,
Зол битрунчад, шавад хашмаш дароз.
Аз ғазаб шурбои сӯзон бар сараш
Зан фурӯ резад, шавад кал миғфараш.
Ашк аз он чашмаш фурӯ резад зи сӯз,
Ёд орад лутфи шоҳи дилфурӯз.
З-он ду чашми нозанини бодалол,
Ки зи чеҳрай шоҳ дорад сад камол.
Чашми мозоғаш шуда пурзахми зоғ,
Чашми нек аз чашми бад бо дарду доғ.
Чашми дарёбастате, к-аз басти ӯ
Ҳар ду олам менамояд тори мӯ.
Гар ҳазорон чарх дар чашмаш равад,
Ҳамчу чашма пеши қулзум гум шавад.
Чашми бигзашта аз ин маҳсусҳо
Ёфта аз ғайббинӣ бӯсҳо.
Худ намеёбам яке гӯше, ки ман
Нуктае гӯям аз он чашми ҳасан.
Мечакид он оби маҳмуди ҷалил,
Мерабудӣ қатраашро Ҷабрайил,
То бимолад дар пару минқори хеш,
Гар диҳад дастурияш он хубкеш.
Боз гӯяд, хашми кампир ар фурӯхт,
Фарру нуру илму сабрамро насӯхт.
Бози ҷонам боз сад сурат танад,
Захм бар ноқа, на бар Солеҳ занад.
Солеҳ аз як дам, ки орад бошикӯҳ,
Сад чунон ноқа бизояд матни кӯҳ.
Дил ҳамегӯяд хамӯшу ҳуш дор,
В-арна дарронид ғайрат пуду тор.
Ғайраташро ҳаст сад ҳилми ниҳон,
В-арна, сӯзидӣ ба як дам сад ҷаҳон.
Нахвати шоҳӣ гирифташ ҷойи панд,
То дили худро зи банди панд канд,
Ки кунам бо рои Ҳомон машварат,
К-ӯст пушти мулку қутби мақдират.
Мустафоро ройзан Сиддиқи раб,
Ройзан Бӯҷаҳлро шуд Бӯлаҳаб.
Ирқи ҷинсийят чунонаш ҷазб кард,
К-он насиҳатҳо ба пешаш гашт сард.

Ҷинс сӯйи ҷинс садпарра парад,
Бар хаёлаш бандҳоро бардарад.

## Қиссаи он зан, ки тифли ӯ бар сари новдон ғежид ва хатари афтодан буд ва аз Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, чора ҷуст

Як зане омад ба пеши Муртазо,
Гуфт: «Шуд бар новдон тифле маро.
Гар-ш мехонам, намеояд ба даст,
В-ар ҳилам, тарсам, ки афтад ӯ ба паст.
Нест оқил, то ки дарёбад чу мо,
Гар бигӯям, к-аз хатар сӯйи ман о.
Ҳам ишоратҳо намедонад ба даст
В-ар бидонад, нашнавад, ин ҳам бад аст.
Бас намудам ширу пистонро бад-ӯ,
Ӯ ҳамегардонад аз ман чашму рӯ.
Аз барои Ҳақ, шумоед, эй меҳон,
Дастгири ин ҷаҳону он ҷаҳон.
Зуд дармон кун, ки меларзад дилам,
Ки ба дард аз меваи дил бискулам».
Гуфт: «Тифлеро баровар ҳам ба бом,
То бибинад ҷинси худро он ғулом.
Сӯйи ҷинс ояд сабук з-он новдон,
Ҷинс бар ҷинс аст ошиқ ҷовидон».
Зан чунон карду чу дид он тифли ӯ
Ҷинси худ, хуш-хуш бад-ӯ овард рӯ.
Сӯйи бом омад зи матни новдон,
Ҷозиби ҳар ҷинсро ҳамҷинс дон.
Ғиж-ғижон омад ба сӯйи тифл тифл,
Вораҳид ӯ аз фитодан сӯйи сифл.
З-он бувад ҷинси башар пайғамбарон,
То ба ҷинсийят раҳанд аз новдон.
Пас, башар фармуд худро мислукум,
То ба ҷинс оеду кам гардед гум.
З-он ки ҷинсийят аҷоиб ҷозибест,
Ҷозибаш ҷинс аст, ҳар ҷо толибест.
Исию Идрис бар гардун шуданд,
Бо малойик чунки ҳамҷинс омаданд.

Боз он Ҳоруту Морут аз баланд
Ҷинси тан буданд, з-он зер омаданд.
Кофирон ҳамҷинси шайтон омада,
Ҷонашон шогирди шайтонон шуда.
Сад ҳазорон хӯйи бад омӯхта,
Дидҳои ақлу дил бардӯхта.
Камтарин хӯшон ба зиштӣ он ҳасад,
Он ҳасад, ки гардани Иблис зад.
З-он сагон омӯхта ҳиқду ҳасад,
Ки нахоҳад халқро мулки абад.
Мар киро дид ӯ камол аз чаппу рост,
Аз ҳасад қуланҷаш омад, дард хост.
З-он ки ҳар бадбахти хирмансӯхта
Менахоҳад шамъи кас афрӯхта.
Ҳин, камоле даст овар, то ту ҳам
Аз камоли дигарон н-афтӣ ба ғам.
Аз Худо мехоҳ дафъи ин ҳасад,
То Худоят вораҳонад аз ҷасад.
Мар туро машғулие бахшад дарун,
Ки напардозӣ аз он сӯйи бурун.
Ҷуръаи майро Худо он медиҳад,
Ки бад-ӯ маст аз ду олам мераҳад.
Хосият бинҳода дар каффи ҳашиш,
К-ӯ замоне мераҳонад аз худиш.
Хобро Яздон бад-он сон мекунад,
К-аз ду олам фикрро бармеканад.
Кард Маҷнунро зи ишқи пӯсте,
К-ӯ бинашносад адӯ аз дӯсте.
Сад ҳазорон инчунин медорад ӯ,
Ки бар идрокоти ту бигморад ӯ.
Ҳаст майҳои шақоват нафсро,
Ки зи раҳ берун барад он наҳсро.
Ҳаст майҳои саодат ақлро,
Ки биёбад манзили бенақлро.
Хаймаи гардун зи сармастии хеш
Барканад, з-он сӯ бигирад роҳ пеш.
Ҳин, ба ҳар мастӣ, дило, ғарра машав,
Ҳаст Исо мasти Ҳақ, хар масти ҷав.
Инчунин майро биҷӯ з-ин хунбҳо,
Мастияш набвад зи кӯтаҳдунбҳо.

З-он ки ҳар маъшуқ чун хунбест пур,
Он яке дурду дигар софӣ чу дур.
Майшиносо, ҳин, бичаш бо эҳтиёт,
То мае ёбӣ муназзаҳ з-ихтилот.
Ҳарду мастӣ медиҳандат, лек ин
Мастият орад кашон то рабби дин.
То раҳӣ аз фикру васвосу ҳиял,
Беиқол ин ақл дар рақсу-л-ҷамал.
Анбиё чун ҷинси рӯҳанду малак,
Мар малакро ҷазб карданд аз фалак.
Бод ҷинси оташ асту ёри ӯ,
Ки бувад оҳанги ҳар ду бар улу.
Чун бибандӣ ту сари кӯзай тиҳӣ,
Дар миёни ҳавз ё ҷӯйе ниҳӣ,
То қиёмат он фурӯ н-ояд ба паст,
Ки дилаш холисту дар вай бод ҳаст.
Майли бодаш чун суйи боло бувад,
Зарфи худро ҳам суйи боло кашад.
Боз он ҷонҳо, ки ҷинси анбиёст,
Сӯйи эшон каш-кашон чун сояҳост.
З-он ки ақлаш ғолиб асту бе зи шак,
Ақл ҷинс омад ба хилқат бо малак.
В-он ҳавои нафс ғолиб бар адӯ,
Нафс ҷинси асфал омад, шуд бад-ӯ.
Буд қибтӣ ҷинси Фиръавни замим,
Буд сибтӣ ҷинси Мӯсои Калим.
Буд Ҳомон ҷинстар Фиръавнро,
Баргузидаш, бурд бар садри саро.
Лоҷарам аз садр то қаъраш кашид,
Ки зи ҷинси дӯзаханд он ду палид.
Ҳар ду сӯзанда чу дӯзах, зидди нур,
Ҳар ду чун дӯзах зи нури дил нафур.
З-он ки дӯзах гӯяд! Эй муъмин! Ту зуд
Баргузар, ки нурат оташро рабуд.
Бигзар эй муъмин, ки нурат мекушад
Оташамро, чунки доман мекашад.
Мерамад он дӯзахӣ аз нур ҳам,
З-он ки табъи дӯзах асташ, эй санам!
Дӯзах аз муъмин гурезад ончунон,
Ки гурезад муъмин аз дӯзах ба ҷон.

З-он ки чинси нор набвад нури ӯ,
Зидди нор омад, ҳақиқат, нурчӯ.
Дар ҳадис омад, ки муъмин дар дуъо,
Чун амон хоҳад зи дӯзах аз Худо, 2715
Дӯзах аз вай ҳам амон хоҳад ба чон,
Ки Худоё, дур дорам аз фалон.
Чозиби чинсийят аст, акнун бибин,
Ки ту чинси кистӣ аз куфру дин?
Гар ба Ҳомон моилӣ, ҳомонии,
В-ар ба Мӯсо моилӣ, субҳонӣ.
В-ар ба ҳар ду моилӣ ангехта,
Нафсу ақли ҳардувон омехта.
Ҳарду дар чанганд, ҳону ҳон, бикӯш,
То шавад ғолиб маъонӣ бар нуқуш. 2720
Дар чаҳони чанг шодӣ ин бас аст,
Ки бибинӣ бар адӯ ҳар ду шикаст.
Он ситезарав ба сахтӣ оқибат
Гуфт бо Ҳомон барои машварат.
Ваъдаҳои он Калимуллоҳро
Гуфту маҳрам сохт он гумроҳро.

## Машварат кардани Фиръавн бо вазираш Ҳомон дар имон овардан ба Мӯсо, алайҳиссалом

Гуфт бо Ҳомон, чу танҳояш бидид,
Част Ҳомону гиребонро дарид.
Бонгҳо зад, гиряҳо кард он лаъин,
Кӯфт дастору кулаҳро бар замин, 2725
Ки чӣ гуна гуфт андар рӯйи шоҳ
Инчунин густох он ҳарфи табоҳ?
Чумла оламро мусаххар карда ту,
Корро бо бахт чун зар карда ту.
Аз Машориқ в-аз Мағориб бе личоч
Сӯйи ту оранд султонон хироч.
Подшоҳон лаб ҳамемоланд шод,
Бар сатонай хоки ту, эй Кайқубод!
Асби ёғӣ чун бибинад асби мо,
Рӯ бигардонад, гурезад беасо. 2730
То кунун маъбуду масчуди чаҳон
Будай, гардӣ каминай бандагон?

Дар ҳазор оташ шудан, з-ин хуштар аст,
Ки Худованде шавад бандапараст.
На, бикуш аввал маро, эй шоҳи Чин,
То набинад чашми ман бар шоҳ ин.
Хусраво! Аввал маро гардан бизан,
То набинад ин мазаллат чашми ман.
Худ набудасту мабодо инчунин,
Ки замин гардун шавад, гардун замин.
Бандагонмон хоҷатоши мо шаванд,
Бедилонмон дилхароши мо шаванд.
Чашмравшан душманону дӯст кӯр,
Гашт моро пас гулистон қаъри гӯр.

## Тазйифи сухани Ҳомон, алайҳиллаъна

Дӯст аз душман ҳаменашнохт ӯ,
Нардро кӯрона каж мебохт ӯ.
Душмани ту ҷуз ту набвад, эй лаъин,
Бегуноҳонро магӯ душман ба кин.
Пеши ту ин ҳолати бад давлат аст,
Ки даводав аввалу охир лат аст.
Гар аз ин давлат натозӣ хаз-хазон,
Ин баҳоратро ҳамеояд хазон.
Машриқу Мағриб чу ту бас дидаанд,
Ки сари эшон зи тан бибридаанд.
Машриқу Мағриб, ки набвад барқарор,
Чун кунанд охир касеро пойдор?
Ту бад-он фахр оварӣ, к-аз тарсу банд
Чоплусат гашт мардум рӯзи чанд.
Ҳар киро мардум суҷуде мекунанд,
Заҳр андар ҷони ӯ меогананд.
Чунки баргардад аз ӯ он соҷидаш,
Донад ӯ, к-он заҳр буду мӯбадаш.
Эй хунук онро ки «заллат нафсуҳу»,
Войи он, к-аз саркашӣ шуд чун куҳ ӯ.
Ин такаббур заҳри қотил дон, ки ҳаст,
Аз майи пурзаҳр шуд он гиҷ маст.
Чун майи пурзаҳр нӯшад мудбире,
Аз тараб як дам биҷунбонад саре.

Баъди як дам захр бар ҷонаш фитад,
Захр дар ҷонаш кунад додуситад.
Гар надорӣ заҳреяшро эътиқод,
К-ӯ чӣ заҳр омад, нигар дар қавми Од,
Чунки шоҳе даст ёбад бар шаҳе,
Букшадаш ё боздорад дар чаҳе.
В-ар биёбад хастаи афтодаро,
Марҳамаш созад шаҳу бидҳад ато.
Гар на захр аст он такаббур, пас, чаро
Кушт шаҳро бегуноҳу бехато?
В-ин дигарро бе зи хидмат чун навохт?
З-ин ду ҷунбиш заҳрро шояд шинохт.
Роҳзан ҳаргиз гадоеро назад,
Гург гурги мурдаро ҳаргиз газад?
Хизр киштиро барои он шикаст,
То тавонад киштӣ аз фуҷҷор раст.
Чун шикаста мераҳад, ишкаста шав,
Амн дар фақр аст, андар фақр рав.
Он кухе, к-ӯ дошт аз кон накди чанд,
Гашт пора-пора аз захми каланд.
Теғ бахри ӯст, к-ӯро гарданест,
Соя, к-афгандаст, бар вай захм нест.
Меҳтарӣ нафт асту оташ, эй ғавӣ,
Эй бародар! Чун бар озар меравӣ?
Ҳар чӣ ӯ ҳамвор бошад бо замин,
Тирҳоро кай ҳадаф гардад? Бибин.
Сар барорад аз замин он гоҳ ӯ,
Чун ҳадафҳо захм ёбад беруфӯ.
Нардбони халқ ин мову манист,
Оқибат з-ин нардбон афтоданест.
Ҳар кӣ болотар равад, аблаҳтар аст,
К-устухони ӯ батар хоҳад шикаст.
Ин фурӯъ асту усулаш он бувад,
Ки тараффуъ ширкати Яздон бувад.
Чун намурдию нагаштӣ зинда з-ӯ,
Ёғие бошӣ, ба ширкат мулкҷӯ.
Чун бад-ӯ зинда шудӣ, он худ вай аст,
Ваҳдати маҳз аст, он ширкат кай аст?
Шарҳи ин дар ойинай аъмол ҷӯ,
Ки наёбӣ фаҳми он аз гуфтугӯ.

Гар бигӯям, он чи дорам дар дарун,
Бас ҷигарҳо гардад андар ҳол хун.
Бас кунам, худ зираконро ин бас аст,
Бонг ду кардам, агар дар деҳ кас аст.
Ҳосил он Ҳомон бад-он гуфтори бад
Инчунин роҳе бар он Фиръавн зад.
Луқмаи давлат расида то даҳон,
Ӯ гулӯи ӯ бурида ногаҳон.
Хирмани Фиръавнро дод ӯ ба бод,
Ҳеч шаҳро инчунин соҳиб мабод!

## Навмед шудани Мӯсо, алайҳиссалом, аз имони Фиръавн ба таъсир кардани сухани Ҳомон дар дили Фиръавн

Гуфт Мӯсо: «Лутф бинмудему ҷуд,
Худ худовандитро рӯзӣ набуд.
Он худовандӣ, ки набвад ростин,
Мар варо на даст дон, на остин.
Он худовандӣ, ки дуздида бувад,
Бедилу беҷону бедида бувад.
Он худовандӣ, ки додандат авом,
Боз бистонанд аз ту ҳамчу вом.
Деҳ худовандии орият ба Ҳақ,
То худовандит бахшад муттафақ».

## Мунозиати амирони араб бо Мустафо, алайҳиссалом, ки мулкро муқосамат кун бо мо, то низоъе набошад ва ҷавоб фармудани Мустафо, алайҳиссалом, ки ман маъмурам дар ин аморат ва баҳси эшон аз тарафайн

Он амирони араб гирд омаданд,
Назди пайғамбар мунозеъ мешуданд,
Ки ту мирӣ, ҳар як аз мо ҳам амир,
Бахш кун ин мулку бахши худ бигир.
Ҳар яке дар бахши худ инсофҷӯ,
Ту зи бахши мо ду дасти худ бишӯ.
Гуфт: «Мирӣ мар маро Ҳақ додааст,
Сарварию амри мутлақ додааст,
К-ин қирони Аҳмад асту даври ӯ,
Ҳин, бигиред амри ӯро, «иттақу».

Қавм гуфтандаш, ки мо ҳам з-он қазо
Ҳокимему дод амиримон Худо.
Гуфт: «Лекин мар маро Ҳақ мулк дод,
Мар шуморо ория аз баҳри зод.
Мирии ман то қиёмат боқӣ аст,
Мирии ориятӣ хоҳад шикаст».
Қавм гуфтанд: «Эй амир, афзун магӯ,
Чист ҳуҷҷат бар фузунҷӯйии ту?»
Дарзамон абре баромад з-амри мур,
Сел омад, гашт он атроф пур.
Рӯ ба шаҳр овард сели бас маҳиб,
Аҳли шаҳр афғонкунон, ҷумла раъиб.
Гуфт пайғамбар, ки вақти имтиҳон
Омад акнун, то гумон гардад аён.
Ҳар амире найзаи худ дарфиганд,
То шавад дар имтиҳон он сел банд.
Пас қазиб андохт дар вай Мустафо,
Он қазиби муъҷизи фармонраво.
Найзаҳоро ҳамчу хошоке рабуд
Оби тези сели пурҷӯши ануд.
Найзаҳо гум гашт ҷумла в-он қазиб
Бар сари об истода чун рақиб.
З-эҳтимоми он қазиб он сели зафт
Рӯ бигардониду он селоб рафт.
Чун бидиданд аз вай он амри азим,
Пас муқир гаштанд он мирон зи бим.
Ҷуз се кас, ки ҳиқди эшон чира буд,
Соҳираш гуфтанду коҳин аз ҷуҳуд.
Мулки барбаста чунон бошад заъиф,
Номашон бин, номи ӯ бин, эй наҷиб!
Номашонро сели тези марг бурд,
Номи ӯву давлати тезаш намурд.
Панҷ набват мезадандаш бардавом,
Ҳамчунин ҳар рӯз то рӯзи қиём.
Гар туро ақл аст, кардам лутфҳо
В-ар харӣ, овардаам харро асо.
Align Он чунон з-ин охурат берун кунам,
К-аз асо гӯшу сарат пурхун кунам.
Андар ин охур харону мардумон
Менаёбанд аз ҷафои ту амон.

Нак, асо овардаам баҳри адаб,
Ҳар хареро, к-ӯ набошад мустаҳаб,
Аждаҳое мешавад дар қаҳри ту,
К-аждаҳое гаштаӣ дар феълу хӯ.
Аждаҳои кӯҳиӣ ту беамон,
Лек бингар аждаҳои осмон.
Ин асо аз дӯзах омад чошнӣ,
Ки ҳало! Бигрез андар равшанӣ,
В-арна дармонӣ ту дар дандони ман,
Махласат набвад зи дарбандони ман. 2810
Ин асое буд, ин дам аждаҳост,
То нагӯйӣ дӯзахи Яздон куҷост?

## Дар баёни он ки шиносои қудрати Ҳақ напурсад, ки биҳишту дӯзах куҷост?

Ҳар куҷо хоҳад, Худо дӯзах кунад,
Авҷро бар мурғ дому фах кунад.
Ҳам зи дандонат барояд дардҳо,
То бигӯйӣ, дӯзах асту аждаҳо.
Ё кунад оби даҳонатро асал,
Ки бигӯйӣ, ки биҳишт асту ҳулал.
Аз буни дандон бирӯёнад шакар,
То бидонӣ қуввати ҳукми қадар. 2815
Пас, ба дандон бегуноҳонро магаз,
Фикр кун аз зарбати номуҳтараз.
Нилро бар қибтиён Ҳақ хун кунад,
Сибтиёнро аз бало маҳсун кунад.
То бидонӣ пеши Ҳақ тамйиз ҳаст
Дар миёни ҳушёри роҳу маст.
Нил тамйиз аз Худо омӯхтаст,
Ки гушод онрову инро сахт баст.
Лутфи ӯ оқил кунад мар Нилро,
Қаҳри ӯ аблаҳ кунад Қобилро. 2820
Дар ҷамодот аз карам ақл офарид,
Ақл аз оқил ба қаҳри худ бурид.
Дар ҷамод аз лутф ақле шуд падид
В-аз накол аз оқилон дониш рамид.
Ақл чун борон ба амр он ҷо бирехт,
Ақл ин сӯ хашми Ҳақ диду гурехт.

Абру хуршеду маҳу наҷми баланд
Ҷумла бар тартиб оянду раванд.
Ҳар яке н-ояд магар дар вақти хеш,
Ки на пас монад зи ҳангому на пеш.
Чун накардӣ фаҳм инро з-анбиё,
Дониш овsecurityанд дар сангу асо.
То ҷамодоти дигарро бе либос
Чун асову санг дорӣ аз қиёс.
Тоати сангу асо зоҳир шавад
В-аз ҷамодоти дигар мухбир шавад.
Ки зи Яздон огаҳему тойиъем,
Мо ҳама, не иттифоқе зойиъем.
Ҳамчу оби Нил донӣ вақти ғарқ,
К-ӯ миёни ҳарду уммат кард фарқ.
Чун замин донӣ-ш, доно вақти хасф,
Дар ҳақи Қорун, ки қаҳраш карду насф.
Чун қамар, ки амр бишниду шитофт,
Пас ду нима гашт бар чарху шикофт.
Чун дарахту санг, к-андар ҳар мақом
Мустафоро карда зоҳир, ассалом.

## Ҷавоби даҳрӣ, ки мункири улуҳийят аст ва оламро қадим мегӯяд

Дӣ яке мегуфт: «Олам ҳодис аст,
Фонӣ аст ин чарху ҳаққаш ворис аст».
Фалсафийе гуфт: «Чун донӣ ҳудус?
Ҳодисийи абр чун донад ғуюс?
Зарраe худ нестӣ аз инқилоб,
Ту чӣ медонӣ ҳудуси офтоб?
Кирмаке, к-андар ҳадас бошад дафин,
Кай бидонад охиру бадви замин?
Ин ба тақлид аз падар бишнидаӣ,
Аз ҳамоқат андар ин печидаӣ.
Чист бурҳон бар ҳудуси ин? Бигӯ,
В-арна хомуш кун, фузунгӯйӣ маҷӯ».
Гуфт: Дидам андар ин баҳри амиқ
Баҳс мекарданд рӯзе ду фариқ.
Дар ҷидолу дар хисому дар сутӯҳ,
Гашт ҳангома бар он ду кас гурӯҳ.

Ман ба сӯйи ҷамъи ҳангома шудам,
Иттилоъ аз ҳоли эшон бистадам.
Он яке мегуфт: «Гардун фонӣ аст,
Бе гумоне, ин биноро бонӣ аст».
В-он дигар гуфт: «Ин қадиму бекай аст,
Несташ бонӣ ва ё бонӣ вай аст».
Гуфт: «Мункир гаштаӣ халлоқро,
Рӯзушаборандаву раззоқро». 2845
Гуфт: «Бе бурҳон нахоҳам ман шунид,
Он чи гӯле он ба тақлиде гузид.
Ҳин, биёвар ҳуҷҷату бурҳон, ки ман
Нашнавам бе ҳуҷҷат инро дар заман».
Гуфт: «Ҳуҷҷат дар даруни ҷонам аст,
Дар даруни ҷон ниҳон бурҳонам аст.
Ту намебинӣ ҳилол аз заъфи чашм,
Ман ҳамебинам, макун бар ман ту хашм».
Гуфтугӯ бисёр гашту халқ гиҷ
Дар сару поёни ин чархи басиҷ. 2850
Гуфт: «Ёро, дар дарунам ҳуҷҷатест,
Бар ҳудуси осмонам оятест
Ман яқин дорам, нишонаш он бувад
Мар яқиндонро, ки дар оташ равад.
Дар забон менояд, он ҳуҷҷат бидон
Ҳамчу ҳоли сирри ишқи ошиқон.
Нест пайдо сирри гуфтугӯйи ман,
Ҷуз ки зардию низорий рӯйи ман.
Ашку хун бар рух равона медавад,
Ҳуҷҷати ҳусну ҷамолаш мешавад». 2855
Гуфт: «Ман инҳо надонам ҳуҷҷате,
Ки бувад дар пеши ома ояте».
Гуфт: «Чун қалбею накде дам зананд,
Ки ту қалбӣ, ман накӯям, арҷманд.
Ҳаст оташ имтиҳони охирин,
К-андар оташ дарфитанд он ду қарин.
Ому хос аз ҳолашон олим шаванд,
Аз гумону шак суйи иқон раванд.
Обу оташ омад, эй ҷон! Имтиҳон,
Нақду қалберо, ки он бошад ниҳон. 2860
То ману ту ҳар ду дар оташ равем,
Ҳуҷҷати боқии ҳайронон шавем.

То ману ту ҳар ду дар баҳр уфтем,
Ки ману ту ин гуруҳро оятем».
Ҳамчунон карданду дар оташ шуданд,
Ҳар ду худро бар тафи оташ заданд.
Он худогӯянда марди муддаъӣ
Расту сӯзид андар оташ он даъӣ.
Аз муаззин бишнав ин эъломро,
Кӯрии афзунравони хомро,
Ки насӯзидаст ин ном аз аҷал,
К-иш мусаммо садр будасту аҷал.
Сад ҳазорон з-ин риҳон андар қирон
Бардарида пардаҳои мункирон.
Чун гарав бастанд, ғолиб шуд савоб
Дар давоми муъҷизоту дар ҷавоб.
Фаҳм кардам, к-он ки дам зад аз сабақ
В-аз ҳудуси чарх пирӯз асту ҳақ.
Ҳуҷҷати мункир ҳамора зардрӯ,
Як нишон бар сидқи он инкор ку?
Як манора дар санои мункирон,
Ку дар ин олам, ки то бошад нишон?
Минбаре ку, ки дар он ҷо мухбире
Ёд орад рӯзгори мункире?
Рӯйи динору дирам аз номашон
То қиёмат медиҳад з-ин Ҳақ нишон.
Сиккаи шоҳон ҳамегардад дигар,
Сиккаи Аҳмад бибин то мустақар.
Бар рухи нуқра ва ё рӯйи заре
Вонамо бар сикка номи мункире.
Худ магир ин муъҷизи чун офтоб,
Сад забон бин, номи ӯ Уммулкитоб.
Захра не касро, ки як ҳарфе аз он
Ё бидуздад ё фазояд дар баён.
Ёри ғолиб шав, ки то ғолиб шавӣ,
Ёри мағлубон машав, ҳин, эй ғавӣ!
Ҳуҷҷати мункир ҳамин омад, ки ман
Ғайри ин зоҳир намебинам ватан.
Ҳеч н-андешад, ки ҳар ҷо зоҳирест,
Он зи ҳикматҳои пинҳон мухбирест.
Фоидай ҳар зоҳире худ ботин аст,
Ҳамчу нафъ андар давоҳо к-омин аст.

## Тафсири ин оят, ки «ва мо халақна-с-самовоти ва-л-арза ва мо байнаҳо илло билҳаққ», наёфаридамашон баҳри ҳамин, ки шумо мебинед, балки баҳри маънӣ ва ҳикмати боқия, ки шумо намебинед онро

Ҳеч наққоше нигорад зайни нақш,
Бе умеди нафъ баҳри айни нақш?
Балки баҳри меҳмонону кеҳон,
Ки ба фурҷа вораҳанд аз андуҳон.
Шодии бачгону ёди дӯстон,
Дӯстони рафтаро аз нақши он.
Ҳеч кӯзагар кунад кӯза шитоб
Баҳри айни кӯза, на бар бӯйи об?
Ҳеч косагар кунад коса тамом
Баҳри айни коса, на баҳри таъом?
Ҳеч хаттоте нависад хат ба фан
Баҳри айни хат, на баҳри хондан?
Нақши зоҳир баҳри нақши ғоиб аст
В-он барои ғоиби дигар бибаст.
То севум, чорум, даҳум бармешумар
Ин фавоидро ба миқдори назар.
Ҳамчу бозиҳои шатранҷ, эй писар,
Фоидай ҳар лаъб дар толӣ нигар.
Ин ниҳода баҳри он лаъби ниҳон
В-он барои ону он баҳри фалон.
Ҳамчунин дида ҷиҳот андар ҷиҳот,
Дар пайи ҳам, то расӣ дар бурду мот.
Аввал аз баҳри дувум бошад чунон,
Ки шудан бар пояҳои нардбон.
В-он дувум баҳри севум медон тамом,
То расӣ ту поя-поя то ба бом.
Шаҳвати хӯрдан зи баҳри он манӣ,
Он манӣ аз баҳри наслу равшанӣ.
Кундбиниш менабинад ғайри ин,
Ақли ӯ бесайр чун набти замин.
Набтро чи хонда, чи нохонда,
Ҳаст пойи ӯ ба гил дармонда.
Гар сараш ҷунбад, ба сайри бод рав,
Ту ба сарҷунбонияш ғарра машав.
Он сараш гӯяд «самиъно», эй сабо!
Пойи ӯ гӯяд «асайно халлино».

Чун надорад сайр, меронад чу ом,
Бар таваккул, мениҳад чун кӯр гом.
Бар таваккул, то чи ояд дар набард
Чун таваккул кардани асҳоби нард.
В-он назарҳое, ки он афсурда нест,
Ҷуз раванда-в ҷуз дарандай парда нест.
Он чи дар даҳ сол хоҳад омадан,
Ин замон бинад ба чашми хештан.
Ҳамчунин ҳар кас ба андозай назар
Ғайбу мустақбал бибинад хайру шар.
Чунки садди пешу садди пас намонд,
Шуд гузора чашму лавҳи ғайб хонд.
Чун назар пас кард то бадви вуҷуд,
Моҷаро в-оғози ҳастӣ рӯ намуд.
Баҳси амлоки замин бо кибриё
Дар халифа кардани бобои мо.
Чун назар дар пеш афганд ӯ, бидид
Он чи хоҳад буд то маҳшар падид.
Пас зи пас мебинад ӯ то асли асл,
Пеш мебинад аён то рӯзи фасл.
Ҳар касе андозаи равшандилӣ
Ғайбро бинад ба қадри сайқалӣ.
Ҳар кӣ сайқал беш кард, ӯ беш дид,
Бештар омад бар ӯ сурат падид.
Гар ту гӯйӣ, к-ин сафо фазли Худост,
Низ ин тавфиқи сайқал з-он атост.
Қадри ҳиммат бошад он ҷаҳду дуъо,
«Лайса ли-л-инсони, илло мо саъо».
Воҳиби ҳиммат Худованд асту бас,
Ҳиммати шоҳӣ надорад ҳеч хас.
Нест тахсиси Худо касро ба кор
Монеъи тавъу муроду ихтиёр.
Лек чун ранҷе диҳад бадбахтро,
Ӯ гурезонад ба куфрон рахтро.
Некбахтеро чу Ҳақ ранҷе диҳад,
Рахтро наздиктар вомениҳад.
Баддилон аз бими ҷон дар корзор
Карда асбоби ҳазимат ихтиёр.
Пурдилон дар ҷанг ҳам аз бими ҷон
Ҳамла карда сӯйи саффи душманон.

Рустамонро тарсу ғам вопеш бурд,
Ҳам зи тарс он баддил андар хеш мурд.
Чун миҳакк омад балову бими ҷон,
З-он падид ояд шуҷоъ аз ҳар ҷабон.

## Ваҳй кардани Ҳақ таъоло ба Мӯсо, алайҳиссалом, ки эй Мӯсо, ман ки холиқам таъоло, туро дӯст медорам

Гуфт Мӯсоро ба ваҳйи дил Худо,
К-эй гузида, дӯст медорам туро.
Гуфт: «Чӣ хислат бувад, эй зулкарам,
Мӯҷиби он? То ман он афзун кунам».
Гуфт: «Чун тифле ба пеши волида
Вақти қаҳраш даст ҳам дар вай зада.
Худ надонад, ки ҷуз ӯ дайёр ҳаст,
Ҳам аз ӯ махмур, ҳам аз ӯст маст.
Модараш гар силие бар вай занад,
Ҳам ба модар ояду бар вай танад.
Аз касе ёрӣ нахоҳад ғайри ӯ,
Ӯст ҷумла шарри ӯву хайри ӯ.
Хотири ту ҳам зи мо дар хайру шар
Илтифоташ нест ҷоҳои дигар.
Ғайри ман пешат чу санг асту кулӯх,
Гар сабию гар ҷавону гар шуюх.
Ҳамчунон к-«ийёка наъбуд» дар ҳанин,
Дар бало аз ғайри ту «ло настаъин».
Ҳаст ин «ийёка наъбуд» ҳасрро
Дар луғат в-он аз пайи нафйи риё.
Ҳаст «иёка настаъин» ҳам баҳри ҳаср,
Ҳаср карда истиъонатрову қаср,
Ки ибодат мар туро орему бас,
Тамъи ёрӣ ҳам зи ту дорему бас.

## Хашм кардани подшоҳ бар надим ва шафоъат кардани шафеъ он мағзубун алайҳро ва аз подшоҳ дархостан ва подшоҳ шафоати ӯ қабул кардан ва ранҷидани надим аз шафеъ, ки чаро шафоат кардӣ?

Подшоҳе бар надиме хашм кард,
Хост, то аз вай барорад дуду гард.

Кард шаҳ шамшер берун аз ғилоф,
То занад бар вай ҷазои он хилоф.
Ҳеч касро заҳра на, то дам занад,
Ё шафеъе бар шафоъат бартанад.
Ҷуз Имодулмулкноме дар хавос,
Дар шафоат Мустафоворона хос
Барҷаҳиду зуд дар саҷда фитод,
Дарзамон шаҳ теғи қаҳр аз каф ниҳод.
Гуфт: «Агар дев аст, ман бахшидамаш
В-ар билисӣ кард, ман пӯшидамаш.
Чунки омад пойи ту андар миён,
Розиям, гар кард муҷрим сад зиён.
Сад ҳазорон хашмро тонам шикаст,
Ки туро он фазлу он миқдор ҳаст.
Лобаатро ҳеч натвонам шикаст,
З-он ки лобай ту яқин лобай ман аст.
Гар замину осмон бар ҳам задӣ,
З-интиқом ин мард берун н-омадӣ.
В-ар шудӣ зарра ба зарра лобагар,
Ӯ набурдӣ ин замон аз теғ сар.
Бар ту менанҳем миннат, эй карим,
Лек шарҳи иззати туст, эй надим!
Ин накардӣ ту, ки ман кардам яқин,
Эй сифотат дар сифоти мо дафин.
Ту дар ин мустаъмалӣ, не омилӣ,
З-он ки маҳмули манӣ, не ҳомилӣ.
«Мо рамайта из рамайта» гаштаӣ,
Хештан дар мавҷ чун каф ҳиштаӣ.
«Ло» шудӣ, паҳлӯйи «илло» хона гир,
Ин аҷаб, ки ҳам асирӣ, ҳам амир.
Он чи додӣ, ту надодӣ, шоҳ дод,
Ӯст бас, «Аллоҳу аълам би-р-рашод».
В-он надими раста аз захму бало,
З-ин шафеъ озурду баргашт аз вало.
Дӯстӣ бибрид з-он мухлис тамом,
Рӯ ба ҳоит кард, то н-орад салом.
З-ин шафеъи хештан бегона шуд,
З-ин тааҷҷуб халқ дар афсона шуд,
Ки на маҷнун аст, ёрӣ чун бурид?
Аз касе, ки ҷони ӯро вохарид.

Вохаридаш он дам аз гардан задан,
Хоки наъли пош боястӣ шудан.
Божгуна рафту безорӣ гирифт,
Бо чунин дилдор киндорӣ гирифт.
Пас маломат кард ӯро муслиҳе,
К-ин ҷафо чун мекунӣ бо носиҳе?
Ҷони ту бихрид он дилдори хос
Он дам аз гардан задан кардат халос.
Гар бадӣ кардӣ, набоястӣ рамид,
Хоса некӣ кард он ёри ҳамид».
Гуфт: «Баҳри шоҳ мабзул аст ҷон,
Ӯ чаро ояд шафеъ андар миён?
«Лӣ маъаллаҳ» вақт буд он дам маро,
«Ло ясаъ фиҳи набиюн муҷтабо».
Ман нахоҳам раҳмате ҷуз захми шоҳ,
Ман нахоҳам ғайри он шаҳро паноҳ.
Ғайри шаҳро баҳри он «ло» кардаам,
Ки ба сӯйи шаҳ тавалло кардаам.
Гар бибуррад ӯ ба қаҳри худ сарам,
Шоҳ бахшад шаст ҷони дигарам.
Кори ман сарбозию бехешӣ аст,
Кори шоҳаншоҳи ман сарбахшӣ аст.
Фахри он сар, ки кафи шоҳаш бурад,
Нанги он сар, к-ӯ ба ғайре сар барад.
Шаб, ки шоҳ аз қаҳр дар қираш кашид,
Нанг дорад аз ҳазорон рӯзи ид.
Худ тавофи он ки ӯ шаҳбин бувад,
Фавқи қаҳру лутфу куфру дин бувад.
З-он наёмад як иборат дар ҷаҳон,
Ки ниҳон асту ниҳон асту ниҳон.
З-он ки ин асмову алфози ҳамид
Аз калобай одамӣ омад падид.
«Аллама-л-асмо» буд Одамро имом,
Лек на андар либоси «айн»-у «лом».
Чун ниҳод аз обу гил бар сар кулоҳ,
Гашт он асмои ҷонӣ рӯсиёҳ,
Ки ниқоби ҳарфу дам дар худ кашид,
То шавад бар обу гил маънӣ падид.
Гарчи аз як ваҷҳ мантиқ кошиф аст,
Лек аз даҳ ваҷҳ парда-в мукниф аст.

## Гуфтани Халил мар Ҷабрайилро, алайҳимоссалом, чун пурсидаш, ки «а лака ҳоҷатун?» Халил ҷавобаш дод, ки «аммо илайка фало»

Ман Халили вақтаму ӯ Ҷабрайил,
Ман нахоҳам дар бало ӯро далел.
Ӯ адаб н-омӯхт аз Ҷабрили род,
Ки бипурсид аз Халили Ҳақ мурод,
Ки муродат ҳаст, то ёрӣ кунам
В-арна бигрезам, сабукборӣ кунам.
Гуфт Иброҳим: «Не! Рав аз миён,
Восита заҳмат бувад баъдалаён».
Баҳри ин дунёст мурсал робита,
Муъминонро з-он, ки ҳаст ӯ восита.
Ҳар дил ар сомеъ будӣ ваҳйи ниҳон,
Ҳарфу савте кай будӣ андар ҷаҳон?
Гарчи ӯ маҳви Ҳақ асту бесар аст,
Лек кори ман аз он нозуктар аст.
Кардаи ӯ кардаи шоҳ аст, лек
Пеши заъфам бад намоянда-ст нек.
Он чи айни лутф бошад бар авом,
Қаҳр шуд бар нозанинони киром.
Бас балову ранҷ мебояд кашид
Омаро, то фарқро тонанд дид,
К-ин ҳуруфи восита, эй ёри ғор,
Пеши восил хор бошад, хор, хор.
Бас балову ранҷ боясту вуқуф,
То раҳад он рӯҳи софӣ аз ҳуруф.
Лек баъзе з-ин садо картар шуданд,
Боз баъзе софию бартар шуданд.
Ҳамчу оби Нил омад ин бало,
Саъдро об асту хун бар ашқиё.
Ҳар кӣ поёнбинтар, ӯ масъудтар,
Ҷидтар ӯ корад, ки афзун дид бар.
З-он ки донад, к-ин ҷаҳони коштан
Ҳаст баҳри маҳшару бардоштан.
Ҳеч ақде баҳри айни худ набуд,
Балки аз баҳри мақоми рибҳу суд.
Ҳеч набвад мункире, гар бингарӣ,
Мункирияш баҳри айни мункирӣ.

Бал барои қаҳри хасм андар ҳасад,
Ё фузунӣ ҷустану изҳори х(в)ад.
В-он фузунӣ ҳам пайи тамъи дигар,
Бе маъонӣ чошнӣ надҳад сувар.
З-он ҳамепурсӣ, чаро ин мекунӣ?
Ки сувар зайт асту маънӣ равшанӣ.
В-арна ин гуфтан чаро аз баҳри чист?
Чунки сурат баҳри айни суратест.
Ин чаро гуфтан, суол аз фоидаст,
Ҷуз барои ин чаро гуфтан бад аст.
Аз чӣ рӯ фоида ҷӯйӣ, эй амин,
Чун бувад фоидаи ин худ ҳамин.
Пас нуқуши осмон в-аҳли замин
Нест ҳикмат, к-он бувад баҳри ҳамин.
Гар ҳакиме нест, ин тартиб чист?
В-ар ҳакиме ҳаст, чун феълаш тиҳист.
Кас насозад нақши гармоба-в хазоб
Ҷуз пайи қасди савобу носавоб.

## Мутолибаи Мӯсо ҳазратро, ки «халақта халқан ва аҳлактаҳум» ва ҷавоб омадан

Гуфт Мӯсо: «Эй Худованди ҳисоб!
Нақш кардӣ, боз чун кардӣ хароб?
Нарру мода нақш кардӣ ҷонфизо
В-онгаҳон вайрон кунӣ инро чаро?
Гуфт Ҳақ: «Донам, ки ин пурсиш туро
Нест аз инкору ғафлат в-аз ҳаво.
В-арна таъдибу итобат кардаме,
Баҳри ин пурсиш туро озардаме.
Лек мехоҳӣ, ки дар афъоли мо
Бозҷӯйӣ ҳикмату сирри бақо.
То аз он воқиф кунӣ мар омро,
Пухта гардонӣ бад-ин ҳар хомро.
Қосидан соил шудӣ дар кошифӣ
Бар авом, арчи ки ту з-он воқифӣ».
З-он ки ними илм омад ин суол,
Ҳар буруниро набошад ин маҷол.
Ҳам суол аз илм хезад, ҳам ҷавоб
Ҳамчунон ки хору гул аз хоку об.

Ҳам залол аз илм хезад, ҳам ҳудо
Ҳамчунон ки талху ширин аз нидо.
З-ошнойӣ хезад ин буғзу вало
В-аз ғизои хуш бувад суқму қуво.
Мустафиди аъҷамӣ шуд он Калим,
То аҷамёнро кунад з-ин сир алим.
Мо ҳам аз вай аъҷамӣ созем хеш,
Посухаш орем чун бегона пеш.
Харфурӯшон хасми якдигар шуданд,
То калиди қуфли он ақд омаданд.
Пас бифармудаш Худо: «Эй зулубоб!
Чун бипурсидӣ, биё, бишнав ҷавоб:
Мӯсиё! Тухме бикор андар замин,
То ту худ ҳам водиҳӣ инсофи ин».
Чунки Мӯсо кишту шуд кишташ тамом,
Хӯшаҳояш ёфт хубию низом.
Дос бигрифту мар онро мебурид,
Пас нидо аз ғайб дар гӯшаш расид,
Ки чаро киште кунию парварӣ,
Чун камоле ёфт, онро мебурӣ?»
Гуфт: «Ё раб! З-он кунам вайрону паст,
Ки дар ин ҷо дона ҳасту коҳ ҳаст.
Дона лоиқ нест дар анбори коҳ,
Коҳ дар анбори гандум ҳам табоҳ.
Нест ҳикмат ин дуро омехтан,
Фарқ воҷиб мекунад дар бехтан».
Гуфт: «Ин дониш ту аз кӣ ёфтӣ?
Ки ба дониш байдаре барсохтӣ».
Гуфт: «Тамйизам ту додӣ, эй Худо»,
Гуфт: «Пас, тамйиз чун набвад маро?
Дар халоиқ рӯҳҳои пок ҳаст,
Рӯҳҳои тираи гилнок ҳаст.
Ин садафҳо нест дар як мартаба,
Дар яке дурр асту дар дигар шаба.
Воҷиб аст изҳори ин неку табоҳ,
Ҳамчунон-к изҳори гандумҳо зи коҳ.
Баҳри изҳор аст ин халқи ҷаҳон,
То намонад ганҷи ҳикматҳо ниҳон.
«Кунту канзан, кунту махфийян» шунав,
Ҷавҳари худ гум макун, изҳор шав.

## Баёни он ки рӯҳи ҳайвонӣ ва ақли ҷузвӣ ва ваҳму хаёл бар мисоли дӯғанд ва рӯҳи ваҳӣ, ки боқист, дар ин дӯғ ҳамчу равған пинҳон аст

Ҷавҳари сидқат хафӣ шуд дар дурӯғ
Ҳамчу таъми равған андар таъми дӯғ.
Он дурӯғат ин тани фонӣ бувад,
Ростат он ҷони раббонӣ бувад.
Солҳо ин дӯғи тан пайдову фош,
Равғани ҷон андар ӯ фонию лош.
То фиристад Ҳақ расуле, бандае,
Дӯғро дар хумра ҷунбонандае,
То биҷунбонад ба ҳинҷору ба фан,
То бидонам ман, ки пинҳон буд «ман». 3035
Ё каломи бандае, к-он ҷузви ӯст,
Дарравад дар гӯши ӯ, к-ӯ ваҳйҷӯст.
Узни муъмин ваҳйи моро воъӣ аст,
Ончунон гӯше қарини доъӣ аст.
Ҳамчунон ки гӯши тифл аз гуфти мом
Пур шавад, нотиқ шавад ӯ дар калом.
В-ар набошад тифлро гӯши рашад,
Гуфти модар нашнавад, гунге шавад.
Доимо ҳар карри аслӣ гунг буд,
Нотиқ он кас шуд, ки аз модар шунуд. 3040
Дон, ки гӯши карру гунг аз офатест,
Ки пазирои даму таълим нест.
Он ки бетаълим буд нотиқ, Худост,
Ки сифоти ӯ зи иллатҳо ҷудост.
Ё чу Одам, карда талқинаш Худо,
Бе ҳиҷоби модару доя-в изо.
Бо Масеҳе, ки ба таълими вадуд
Дар валодат нотиқ омад дар вуҷуд.
Аз барои дафъи туҳмат дар валод,
Ки назодаст аз зинову аз фасод. 3045
Ҷунбише бояст андар иҷтиҳод,
То ки дӯғ он равған аз дил боздод.
Равған андар дӯғ бошад чун адам,
Дӯғ дар ҳастӣ бароварда алам.
Он ки ҳастат менамояд, ҳаст пӯст,
В-он ки фонӣ менамояд, асл ӯст.

Дӯғ равғанногирифта-сту кухун,
То бинагзинӣ, бинеҳ, харҷаш макун.
Ҳин, бигардонаш ба дониш даст-даст,
То намояд, он чи пинҳон кардааст.
З-он ки ин фонӣ далели боқӣ аст.
Лобаи мастон далели соқӣ аст.

## Мисоли дигар ҳам дар ин маънӣ

Ҳаст бозиҳои он шери алам
Мухбире аз бодҳои муктатам.
Гар набудӣ ҷунбиши он бодҳо,
Шери мурда кай биҷастӣ дар ҳаво?
З-он шиносӣ бодро, гар он сабост,
Ё дабур аст ин, баёни он хафост.
Ин бадан монанди он шери алам,
Фикр меҷунбонад ӯро дам ба дам.
Фикр к-он аз машриқ ояд, он сабост,
В-он ки аз мағриб, дабури бовафост.
Машриқи ин боди фикрат дигар аст,
Мағриби ин боди фикрат з-он сар аст.
Маҳ ҷамод асту бувад шарқаш ҷамод,
Ҷони ҷони ҷон бувад шарқи фуъод.
Шарқи хуршеде, ки шуд ботинфурӯз,
Қишру акси он бувад хуршеди рӯз.
З-он ки чун мурда бувад тан белаҳаб,
Пеши ӯ на рӯз бинмояд, на шаб.
В-ар набошад он чу ин бошад тамом,
Бешабу берӯз дорад интизом.
Ҳамчунон ки чашм мебинад ба хоб
Бе маҳу хуршед моҳу офтоб.
Навми мо чун шуд ахулмавт, эй фалон,
З-ин бародар он бародарро бидон.
В-ар бигӯяндат, ки ҳаст он фаръи ин,
Машнав онро, эй муқаллид, беяқин.
Мебибинад хоб, ҷонат васфи ҳол,
Ки ба бедорӣ набинӣ бист сол.
Дар пайи таъбири он ту умрҳо
Медавӣ сӯйи шаҳони бодаҳо,

Ки бигӯ, он хобро таъбир чист?
Фаръ гуфтан ин чунин сирро сагист.
Хоби ом аст ину худ хоби хавос,
Бошад асли иҷтибову ихтисос.
Пил бояд, то чу хусбад ӯ ситон,
Хоб бинад хиттаи Ҳиндустон.
Хар набинад ҳеч Ҳиндустон ба хоб,
Хар зи Ҳиндустон накардаст иғтироб.
Ҷони ҳамчун пил бояд нек зафт,
То ба хоб ӯ Ҳинд донад рафт тафт.
Зикри Ҳиндустон кунад пил аз талаб,
Пас мусаввар гардад он зикраш ба шаб.
«Узкуруллаҳ» кори ҳар авбош нест,
«Ирҷиъӣ» бар пойи ҳар қаллош нест.
Лек ту оис машав, ҳам пил бош,
В-ар на пилӣ, дар пайи табдил бош.
Кимиёсозони гардунро бибин,
Бишнав аз миногарон ҳар дам танин.
Нақшбандонанд дар ҷавви фалак,
Корсозонанд баҳри «лӣ »-ю «лак».
Гар набинӣ халқи мушкинҷебро,
Бингар, эй шабкӯр, ин осебро.
Ҳар дам осеб аст бар идроки ту,
Набти нав-нав руста бин аз хоки ту.
З-ин буд Иброҳими Адҳам дида хоб
Басти Ҳиндустони дилро беҳиҷоб.
Лоҷарам занҷирҳоро бардарид,
Мамлакат бар ҳам заду шуд нопадид.
Он нишони диди Ҳиндустон бувад,
Ки ҷаҳад аз хобу девона шавад.
Барфишонад хок бар тадбирҳо,
Медаронад ҳалқаи занҷирҳо.
Despite Ончунон ки гуфт пайғамбар зи нур,
Ки нишонаш он бувад андар судур,
Ки таҷофӣ орад аз дорулғурур,
Ҳам инобат орад аз доруссурур.
Баҳри шарҳи ин ҳадиси Мустафо
Достоне бишнав, эй ёри сафо.

**Ҳикояти он подшоҳзода, ки подшоҳии ҳақиқӣ ба вай рӯй намуд, «явма яфирру-л-маръу мин ахиҳи ва уммиҳи ва абиҳи» нақди вақти ӯ шуд – подшоҳии ин хоктӯдаи кӯдактабъон, ки қалъагирӣ ном кунанд: он кӯдак, ки чира омад, ояд, бар сари хокитӯда барояд ва лоф занад, ки қалъа марост. Кӯдакони дигар бар вай рашк баранд, ки «ат-туробу рабеъу-с-сибёни» – он подшоҳзода чу аз қайди рангҳо бираст, гуфт; ман ин хокҳои рангинро ҳамон хоки дун мегӯям, зару атласу иксун намегӯям, ман аз ин иксун растам, ба яксун рафтам ва «отайноҳу-л-ҳукма сабийян». Иршоди Ҳақро мурури солҳо ҳоҷат нест. Дар қудрати «кун фаякун» ҳеч кас сухани қобилият нагӯяд.**

Подшоҳе дошт як барно писар,
Ботину зоҳир музайян аз ҳунар.
Хоб дид ӯ, к-он писар ногаҳ бимурд,
Софии олам бар он шаҳ гашт дурд.
Хушк шуд аз тоби оташ машки ӯ,
Ки намонд аз таффи оташ ашки ӯ.
Ончунон пур шуд зи дуду дард шоҳ,
Ки намеёбид дар вай роҳ оҳ.
Хост мурдан, қолибаш бекор шуд,
Умр монда буд, шаҳ бедор шуд.
Шодие омад зи бедориш пеш,
Ки надида буд андар умри хеш,
Ки зи шодӣ хост ҳам фонӣ шудан,
Бас мутаввақ омад ин ҷону бадан.
Аз дами ғам мебимирад ин чароғ,
В-аз дами шодӣ бимирад, ин-т лоғ.
Дар миёни ин ду марг ӯ зинда аст,
Ин мутаввақшакл ҷойи ханда аст.
Шоҳ бо худ гуфт: «Шодиро сабаб
Ончунон ғам буд аз тасбиби раб».
Эй аҷаб, як чиз аз як рӯйи марг,
В-он зи як рӯйи дигар эҳёву барг.
Он яке нисбат бад-он ҳолат ҳалок,
Боз ҳам он сӯйи дигар имтисок.
Шодии тан сӯйи дунёвӣ камол,
Сӯйи рӯзи оқибат нақсу завол.
Хандаро дар хоб ҳам таъбир хон,
Гиря гӯяд бо дареғу андуҳон.

Гиряро дар хоб шодию фараҳ
Ҳаст дар таъбир, эй соҳибмараҳ!
Шоҳ андешид, к-ин ғам худ гузашт,
Лек ҷон аз ҷинси ин бадзанн гашт.
В-ар расад хоре чунин андар қадам,
Ки равад гул, ёдгоре боядам.
Чун фаноро шуд сабаб бемунтаҳо,
Пас, кадомин роҳро бандем мо?
Сад дарича-в дар суйи марги ладеғ
Мекунад андар гушодан жиғ-жиғ.
Жиғ-жиғи талхи он дарҳои марг,
Нашнавад гӯши ҳарис аз ҳирси барг.
Аз суйи тан дардҳо бонги дар аст,
В-аз суйи хасмон ҷафо бонги дар аст.
Ҷони сар! Бархон даме феҳристи тиб,
Нори иллатҳо назар кун мултаҳиб.
З-он ҳама ғурҳо дар ин хона раҳ аст,
Ҳар ду гоме пур зи каждумҳо чаҳ аст.
Бод тунд асту чароғам абтаре,
З-ӯ бигиронам чароғи дигаре.
То бувад, к-аз ҳар ду як воме шавад,
Гар ба бод он як чароғ аз ҷо равад».
Ҳамчу ориф, к-аз тани ноқисчароғ
Шамъи дил афрӯхт аз баҳри фароғ,
То ки рӯзе, к-ин бимирад ногаҳон,
Пеши чашми худ ниҳад ӯ шамъи ҷон.
Ӯ накард ин фаҳм, пас дод аз ғирар
Шамъи фониро ба фоние дигар.

## Арӯс овардани подшоҳ фарзанди худро аз хавфи инқитоъи насл

«Пас, арӯсе хост бояд баҳри ӯ
То намояд з-ин тазаввуҷ насл рӯ.
Гар равад сӯйи фано ин бозбоз,
Фархи ӯ гардад зи баъди боз боз.
Сурати ин боз гар з-ин ҷо равад,
Маънии ӯ дар валад боқӣ бувад.
Баҳри он фармуд он шоҳи набиҳ,
Мустафо, ки «ал-валад сирру абиҳ».

Баҳри ин маъни̅ ҳама халқ аз шаъаф
Мебиёму̅занд тифлонро ҳираф.
То бимонад он маъони̅ дар ҷаҳон,
Чун шавад он қолиби эшон ниҳон.
Ҳақ ба ҳикмат ҳирсашон додаст ҷидд
Баҳри рушди ҳар зағири мустаъидд.
Ман ҳам аз баҳри давоми насли хеш
Ҷуфт хоҳам пури худро хубкеш.
Духтаре хоҳам зи насли солиҳе,
Не зи насли подшоҳе, колиҳе».
Шоҳ худ ин солиҳ аст, озод у̅ст,
Не асири ҳирси фарҷ асту гулу̅ст.
Мар асиронро лақаб карданд шоҳ,
Акс чун кофур номи он сиёҳ.
Шуд Мафоза бодияй хунхор ном,
Некбахт он песро гу̅янд ом.
Бар асири шаҳвату ҳирсу амал
Барнавишта мир ё садри аҷал.
Он асирони аҷалро ом дод
Ном амирони аҷал андар билод.
Садр хонандаш, ки дар саффи ниъол
Ҷони у̅ паст аст, яъне ҷоҳу мол.
Шоҳ чун бо зоҳиде хеши̅ гузид,
Ин хабар дар гу̅ши хотунон расид.

## Ихтиёр кардани подшоҳ духтари дарвеши зоҳидеро аз ҷиҳати писар ва эътироз кардани аҳли ҳарам ва нанг доштани эшон аз пайвандии дарвеш

Модари шаҳзода гуфт аз нақси ақл:
«Шарти куфвийят бувад дар ақл нақл.
Ту зи шуҳҳу бухл хоҳи̅ в-аз даҳо,
То бибанди̅ пури моро бар гадо».
Гуфт: «Солеҳро гадо гуфтан хатост,
К-у̅ ғаниюлқалб аз доди Худост.
Дар қаноат мегурезад аз туқо,
Н-аз лаимию касал ҳамчун гадо.
Қиллате, к-он аз қаноат в-аз туқост,
Он зи фақру қиллати дунон ҷудост.

Ҳаббае он гар биёбад, сар ниҳад
В-ин зи ганҷи зар ба ҳиммат меҷаҳад.
Шаҳ, ки ӯ аз ҳирси қасди ҳар ҳаром
Мекунад ӯро гадо, гӯяд ҳумом»
Гуфт: «Ку шаҳру қилоъ ӯро ҷиҳез?
Ё нисори гавҳару диноррез?»
Гуфт: «Рав, ҳар кӣ ғами дин баргузид,
Боқии ғамҳо Худо аз вай бурид».
Ғолиб омад шоҳу додаш духтаре,
Аз нажоди солиҳе, хушҷавҳаре.
Дар малоҳат худ назири худ надошт,
Чеҳрааш тобонтар аз хуршеди чошт.
Ҳусни духтар ин, хисолаш ончунон,
К-аз накӯйӣ менагунҷад дар баён.
Сайди дин кун, то расад андар табаъ
Ҳусну молу ҷоҳу бахти мунтафаъ.
Охират қиттори уштур дон ба мулк,
Дар табаъ дунёш ҳамчун пашму пушк.
Пашм бигзинӣ, шутур набвад туро
В-ар бувад уштур, чӣ қимат пашмро?
Чун баромад ин никоҳ он шоҳро
Бо нажоди солиҳони бемиро.
Аз қазо кампираке ҷоду, ки буд
Ошиқи шаҳзодаи боҳусну ҷуд,
Ҷодуе кардаш аҷузай кобулӣ,
Ки барад з-он рашк сеҳри бобилӣ.
Шаҳбача шуд ошиқи кампири зишт,
То арӯсу он арӯсиро биҳишт.
Як сияҳдевею кобулӣ зане,
Гашт бар шаҳзода ногаҳ раҳзане.
Он навадсола аҷузи гандакус
На хирад ҳишт он маликрову на нус.
То ба соле буд шаҳзода асир,
Бӯсаҷояш наъли кафши гандапир.
Суҳбати кампир ӯро медуруд,
То зи коҳаш нимҷоне монда буд.
Дигарон аз заъфи вай бо дарди сар,
Ӯ зи сукри сеҳр аз худ бехабар.
Ин ҷаҳон бар шоҳ чун зиндон шуда
В-он писар бар гиряшон хандон шуда.

Шоҳ бас бечора шуд дар бурду мот,
Рӯзу шаб мекард қурбону закот.
З-он ки ҳар чора, ки мекард он падар,
Ишқи кампирак ҳамешуд бештар.
Пас яқин гашташ, ки мутлақ он сарист,
Чора ӯро баъд аз ин лобагарист.
Саҷда мекард ӯ, ки фармонат равост,
Ғайри Ҳақ бар мулки Ҳақ фармон кирост?
Лек ин мискин ҳамесӯзад чу уд,
Даст гираш, эй раҳиму эй вадуд!
То зи ё раб, ё рабу афғони шоҳ
Соҳире устод пеш омад зи роҳ.

## Мустаҷоб шудани дуъои подшоҳ дар халоси писараш аз ҷодуии кобулӣ

Ӯ шунида буд аз дур ин хабар,
Ки асири пирзан гашт он писар,
К-он аҷуза буд андар ҷодуӣ
Беназиру эмин аз мислу дуӣ.
Даст бар болои даст аст, эй фато,
Дар фану дар рӯз то зоти Худо.
Мунтаҳои дастҳо дасти Худост,
Баҳр бешак мунтаҳои селҳост.
Ҳам аз ӯ гиранд моя абрҳо,
Ҳам бад-ӯ бошад ниҳоят селро.
Гуфт шоҳаш, к-ин писар аз даст рафт,
Гуфт: «Инак омадам дармони зафт.
Нест ҳамто золро аз соҳирон,
Ҷуз мани доҳӣ расида з-он карон.
Чун кафи Мӯсо ба амри Кирдгор,
Нак барорам ман зи сеҳри ӯ димор,
Ки маро ин илм омад з-он тараф,
На зи шогирдии сеҳри мустахаф.
Омадам, то баргушоям сеҳри ӯ,
То намонад шоҳзода зардрӯ.
Сӯйи гӯристон бирав вақти саҳур,
Паҳлуйи девор ҳаст испед гӯр.
Сӯйи қибла бозков он ҷойро,
То бибинӣ қудрату сунъи Худо».
Бас дароз аст ин ҳикоят, ту малул,
Зубдаро гӯям, раҳо кардам фузул.

Он гираҳҳои гаронро баргушод,
Пас зи меҳнат пури шаҳро роҳ дод.
Он писар бо хеш омад, шуд давон
Сӯйи тахти шоҳ бо сад имтиҳон.
Саҷда карду бар замин мезад зақан,
Дар бағал карда писар теғу кафан.
Шоҳ ойин басту аҳли шаҳр шод
В-он арӯси ноумеди бемурод.
Олам аз сар зинда гашту пурфурӯз,
Эй аҷаб! Он рӯз рӯз, имрӯз рӯз.
Як арӯсӣ кард шоҳ ӯро чунон,
Ки ҷулоби қанд буд пеши сагон.
Ҷодуикампир аз ғусса бимурд,
Рӯю хӯйи зишт фо молик супурд.
Шоҳзода дар тааҷҷуб монда буд,
К-аз ман ӯ ақлу назар чун даррабуд?
Наварӯсе дид ҳамчун моҳи ҳусн,
Ки ҳамезад бар малеҳон роҳи ҳусн.
Гашт беҳушу бар ӯ андарфитод,
То се рӯз аз ҷисми вай гум шуд фуод.
Се шабонрӯз ӯ зи худ беҳуш гашт,
То ки халқ аз ғашши ӯ пурҷӯш гашт.
Аз гулобу аз илоҷ омад ба х(в)ад,
Андак-андак фаҳм гашташ неку бад.
Баъди соле гуфт шоҳаш дар сухан,
К-эй писар! Ёд ор аз он ёри куҳан.
Ёд овар з-он заҷеъу з-он фирош,
То бад-ин ҳад бевафову мур мабош».
Гуфт: «Рав, ман ёфтам доруссурур
Вораҳидам аз чаҳи дорулғурур».
Ҳамчунон бошад, чу муъмин роҳ ёфт
Сӯйи нури Ҳақ, зи зулмат рӯй тофт.

## Дар баёни он ки он шаҳзода одамибачча аст, халифазодаи Худост, падараш Одами сафӣ, халифаи Ҳақ, масҷуди малоик ва он кампири кобулӣ дунёст, ки одамибаччаро аз падар бибурид ба сеҳр ва анбиёву авлиё он табиби тадоруккунанда

Эй бародар, дон, ки шаҳзода тувӣ,
Дар ҷаҳони куҳна зода аз навӣ.

Кобулии ҷоду ин дунёст, к-ӯ
Кард мардонро асири рангу бӯ.
Чун дарафгандат дар ин олударӯд,
Дам ба дам мехону медам «қул аъуз».
То раҳӣ з-ин ҷодуию ин қалақ,
Истиъозат хоҳ аз раббулфалақ.
З-он набӣ дунётро саҳҳора хонд,
К-ӯ ба афсун халқро дар чаҳ нишонд.
Ҳин! Фусуни гарм дорад гандапир,
Карда шоҳонро дами гармаш асир. 3195
Дар даруни сина «наффосот» ӯст,
Укдаҳои сеҳрро исбот ӯст.
Соҳирай дунё қавӣ доно занест,
Ҳалли сеҳри ӯ ба пойи ома нест.
В-ар гушодӣ акди ӯро ақлҳо,
Анбиёро кай фиристодӣ Худо?
Ҳин, талаб кун хушдаме укдагушо,
Роздони «яфъалаллаҳ, мо яшо».
Ҳамчу моҳӣ бастаастат ӯ ба шаст,
Шоҳзода монд солею ту шаст. 3200
Шаст сол аз шасти ӯ дар меҳнатӣ,
На хушӣ, на бар тариқи суннатӣ.
Фосиқӣ, бадбахт, на дунёт хуб,
На раҳида аз ваболу аз зунуб.
Нафхи ӯ ин укдаҳоро сахт кард,
Пас, талаб кун нафхаи халлоқи фард,
То «нафахту фиҳи мин рӯҳӣ» туро
Вораҳонад з-ину гӯяд, бартар о.
Ҷуз ба нафхи Ҳақ насӯзад нафхи сеҳр,
Нафхи қаҳр аст ину он дам нафхи меҳр. 3205
Раҳмати ӯ собиқ аст аз қаҳри ӯ,
Собиқӣ хоҳӣ, бирав, собиқ биҷӯ.
То расӣ андар «нуфусин зуввиҷат»,
К-эй шаҳи масҳур! Инак махраҷат.
Бо вуҷуди зол н-ояд инҳилол
Дар шабика-в дар бари он пурдалол.
На бигуфтаст он сироҷи умматон,
Ин ҷаҳону он ҷаҳонро «зарратон»?
Пас, висоли ин фироқи он бувад,
Сиҳҳати ин тан сақоми ҷон бувад. 3210

Сахт меояд фироқи ин мамар?
Пас, фироқи он мақар дон сахттар.
Чун фироқи нақш сахт ояд туро,
То чӣ сахт ояд зи наққошаш ҷудо!
Эй ки сабрат нест аз дунёи дун,
Чун-т сабр аст аз Худо? Эй дӯст, чун?
Чунки сабрат нест з-ин оби сиёҳ,
Чун сабурӣ дорӣ аз чашмаи Илоҳ?
Чунки бе ин шурб кам дорӣ сукун,
Чун зи аброрӣ ҷудо в-аз «яшрибун?»
Гар бибинӣ як нафас ҳусни вадуд,
Андар оташ афганӣ ҷону вуҷуд.
Ҷифа бинӣ баъд аз он ин шурбро,
Чун бибинӣ карру фарри қурбро.
Ҳамчу шаҳзода расӣ дар ёри хеш,
Пас бурун орӣ зи по ту ҷори «хеш».
Ҷаҳд кун, дар бехудӣ худро биёб,
Зудтар, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Ҳар замоне, ҳин, машав бо хеш ҷуфт,
Ҳар замон чун хар дар обу гил маюфт.
Аз қусури чашм бошад он исор,
Ки набинад шебу боло кӯрвор.
Бӯйи пероҳони Юсуф кун санад,
З-он ки бӯяш чашм равшан мекунад.
Сурати пинҳону он нури ҷабин
Карда чашми анбиёро дурбин.
Нури он рухсор бирҳонад зи нор,
Ҳин, машав қонеъ ба нури мустаъор.
Чашмро ин нур ҳолибин кунад,
Ҷисму ақлу рӯҳро гаргин кунад.
Сураташ нур асту дар таҳқиқ нор,
Гар зиё хоҳӣ, ду даст аз вай бидор.
Дам ба дам дар рӯ фитад, ҳар ҷо равад,
Дидаву ҷоне, ки ҳолибин бувад.
Дур бинад дурбини беҳунар,
Ҳамчунон ки дур дидан хоб-дар.
Хуфта бошӣ бар лаби ҷӯ хушклаб,
Медавӣ сӯйи сароб андар талаб.
Дур мебинӣ саробу медавӣ,
Ошиқи он биниши худ мешавӣ.

Мезанӣ дар хоб бо ёрон ту лоф,
Ки манам бинодилу пардашикоф.
Нак бад-он сӯ об дидам, ҳин, шитоб,
То равем он ҷову он бошад сароб.
Ҳар қадам з-ин об тозӣ дуртар
Дав-давон сӯйи сароби боғирар.
Айни он азмат ҳиҷоби ин шуда,
Ки ба ту пайвастаасту омада.
Бас касо азме ба ҷойе мекунад,
Аз мақоме, к-он ғараз дар вай бувад.
Диду лофи хуфта менояд ба кор,
Ҷуз хаёле нест, даст аз вай бидор.
Хобнокӣ, лек ҳам бар роҳ хусб,
Аллаҳ, Аллаҳ, бар раҳи Аллоҳ хусб.
То бувад, ки солике бар ту занад,
Аз хаёлоти нуосат барканад.
Хуфтаро гар фикр гардад ҳамчу мӯй,
Ӯ аз он диққат наёбад роҳи кӯй.
Фикри хуфта гар дутову гар сетост,
Ҳам хато андар хато андар хатост.
Мавҷ бар вай мезанад беэҳтироз,
Хуфта пӯён дар биёбони дароз.
Хуфта мебинад аташҳои шадид,
Об «ақраб минҳу мин ҳаблилварид».

**Ҳикояти он зоҳид, ки дар соли қаҳт шоду хандон буд бо муфлисӣ ва бисёрии аёл ва халқ мемурданд аз гуруснагӣ. Гуфтандаш: «Чӣ ҳангоми шодӣ аст, ки ҳангоми сад таъзият аст». Гуфт: «Маро боре нест»**

Ҳамчунон к-он зоҳид андар соли қаҳт,
Буд ӯ хандону гирён ҷумла раҳт.
Пас бигуфтандаш: «Чӣ ҷойи ханда аст?
Қаҳт бехи муъминон баркандааст.
Раҳмат аз мо чашми худ бардӯхтаст,
З-офтоби тез саҳро сӯхтаст.
Кишту боғу раз сияҳ истодааст,
Дар замин нам нест, на боло, на паст.
Халқ мемиранд з-ин қаҳту азоб
Даҳ-даҳу сад-сад чу моҳӣ дур аз об.

Бар мусулмонон намеорӣ ту раҳм,
Муъминон хешанду як тан шаҳму лаҳм.
Ранҷи як ҷузве зи тан ранҷи ҳама-ст,
Гар дами сулҳ аст ё худ малҳама-ст».
Гуфт: «Дар чашми шумо қаҳт аст ин,
Пеши чашмам чун биҳишт аст ин замин.
Ман ҳамебинам ба ҳар дашту макон
Хӯшаҳо анбуҳ расида то миён.
Хӯшаҳо дар мавҷ аз боди сабо,
Пур биёбон, сабзтар аз гандано.
З-озмун ман даст бар вай мезанам,
Дасту чашми хешро чун барканам?
Ёри Фиръавни танед, эй қавми дун,
З-он намояд мар шуморо Нил хун.
Ёри Мӯсои хирад гардед зуд,
То намонад хуну бинед оби рӯд.
Бо падар аз ту ҷафое меравад,
Он падар дар чашми ту саг мешавад.
Он падар саг нест, таъсири ҷафост,
Ки чунон раҳмат назарро сагнамост.
Гург медиданд Юсуфро ба чашм,
Чунки ихвонро ҳасудӣ буду хашм.
Бо падар чун сулҳ кардӣ, хашм рафт,
Он саге шуд, гашт бобо, ёри тафт.

**Баёни он ки маҷмӯъи олам сурати ақли кулл аст, чун бо ақли кулл ба кажравӣ ҷафо кардӣ, сурати олам туро ғам физояд ағлаби аҳволро, чунон ки дил бо падар бад кардӣ, сурати падар ғам физояд туро ва натавонӣ рӯяшро дидан, агарчи пеш аз он нури дида буда бошаду роҳати ҷон**

Кулли олам сурати ақли кул аст,
К-ӯст бобои ҳар он, к-аҳли «қул» аст.
Чун касе бо ақли кул куфрон фузуд,
Сурати кул пеши ӯ ҳам саг намуд.
Сулҳ кун бо ин падар, оқӣ биҳил,
То ки фарраш зар намояд обу гил.
Пас, қиёмат нақди ҳоли ту бувад,
Пеши ту чарху замин мубдал шавад.

Ман, ки сулҳам доимо бо ин падар,
Ин ҷаҳон чун ҷаннат астам дар назар.
Ҳар замон нав суратею нав ҷамол,
То зи нав дидан фурӯ мирад малол.
Ман ҳамебинам ҷаҳонро пурнаъим,
Обҳо аз чашмаҳо ҷӯшон муқим.
Бонги обаш мерасад дар гӯши ман,
Маст мегардад замиру ҳуши ман.
Шохаҳо рақсон шуда чун тойибон,
Баргҳо кафзан мисоли мутрибон.
Барқи ойина-ст ломеъ аз намад,
Гар намояд ойина, то чун бувад?
Аз ҳазорон менагӯям ман яке,
З-он ки огандаст ҳар гӯш аз шаке.
Пеши ваҳм ин гуфт мужда додан аст,
Ақл гӯяд: «Мужда чӣ? Нақди ман аст».

## Қиссаи фарзандони Узайр, алайҳиссалом, ки аз падар аҳволи падар мепурсиданд. Мегуфт: «Оре, дидамаш, меояд». Баъзе шинохтандаш, беҳуш шуданд, баъзе нашинохтандаш, мегуфтанд: «Худ мужда дод, ин беҳуш шудан чист?»

Ҳамчу пурони Узайр андар гузар
Омада пурсон зи аҳволи падар.
Гашта эшон пиру бобошон ҷавон,
Пас падаршон пеш омад ногаҳон.
Пас бипурсиданд аз ӯ, к-эй раҳгузар!
Аз Узайри мо аҷаб дорӣ хабар?
Ки касемон гуфт, к-имрӯз он санад
Баъди навмедӣ зи берун мерасад.
Гуфт: «Оре, баъди ман хоҳад расид»,
Он яке хуш шуд, чу ин мужда шунид.
Бонг мезад, к-эй мубашшир, бош шод
В-он дигар бишнохт, беҳуш уфтод,
Ки чӣ ҷойи мужда аст, эй хирасар?
Ки дарафтодем дар кони шакар.
Ваҳмро мужда-сту пеши ақл нақд,
З-он ки чашми ваҳм шуд маҳҷуби фақд.

Кофиронро дурду муъминро башир,
Лек накди ҳол дар чашми басир.
З-он ки ошиқ дар дами накд аст маст,
Лоҷарам аз куфру имон бартар аст.
Куфру имон ҳарду худ дарбони ӯст,
К-ӯст мағзу куфру дин ӯро ду пӯст.
Куфр қишри хушки рӯбартофта,
Боз имон қишри лаззатёфта.
Қишрҳои хушкро ҷо оташ аст,
Қишри пайваста ба мағзи ҷон х(в)аш аст.
Мағз худ аз мартабай хуш бартар аст,
Бартар аст аз хуш, ки лаззатгустар аст.
Ин сухан поён надорад, бозгард,
То барорад Мӯсиям аз баҳр гард.
Дархури ақли авом ин гуфта шуд,
Аз сухан боқии он бинҳуфта шуд.
Зарри ақлат реза аст, эй муттаҳам!
Бар қуроза муҳри сикка чун ниҳам?
Ақли ту қисмат шуда бар сад муҳим
Бар ҳазорон орзуву тимму рим.
Ҷамъ бояд кард аҷзоро ба ишқ,
То шавӣ хуш чун Самарқанду Димишқ.
Ҷав-ҷаве чун ҷамъ гардӣ з-иштибоҳ,
Пас, тавон зад бар ту сиккай подшоҳ.
В-ар зи мисқоле шавӣ афзун ту хом,
Аз ту созад шаҳ яке заррина ҷом.
Пас, бар ӯ ҳам ному ҳам алқоби шоҳ
Бошаду ҳам сураташ, эй васлхоҳ!
То ки маъшуқат бувад ҳам нон, ҳам об,
Ҳам чароғу шоҳиду нуқлу шароб,
Ҷамъ кун худро, ҷамоат раҳмат аст,
То тавонам бо ту гуфтан, он чи ҳаст.
З-он ки гуфтан аз барои боварист,
Ҷони ширк аз боварии Ҳақ барист.
Ҷони қисматгашта бар ҳашви фалак,
Дар миёни шаст савдо муштарак.
Пас хамӯшӣ беҳ диҳад ӯро субут,
Пас ҷавоби аҳмақон омад сукут.
Ин ҳамедонам, вале мастии тан
Мегушояд бе муроди ман даҳан.

Ончунон к-аз атсаву аз хомёз
Ин даҳон гардад ба нохоҳи ту боз.

## Тафсири ин ҳадис, ки «Инно лаастағфируллоҳа фӣ кулли явмин сабъина марратан»

Ҳамчу пайғамбар зи гуфтан в-аз нисор
Тавба орам рӯз ман ҳафтод бор.
Лек он мастӣ шавад тавбашикан,
Мунсӣ аст ин, мастии тан ҷомакан.
Ҳикмати изҳори таърихи дароз
Мастие андохт бар донои роз.
Рози пинҳон бо чунин таблу алам,
Оби ҷӯшон гашта аз ҷаффалқалам.
Раҳмати беҳад равона ҳар замон,
Хуфтаед аз дарки он, эй мардумон!
Ҷомаи хуфта хурад аз ҷӯй об,
Хуфта андар хоб ҷӯёи сароб.
Меравад, к-он ҷой бӯйи об ҳаст,
З-ин тафаккур роҳро бар хеш баст.
З-он ки он ҷо гуфт, з-ин ҷо дур шуд,
Бар хаёле аз ҳақе маҳҷур шуд.
Дурбинонанду бас хуфтаравон,
Раҳмате оредашон, эй раҳравон!
Ман надидам, ташнагӣ хоб оварад,
Хоб орад ташнагии бехирад.
Худ хирад он аст, к-ӯ аз Ҳақ чарид,
На хирад к-онро Уторид оварид.

## Баёни он ки ақли ҷузвӣ то ба гӯр беш набинад, дар боқӣ муқаллиди авлиё ва анбиёст

Пешбиний ин хирад то гӯр буд
В-они соҳибдил ба нафхи сур буд.
Ин хирад аз гӯру хоке нагзарад
В-ин қадам арсай аҷоиб наспарад.
З-ин қадам в-ин ақл рав, безор шав,
Чашми ғайбӣ ҷӯю бархурдор шав.
Ҳамчу Мӯсо нур кай ёбад зи ҷеб,
Сухраи устоду шогирди китеб.

З-ин назар в-ин ақл н-ояд ҷуз давор,
Пас, назар бигзору бигзин интизор.
Аз сухан гуфтан маҷӯед иртифоъ,
Мунтазирро беҳ зи гуфтан истимоъ.
Мансиби таълим навъи шаҳват аст,
Ҳар хаёли шаҳвате дар раҳ бут аст.
Гар ба фазлаш пай бибурдӣ ҳар фазул,
Кай фиристодӣ Худо чандин расул?
Ақли ҷузвӣ ҳамчу барқ асту дурахш,
Дар дурахше кай тавон шуд сӯйи Вахш?
Нест нури барқ баҳри раҳбарӣ,
Балки амр аст абрро, ки мегирӣ.
Барқи ақли мо барои гиря аст,
То бигиряд нестӣ дар шавқи ҳаст.
Ақли кӯдак гуфт бар куттоб тан,
Лек натвонад ба худ омӯхтан.
Ақли ранҷур орадаш сӯйи табиб,
Лек набвад дар даво ақлаш мусиб.
Нак, шаётин сӯйи гардун мешуданд,
Гӯш бар асрори боло мезаданд.
Мерабуданд андаке з-он розҳо,
То шуҳуб мерондашон зуд аз само,
Ки равед он ҷо, расуле омадаст,
Ҳар чӣ мехоҳед, з-ӯ ояд ба даст.
Гар ҳамеҷӯед дурри бебаҳо,
«Удхул-л-абёта мин абвобиҳо».
Мезан он ҳалқай дару бар боб бист,
Аз суйи боми фалактон роҳ нест.
Нест ҳоҷаттон бад-ин роҳи дароз,
Хокиеро додаем асрори роз.
Пеши ӯ оед, агар хоин наед,
Найшакар гардед аз ӯ, гарчи наед.
Сабза рӯёнад зи хокат он далел,
Нест кам аз сумми асби Ҷабраил.
Сабза гардӣ, тоза гардӣ, дар навӣ,
Гар ту хоки асби Ҷабриле шавӣ.
Сабзае ҷонбахш, к-онро Сомирӣ
Кард дар гӯсола, то шуд гавҳарӣ,
Ҷон гирифту бонг зад з-он сабза ӯ,
Ончунон бонге, ки шуд фитнай адӯ.

Гар амин оед сӯйи аҳли роз,
Ворахед аз сар кулаҳ монанди боз.
Саркулоҳи чашмбанди гӯшбанд,
Ки аз ӯ боз аст мискину нажанд.
З-он кулаҳ мар чашми бозонро сад аст,
Ки ҳама майлаш суйи ҷинси х(в)ад аст.
Чун бурид аз ҷинс, бо шаҳ гашт ёр,
Баргушояд чашми ӯро боздор.
Ронд девонро Ҳақ аз мирсоди хеш,
Ақли ҷузвиро зи истибдоди хеш,
Ки сарӣ кам кун, наӣ ту мустабидд,
Балки шогирди дилию мустаъидд.
Рав, бари дил рав, ки ту ҷузви дилӣ,
Ҳин, ки бандай подшоҳи одилӣ.
Бандагии ӯ беҳ аз султонӣ аст,
Ки «ано хайрун» дами шайтонӣ аст.
Фарқ бину баргузин ту, эй ҳабис,
Бандагии Одам аз кибри Билис.
Гуфт, он ки ҳаст хуршеди раҳ ӯ,
Ҳарфи Тӯбо ҳар кӣ «заллат нафсуҳу».
Сояи Тӯбо бибину х(в)аш бихусп,
Сар бинеҳ дар соя, бе саркаш бихусп.
Зилли заллат нафсуҳу хуш мазҷаъест,
Мустаъидди он сафоро маҳҷаъест.
Гар аз ин соя равӣ сӯйи манӣ,
Зуд тоғӣ гардию раҳ гум кунӣ.

## Баёни он ки «ё аййуҳа-л-лазина оману, ло туқаддиму байна ядай иллоҳи ва расулиҳ»,

Чун набӣ нестӣ, зи уммат бош,
Чунки султон найӣ, раъият бош,

## пасрави хомӯш бош, аз худ заҳматеву ройе матарош

Пас, бирав, хомӯш бош аз инқиёд
Зери зилли амри шайху устод,
В-арна гарчи мустаъидду қобилӣ,
Масх гардӣ ту зи лофи комилӣ.

Ҳам зи истеъдод вомонӣ, агар
Сар кашӣ з-устоди розу бохабар.
Сабр кун, дар мӯзадӯзӣ ту ҳанӯз
В-ар бувӣ бесабр, гардӣ порадӯз.
Куҳнадӯзон гар будишон сабру ҳилм,
Ҷумла навдӯзон шуданди ҳам ба илм.
Бас бикӯшию ба охир аз калол,
Ҳам ту гӯйӣ хеш, к- «ал-ақлу иқол».
Ҳамчу он марди муфалсиф рӯзи марг,
Ақлро медид бас беболу барг.
Бе ғараз мекард он дам эътироф,
К-аз заковат рондем асб аз газоф.
Аз ғуруре сар кашидем аз риҷол,
Ошино кардем дар баҳри хаёл.
Ошино ҳеч аст андар баҳри рӯҳ,
Нест ин ҷо чора ҷуз киштии Нӯҳ.
Инчунин фармуд он шоҳи русул,
Ки манам киштӣ дар ин дарёи кул.
Ё касе, к-ӯ дар басиратҳои ман
Шуд халифай ростӣ бар ҷойи ман.
Киштии Нӯҳем дар дарё, ки то
Рӯ нагардонӣ зи киштӣ, эй фато!
Ҳамчу Канъон сӯйи ҳар кӯҳе марав,
Аз Нубӣ «ло осима-л-явма» шунав.
Менамояд паст ин киштӣ зи банд,
Менамояд кӯҳи фикрат бас баланд.
Паст мангар, ҳону ҳон, ин пастро,
Бингар он фазли Ҳақи пайвастро.
Дар улувви кӯҳи фикрат кам нигар,
Ки яке мавҷаш кунад зеру забар.
Гар ту Канъонӣ, надорӣ боварам,
Гар дусад чандин насиҳат парварам.
Гӯши Канъон кай пазирад ин калом?
Ки бар ӯ муҳри Худой асту хитом.
Кай гузорад мавъиза бар муҳри Ҳақ?
Кай бигардонад ҳадас ҳукми сабақ.
Лек мегӯям ҳадиси хушпайе,
Бар умеди он ки ту Канъон найӣ.
Охир ин иқрор хоҳӣ кард, ҳин,
Ҳам зи аввал рӯзи охирро бибин.

Метавонӣ дид охирро, макун
Чашми охирбин-тро кӯри куҳун.
Ҳар кӣ охирбин бувад масъудвор,
Набвадаш ҳар дам зи раҳ рафтан исор.
Гар нахоҳӣ ҳар даме ин хуфту хез,
Кун зи хоки пойи марде чашм тез.
Куҳли дида соз хоки пошро,
То бияндозӣ сари авбошро,
Ки аз ин шогирдию з-ин ифтиқор
Сӯзане бошӣ, шавӣ ту зулфиқор.
Сурма кун ту хоки ҳар бигзидаро,
Ҳам бисӯзад, ҳам бисозад дидаро.
Чашми уштур з-он бувад бас нурбор,
К-ӯ хурад аз баҳри нури чашм хор.

## Қиссаи шикояти астар бо шутур, ки ман бисёр дар рӯ меафтам дар роҳ рафтан, ту кам дар рӯйи меоӣ, ин чарост? Ва ҷавоб гуфтани шутур ӯро

Уштуреро дид рӯзе астаре,
Чунки бо ӯ ҷамъ шуд дар охуре.
Гуфт: «Ман бисёр меафтам ба рӯ
Дар гарева-в роҳу дар бозору кӯ.
Хоса аз болои куҳ то зери кӯҳ,
Дар сар оям ҳар замоне аз шикӯҳ.
Кам ҳамеафтӣ ту дар рӯ, баҳри чист?
Ё магар худ ҷони покат давлатест?
Дар сар оям ҳар даму зону занам,
Пӯзу зону з-он хато пурхун кунам.
Каж шавад полону рахтам бар сарам
В-аз мукорӣ ҳар замон захме х(в)арам.
Ҳамчу камақле, ки аз ақли табоҳ
Бишканад тавба ба ҳар дам дар гуноҳ».
Масхарай Иблис гардад дар заман
Аз заъифий рой он тавбашикан.
Дар сар ояд ҳар замон чун асби ланг,
Ки бувад бораш гарону роҳ санг.
Мехурад аз ғайб бар сар захм ӯ
Аз шикасти тавба он идборхӯ.

Боз тавба мекунад бо ройи суст,
Дев як туф карду тавбашро сукуст.
Заъф андар заъфу кибраш ончунон,
Ки ба хорӣ бингарад дар восилон.
Эй шутур, ки ту мисоли муъминӣ,
Кам фитӣ дар рӯву кам бинӣ занӣ.
Ту чӣ дорӣ, ки чунин беофатӣ?
Беисорию кам андар рӯ фитӣ.
Гуфт: «Гарчи ҳар саодат аз Худост,
Дар миёни мову ту бас фарқҳост.
Сарбаландам ман, ду чашми ман баланд,
Биниши олӣ амон аст аз газанд.
Аз сари куҳ ман бибинам пойи кӯҳ,
Ҳар гаву ҳамворро ман тӯҳ-тӯҳ».
Ҳамчунон ки дид он садри аҷал
Пеши кори хеш то рӯзи аҷал.
Он чи хоҳад буд баъди бист сол,
Дид андар ҳол, он некӯхисол.
Ҳоли худ танҳо надид он муттақӣ,
Балки ҳоли мағрибию машриқӣ.
Нур дар чашму дилаш созад сакан,
Баҳри чӣ? Созад пайи ҳуббулватан.
Ҳамчу Юсуф, к-ӯ бидид аввал ба хоб,
Ки суҷудаш кард моҳу офтоб.
Аз паси даҳ сол, балки бештар,
Он чи Юсуф дида буд, бар кард сар.
Нест он «янзур бинуриллаҳ» газоф,
Нури раббонӣ бувад гардуншикоф.
Нест андар чашми ту он нур, рав,
Ҳастӣ андар ҳисси ҳайвонӣ гарав.
Ту зи заъфи чашм бинӣ пеши по,
Ту заъифу ҳам заъифат пешво.
Пешво чашм аст дасту пойро,
К-ӯ бибинад ҷойро, ноҷойро.
Дигар он ки чашми ман равшантар аст,
Дигар он ки хилқати ман атҳар аст.
З-он ки ҳастам ман зи авлоди ҳалол,
На зи авлоди зино в-аҳли залол.
Ту зи авлоди зиноӣ бегумон,
Тир каж паррад, чу бад бошад камон.

## Тасдиқ кардани астар ҷавобҳои шутурро ва иқрор овардан ба фазли ӯ бар худ ва аз ӯ истиъонат хостан ва бад-ӯ паноҳ гирифтан ба сидқ ва навохтани шутур ӯро ва раҳ намудан ва ёрӣ додан падарона ва шоҳона

Гуфт астар: «Рост гуфтӣ, эй шутур»,
Ин бигуфту чашм кард аз ашк пур.
Соате бигристу дар пояш фитод,
Гуфт: «Эй бигзидаи раббулъибод!
Чӣ зиён дорад, гар аз фархундагӣ
Дарпазирӣ ту маро дар бандагӣ?»
Гуфт: «Чун иқрор кардӣ пеши ман,
Рав, ки растӣ ту зи офоти заман.
Додӣ инсофу раҳидӣ аз бало,
Ту адӯ будӣ, шудӣ з-аҳли вало.
Хӯйи бад дар зоти ту аслӣ набуд,
К-аз бади аслӣ наёяд ҷуз ҷуҳуд.
Он бади ориятӣ бошад, ки ӯ
Орад иқрору шавад ӯ тавбаҷӯ.
Ҳамчу Одам, заллаташ ория буд,
Лоҷарам андар замон тавба намуд.
Чунки аслӣ буд ҷурми он Билис,
Раҳ набудаш ҷониби тавбай нафис.
Рав, ки растӣ аз худу аз хӯйи бад
В-аз забонай нору аз дандони дад.
Рав, ки акнун даст дар давлат задӣ,
Дарфигандӣ худ ба бахти сармадӣ.
«Удхулӣ» ту «фӣ ибодӣ» ёфтӣ,
«Удхулӣ фӣ ҷаннатӣ» дарёфтӣ.
Дар ибодаш роҳ кардӣ хешро,
Рафтӣ андар хулд аз роҳи ҷафо.
«Иҳдино» гуфтӣ, «сироти мустақим»
Дасти ту бигрифту бурдат то наъим.
Нор будӣ, нур гаштӣ, эй азиз,
Ғӯра будӣ, гаштӣ ангуру мавиз.
Ахтаре будӣ, шудӣ ту офтоб,
Шод бош, «Аллоҳу аълам би-с-савоб».
Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддин, бигир
Шаҳди хеш, андарфиган дар ҳавзи шир,

То раҳад он шир аз тағйири таъм,
Ёбад аз баҳри маза таксири таъм.
Муттасил гардад бад-он баҳри аласт,
Чунки шуд дарё, зи ҳар тағйир раст,
Манфазе ёбад дар он баҳри асал,
Офатеро набвад андар вай амал.
Ғуррае кун шервор, эй шери Ҳақ,
То равад он ғурра бар ҳафтум табақ.
Чӣ хабар ҷони малули серро?
Кай шиносад муш ғуррай шерро?
Барнавис аҳволи худ бо оби зар
Баҳри ҳар дарёдиле некӯгуҳар.
Оби Нил аст ин ҳадиси ҷонфизо,
Ё рабаш дар чашми қибтӣ хун намо.

## Лоба кардани қибтӣ сибтиро, ки як сабӯ ба нийяти хеш аз Нил пур кун ва бар лаби ман неҳ, то бихӯрам ба ҳаққи дӯстӣ ва бародарӣ, ки сабӯ, ки шумо сибтиён баҳри худ пур мекунед аз Нил, оби соф аст ва сабӯ, ки мо қибтиён пур мекунем, хуни соф аст

Ман шунидам, ки даромад қибтие
Аз аташ андар вусоқи сибтие.
Гуфт: «Ҳастам ёру хешованди ту,
Гаштаам имрӯз ҳоҷатманди ту.
З-он ки Мӯсо ҷодуӣ карду фусун,
То ки оби Нили моро кард хун.
Сибтиён з-ӯ оби софе мехӯранд,
Пеши қибтӣ хун шуд об аз чашмбанд.
Қибт инак мемуранд аз ташнагӣ,
Аз пайи идбори худ ё бадрагӣ.
Баҳри худ як тосро пуроб кун,
То хурад аз онат ин ёри куҳун.
Чун барои худ кунӣ он тос пур,
Хун набошад, об бошад поку ҳур.
Ман туфайли ту бинӯшам об ҳам,
Ки туфайлӣ дар табаҳ бичҳад зи ғам».
Гуфт: «Эй ҷону ҷаҳон! Хидмат кунам,
Пос дорам, эй ду чашми равшанам!

Бар муроди ту равам, шодӣ кунам,
Бандаи ту бошам, озодӣ кунам».
Тосро аз Нил ӯ пуроб кард,
Бар даҳон бинҳоду нимеро бих(в)ард.
Тосро каж кард сӯйи обхоҳ,
Ки бихур ту ҳам, шуд он хуни сиёҳ.
Боз аз ин сӯ кард каж, хун об шуд,
Қибтӣ андар хашму андар тоб шуд.
Соате биншаст, то хашмаш бирафт,
Баъд аз он гуфташ, ки эй самсоми зафт!
Эй бародар! Ин гиреҳро чора чист?
Гуфт: «Инро он хурад, к-ӯ муттақист».
Муттақӣ он аст, к-ӯ безор шуд,
Аз раҳи Фиръавн Мӯсовор шуд.
Қавми Мӯсо шав, бихур ин обро,
Сулҳ кун бо маҳ, бибин маҳтобро.
Сад ҳазорон зулмат аст аз хашми ту,
Бар ибодуллоҳ андар чашми ту.
Хашм биншон, чашм бигшо, шод шав,
Ибрат аз ёрон бигир, устод шав.
Кай туфайли ман шавӣ дар иғтироф?
Чун туро куфрест ҳамчун кӯҳи Қоф.
Кӯҳ дар сӯрохи сӯзан кай равад?
Ҷуз магар, к-он риштаи якто шавад.
Кӯҳро каҳ кун ба истиғфору х(в)аш
Ҷоми мағфурон бигиру хуш бикаш.
Ту бад-ин тазвир кай нӯшӣ аз он?
Чун ҳаромаш кард ҳақ бар кофирон.
Холиқи тазвир тазвири туро
Кай харад? Эй муфтарии муфтаро!
Оли Мӯсо шав, ки ҳилат суд нест,
Ҳилаат боди тиҳӣ паймуданест.
Заҳра дорад об, к-аз амри самад
Гардад ӯ, бо кофирон обӣ кунад?
Ё ту пиндорӣ, ки ту нон мехурӣ?
Заҳри мору коҳиши ҷон мехурӣ.
Нон куҷо ислоҳи он ҷоне кунад?
К-ӯ дил аз фармони ҷонон барканад.
Ё ту пиндорӣ, ки ҳарфи «Маснавӣ»
Чун бихонӣ, ройгонаш бишнавӣ.

Ё каломи ҳикмату сирри ниҳон
Андарояд зағба дар гӯшу даҳон.
Андарояд, лек чун афсонаҳо
Пӯст бинмояд, на мағзи донаҳо.
Дар сару рӯ даркашида чодаре,
Рӯ ниҳон карда зи чашмат дилбаре.
«Шоҳнома» ё «Калила» пеши ту
Ҳамчунон бошад, ки Қуръон аз уту.
Фарқ он гаҳ бошад аз ҳаққу маҷоз,
Ки кунад куҳли иноят чашм боз.
В-арна пушку мушк пеши ахшаме
Ҳар ду яксон аст, чун набвад шаме.
Хештан машғул кардан аз малол,
Бошадаш қасд аз каломи зулҷалол.
К-оташи васвосрову ғуссаро,
З-он сухан биншонаду созад даво.
Баҳри ин миқдор оташ шондан
Оби поку бавл яксон шуд ба фан.
Оташи васвосро ин бавлу об
Ҳар ду биншонанд ҳамчун вақти хоб.
Лек гар воқиф шавӣ з-ин оби пок,
Ки каломи Эзад асту рӯҳнок,
Нест гардад васвасай куллӣ зи ҷон,
Дил биёбад раҳ ба сӯйи гулситон.
З-он ки дар боғею дар ҷӯйе парад,
Ҳар кӣ аз сирри суҳуф бӯйе барад.
Ё ту пиндорӣ, ки рӯйи авлиё,
Ончунон ки ҳаст, мебинем мо?
Дар тааҷҷуб монда пайғамбар аз он:
«Чун намебинанд рӯям муъминон?
Чун намебинанд нури рӯм халқ?
Ки сабақ бурдаст бар хуршеди Шарқ.
В-ар ҳамебинанд, ин ҳайрат чарост?»
То ки ваҳй омад, ки он рӯ дар хафост.
Сӯйи ту моҳ асту сӯйи халқ абр,
То набинад ройгон рӯйи ту габр.
Сӯйи ту дона-сту сӯйи халқ дом,
То нанӯшад ин шароби хос ом.
Гуфт Яздон, ки туро «ҳум янзурун»,
Нақши ҳаммоманд, «ҳум ло юбсирун».

Менамояд сурат, эй суратпараст!
К-он ду чашми мурдаи ӯ нозир аст.
Пеши чашми нақш меорӣ адаб,
К-ӯ чаро посам намедорад? Аҷаб!
Аз чӣ, пас, бепосух аст ин нақши нек,
Ки намегӯяд саломамро алек?
Менаҷунбонад сару сиблат зи ҷуд,
Поси он ки кардамаш ман сад суҷуд.
Ҳақ агарчи сар наҷунбонад бурун,
Поси он завқе диҳад дар андарун,
Ки дусад ҷунбидани сар арзад он,
Сар чунин ҷунбонад охир ақлу ҷон.
Ақлро хидмат кунӣ дар иҷтиҳод,
Поси ақл он аст, к-афзояд рашод.
Ҳақ наҷунбонад ба зоҳир сар туро,
Лек созад бар сарон сарвар туро.
Мар туро чизе диҳад Яздон ниҳон,
Ки суҷуди ту кунанд аҳли ҷаҳон.
Ончунон ки дод сангеро ҳунар,
То азизи халқ шуд, яъне ки зар.
Қатраи обе биёбад лутфи Ҳақ,
Гавҳаре гардад, барад аз зар сабақ.
Ҷисм хок асту чу Ҳақ тобеш дод,
Дар ҷаҳонгирӣ чу маҳ шуд устод.
Ҳин тилисм аст ину нақши мурда аст,
Аҳмақонро чашмаш аз раҳ бурдааст.
Менамояд ӯ, ки чашме мезанад,
Абалаҳон созидаанд ӯро санад.

## Дархостани қибтӣ дуъои хайр ва ҳидоят аз сибтӣ ва дуъо кардани сибтӣ қибтиро ба хайр ва мустаҷоб шудан аз акраму-л-акрамин ва арҳаму-р-роҳимин

Гуфт қибтӣ: «Ту дуъое кун, ки ман
Аз сиёҳий дил надорам он дахан,
Ки бувад, ки қуфли ин дил вошавад,
Зиштро дар базми хубон ҷо шавад.
Масхе аз ту соҳиби хубӣ шавад,
Ё Билисе боз каррубӣ шавад.

Ё ба фарри дасти Марям бӯйи мушк
Ёбаду таррию мева шохи хушк».
Сибтӣ он дам дар суҷуд афтоду гуфт,
К-эй Худои олими ҷаҳру ниҳуфт,
Ҷуз ту пеши кӣ барорад банда даст?
Ҳам дуъову ҳам иҷобат аз ту аст.
Ҳам зи аввал ту диҳӣ майли дуъо,
Ту диҳӣ охир дуъоҳоро ҷазо.
Аввалу охир туӣ, мо дар миён,
Ҳечи ҳечӣ, ки наёяд дар баён.
Инчунин мегуфт, то афтод ташт
Аз сари бому дилаш беҳуш гашт.
Боз омад ӯ ба ҳуш андар дуъо,
«Лайса ли-л-инсони илло мо саъо».
Дар дуъо буд ӯ, ки ногаҳ наърае
Аз дили қибтӣ биҷасту ғуррае,
Ки ҳало, биштобу имон арза кун,
То бибуррам зуд зуннори куҳун.
Оташе дар ҷони ман андохтанд,
Мар Билисеро ба ҷон бинвохтанд.
Дӯстии туву аз ту ношигифт,
Ҳамдулиллаҳ, оқибат дастам гирифт.
Кимиёе буд суҳбатҳои ту,
Кам мабод аз хонаи дил пойи ту.
Ту яке шохе будӣ аз нахли хулд,
Чун гирифтам, ӯ маро то хулд бурд.
Сел буд, он ки танамро даррабуд,
Бурд селам то лаби дарёи ҷуд.
Ман ба бӯйи об рафтам сӯйи сайл,
Баҳр дидам, даргирифтам кайл-кайл.
Тос овардаш, ки акнун об гир»,
Гуфт: «Рав, шуд обҳо пешам ҳақир.
Шарбате хӯрдам зи «Аллоҳ аштаро»,
То ба маҳшар ташнагӣ н-ояд маро.
Он ки ҷӯю чашмаҳоро об дод,
Чашмае дар андаруни ман гушод.
Ин ҷигар, ки буд гарму обхор,
Гашт пеши ҳиммати ӯ об хор».
Кофи кофӣ омад ӯ баҳри ибод
Сидқи ваъдай «коф», «ҳо», «ё», «айн», «сод».

Кофиям, бидҳам туро ман ҷумла хайр,
Бесабаб, бевоситай ёрии ғайр.
Кофиям, бе нон туро серӣ диҳам,
Бе сипоҳу лашкарат мирӣ диҳам.
Бе баҳорат наргису насрин диҳам,
Бе китобу усто талқин диҳам.
Кофиям, бе доруят дармон кунам,
Гӯррову чоҳро майдон кунам.
Мӯсиеро дил диҳам бо як асо,
То занад бар оламе шамшерҳо.
Дасти Мӯсоро диҳам як нуру тоб,
Ки тапонча мезанад бар офтоб.
Чӯбро море кунам ман ҳафтсар,
Ки назояд модамор ӯро зи нар.
Хун наёмезам дар оби Нил ман,
Худ кунам хун айни обашро ба фан.
Шодиятро ғам кунам чун оби Нил,
Ки наёбӣ сӯйи шодиҳо сабил.
Боз чун таҷдиди имон бартанӣ,
Боз аз Фиръавн безорӣ кунӣ.
Мӯсии раҳмат бибинӣ омада,
Нили хун бинӣ, аз ӯ обе шуда.
Чун сари ришта нигаҳ дорӣ дарун,
Нили завқи ту нагардад ҳеч хун.
Ман гумон бурдам, ки имон оварам,
То аз ин тӯфони хун обе х(в)арам.
Ман чӣ донистам, ки табдиле кунад,
Дар ниҳоди ман маро Ниле кунад.
Сӯйи чашми худ яке Нилам равон,
Барқарорам пеши чашми дигарон.
Ҳамчунон ки ин ҷаҳон пеши набӣ
Ғарқи тасбеҳ асту пеши мо ғабӣ.
Пеши чашмаш ин ҷаҳон пуришқу дод,
Пеши чашми дигарон мурда-в ҷамод.
Пасту боло пеши чашмаш тезрав,
Аз кулӯху хишт, ӯ нукташунав.
Бо авом ин ҷумла баста-в мурдае,
З-ин аҷабтар ман надидам пардае.
Гӯрҳо яксон ба пеши чашми мо,
Равзаву ҳуфра ба чашми авлиё.

Ома гуфтандӣ, ки пайғамбар туруш
Аз чӣ гаштасту шудаст ӯ завққуш?
Хос гуфтандӣ, ки сӯйи чашматон
Менамояд ӯ туруш, эй умматон!
Як замон дар чашми мо оед, то
Хандаҳо бинед андар «ҳал ато».
Аз сари амрудбун бинмояд он,
Мунъакиссурат, ба зер о, эй ҷавон!
Он дарахти ҳастӣ аст амрудбун,
То бар он ҷое намояд нав куҳун.
То бар он ҷое бибинӣ хорзор
Пур зи каждумҳои хашму пур зи мор.
Чун фуруд ойӣ, бибинӣ ройгон,
Як ҷаҳон пур гулрухону доягон.

**Ҳикояти он зани палидкор, ки шавҳарро гуфт, ки он хаёлот аз сари амрудбун менамояд туро, ки чунинҳо намояд чашми одамиро сари он амрудбун. Аз сари амрудбун фуруд ой, то он хаёлҳо биравад ва агар касе гӯяд, ки он чи он мардумӣ дид, хаёл набуд, ҷавоби он мисолест, на мисл. Дар мисол ҳамин қадар бас бувад, ки агар бар сари амрудбун нарафтӣ, ҳаргиз онҳо надидӣ, хоҳ хаёл, хоҳ ҳақиқат**

Он зане мехост, то бо мули худ
Барзанад дар пеши шӯйи гӯли худ.
Пас ба шавҳар гуфт зан, к-эй некбахт
Ман бароям мева чидан бар дарахт.
Чун баромад бар дарахт он зан, гирист,
Чун зи боло сӯйи шавҳар бингарист.
Гуфт шавҳарро, ки эй маъбуни рад,
Кист он луте, ки бар ту мефитад?
Ту ба зери ӯ чу зан биғнудаӣ,
Эй фалон! Ту худ муханнас будаӣ?
Гуфт шавҳар: На, сарат гӯйӣ бигашт
В-арна ин ҷо нест ғайри ман ба дашт.
Зан мукаррар кард, к-он бо бартула,
Кист бар пуштат фурӯ хуфта? Ҳала!
Гуфт: «Эй зан, ҳин, фуруд о аз дарахт,
Ки сарат гашту хариф гаштӣ ту сахт».

Чун фуруд омад, баромад шавҳараш,
Зан кашид он мулро андар бараш.
Гуфт шавҳар: «Кист он, эй рӯсапӣ!
Ки ба болои ту омад чун капӣ?»
Гуфт зан: «На, нест ин ҷо ғайри ман,
Ҳин, сарат баргашта шуд, ҳарза матан». 3555
Ӯ мукаррар кард бар зан он сухун,
Гуфт зан: «Ин ҳаст аз амрудбун.
Аз сари амрудбун ман ҳамчунон,
Каж ҳамедидам, ки ту, эй қалтабон!
Ҳин, фуруд о, то бибинӣ ҳеч нест,
Ин ҳама тахйил аз амрудбунест».
Ҳазл таълим аст, онро ҷид шунав,
Ту машав бар зоҳири ҳазлаш гарав.
Ҳар ҷиде ҳазл аст пеши ҳозилон,
Ҳазлҳо ҷидд аст пеши оқилон. 3560
Коҳилон амрудбун ҷӯянд, лек
То бад-он амрудбун роҳест нек.
Нақл кун з-амрудбун, к-акнун бар ӯ
Гаштаӣ ту хирачашму хирарӯ.
Ин манию ҳастии аввал бувад,
Ки бар ӯ дида кажу аҳвал бувад.
Чун фуруд ойӣ аз ин амрудбун,
Каж намояд фикрату чашму сухун.
Як дарахти бахт бинӣ гашта ин,
Шохи ӯ бар осмони ҳафтумин. 3565
Чун фуруд ойӣ, аз ӯ гардӣ ҷудо,
Мубдалаш гардонад аз раҳмат Худо.
З-ин тавозуъ, ки фуруд ойӣ, Худо
Ростбинӣ бахшад он чашми туро.
Ростбинӣ гар будӣ осону заб,
Мустафо кай хостӣ онро зи раб?
Гуфт: «Бинмо ҷузв-ҷузв аз фавқу паст,
Ончунон ки пеши ту он ҷузв ҳаст».
Баъд аз он баррав бар он амрудбун,
Ки мубаддал гашту сабз аз амри «кун». 3570
Чун дарахти мӯсавӣ шуд ин дарахт,
Чун суйи Мӯсо кашонидӣ ту рахт,
Оташ ӯро сабзу хуррам мекунад,
Шохи ӯ «иннӣ аналлаҳ» мезанад.

Зери зиллаш ҷумла ҳоҷотат раво,
Инчунин бошад илоҳӣ кимиё.
Он манию ҳастият бошад ҳалол,
Ки дар ӯ бинӣ сифоти зулҷалол.
Шуд дарахти каж муқаввам ҳақнамо,
«Аслуҳу собит ва фаръуҳ фӣ-с-само».

## Боқии қиссаи Мӯсо, алайҳиссалом

К-омадаш пайғом аз ваҳйи муҳим,
Ки кажӣ бигзор акнун, «фастақим».
Ин дарахти тан асои Мӯсӣ аст,
К-амраш омад, ки бияндозаш зи даст.
То бибинӣ хайри ӯву шарри ӯ,
Баъд аз он баргир ӯро з-амри ҳу.
Пеш аз афгандан набуд ӯ ғайри чӯб,
Чун ба амраш баргирифтӣ, гашт хуб.
Аввал ӯ буд баргафшон барраро,
Гашт муъҷиз он гурӯҳи ғарраро.
Гашт ҳоким бар сари фиръавниён,
Обашон хун карду каф бар сар занон.
Аз мазореъшон баромад қаҳту марг,
Аз малаххое, ки мехӯрданд барг,
То баромад бехуд аз Мӯсӣ дуъо,
Чун назар афтодаш андар рустаҳо,
К-ин ҳама эъҷозу кӯшидан чарост?
Чун нахоҳанд ин ҷамоат гашт рост.
Амр омад, к-иттибоъи Нӯҳ кун,
Тарки поёнбинии машрӯҳ кун.
З-он тағофул кун, чу доъии раҳӣ
Амри «баллиғ» ҳаст, набвад он тиҳӣ.
Камтарин ҳикмат, к-аз ин илҳоҳи ту
Ҷилва гардад он лиҷоҷу он уту.
То ки раҳ бинмудану излоли Ҳақ
Фош гардад бар ҳама аҳли фирақ.
Чунки мақсуд аз вуҷуд изҳор буд,
Боядаш аз панду иғво озмуд.
Дев илҳоҳи ғавоят мекунад,
Шайх илҳоҳи ҳидоят мекунад.

Чун паёпай гашт он амри шуҷун,
Нил меомад саросар ҷумла хун.
То ба нафси хеш Фиръавн омадаш,
Лоба мекардаш, дуто гашта қадаш,
К-он чи мо кардем, эй султон, макун,
Нест моро рӯйи эроди сухун.
Пора-пора гардамат фармонпазир,
Ман ба иззат хӯгарам, сахтам магир.
Ҳин, биҷунбон лаб ба раҳмат, эй амин!
То бибандад ин даҳонай оташин».
Гуфт: «Ё раб, мефиребад ӯ маро,
Мефиребад ӯ фиребандай туро.
Бишнавам? Ё ман диҳам ҳам худъааш?
То бидонад аслро он фаръкаш,
К-асли ҳар макрею ҳилат пеши мост,
Ҳар чӣ бар хок аст, аслаш бар самост.
Гуфт Ҳақ: «Он саг наярзад ҳам бад-он,
Пеши саг андоз аз дур устухон.
Ҳин, биҷунбон он асо, то хокҳо
Водиҳад, ҳар чӣ малах кардаш фано.
В-он малахҳо дарзамон гардад сиёҳ,
То бибинад халқ табдили Илоҳ,
Ки сабабҳо нест ҳоҷат мар маро,
Он сабаб баҳри ҳиҷоб асту ғито,
То табиъӣ хеш бар дору занад,
То мунаҷҷим рӯ ба истора кунад,
То мунофиқ аз ҳарисӣ бомдод
Сӯйи бозор ояд аз бими касод.
Бандагӣ нокардаву ношуста рӯй,
Луқмаи дӯзах бигашта луқмаҷӯй.
Окилу маъкул омад ҷони ом
Ҳамчу он баррай чаранда аз ҳутом.
Мечарад он барраву қассоб шод,
К-ӯ барои мо чарад барги мурод.
Кори дӯзах мекунӣ дар хӯрданӣ,
Баҳри ӯ худро ту фарбеҳ мекунӣ.
Кори худ кун, рӯзии ҳикмат бичар,
То шавад фарбеҳ дили бокарруфар.
Хӯрдани тан монеъи ин хӯрдан аст,
Ҷон чу бозаргону тан чун раҳзан аст.

Шамъи тоҷир он гаҳ аст афрӯхта,
Ки бувад раҳзан чу ҳезум сӯхта,
Ки ту он ҳушию боқӣ ҳушпӯш,
Хештанро гум макун, ёва макӯш.
Дон, ки ҳар шаҳват чу хамр асту чу банг,
Пардаи ҳуш асту оқил з-ӯст данг.
Хамр танҳо нест сармастии ҳуш,
Ҳар чӣ шаҳвонист, бандад чашму гӯш.
Он Билис аз хамр хӯрдан дур буд,
Маст буд ӯ аз такаббур в-аз ҷуҳуд.
Маст он бошад, ки он бинад, ки нест,
Зар намояд, он чи миссу оҳанест.
Ин сухан поён надорад, Мӯсиё,
Лаб биҷунбон, то бурун рӯжад гиё».
Ҳамчунон карду ҳам андар дам замин
Сабз гашт аз сунбулу ҳабби самин.
Андарафтоданд дар лут он нафар
Қаҳтдида, мурда аз ҷӯъулбақар.
Чанд рӯзе сер хӯрданд аз ато
Он дамию одамию чорпо.
Чун шикам пур гашту бар неъмат заданд
В-он зарурат рафт, пас тоғӣ шуданд.
Нафс Фиръавнест, ҳон, шераш макун,
То наёрад ёд аз он куфри куҳун.
Бе тафи оташ нагардад нафс хуб,
То нашуд оҳан чу ахгар, ҳин, макӯб.
Бе маҷоат нест тан ҷунбишкунон,
Оҳани сардест, мекӯбӣ бад-он.
Гар бигиряд в-ар биноладзор-зор,
Ӯ нахоҳад шуд мусулмон, ҳуш дор.
Ӯ чу Фиръавн аст дар қаҳт ончунон
Пеши Мӯсо сар ниҳад лобакунон.
Чунки мустағнӣ шуд ӯ, тоғӣ шавад,
Хар чу бор андохт, искеза занад.
Пас фаромӯшаш шавад, чун рафт пеш
Кори ӯ з-он оҳу зориҳои хеш.
Солҳо марде, ки дар шаҳре бувад,
Як замон, ки чашм дар хобе равад,
Шаҳри дигар бинад ӯ пурнеку бад,
Ҳеч дар ёдаш наёяд шаҳри х(в)ад,

Ки ман он ҷо будаам, ин шаҳри нав
Нест они ман, дар ин ҷоям гарав.
Бал чунон донад, ки худ пайваста ӯ
Ҳам дар ин шаҳраш будаст ибдоъу хӯ.
Чӣ аҷаб, гар рӯҳ мавтинҳои хеш,
Ки будасташ маскану милод пеш,
Менаёрад ёд? К-ин дунё чу хоб,
Мефурӯпӯшад чу ахтарро саҳоб.
Хоса чандин шаҳрҳоро кӯфта,
Гардҳо аз дарки ӯ норӯфта.
Иҷтиҳоди гарм нокарда, ки то
Дил шавад софу бибинад моҷаро.
Сар бурун орад дилаш аз бухши роз,
Аввалу охир бибинад чашми боз.

## Атвор ва манозили хилқати одамӣ аз ибтидо

Омада аввал ба иқлими ҷамод
В-аз ҷамодӣ дар наботӣ уфтод.
Солҳо андар наботӣ умр кард
В-аз ҷамодӣ ёд н-овард аз набард.
В-аз наботӣ чун ба ҳайвонӣ фитод,
Н-омадаш ҳоли наботӣ ҳеч ёд.
Ҷуз ҳамин майле, ки дорад сӯйи он,
Хоса дар вақти баҳору займарон.
Ҳамчу майли кӯдакон бо модарон,
Сирри майли худ надонад дар либон.
Ҳамчу майли муфрити ҳар навмурид
Сӯйи он пири ҷавонбахти маҷид.
Ҷузви ақли ин аз он ақли кул аст,
Ҷунбиши ин соя з-он шохи гул аст.
Сояаш фонӣ шавад охир дар ӯ,
Пас бидонад сирри майлу ҷустуҷӯ.
Сояи шохи дигар, эй некбахт,
Кай биҷунбад, гар наҷунбад ин дарахт?
Боз аз ҳайвон суйи инсонияш,
Мекашид он холиқе, ки донияш.
Ҳамчунин иқлим то иқлим рафт,
То шуд акнун оқилу донову зафт.

Ақлҳои аввалинаш ёд нест,
Ҳам аз ин ақлаш таҳаммул карданест.
То раҳад з-ин ақли пурҳирсу талаб,
Сад ҳазорон ақл бинад булъаҷаб.
Гар чу хуфта гашту шуд носӣ зи пеш,
Кай гузорандаш дар он нисёни хеш?
Боз аз он хобаш ба бедорӣ кашанд,
Ки кунад бар ҳолати худ ришханд.
Ки чӣ ғам буд, он ки мехӯрдам ба хоб?
Чун фаромӯшам шуд аҳволи савоб?
Чун надонистам, ки он ғам в-эътилол
Феъли хоб асту фиреб асту хаёл.
Ҳамчунон дунё, ки ҳулми ноим аст,
Хуфта пиндорад, ки ин худ доим аст.
То бараояд ногаҳон субҳи аҷал,
Вораҳад аз зулмати занну дағал.
Хандааш гирад аз он ғамҳои хеш,
Чун бибинад мустақарру ҷойи хеш.
Ҳар чӣ ту дар хоб бинӣ неку бад,
Рӯзи маҳшар як ба як пайдо шавад.
Он чи кардӣ андар ин хоби ҷаҳон,
Гардадат ҳангоми бедорӣ аён.
То напиндорӣ, ки ин бад карданест,
Андар ин хобу туро таъбир нест.
Балки ин ханда бувад гиря-в зафир
Рӯзи таъбир, эй ситамгар, бар асир!
Гиряву дарду ғаму зории худ
Шодмонӣ дон ба бедории худ.
Эй дарида пӯстини юсуфон,
Гург бархезӣ аз ин хоби гарон.
Гашта гургон як ба як хӯҳои ту,
Медаронанд аз ғазаб аъзои ту.
Хун нахусбад баъди маргат дар қисос,
Ту магӯ, ки мурдаму ёбам халос.
Ин қисоси нақд ҳилатсозӣ аст,
Пеши захми он қисос он бозӣ аст.
З-ин «лаъиб» хондаст дунёро Худо,
К-ин ҷазо лаъб аст пеши он ҷазо.
Ин ҷазо таскини ҷангу фитнаест,
Он чу ихсо асту ин чун хатнаест.

## Баёни он ки халқи дӯзах гуруснагонанд ва нолонанд ба Ҳақ, ки рӯзиҳои моро фарбеҳ гардон ва зуд зод ба мо расон, ки моро сабр намонд

Ин сухан поён надорад, Мӯсиё,
Ҳин, раҳо кун он харонро дар гиё,
То ҳама з-он хушалаф фарбеҳ шаванд,
Ҳин, ки гургонанд моро, хашмманд.
Нолаи гургони худро муқинем,
Ин харонро туъмаи эшон кунем.
Ин харонро кимиёи хушдамӣ
Аз лаби ту хост кардан одамӣ.
Ту басе кардӣ ба даъват лутфу ҷуд,
Он харонро толеъу рӯзӣ набуд.
Пас, фурӯ пӯшон лиҳофи неъмате,
То барадшон зуд хоби ғафлате.
То чу биҷҳанд аз чунин хоб ин рада,
Шамъ мурда бошаду соқӣ шуда.
Дошт туғёншон туро дар ҳайрате,
Пас бинӯшанд аз ҷазо ҳам ҳасрате,
То ки адли мо қадам берун ниҳад,
Дар ҷазо ҳар зиштро дархур диҳад,
К-он шаҳе, ки менадидандиш фош,
Буд бо эшон, ниҳон андар маош.
Чун хирад бо туст мушриф бар танат,
Гарчи з-ӯ қосир бувад ин диданат,
Нест қосир дидани ӯ, эй фалон,
Аз сукуну ҷунбишат дар имтиҳон.
Чӣ аҷаб гар холиқи он ақл низ
Бо ту бошад, чун найӣ ту мустаҷиз?
Аз хирад ғофил шавад, бар бад танад,
Баъди он ақлаш маломат мекунад.
Ту шудӣ ғофил зи ақлат, ақл не,
К-аз ҳузурасташ маломат кардане.
Гар набудӣ ҳозиру ғофил будӣ,
Дар маломат кай туро силӣ задӣ?
В-ар аз ӯ ғофил набудӣ нафси ту,
Кай чунон кардӣ ҷунуну тафси ту?
Пас туву ақлат чу устурлоб буд,
З-ин бидонӣ қурби хуршеди вуҷуд.

Қурби бечун аст ақлатро ба ту,
Нест чаппу росту пас ё пеши рӯ.
Қурби бечун чун набошад шоҳро?
Ки наёбад баҳси ақл он роҳро.
Нест он ҷунбиш, ки дар исбаъ турост,
Пеши исбаъ ё пасаш, ё чаппу рост.
Вақти хобу марг аз вай меравад,
Вақти бедорӣ қаринаш мешавад.
Аз чӣ раҳ меояд андар исбаъат?
К-исбаъат бе ӯ надорад манфаъат.
Нури чашму мардумак дар дидаат
Аз чӣ раҳ омад ба ғайри шаш ҷиҳат?
Олами халқ аст бо сӯю ҷиҳот,
Беҷиҳат дон олами амру сифот.
Беҷиҳат дон олами амр, эй санам,
Беҷиҳаттар бошад амри лоҷарам.
Беҷиҳат буд ақлу «аллому-л-баён»,
Ақлтар аз ақлу ҷонтар ҳам зи ҷон.
Бетааллуқ нест махлуқе бад-ӯ,
Он тааллуқ ҳаст бечун, эй аму!
З-он ки фаслу васл набвад дар равон,
Ғайри фаслу васл наншинад гумон.
Ғайри фазлу фасл пай бар аз далел,
Лек пай бурдан бинаншонад ғалил.
Пай-паёпай мебар, ар дурӣ зи асл,
То раги мардит орад сӯйи васл.
Ин тааллуқро хирад чун раҳ барад?
Бастаи фасл асту асл аст ин хирад.
З-ин васийят кард моро Мустафо:
«Баҳс кам ҷӯед дар зоти Худо».
Он ки дар зоташ тakаббур карданист,
Дар ҳақиқат он назар дар зот нест.
Ҳаст он пиндори ӯ зеро ба роҳ
Сад ҳазорон парда омад то Илоҳ.
Ҳар яке дар пардае мавсули хӯст,
Ваҳми ӯ он аст, к-он худ айни ҳӯст.
Пас паямбар дафъ кард ин ваҳм аз ӯ,
То набошад дар ғалат савдопаз ӯ.
В-он ки андар ваҳми ӯ тарки адаб
Беадабро сарнигунӣ дод раб.

Сарнигунӣ он бувад, к-ӯ сӯйи зер
Меравад пиндорад ӯ, к-ӯ ҳаст чир.
З-он ки ҳадди маст бошад инчунин,
К-ӯ надонад осмонро аз замин.
Дар аҷабҳояш ба фикр андарравед,
Аз азимӣ в-аз маҳобат гум шавед.
Чун зи сунъаш ришу сиблат гум кунад,
Ҳадди худ донад, зи сонеъ тан занад.
Ҷуз, ки «ло уҳсӣ» нагӯяд ӯ зи ҷон,
К-аз шумору ҳад бурун аст он баён.

## Рафтани Зулқарнайн ба кӯҳи Қоф ва дархост кардан, ки эй кӯҳи Қоф! Аз азимати сифати Ҳақ моро бигӯ ва гуфтани кӯҳи Қоф, ки сифати азимати ӯ дар гуфт наёяд, ки пеши он идрокҳо фано шавад ва лоба кардани Зулқарнайн, ки аз саноеъаш, ки дар хотир дорӣ ва бар ту гуфтани он осонтар бувад, бигӯй

Рафт Зулқарнайн сӯйи кӯҳи Қоф,
Дид ӯро, к-аз зумуррад буд соф.
Гирди олам ҳалқа гашта ӯ муҳит,
Монд ҳайрон андар он халқи басит.
Гуфт: «Ту кӯҳӣ, дигарҳо чистанд,
Ки ба пеши изми ту бозистанд?»
Гуфт: «Рагҳои мананд он кӯҳҳо,
Мисли ман набванд дар ҳусну баҳо.
Ман ба ҳар шаҳре раге дорам ниҳон,
Бар уруқам баста атрофи ҷаҳон.
Ҳақ чу хоҳад зилзилай шаҳре маро,
Гӯяд ӯ, ман барҷаҳонам иркро.
Пас биҷунбонам ман он рагро ба қаҳр,
Ки бад-он раг муттасил гаштаст шаҳр.
Чун бигӯяд бас, шавад сокин рагам,
Сокинам в-аз рӯйи феъл андар тагам.
Ҳамчу марҳам сокину бас коркун,
Чун хирад сокин в-аз ӯ ҷунбон сухун».
Назди он кас, ки надонад ақлаш ин,
Зилзила ҳаст аз бухороти замин.

**Мӯре бар коғаз мерафт, набиштани қалам дид, қаламро ситудан гирифт. Мӯре дигар, ки чашмтезтар буд, гуфт: «Ситоиш ангуштонро кун, ки он ҳунар аз эшон мебинам». Мӯре дигар, ки аз ҳар ду чашмравшантар буд, гуфт: «Ман бозуро ситоям, ки ангуштон фаръи бозуянд», ило охириҳ...**

Мӯраке бар коғазе дид ӯ қалам,
Гуфт бо мӯри дигар ин роз ҳам,
Ки аҷоиб нақшҳо он килк кард,
Ҳамчу райҳону чу савсанзору вард.
Гуфт он мӯр: «Исбаъ аст он пешавар,
В-ин қалам дар феъл фаръ асту асар».
Гуфт он мӯри севум, к-аз бозу аст,
К-исбаъи лоғар зи зӯраш нақш баст.
Ҳамчунин мерафт боло, то яке
Меҳтари мӯрон фатин буд андаке.
Гуфт, к-аз сурат мабинед ин ҳунар,
Ки ба хобу марг гардад бехабар.
Сурат омад чун либосу чун асо,
Ҷуз ба ақлу ҷон наҷунбад нақшҳо.
Бехабар буд ӯ, ки он ақлу фуод
Бе зи тақлиби Худо бошад ҷамод.
Як замон аз вай иноят барканад,
Ақли зирак аблаҳиҳо мекунад.
Чун-ш гӯё ёфт Зулқарнайн, гуфт
Чунки кӯҳи Қоф дурри нутқ суфт,
К-эй сухангӯйи хабири роздон,
Аз сифоти ҳақ бикун бо ман баён.
Гуфт: «Рав, к-он васф аз он ҳойилтар аст,
Ки баён бар вай тавонад бурд даст.
Ё қаламро заҳра бошад, ки ба сар
Барнависад бар саҳоиф з-он хабар».
Гуфт: «Камтар достоне бозгӯ
Аз аҷабҳои Ҳақ, эй ҳабри накӯ!»
Гуфт: «Инак дашти сесадсола роҳ
Кӯҳҳои барф пур кардаст шоҳ.
Кӯҳ бар куҳ бешумору беадад,
Мерасад дар ҳар замон барфаш мадад.
Кӯҳи барфе мезанад бар дигаре,
Марасонад барф сардӣ то сарӣ.
Кӯҳи барфе мезанад бар кӯҳи барф
Дам ба дам з-анбори беҳадду шигарф.

Гар набудӣ инчунин водӣ, шаҳо,
Таффи дӯзах маҳв кардӣ мар маро».
Ғофилонро кӯҳҳои барф дон,
То насӯзад пардаҳои оқилон.
Гар набудӣ акси ҷаҳли барфбоф,
Сӯхтӣ аз нори шавқ он кӯҳи Қоф.
Оташ аз қаҳри Худо худ зарраест,
Баҳри таҳдиди лаимон дарраест.
Бо чунин қаҳре, ки зафту фоиқ аст,
Барди лутфаш бин, ки бар вай собиқ аст.
Сабқи бечуну чигунай маънавӣ,
Собиқу масбуқ дидӣ бе дувӣ?
Гар надидӣ он, бувад аз фаҳми паст,
Ки уқули халқ з-он кон як ҷав аст.
Айб бар худ неҳ, на бар оёти дин,
Кай расад бар чархи дин мурғи гилин?
Мурғро ҷавлонгаҳи олӣ ҳавост,
З-он ки нашви ӯ зи шаҳват в-аз ҳавост.
Пас, ту ҳайрон бош бе «ло»-ву «бале»,
То зи раҳмат пешат ояд маҳмиле.
Чун зи фаҳми ин аҷоиб кавданӣ,
Гар «бале» гӯйӣ, такаллуф мекунӣ.
В-ар бигӯйӣ: «не», занад «не» гарданат,
Қаҳр барбандад бад-он «не» равзанат.
Пас, ҳамин ҳайрону вола бошу бас,
То дарояд насри Ҳақ аз пешу пас.
Чунки ҳайрон гаштию гиҷу фано,
Бо забони ҳол гуфтӣ: «Иҳдино».
Зафти зафт асту чу ҳайрон мешавӣ,
Мешавад он зафт нарму муставӣ.
З-он ки шакли зафт баҳри мункир аст,
Чунки оҷиз омадӣ, лутфу бир аст.

## Намудани Ҷабрайил, алайҳиссалом, худро бар Мустафо, салавотуллоҳи алайҳи ва саллам, ба сурати хеш ва аз ҳафтсад пари ӯ чун як пар зоҳир шуд, уфуқро бигирифт ва офтоб маҳҷуб шуд бо ҳамаи шуоъаш

Мустафо мегуфт пеши Ҷабрайил,
Ки чунон ки сурати туст, эй халил,

Мар маро бинмо ту маҳсус ошкор,
То бибинам мар туро наззоравор.
Гуфт: «Бинмо, то бибинад ин ҷасад,
То чӣ ҳад ҳис нозук асту бемадад».
Одамиро ҳаст ҳисси тан сақим,
Лек дар ботин яке хулқе азим.
Бар мисоли сангу оҳан ин тана,
Лек ҳаст ӯ дар сифат оташзана.
Сангу оҳан мавлиди эҷоди нор,
Зоди оташ бар ду волид қаҳрбор.
Боз оташ дасткори васфи тан,
Ҳаст қоҳир бар тан ӯву шуълазан.
Боз дар тан шуъла Иброҳимвор,
Ки аз ӯ маққур гардад бурҷи нор.
Лоҷарам гуфт он расули зуфунун
Рамзи «наҳну-л-охируна-с-собиқун».
Зоҳири ин ду ба сандоне забун,
Дар сифат аз кони оҳанҳо фузун.
Пас ба сурат одамӣ фаръи ҷаҳон
В-аз сифат асли ҷаҳон инро бидон,
Зоҳирашро пашшае орад ба чарх,
Ботинаш бошад муҳити ҳафт чарх.
Чунки кард илҳоҳ, бинмуд андаке
Ҳайбате, ки куҳ шавад з-ӯ мундаке.
Шаҳпаре бигрифта шарқу ғарбро,
Аз маҳобат гашт беҳуш Мустафо.
Чун зи биму тарс беҳушаш бидид,
Ҷабрайил омад, дар оғӯшаш кашид.
Он маҳобат қисмати бегонагон,
В-ин таҷаммуш дӯстонро ройгон.
Ҳаст шоҳонро замони барнишаст,
Ҳавл сарҳангону соримҳо ба даст.
Дурбошу найзаву шамшерҳо,
Ки биларзанд аз маҳобат шерҳо.
Бонги човушону он чавгонҳо,
Ки шавад суст аз ниҳебаш ҷонҳо.
Ин барои хосу оми раҳгузар,
Ки кунадшон аз шаҳаншоҳӣ хабар.
Аз барои ом бошад ин шукӯҳ,
То кулоҳи кибр нанҳанд он гурӯҳ.

То ману моҳои эшон бишканад,
Нафси худбин фитнаву ширкам кунад.
Шаҳр аз он эмин шавад, к-он шаҳрёр
Дорад андар қаҳр захму гирудор.
Пас бимирад он ҳавасҳо дар нуфус,
Ҳайбати шаҳ монеъ ояд з-он нуҳус.
Боз чун ояд ба сӯйи базми хос,
Кай бувад он ҷо маҳобат ё қисос?
Ҳилм дар ҳилм асту раҳматҳо ба ҷӯш,
Нашнавӣ аз ғайри чангу но хурӯш.
Таблу кӯси ҳавл бошад вақти ҷанг,
Вақти ишрат бо хавос овози чанг.
Ҳаст девони муҳосиб омро
В-он парирӯён ҳарифи ҷомро.
Он зиреҳ в-он хӯд мар чолишрост
В-ин ҳарир у рӯд мар таъришрост.
Ин сухан поён надорад, эй ҷавод,
Хатм кун, «валлоҳу аълам биррашод».
Андар Аҳмад он ҳисе, к-ӯ ғориб аст,
Хуфта ин дам зери хоки Ясриб аст.
В-он азимулхулқи ӯ к-он сафдар аст,
Бе тағайюр, мақъади сидқ-андар аст.
Ҷойи тағйирот авсофи тан аст,
Рӯҳи боқӣ офтобе равшан аст.
Бе зи тағйире, ки «ло шарқийятун»,
Бе зи табдиле, ки «ло ғарбийятун».
Офтоб аз зарра кай мадҳуш шуд?
Шамъ аз парвона кай беҳуш шуд?
Ҷисми Аҳмадро таъаллуқ буд бад-он
Ин тағаййур они тан бошад, бидон.
Ҳамчу ранҷурию ҳамчун хобу дард,
Ҷон аз ин авсоф бошад поку фард.
Худ натонам в-ар бигӯям васфи ҷон,
Зилзила афтад дар ин кавну макон.
Рӯбаҳаш гар як даме ошуфта буд,
Шери ҷон, моно, ки он дам хуфта буд.
Хуфта буд он шер, к-аз хоб аст пок,
Ин-т шери нармсори саҳмнок.
Хуфта созад шер худро ончунон,
Ки тамомаш мурда донанд ин сагон.

В-арна дар олам киро заҳра будӣ,
Ки рабудӣ аз заъифӣ турбуде?
Каффи Аҳмад з-он назар махдуш гашт,
Баҳри ӯ аз меҳри каф пурҷӯш гашт.
Маҳ ҳама кафф аст, муътӣ нурпош,
Моҳро гар каф набошад, гӯ, мабош.
Аҳмад ар бигшояд он парри ҷалил,
То абад беҳуш монад Ҷабрайил.
Чун гузашт Аҳмад зи сидра-в марсадаш
В-аз мақоми Ҷабрайилу аз ҳадаш,
Гуфт ӯро: «Ҳин, бипар андар паям»,
Гуфт: «Рав, рав, ман ҳарифи ту наям».
Боз гуфт ӯро: «Биё, эй пардасӯз!
Ман ба авҷи худ нарафтастам ҳанӯз».
Гуфт: «Берун з-ин ҳад, эй хушфарри ман,
Гар занам парре, бисӯзад парри ман».
Ҳайрат андар ҳайрат омад ин қисас,
Беҳушии хосагон андар ахас.
Беҳушиҳо ҷумла ин ҷо бозӣ аст,
Чанд он дорӣ, ки ҷонпардозӣ аст.
Ҷабрайило! Гар шарифию азиз,
Ту найӣ парвонаву на шамъ низ.
Шамъ чун даъват кунад вақти фурӯз,
Ҷони парвона напарҳезад зи сӯз.
Ин ҳадиси мунқалибро кӯр кун,
Шерро баръакс сайди гӯр кун.
Банд кун машки суханшошитро,
Во макун анбони қулмошитро.
Он ки барнагзашт аҷзош аз замин,
Пеши ӯ маъкусу қулмошист ин.
«Ло тухолифҳум ҳабибӣ, дориҳим,
Ё ғарибан нозилан фӣ дориҳим.
Аътӣ мо шоъу ва рому арзиҳим,
Ё заъинан сокинан фӣ арзиҳим».
То расидан дар шаҳу дар ноз хуш,
Розиё, бо Марғазӣ месоз хуш.
Мӯсиё, дар пеши Фиръавни заман
Нарм бояд гуфт «қавлан лайинан».
Об агар дар равғани ҷӯшон кунӣ,
Дегдону дегро вайрон кунӣ.

Нарм гӯ, лекин магӯ ғайри савоб,
Васваса мафрӯш дар «лину-л-хатоб».
Вақти аср омад, сухан кӯтоҳ кун,
Эй ки асрат асрро огоҳкун.
Гӯ ту мар гилхораро, ки қанд беҳ,
Нармии фосид макун, тинаш мадеҳ.
Нутқи ҷонро равзаи ҷонистӣ,
Гар зи ҳарфу савт мустағнистӣ.
Ин сари хар дар миёни қандзор
Эй басо касро, ки бинҳодаст хор.
Зан бибурд аз дур, к-он он асту бас,
Чун қучи мағлуб вомерафт пас.
Сурати ҳарф он сари хар дон яқин,
Дар зари маънию фирдавси барин.
Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддин, дарор
Ин сари харро дар он биттихзор,
То сари хар чун бимурд аз маслаха,
Нашви дигар бахшадаш он матбаха.
Ҳин, зи мо суратгарию ҷон зи ту,
На, ғалат, ҳам ин худу ҳам он зи ту.
Бар фалак маҳмудӣ, эй хуршеди фош,
Бар замин ҳам то абад маҳмуд бош.
То заминӣ бо самоии баланд
Якдилу яққалбаву якхӯ шаванд,
Тафриқа бархезаду ширку дувӣ,
Ваҳдат аст андар вуҷуди маънавӣ.
Чун шиносад ҷони ман ҷони туро,
Ёд оранд иттиҳоди моҷаро.
Мӯсию Ҳорун шаванд андар замин,
Мухталит хуш ҳамчу ширу ангубин.
Чун шиносад андаку мункир шавад,
Мункирияш пардаи сотир шавад.
Бас шиносоӣ бигардонид рӯ,
Хашм кард он маҳ зи ношукрии ӯ.
З-ин сабаб ҷони набиро ҷони бад
Ношиносо гашту пушти пой зад.
Ин ҳама хондӣ, фурӯ хон «лам якун»,
То бидонӣ лаҷҷи ин габри куҳун.
Пеш аз он ки нақши Аҳмад фар намуд,
Наъти ӯ ҳар габрро таъвиз буд,

К-инчунин кас ҳаст, то ояд падид,
Аз хаёли рӯш дилшон метапид.
Саҷда мекарданд, к-эй рабби башар,
Дар аён орӣ-ш ҳарчӣ зудтар.
То ба номи Аҳмад аз «ястафтиҳун»,
Ёғиёншон мешудандӣ сарнигун.
Ҳар куҷо ҳарби маҳуле омадӣ,
Ғавсашон каррории Аҳмад будӣ.
Ҳар куҷо бемории музмин будӣ.
Ёди ӯшон доруи шофӣ шудӣ.
Нақши ӯ мегашт андар роҳашон
Дар дилу дар гӯшу дар афвоҳашон.
Нақши ӯро кай биёбад ҳар шағол,
Балки фаръи нақши ӯ, яъне хаёл.
Нақши ӯ бар рӯйи девор ар фитад,
Аз дили девор хуни дил чакад.
Ончунон фаррух бувад нақшаш бар ӯ,
Ки раҳад дарҳол девор аз ду рӯ.
Гашта бо якрӯии аҳли сафо,
Он дурӯйӣ айб мар деворро.
Ин ҳама таъзиму тафхиму видод
Чун бидидандаш, ба сурат бурд бод.
Қалб оташ диду дар дам шуд сиёҳ,
Қалбро дар қалб кай будаст роҳ?
Қалб мезад лофи ашвоқи миҳакк,
То муридонро дарандозад ба шакк.
Афтад андар доми маргаш нокасе,
Ин гумон сар барзанад аз ҳар хасе,
К-ин агар на нақди покиза будӣ,
Кай ба санги имтиҳон роғиб шудӣ?
Ӯ миҳак мехоҳад, аммо ончунон,
Ки нагардад қалбии ӯ з-он аён.
Он миҳак, ки ӯ ниҳон дорад сифат,
Не миҳак бошад, на нури маърифат.
Ойина, к-ӯ айби рӯ дорад ниҳон
Аз барои хотири ҳар қалтабон,
Ойина набвад, мунофиқ бошад ӯ,
Инчунин ойина, то тонӣ, маҷӯ!

## ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ

### Дафтари севум

Муқаддимаи дафтари севум........................................................6

Тарҷумаи муқаддимаи дафтари севум..........................................7
Қиссаи хӯрандагони пилбачча аз ҳирс ва тарки насиҳати носеҳ.........................................................................11
Бақияи қиссаи мутаарризони пилбаччагон............................ ....13
Бозгаштан ба ҳикояти пил..................................................... ....14
Баёни он ки хатои муҳиббон беҳтар аз савоби бегонагон аст назди маҳбуб........................................................................ ....16
Амри Ҳақ таъоло ба Мӯсо, алайҳиссалом, ки маро ба даҳоне хон, ки бад-он даҳон гуноҳ накардаӣ...................................... ....16
Баёни он ки Аллоҳ гуфтани ниёзманд айни лаббайк гуфтани Ҳаққ аст................................................................................... ....17
Фирефтани рустоӣ шаҳриро ва ба даъват хондан ба лобаву илҳоҳи бисёр.........................................................................19
Қиссаи аҳли Сабо ва тоғӣ кардани неъмат эшонро ва даррасидани шумии туғён ва куфрон дар эшон ва баёни фазилати шукру вафо........................................................... ....21
Ҷамъ омадани аҳли офат ҳар сабоҳӣ бар савмаъаи Исо, алайҳиссалом, ҷиҳати талаби шифо ба дуъои ӯ .........................22
Боқии қиссаи аҳли Сабо..............................................................25
Бақияи достони рафтани хоҷа ба даъвати рӯстоӣ сӯйи деҳ.... ....27
Даъвати боз батонро аз об ба саҳро...........................................28
Қиссаи аҳли Зарвон ва ҳилат кардани эшон то бе заҳмати дарвешон боғҳоро қатоф кунанд..............................................30
Равон шудани хоҷа ба сӯйи деҳ..................................................31
Рафтани хоҷа ва қавмаш ба сӯйи деҳ.........................................33
Навохтани Маҷнун он сагро, ки муқими кӯйи Лайлӣ буд..........34
Расидани хоҷа ва қавмаш ба деҳ ва нодида ва ношинохта овардани рустоӣ эшонро..........................................................36

Афтодани шағол дар хуми ранг ва рангин шудан ва даъвои товусӣ кардан миёни шағолон.................................................41
Чарб кардани марди лофӣ лаб ва сиблати худро ҳар бомдод ба пӯсти дунба ва берун омадан миёни ҳарифон, ки ман чунин хӯрдааму чунон.................................................42
Эмин будани Балъами Боъур, ки имтиҳонҳо кард ҳазрат ӯро ва аз онҳо рӯйсапед омада буд.................................................43
Даъвои товусӣ кардани он шағол, ки дар хуми саббоғ афтода буд.................................................44
Ташбеҳи Фиръавн ва даъвии улуҳияти ӯ бад-он шағол, ки даъвои товусӣ мекард.................................................44
Тафсири «Ва латаърифаннаҳум фӣ лаҳни-л-қавл».................45
Қиссаи Ҳоруту Морут ва далерии эшон бар имтиҳоноти Ҳақ таъоло.................................................45
Қиссаи хоб дидани Фиръавн омадани Мӯсоро, алайҳиссалом ва тадорук андешидан.................................................47
Ба майдон хондан банӣ Исроилро барои ҳилаи манъи вилодати Мӯсо, алайҳиссалом.................................................48
Ҳикоят.................................................48
Бозгаштани Фиръавн аз майдон ба шаҳр шод ба тафриқи банӣ Исроил аз занонашон дар шаби ҳамл.................................................49
Ҷамъ омадани Имрон ба модари Мӯсо ва ҳомила шудани модари Мӯсо, алайҳиссалом.................................................49
Васийят кардани Имрон ҷуфти худро баъд аз муҷомеъат, ки маро надида бошӣ!.................................................50
Тарсидани Фиръавн аз он бонг.................................................50
Пайдо шудани ситораи Мӯсо, алайҳиссалом, дар осмон ва ғиреви мунаҷҷимон дар майдон.................................................51
Хондани Фиръавн занони навзодаро сӯйи майдон ҳам ҷиҳати макр.................................................52
Ба вуҷуд омадани Мӯсо ва омадани авонон ба хонаи Имрон ва ваҳӣ омадан ба модари Мӯсо, ки Мӯсоро дар оташ андоз..........53

Ваҳй омадан ба модари Мӯсо, ки Мӯсоро дар об афган........ ....53
Ҳикояти моргир, ки аждаҳои фасурдаро мурда пиндошт, дар ресмонҳош печид ва овард ба Бағдод........................................54
Таҳдид кардани Фиръавн Мӯсоро, алайҳиссалом................. ....58
Ҷавоби Мӯсо Фиръавнро дар таҳдиде, ки мекардаш.................59
Посухи Фиръавн Мӯсоро, алайҳиссалом....................................59
Ҷавоби Мӯсо алайҳиссалом Фиръавнро......................................59
Ҷавоби Фиръавн Мӯсоро ва ваҳй омадан Мӯсоро алайҳиссалом...............................................................................60
Мӯҳлат додани Мӯсо алайҳиссалом Фиръавнро то соҳиронро ҷамъ кунад аз Мадоин.........................................................60
Фиристодани Фиръавн ба Мадоин дар талаби соҳирон ............63
Хондани он ду соҳир падарро аз гӯр ва пурсидан аз равони падар ҳақиқати Мӯсоро, алайҳиссалом................................. ....64
Ҷавоб гуфтани соҳири мурда бо фарзандони худ.................. ....64
Ташбеҳ кардан Қуръони маҷидро ба асои Мӯсо ва вафоти Мустафоро, алайҳиссалом, намудан ба хоби Мӯсо ва қосидон тағйири Қуръонро ба он ду соҳирбачча, ки қасди бурдани асо карданд, чун Мӯсоро хуфта ёфтанд................................. ....65
Ҷамъ омадани соҳирон аз Мадоин пеши Фиръавн ва ташрифҳо ёфтан ва даст бар сина задан дар қаҳри хасми ӯ, ки ин бар мо навис...........................................................................................67
Ихтилоф кардан дар чигунагӣ ва шакли пил..............................68
Тавфиқ миёни ин ду ҳадис, ки «ар-ризо би-л-куфри куфрун» ва ҳадиси дигар: «ман лам ярзи биқазоӣ фалаятлуб раббан сивоъи»..72
Масал дар баёни он ки ҳайрат монеъи баҳс ва фикрат аст.........73
Ҳикоят............................................................................ ....74
Достони машғул шудан ошиқе ба ишқнома хондан ва мутолиъа кардани ошиқнома дар ҳузури маъшуқи хеш ва маъшуқ онро нописанд доштан ва гуфтан, ки талабу-д-далели инда ҳузури-л-мадлул қабеҳун ва-л-иштиғолу би-л-ъилми баъда-л-вусули ила-л-маълуми мазмум....................................75

Ҳикояти он шахс, ки дар аҳди Довуд, алайҳиссалом, шабу рӯз дуъо мекард, ки маро рӯзии ҳалол деҳ беранҷ........................77
Давидани гов дар хонаи он дуъокунанда ба илҳоҳ.
«Қола-н-набийю, алайҳиссалом: инн аллоҳа юҳиббу-л-мулиҳҳина фӣ-д-дуъои» зеро айни хост аз Ҳақ таъоло ва илҳоҳ хонандаро беҳ аст аз он чӣ мехоҳад онро аз ӯ..................78
Узр гуфтани назмкунанда ва мадад хостан................................79
Баёни он ки илмро ду пар аст ва гумонро як пар аст. Ноқис омад зан(н), ба парвоз абтар аст ва мисоли занну яқин дар илм.....80
Мисоли ранҷур шудани одамӣ ба ваҳми таъзими халқ ва рағбати муштариён ба вай ва ҳикояти муаллим.........................80
Уқули халқ мутафовит аст дар асли фитрат ва назди муътазила мутасовист, тафовути уқул аз таҳсили илм аст..........................81
Дар ваҳм афгандани кӯдакон устодро........................................82
Бемор шудани Фиръавн ҳам ба ваҳм аз таъзими халқон............82
Ранҷур шудани устод ба ваҳм................................................82
Дар ҷомаи хоб афтодани устод ва нолидани ӯ аз ваҳми ранҷурӣ...83
Дувум бор дар ваҳм афгандани кӯдакон устодро, ки ӯро аз Қуръон хондани мо дарди сар афзояд........................................84
Халос ёфтани кӯдакон аз мактаб бад-ин макр...........................84
Рафтани модарони кӯдакон ба иёдати устод..............................84
Дар баёни он ки тан рӯҳро чун либосе аст ва ин даст остини дасти рӯҳ аст ва ин пой мӯзаи пойи рӯҳ аст....................85
Ҳикояти он дарвеш, ки дар кӯҳ хилват карда буд ва баёни ҳаловати интиқоъ ва хилват ва дохил шудан дар ин манқабат, ки «ано ҷалису ман закарани ва анису ман истонаса би»......................85
Дидани заргар оқибати корро ва сухан бар вифқи оқибат гуфтан бо мустаъири тарозу..........................................................86
Бақияи қиссаи он зоҳиди кӯҳӣ, ки назр карда буд, ки меваи кӯҳӣ аз дарахт бознаканам ва дарахт нафишонам ва касеро нагӯям сареҳ ва киноят, ки бияфшон. Он хӯрам, ки бод афганда бошад аз дарахт..........................................................86

Ташбеҳи банд ва доми қазо ба сурати пинҳон ба асари пайдо...87
Музтариб шудани фақири назркарда ба кандани амруд аз дарахт ва гӯшмоли Ҳақ расидан бе муҳлат...................................88
Муттаҳам кардан он шайхро бо дуздон ва буридан дасташро...89
Кароморти шайхи иқтаъ ва занбил бофтани ӯ ба ду даст............90
Сабаби ҷуръати соҳирони Фиръавн бар қатъи дасту по........ ....91
Шикояти астар пеши шутур, ки ман бисёр дар рав меафтам ва ту намеафтӣ, илло ба нодир.....................................................92
Иҷтимоъи аҷзои хари Узайр, алайҳиссалом, баъд аз пӯсидан биизниллоҳ ва дар ҳам мураккаб шудан пеши чашми Узайр, алайҳиссалом...................................................................... ....93
Ҷазаъ нокардани шайхе бар марги фарзандони худ.............. ....93
Узр гуфтани шайх баҳри ногиристан бар фарзандон............ ....94
Қиссаи хондани шайхи зарир мусҳафро дар рав ва бино шудан вақти қироъат..........................................................................96
Сабр кардани Луқмон чун дид, ки Довуд ҳалқаҳо месохт аз суол кардан бо ин ният, ки сабр аз суол мӯҷиби фарҷ бошад.....97
Бақияи ҳикояти нобино ва мусҳаф......................................... ....97
Сифати баъзе авлиё, ки розианд ба аҳком ва лоба накунанд, ки ин ҳукмро бигардон..................................................................98
Суол кардани Баҳлул он дарвешро....................................... ....99
Қиссаи Дақуқӣ, раҳматуллоҳи алайҳ ва каромоташ...............100
Бозгаштан ба қиссаи Дақуқӣ................................................ ..101
Сирри талаб кардани Мӯсо Хизрро, алайҳиссалом бо камоли нубувват ва қурбат...............................................................102
Бозгаштан ба қиссаи Дақуқӣ................................................ ..103
Намудани мисоли ҳафт шамъ сӯйи соҳил............................ ..103
Шудани он ҳафт шамъ бар мисоли як шамъ............................104
Намудани он шамъҳо дар назар ҳафт мард.......................... ..104
Боз шудани он шамъҳо ҳафт дарахт.........................................104
Махфӣ будани он дарахтон аз чашми халқ..............................105
Як дарахт шудани он ҳафт дарахт...........................................106

Ҳафт мард шудани он ҳафт дарахт...........................................107
Пеш рафтани Дақуқӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, ба имомат......... ..108
Пеш рафтани Дақуқӣ ба имомати он қавм............................. ..110
Иқтидо кардани қавм аз паси Дақуқӣ..................................... ..111
Баёни ишорати салом сӯйи дасти рост, дар қиёмат аз ҳайбати муҳосибаи Ҳақ ва аз анбиё истиъонату шафоъат хостан..........112
Шунидани Дақуқӣ дар миёни намоз афғони он киштие, ки ғарқ хост шудан................................................................... ..113
Тасаввуроти марди ҳозим...................................................... ..114
Дуъо ва шафоати Дақуқӣ дар халоси киштӣ.......................... ..114
Инкор кардани он ҷамоат бар дуъо ва шафоати Дақуқӣ ва паридани эшон ва нопадид шудан дар пардаи ғайб ва ҳайрон шудани Дақуқӣ, ки дар ҳаво рафтанд ё дар замин?..... ..117
Боз шарҳ кардани ҳикояти он толиби рӯзии ҳалоли бекасбу ранҷ дар аҳди Довуд, алайҳиссалом ва мустаҷоб шудани дуъои ӯ....119
Рафтани ҳар ду хасм назди Довуд, алайҳиссалом.................. ..119
Шунидани Довуд, алайҳиссалом, сухани ҳар ду хасм ва суол кардан аз муддаъо алайҳ...................................................... ..122
Ҳукм кардани Довуд, алайҳиссалом, бар кушандаи гов..........123
Тазаррӯъи он шахс аз доварии Довуд, алайҳиссалом............. ..123
Дар хилват рафтани Довуд, то он чӣ ҳақ аст пайдо шавад.......124
Ҳукм кардани Довуд бар соҳиби гов, ки аз сари гов бархез ва ташнеъи соҳиби гов бар Довуд алайҳиссалом.................... ..124
Ҳукм кардани Довуд бар соҳиби гов, ки ҷумлаи моли худро ба вай деҳ..............................................................................124
Азм кардани Довуд, алайҳиссалом, ба хондани халқ бад-он саҳро, ки роз ошкоро кунад ва ҳуҷҷатҳо ҳама қатъ кунад........125
Гувоҳӣ додани дасту по ва забон бар сирри золим ҳам дар дунё..126
Берун рафтани халқ ба сӯйи он дарахт.....................................127
Қасос фармудани Довуд, алайҳиссалом, хуниро баъд аз илзоми ҳуҷҷат бар ӯ.................................................................... ..128

Баёни он ки нафси одамӣ ба ҷойи он хунист, ки муддаъии гови кушта буд ва он говкушанда ақл асту Довуд ҳаққ аст ё шайх, ки ноиби Ҳаққ аст, ки ба қуввату ёрии ӯ тавонад золимро куштан ва тавонгар шудан ба рӯзии бекасбу беҳисоб..........................128
Гурехтани Исо, алайҳиссалом, фарози кӯҳ аз аҳмақон............131
Қиссаи аҳли Сабо ва ҳамоқати эшон ва асар нокардани насиҳати анбиё дар аҳмақон..................................................133
Шарҳи он кӯри дурбин ва он кари тезшунав ва он бараҳнаи дароздоман..........................................................134
Сифати хуррамии шаҳри аҳли Сабо ва ношукрии эшон........135
Омадани пайғамбарони Ҳақ ба насиҳати аҳли Сабо..............136
Муъҷиза хостани қавм аз пайғамбарон..................................138
Муттаҳам доштани қавм анбиёро, алайҳиссалом..................139
Ҳикояти харгӯшон, ки харгӯшеро пеши пил фиристоданд, ки «Бигӯ, ки ман расули моҳи осмонам пеши ту, ки аз ин чашмаи об ҳазар кун» чунонки дар китоби «Калила» тамом гуфтааст..139
Ҷавоб гуфтани анбиё таъни эшонро ва масал задан эшонро....140
Баёни он ки ҳар касро нарасад масал овардан, хосса дар кори илоҳӣ.................................................................................141
Масалҳо задани қавми Нӯҳ ба истеҳзо дар замони киштӣ сохтан..............................................................................142
Ҳикояти он дузд, ки пурсиданд: «Чӣ мекунӣ нимшаб дар буни ин девор?» Гуфт: «Духул мезанам»..........................................142
Ҷавоби он масал, ки мункирон гуфтанд аз рисолати харгӯш, пайғоми пилро аз моҳи осмон...................................143
Маънии ҳазм ва мисоли марди ҳозим....................................144
Вахомати кори он мурғ, ки тарки ҳазм кард аз ҳирсу ҳаво.... ..145
Ҳикояти назр кардани сагон ҳар зимистон, ки ин тобистон чун биёяд, хона созем аз баҳри зимистон..................................146
Манъ кардани мункирон анбиёро, алайҳимуссалом, аз насиҳат кардан ва ҳуҷҷат овардани ҷабриёна.........................147
Ҷавоби анбиё, алайҳимуссалом, мар ҷабриёнро.....................148
Мукаррар кардани кофирон ҳуҷҷатҳои ҷабриёнаро................148

Боз ҷавоби анбиё, алайҳимуссалом, эшонро.......................... ..148
Мукаррар кардани қавм эътирози тарҷеҳ бар анбиё, алайҳимуссалом.......................................................................... ..150
Боз ҷавоби анбиё, алайҳимуссалом......................................... ..150
Ҳикмати офаридани дӯзахи он ҷаҳон ва зиндони ин ҷаҳон то маъбади мутакаббирон бошад, ки «иътиё тавъан ав карҳан»..............................................................................151
Баёни он ки Ҳақ таъоло сурати мулукро сабаби мусаххар кардани ҷабборон, ки мусаххари Ҳақ набошанд, сохтааст, чунонки Мӯсо, алайҳиссалом, боби сағир сохт бар рабази қудс ҷиҳати рукӯъи ҷабборони бани Исроил вақти даромадан, ки «удхулу-л-боба суҷҷадан ва қулу ҳиттатун»...................... ..152
Қиссаи ишқи сӯфӣ бар суфраи тиҳӣ........................................ ..153
Махсус будани Яъқуб, алайҳиссалом, ба чашидани ҷоми Ҳақ аз рӯйи Юсуф ва кашидани бӯйи Ҳақ аз бӯйи Юсуф ва ҳирмони бародарон ва ғайриҳум аз ин ҳар ду........................ ..154
Ҳикояти амир ва ғуломаш, ки намозбора буд ва унси азим дошт дар намоз ва муноҷоти Ҳақ........................................... ..156
Навмед шудани анбиё, алайҳимуссалом, аз қабулу пазироии мункирон. Қавлуҳу таъоло: "Ҳатто изо астайъаса-р-русулу..."156
Баёни он ки имони муқаллид хавф асту риҷо......................... ..157
Баёни он ки расул, алайҳиссалом, фармуд: «Инна лиллоҳи таъоло авлиёъун ахфиёъун»................................................... ..157
Ҳикояти мандил дар танӯри пуроташ андохтани Анас, разияллоҳу анҳу ва носӯхтан....................................................158
Қиссаи фарёд расидани расул, алайҳиссалом, корвони арабро, ки аз ташнагию беобӣ дармонда буданд ва дил бар марг ниҳода, шутурону халқ забон бурун андохта...................159
Машки он ғулом аз ғайб пуроб кардан ба муъҷиза ва он ғуломи сиёҳро сапедрӯ кардан биизниллоҳи таъоло................160
Дидани хоҷа ғуломи худро сапед ва ношинохтан, ки ӯст ва гуфтан, ки «Ғуломи маро ту куштаӣ, хунат гирифт ва Худо туро ба дасти ман андохт»...................................................... ..161

Баёни он ки ҳар чӣ доду офарид аз самовот ва арзайн ва аъёну аъроз, ҳама ба истидъои ҳоҷат офарид. Худро муҳтоҷи чизе бояд кардан, то бидиҳад, ки «амман юҷибу-л-музтарра изо даъоҳ?» Изтирор гувоҳи истеҳқоқ аст.................................162
Омадани он зани кофир бо тифли ширхора ба наздики Мустафо, алайҳиссалом ва нотиқ шудан Исовор ба муъҷизоти расул, салаллоҳу алайҳи ва саллам........................163
Рабудани уқоб мӯзаи Мустафо, алайҳиссалом ва бурдан бар ҳаво ва аз мӯза мори сиёҳ фурӯ афтодан..................................164
Ваҷҳи ибрат гирифтан аз ин ҳикоят ва яқин донистан, ки «инна маъа-л-ъусри юсран»....................................................165
Истидъои он мард аз Мӯсо забони баҳоим бо туюр...............165
Ваҳй омадан аз Ҳақ таъоло ба Мӯсо, ки биёмӯзаш чизе, ки истидъо кунад ё баъзе аз он.......................................................166
Қонеъ шудани он толиб ба таълими забони мурғи хонагӣ ва саг ва иҷобати Мӯсо, алайҳиссалом.........................................167
Ҷавоби хурӯс сагро..................................................................168
Хаҷил гаштани хурӯс пеши саг ба сабаби дурӯғ шудан дар он се ваъда................................................................................168
Хабар кардани хурӯс аз марги хоҷа.......................................169
Давидани он шахс ба сӯйи Мӯсо ба зинҳор, чун аз хурӯс хабари марги худ шунид...................................................170
Дуо кардани Мӯсо он шахсро, то ба имон равад аз дунё..........171
Иҷобат кардани Ҳақ таъоло дуъои Мӯсоро, алайҳиссалом... ..171
Ҳикояти он зане, ки фарзандаш намезист, бинолид, ҷавоб омад, ки он ивази риёзати туст ва ба ҷойи ҷиҳоди муҷоҳидон аст туро...................................................................................172
Дар омадани Ҳамза, разияллоҳу анҳу, дар ҷанг бе зиреҳ........173
Ҷавоби Ҳамза мар халқро........................................................173
Ҳилаи дафъи мағбун шудан дар байъу широ..........................176
Вафот ёфтани Билол, разияллоҳу анҳу, бо шодӣ......................177
Ҳикмати вайрон шудани тан ба марг........................................178

Ташбеҳи дунё, ки ба зоҳир фарох аст ва ба маънӣ танг ва ташбеҳи хоб, ки халос аст аз ин тангӣ........................................179
Баёни он ки ҳар чи ғафлату ғам ва коҳиливу торикӣ аст, ҳама аз тан аст, ки арзӣ асту суфло.......................................... ..180
Ташбеҳи насс бо қиёс..................................................................181
Одобу-л-мустамиъина ва-л-муридина инда файзи-л-ҳикмати мин лисони-ш-шайхи................................................................ ..182
Шинохтани ҳар ҳайвоне бӯйи адувви худро ва ҳазар кардан ва батолату хисорати он кас, ки адувви касе бувад, ки аз ӯ ҳазар мумкин нест ва фароз мумкин не ва муқобила мумкин не........182
Фарқ миёни донистани чизе ба мисолу тақлид ва миёни донистани моҳийяти он чиз.......................................................183
Ҷамъу тавфиқ миёни нафй ва исботи як чиз аз рӯйи нисбат ва ихтилофи ҷиҳат............................................................... ..184
Масъалаи фанову бақои дарвеш..................................................185
Қиссаи вакили Садри Ҷаҳон, ки аз Бухоро гурехт аз біми ҷон ва боз ишқаш кашид рӯкашон, ки кори ҷон саҳл бошад ошиқонро.............................................................................. ..186
Пайдо шудани Рӯҳулқудус ба сурати одамӣ бар Марям ба вақти бараҳнагӣ ва ғусл кардан ва паноҳ гирифтан ба Ҳақ таъоло................................................................................. ..186
Гуфтани Рӯҳулқудус Марямро, ки ман расули Ҳаққам ба ту, ошуфта машав ва пинҳон машав аз ман, ки фармон ин аст......189
Азм кардани он вакил аз ишқ, ки руҷӯъ кунад ба Бухоро лоуболивор.......................................................................190
Пурсидани маъшуқе аз ошиқи ғариби худ, ки аз шаҳрҳо кадом шаҳрро хуштар ёфтӣ ва анбӯҳтар ва муҳташамтар ва пурнеъматтар ва дилгушотар?...............................................191
Манъ кардани дӯстон ӯро аз руҷӯъ кардан ба Бухоро ва таҳдид кардан ва лоуболӣ гуфтани ӯ..........................................192
Лоуболӣ гуфтани ошиқ, носеҳ ва озилро аз сирри ишқ.......... ..193
Рӯ ниҳодани он бандаи ошиқ сӯйи Бухоро............................ ..194

Даромадани он ошиқи лоуболӣ дар Бухоро ва таҳзир кардани дӯстон ӯро аз пайдо шудан..........................................195
Ҷавоб гуфтани ошиқ озилонро ва таҳдидкунандагонро........ ..195
Расидани он ошиқ ба маъшуқи хеш, чун даст аз ҷони худ бишуст...........................................................................197
Сифати он масҷид, ки ошиққуш буд ва он ошиқи маргҷӯйи лоуболӣ, ки дар ӯ меҳмон шуд.......................................... ..197
Меҳмон омадан дар он масҷид............................................ ..198
Маломат кардани аҳли масҷид он меҳмони ошиқро аз шаб хуфтан дар он ҷо ва таҳдид кардан мар ӯро........................... ..198
Ҷавоб гуфтани ошиқ озилонро..............................................198
Ишқи Ҷолинус бар ин ҳаёти дунё буд, ки ҳунари ӯ ҳамин ҷо ба кор меояд, ҳунаре наварзидааст, ки дар он бозор ба кор ояд, он ҷо худро ба авом яксон мебинад..........................................199
Дигарбора маломат кардани аҳли масҷид меҳмонро аз хуфтан дар он масҷид..................................................................... ..201
Гуфтани шайтон Қурайшро, ки ба ҷанги Аҳмад, алайҳиссалом, оед, ки ман ёриҳо кунам ва қабилаи худро ба ёрӣ хонам ва вақти мулоқоти саффайн гурехтан......................................... ..203
Мукаррар кардани озилон пандро бар он меҳмони он масҷиди меҳмонкуш.............................................................. ..205
Ҷавоб гуфтани меҳмон эшонро ва масал овардан ба дафъ кардани ҳориси кишт бо бонги даф аз кишт шутуреро, ки кӯси маҳмудӣ бар пушти ӯ задандӣ.................................... ..205
Тамсили гурехтани муъмин ва бесабрии ӯ дар бало, ба изтироб ва беқарории нахуд ва дигар ҳавоиҷ дар ҷӯши дег ва бардавидан, то берун ҷаҳанд...............................................208
Тамсили собир шудани муъмин чун бар шарру хайри бало воқиф шавад.........................................................................210
Узр гуфтани кадбону бо нахуд ва ҳикмати дар ҷӯш доштани кадбону нахудро.................................................................. ..211
Боқии қиссаи меҳмони он масҷиди меҳмонкуш ва саботу сидқи ӯ....211

Зикри хаёли бад андешидани қосирфаҳмон..............................212
Тафсири ин хабари Мустафо, алайҳиссалом, ки «ли-л-Қуръони заҳрун ва батнун ва либатниҳи батнун ило сабъати абтунин»..213
Баёни он ки рафтани анбиё ва авлиё ба кӯҳҳо ва ғорҳо ҷиҳати пинҳон кардани хеш нест ва ҷиҳати хавфи ташвиши халқ нест, балки ҷиҳати иршоди халқ аст ва таҳриз бар инқитоъ аз дунё ба қадри мумкин........................................................ ..213
Ташбеҳи сурати авлиё ва сурати каломи авлиё ба сурати асои Мӯсо ва сурати афсуни Исо, алайҳимуссалом.........................213
Тафсири «Ё ҷиболу аввиби маъа ва-т-тайру»..........................214
Ҷавоби таъназананда дар "Маснавӣ" аз қусури фаҳми худ.....215
Масал задан дар рамидани курраасб аз об хӯрдан ба сабаби шухӯлидани соисон.................................................... ..215
Бақияи зикри он меҳмони масҷиди меҳмонкуш..................... ..217
Тафсири ояти «ваҷлиб алайҳим бихайлика ва риҷлик»...........217
Расидани бонги тилисме нимшаб меҳмони масҷидро.............218
Мулоқоти он ошиқ бо Садри Ҷаҳон...................................... ..219
Ҷазби ҳар унсуре ҷинси худро, ки дар таркиби одамӣ муҳтабис шудааст ба ғайри ҷинс............................................ ..221
Мунҷазиб шудани ҷон низ ба олами арвоҳ ва тақозои ӯ ва майли ӯ ба мақарри худ ва мунқатеъ шудан аз аҷзои аҷсом, ки кундаи пойи бози рӯҳанд.................................................................. ..222
«Фасху азоим ва нақзуҳо», ҷиҳати бохабар кардан одамиро аз он ки молик ва қоҳир ӯст ва гоҳ-гоҳ азми ӯро фасх нокардан ва нофиз доштан, то тамаъ ӯро бар азм кардан дорад, то боз азмашро бишканад, то танбеҳ бар танбеҳ бувад............. ..223
Назр кардани пайғомбар, алайҳиссалом, ба асирон ва табассум кардан ва гуфтан, ки «аҷибту мин қавмин юҷарруна ила-л-ҷаннати би-с-салосил ва-л-ағлоли»............................... ..224
Тафсири ин оят, ки «ин тастафтиҳу фақад ҷоъакуму-л-фатҳу-л-оя». Эй тоъинон! Мегуфтед, ки аз мо ва Муҳаммад, алайҳиссалом, он ки ҳақ аст фатҳу нусраташ деҳ ва ин

бад-он мегуфтед, то гумон ояд, ки шумо толиби Ҳаққед, беғараз. Акнун Муҳаммадро нусрат додем, то соҳиби ҳақро бибинед.......................................................................225
Сирри он ки бе мурод бозгаштани расул, алайҳиссалом, аз Ҳудайбийя, Ҳақ таъоло лутфи он фатҳ кард, ки «инно фатаҳно», ки ба сурат ғалақ буд ва ба маънӣ фатҳ, чунон ки шикастани мушк ба зоҳир шикастан аст ва ба маънӣ дуруст кардан аст мушкии ӯро ва такмили фавоиди ӯст..........226
Тафсири ин хабар, ки Мустафо, алайҳиссалом, фармуд: ло туфаззилуни ало Юнус ибни Матто»..................................226
Огоҳ шудани пайғомбар, алайҳиссалом, аз таъни эшон бар шамотати ӯ.......................................................................227
Баёни он ки тоғӣ дар айни қоҳирӣ мақҳур аст ва дар айни мансурӣ маъсур.......................................................................229
Ҷазби маъшуқ ошиқро «мин ҳайсу ло яъламуҳу-л-ошиқу ва ло ярҷуҳу ва ло яхтуру биболиҳ ва ло язҳару мин золика-л-ҷазби асарун фи-л-ошиқи илла-л-хавфа-л-мамзуҷи би-л-яъси маъа давоми-т-талаби»...................................................................230
Дод хостани пашша аз бод ба ҳазрати Сулаймон, алайҳиссалом.......................................................................232
Амр кардани Сулаймон, алайҳиссалом, пашшаи мутазаллимро ба иҳзори хасм ба девони ҳукм.............................................233
Навохтани маъшуқ ошиқи беҳушро, то ба ҳуш бозояд..........233
Бо хеш омадани ошиқи беҳуш ва рӯй овардан ба сано ва шукри маъшуқ.......................................................................235
Ҳикояти ошиқе, дарозҳиҷроне, бисёримтиҳоне.....................237
Ёфтани ошиқ маъшуқро ва баёни он ки ҷӯянда ёбанда бувад, ки «фаман яъмал мисқола заррутан хайран ярах»..................239

### Дафтари чаҳорум

Муқаддимаи дафтари чаҳорум................................................242

Тамомии ҳикояти он ошиқ, ки аз асас гурехт дар боғе маҷҳул, худ маъшуқро дар боғ ёфт ва асасро аз шодӣ дуъои хайр мекард ва мегуфт, ки «асо ан такраҳу шайъан ва ҳува хайрун лакум»..246
Ҳикояти он воъиз, ки ҳар оғози тазкир дуъои золимону сахтдилон ва беэътиқодон кардӣ..............................................248
Суол кардан аз Исо, алайҳиссалом, ки дар вуҷуд аз ҳамаи саъбҳо саъбтар чист?..............................................................250
Қасди хиёнат кардани ошиқ ва бонг барзадани маъшуқ бар вай..250
Қиссаи он сӯфӣ, ки зани худро бо бегона бигирифт...............252
Маъшуқро зери чодар пинҳон кардан ҷиҳати талбис ва бегона гуфтани зан, ки «инна кайда кунна азимун»..................254
Гуфтани зан, ки ӯ дар банди ҷиҳоз нест, муроди ӯ ситр ва салоҳ аст ва ҷавоб гуфтани сӯфӣ инро сарпӯшида.............................255
Ғараз аз самеъу басир гуфтан Худоро........................................256
Мисоли дунё чун гулхан ва тақво чун ҳаммом........................257
Қиссаи он даббоғ, ки дар бозори атторон аз бӯйи атру мушк беҳушу ранҷур шуд...................................................................258
Муолиҷа кардани бародари даббоғ даббоғро ба хуфя ба бӯйи саргин....................................................................................260
Узр хостани он ошиқ аз гуноҳи хеш ба талбису рӯйпӯш ва фаҳм кардани маъшуқ онро низ..................................................261
Рад кардани маъшуқа узри ошиқро ва талбиси ӯро дар рӯйи ӯ молидан..........................................................................261
Гуфтани он ҷуҳуд Алиро каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, ки агар эътимод дорӣ бар ҳофизии Ҳақ аз сари ин кӯшк худро дарандоз ва ҷавоб гуфтани амирулмуъминин ӯро....................................263
Қиссаи масҷиди Ақсо ва Харруб ва азм кардани Довуд, алайҳиссалом, пеш аз Сулаймон, алайҳиссалом, бар бинои он масҷид.........................................................................................265
Шарҳи «иннама-л-муъминуна ихватун ва-л-уламоъу канафсин воҳидатин», хосса иттиҳоди Довуд ва Сулаймон ва соири анбиё, алайҳимуссалом, ки агар яке аз эшонро мункир шавӣ,

имон ба ҳеч набӣ дуруст набошад ва ин аломати иттиҳод аст, ки як хона аз ҳазорон хона вайрон кунӣ, он ҳама вайрон шавад ва як девор қоим намонад, ки «ло туфариққу байна аҳадин минҳум ва-л-оқилу якфиҳи ал-ишора», ин худ аз ишорат гузашт........................................................................ ..266
Бақияи қиссаи бинои масҷиди Ақсо...................................... ..269
Қиссаи оғози хилофати Усмон разийаллоҳу анҳу ва хутбаи вай дар баёни он ки носеҳи фаъъол ба феъл беҳ аз носеҳи қаввол ба қавл.................................................................................. ..270
Дар баёни он ки ҳукамо гӯянд одамӣ олами суғрост ва ҳукамои илоҳӣ гӯянд, одамӣ олами куброст, зеро он илми ҳукамо бар сурати одамӣ мақсур бувад ва илми ин ҳукамо дар ҳақиқати ҳақиқати одамӣ мавсул бувад................................................ ..272
Тафсири ин ҳадис, ки «амалу уммати камасали сафинати Нӯҳин, ман тамассака биҳо наҷо ва ман тахаллафа анҳо, ғариқа»...... ..273
Қиссаи ҳадя фиристодани Билқис аз шаҳри Сабо сӯйи Сулаймон, алайҳиссалом.........................................................275
Каромоти нури шайх Абдуллоҳи Мағрибӣ қаддасаллоҳу сирраҳу...........................................................................................276
Боз гардонидани Сулаймон, алайҳиссалом, расулони Билқисро бо он ҳадяҳо, ки оварда буданд, сӯйи Билқис ва даъват кардан Билқисро ба имон ва тарки офтобпарастӣ.................. ..277
Қиссаи атторе, ки санги тарозуи ӯ гили саршӯй буд ва уздидани муштарии гилхор аз он гил ҳангоми санҷидани шакари уздида ва пинҳон..................................................... ..278
Дилдорӣ кардан ва навохтани Сулаймон, алайҳиссалом, мар он расулонро ва дафъи ваҳшату озор аз дили эшон ва узри қабул нокардани ҳадя шарҳ кардан бо эшон.......................... ..280
Дидани дарвеш ҷамоати машоихро дар хоб ва дархост кардани рӯзии ҳалол бе машғул шудан ба касб ва аз ибодат мондан ва иршоди эшон ӯро ва меваи талху турши кӯҳӣ бар вай ширин шудан ба доди он машоих.................................... ..281

Ният кардани ӯ, ки ин зар бидиҳам бад-он ҳезумкаш, чун ман рӯзӣ ёфтам ба каромоти машоих ва ранҷидани он ҳазумкаш аз замир ва нийяти ӯ..................................................................282
Таҳризи Сулаймон, алайҳиссалом, мар расулонро бар таъҷил ба ҳиҷрати Билқис баҳри имон..............................................283
Сабаби ҳиҷрати Иброҳими Адҳам, қаддасаллоҳу сирраҳу ва тарки мулки Хуросон..............................................................284
Ҳикояти он марди ташна, ки аз сари ҷавзбун ҷавз мерехт дар ҷӯйи об, ки дар гав буд ва ба об намерасид, то ба афтодани ҷавз бонги об бишнавад ва ӯро чу самоъи хуш бонги об андар тараб меовард.....................................................................285
Таҳдид фиристодани Сулаймон, алайҳиссалом, пеши Билқис, ки исрор маяндеш бар ширк ва таъхир макун.........................287
Пайдо кардани Сулаймон, алайҳиссалом, ки маро «холисан ли амриллоҳ» ҷаҳдаст дар имони ту, як зарра ғаразе нест маро на дар нафси ту ва ҳусни ту ва на дар мулки ту, худ бибинӣ чун чашми ҷон боз шавад бинуриллоҳ......................................287
Боқии қиссаи Иброҳими Адҳам қаддасаллоҳу сирраҳу..........290
Бақияи қиссаи аҳли Сабо ва насиҳату иршоди Сулаймон, алайҳиссалом, оли Билқисро ҳар якеро андархури худ ва мушкилоти дину дили ӯ ва сайд кардани ҳар ҷинси мурғ замире ба сафири он ҷинси мурғ ва туъмаи ӯ..........................290
Озод шудани Билқис аз мулк ва маст шудани ӯ аз шавқи имон ва илтифоти ӯ аз ҳама мулк мунқатеъ шудан вақти ҳиҷрат, илло аз тахт.......................................................................291
Чора кардани Сулаймон, алайҳиссалом, дар иҳзори тахти Билқис аз Сабо.................................................................294
Қиссаи ёрӣ хостани Ҳалима аз бутон, чун ақиби фитом Мустафоро, алайҳиссалом, гум кард ва ларзидан ва саҷдаи бутон ва гувоҳӣ додани эшон бар азамати кори Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам....................................294
Ҳикояти он пири араб, ки далолат кард Ҳалимаро ба истиъонати бутон......................................................................295

Хабар ёфтани ҷадди Мустафо -- Абдулмутталиб аз гум кардани Ҳалима Муҳаммадро, алайҳиссалом ва толиб шудани ӯ гирди шаҳр ва нолидани ӯ бар дари Каъба ва аз Ҳақ дархостан ва ёфтани ӯ Муҳаммадро, алайҳиссалом................................ ..298
Нишон хостани Абдулмутталиб аз мавзеъи Муҳаммад, алайҳиссалом, ки куҷо-ш ёбам? Ва ҷавоб омадан аз андаруни Каъба ва нишон ёфтан..............................................................301
Бақияи қиссаи даъвати раҳмат Билқисро............................... ..301
Масали қонеъ шудани одамӣ ба дунё ва ҳирси ӯ дар талаби дунё ва ғафлати ӯ аз даъвати рӯҳониён, ки абнои ҷинси вайанд ва наъразанон, ки «ё лайта қавми яъламун»........................... ..301
Бақияи қиссаи иморат кардани Сулаймон, алайҳиссалом, масҷиди Ақсоро ба таълим ва ваҳйи Худо ҷиҳати ҳикматҳое, ки ӯ донад ва муовинати малойика ва деву парӣ ва одамӣ ошкоро..........................................................................................305
Қиссаи шоир ва сила додани шоҳ ва музоаф кардани он вазири Булҳасанном............................................................... ..307
Боз омадани шоир баъди чанд сол ба умеди ҳамон сила ва ҳазор динор фармудани шоҳ бар қоидаи хеш ва гуфтани вазири нав, ҳам Ҳасанном шоҳро, ки ин сахт бисёр аст ва моро харҷҳост ва хазина холист ва ман ӯро ба даҳяки он хушнуд кунам.................................................................................. ..308
Монистани бадройии ин вазири дун дар ифсоди муруввати шоҳ ба вазири Фиръавн, яъне Ҳомон дар ифсоди қобилияти Фиръавн..........................................................................................312
Нишастани дев бар мақоми Сулаймон, алайҳиссалом, ва ташаббуҳ кардани ӯ ба корҳои Сулаймон, алайҳиссалом, ва фарқи зоҳир миёни ҳар ду Сулаймон ва дев хештанро Сулаймон ибни Довуд ном кардан......................................... ..313
Даромадани Сулаймон, алайҳиссалом, ҳар рӯз дар масҷиди Ақсо баъд аз тамом шудан ҷиҳати ибодат ва иршоди обидон ва муътакифон ва рустани ақоқир дар масҷид....................... ..314

Омӯхтани пешаи гӯркании Қобил аз зоғ пеш аз он ки дар олам илми гӯркани ва гӯр буд..........................................................315
Қиссаи сӯфи, ки дар миёни гулистон сар ба зону муроқиб буд, ёронаш гуфтанд: сар баровар, тафарруҷ кун бар гулистон ва раёҳину мурғон ва осори раҳматуллоҳи таъоло................. ..318
Қиссаи рустани харруб дар гӯшаи масҷиди Ақсо ва ғамгин шудани Сулаймон, алайҳиссалом, аз он, чун ба сухан омад бо ӯ ва хосияту номи худ бигуфт............................................... ..319
Баёни он ки ҳусули илм ва молу ҷоҳ мар бадгуҳарро фазиҳати ӯст ва чун шамшерест, ки афтодаст ба дасти роҳзан................322
Тафсири «ё айюҳа-л-муззаммил»..............................................323
Дар баёни он ки «тарку-л-ҷавоби ҷавобун», муқаррари ин сухан, ки «ҷавобу-л-аҳмақи сукутун», шарҳи ин ҳар ду дар ин қисса аст, ки гуфта меояд..................................................... ..325
Дар тафсири ин ҳадиси Мустафо, ки «иналлоҳа таъоло халақа-л-малоиката ва раккаба фаҳиму-л-ақла ва халақа-л-баҳоима ва раккаба фаҳиму-ш-шаҳвата ва халақа банӣ Одам ва раккаба фаҳиму-л-ақла ва-ш-шаҳвата фаман ғалаба ақлуҳу шаҳватан фаҳува аъло мина-л-малоикати ва ман ғалаба шаҳватун ақлаҳу, фаҳува адно мина-л-баҳоим»...326
Дар тафсири ин оят, ки «ва аммо аллазина фӣ қулубиҳим маразун фазодатуҳум риҷсан ва қавлуҳу: юзиллу биҳи касиран ва яҳди биҳи касиран»............................................................ ..327
Чолиши ақл бо нафс ҳамчун танозуъи Маҷнун бо ноқа, майли Маҷнун сӯйи ҳурра, майли ноқа вопас сӯйи курра, чунон ки гуфт Маҷнун: «ҳаво ноқатӣ халфӣ ва қуддомия-л-ҳаво ва инни ва ийёҳо ламухталифони»............................................... ..328
Навиштани он ғулом қиссаи шикояти нуқсони иҷро сӯйи подшоҳ...329
Ҳикояти он фақеҳ бо дастори бузург ва он ки бирабуд дастораш ва бонг мезад, ки боз кун, бибин, ки чӣ мебарӣ, он гаҳ бибар..330
Насиҳати дунё аҳли дунёро ба забони ҳол ва бевафоии худро намудан ба вафо тамаъдорандагон аз ӯ..........................331

Баёни он ки орифро ғизоест аз нури Ҳақ, ки «абиту инда рабби ва ютъимуни ва юсқини қавлаҳу ал-ҷӯъу таъомуллоҳ юҳйи биҳи абдона-с-иддиқин, ай фи-л-ҷӯъи ясилу таъомуллоҳ»..334
Тафсири «фаъавҷаса фӣ тафсиҳи хифатан Мӯсо, қулно: ло тахаф, иннака анта-л-аъло»..........335
Зачри муддаъӣ аз даъвӣ ва амр кардан ӯро ба мутобиат..........337
Бақияи қиссаи навиштани он ғулом руқъа ба талаби иҷро..........338
Ҳикояти он маддоҳ, ки аз ҷиҳати номус шукри мамдӯҳ мекард ва бӯйи андӯҳу ғами андаруни ӯ ва халоқати далқи зоҳири ӯ менамуд, ки он шукрҳо лоф асту дурӯғ..........339
Дарёфтани табибони илоҳӣ амрози дину дилро дар симои мурид ва бегона ва лаҳни гуфтори ӯ ва ранги чашми ӯ ва бе ин ҳама низ аз роҳи дил, ки «иннаҳум ҷавосису-л-қулуб фаҷолисуҳум би-с-сидқи»..........342
Мужда додани Абӯязид аз зодани Абулҳасани Харақонӣ қаддасаллоҳу рӯҳаҳумо, пеш аз солҳо ва нишони сурати ӯ ва сирати ӯ як ба як ва навиштани таърихнависон онро ҷиҳати расад..........343
Қавли расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, «инни лиаҷиду нафаса-р-раҳмони мин қибали-л-ямани»..........344
Нуқсони иҷрои ҷону дили сӯфӣ аз таъоми Аллоҳ..........346
Ошуфтани он ғулом аз норасидани ҷавоби руқъа аз қибали подшоҳ..........347
Каж вазидани бод бар Сулаймон, алайҳиссалом, ба сабаби заллати ӯ..........348
Шунидани шайх Абулҳасан хабар додани Абӯязидро аз будан ва аҳволи ӯ..........349
Руқъаи дигар навиштани он ғулом пеши шоҳ чун ҷавоби он руқъаи аввал наёфт..........350
Қиссаи он ки касе ба касе машварат мекард, гуфташ машварат бо дигаре кун, ки ман адуввм туам..........352
Амир кардани расул, алайҳиссалом, ҷавони ҳузайлиро бар саррийяе, ки дар он пирон ва ҷангозмудагон буданд..........353

Эътироз кардани муътаризе бар расул, алайҳиссалом, бар амир кардани он ҳузайлӣ........................................................ ..355
Ҷавоб гуфтани Мустафо, алайҳиссалом, эътирозкунандаро....358
Қиссаи «Субҳонӣ! Мо аъзама шаъни» гуфтани Абӯязид, қаддасаллоҳу сирраҳу ва эътирози муридон ва ҷавоби ин мар эшонро на ба тариқи гуфти забон, балки аз роҳи аён........359
Баёни сабаби фасоҳат ва бисёргӯйии он фузул ба хидмати расул, алайҳиссалом............................................................ ..362
Баёни расул, алайҳиссалом, сабаби тафзил ва ихтиёр кардани ӯ он ҳузайлиро ба амирӣ ва сарлашкарӣ бар пирон ва кордидагон.......................................................................................362
Аломати оқили тамом ва нимоқил ва марди тамом ва ниммард ва аломати шақии мағрури лошай.............................................363
Қиссаи он обгир ва сайёдон ва он се моҳӣ, яке оқил ва яке нимоқил ва он дигар мағрур ва аблаҳи муғаффали лошай ва оқибати ҳар се.................................................................................. ..364
Сирри хондани вузӯкунанда авроди вузӯро..............................365
Шахсе ба вақти истинҷо мегуфт: «аллоҳумма ариҳни роиҳата-л-ҷаннат» ба ҷойи он ки «аллоҳумма аҷъални минат-тавобина ва аҷъални мина-л-мутаҳҳирин», ки вирди истинҷост ва вирди истинҷоро ба вақти истиншоқ мегуфт, азизе бишунид ва инро тоқат надошт.................................... ..365
Қиссаи он мурғи гирифта, ки васийят кард, ки бар гузашта пушаймонӣ махӯр, тадоруки вақт андеш ва рӯзгор мабар дар пушаймонӣ............................................................................ ..367
Чора андешидани он моҳии нимоқил ва худро мурда кардан..368
Баёни он ки аҳд кардани аҳмақ вақти гирифторӣ ва надам ҳеч вафое надорад, ки «ва лав рудду лаъоду лимо нуҳу анҳу ва иннаҳум ликозибуна», субҳи козиб вафо надорад..............369
Дар баёни он ки ваҳм қалби ақл аст ва ситезаи ӯст, бад-ӯ монад ва ӯ нест ва қиссаи муҷовиботи Мӯсо, алайҳиссалом, ки соҳиби ақл буд бо Фиръавн, ки соҳиби ваҳм буд................................370

Баёни он ки иморат дар вайронист ва ҷамъийят дар парокандагист ва дурустӣ дар шикастагист ва мурод дар бемуродист ва вуҷуд дар адам аст ва «ало ҳозо бақиййати-л-аздод ва-л-азвоҷ»........................................................................ ..372
Баёни он ки ҳар ҳисси мудрикеро аз одамӣ низ мудракоте дигар аст, ки аз мудракоти он ҳисси дигар бехабар аст, чунонки ҳар пешавар устоди аъҷамии кори он устоди дигар пешавар аст ва бехабарии ӯ аз он ки вазифаи ӯ нест, далел накунад, ки он мудракот нест. Агарчи ба ҳукми ҳол мункир бувад онро, аммо аз мункирии ӯ ин ҷо ҷуз бехабарӣ намехоҳем дар ин мақом.. ..374
Ҳамла бурдани ин ҷаҳониён бар он ҷаҳониён ва тохтан бурдан то синури зурр ва насл, ки сарҳадди ғайб аст ва ғафлати эшон аз камин, ки чун ғозӣ ба ғазо наравад кофир тохтан оварад....377
Баёни он ки тани хокии одамӣ ҳамчун оҳани некӯ ҷавҳари қобили ойина шудан аст, то дар ӯ ҳам дар дунё биҳишту дӯзах ва қиёмат ва ғайри он муъоина бинамояд, на бар тариқи хаёл.....379
Бозгуфтани Мӯсо, алайҳиссалом, асрори Фиръавнро ва воқеъоти ӯро «захра-л-ғайб», то ба хабирии Ҳақ имон оварад ё гумон барад..........................................................................................380
Баёни он ки дари тавба боз аст................................................381
Гуфтани Мӯсо, алайҳиссалом, Фиръавнро, ки аз ман як панд қабул кун ва чаҳор фазилат иваз биситон................................381
Шарҳ кардани Мӯсо, алайҳиссалом, он чаҳор фазилатро, ҷиҳати поймузди имони Фиръавн........................................... ..382
Тафсири «кунту канзан махфиян фааҳбабту ан уъраф»...........383
Ғарра шудани одамӣ ба заковат ва тасвироти табъи хештан ва талаб нокардани илми ғайб, ки илми анбиёст.........................384
Баёни ин хабар, ки «каллиму ан-носа ало қадри уқулиҳим ло ало қадри уқуликум, ҳатто ло юказзаба-л-лоҳу ва расулуҳ».. ..385
Қавлуҳу, алайҳиссалом, «ман башаррни би хуруҷи сафарин башшартуҳу билҷаннати»........................................ ..386
Машварат кардани Фиръавн бо Исияҳ дар имон овардан ба Мӯсо, алайҳиссалом,.................................................................. ..386

Қиссаи бози подшоҳ ва кампирзан........................................ ..388
Қиссаи он зан, ки тифли ӯ бар сари новдон ғежид ва хатари афтодан буд ва аз Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, чора ҷуст........390
Машварат кардани Фиръавн бо вазираш Ҳомон дар имон овардан ба Мӯсо, алайҳиссалом,............................................. ..393
Тазйифи сухани Ҳомон алайҳиллаъна.................................... ..394
Навмед шудани Мӯсо, алайҳиссалом, аз имони Фиръавн ба таъсир кардани сухани Ҳомон дар дили Фиръавн................. ..396
Мунозиати амирони араб бо Мустафо, алайҳиссалом, ки мулкро муқосамат кун бо мо, то низое набошад ва ҷавоб фармудани Мустафо, алайҳиссалом, ки ман маъмурам дар ин аморат ва баҳси эшон аз тарафайн.........................................396
Дар баёни он ки шиносоии қудрати Ҳақ напурсад, ки биҳишту дӯзах куҷост?...................................................................... ..398
Ҷавоби даҳрӣ, ки мункири улуҳийят аст ва оламро қадим мегӯяд..
Тафсири ин оят, ки «ва мо халақна-с-самовоти ва-л-арза ва мо байнаҳо илло билҳаққи», наёфаридамашон баҳри ҳамин, ки шумо мебинед, балки баҳри маънӣ ва ҳикмати боқия, ки шумо намебинед онро..................................................................402
Ваҳй кардани Ҳақ таъоло ба Мӯсо, алайҳиссалом, ки эй Мӯсо, ман ки холиқам таъоло, туро дӯст медорам.............................404
Хашм кардани подшоҳ бар надим ва шафоъат кардани шафеъ он мағзубун алайҳро ва аз подшоҳ дархостан ва подшоҳ шафоати ӯ қабул кардан ва ранҷидани надим аз шафеъ, ки чаро шафоат кардӣ?..................................................................404
Гуфтани Халил мар Ҷабраилро, алайҳимоссалом, чун пурсидаш, ки «а лака ҳоҷатун?» Халил ҷавобаш дод, ки «аммо илайка фало»..........................................................................................407
Мутолибаи Мӯсо ҳазратро, ки «халақта халқан ва аҳлактаҳум» ва ҷавоб омадан.......................................................................... ..408
Баёни он ки рӯҳи ҳайвонӣ ва ақли ҷузвӣ ва ваҳму хаёл бар мисоли дӯғанд ва рӯҳи ваҳй, ки боқист, дар ин дӯғ ҳамчу равған пинҳон аст............................................................................ ..410

Мисоли дигар ҳам дар ин маънӣ............................................ ..411
Ҳикояти он подшоҳзода, ки подшоҳии ҳақиқӣ ба вай рӯй намуд, «явма яфирру-л-маръу мин ахиҳи ва уммиҳи ва абиҳи» накди вақти ӯ шуд – подшоҳии ин хок тӯдаи кӯдактабъон, ки қалъагирӣ ном кунанд: он кӯдак, ки чира омад, ояд бар сари хоки тӯда барояд ва лоф занад, ки қалъа марост. Кӯдакони дигар бар вай рашк баранд, ки «ат-туробу рабеъу-с-сибёни» – он подшоҳзода чу аз қайди рангҳо бираст, гуфт; ман ин хокҳои рангинро ҳамон хоки дун мегӯям зару атлас ва иксун намегӯям, ман аз ин иксун растам, ба яксун рафтам ва «отайноҳу-л-ҳукма сабийян». Иршоди Ҳақро мурури солҳо ҳоҷат нест. Дар қудрати «кун фаякун» ҳеч кас сухани қобилият нагӯяд..........................413
Арӯс овардани подшоҳ фарзанди худро аз хавфи инқитоъи насл.............................................................................................414
Ихтиёр кардани подшоҳ духтари дарвеши зоҳидеро аз ҷиҳати писар ва эътироз кардани аҳли ҳарам ва нанг доштани эшон аз пайвандии дарвеш............................................................. ..415
Мустаҷоб шудани дуъои подшоҳ дар халоси писараш аз ҷодуии кобулӣ......................................................................... ..417
Дар баёни он ки он шаҳзода одамибачча аст, халифазодаи Худост, падараш одами сафӣ, халифаи Ҳақ, масҷуди малоик ва он кампири кобулӣ дунёст, ки одамибаччаро аз падар бибурид ба сеҳр ва анбиёву авлиё он табиби тадоруккунанда.............. ..418
Ҳикояти он зоҳид, ки дар соли қаҳт шоду хандон буд бо муфлисӣ ва бисёрии аёл ва халқ мемурданд аз гуруснагӣ. Гуфтандаш: «Чӣ ҳангоми шодӣ аст, ки ҳангоми сад таъзият аст». Гуфт: «Маро боре нест»................................................. ..421
Баёни он ки маҷмӯъи олам сурати ақли кулл аст, чун бо ақли кулл ба кажраве ҷафо кардӣ, сурати олам туро ғам физояд, ағлаби аҳволро, чунон ки дил бо падар бад кардӣ сурати падар ғам физояд туро ва натавонӣ рӯяшро дидан, агарчи пеш аз он нури дида буда бошад ва роҳати ҷон...................................... ..422

Қиссаи фарзандони Узайр, алайҳиссалом, ки аз падар аҳволи падар мепурсиданд. Мегуфт: «Оре, дидамаш, меояд».
Баъзе шинохтандаш, беҳуш шуданд, баъзе нашинохтандаш, мегуфтанд: «Худ мужда дод, ин беҳуш шудан чист?»............. ..423
Тафсири ин ҳадис, ки «Инно лаастағфируллоҳа фӣ кулли явмин сабъина марратан»................................................................ ..425
Баёни он ки ақли ҷузвӣ то ба гӯр беш набинад, дар боқӣ муқаллиди авлиё ва анбиёст.....................................................425
Баёни он ки «ё аййуҳа-л-лазина оману ло туқаддиму байна ядай иллоҳи ва расулиҳ»..........................................................427
Қиссаи шикояти астар бо шутур, ки ман бисёр дар рӯ меафтам дар роҳ рафтан, ту кам дар рӯйи меоӣ, ин чарост? Ва ҷавоб гуфтани шутур ӯро..................................................................429
Тасдиқ кардани астар ҷавобҳои шутурро ва иқрор овардан ба фазли ӯ бар худ ва аз ӯ истиъонат хостан ва бад-ӯ паноҳ гирифтан ба сидқ ва навохтани шутур ӯро ва раҳ намудан ва ёрӣ додан падарона ва шоҳона................................................ ..431
Лоба кардани қибтӣ сибтиро, ки як сабӯ ба нийяти хеш аз Нил пур кун ва бар лаби ман неҳ, то бихӯрам ба ҳаққи дӯстӣ ва бародарӣ, ки сабӯ, ки шумо сибтиён баҳри худ пур мекунед аз Нил, оби соф аст ва сабӯ, ки мо қибтиён пур мекунем, хуни соф аст...................................................................................432
Дархостани қибтӣ дуъои хайр ва ҳидоят аз сибтӣ ва дуъо кардани сибтӣ қибтиро ба хайр ва мустаҷоб шудан аз «акраму-л-акрамин ва арҳаму-р-роҳимин»...............................435
Ҳикояти он зани палидкор, ки шавҳарро гуфт, ки он хаёлот аз сари амрудбун менамояд туро, ки чунинҳо намояд чашми одамиро сари он амрудбун. Аз сари амрудбун фуруд ой, то он хаёлҳо биравад ва агар касе гӯяд, ки он чӣ он мардумӣ дид, хаёл набуд, ҷавоби он мисоле аст, на мисл. Дар мисол ҳамин қадар бас бувад, ки агар бар сари амрудбун нарафтӣ, ҳаргиз онҳо надидӣ, хоҳ хаёл, хоҳ ҳақиқат.......................................... ..438

Боқии қиссаи Мӯсо, алайҳиссалом..........................................440
Атвор ва манозили хилқати одамӣ аз ибтидо...........................443
Баёни он ки халқи дӯзах гуруснагонанд ва нолонанд ба Ҳақ, ки рӯзиҳои моро фарбеҳ гардон ва зуд зод ба мо расон, ки моро сабр намонд....................................................................................445
Рафтани Зулқарнайн ба кӯҳи Қоф ва дархост кардан, ки эй кӯҳи Қоф! Аз азимати сифати Ҳақ моро бигӯ ва гуфтани кӯҳи Қоф, ки сифати азимати ӯ дар гуфт наёяд, ки пеши он идрокҳо фано шавад ва лоба кардани Зулқарнайн, ки аз саноеъаш, ки дар хотир дорӣ ва бар ту гуфтани он осонтар бувад, бигӯй... ..447
Мӯре бар коғаз мерафт, набиштани қалам дид, қаламро сутудан гирифт. Мӯре дигар, ки чашмтезтар буд, гуфт: «Ситоиш ангуштонро кун, ки он ҳунар аз эшон мебинам». Мӯре дигар, ки аз ҳар ду чашмравшантар буд, гуфт: «Ман бозуро ситоям, ки ангуштон фаръи бозуянд»..........................448
Намудани Ҷабрайил, алайҳиссалом, худро бар Мустафо, салавотуллоҳи алайҳи ва саллам, ба сурати хеш ва аз ҳафтсад пари ӯ чун як пар зоҳир шуд, уфуқро бигирифт ва офтоб маҳҷуб шуд бо ҳамаи шуоаш.............................................................. ..449

"АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА)
ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

**Ҷилди 24**

# МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИН МУҲАММАДИ БАЛХӢ

# МАСНАВИИ МАЪНАВӢ:

**(Дафтари сеюм ва чорум)**

Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Тарроҳ *Ҳ. Холов*
Ҳуруфчини компютерӣ *Ш. Муҳаммадиева*
*Р. Ализода*

Ба матбаа 25.10.2013 таҳвил гардид. Чопаш 23.12.2013
ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Андозаи 60x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши № 59/13.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе,
кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «***Истеъдод***» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.